11. Курбонов, М.А., Буриев, Б.М. Вопросы экономико-математического моделирования развития рынка информационных услуг / М.А. Курбонов, Б.М. Буриев // Вестник Таджикского государственного университета коммерции (научный журнал). Серия социальные науки, экономика и бизнес. – Душанбе: Сумани Қудрат, 2019. – №2 (27). – С. 72-80.

## ИТТИЛООТИКУНОНИИ ТИҶОРАТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МЕҲМОНХОНАҲО ДАР ШАРОИТИ РУШДИ САЙЁҲӢ

**УМАРОВ ҲОҶИМАҲМАД УМАРОВИЧ,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Рӯдакӣ-17.
Тел.: (+992) 900-99-26-10
**НАИМЗОДА НАСИМҶОН ҚУДРАТУЛЛО,**
омӯзгори кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав.
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар кӯч. Айнӣ, 67.
Тел.: (+992) 934-63-40-42. E-mail: nasim2004@mail.ru

*Солҳои охир паҳншавии мафҳуми иқтисодиёти рақамӣ мушоҳида мешавад ва дар оянда он метавонад ҷузъи моддиро аз ҳаёти мо берун намояд. Таҳлили таърифҳои гуногун нишон медиҳанд, ки ин навъи иқтисодиёт бояд ҳамчун системаи киберфизикӣ ба назар гирфта шавад. Дар баробари ин, бисёре аз субъектҳои иқтисодӣ боварӣ доранд, ки оё эҳтимолияти иқтисоди рақамӣ имкон медиҳад, ки тиҷорат ба таври назаррас рушд намояд ё ба муҳити дохилӣ ва хориҷии тиҷорати байналмилалӣ таъсир расонанд.*

*Дар мақола рушди иқтисоди рақамӣ дар системаҳои иҷтимоию иқтисодии миллӣ, инчунин мафҳумҳои иқтисодиёти рақамӣ, тағйир ёфтани соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК), афзалиятҳои рақамикунонии тамоми субъектҳои хоҷагӣ, амсилаи рақамии иқтисодиёт дар рушди соҳаи хизматрасонӣ дар Тоҷикистон, равишҳои олимони ватанӣ ба мафҳуми «хизматрасонии маишӣ», таъсири омилҳои гуногун ба хизматрасонии маишӣ, хусусиятҳои бозори ТИ дар Тоҷикистон ва муайян намудани афзалиятҳои рушди*

*минбаъдаи иқтисодиёти рақамӣ дар Тоҷикистон. Дар шароити муносибатҳои бозорӣ иқтисодиёти рақамӣ ҷузъи ҷудонашавандаи муҳити иттилоотӣ (рақамӣ) мебошад, ки мутобиқи талаботи бахши воқеии иқтисодиёт ва ниёзҳои ҷомеа ташаккул ёфта, таҳти таъсири навовариҳои технологӣ тағйир меёбад.*

***Калидвожаҳо:*** *рақамикунонӣ, технологияҳои рақамӣ, иқтисодиёти рақамӣ, экосистемаи рақамӣ, трансформатсияи иқтисодӣ, таснифоти хизматрасонии маишӣ, бозори ТИ, хизматрасонии ТИ, саноати ТИ, консепсияи иқтисодиёти рақамӣ.*

## INFORMATION OF THE INTERNATIONAL HOTEL BUSINESS IN THE CONDITIONS OF TOURISM DEVELOPMENT

**UMAROV HOZHIMAHMAD UMAROVICH,**
doctor of Economics, Professor of the Department of Bonking of
Tajik National University.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki Ave.
Phone.: (+992) 900-99-26-10.
**NAIMZODA NASIMJON KUDRATULLO,**
Lecturer at the Department of Information
Technologies and Methods of Teaching Informatics of
Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav.
735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, 67, Aini st.
Phone: (+992) 934-63-40-42. E-mail: nasim2004@mail.ru

*The article is a study identifying features of regulation of the international hotel business through information technology. The article examines the impact of information technology on management of the hotel because it is directly related to improving the efficiency of a single manager, and the hotel in general and the impact on competitiveness on the market today. The article analyzes the use of computer networks, the Internet and Internet technologies, software-through automation of all business processes at which today is not just a question of leadership and creation of competitive advantage, but also the survival of the market in the near future. The conclusion has been made that there is need to use information technology as a tool for regulating international hotel business process management.*

***Keywords:*** *information technologies, informatization, hotels, online booking, tourists, e-commerce, tourist services, the global economy, Internet resources, automation, computer networks, economic efficiency, marketing.*

УДК:35+336: 574(575.3)

# ИСТЕҲСОЛИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИР ЯКЕ АЗ САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР БАХШИ МУҲИТИ ЗИСТ

**ДОСИЕВ МАҲМАДШОҲ НАЗАРОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи идоракунии молияи давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-11-96-48. E-mail: dostiev68@mail.ru.

*Дар мақола масъалаҳои муҳими фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши муҳити зист ва истеҳсоли технологияи муосир ҳамчун яке аз самтҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таъкид шудааст, ки барои рушди соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои соҳибкороне, ки ба ин ҷода қадам мениҳанд, нақши бозори кору хадамот ва бозори маҳсулоти экологӣ ниҳоят муҳим аст.*

*Илова бар ин, оиди истеҳсоли технологияи муосир, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ба кор таъмин намудани шаҳрвандон чӣ дар доираи соҳибкорӣ ва чӣ дар бозорҳои хадамоти экологӣ қадамҳои устувор гузошта мешаванд.*

*Ҳамзамон қайд гардидааст, ки фаъолияти соҳибкории экологӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ бо шарофати ҳамаҷонибаи дастгирии давлатӣ бо суръати баланд инкишоф ёфта, нақши он дар рушди устувори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди зикр қарор гирифтааст.*

***Калидвожаҳо:*** *технологияи муосир, рушди устувор, соҳибкории экологӣ, партовҳои саноатӣ, партовҳои сахти маишӣ, танзими иқтисодиёт, мутахассисони баландихтисос, муносибатҳои иқтисодӣ, рушди иқтисодӣ, вазъи иҷтимоӣ, иқтисоди ҷаҳонӣ.*

Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ тамоми кишварҳои ҷаҳони муосир бояд дар равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва пайдо гардидани рақобат дар муносибатҳои иқтисодию истеҳсолӣ ба соҳаҳои таркибӣ ва калидии иқтисодиёт аҳамияти ҷиддӣ дода, бахри рушди бемайлони ин соҳаҳо чораҳои дахлнопазир андешанд. Мусаллам аст, ки яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёти кишвар соҳаи соҳибкорӣ ба шумор рафта, ҳамчун субъекти фаъоли иқтисодиёт арзёбӣ мегардад.

Табиати иҷтимоии соҳибкории экологӣ маънои мавҷуд будани заминаҳои муайяни иқтисодӣ ва ниёзҳои иҷтимоиро дорад. Маҳз ҳузури таваҷҷӯҳи мардум ба хидматҳо ва маҳсулоти экологӣ асоси маънавию ахлоқӣ ва омили пешбарандаи рушди соҳибкории экологӣ мебошад.

Беҳуда нест, ки аввалин бахшҳои соҳибкории экологӣ аз миёнаҳои солҳои 50-уми асри гузашта, замоне пайдо гардидаанд, ки қонунгузории экологӣ ва санитарию гигиенӣ дар тамоми ҷаҳон ташаккул ёфта, ҳаракати оммавии "экологҳои сабз" муқобили ифлосшавии муҳити зист ба вуҷуд омадаанд [4] .

Аввалин ширкатҳо дар бахши соҳибкории экологӣ ба партофтани партовҳои саноатӣ диққат медоданд. Дар аввал, онҳо дар ИМА, баъдтар дар Ҷопон ва Канада, сипас дар кишварҳои Аврупо пайдо шуданд, ки дар онҷо дар тӯли ду даҳсола як соҳаи пурқудрати ҷамъоварӣ ва коркарди партовҳо бо гардиши миллиардҳо доллар ба вуҷуд омадааст [7] .

Бозори соҳибкории экологӣ тадриҷан ба вуҷуд омад, ки ба он чунин корхонаҳо, ба монанди истеҳсоли таҷҳизоти назоратӣ ва ченкунӣ, технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва молҳои экологӣ (таҷҳизоти тозакунӣ, таҷҳизоти назоратӣ ва ченкунӣ) коркард, нобудсозӣ ва интиқоли партовҳои истеҳсолот ва истеъмолот, сӯзонидан ва коркарди партовҳо, ободонии муҳити зист ва ғайра дохил мешаванд.

Ба намудҳои соҳибкории экологӣ, инчунин истеҳсоли молҳо бо миқдори ками хлорфторокарбонҳо, металлҳо аз ашёи такрорӣ, асбобҳо ва таҷҳизоти таҳлилӣ барои мониторинги равандҳои истеҳсолӣ, таҷҳизот барои тавлиди энергия аз манбаҳои ғайримуқаррарӣ, биотехнология дар соҳаи саноати хӯрокворӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Ба андешаи мо ташкили низоми соҳибкорӣ дар бахши муҳити зист имконият медиҳад, ки ба навъҷудокунии шаклии маҳсулоти ба ҳифзи табиат нигарондашуда, мутобиқати он ба талаботи меъёр ва стандартҳо, ба даст овардани иҷозатномаҳо барои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ бо **ҷорӣ намудани технологияҳои муосири илман асоснокшуда ва пешқадаму ҳозиразамони истеҳсолот** таъмин гарданд. Таҳия ва ҷорӣ намудани чунин механизмҳои низомҳои зикршуда барои рушди устувори экологӣ фавқулода муҳим мебошад [7].

Дар асоси омӯзиши назари муҳаққиқони гуногун хусусиятҳои хоси соҳибкории экологӣ ошкор карда шудааст, ки дар ҷадвал пешниҳод гардидаанд (ҷадвали 1).

***Ҷадвали 1. Хусусиятҳои хоси соҳибкории экологӣ***

| **Хусусиятҳои хос** | **Объекти муносибати бозорӣ дар сектори соҳибкории экологӣ** |
|---|---|
| Фаъолияти асосӣ | Истеҳсоли маҳсулот, техника ва технологияи муосир, иҷрои кор ва пешниҳоди хизмат, ки таъиноти ҳифзи муҳити зист доранд |
| Таъини мақсад | Ҳамоҳангкунии ҳамкории инсон ва табиат, ҳифзи муҳити атроф |
| Маҳаки фаъолият | Бепартовии раванди истеҳсолот |
| Самтҳои асоси рушд | Маҳсулоти босифати аз ҷиҳати экологӣ тоза ва хизматрасонии босифат |
| Рушди фаъолияти экологии таркиби илмӣ дошта | Истифодаи натиҷаҳои дастовардҳои ҳозиразамони илмӣ, усулҳо, асбоб, технологияҳо |
| Маълумоти экологӣ | Баланд бардоштани сатҳи маълумоти экологӣ ва фарҳанги экологии кадрҳо |
| Фаъолияти хуқуқӣ | Фаъолият дар доираи қонунгузориҳои амалкунандаи экологӣ |

***Манбаъ: Ташкил ва рушди соҳибкории экологӣ дар заминаи принсипи иқтисоди «сабз» [Текст] /М.Н. Досиев, Паёми АИДНПҶТ Душанбе - 2022 / №1 (55) саҳ.51-58***

Барои рушди соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои соҳибкороне, ки ба ин ҷода қадам мениҳанд, нақши бозори кору хадамоти экологӣ ва бозори маҳсулоти экологӣ ниҳоят муҳим аст. Илова бар ин, оиди таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ба кор таъмин намудани шаҳрвандон чӣ дар доираи соҳибкорӣ ва чӣ дар бозорҳои кору хадамоти экологӣ қадамҳои устувор ба шумор меравад. Чуноне, ки аз таҳлилҳо ва мушоҳидаҳо бармеояд, истеҳсоли техника ва технологияи муосир ва дар бозори маҳсулоти экологӣ ба таври зарурӣ ва қонеъкунандаи талаботи субъектони хоҷагидор ба роҳ монда шавад, ҳам дар самти фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ муваффақият мушоҳида карда мешавад ва ҳам масъалаи бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ, инчунин истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ҳалли мусбии худро меёбад. Аз ин лиҳоз, ба мо зарур аст, ки оиди ин самт фаъолиятро пурзӯр намуда, нуфӯзи кишварамонро дар арсаи байналмилалӣ тавассути содирот намудани маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза баланд бардорем [6].

Оиди ин масъала дар кишварҳои абаркудрати хориҷӣ ҳанӯз дар нимаи дуюми қарни гузашта чораандешӣ намуда, фаъолияти соҳибкории экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологиро роҳандозӣ намуда буданд.

Масалан, дар Федератсияи Русия ҳанӯз то соли 1991 шумораи соҳибкории экологӣ аз 17 ҳазор зиёд гардида буд, ки 40% аз шумораи онҳо ба фаъолияти хадамоти миёнаравии фурӯши захираҳои табиӣ машғул буданд [4; 7].

Мавриди зикр аст, ки бо назардошти таҷрибаи пешқадами мамолики хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бояд бонкҳои тиҷоратӣ ва давлатӣ бо соҳибкороне, ки дар бахши экология фаъолият менамоянд, ҳамкориро мустаҳкам намуда, дар пиёда намудани сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи муҳити зист саҳми арзандаи хешро гузоранд.

Бояд қайд намуд, ки тибқи ақидаи олимони бахши иқтисод ва экология нақши соҳибкориро аз мавқеи пешгирии таъсири манфӣ ба муҳити зист арзёбӣ намуда, самтҳои зерини фаъолонаи рушдёбандаи тиҷоратро ҷудо кардан мумкин аст: [8]

1) дар соҳаи истифодаи об: - сохтмони иншооти тозакунии обҳои маҳаллӣ;

- сохтмони зарфҳои тахшинӣ ва корхонаҳои таҷрибавӣ ва коргоҳҳои марбут ба коркарди партовҳои моеъ;

- сохтан ва татбиқ намудани низоми автоматикии назорати партовҳои ба об партофташуда;

- истеҳсол ва ё коркарди оби тозаи нӯшокӣ ва ғайра;

2) дар соҳаи ҳифзи атмосфера: - сохтмони корхонаҳои таҷрибавӣ оид ба тоза кардани газҳои партов;

- ташкили истгоҳҳо (хизматрасониҳо) барои танзими газҳои ихроҷшуда дар муҳаррикҳои автомобилӣ;

- сохтан ва ҷорӣ намудани иловаҳо барои сӯзишвории автомобилӣ, ки заҳролудшавӣ ва дуди газҳои ихроҷшударо коҳиш медиҳанд;

- бо дастгоҳҳои идоракунии онлайн муҷаҳҳаз кардани манбаъҳои статсионарии партоби моддаҳои зараровар ба ҳавои атмосфера ва ғайра;

3) дар соҳаи идоракунии партовҳо:

- бунёди корхонаҳои ҷудокунӣ, коркард, ва сӯзонидани партовҳо, инчунин, бунёди объектҳо барои партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолии дараҷаи гуногуни хатар;

- ҷамъоварӣ ва интиқоли партовҳои истеҳсолот ва истеъмолот;

- сохтмони дастгоҳҳо ва таъсиси иншооти истеҳсолӣ барои гирифтани ашёи хом ва маҳсулоти тайёр аз партовҳои истеҳсолӣ;

- коркарди ашёи хоми такрорӣ ва ғайра;

4) дар соҳаи таҳқиқоти илмӣ:

- таҳияи усулҳои назорат аз болои таркибҳои зараровари ҳаво, об, хок;

- таҳияи низоми назорати сифати муҳити зист;

- такмили усулҳои безараргардонии партовҳои сахти маишӣ;

- корҳои тарроҳӣ, тадқиқотӣ ва лоиҳакашӣ барои эҷоди беҳтарин технологияҳои мавҷуда дар соҳаҳои гуногуни саноат;

5) дар соҳаи истифодаи замин ва истифодаи ҷангал:

- барқарорсозии заминҳои вайроншуда;

- барқароркунии ҷангалҳо, боғдорӣ, кабудизоркунӣ;

- корҳои мелиоративию обёрӣ ва ғайра;

6) дар соҳаи огоҳӣ ва таълими экологӣ:

- таҳия ва татбиқи барномаҳои экологии таълимӣ барои донишҷӯёни тамоми синну сол (аз кӯдакистон то муассисаҳои таҳсилоти олӣ);

- таҳия ва татбиқи барномаҳои экологии бозомӯзии касбӣ барои мутахассисоне, ки дар соҳаи экологӣ кор мекунанд;

- фаъолияти табъу нашр ва ғ.;

7) дар соҳаи машварати экологӣ:

- ҳисобҳои стандартҳои таъсири иҷозатдодашуда ба муҳити зист (партовҳо) -и ифлоскунанда ва тавлиди онҳо;

- Таҳкими назорат дар минтақаҳои ҳифзи муҳити зист ва ҳифзи захираҳои обӣ;

- ҷорӣ намудани стандарти идоракунии муҳити зист (ISO-14001) дар корхона;

- пешбурди ҳисоботи экологии корхонаҳои саноатӣ;

- гузаронидани ташхисҳои пешакӣ, аудити экологӣ ва ғайра [8].

Зимни Паёмҳои ироагардидаи Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии кишвар таъкид гардид, ки: “Бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иқтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад. Вобаста ба ин, то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 21 дарсад расонида шавад”, “Мо саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул кардем, зеро рушди саноат барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он замина мегузорад”[1].

Барои расидан ба ин мақсад, нақш ва ҷойгоҳи фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории экологӣ, инчунин амалишавии стратегияҳо ва барномаҳои соҳавии солҳои охир қабулгардида, аз ҷумла «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» ва ғайраҳо ниҳоят муҳим арзёбӣ ва таъмин гардида истодааст[5].

Аз ин рӯ, масъалаҳои таъмини рушди бемайлони фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ истеҳсол намудани маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ барои ташкил намудани ҷойҳои кории нав ба таври ҳамешагӣ зери диққати давлат ва ҳукумати кишвар қарор дошта, дар ин самт пайваста тадбирҳои зарурӣ андешида мешавад.

Бо вуҷуди оне, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самти рушди соҳибкории истеҳсолӣ корҳои зиёде анҷом дода бошад ҳам, вале то ҳол як қатор мушкилот ҷой доранд, ки таҷдиди назар намудани онҳо аз манфиат холӣ набуда, ба рушди минбаъдаи фаъолияти соҳибкории экологӣ метавонад таъсири мусбӣ расонида, дар самти беҳтарнамоии вазъи муҳити зист саҳми муносиб гузорад.

Раванди дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар бахши муҳити зист вобаста ба вазъ ва рушди муносибатҳои бозорӣ дар кишвар, инчунин вобаста ба мушкилоти глобалии экологӣ талаб мекунад, ки ислоҳот дар ин самт минбаъд ҷоннок карда шавад.

Дар доираи татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ, аз ҷумла соҳибкории экологӣ таъсири мусбӣ мерасонанд ва барои расидан ба ҳадафҳои ҳаётан муҳим баъзе чораҷӯиҳо ва ченакҳои афзалиятнок муайян шудаанд, ки онҳо дар марҳилаҳои гуногун татбиқ мегарданд, аз ҷумла: [5] .

- афзоиши миқдори субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус соҳибкории экологӣ;
- ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи ватанӣ, инчунин, истеҳсоли техника ва технологияи муосир;

- Зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти воридотивазкунандаи ватанӣ аз ҷониби соҳибкорони экологӣ;
- Вусъат бахшидани маърифати экологии шаҳрвандон ва баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии соҳибкорони экологӣ оид ба риояи талаботи меъёрҳои экологӣ, инчунин сари вақт пардохт намудани андозҳо;
- такмили тартиби иҷозатномадиҳӣ ва санҷишҳо;
- зиёд намудани шумораи ҷойҳои нави корӣ бо ҷалби соҳибкорони экологӣ;
- баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза;
- Афзоиш додани ҳаҷми содиротии молу маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи ватанӣ;
- Беҳтар намудани хизмарасонии бонкӣ ба соҳибкорони экологӣ; [3].

Чунин шуморидан лозим аст, ки соҳибкории экологӣ ҳамчун фаъолияти истеҳсолию инноватсионӣ дар рушди иқтисодию экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва саноатикунонии мамлакат саҳми назаррас гузошта метавонад ва барои ташкилу рушди ин намуди фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакат бояд заминаи мусоид фароҳам овард. Инчунин, фаъолияти соҳибкории экологӣ дар ҷумҳурӣ ба танзим ва дастгирии давлатӣ ниёз дошта, барои ривоҷ додани он бояд тадриҷан, ташкили зерсохторҳои ёрирасон ба роҳ монда шаванд.

Илова бар ин, мавриди зикр аст, ки фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳо ва рушди инноватсионии соҳибкорӣ ба фарҳанги экологии аҳолӣ алоқамандӣ дошта, барои баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ, сатҳи касбияти мутахассисон, бартараф кардани камбудиҳои илмию техникӣ ва баланд бардоштани манфиати фаъолияти инноватсионӣ бояд дар тамоми сохторҳои давлатӣ ва хусусӣ чораҳои зарурӣ андешида шавад. [4].

Азбаски соҳибкории экологӣ яке аз иқтидорҳои пурқувват ва ояндадор барои таъмини рушди устувори инкишофи экологию иқтисодии миллӣ ба ҳисоб меравад, дар кор самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории экологӣ асоснок ва муайян карда шуданд (расми 1):




***Расми 1 – Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории экологӣ***

***Манбаъ: Досиев М. Н. Автореферат дисс. Особенности формирование и развитие экологического предпринимательства Душанбе -2019, 48с.***

Бояд қайд кард, ки барои амиқгардонии тасаввуроти илмию таҳқиқотӣ дар соҳаи соҳибкории экологӣ нишондиҳандаи муҳимтарини фаъолияти босамар истеҳсоли «маҳсулот ва хизматрасониҳои экологӣ» буда метавонад, ки на танҳо маҳаки иқтисодӣ, балки иҷтимоӣ ва ахлоқӣ ба ҳисоб меравад. Суръатнокӣ барои рушди минбаъдаи он бошад, дар аксар ҳолат вазъи ояндаро дар доираи ҷаҳонӣ муайян мекунад.

Самтҳои имконпазири рушд ва ташаккули соҳибкории экологӣ метавонад таҳияи равандҳои экологӣ бошад. Он технологияҳои сарфакунандаи нерӯ ва захираҳо, таҷҳизот ва маводи аз ҷиҳати экологӣ бехатар, истифодаи асбобҳои назоратию ченкунанда, ҳамчунин, дар истеҳсолот ҷорӣ намудани онҳо, аз нав коркард намудани чӯби истифодагардида, коркарди ашёи дувумбора, истифодаи партовҳои сохти маишӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, қайд намудан зарур аст, ки усулҳои ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи ташкили босамари санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, заминаи ташаккули низоми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ ва таъмини босуръати фаъолияти илмию техникӣ ба рушди босуботи фазои соҳибкорӣ мусоидат намуда, дар амалӣ гаштани ҳадафи чоруми стратегии мамлакат саҳми арзанда гузошта метавонад.

Ташаккулёбии механизми самаранокии танзим ва дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ бо дарназардошти хусусиятҳо ва имкониятҳои рушди минтақаҳои ҷумҳурӣ дар асоси баландбардории истифодабарии захираҳои табиӣ-иқтисодӣ, боиси расидан ба ҳадафҳои иҷтимоии сиёсати иқтисодии ҷумҳурӣ мегардад.

Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки дар ҳар давру замон вазъи экологӣ ба ҳаёти инсон таъсирҳои гуногун расонида, соҳибкории экологӣ бошад, барои ташкил намудани ҳаёти осоишта ва гуворои насли башар талош меварзад. Соҳибкории экологӣ яке аз соҳаҳои асосӣ дар бахши муҳити зист ва иқтисодиёт ба шумор рафта, ба рушди дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ таъсири калон мерасонад [4].

Дар хотима бояд қайд кард, ки соҳибкории экологӣ ҳамчун фаъолияти инноватсионӣ дар рушди иқтисодию экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас гузошта метавонад ва барои ташкилу рушди ин намуди фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакат бояд заминаи мусоид фароҳам овард.

Илова бар ин, мавриди зикр аст, ки фаъолияти соҳибкории экологӣ метавонад тавассути истеҳсол ва ё ворид намудани техникаю технологияи муосир дар рушди инноватсионии корхонаҳо саҳми арзанда гузошта, ба фарҳанги экологӣ ва инноватсионии субъектони хоҷагидор ва дар маҷмуъ ба фарҳанги экологии аҳолӣ таъсири мусбӣ расонад.

**Адабиёт**

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 26 декабри соли 2019, [Маводи электронӣ] www.president.tj; (Санаи муроҷиат 17.10.2022.)

2.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 21 декабри соли 2021, [Маводи электронӣ] www.president.tj; (Санаи муроҷиат 17.10.2022.)

3. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, бо қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии ҶумҳурииТоҷикистон аз 12 декбри соли 2016, № 678 тасдиқ гардидааст, саҳ. 253;

4.Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012, №201 тасдиқ гардидааст;

5. Досиев М. Н., Каландарова И. М. Нақши соҳибкории экологӣ дар рушди босуботи иқтисодиёти инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст] /М.Н. Досиев, И. М. Каландарова // Материалы международной научно-практической конференции (29–30 ноября 2019 года) // ТУТ, Душанбе -2019. С. 48-52.

6. Досиев М. Н. Ташкил ва рушди соҳибкории экологӣ дар заминаи принсипи иқтисоди «сабз» [Текст] /М.Н. Досиев, Паёми АИДНПҶТ Душанбе - 2022 / №1 (55) саҳ.51-58

7. Досиев М. Н. Автореферат дисс. Особенности формирование и развитие экологического предпринимательства [Текст] /М.Н. Досиев, Душанбе -2019 - 48с.

8.Қаюмова Ш. Т. Рушди соҳибкории саноатӣ омили асосии пешрафти иқтисодиёти кишвар ва таъмини сатҳи некӯаҳволии мардум [Текст] / Ш. Т. Қаюмова – МТС, Душанбе, 2020 – 55 с.

9.Модельный закон «Об основах экологического предпринимательства» [Принят на пятнадцатом пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств - участников СНГ] (постановление № 15-6 от 13 июня 2000 года) [Электронный ресурс]. URL: http://docs.cntd.ru/document

10.Развитие экологического предпринимательства за рубежом [Электронный ресурс]. URL: http://lektsii.org/8-20026.html

11.Филичева Т.П. Проблемы развития экологического предпринимательства // Территория новых возможностей. Вестник Владивостокского государственного университета экономики и сервиса. 2018. Т. 10. № 1. С. 51-56.

## ПРОИЗВОДСТВО СОВРЕМЕННОЙ ТЕХНОЛОГИИ -ОДНО ИЗ ОСНОВНЫХ НАПРАВЛЕНИЙ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В СФЕРЕ ОКРУЖАЮЩЕЙ СРЕДЕ

**ДОСИЕВ МАХМАДШОХ НАЗАРОВИЧ,**
кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой финансового управления
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734025,Республика Таджикистан, город Душанбе, улица С. Носира, 33.
Тел.: (+992) 918-11-96-48. E-mail: dostiev68@mail.ru.

*В статье рассматриваются важные вопросы бизнеса в сфере экологии и производства современных технологий как одного из основных направлений деятельности. Было подчеркнуто, что роль рынка труда и рынка экологической продукции очень важна для развития экологического предпринимательства в Республике Таджикистан и реализации целей предпринимателей, которые предпринимают шаги в этом направлении. Кроме того, это шаг к созданию новых рабочих мест и занятости граждан, как в сфере предпринимательство, так и на рынке экологических услуг.*

*При этом было отмечено, что деятельность экологического предпринимательства в мировой экономике стремительно развивается благодаря всесторонней государственной поддержке, и подчеркнута его роль в устойчивом развитии экономики Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *современные технологии, устойчивое развитие, экологическое предпринимательство, промышленные отходы, твердые отходы, экономическое регулирование, высококвалифицированные специалисты, экономические отношения, экономическое развитие, социальная ситуация, мировая экономика.*

## PRODUCTION OF MODERN TECHNOLOGY IS ONE OF THE MAIN DIRECTIONS OF BUSINESS ACTIVITIES IN THE FIELD OF THE ENVIRONMENT

**DOSIEV MAHMADSHOH NAZAROVICH,**

candidate in Economics, Associate Professor, Head of the Financial Management Department,
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 918-11-96-48. E-mail: dostiev68@mail.ru.

*The article discusses important business issues in the field of ecology and the production of modern technologies as one of the main activities. It was emphasized that the role of the labor market and the market for environmental products is very important for the development of environmental entrepreneurship in the Republic of Tajikistan and the implementation of the goals of entrepreneurs who are taking steps in this direction. In addition, this is a step towards creating new jobs and employment of citizens, both in the field of entrepreneurship and in the market of environmental services.*

*At the same time, it was noted that the activity of environmental entrepreneurship in the world economy is rapidly developing thanks to comprehensive state support, and its role in the sustainable development of the economy of the Republic of Tajikistan was emphasized.*

***Key words:*** *modern technologies, sustainable development, environmental entrepreneurship, industrial waste, solid waste, economic regulation, highly qualified specialists, economic relations, economic development, social situation, world economy.*

УДК:331

# АСОСҲОИ ИЛМӢ - НАЗАРИЯВИИ РУШДИ БАРНОМАВИИ МИНТАҚАҲО

**ШАМСУЛЛОЗОДА ШУКРУЛЛО,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Саид Носир 33.
Тел.: (+992)-934-52-66-66. E-mail: shamsullozoda81@mail.ru.
**ВОҲИДОВ БАХТИЁР ШОДИХОНОВИЧ,**
унвонҷӯйи Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир 33.
Тел.: (+992)-933-31-75-75.
**ПИРАКОВ ШОҲРУХ,**
унвонҷӯйи Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир 33.
Тел.: (+992)-918-35-37-51.

*Дар мақолаи мазкур асосҳои илмӣ-назариявии рушди барномавии минтақаҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Методологии рушди минтақа дар умумияти ратсионалии фазои муайяни иқтисодиву географӣ зоҳир мегардад, ки дорои захираҳои моддӣ ва низоми иҷтимоиву иқтисодӣ буда, дар он унсурҳои алоҳида бо сохтор, вазифаҳо, алоқаҳо бо муҳити беруна ташкилоти муйянро бунёд менамоянд. Инчунин дар мақола қайд гардидааст, ки рушди иқтисодӣ шарти асосии инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, бадастории суръати баланди рушди иқтисодӣ дар алоқамандӣ бо вазифаҳои рушди иҷтимоӣ - иқтисодии минтақа мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *рушди минтақа, низоми иҷтимоиву иқтисодӣ, унсурҳои алоҳида, суръати баланди рушди иқтисодӣ рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа, усулҳои барномавӣ - мақсаднок, сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, рушди ҳудудии қувваҳои истеҳсолкунанда, бунёдии ҳудудӣ, стратегияи рушди минтақа, коркарди шаклҳои барнома, иҷроиши барнома, тақсимоти минтақавии меҳнат.*

Таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар сатҳи минтақа дар шароити муосир яке аз самтҳои динамикии таҳқиқоти назариявии идоракунии давлатӣ мебошад. Аҳамияти усулҳои барномавӣ - мақсаднок дар ин самт пайваста меафзояд, зеро татбиқи онҳо робитаи зичи байни маблағҳои ҷудошудаи буҷетӣ ва натиҷаҳои истифодаи онҳоро мувофиқи афзалиятҳои муқарраршуда таъмин менамояд.

Ҳаминро гуфтан ба маврид мебошад, ки танзими рушди минтақавии кишвар яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлати муосир мебошад. Ба тартиб додани барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, чун қоида, нисбат ба минтақаҳои рушдкунанда диққати асосӣ дода мешавад. Давлат тавассути татбиқи сиёсати мақсаднок ва пайвастаи минтақавӣ ба баланд бардоштани сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, бартараф намудани тафовути аз ҳад зиёди минтақаҳо аз рӯи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, таъмини фазои хуби сармоягузорӣ дар минтақа диққати махсус равона менамояд.

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа яке аз унсурҳои ба нақшагирии доимии рушди минтақа мебошад. Чунин равиш имкон медиҳад, ки муттасилии мақомоти иҷроия ва қонунгузори минтақавӣ таъмин карда, афзалиятҳои рушди минтақаҳо дар асоси таҷрибаи рушди минтақа оқилона таҳия карда шаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таснифоти мафҳуми “минтақа”, ки аз ҷониби Н.Н. Некрасов пешниҳод гардидааст, то ба имрӯз таснифоти асосии муайяннамоии моҳият ва

хусусиятҳои минтақа дар иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Н.Н. Некрасов мафҳуми “минтақа” – ро чунин тасниф намудааст: “рушди ҳудудии қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолотӣ, ки ба баррасии бунёдҳои ҳудудӣ аз нуқтаи назари табиати иқтисодӣ ва иҷтимоии он имконият медиҳад”.[1]

Қобили тазаккур аст, ки ба хотири омӯзиши ҷанбаҳои назариявии рушди барномавии минтақаҳо зарур аст, ки саравввал як қатор мафҳумҳо, ба монанди “минтақа” “барнома” “рушди барномавии минтақа” мавриди таснифоти илмӣ қарор дода шавад.

Зери мафҳуми “минтақа” қисме аз ҳудуди дорои умумияти табиӣ, шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва милливу фарҳангӣ мебошад, ки ягонагии онро таъмин менамояд, фаҳмида мешавад. Маҳз ин ягонагӣ сабаби объективӣ ва натиҷаи қонуниятҳои рушди минтақа ба ҳисоб меравад.[2]

Дар доираҳои илмӣ, дар асоси омӯзиш ва баррасии ҷанбаҳои мухталифи минтақа, кӯшиш карда шудааст, ки дар таҷассуми мафҳуми “минтақа” унсурҳои созандагӣ истифода карда шавад. Масалан, О.С. Пселинтсев чунин таснифотро пешниҳод намудааст: “минтақа – ин ягонагии табиат, аҳолӣ ва хоҷагидорӣ дар ҳудуди мазкур мебошад”.[3]

Гуфтан ба маврид мебошад, ки тибқи андешаи Пчелинцев О. С. дар таҳлил ва баррасии минтақа ба инобат гирифтани хусусияти дурангӣ ё духелагии он зарур аст. Аз як тараф, ин сохторҳои бисёрченаи экологӣ-иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки асосан дар доираи таҳқиқоти байнифаннӣ баррасӣ карда мешавад, мебошад. Аз тарафи дигар, минтақаҳо ин ҳалқаи сохтори фазоии иқтисодиёт, яъне навъи муҳими низомҳои иқтисодӣ аст, ки дар асоси рушди робитаи мутақобилаи истеҳсолот, аҳолӣ ва соҳаи захиравӣ пайдо мешаванд.

Минтақаро ҳамчун фазои ягонаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, табиӣ-таърихӣ ва сиёсӣ баррасӣ намуда, М. Барбаков унсурҳои зерини таркибии минтақаро ҷудо намудааст:[4]

- унсури физикиву географӣ, ки бо ягонагии географии минтақа муайян карда мешавад: марказ ва гирду атрофи он;

- унсури иқтисодӣ - қисми маҳдуди фазои ягонаи маҷмӯи хоҷагидории миллӣ. Дар чунин ҳолат характери маҷмӯавии минтақа дар низоми ягонаи хоҷагидорӣ бо сохтори мураккаб таҷассум гардидааст;

- таркиби сиёсиву маъмурӣ: ҳудуд – қисми муайяни нерӯи иҷтимоӣ, табиӣ, инфрасохторӣ, фарҳангӣ-таърихӣ ва фазогии давлат, ки дар доираи ҳуқуқи мақомоти маҳаллӣ қарор дорад; [5]

- таркиби иҷтимоӣ-фарҳангӣ: фарҳангро ҳамчун меҳвар баррасӣ намудан зарур аст, ки дар он ҳавасмандии фаъолияти одамон таҷассум мегардад. Мутобиқан, минтақа ин одамон, ки дар ҳудуди он зиндагӣ менамоянд ва умумияти муайяни таърихӣ-фарҳангиро бо тарзи ҳаёти хоси худ бунёд менамоянд, ба ҳисоб меравад;

- таркиби ҳуқуқӣ: фаъолият дар минтақа ба таври ҳатмӣ бо заминаҳои муайяни ҳуқуқӣ танзим карда мешавад;

- таркиби сиёсӣ: минтақа ҳамчун фазои ягонаи сиёсӣ аз маҷмӯи идораҳо ва воситаҳо иборат аст, ки тариқи онҳо таъсиррасонӣ ба аҳолӣ ва ҳокимияти маҳаллӣ дар самти ташаккул, ифоданамоӣ ва тасҳеҳи сиёсати иҷтимоӣ, низоми назорати сиёсии ҳокимият аз болои аҳолӣ амалӣ мегардад.[6]

Қобили тазаккур аст,ки дар асоси таснифотҳои зикргардидаи минтақа метавон хулосабарорӣ намуд, ки дар он ба таври дақиқ нишондиҳандаҳои муайянкунандаи ҷанбаҳои моҳиятии минтақаро ҷудо намуд:

- минтақа – бунёди ҳудудии дорои сарҳадоти дақиқи маъмурӣ аст, ки дар доираи он равандҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии таъмини сифати ҳаёти аҳолӣ ҳосил мегардад, ки аз мавқеи минтақа дар низоми тақсимоти ҳудудӣ ва ҷамъиятии меҳнат бармеояд;

- минтақа ин низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо сохтор, вазифаҳо, алоқаҳо бо муҳити беруна, таърих, фарҳанг ва шароити ҳаёти аҳолӣ мебошад.

Мутобиқан, зарур аст, ки минтақа ҳамчун низоми сохторҳои ҳудудӣ баррасӣ карда шавад, ки ба ташкилоти ягонаи функсионалӣ муттаҳид гардида, мутобиқгардии мавҷудият ва рушди онҳоро таъмин менамоянд.

Бо назардошти таснифотҳои минтақа зарурат пайдо мешавад, ки ҷанбаҳои назариявии рушди он мавриди таҳлил қарор дода шавад. Дар чунин ҳолат ба инобат гирифта мешавад, ки рушди иқтисодӣ шарти асосии инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ба ҳисоб меравад ва худи минтақа, аз бисёр ҷиҳат аз он вобаста аст. Аз ин хотир, бадастории суръати баланди рушди иқтисодӣ дар алоқамандӣ бо вазифаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа баррасӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, моҳияти методологии рушди минтақа дар умумияти ратсионалии фазои муайяни иқтисодиву географӣ зоҳир мегардад, ки дорои захираҳои моддӣ ва низоми иҷтимоиву иқтисодӣ буда, дар он унсурҳои алоҳида бо сохтор, вазифаҳо, алоқаҳо бо муҳити беруна ташкилоти муйянро бунёд менамоянд.

Зери мафҳуми “барнома” маҷмӯи чорабиниҳо, ки ба бадастории мақсади мувофиқ бо назардошти истифодаи муносиби захираҳо дар ҳолати маҳдудиятҳои муайян равона гардидаанд, фаҳмида мешавад.[7]

Яъне зери мафҳуми “барнома” нисбат ба тамоми навъҳои фаъолияти идоракунӣ – аз низоми лоиҳаҳо, коркарди дақиқи ҷудо намудани маблағи муайян барои маблағгузории чорабиниҳои алоҳида, истифода карда мешавад.

Боиси қайд намудааст,ки характери маҷмӯавии барномаҳо тариқи коркарди чорабиниҳои техникӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, истеҳсолотӣ, ташкилотӣ, илмӣ-тезникии ба ҳам алоқаманд таъмин карда мешавад.

Тибқи андешаи Бочко В. С. Барномаҳои маҷмӯавӣ оғози ташкилии фаъолияти истеҳсоливу иқтисодӣ баромад менамоянд.[9]

Барномаҳои давлатӣ воситаи танзими давлатии иқтисодиёт мебошанд, ки бадастории мақсад ва вазифаҳои афзалиятнокро тариқи истифодаи захираҳои мавҷуда таъмин менамоянд.

Барномаҳо ба ду навъи асосӣ ҷудо карда мешаванд: барномаҳои фаъолияти истеҳсолӣ ва барномаҳои фаъолият, ки рушди иҷтимоӣ-иқтисодиро таъмин менамояд. Илова бар ин, барномаҳо аз рӯи нишондиҳандаҳои муайян навъбандӣ карда мешаванд: аз рӯи характери масъалаҳои ҳалшаванда: маҷмӯавӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ; аз рӯи сатҳ ва ҳаҷмӣ фарогирӣ: умумидавлатӣ, минтақавӣ, соҳавӣ; аз рӯи муҳлати иҷроиш: кӯтоҳмуддат, миёнамуҳлат ва дарозмуддат ва ғайраҳо.

Барномаҳо дорои як қатор хусусиятҳои хоси худ мебошанд. Хусусияти муҳими барнома таъиноти дақиқи мақсаднок, яъне нишон додани мақсад ва истифодаи барнома ба ҳисоб меравад. Барои амалӣ намудани ҳар як барнома захираҳои муайян, ба монанди захираҳои моддӣ, меҳнатӣ, молиявӣ заруранд. Аз ин хотир, хусусияти дигари барнома муайян намудани миқдори захираҳо барои амалӣ намудани он ба таври умумӣ ва ҳам дар қисмҳои таркибии он дар марҳилаи иҷроиш ба ҳисоб меравад. Хусусияти муҳими барнома ҷудо намудани қисмҳои алоҳидаи таркибӣ - мақсадҳои ҷорӣ, ки унсурҳои алоҳидаи чорабиниҳои маҷмӯавиро тасниф менамояд, нақши субъектҳо дар бадастории мақсадҳои ҷорӣ ва ниҳоӣ, марҳилаҳои иҷроиши барнома ба ҳисоб меравад. Характери

маҷмӯавии барнома зарурати амалинамоии чорабиниҳои техникӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва дигар чорабиниҳоро ба миён меорад.[10]

Барои коркарди стратегияи рушди минтақа гузаронидани таҳлилҳо талаб карда мешавад. Дар натиҷаи таҳлил доираи проблемаҳо муайян карда мешавад, бояд дар доираи стратегияи рушд ҳал карда шаванд. Барои ҳалли ин проблемаҳо стратегия бунёди низоми таъминоти иттилоотӣ ва ташкилотиро пешниҳод менамояд. Як қатор проблемаҳо, ки дар натиҷаи таҳлили вазъият ва ҳолат ошкор карда шудаанд, тариқи методи барномавӣ ҳал карда мешаванд.[11]

Ғояи асосии методи барномавӣ алоқаи мақсад ва воситаҳои бадастории он ба ҳисоб меравад, ки дар он мақсад дар сохтори муайян ташаккул ёфта, воситаҳо маҷмӯи унсурҳои барнома ба ҳисоб меравbooks, ки ҳар яке ба сатҳ ва воситаи ҳалли проблема хизмат менамояд. Аз ин хотир, методи барномавӣ як қатор марҳилаҳои омодагӣ ва амалӣ намудани барномаи маҷмӯавиро пешниҳод менамояд:[11]

- ошкор намудани проблема ва асоснок намудани муҳимияти он. Дар чунин ҳолат проблема, ки барои фаъолияти муқаррарии минтақа хос нест, ошкор карда мешавад. Илова бар ин, дар ин марҳила воситаҳои мухталифи ҳалли проблема аз нуқтаи назари натиҷаҳо ва хароҷоти зарурӣ баррасӣ гардида, аҳамияти проблема, афзалиятнокӣ ва фаврӣ будани ҳалли он баҳогузорӣ карда мешавад;
- муайян намудани мақсади барнома. Вобаста ба ҳаҷм ва доираи проблема мақсади асосиро метавон ба мақсадҳои ҷорӣ ҷудо намуд. Зарур аст, ки ба сохтор ва тобеияти тарафайни низоми мақсадҳо диққат дод, зеро ин хусусият, аз бисёр ҷиҳат, сохтори худи барнома, марҳилаҳо ва услубҳои амалинамоиро муайян менамоянд;
- муайян намудани нишондиҳандаҳои калидии самаранокӣ. Дақиқии мақсадҳо бо муайянии миқдории онҳо ба даст оварда мешавад. Дар ҳар як сатҳи ташаккули мақсадҳо зарур аст, ки нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ муайян карда шаванд, ки иҷроиши онҳо шаҳодати ба даст овардани мақсадҳои гузошташуда мегардад.
- коркарди шаклҳои барнома. Дар ин марҳила ҷамъоварии далелҳо амалӣ карда мешавад, ки ба такмили низом ва ба инобатгирии фаъолияти объекти барнома мусоидат менамояд. Аз тарафи субъект методҳо, воситаҳо ва захираҳои имконпазири бадастории мақсадҳо баррасӣ карда мешаванд. Шаклҳои гуногуни барнома дар асоси ба инобат гирифтани хусусиятҳои рушди муҳити беруна ё муносибатҳои мухталифи ҳалли проблема ташаккул меёбанд;
- интихоби шакли иҷроиши барнома ва ташаккули маҷмӯи чорабиниҳои амалинамоии он. Дар раванди интихоби шакли иҷроиши барнома зарур аст, ки омилҳои нисбатан муҳим дар марҳилаи мазкур ва дар дурнамои стратегӣ, ки иҷроиши ҳар як шакли иҷроиши барномаро маҳдуд менамоянд, муайян карда шаванд: баҳогузории смаранокии ояндабинӣ; муқоисаи захираҳои зарурӣ ва мавҷуда. Дар натиҷа, бояд ҳамон шакле муайян карда шавад, ки ба бадастории мақсадҳо бо самаранокии  зиёд имконият медиҳад;
- иҷроиши барнома. Ҳолати муҳими ин марҳила ташаккули механизми махсуси ташкили идоракунии иҷроиши барнома ба ҳисоб меравад, ки шаклҳо ва методҳои он мувофиқи ҳаҷм ва хусусияти фаъолияти минтақа муайян мегардад, ки ба бадастории сатҳи нисбатан баланди самаранокии имконпазир равона гардидаанд;
- назорат ва тасҳеҳи иҷроиши барнома. Назорати дуршавии имконпазири нишондиҳандаҳои калидӣ дар раванди иҷроиши барнома амалӣ карда мешавад. Дар натиҷаи таҳлили дуршавиҳо сабаб ва сатҳи таъсири онҳо ба натиҷаи ниҳоии иҷроиши барнома; мақсаднокии бартараф намудани оқибатҳои дуршавӣ ошкор карда мешаванд.

Тасҳеҳи чорабиниҳои барномавӣ бояд имконияти ивазнамоии пурраи онҳо, инчунин шаклҳои имконпазири гузариши таъминоти захиравиро пешниҳод намояд;

- натиҷагирии иҷроиши барнома. Баҳогузории натиҷаи иҷроиши барнома бояд аз рӯи нишондиҳандаҳои калидии самаранокӣ гузаронида шавад. Баҳогузории ниҳоӣ бояд ба баҳогузории самаранокии ҳалли проблема ва баҳогузории самаранокии чорабиниҳои барномавӣ барои ҳалли проблема равона карда шавад. Барои муайян намудани самаранокии иҷроиши барнома истифодаи баҳогузории низомӣ мувофиқи мақсад аст. Самараи иҷроиши барнома вазифаро аз натиҷаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ-техникӣ ва экологӣ пешниҳод менамояд. Самараи иҷтимоии иҷроиши барномаро метавон ба таври муқоисаи миқдории шароити иҷтимоӣ то ва баъд аз иҷроиши барнома баҳогузорӣ намуд.

Яке аз хусусиятҳои барномаи рушд характери конвенсиалии онҳо мебошад, ки дар нерӯи пешбаранда будан ва дар як ҳолат натиҷаи манфиатҳои мувофиқгардидаи тамоми иштирокчиёни раванди ислоҳоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ баромад намудан, зоҳир мегардад. Таъсири назаррасро ба сифати коркард ва амалинамоии барномаҳои рушд сатҳи баланди тафсили механизмҳои ташкилӣ–иқтисодии идоракунии он, инчунин чандирии идоракунӣ, ки ба ворид намудани фаврии тасҳеҳоти зарурӣ дар раванди қабули қарор оид ба ҳаҷми маблағгузорӣ, тақсимоти меҳнат, мӯҳлатҳои иҷроиш имконият фароҳам меорад, таъсири назаррас мерасонанд.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки мафҳуми “барнома” ин як навъ маҷмӯи чорабиниҳое ба ҳисоб меравад, ки дар самти бадасторӣ ё амалӣ намудани мақсади муайян мавриди истифода қарор дода шудаанд. Мафҳуми мазкур нисбати тамоми навъҳои фаъолияти идоракунӣ истифода карда шуда, самт ва сатҳи амалӣ гардидани он аз маблағгузорӣ вобаста мебошад. Амалинамоии барномаҳо тариқи коркарди чорабиниҳои техникӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, истеҳсолотӣ, ташкилотӣ, илмӣ-техникии ба ҳам алоқаманд таъмин карда мешавад. Таҳлили муносибатҳои методологии таҳқиқи рушди минтақа имконият медиҳад, хулосабарорӣ намуд, ки таҳаввулоти онҳо раванди табиии гузариши минтақаро ба тарҳи рушди устувор таҷассум менамояд. Аксарияти кишварҳои ҷаҳон саъю кӯшиши худро дар пайравӣ намудан ба принсипҳои он, ки принсипи асосии он ба инобат гирифтани оқибатҳои иҷтимоӣ ва экологии қарорҳои қабулшуда, яъне рушди сифатии иқтисодиёт ва технология, дар самти коҳиш додани сатҳи манфии антропегенӣ ва таъсири техногенӣ ба табиат мебошад, иброз намудаанд.

Ҳамин тариқ, хулоса метавон қайд намуд, ки барнома як навъ фаъолият ва мавҷи чорабиниҳое ба ҳисоб меравад, ки дар самти ба даст овардани мақсади муайян мавриди истифода қарор дода мешавад. Мақсади асосии таҳия ва татбиқи барномаи минтақавии рушди иҷтимоию иқтисодӣ самаранок истифода бурдан ва рушди нерӯи табиӣ, истеҳсолӣ, меҳнатӣ ва зеҳнии минтақа, бартариҳои иштироки он дар тақсимоти миллӣ ва байналмилалии меҳнат мебошад. Амалинамоии барномаҳо тариқи коркарди чорабиниҳои техникӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, истеҳсолотӣ, ташкилотӣ, илийӣ-техникии ба ҳам алоқаманд таъмин карда мешавад.

Қайд намудан зарур аст, ки ташаккули назарияи классикӣ бо назардошти қонуниятҳои ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолкунанда баррасӣ карда мешавад. Хусусиятҳои тақсимоти минтақавии меҳнат бо тафовутҳои минтақавии шароити истеҳсолот: мавҷудият ё ҷой надоштани шароити мувофиқи табиӣ-иқлимӣ, захираҳои табиӣ, таҷрибаи меҳнатии аҳолӣ ва дигар омилҳо муайян карда мешавад. Дар чунин ҳолат омилҳо ва падидаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки ба ташаккул ва инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ва равандҳои иҷтимоӣ дар низоми минтақавии давлат ва дар ҳар як минтақа мусоидат менамоянд, аҳамияти хосса касб менамоянд.

**Адабиёт**

1. Некрасов Н.Н. Региональная экономика: теория, проблемы, методы. 2 - е изд. / М.: Экономика, 1978. – С. 13.
2. Зенчева Н.В., Герасимов Б.И. Экономический анализ дифференциации социально-экономического развития регионов России. Тамбов: Изд-во Тамб. гос. техн. ун-та, 2005. – С. 16.
3. Пчелинцев О.С. Региональная экономика в системе устойчивого развития // Институт народнохозяйственного прогнозирования РАН. М.: Наука, 2004.-С. 22. Барбаков О. М.
4. Региональное управление: реалии и перспективы. СПб.: Изд-во «Лань», 2000. – С. 54.
5. Лексин В.Н. Государство и регионы. Теория и практика государственного регулирования территориального развития /В.Н. Лексин, А.Н. Швецов. М.: УРСС, 1997. – С. 24.
6. Барзилов С. И. Регион как политическое пространство / С. И. Барзилов, А. Г. Чернышев // Свободная мысль, 1997. № 2. С. 5.
7. Панасюк М.В. Управление регионом: территориальный подход / М.В. Панасюк. – Казань, 2005. – С. 78. Ойкен В. Основные принципы экономической политики / О.Вальтер. –М.: Издательская группа «Прогресс», 1995. – С. 1112.
8. Бочко В. С. Развитие территорий муниципальных образований с использованием программного метода / В.С.Бочко // Экономика региона. 2014. № 1. С. 33 - 43.
9. Кузнецов А.В. Региональная политика стран ЕС / А.В. Кузнецов. -М.: ИМЭМО РАН, 2009. 189 с.
10. Силкина Е. В. Зарубежный опыт государственного регулирования инновационной деятельности / Е.В. Силкина // Инновационные технологии и системы. – Минск. 2006. – С.185.
11. Артоболевский С.С. Западный опыт реализации региональной политики: возможности и ограничения практического использования / С.С. Артоболевский // Региональные исследования. 2008. № 3. С. 3-17.

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ НАУЧНЫЕ ОСНОВЫ ПРОГРАММНОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНОВ

**ШАМСУЛЛОЗОДА ШУКРУЛЛО,**
кандидат экономических наук, доцент
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Саид Носира 33.
Тел.: (+992)-934-52-66-66. E-mail: shamsullozoda81@mail.ru
**ВОХИДОВ БАХТИЁР ШОДИХОНОВИЧ,**
соискатель Академии государственной управлении при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республики Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Носира 33.
Тел.: (+992)-933-31-75-75
**ПИРАКОВ ШОХРУХ,**
соискатель Академии государственной управлении при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республики Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Носира 33.
Тел.: (+992)-918-35-37-51

*В данной статье изучены основы теоретической науки о программном развитии регионов. Методологическое развитие региона проявляется в рациональном обобщении определенного экономико-географического пространства, обладающего материальными ресурсами и социально - экономической системой, в которой отдельные элементы со структурой, задачами, отношениями с внешней средой создают определенную организацию. Также в статье отмечается, что экономическое развитие считается главным условием социально-экономического развития региона. Поэтому речь идет о достижении высоких темпов экономического развития в связи с задачами социально-экономического развития региона.*

***Ключевые слова:*** *региональное развитие, социально-экономическая система, отдельные элементы, высокие темпы экономического развития, социально-экономическое развитие региона, программно-целевые методы, уровень социально - экономического развития региона, региональное развитие производительных сил, территориальная основа, стратегия регионального развития, разработка программных форм, программа реализации, региональное разделение труда.*

## THEORETICAL SCIENTIFIC FOUNDATIONS OF PROGRAM DEVELOPMENT OF REGIONS

**SHAMSULLOZODA SHUKRULLO,**
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Said Nosira 33 street.
Phone: (+992)-934-52-66-66. E-mail: shamsullozoda81@mail.ru
**VOHIDOV BAKHTIYOR SHODIKHONOVICH,**
the applicant Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosira str.
Phone: (+992)-933-31-75-75
**PIRAKOV SHOHRUKH,**
the applicant Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosira str.
Phone: (+992)-918-35-37-51

*This article explores the fundamentals of theoretical science of the programmatic development of regions. The methodological development of the region is manifested in the rational generalization of a certain economic and geographical space that has material resources and a socio-economic system in which individual elements with a structure, tasks, and relations with the external environment create a certain organization. The article also notes that economic development is considered the main condition for the socio-economic development of the region, and the region itself largely depends on it. Therefore, we are talking about achieving high rates of economic development in connection with the tasks of the socio-economic development of the region.*

***Keywords:*** *regional development, socio-economic system, individual elements, high rates of economic development, socio-economic development of the region, program-target methods, level of socio-economic development of the region, regional development of productive forces, territorial basis, regional development strategy, development program forms, implementation program, regional division of labor.*

**УДК:36.1+5(575.5)**

# МАВҚЕЪ ВА НАҚШИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

**САТТОРЗОДА ЭРАҶ ИБОДУЛЛО**,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷменти
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Саид Носир 33.
Тел.:(+992)-918-74-74-86. E-mail: sattorov-87-87@mail.ru.
**ОЛИМОВ САЪДӢ ИБОДУЛЛОЕВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷменти
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Саид Носир 33.
Тел.: (+992)-987-27-67-00. E-mail: olimov.sadi@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур мавқеъ ва нақши низоми бонкӣ дар рушди иқтисоди Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Ба ақидаи муаллифон мавқеъ ва нақши низоми бонкӣ дар рушди соҳаҳои ҳаётан муҳими иқтисоди миллии ҳар як давлат нақши калидӣ бозида, рушди низоми бонкӣ ҷиҳати боз ҳам вусъат додани самаранокии истеҳсоли молҳои ватанӣ мусоидат мекунад. Инчунин, дар мақолаи мазкур дарҷ гардидааст, ки дар соли 2021 аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар қариб 13,7 миллиард сомонӣ қарз дода шуд, ки аз ин нишондиҳанда 1,4 миллиард сомонӣ ё ин, ки 10,3 фоизаш ба соҳаи саноат ровона гардидааст.*

*Муаллифон рушди низоми бонкии кишвар ва нақши онро дар рушди устувори бахши воқеии иқтисодиёти давлат таҳлил намуда, нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро дар даврони истиқлол дар ҷадвал ва рақамҳо нишон додаанд.*

***Калидвожаҳо**: низоми бонкӣ, иқтисодиёти миллӣ, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ташкилотҳои қарзӣ, рушди низоми бонкӣ, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ.*

Таҷрибаи ҷаҳонии мамолики аз нигоҳи иқтисоди бозорӣ тараккикардаи дунё нишон медиҳанд, ки мавқеъ ва нақши низоми бонкӣ дар рушди соҳаҳои ҳаётан муҳими иқтисоди миллии ҳар як давлат нақши калидӣ бозида, рушди низоми бонкӣ ҷиҳати боз ҳам вусъат додани самаранокии истеҳсолоти ватанӣ мусоидат мекунад. Бояд қайд намуд, ки яке аз масоили муҳим дар иқтисодиёти ҳар як давлат ин таъмини субъектҳои иқтисодӣ бо захираҳои кофии қарзӣ ба ҳисоб меравад. Рушди устувори иқтисоди миллӣ ва соҳаҳои воқеии кишвар аз захираҳои пулӣ ва ташкили дурусти онҳо вобастагии калон дорад. Дар робита ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои худ қайд намуданд, ки “низоми молияву бонкии кишвар ҳамчун омили муҳими рушди иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон бояд ба афзалиятҳои кишвар ва ба манфиати ҷомеа равона шуда, барои бо сармоя таъмин намудани соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, ҳавасманд гардонидани соҳибкорону тоҷирон ва умуман, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодӣ дар ҷомеа, ташкили ҷойҳои корӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ хизмат намояд” [1].

Мавриди зикр аст, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 30-юми сентябри соли 2022 дар маҷмӯъ 62 ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 14 бонки анъанавӣ, 1 бонки исломӣ, 47 ташкилотҳои маблағгузории хурд, 18 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 ташкилоти қарзии хурд ва 26 фондҳои қарзии хурд фаъолият менамоянд, ки ин аз устувории низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад [2]. Инчунин, ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар маҳалҳо воҳидҳои сохтории худро доранд, ки ба рушди минтақаҳо ва соҳаҳои он хизмат мерасонанд.

Таҷрибаи давлатҳои рушкардаи дунё нишон медиҳанд, ки рушди соҳаҳои воқеии иқтисоди миллӣ ҳамон вақт имконпазир хоҳад буд, ки агар соҳаҳои мазкур ба маблағгузории кофӣ таъмин гардад. Ҷиҳати ҳалли ин мушкилот Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар аз 26 декабри соли 2019 ба Бонки миллӣ ва БДА "Амонатбонк" супориш даданд, ки ҷиҳати ба таври назаррас зиёд намудани ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт, махсусан бахшҳои истеҳсолӣ ва паст кардани фоизи он, чораҳои таъхирнопазир андешида шавад [3].

Солҳои охир дар баробари маблағгузории буҷетӣ барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисоди миллӣ, инчунин, маблағҳои қарзии пешниҳодшуда дар рушди соҳаҳои иқтисодиёт, нақши калон бозида истодааст. Дар соли 2021 аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар қариб 13,7 миллиард сомонӣ қарз дода шуд, ки аз ин нишондиҳанда 1,4 миллиард сомонӣ ё ин, ки 10,3 фоизаш ба соҳаи саноат равона гардидааст.

Ҳаҷми қарзҳои додашуда аз тарафи низоми бонкӣ, махсусан ташкилотҳои қарзии хурд барои амалӣ намудани сиёсати индустриаликунонии иқтисодиёти кишвар, махсусан барои рушди соҳаҳои истеҳсолӣ, пеш аз ҳама, соҳаи саноат бояд зиёдтар қарздиҳиро ба роҳ монанд, он гоҳ, фаъолияти онҳо ба мақсад мувофиқ мебуд [5]. Чунки соҳаи саноат яке аз соҳаҳои калидие мебошад, ки дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши босазо ва муҳимро мебозад.

Яке аз вазифаҳои муҳиме, ки дар назди давлату Ҳукумат истодааст, ташкили ҷойҳони нави корӣ ва дар ин замина, кам кардани сатҳи бекорӣ дар мамлакат мебошад. Маҳз соҳаҳои воқеии иқтисодиёт махсусан соҳаи саноат ҳамчун сарчашмаи асосии ташкилкунии ҷойҳои кории нав, истеҳсолкунандагони молҳои рақобатпазир ва муаррифкунандаи давлат ба ҳисоб мераванд.

Дар солҳои Истиқлоли давлатӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гардид, ки бо роҳи ташкили дурусти низоми бонкӣ ва маблағҳои қарзии пешниҳодшуда ба дастовардҳои бузург ноил гардад. Аз ҷумла, паст кардани сатҳи камбизоатӣ аз 81%-и соли 1999 то 26,3% дар соли 2020 [3], афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 6,1 млрд. сомонии соли 2004 ба 98,9 млрд. сомонӣ дар соли 2021, таъсиси ҷойҳои кории нав ва марҳила ба марҳила зиёд гардидани музди маош ва ғ. Яке аз муҳимтарин нишондиҳандаи иқтисодиёт, ки натиҷаи ниҳоии фаъолияти истеҳсолӣ ва рушди иқтисоди миллиро тавсиф менамояд маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мебошад.

Тибқи омори расмии кишвар агар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар дар соли 2013-ум -40,5 млрд. сомонӣ ва дар соли 2015-ум- 48,4 млн. сомониро ташкил дода бошад, дар соли 2018 – 68,8 млрд. сомонӣ, дар соли 2019 – 78,2 млрд. сомонӣ ва дар соли 2021 – 98,9 млрд. сомониро ташкил додааст.

Бо ҳидояту дастгириҳои пайвастаи Пешвои хирадманд Эмомалӣ Раҳмон сиёсати макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ба рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳолии мардум, рушди низоми бонкӣ, таъмини даромадҳои буҷети давлатӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъсиси ҷойҳои кории нав ва ғ. равона гардида, дар ин самт дастовардҳои назаррасе ба даст омад.

***Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2014-2021***

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
| Маҷмӯи маҳсулоти | 45,6 | 48,4 | 54,4 | 61,1 | 68,8 | 78,2 | 82,5 | 98.9 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| дохилӣ (ММД), млрд. сомонӣ | | | | | | | | |
| ММД ба сари аҳолӣ, сомонӣ | 5498 | 5727 | 6300,3 | 6913,5 | 7478,2 | 8355 | 8740 | 9890 |
| Сатҳи камбизоатӣ, % | 32,6 | 31 | 30,2 | 29,7 | 29,5 | 27,5 | 26,3 | - |
| Музди меҳнати миёнаи номиналӣ, сомонӣ | 884 | 879 | 960 | 1312 | - | 1357 | 1545 | 1612 |
| Сатҳи бекорӣ, % | 2,4 | 2,3 | 2,3 | 2,2 | 2,1 | 2,0 | 2,1 | 2,1 |

Аз рақамҳои ҷадвали мазкур бармеояд, ки дар тулӣ 8 соли охир (2014-2021) ММД зиёда аз 2,1 маротиба зиёд шуда, дар соли 2021 он ба 98,9 млрд. сомонӣ баробар шуда, афзоиши ҳақиқии ММД, ба ҳисоби миёна, дар ин муддат 7%-ро ташкил додааст. Музди миёнаи маош бошад, дар ин давраи таҳлилӣ 728 сомонӣ зиёд гардида, дар соли 2021-ум зиёда аз 1612 сомониро ташкил дод. Дар даврони соҳибистиқлолӣ дастоварди муҳиме ки давлату Ҳукумати Тоҷикистон бо ба роҳ мондани сиёсати иҷтимоии босубот ба даст овард ин баланд бардоштани некӯаҳволииии мардуми кишвар мебошад.

Бо мақсади боз ҳам вусъат бахшидани корҳои созандагӣ, кам кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии халқ Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия гардида мавриди амал қарор дорад. Стратегияи мазкур барои ноил гардидани ҳадафҳои рушди ҳазорсола ва афзалиятҳои дар Стратегияи миллии рушд муайянгардида равона шудааст. Дар асоси амалӣ гардидани ин стратегия то соли 2030 бояд ҳамасола афзоиши ММД 7-8%-ро ташкил диҳад, ҳаҷми ММД дар давраи пешбинишуда 3 маротиба ва аз ин зиёд афзоиш меёбад ва ҳаҷми он ба ҳар сари аҳолӣ 2,5 маротиба зиёд мешавад. Инчунин, то соли 2030 сатҳи таваррум дар доираи 7% нигоҳ дошта шуда ва сатҳи камбизоатӣ то 15% паст карда мешавад [5].

Бояд тазаккур дод, ки дар таъмини рушди устувории иқтисодиёт ва дастрасӣ ба афзалиятҳое, ки дар Стратегияи миллии рушд оварда шудааст, нақши низоми бонкии кишвар хеле калон мебошад. Таҷрибаи давлатҳои рушдкарда нишон медиҳанд, ки рушди босуботи бахши воқеии иқтисодиёти давлат аксаран аз иштироки фаъоли бонкҳо дар ҷараёни сармоягузорӣ вобаста мебошад.

То имрӯз дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ 63 созмонҳои қарздиҳӣ ва хурди молиявӣ, аз ҷумла 14 бонк фаъолият менамоянд.

Ҳамин тариқ дар татбиқи сиёсати иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди устувори иқтисодиёти мамлакат, махсусан соҳаҳои воқеии он, рушди низоми бонкӣ ҷои намоёнро ишғол менамояд. Дар 30-соли истиқлол низоми бонкии кишвар дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ ба монанди Бонки исломии рушд, Бонки рушди Осиё, Бонки рушд ва таҷдиди Аврупо муваффақиятҳои муҳимро ба даст овард. Созмонҳои молиявии мазкур дар низоми бонкии кишвар барои дастгирии соҳибкории хурду миёна, рушди соҳаҳои маориф, тандурустӣ, нақлиёт, энергетика ва дигар соҳаҳо саҳми муҳим гузоштанд. Дар соли 2021 аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар қариб 13,7 миллиард сомонӣ қарз дода шуд, ки нисбат ба соли 2020-ум 3,4 миллиард сомонӣ ё тақрибан 25 фоиз зиёд мебошад.

Дар натиҷаи ба роҳ мондани сиёсати дурусти низоми бонкӣ дороиҳои низоми бонкии кишвар аз 311 млн. сомонии соли 2000-ум ба беш аз 26 млрд. сомонӣ дар соли 2020 расонида шуд.




***Диаграммаи 1. Ҳиссаи пасандозҳо бо фоиз нисбат ба ММД (%)***

Умуман бозори хизматрасониҳои депозитии бонкӣ рӯз то рӯз инкишоф ёфта истодааст. Агар ба нишондиҳандаи ҳиссаи депозитҳо нисбат ба ММД назар афканем, он гоҳ мебинем, ки ин нишондиҳанда сол то сол афзуда истодааст. Агар дар соли 2013 ҳаҷми умумии пасандозу амонатҳо 13,6%-и ММД-ро ташкил карда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2015 қариб ба 18 фоиз расид. Бояд қайд намуд, ки бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки ҳаҷми сандуқи пасандозии онҳо бомаром ва тез афзоиш ёбад. Чунки таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки нишондишандаи ҳиссаи пасандозҳо нисбат ба ММД дар давлатҳои тараққикарда зиёда аз 50-60 фоизро ташкил медиҳад.

***Ҷадвали 2. Бақияи пасандозҳо аз рӯи минтақаҳо, ҳаз. сомонӣ***

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| ВМКБ | 257305 | 242985 | 270335 | 299248 | 353795,72 |
| НТМ | 280673 | 263796 | 240291 | 289081 | 1201618,44 |
| Вилояти Хатлон | 679907 | 660580 | 621282 | 668625 | 838485,63 |
| Вилояти Суғд | 1394067 | 1450393 | 1277897 | 1400028 | 2079530,26 |
| Шаҳри Душанбе | 6236760 | 6102716 | 6631334 | 6318296 | 7779254,84 |
| Ҳамаи амонатҳо | 9243235 | 9283515 | 9723803 | 9742210 | 11414199,26 |

Агар ба ҷадвали 2 назар афканем он гоҳ мебинем, ки танҳо дар соли 2020 аз ҳаҷми умумии бақияи пасандозҳо қариб 68,2 фоиз ба шаҳри Душанбе, 18,2 фоиз ба вилояти Суғд, 7,3 фоиз ба вилояти Хатлон, 10,5 фоиз ба НТМ ва 3 фоиз ба ВМКБ рост меояд.

Дар шароити муосир кишварҳое, ки дар ҳолати рушд қарор доранд, бештар ҷалб намудани инвеститсияҳо ба соҳаҳои воқеии иқтисодиёт яке аз омилҳои асосии таъмини рушди босуботи иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

Мутаасифона ҳиссаи инвеститсияи хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон ночиз мебошад, он дар соли 2020 қариб 10 фоиз маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медод, ки ин барои таъмини рушди устувори иқтисодиёт кофӣ намебошад. Сабабҳои кам ворид

гаштани инвеститсияи хориҷӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурии мо бисёранд, аз он ҷумла ба таври кофӣ рушд наёфтани бозори қоғазҳои қимматнок, мукаммал намудани қонунгузорӣ дар самти маблағгузорӣ, тараққӣ додани инфрасохтори бозорӣ, мавҷуд будани омилҳои коррупсионӣ, сода кардани қабули қарорҳои идоракунӣ дар мақомоти давлатӣ ва омилҳои дигар.

Омилҳое, ки дар боло номбар кардем, имрӯз садҳо омилҳое ба монанди ин ҳастанд, ки боиси кам ворид шудани инвеститсияи хориҷӣ ва ба таври кофӣ рушд наёфтани низоми бонкии кишвар гардидаанд.

Агар мушкилиҳои дар боло номбаркардашуда, ва дигар мушкилиҳое, ки сади роҳи ҷалби зиёди инвеститсияи хориҷӣ ва рушди низоми бонкӣ гардидаанд барканор карда шаванд мо бо итминони комил гуфта метавонем, ки дар як муҳлати кӯтоҳ ҳам ҷалби инвеститсияи хориҷӣ зиёд мегардад ва ҳам низоми бонкии кишвар ба натиҷаҳои баланди рушд ноил хоҳад гашт.

Бо мақсади нигоҳ доштани боварии аҳолӣ нисбати низомӣ бонкӣ, рушди минбаъдаи низоми бонкӣ, таъмини устувории молиявии бонкҳо, ки ҳамчун сарчашмаи асосии таъминоти воситаҳои пулӣ дар иқтисодиёти кишвар баромад мекунанд чораҳои зеринро бо мақсад мувофиқ медонем:

- боз ҳам зиёд намудани андозаи ҷубронпулӣ аз рӯй пасандозҳои шахсони воқеӣ, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”.
- таъмини ҳуқуқии кафолати баргадонидани маблағҳои шахсони ҳуқуқӣ дар ташкилотҳои қарзӣ;
- афзун гардонидани ҷалби амонатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо роҳу усулҳои гуногун ба низоми бонкӣ;
- беҳтар сохтани шароит доир ба амалиётҳои гуногуни бонкӣ барои мизоҷон аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ;
- кам кардани кардани фоизи андоз аз даромади фоизии амонатҳо барои шахсони воқеӣ;
- афзун кардани шаклу намуди хизматрасониҳои бонкӣ дар самти истифодаи маблағҳои шахсони воқеӣ;
- афзун гардонидани тарғиботу ташфиқот (реклама)-ҳо доир ба тарзу услуби хизматрасониҳои нави бонкӣ аз рӯи амонатҳои ҷалбшуда;
- боз ҳам ҷоннок намудани рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва сатҳу сифати хизматрасониҳою амалиётҳои бонкӣ.

## Адабиёт


1. Маҳмадов Ф. С. Кори магистрӣ. Идоракунии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити буҳрони иқтисодӣ» ш. Душанбе, соли 2021.
2. Бюлетени оморӣ бонкӣ // Нашри расмӣ. – Душанбе:БМТ, 2022.- №9 (326).98 с.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 26 декабри соли 2019.
4. Ҳикматов У.С. Микрофинансовҷе секторҷ раивития малого предпринимательства в РТ / У.С. Ҳикматов. – Душанбе: Ирфон, 2010
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 26 январи соли 2021.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 26 декабри соли 2019.
7. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.

8. Бюллетени омори бонкӣ, Бонки миллии Тоҷикистон- Душанбе, 2020 (305). - С. – 10.

9. Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус (COVID-19)” 11 декабри соли 2021, шаҳри Кӯлоб

# РОЛЬ И МЕСТО БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ ТАДЖИКИСТАНА

**САТТОРЗОДА ЭРАДЖ ИБОДУЛЛО,**
кандидат экономических наук, доцент кафедры менеджмента
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Саид Носира, 33.
Тел.: (+992) 918-74-74-86. E-mail: sattorov-87-87@mail.ru.
**ОЛИМОВ САЪДӢ ИБОДУЛЛОЕВИЧ,**
кандидат экономических наук, доцент кафедры менеджмента
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Саид Носира, 33.
Тел.: (+992) 987-27-67-00. E-mail: olimov.sadi@mail.ru.

*В данной статье была проанализирована и рассмотрена роль и место банковской системы в развитии экономики Таджикистана. По мнению авторов место и роль банковской системы в развитии жизненно важных отраслей народного хозяйства в каждой стране играет ключевую роль, развитие банковской системы в целях дальнейшего расширения производства отечественной продукции является одной из стязей этой проблемы. Также в данной статье отмечено что в 2021 году со стороны кредитных учреждений было выделено примерно 13,7 млрд. сомони, от этого показателя 1,4 млрд. сомони или 10,3% было направленно в промышленную отрасль.*

*Авторы анализируют развитие банковской системы страны и ее роль в устойчивом развитии реального сектора экономики государства, а отдельные макроэкономические показатели в период независимости показаны в таблицах и рисунках.*

***Ключевые слова:*** *банковская система, национальная экономика, макроэкономические показатели, кредитные учреждения, развитие банковской системы, валовый внутрений продукт.*

# THE ROLE AND PLACE OF THE BANKING SYSTEM IN THE DEVELOPMENT OF THE ECONOMY OF TAJIKISTAN

**SATTORZODA ERAJ IBODULLO,**
Candidate of Economics, Associate Professor of the Department of Management
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosira str.
Phone: (+ 992)-902-00-74-74. E-mail: sattorov-87-87@mail.ru
**OLIMOV SADY IBODULLOEVICH,**
Candidate of Economics, Associate Professor of the Department of Management
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosira str.
Phone:(+992) 987-27-67-00. E-mail: olimov.sadi@mail.ru

*In this article, the role and place of the banking system in the development of the economy of Tajikistan was analyzed and considered. According to the authors, the place and role of the banking*

*system in the development of vital sectors of the national economy in each country plays a key role, the development of the banking system in order to further expand the production of domestic products is one of the goals of this problem. Also, this article notes that in 2021, approximately 13.7 billion somoni were allocated from credit institutions, of which 1.4 billion somoni or 10.3% was directed to the industrial sector.*

*The authors analyze the development of the country's banking system and its role in the sustainable development of the real sector of the state economy, and individual macroeconomic indicators during the period of independence are shown in tables and figures.*

***Key words**: banking system, national economy, macroeconomic indicators, credit institutions, development of the banking system, gross domestic product.*

УДК:339.16 (575.3)

# ХАРИДҲОИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ТАЪРИХ, НАҚШ ВАЗИФАҲОИ МАҚОМИ ВАКОЛАТДОР ДАР СОҲА

**ҶАЛОЛОВ АБДУФАЙЁЗ АБДУМУМИНОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 937-00-60-80. E-mail: abdufayoz1988@mail.ru.

*Мақола ба омӯзиши харидҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шуда, таърих, нақш, вазифаҳои мақоми ваколатдор дар ин соҳа одатан ба риояи қисми мақсадноки маблағҳои аз буҷет ҷудошуда нигаронида шудааст. Бо тағйирёбии сохтори давлатӣ дар давраи таърихи навини Тоҷикистон институтҳои давлатии ҷумҳурӣ марҳилаҳои гуногуни ташаккулёбӣ, аз ҷумла таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳиро паси сар карданд. Мақсади асосии ислоҳоти мақомоти идоракунии давлатӣ, ки нақши онҳо дар таъмини рушди устувори кишвар аз рӯи таъриф бениҳоят муҳим аст, мутобиқ гардонидани вазифаю имкониятҳои онҳо ба шароити нави тағйирёфта буд. Такмили пайвастаи сохтори идоракунии давлатӣ ва оптимизатсияи фаъолияти мақомоти давлатӣ аз гузариш ба шаклҳои бозории муносибатҳо ва вокуниши саривақтӣ ба чолишҳои ба вуҷудомада дар самти идоракунии муносиби давлатӣ тақозо гардид.*

*Таъмини давлат ва субъектҳои он бо мол, кор ва хизматрасонӣ дар сохтори иқтисодии тағйирёфта муайян намудани афзалиятҳои расидан ба ҳадафҳои рушди соҳаи қонунгузорӣ ва таъсиси сохтори алоҳидаро бо муайян кардани ҳадафу вазифаҳои ҷавобгӯи талаботи имрӯза ва додани ваколатҳои дахлдор талаб мекард. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҚҶТ) аз 12 декабри соли 1997, №511 «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» воқеан нуқтаи ибтидоӣ дар ин самт буд, ки баъдан бо таъсиси мақомоти масъул барои хариди давлатӣ оварда расонид.*

*Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 майи соли 2001, №214 «Масъалаҳои Агентии хариди мол, кор ва хизматрасонии назди Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Агентии мазкур аз ҷониби мақоми ваколатдори харид, ки сиёсати миллии хариди мол, кор ва хизматрасониро амалӣ менамояд, муайян карда шудааст. Бо қарори мазкур нақшаи идоракунӣ ва сохтори дастгоҳи Агентӣ бо ҳайати 30 воҳид, аз ҷумла намояндагони Агентӣ дар минтақаҳо тасдиқ карда шуд. Ба сохтори дастгоҳи марказии Агентӣ раёсат, се шӯъбаи танзими харид (аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷети маҳаллӣ ва хариди кору хизматрасонӣ), инчунин шӯъбаи молиявӣ ва маъмурӣ шомил буданд. Нақшаи идоракунии Агентӣ аз дастгоҳи марказӣ ва идораҳои минтақавӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд, Хоруғ, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва минтақаи Ғарм иборат аст.*

***Калидвожаҳо:*** *Хариди давлатӣ, эҳтиёҷоти давлатӣ, бонақшагирӣ, шартномаҳои намунавӣ, механизмҳои назоратӣ, самаранокии хароҷоти буҷет, таърих, сохтори давлатӣ, ислоҳоти, азнавташкилдиҳӣ, мутобиқ гардонидани сохторҳо.*

Бо тағйирёбии сохтори давлатӣ дар давраи таърихи навини Тоҷикистон институтҳои давлатии ҷумҳурӣ марҳилаҳои гуногуни ташаккулёбӣ, аз ҷумла таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳиро паси сар карданд. Мақсади асосии ислоҳоти мақомоти идоракунии давлатӣ, ки нақши онҳо дар таъмини рушди устувори кишвар аз рӯи таъриф бениҳоят муҳим аст, мутобиқ гардонидани вазифаю имкониятҳои онҳо ба шароити нави тағйирёфта буд. Такмили пайвастаи сохтори идоракунии давлатӣ ва оптимизатсияи фаъолияти мақомоти давлатӣ аз гузариш ба шаклҳои бозории муносибатҳо ва вокуниши саривақтӣ ба чолишҳои ба вуҷудомада дар самти идоракунии муносиби давлатӣ тақозо гардид.

Таъмини давлат ва субъектҳои он бо мол, кор ва хизматрасонӣ дар сохтори иқтисодии тағйирёфта муайян намудани афзалиятҳои расидан ба ҳадафҳо, рушди соҳаи қонунгузорӣ ва таъсиси сохтори алоҳидаро бо муайян кардани ҳадафу вазифаҳои ҷавобгӯи талаботи имрӯза ва додани ваколатҳои дахлдор талаб мекард. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҚҶТ) аз 12 декабри соли 1997, №511 «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» воқеан нуқтаи ибтидоӣ дар ин самт буд, ки баъдан таъсиси мақомоти масъул барои хариди давлатӣ.

Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 майи соли 2001, №214 «Масъалаҳои Агентии хариди мол, кор ва хизматрасонии назди Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Агентии мазкур аз ҷониби мақоми ваколатдори харид, ки сиёсати миллии хариди мол, кор ва хизматрасониро амалӣ менамояд, муайян карда шудааст. Бо қарори мазкур нақшаи идоракунӣ ва сохтори дастгоҳи Агентӣ бо ҳайати 30 воҳид, аз ҷумла намояндагони Агентӣ дар минтақаҳо тасдиқ карда шуд. Ба сохтори дастгоҳи марказии Агентӣ раёсат, се шӯъбаи танзими харид (аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷети маҳаллӣ ва хариди кору хизматрасонӣ), инчунин шӯъбаи молиявӣ ва маъмурӣ шомил буданд. Нақшаи идоракунии Агентӣ аз дастгоҳи марказӣ ва идораҳои минтақавӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд, Хоруғ, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва минтақаи Ғарм иборат буд.

Қобили зикр аст, ки дар ин давра Бонки Ҷаҳонӣ ва дигар созмонҳои байналмилалии молӣ, ки ба ҷудо кардани маблағҳои зиёд барои тарҳҳои сармоягузорӣ дар кишвар шурӯъ карданд, ба рушди низоми миллии хариди давлатӣ дар Тоҷикистон таваҷҷуҳи бештар зоҳир карданд. кишварҳои қарзгирандаи онҳо, ки дар Ҳисоботи миллии Бонк оид ба арзёбии хариди давлатӣ дар соли 2003 инъикос ёфтааст. Дар асоси таҳлили заминаи ҳуқуқӣ ва амалияи харид, ки дар он аз ҷумла мушкилот бо иқтидори мавҷудаи ташкилотҳои харидор, раванди банақшагирии харид, таҳияи ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва шартҳои техникӣ, нашри иттилоот дар бораи харид, расмиёти харид муайян карда шуданд. кушодан ва баррасии тендерҳо, огоҳинома дар бораи супоридани қарордодҳо ва идоракунии шартномаҳо, хулосаҳои тавсиянома таҳия карда шуданд, ки барои таҳаввулоти минбаъдаи институтсионалӣ асос гардиданд.

Тибқи тавсияҳои гузориш, такмили заминаи қонунгузорӣ, бозсозии раванди харид, омӯзиш ва рушди хариди давлатӣ пешбинӣ шудааст. Дере нагузашта таҳияи Қонуни нав «Дар бораи хариди давлатӣ» оғоз гардид, ки бо қабули ҚҶТ аз 3 марти соли 2006 №168 «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» ба охир расид. Қонуни мазкур дар асоси Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ аз соли 1994 таҳия шуда, ба фаъолияти минбаъдаи низоми хариди давлатӣ дар Тоҷикистон дар асоси стандартҳои байналмилалӣ, ки барои таъмини шаффофияти раванди харид, сарфакорӣ ва самаранокии онҳо пешбинӣ шудаанд, мусоидат намуд.

Дере нагузашта дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2006 №9 «Дар бораи такмили сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2007 №246, Низомнома ва сохтори Дастгоҳи марказии Агентии хариди мол, кор ва хизматрасонӣ тасдиқ карда шуд. Мақоми Агентии хариди мол, кор ва хизматрасонӣ ҳамчун «мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки ба салоҳияти он иҷрои вазифаҳои хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ дохил мешавад» муайян карда шуд, дар ҳоле ки муқаррар шудааст, ки Агентӣ ҳуқуқ надорад дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият ва вазифаҳои назорату танзими меъёрии ҳуқуқӣ анҷом диҳад. Илова ба сохторе, ки бо Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 майи соли 2001, №214 тасдиқ шудааст, бахши кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқӣ ва бахши умумӣ ва корҳои махсус илова карда шуданд.

Барои татбиқи Қонуни ҶТ аз 3 марти соли 2006, №168 «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» ва санадҳои зерқонунии гуногун, аз ҷумла низомнома дар бораи тартиби хариди давлатӣ, ки солҳои 2007-2008 қабул шудааст, биноро талаб мекунад. ва баланд бардоштани иқтидори фармоишгарон, мақоми ваколатдор, таъминкунандагон ва пудратчиён дар саросари кишвар семинарҳои минтақавӣ оид ба фаҳмонидани Қонун, санадҳои зерқонунӣ ва татбиқи амалии онҳо гузаронида шуданд.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2008 №126 «Дар бораи Агентии хариди давлатии мол, кор, хизмат ва ташкили фаъолияти биржа» ҳалқаи навбатии таҷдиди сохтор ва ваколатҳои Агентӣ ҳамчун воҳиди Вазорати рушди иқтисод ва азнавташкилдиҳии савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мутобиқи қарори мазкур Агентии хариди мол, кор ва хизматрасонӣ ба Агентии хариди давлатии мол, кор, хизматрасонӣ ва ташкили фаъолияти биржа табдил дода шуда, шумораи ниҳоии кормандон дар ҳаҷми 34 адад. Ҳамзамон, сохтори Агентӣ бо шӯъбаи ташкили фаъолияти биржа пурра гардида, Ҷамъияти саҳомии кушодаи молу ашёи хоми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рӯйхати ташкилотҳои системаи Агентӣ дохил карда шуд. Биржаи универсалии ашёи хом ва ашёи хом аз Рӯйхати ташкилотҳои системаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 марти соли 2010 №832 «Дар бораи минбаъд такмил додани ошкорои сохтори мақомоти марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ба роҳ монда, бо қарори №228 аз 3 майи соли 2010, ки дар заминаи Агентии хариди давлатии мол, кор, хизматрасонӣ ва фаъолияти ташкили биржаи Вазорати рушди иқтисод Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Гуфтан мумкин аст, ки воқеан ин ва мақомоти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бевосита тобеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, сиёсати давлатиро татбиқ менамояд, мақоми ваколатдор дар соҳаи хариди давлатӣ буда, дорои ваколату вазифаҳои васеътар мебошад., ва дар шакле, ки дар марҳилаи мазкур мавҷуд аст, ба истисноӣ баъзе истисноҳо, ки бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 октябри соли 2012, №564 ва аз 29 октябри соли 2015, №618 ворид карда шудаанд. Бо дарназардошти санадҳои дар боло зикргардидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раёсати ташкил ва татбиқи хариди давлатӣ ташкил карда шуд, ки ба ҳайати он собиқ шӯъбаҳои танзими харид, инчунин бахши нави хариди электронӣ ва шӯъбаи таҳлил, назорат шомиланд. ва маълумот бо фармон ҳамчун кафолати хариди давлатӣ муқаррар карда шуда, бо роҳи азнавташкилдиҳии соҳа қонунгузорӣ, такмил ва мониторинги хариди давлатӣ, молия ва баҳисобгирӣ ташаккул ёфт.

Ташкили Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи таъсисёбӣ то имрӯз, табиист, ки бо ислоҳоти пайгиронаи тамоми система, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ҳамроҳ буд. мулоҳизаҳо оид ба тадриҷан такмил додани қонунгузорӣ ва амалияи харид, баланд бардоштани иқтидори ташкилотҳои харидор ва иштирокчиёни расмиёти харид, таъмини шаффофияти расмиёти харид ва фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди рақобат байни иштирокчиён, ки дар ниҳоят бояд самаранокӣ ва самаранокии хароҷоти харид ҳамчун нишондиҳан-даҳои объективии ченшавандаи самара. Аз ҷумла, Агентӣ ташаббуси ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда мебошад, ки аз ҷониби ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба

ҶТ «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» аз 16 апрели соли 2012, №815 қабул ва мавриди амал қарор дода шудааст.

Дар Паёми Президенти кишвар аз 20 апрели соли 2012 Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷорӣ намудани низоми электронии хариди молу маҳсулот бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ҷиҳати сарфакорона ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ дар хариди давлатӣ ва пешгирии омилҳои коррупсионӣ дар ин самт, ки дар натиҷаи он Барномаи хариди электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 таҳия гардида, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 декабри соли 2015 тасдиқ карда шуд. 29, 2012, №769. Қобили зикр аст, ки то замони ҷорӣ шудани низоми хариди электронии молҳо сомонаи Агентии www.goszakupki.tj фаъолият мекард, ки дар он қисман ва ба миқдори кам маълумот оид ба харид пешниҳод мешуд. Соли 2013 системаи автоматикунонидашудаи хариди давлатӣ (ASG3), ба ибораи дигар, системаи хариди электронӣ таъсис, санҷида ва мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, рисолати аввалиндараҷаи муҳими истифодаи давлатии технологияҳои иттилоотӣ дар харидро иҷро намуд. Дар Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013 зарурати рушди васеъ истифодабарии низоми хариди электронӣ ҳамчун воситаи асосии истифодаи самаранок ва сарфакоронаи маблағҳои давлатӣ ва пешгирии коррупсия зикр шудааст. 2020. Аз ҷумла, дар бандҳои 70 ва 72-и Нақшаи чорабиниҳои Стратегия мутаносибан таҳкими низоми хариди электронӣ ва мутамарказсозии ин раванд, ҷойгиркунии маълумот оид ба харид ва баланд бардоштани сифати иттилооти нашршуда дар вебсайти Агентии хариди давлатӣ пешбинӣ шудааст. мол, кор ва хизматрасонӣ дар назди Ҳукумати ҶТ.

Баррасии сомонаи Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон www.zakupkii.gov.tj , ки ба Портали хариди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ном бурда мешавад, аз пешравиҳои назаррас дар самти рушди ташаккул ва татбиқи платформаи техникӣ барои гузаронидани харид, ки шаффофияти расмиёти харидро мустақиман байни муштариён ва таъминкунандагон, иштироки бемамониати дархосткунандагон дар расмиёти харид барои ҳуқуқи шартномаи давлатӣ, кам кардани хароҷот ва вақти ҳам барои муштариён ва ҳам таъминкунандагонро таъмин менамояд ва дар натиҷа паст шудани нақши омили инсонӣ дар зуҳуроти он ҳамчун унсури фасод. Функсияи портали иттилоотии хариди давлатӣ низ хеле муҳим аст, аз ҷумла, реестрҳои фармоишҳо ва шартномаҳо дар бораи расмиёти харид дар марҳилаҳои гуногун дар вақти воқеӣ маълумоти муфассал пешниҳод мекунанд.

Аз маводи иттилоотии дар портал мавҷудбуда бармеояд, ки қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2016, № 8 дар самти густариши истифодаи низоми хариди электронӣ нақши муҳим доранд». Дар бораи ҷамъбасти рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015 ва вазифаҳо барои соли 2016» ва аз 30 декабри соли 2017, № 531 «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 ва вазифаҳои 2017". Ҳиссаи сарфаи электронии маблағҳои давлатӣ назар ба харид ва афзоиши хариди электронӣ хеле зиёд шуд. Аз гузориш бармеояд, ки дар соли 2018 ҷорӣ намудани системаи нави иттилоотии «Харидҳои электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар доираи татбиқи Лоиҳаи Бонки Ҷаҳонӣ IDF № ТФ 016491-ТҶ «Муқаддима ва иқтидор» амалӣ мегардад, ба нақша гирифта шудааст, бунёди хариди электронӣ". Дар ин робита баланд бардоштани иқтидори субъектҳои харидор ва соҳибкорон оид ба иштироки онҳо дар расмиёти савдои давлатӣ. Дар нимсолаи аввали моҳи октябри соли 2017 аз ҷониби Агентӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, ш. Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва Хоруғ дар мавзӯи «Таҷрибаи хариди давлатӣ

тавассути Тоҷикистони электронӣ», ки дар он то 500 нафар намояндагони ташкилотҳои харидор ва таъминкунандагон иштирок намуданд.

Пешравии дар рушди хариди электронӣ бадастомадаро Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд қайд намуд, ки он бо дарназардошти кӯшишҳои назарраси ҷумҳурӣ ҷиҳати таъмини заминаи ҳуқуқии хариди давлатӣ мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва ҷорӣ намудани системаи муосири электронии хариди давлатӣ, ки нияти расонидани кумаки машваратӣ барои осон кардани дастрасии соҳибкорони хурду миёна ба шартномаҳои давлатӣ дар вебсайти худро баён кардааст.

Дар дастгирии ислоҳоти ҷорӣ дар соҳаи хариди давлатӣ, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ низ дар доираи Лоиҳаи дуюми модернизатсияи идоракунии молияи давлатӣ ба Агентӣ дар таҳияи лоиҳаи нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд. Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ», ки ӯҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро тибқи Созишномаи Созмони умумиҷаҳонии савдо оид ба хариди давлатӣ ва Протоколи байни давлатҳои иштирокчии Созишнома дар бораи минтақаи савдои озод аз 18 октябри соли 2011 дар бораи қоидаҳо ва тартиби танзими хариди давлатӣ. Лоиҳаи дуюми FATF инчунин ташкили модели бизнес барои рушди Агентӣ, хадамоти дастгирии корбарон ва платформаи омӯзиши электрониро пешбинӣ мекунад. Умуман, Лоиҳаи мазкур, аз ҷумла, аз ҷониби Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд (АБР) - Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ, аз ҷумла Департаменти Бонки Ҷаҳонӣ маблағгузорӣ мешавад, ки аз ҷониби шарикони байналмилалӣ дар Британияи Кабир рушди байналмилалӣ ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, баланд бардоштани иқтидори Агентӣ дар соҳаи хариди давлатӣ, рушд ва такмили системаи хариди электронии давлатӣ.

Бо мақсади иҷрои вазифаҳое, ки дар Низомномаи Агентӣ аз 3 майи соли 2010 №228 муайян шудаанд, ҳамасола мутахассисони соҳаи харид дар мавзӯи «Идоракунии хариди давлатӣ» такмил дода шуда, тахассуси онҳо такмил дода мешавад. Ҳамин тариқ, дар соли 2017 дар асоси дархости ташкилотҳои харидор 20 нафар кормандони ташкилотҳои гуногун ба курсҳои омӯзишӣ ҷалб карда шуданд, ки аз ин шумора 12 нафар дар асоси натиҷаҳои санҷиши электронӣ ва мусоҳибаи тахассусӣ соҳиби шаҳодатномаи мутахассиси соҳаи харид гардиданд. Дар доираи татбиқи вазифаҳои муқаррарнамудаи Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 дар байни намояндагони бахши хусусӣ оид ба коррупсия дар хариди давлатӣ пурсиш гузаронида шуд, ки натиҷаҳои он дар маҷлис ба инобат гирифта шуданд. фаъолияти ҷории бадан.

Дар Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин сайти htpp://madein.zakupki.gov.tj ба кор даромад, ки вазифаи муҳими манбаи иттилоотии мутамаркази истеҳсолкунандагони ватаниро, аз ҷумла корхонахое, ки ба содирот нигаронида шудаанд, ки ин албатта бояд барои ба бозорҳои хориҷӣ бароматдани махсулоти онҳо мусоидат кунад.

Дар замони ҷаҳонишавӣ ва равандҳои ҷаҳони иқтисодию тиҷоратӣ, инчунин ҳамгироии минтақавӣ, ки аз он бармеоянд, созишномаҳои байналмилалие, ки ба хариди давлатӣ таъсир мерасонанд, ҷузъи муҳими танзими сиёсати миллӣ мебошанд. Тавре маълум аст, дар соли 2013 Тоҷикистон ба Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат (СҶТ) шомил шуд, ки қаблан кори тӯлонӣ оид ба гуфтушунидҳо ва мутобиқгардонии қонунгузории он ба талабот ва меъёрҳои СҶТ идома дошт. Бо дарназардошти банди 4 қисми II Нақшаи чорабиниҳо, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2014 № 691 «Дар бораи Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамбастагӣ» тасдиқ карда шудааст. бо Узвият дар мақоми иҷрои банди 4 Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат, "нозир" Тоҷикистон Созишномаи Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат оид ба

хариди давлатиро ба даст оварда, аз соли 2015 то имрӯз бо кишварҳои ширкаткунанда чанд даври музокироти дуҷониба анҷом додааст. Дар Шартнома, дар чаҳорчӯби ин музокирот Тоҷикистон як бастаи пешниҳодҳоро омода ва тасҳеҳ кардааст, ки аз ҷониби кишварҳои ширкаткунандаи Созишнома баррасӣ хоҳанд шуд.

Протоколи байни давлатҳои иштирокчии Созишномаи минтақаи озоди савдо аз 18 октябри соли 2011 дар бораи қоидаҳо ва тартиби танзими хариди давлатӣ, ки 7 июни соли 2016 дар шаҳри Бишкек ба имзо расид, инчунин то андозае муттаҳидсозии қонунгузории кишвар дар доираи Протоколи мазкур. Аз ҷумла, Агентӣ бо мақсади иҷрои расмиёти дохилӣ лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи тасдиқи Протоколи байни давлатҳои иштирокчии Созишномаи савдои озод» таҳия ва ба вазорату идораҳо пешниҳод намуд. Минтақаи аз 18 октябри соли 2011 дар бораи қоидаҳо ва тартиби танзими хариди давлатӣ» .

Экскурсияи пешниҳодшуда оид ба таърихи ташаккул ва рушди минбаъдаи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба хариди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сиёсати марбут ба он, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, хеле пурмазмун буда, барои масъулини идоракунии давлатӣ таваҷҷӯҳи зиёд дорад ки ин қисми муҳими харoҷоти давлатиро чуқуртар омӯзанд.

**Адабиёт**


1. «Масъалахои Агентии хариди мол, кор ва хизматрасонии тибки карори Хукумати Чумхурии Точикистон аз 8 майи соли 2001, № 214.
2. «Дар бораи такмили минбаъдаи сохтори мақомоти иҷроияи марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Фармони Президенти Ҷумҳурии Тотористон аз 9 марти соли 2010 № 832.
3. «Дар бораи Агентии хариди давлатии мол, кор, хизмат ва ташкили фаъолияти биржа». Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2008 № 126.
4. «Дар бораи Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Хукумати Чумхурии Точикистон». Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010 № 228.
5. «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, No228». Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 октябри соли 2012, № 564
6. «Дар бораи ворид намудани тагйироту иловахо ба карори Хукумати Чумхурии Точикистон аз 3 майи соли 2010, № 228». Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2015, No618.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012. http://prezident.tj/ru/node/1083.
8. «Дар бораи такмили сохтори мақомоти ичроияи марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Қарори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2006 № 9, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2007 № 246.
9. «Дар бораи Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020». Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, № 1504.
10. «Дар бораи Барномаи мутобиқ гардонидани иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвият дар Созмони умумиҷаҳонии савдо». Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2014 No691.
11. «Ҳисобот дар бораи баҳодиҳии низоми хариди давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Ҳуҷҷати Бонки Ҷаҳонӣ, 4 декабри соли 2003 www.zakupki.gov.tj.

# ГОСУДАРСТВЕННЫЕ ЗАКУПКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН: ИСТОРИЯ, РОЛЬ И ФУНКЦИИ УПОЛНОМОЧЕННОГО ОРГАНА

**ДЖАЛОЛОВ АБДУФАЙЁЗ АБДУМУМИНОВИЧ,**
кандидат экономический наук, доцент
кафедры государственного управления и национальной экономики
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саид Носира, 33.
Тел.: (+992) 937-00-60-80. E-mail: abdufayoz1988@mail.ru

*В статье исследуется изучение государственных закупок Республики Таджикистан: история, роль, задачи уполномоченного органа в сфере, как правило, направленные на соблюдение целевой части средств, выделяемых из бюджета. С изменениями государственного устройства в новейшей истории Таджикистана государственные учреждения республики прошли различные этапы становления, включая создание, реорганизацию и ликвидацию. Главной целью реформ органов государственного управления, роль которых в обеспечении устойчивого развития страны чрезвычайно важна по определению, была адаптация их задач и возможностей к новым и изменившимся условиям. Постоянное совершенствование структуры государственного управления и оптимизация деятельности органов государственной власти требовали перехода к рыночным формам отношений и своевременного реагирования на возникающие вызовы в направлении адекватного государственного управления.*

*Обеспечение государства и его субъектов товарами, работами и услугами в изменившейся экономической структуре потребовало определения приоритетов достижения целей, разработки законодательства и создания отдельной структуры с определением целей и задач, отвечающих современным требованиям и наделение соответствующими полномочиями. Принятие Закона Республики Таджикистан (ЗРТ) от 12 декабря 1997 года № 511 «О государственных закупках товаров, работ и услуг» фактически стало отправной точкой в этом направлении, за которым последовало установление ответственного органы по госзакупкам.*

*Согласно Постановлению Правительства Республики Таджикистан от 8 мая 2001 года № 214 «Вопросы Агентства по закупкам товаров, работ и услуг при Министерстве экономики и торговли Республики Таджикистан», данное Агентство является уполномоченным закупочным органом, реализующим национальную политику закупок товаров, работ и услуг. Этим решением утвержден план управления и структура аппарата Агентства в штате 30 единиц, включая представителей Агентства в регионах. В состав центрального аппарата Агентства входили коллегия, три отдела регулирования закупок (за счет средств республиканского бюджета, местного бюджета и закупок и услуг), а также финансово-распорядительный отдел. В план управления Агентства входили центральный офис и региональные отделения в городах Худжанд, Хорог, Курган-Тюбе, Куляб и Гармском районе.*

***Ключевые слова:*** *Государственные закупки, государственные нужды, планирование, типовые контракты, механизмы контроля, эффективность расходования бюджетных средств, история, государственное устройство, реформа, реорганизация, адаптация.*

# PUBLIC PROCUREMENTS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: HISTORY, ROLES OF THE FUNCTION OF THE AUTHORIZED BODY

**JALOLOV ABDUFAYOZ ABDUMUMINOVICH,**
Candidate of Economics, Assistant Professor of the
Department of Public Administration and National Economy of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 937-00-60-80. E-mail: abdufayoz1988@mail.ru.

*The article examines the study of public procurement of the Republic of Tajikistan: history, role, tasks of the authorized body in the field, as a rule, aimed at compliance with the target part of the funds allocated from the budget. With changes in the state structure in the modern history of Tajikistan, the state institutions of the republic went through various stages of formation, including the creation, reorganization and liquidation. The main goal of the reforms of public administration bodies, whose role in ensuring the sustainable development of the country is extremely important by definition, was the adaptation of their tasks and capabilities to new and changed conditions. Constant improvement of the structure of public administration and optimization of the activities of public authorities required a transition to market forms of relations and a timely response to emerging challenges in the direction of adequate public administration.*

*Providing the state and its subjects with goods, works and services in the changed economic structure required the definition of priorities for achieving goals, the development of legislation and the creation of a separate structure with the definition of goals and objectives that meet modern requirements and the empowerment of appropriate powers. The adoption of the Law of the Republic of Tajikistan (LRT) dated December 12, 1997 No. 511 "On public procurement of goods, works and services" actually became the starting point in this direction, followed by the establishment of a responsible public procurement authority.*

*According to the Decree of the Government of the Republic of Tajikistan dated May 8, 2001 No. 214 "Issues of the Agency for the Procurement of Goods, Works and Services under the Ministry of Economy and Trade of the Republic of Tajikistan", this Agency is an authorized procurement body that implements the national policy for the procurement of goods, works and services. This decision approved the management plan and the structure of the Agency's staff in the state of 30 units, including representatives of the Agency in the regions. The central office of the Agency included a collegium, three procurement regulation departments (at the expense of the republican budget, local budget and procurement and services), as well as a financial and administrative department. The Agency's management plan included the central office and regional offices in the cities of Khujand, Khorog, Kurgan-Tube, Kulyab and the Garm region.*

***Key words:*** *Public procurement, public needs, planning, standard contracts, control mechanisms, efficiency of spending budget funds, history, government structure, reform, reorganization, adaptation.*

УДК: 331

# ХУСУСИЯТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

**ҒАФОРЗОДА ҶОНОНА ҒАФОР,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел.: (+992)-931-01-86-86. E-mail: karaeva.j@mail.ru
**ҶАМШЕДИ ҶУНАЙДУЛОЗОДА,**
докторанти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнй.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел.: (+992) 907-11-33-31. E-mail: jstar_90@list.ru.

*Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳанд, ки таҳсилот яке аз омилҳои муҳим дар рушди устувори ҳар як кишвар ба ҳисоб меравад. Таҳсилот асоси рушди иқтисодиёти миллӣ ва қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеаро дар маҷмӯъ ташаккул медиҳад.*

*Таҳсилот ин раванди омӯзиш барои манфиатҳо ҷиҳати ташаккулёбии шахсият буда, гирифтани сатҳи муайяни таҳсилотро ба донишҷӯён таъмин менамояд.*

*Дар шароити рушди устувори иқтисодиёт, таҳсилот – ин “лифти иҷтимоӣ” -и асосӣ мебошад, ки ба шахси соҳибистеъдод барои соҳиб шудан ба мақоми баланди иҷтимоӣ аз сатҳи поёнии ҳаёти ҷамъиятӣ оғоз карда, имкон медиҳад.*

*Байни таҳсилот ва иқтисодиёт муносибати бевосита вуҷуд дорад. Аз сатҳи рушди иқтисодиёти миллӣ вазъи таҳсилот ва сатҳи рушд вобаста мебошад, сифати таҳсилот бошад, самаранокии худи иқтисодиётро муайян менамояд, бинобар ин таҳсилоти миллӣ тибқи дурнамо бояд барои беҳтар намудани сифати таҳсилот ва эҳтиёҷоти ҷомеа равона карда шавад.*

*Таҳсилот ҳамчун бахши табиии иқтисодиёт маҷмӯи низоми муассисаҳои таълимие мебошад, ки пеш аз ҳама фаъолияти таълимиро, ки ба қонеъгардонии талаботи гуногуни аҳолӣ ба хизматрасониҳои таълимӣ нигаронида шудаанд, амалӣ менамоянд.*

***Калидвожаҳо:*** *таҳсилот, маориф, иқтисодиёт, рушд, соҳа, иҷтимоиёт, талабот, мутахассис, иқтисодиёти миллӣ, таҳсилоти миллӣ, манфиат.*

Таҳсилот яке аз соҳаҳои асосии ҳаёти иҷтимоӣ мебошад, ки аз фаъолияти он ҳолати зеҳнӣ, фарҳангӣ ва ахлоқии ҷомеа вобаста аст.

Дар тӯли таърихи ҷаҳонӣ дар фарҳангҳои гуногун барои муайян намудани нақши фаъолияти таълимӣ муносибатҳои сершумор ташаккул ёфтаанд. Умуман онҳоро метавон чунин натиҷагирӣ намуд:

- таҳсилот ҳамчун механизми таҳвил додани иттилоот хизмат менамояд, ки ба насли наврас ҷиҳати зиндагӣ кардан кӯмак намуда, барои пешрафти минбаъдаи онҳо заминаро ба вуҷуд меорад;
- таҳсилот вазифаи "мерос"-ро дорад, мо донишро аз як насл ба насли дигар барои ҳифз ва ғанӣ гардонидани он меомӯзонем;
- таҳсилот усули истеҳсоли аъзоёни манфиатноки ҷомеа ба ҳисоб меравад [1 с. 165.].

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки 27 декабри соли 1993 қабул гардида, ба он тағйиру иловаҳо аз 22 июли соли 2013 ворид шудааст, таҳсилот – раванди муттасили таълиму тарбия, ки ба инкишофи маънавӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва салоҳияти касбии шахс равона карда шудааст, мебошад. [2 с. 87.].

Бинобар ин, мо чунин меҳисобем, ки таҳсилот яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолият ба ҳисоб рафта, ба рушди шахсият ва давлат дар маҷмӯъ мусоидат менамояд.

Ҳадафи таҳсилот пеш аз ҳама, «қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти фардӣ барои амалисозии қобилияти потенсиалии ӯ, зиндагӣ кардан, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва сифатнокии кор, дар ин асос барзиёд намудани мероси иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ барои таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад" .

Пас аз пошхурии Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун давлати ягона, дар ҳама ҷумҳуриҳои собиқ шуравии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил тағйиротҳои кулли хусусиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоидошта ба вуҷуд омаданд. Ҳар як кишвар давлати соҳибхтиёр, демократӣ ва ҳуқуқбунёд гашта, таҳия намудани тарҳҳои муайяни таълимиро барои шаҳрвандони худ оғоз намуданд ва дар ин ҳангом усулҳои умумии низоми таълимии даврони шӯравӣ нигоҳ дошта мешуданд. Ҳамзамон, дар самти таҳсилоти тодонишгоҳӣ ва дар донишгоҳҳо тағйиротҳо ворид карда шуданд, ки ба усулҳои имконпазирии гирифтани таҳсилот, ҳамчун таҳсилоти миёна, миёнаи касбӣ ва олӣ нигаронида шудаанд.

Бо вуҷуди ин, сатҳи таҳсилотро дар давлат, инчунин раванди ташкили таҳсилотро дар муассисаҳои таълимӣ арзёбӣ намуда, метавон хулосабандӣ намуд, ки аз ҳалли ин мушкилот асосан ҳолат ва рушди қобилият доштани таҳсилоти умумӣ, зеҳнӣ, касбӣ ва фарҳангии аҳолӣ вобаста аст.

Бо вуҷуди ин, дар шароити рушди муносибатҳои бозаргонӣ, таҳсилот самти асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ин нишон медиҳад, ки "дар давоми 5 соли охир маблағгузории мақсадноки соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ тақрибан 11 миллиард сомониро ташкил намудааст" [3 с. 12.].

Дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф муассисаҳои таълимии давлатӣ ва хусусӣ кушода шуданд.

Таъсисёбии муассисаҳои таълимии хусусӣ ба баланд гардидани сифати таълим мусоидат намуд. Бо вуҷуди ин, айни замон рушди шабакаи муассисаҳои таълимии хусусӣ дар маҳалҳо суст ба роҳ монда шуда, умуман онҳо дар шаҳрҳо ва маркази ноҳияҳо инкишоф меёбанд.

Дар ин шароит заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ҷузъи таркибии механизми мавҷуда дар низоми ягонаи идоракунии раванди пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва омодасозии кадрҳои коргарӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар солҳои ба даст овардани соҳибистиқлолӣ барои таҳкими заминаҳои ҳуқуқии низоми таълимии кишвар, як қатор қонунҳо қабул гардидаанд, ки рушди минбаъдаи ин соҳаро муайян намуданд, аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олӣ ва баъди донишгоҳӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ", Консепсияи миллии таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", инчунин беш аз 150 қонун ва санадҳои меъёрӣ, низомномаҳо дар бораи муассисаҳои таълимӣ таҳия гардидаанд. Ҳамаи санадҳои мазкур ҷавобгӯи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ мебошанд.

Тадқиқотҳои дар самти мазкур гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки дар давоми 3 соли охир дар низоми таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба заминаи ҳуқуқӣ ва меъёрҳои нави таҳсилот ислоҳотҳо гузаронида шудаанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ» қонуни асосии соҳавӣ ба ҳисоб меравад. Мутобиқи қонуни мазкур ҳадафи чунин низом таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба дастрасии умумӣ, ройгон, кӯмак ва дастгирии донишҷӯёни лаёқатманд, инчунин қонеъгардонидии эҳтиёҷоти аҳолӣ барои гирифтани таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошад.

Таҳсилот ҳамчун бахши табии иқтисодиёт маҷмӯи низоми муассисаҳои таълимие мебошад, ки пеш аз ҳама фаъолияти таълимиро, ки ба қонеъгардонии талаботи гуногуни аҳолӣ ба хизматрасониҳои таълимӣ нигаронида шудаанд, амалӣ менамоянд.

Бо назардошти ин, моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" сохтори зеринро дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд [4 с. 7.]:

- таҳсилоти умумӣ;
- таҳсилоти умумии асосӣ;
- таҳсилоти ибтидоии касбӣ (ТИК);
- таҳсилоти миёнаи касбӣ (ТМК);
- таҳсилоти олии касбӣ (ТОК);
- таҳсилоти касбии (ТК) баъд аз муассисаи олии таълимӣ (МОТ);
- таҳсилоти иловагӣ (ТИ);
- таҳсилоти махсус (ТМ);
- муассисаҳои таълими дигаре, ки раванди таълиму тарбияро амалӣ мегардонанд.

Таҳсилоти томактабӣ – муассисае, ки барои кӯдакони синну соли томактабӣ пешбинӣ гардидааст ва дар он кӯдакони аз як то ҳафтсола бо таҳсилоти ибтидоӣ ва тарбия фаро гирифта шудаанд. Вазифаи ин бахши маориф тайёр кардани кӯдакон барои таҳсилоти ибтидоӣ мебошад.

Таҳсилоти умумии асосӣ - марҳилаи дуюми низоми таҳсилот, ки барои ташаккули шахсияти таълимгиранда ва инкишофи қобилиятнокии ӯ зарур мебошад. Таҳсилоти мазкур барои ҳама зарур ва ҳатмӣ мебошад ва бояд дастрас бошад. Барномаҳои таҳсилоти умумӣ ба мактабҳои ибтидоӣ, умумӣ ва миёна ҷудо мешаванд, ки мақсади азхудкунии маълумоти асосиро доранд ва метавонанд дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ гирифта шаванд.

ТИК метавон дар мактабҳои касбӣ тавассути омӯзиши барномаҳои дахлдор гирифт. Ба муассисаҳои таълимии ТИК дохил мешаванд: литсейҳои касбӣ- техникӣ, литсейҳои касбӣ, марказҳои таълимии шуғли аҳолӣ; марказҳои таълимии иҷтимоию истеҳсолӣ, маҷмааҳои таълимии илмӣ-истеҳсолӣ. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ метавонанд дар асоси ройгон ва шартномавӣ (пулӣ) фаъолият намоянд [4 с. 3.].

Таҳсилоти миёнаи касбӣ - зинаи таҳсилот, тарбия ва инкишофи шахсияти таълимгиранда, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ба роҳ монда шуда, ба онҳо шаҳрвандон метавонанд баъди хатми муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ, миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ дохил шаванд; "Муассисаҳои таълимии ТМК дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар коллеҷҳо ва коллеҷҳои сохтории муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, новобаста аз шакли моликият анҷом медиҳанд"[4 с. 3.].

"Таҳсилоти олиро метавон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ - донишгоҳҳо ва донишкадаҳои олии таълимӣ ба даст овард, ки таҳсилоти касбиро пешниҳод амалӣ менамоянд"[4 с. 3.].

Тавре дар боло зикр намудем, нақши асосиро дар соҳаи маориф қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ дар хизматрасониҳои таълимӣ мебозад. Маҳз он дар ташаккулёбӣ ва инкишофёбии шахсият мавқеъи хеле муҳим ва махсусро ишғол менамояд.

Бинобар ин, сатҳи таҳсилоти сокинон яке аз нишондиҳандаҳои асосии некӯаҳволии аҳолии кишвар ба шумор меравад.

Таҳлили сарчашмаҳо нишон медиҳанд, ки «ноил гардидан ба дастовардҳои соҳаи таълимӣ дар миқёси васеъ - далели равшани зарурнокии ҳамон маҳсулоти талаботи

оммавидошта, ки ин соҳа ба аҳолӣ таъмин менамояд, мебошад. Дар асл, кормандони муассисаҳои таълимӣ эҳтиёҷоти аъзоёни ҷомеаро барои манфиатҳои иқтисодӣ, ки хизматрасониҳои таълимӣ ҳисобида мешаванд, қонеъ карда метавонанд. Онҳо низоми дониш, иттилоот, маҳорат ва малакаҳоеро пешниҳод менамоянд, ки бо мақсади қонеъ гардонидани талаботҳои мухталифи таълимии шахсият дар инкишофи маънавию зеҳнии онҳо истифода бурда мешаванд ва барои худмуайянкунӣ ва худидоракунии шахсият шароитро фароҳам меоранд.

Муаллифи кори илмӣ чунин меҳисобад [5 с. 61.], ки: «... хизматрасонӣ ин амале мебошад, ки тавассути фармоиш иҷро карда мешаванд ва барои таъсиси маҳсулоти мустақил ва ё молу маҳсулот, аз он ҷумла хизматрасониҳои: нақлиётӣ, ҳамчунин интиқоли газ, нафт, маҳсулотҳои нафтӣ, нерӯи барқ ва ё гармидиҳӣ, об, иттилоотӣ; алоқавӣ, маишӣ ва манзилӣ-коммуналӣ; тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш; тандурустӣ, маориф ва ғайра».

Хизматрасониҳои таълимӣ – ин хизматрасониҳое мебошанд, ки ба аҳолӣ аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ анҷом дода мешаванд.

Мувофиқи таснифоти хизматрасониҳо оид ба фаъолияти иқтисодиёти хориҷӣ чунин ҳисобида мешавад, ки: «...хизматрасониҳои таълимӣ ғайримоддӣ ба ҳисоб мераванд, яъне хизматрасониҳое, ки барои қонеъ гардонидани талаботи инсон ҳамчун фард ва ҳамчун аъзои ҷомеа равона гардидаанд. Хизматрасониҳои ғайримоддӣ фарқ карда мешаванд, ки ба шахсони алоҳида, гуруҳи шахсон ва ҷомеа дар маҷмӯъ пешниҳод карда мешаванд. Дар ин ҳолат, ин хизматрасониҳо ҳамчун хизматрасониҳои ғайримоддии истеъмолии гуруҳӣ (коллективӣ) - хизматрасониҳои яквақта ба ҳамаи аъзоёни ҷомеа (илм, идоракунӣ, мудофиа) ва ё аъзоёни гурӯҳҳои алоҳидаи ҷамъиятӣ (маориф, тандурустӣ, нақлиёти мусофирбар) тавсиф карда мешаванд”[6 с. 8.].

Ба ақидаи мо, хизматрасониҳои ғайримоддӣ дар соҳаи маориф - ин хароҷотҳо барои пардохти хизматрасониҳои муассисаҳои таълимӣ оид ба омодасозӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахассисони сатҳҳои гуногун мебошанд.

Дар баробари ин, чунин меҳисобем, ки хизматрасониҳои таълимӣ – ин фаъолияти таълимӣ - педагогӣ мебошад; таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо имкониятҳои гирифтани маълумот, ки арзиши қувваи коргарии истеъмолкунандагонро баланд бардошта рақобатпазирии онро дар бозори меҳнат беҳтар мегардонад; низоми дониш, иттилоот, маҳорат ва малакаҳо, ки бо мақсади қонеъ намудани талаботҳои гуногуни шахсият ба таълим, ҷомеа, давлат истифода мешаванд; баъзан дар ҳолатҳои алоҳида омодасозии мутахассиси дараҷаи тахассусии муайян барои ташкилотҳои истеъмолкунандагон сурат мегирад.

Бозори хизматрасониҳои таълимӣ "... низоми муносибатҳое, ки бо гирифтани таҳсилот алоқаманд мебошанд. Қисмати муҳимтарини он механизми таъминот ва талабот мебошад, ки мубодилаи мунтазами хизматрасониҳои пулакии таълимиро таъмин менамояд.

Бозори таълимӣ - маконе, ки шарту шароитҳо барои хизматрасониҳои таълимӣ амалӣ карда мешаванд ва талабот, таъминот ва нархҳои хизматрасонӣ ташаккул меёбанд.

«Маҳсулот»-и ниҳоии хизматрасониҳои таълимӣ, ки дар бозори меҳнат пешниҳод мешаванд, мутахассиси дорои хусусиятҳои сифатнок ба ҳисоб меравад. Агар хусусиятҳои сифатнокии ин «маҳсулот» ба талаботи истеъмолкунанда (корфармо) ҷавобгӯ бошад, пас истеҳсолкунандагони онҳо (коллеҷҳо) мавқеъи арзандаро дар бозори

меҳнат пайдо мекунанд. Ин имконият медиҳад, ки мушкилотҳо ҷиҳати таъмини хатмкунандагон бо ҷои кор ҳалли худро ёбад.

Ҳангоми таҳияи стратегия, ташкилотҳои таълимӣ бояд хусусиятҳои махсуси хизматрасониҳои таълимиро (ХТ) ба инобат гиранд:

- сатҳи ХТ аз сатҳи омӯзиши қаблии донишҷӯ, қобилият ва хоҳиши истифодабарии ӯ аз хизматрасониҳои таълимӣ вобастагӣ дорад;
- истифодабарии хизматрасониҳои таълимӣ боиси такмил додани мутахассисони сифатнок мегарданд;
- гирифтани манфиат дар лаҳзаи гирифтани ХТ;
- ХТ дорои арзиши баланд мебошанд;
- ХТ на танҳо ба донишҷӯи ин хизматрасониҳоро ба даст оварда манфиат меорад, балки инчунин ба ҷомеа низ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, оғоз аз давраи иқтисодёти нақшавӣ то ба имрӯз, давлат харидори асосии хизматрасониҳои таълимӣ буд ва боқӣ мемонад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи Конститутсия, "ҳар шахс ҳуқуқи таълими ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ дорад ва ҳар шахс дар асоси озмун ҳуқуқ дорад таълими миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад".

Аксарияти ХТ ба муассисаҳои таълимии давлатӣ рост меоянд, ки талаботи истеъмолкунандагонро ба ин маҳсулоти зеҳнии «ройгон» пурра қонеъ мегардонанд.

Аз нуқтаи назари мантиқӣ, мо чунин меҳисобем, ки харидорони хизматрасониҳои таълимӣ аҳолӣ ва шахсони ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд, зеро маблағҳои буҷетӣ аз ҳисоби андозҳое ташкил карда мешаванд, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пардохт менамоянд ва маҳз ҳамин пардохтҳо ҳамчун воситаи пардохти ин хизматрасониҳои мазкур хизмат менамоянд.

Ба ақидаи таҳқиқгари дигар "соҳаи маориф ба таври назаррас дар ҷомеаи иттилоотӣ бо соҳаҳои иқтисодии ҳаёти ҷомеъа алоқамандии калон дорад. Фаъолияти таълимӣ ҷузъи муҳими рушди иқтисодӣ мегардад ва дар ин ҳолат сохтори муносибатҳо бо дигар бахшҳои фаъолият тағйир меёбад. Дар бахшҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии ҳаёти ҷамъиятӣ мунтазам навсозии донишҳо, гирифтани иттилооти нав аз манбаъҳои мунтазам афзоишёбандаи миқдорӣ ва сифатан баланд ва дарки он ба вуҷуд меоянд."

Мо чунин меҳисобем, ки хизматрасониҳои таълимӣ қисми таркибии хизматрасониҳое мебошанд, ки аз ҷониби давлат ба аҳолӣ пешниҳод шудаанд.

Муаллифи ин кори илмӣ ақида дорад, ки "... таҳсилотро метавон ба чунин неъматҳои муҳими иҷтимоӣ мансуб донист. Дар натиҷа, хизматрасониҳои таълимӣ метавонанд на танҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ, балки аз ҷониби ташкилотҳои хусусӣ пешниҳод карда шаванд ва нақши мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ бошад, аз фароҳам овардани шароитҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, инчунин аз ташкили пешниҳоди чунин хизматрасониҳо иборат мебошад."

Дар кори илмии худ Железов Б. В., Кудюкин П.М. ва Шувалов О.Р. чунин ақида доранд, ки "... таҳсилотро метавон аз нуқтаи назари истеъмолкунандаи неъматҳо барои ҳар шахси алоҳида баррасӣ намуд. Бинобар ин, муносибати мазкур бо интихоби муайяни муассисаи таълимӣ бо имкониятҳои минбаъда ҷиҳати таъмин гардидан бо ҷои кор, ки метавонад бо мақсади баровардани хароҷотҳои таҳсилот даромад биёрад, ҳамроҳӣ карда мешавад. Аммо, гурӯҳҳои алоҳидаи одамон ба таҳсилот аз нуқтаи назари гирифтани фоидаҳои моддӣ дар минбаъд муносибат наменамоянд, ин барои онҳо аллакай худ арзиш дорад».

А.О. Ченсов ақида дорад, ки «...хизматрасониҳои таълимӣ дар ҷараёни корҳои илмӣ ва педагогӣ ташкил карда мешаванд, ки дар навбати худ яке аз намудҳои мухталифи корҳои илмӣ ба ҳисоб мераванд. Натиҷаи корҳои илмию педагогиро метавон маҳсулоти таълимӣ номид. Маҳсулоти таълимӣ – ин як қисми маҳсулоти зеҳнӣ аст, ки ба бахши дахлдори хизматрасониҳои таълимӣ мутобиқ карда шудааст».

М.А. Лукашенко, "...зери мафҳуми ниҳоии маҳсулоти таълимӣ маърифатнокии фардиро дарк менамояд ва маҳсулоти фосилавии таълимӣ ҳамчун натиҷаи марҳилаҳои фосилавии истеҳсолоти таълимӣ, ки дар молу маҳсулоти хизматрасониҳои таълимӣ ифода ёфтааст, баррасӣ карда мешаванд”.

А.М. Стрижов зери маънои хизматрасониҳои таълимӣ «фаъолияти мақсаднок, ки тавассути ҳамкории мутақобила байни иштирокчиёни раванди таълиму тарбия анҷом дода мешавад ва барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шахсият ба таълим равона гардидааст.» фаҳмидааст. Р. Ҷапарова мафҳуми хизматрасониҳои таълимиро чунин арзёӣ намудааст: «хизматрасониҳои таълимӣ ин фаъолияти интиқол додани донишҳои низомӣ ва талқини малакаҳои амалии таҷрибакардашуда ба навъи муайяни таълим тавассути муошırати бевосита бо донишҷӯён».

Муаллиф Е.Д. Липкина тавсифи зерини ХТ чунин маънидод кардааст: «маҷмӯи донишҳо, малакаҳо, қобилиятҳо ва миқдори муайяни иттилооте, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти мушаххаси инсон ва ҷомеа барои рушди зеҳнӣ ва гирифтани малака ва маҳорати касбӣ истифода мешаванд». СА.Зайчикова ХТ ҳамчун «низоми донишҳо, маҳорат ва малакаҳое, ки бо мақсади қонеъ намудани талаботи фардӣ, ҷомеа ва давлат истифода мешаванд ва барои баланд бардоштани сармояи инсонӣ равона шудаанд» мефаҳмонад.

Н. Н. Терещенко муассисаҳои таълимиро чун «маҷмӯи умумии фаъолиятҳо: хусусияти тарбиявӣ ва таълимӣ дошта, ки барои қонеъ гардонидани талаботи эҳтиёҷоти шахс равона карда шудааст, ки дар натиҷаи фаъолияти онҳо мукаммалгардонии малакаҳои мавҷуда ва ба дастовардашуда ба амал меоянд» баррасӣ мекунад,

В. Н. Зотов чунин мешуморад, ки «хизматрасониҳои таълимӣ – ин миқдори маълумотҳои таълимӣ ва илмӣ мебошанд, ки ба шаҳрванд дар шакли маҷмӯи донишҳои хусусияти иҷтимоӣ ва махсусдошта, инчунин малакаҳои таҷрибавии ба шаҳрванд пешниҳодгардида, тибқи барномаи мушаххас дода шудааст».

Олим Т.А. Сон тасдиқ менамояд,  ки "... хизматрасониҳои таълимӣ ин натиҷаи фаъолияти таълимӣ, идоракунӣ ва молиявию хоҷагидории муассисаи таълимӣ мебошад, ки барои қонеъ намудани талаботи истеҳсолӣ ҷиҳати омодасозӣ, коромӯзӣ ва такмили ихтисоси қувваи кории шахсони алоҳида барои гирифтани касб ва ё тағйири тахассус равона гардидааст...».

И. Б. Романова мафҳуми ХТ чунин маънидод намудааст «фаъолияти меҳнатии воҳиди иқтисодӣ, ки барои қонеъ гардонидани талаботи баъзе субъектҳо дар таҳсилот равона гардидааст (яъне гирифтани дониш, маҳорат ва малакаҳои банизом даровардашуда), ки бо розигии қаблии субъекти мазкур амалӣ карда мешавад».

Ҳамин тариқ, бо назардошти хусусиятҳои ХТ, мо чунин меҳисобем, ки хизматрасониҳои таълимӣ – ин раванди маҷмаавӣ, ки барои таҳвил додани дониш маҳорат ва малакаи хусусияти таҳсилоти умумӣ, касбӣ ба истеъмолкунанда бо мақсади қонеъ гардонидани талаботҳои шахсӣ, гуруҳӣ ва иҷтимоӣ равона гардидааст.

Дар кори худ Котлер Ф. чунин мешуморад, ки «хизматрасониҳои таълимӣ нерӯи иқтисодӣ дар шакли маҳсулоти маънавӣ мебошад, ки қобилияти қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти инсонро барои гирифтани дониш, маҳорат ва малака дорад».

А. Панкрухин хусусиятҳои зерини хизматрасониҳои таълимиро муайян намудааст: «нобаробарии хизматрасониҳои таълимӣ то лаҳзаи гирифтани маълумот ба сифати диплом ва ё шаҳодатнома, ки ба итмом расонидани барномаҳои муайяни таълимиро тасдиқ менамоянд; имконнопазирии ҷудо кардани хизматрасониҳои аз ҷониби субъектҳо пешниҳодгардида дар қобилияти кормандони соҳаи хизматрасониҳои таълимӣ барои пайдо кардани манфиатҳои умумӣ бо истеъмолкунандагон; тағйирот дар сифати хизматрасониҳои таълимӣ аз ду хусусияти аввал вобаста аст, инчунин аз имконнопазирии муайян намудани стандартҳои дақиқ дар робита бо равандҳои мунтазами тағйиротҳои иттилоотӣ дар фаъолияти иҷтимоӣ; норасоии нигоҳдории хизматрасониҳои таълимӣ дар имконнопазирии нигаҳдории онҳо ва дар раванди рушди ҷомеа фаромӯш кардани донишҳои пештара гирифта дарҷ гардидааст.».

Панкрухин А.П. меҳисобад, ки «хизматрасониҳои таълимӣ чун ҳама гуна молу маҳсулот дар бозори харидорони имконпазир ва фурӯшандагони молу маҳсулот фурӯхта мешаванд. Бозори хизматрасониҳои таълимӣ ҳамчун бозори ҳамоҳангсозии талабот ба хизматрасониҳои таълимӣ аз ҷониби субъектҳои асосии хоҷагидорӣ ва таъмини онҳо бо муассисаҳои гуногуни таълимӣ амал мекунад. Ҳамзамон, набояд дар бораи мавҷудияти миёнаравҳо дар шакли хизматрасониҳои шуғл ба аҳолӣ, биржаи меҳнат, мақомоти бақайдгирӣ, иҷозатномадиҳӣ ва эътирофкунии муассисаҳои таълимӣ, фондҳои таълимӣ, ассотсиатсияҳои муассисаҳои таълимӣ ва корхонаҳо, марказҳои махсуси таълимӣ ва ғ. фаромӯш намуд».

Ҳамин тариқ, бозори муосири хизматрасониҳои таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати хеле кӯтоҳ ташкил гардидааст ва муносибатҳои бозаргонӣ дар соҳаи маориф танҳо гирифтани шаклҳои мутамарказро оғоз намудаанд. Ҳамин тариқ, таъминоти хизматрасониҳои таълимӣ солҳои охир босуръат афзоиш ёфтаанд, баъзан аз талабот зиёд мебошанд. Бинобар ин, солҳои охир ба донишҷӯ ҳамчун истеъмолкунандаи асосии хизматрасониҳои таълимӣ муносибати махсус дода шудааст. Дар шароити мубориза барои донишҷӯ (мизоҷ), муносибатҳои рақобатпазирӣ ҳама бозорҳои хизматрасониҳои таълимиро фаро гирифтаанд, мутаносибан донишгоҳҳо кӯшиш менамоянд, ки мавқеъи худро дар самти тиҷорати соҳаи таълим ишғол кунанд.

**Адабиёт**


1. Шатская И.В. Трансформатсияи низоми омодасозии кадрҳо дар шароити навсозии иқтисодиёти Россия. Дис...док. ил.икт.: 08.00.05/Шатская Ирина Вячеславовна.-М,2015.-165с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Душанбе, 22 июни с.2013, №1004.-С 203.
3. Маълумоти омории ҳамасолаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,- Душанбе: АСПРТ, 2016.-С.12.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Душанбе, 22 июни с.2013, №1004.-С.-7
5. Катаева З.А. Асосҳои ташкилӣ-иқтисодии ташаккул ва рушди бозори хизматрсониҳои таълимӣ дар ҶТ. Дис..ном.илм.икт.: 08.00.05/Катаева Зумрад Амировна.-Душанбе,2006.-С.61.
6. Таснифоти хизматрасониҳо оид ба фаъолияти иқтисодиёти хориҷӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,- Душанбе,1999.-С.8.
7. Леденева И.Н. Маркетинг дар низоми таҳсилоти миёнаи касбиӣ/И.Н. Леденева/Вестники Донишгоҳи давлатии техникии Саратов.-М.:2009. №1(37).-С.214-223.
8. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душане, 2016.-С.64.

9. Идоракунии таҳсилоти муосир: ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ/А.Н.Тихонов, А.Е.Абрамешин, Т.П.Воронина,О.П.Молчанова: дар таҳрири А.Н.Тихонов.-М.:Вита-Пресс, 1998.-С.17.
10. Ченсов А. Дар бораи тиҷорати хизматрасониҳои таълимӣ/Таҳсилоти олӣ дар Россия/А.Ченсов.-1990.-№2-С.120-123.
11. Лукашенко М.А. Муассисаи таҳсилоти олӣ дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ:мушкилотҳои муҳими идоракунӣ/М.А.Лукашенко.-М.:Маркет ДС.,2003.-С.-11.

## СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ УСЛУГИ ПО СРЕДНЕМУ ПРОФЕССИОНАЛЬНОМУ ОБРАЗОВАНИЮ

**ГАФОРЗОДА ДЖОНОНА ГАФОР,**
кандидат экономических наук, доцент,
заведующая кафедрой экономики и управления
Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни.
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, просрект Рудаки 121.
Тел.: (+992) 931-01-86-86. E-mail: karaeva.j@mail.ru
**ДЖАМШЕДИ ДЖУНАЙДУЛОЗОДА,**
докторант Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни.
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, просрект Рудаки 121.
Тел.: (+992) 907-11-33-31. E-mail: jstar_90@list.ru

*Опыт развитых стран показывает, что образование является одним из важнейших факторов устойчивого развития любой страны. Образование составляет основу развития народного хозяйства и производительных сил общества в целом.*

*Образование представляет собой процесс обучения в интересах развития личности и обеспечивает учащимся определенный уровень образования.*

*В условиях стабильного экономического развития образование является основным «социальным лифтом», позволяющим талантливому человеку получить высокий социальный статус, начиная с самого низшего уровня общественной жизни.*

*Существует прямая связь между образованием и экономикой. Состояние образования и уровень развития зависят от уровня развития национальной экономики, а качество образования определяет эффективность самой экономики, поэтому национальное образование должно быть направлено на повышение качества образования и удовлетворение потребностей общества.*

*Образование, как естественная отрасль экономики, представляет собой систему образовательных учреждений, осуществляющих преимущественно образовательную деятельность, направленную на удовлетворение различных потребностей населения в образовательных услугах.*

***Ключевые слова:*** *образование, экономика, развитие, промышленность, социальный, спрос, специалист, народное хозяйство, народное образование, интерес.*

## SOCIO-ECONOMIC CHARACTERISTICS OF THE SERVICE FOR SECONDARY VOCATIONAL EDUCATION

**GAFORZODA JONONA GAFOR,**
candidate of economic sciences, associate professor,
head of the Department of Economics and Management of the
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini.
734003, Rebublic of Tajikistan, Dushanbe city, 121, Rudaki avenue.
Phone: (+992)-931-01-86-86. E-mail: karaeva.j@mail.ru.
**JAMSHEDI JUNAYDULOZODA,**
doctoral student of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini.

734003, Rebublic of Tajikistan, Dushanbe city, 121 Rudaki avenue.
Phone: (+992) 907-11-33-31. E-mail: jstar_90@list.ru

*The experience of developed countries shows that education is one of the most important factors in the sustainable development of any country.*

*Education is the basis for the development of the national economy and the productive forces of society as a whole.*

*Education is a process of learning for personal development and provides students with a certain level of education.*

*Under the conditions of stable economic development, education is the main "social lift" that allows a talented person to obtain a high social status, starting from the lowest level of social life.*

*There is a direct link between education and the economy. The state of education and the level of development depend on the level of development of the national economy, and the quality of education determines the efficiency of the economy itself, so national education should be aimed at improving the quality of education and meeting the needs of society. .*

*Education, as a natural branch of the economy, is a system of educational institutions that carry out mainly educational activities aimed at meeting the various needs of the population in educational services.*

***Key words:*** *education, economics, development, industry, social, demand, specialist, national economy, public education, interest.*

УДК.:631.1

# РУШДИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ БОҒПАРВАРӢ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ МАМЛАКАТ

**ДОСТИЕВ ЭРКИН АБДУЛМАҶИДОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
сарходими илмии Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 985-94-00-16. E-mail: erkin.dostiev@mail.ru
**ФАЙЗУЛЛАЕВА КАРОМАТ НАВРУЗОВНА,**
номзади илмҳои иқтисоди, дотсент,
мудири шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар комплекси агросаноатии
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии
Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21 “а”.
Тел.: (+992) 919-17-47-83. E-mail: karomat-1958@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур рушди истеҳсоли маҳсулоти соҳапарварӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат баррасӣ шудааст. Таҳлилҳо нишон додаанд, ки истеҳсоли маҳсулоти боғпарварӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ нисбати соли 2016 аз 118% то 138% зиёд шудааст*

*Барои рушди соҳаи боғпарварӣ дар минтақаҳои ҷӯмҳурӣ дорои имкониятҳои васеъ мебошад. Аз таҳлилҳо маълум гардидааст, ки дар минтақаҳои: Суғд, Хатлон, НТҶ ва хусусан минтақаи Рашт рушди истеҳсоли маҳсулоти мевагиҳо самаранок мебошад.*

*Пешниҳодҳои дар мақола овардашуда барои коркарди навъҳои гуногуни меваҷот, хатҳои технологии муосирро, барои бунёди ҷойҳои кории нав, кафолати таъмини маҳсулоти бо талаботи муосир ҷавобгӯ, сатҳи пасти камбизоатӣ, ғанӣ гаштани буҷет ва паст намудани сатҳи нархи маҳсулоти мевагиҳо мусоидат менамоянд.*

***Калидвожаҳо:*** *маҳсулоти соҳаи боғпарварӣ, рушд, мевагиҳо, истеҳсолоти кишоварзӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳайати кишварҳои дар сатҳи гузариш қарордошта шомил аст, таъмини амнияти озуқавориро яке аз ҳадафҳои аввалиндараҷаи худ мешуморад. Зеро масоили таъмини амнияти озуқаворӣ барои Тоҷикистони тозаистиқлол масъалаест, ки аҳамияти ҳаётӣ дорад.

Дар мақола қайд шудааст, ки азбаски ба ҳиссаи бахши аграрӣ 30-35 % буд, пас дар айни замон бошад, қариб 18 – 23 % аз ҳамаи маҷмӯи маҳсулоти дохилаи дар кишвар ба даст овардашуда рост меомад. Маълум аст, ки бахши аграрии ҷумҳурӣ на танҳо истеҳсолкунандагони асосии маҳсулоти озуқаворӣ, балки маҳсулоти ғайриозуқаворӣ, инчунин маҳсулотҳо ба содиротнигаронидашуда ба монанди пахта, пашм, қароқӯл, тибит (пар), полезӣ ва мевагии нодир, зироати боғӣ, токпарварӣ, ситрусӣ мебошад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки таъминнокии аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ ҳама вақт барои аксарияти кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла барои Тоҷикистон низ масъалаи муҳим низ ба ҳисоб мерафт. Ҳам дар аввалҳо, ва ҳам имрӯз бахши аграрӣ дар стратегияи умумии рушди босуботи ҷумҳурӣ нақши асосиро ишғол мекунад. Маҳз ҳолати он мавқеи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои онро дар тақсимоти байналмилалии меҳнат ва махсусгардонииояндадори он, ки ба хусусиятҳои муносибатҳои бозорӣ ва манфиати кишвар ҷавобгӯ аст, муайян мекунад. Дар ин робита аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди комплекси агросаноатӣ ва дар ин асос таъмини амнияти озуқавории кишвар муҳим мебошад. Бояд қайд кард, ки масъалаи мавриди назар ва

ҳолати имрӯзаи он дар илми ватании иқтисодӣ набудани назарияи мувофиқи тақиягардидаи мушкилоти мавҷударо нишон медиҳад.

Ба ақидаи мо барои расидан ба таъмини амнияти озуқаворӣ, ташкил намудани хоҷагиҳои ниҳолпарварӣ, васеъ кардани майдони боғу токзор дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, афзун намудани нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмин намудани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти ватанӣ зарур мебошад. Илова бар ин соҳибкорони маҳаллӣ, олимони соҳа ва деҳқононро зарур аст, ки барои коркарди навъҳои гуногуни меваҷот, хатҳои технологии муосирро, ки барои бунёди ҷойҳои кории нав, кафолати таъмини маҳсулоти бо талаботи муосир ҷавобгӯ, сатҳи пасти камбизоатӣ, ғанӣ гаштани буҷет ва паст намудани сатҳи нарх мусоидат мекунад, бунёд намоянд [1].

Имрӯз таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳалли масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ, ки он ду масъалаи муҳим, яъне дастрасии озуқаворӣ ва бехатарии озуқавориро фаро мегирад, нигаронида шудааст. Дар асоси ин масъала бо мақсади таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ, маҳсулоти кишоварзӣ нигоҳдорӣ ва коркард мегардад ва ҳиссаи он бо роҳи ёфтани бозори мувофиқи фурӯш содирот карда мешавад.

Яке аз масъалаҳои муҳими таъмини амнияти озуқаворӣ, танзими нархи маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Мутахассисони соҳа усулҳои гуногуни танзими нархи маҳсулоти кишоварзиро муайян намудаанд, ки яке аз усулҳои асосии танзими нарх, муайян кардани ченаки аниқи иловапулӣ мебошад ва истифодабарии ин усул дар баъзе бозорҳои минтақаҳои ҷумҳурӣ ба пуррагӣ мушоҳида карда намешавад.

Тибқи таҳлилҳои оморӣ ҳоло захираҳои бозори истеъмолии кишвар аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзии мамлакат ташаккул ёфта, ин раванд ба фаровонии бозори истеъмолӣ ва нархи маҳсулот таъсири мусбӣ расонида истодааст.

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ҳалли муаммоҳо дар соҳаи боғпарварӣ ба такмилу таҷдид дар хоҷагиҳои боғпарвар оид ба парвариш, идоракунӣ ва ҳамгироии соҳаҳои истеҳсол, инчунин коркарди маҳсулоти боғу токпарварӣ рӯзмарра мебошад. Дар доираи ин раванд мутобиқсозии корхонаҳои дар боло зиркгардида ба баланд бардоштани самараи иқтисодӣ тавассути шомил шудан ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва баланд бардоштани сатҳи илмию техникӣ дар истеҳсолот мусоидат намуда, ба татбиқи техникаю технологияҳои муосир рӯ меоранд. Дар навбати худ ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва сермаҳсул гардонидани истеҳсолот муваффақ мегарданд. Бояд қайд намуд, ки рушди соҳаи боғпарварӣ ва коркарди маҳсулоти он, гузаштан ба зинаи бехатарии истеҳсолот аз ҷиҳати экологӣ ва захира сарфакунанда, таъмини аҳолии кишвар бо маҳсулоти тару тоза ва коркардшудаи ватанӣ, паст намудани шиддати воридоти маҳсулоти боғ аз хориҷ ва расидан ба амнияти озуқаворӣ ба шумор меравад [2].

Дар шароити Тоҷикистон, баланд будани афзоиши табиии аҳолии деҳот ва нисбатан зиёд будани майдони заминҳои бекорхобида, имконияти рушд додани соҳаи боғпарварӣ ва таъмини рушди босуботи ноҳияҳои кӯҳистон мавҷуд мебошад, ки ин аз як тараф ба таъмини аҳолӣ бо маҳсулотҳои истеҳсоли ватанӣ ва аз дигар тараф ба таъмини амнияти озуқаворӣ мамлакат аҳамияти калон дорад.

Ба ақидаи олимони ватанӣ С.М. Гулов ва Т. Пиризода бунёди боғ яке аз чорабиниҳои бомасъулият ба шумор меравад. Аз ин рӯ, барои иҷрои он пеш аз ҳама бояд лоиҳааш кашида шавад. Дар вақти лоиҳакашӣ мутахассисони соҳаҳои хокшиносӣ, иқлимшиносӣ, агрохимикҳо, мелиораторҳо, агрономҳои соҳаи боғдорӣ ва иқтисоддонҳо иштирок карданашон зарур аст. Инчунин барои бунёди боғ риояи талаботҳои боғпарварӣ зарур буда, қабули пешниҳодҳои мутахассисони зикрёфта низ ба инобат гирифта мешавад [3].

Ба ақидаи профессор Ҳ. Умаров бошад, даромади соф аз 1 гектар боғи ситрусӣ нисбат ба 1 гектар пахтаи миёнанах 70-89 маротиба, боғҳои интенсивӣ 15-16 маротиба, ангур 12 маротиба, боғҳои анъанавии донакдор ва тухмдорон 4 маротиба зиёд аст. Аз ин бар меояд, ки даромаднокии 1 гектар боғи ситрусӣ нисбат ба дигар соҳаҳои растанипарварӣ самаранокии бештар дорад. Динамикаи рушди истеҳсоли маҳсулоти боғпарварӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

***Ҷадвали 1 [4]. Динамикаи рушди истеҳсоли маҳсулоти боғпарварӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ (ҳаз.тонн) Сарчашма: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.-2021, саҳ.180.***

| | С о л ҳ о | | | | | с.2020 нисбати с.2016 % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| **Ҷамъоварии умумии ҳосили мева ва буттамева (якҷоя бо ситрусӣ)** | | | | | | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 364,0 | 405,0 | 447,9 | 473,8 | 467,8 | 103,8 |
| ВМКБ | 18,6 | 19,7 | 20,1 | 20,0 | 20,7 | 111,2 |
| вилояти Суғд | 112,7 | 123,7 | 139,3 | 150,9 | 139,4 | 123,7 |
| вилояти Хатлон | 158,9 | 173,8 | 188,5 | 201,5 | 209,1 | 131,5 |
| НТҶ | 73,7 | 87,6 | 99,9 | 101,1 | 98,6 | 133,7 |

Аз таҳлилҳои ҷадвали 1 бармеояд, ки истеҳсоли маҳсулоти мева ва буттамеваҳо 103,8 ҳаз.тонна ё ин ки 103,8% зиёд шудааст. Инчунин истеҳсоли мева ва буттамевагиҳо дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд шудааст. Афзоиши нишондиҳандаи мазкур дар вилояти Суғд соли 2020 дар қиёс ба соли 2016 – 123,7%, дар вилояти Хатлон – 131,5%, дар ВМКБ – 111,2%, дар НТҶ – 133,7% мебошад. Истеҳсоли меваҷот дар ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бештар ба ноҳияҳои Ваҳдат ва Ҳисору Рашт тааллуқ дорад. Зеро дар ин ноҳияҳо дар соли 2020 – 55469 тонна мева истеҳсол гардидааст, ки он тақрибан 55 фоизи истеҳсоли меваҷотро дар минтақа ташкил медиҳад.

Ҳамзамон қайд кардан зарур аст, ки бо мақсади баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар тибқи маълумоти расмии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва деҳқонӣ дар майдони 2114,8 гектар боғ ва дар баробари ин 108,4 гектар боғҳои интенсивӣ бунёд намуданд, ки дар маҷмӯъ масоҳати умумии боғ дар ҷумҳурӣ беш аз 162,7 ҳазор гектарро ташкил дод.

Ҳалли муаммоҳои ташаккул ва рушди соҳаи боғпарварӣ яке аз вазифаҳои муҳими рӯзмарра ва ҳалталаб дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад [5].

Бо мақсади идома бахшидани раванди мазкур, аз ҷониби Ҳукумат барномаи нави рушди соҳаи боғу токпарварӣ барои солҳои 2016-2020 қабул гардид, ки тибқи он дар 5 соли оянда бунёди 20 ҳазор гектар боғу токзори нав пешбинӣ шудааст. Ҳамчунин, қайд кардан зарур аст, ки дар асоси барномаи мазкур бунёд ва барқароркунии боғҳо дар минтақаҳо тақсимот гардидааст.

Масоҳати боғу токзор яке аз нишондиҳандаҳои асосии соҳаи боғу токпарварӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар давраҳои рушди соҳаи кишоварзӣ ва махсусан дар давраи солҳои 2016 – 2020 ба зиёдкунии масоҳати боғҳо аз ҷониби Ҳукумат диққати аввалиндараҷа дода, Барномаи рушди соҳаи боғпарварӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 қабул намуд ва дар заминаи татбиқ ва амалишавии барномаи мазкур масоҳати боғҳо то имрӯз бо суръати хеле баланд вусъат ёфт.

Ҳамин тариқ, барои расидан ба таъмини амнияти озуқаворӣ, ташкил намудани хоҷагиҳои ниҳолпарварӣ, васеъ кардани майдони боғҳоро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, афзун намудани нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмин намудани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти ватанӣ зарур мебошад. Пешниҳодҳои дар мақола овардашуда барои коркарди навъҳои гуногуни меваҷот, хатҳои технологии муосирро, барои бунёди ҷойҳои кории нав, кафолати таъмини маҳсулоти бо талаботи муосир ҷавобгӯ, сатҳи пасти камбизоатӣ, ғанӣ гаштани буҷет ва паст намудани сатҳи нарх мусоидат мекунад, бунёд намоянд. Ба ҳалли масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ, ки он ду масъалаи муҳим, яъне дастрасии озуқаворӣ ва бехатарии озуқавориро фаро мегирад, нигаронида шудааст.

**Адабиёт**


1. Мадаминов А.А. Производство конкурентоспособной продукции – основа устойчивого развития АПК. – Душанбе, Кишоварз, 2003, №2. –С.54–60.
2. Файзуллаева К.Н. Вазъи кунунии коркарди меваю сабзавот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Маводҳои семинари илмӣ – амалии дар мавзӯи “Истифодаи технологияҳои муосир – омили асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ” - Душанбе “Ирфон”, 2018, саҳ.35-41.
3. Гулов С.М., Пирзода Т., Ӯрунов Ӯ., Силвандер В.Г. Боғпарварӣ – Душанбе “Андалеб Р” 2015. С. 7,11.
4. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.-2021, саҳ.180.
5. Ахмедов Д.Х. Механизми рушди боғу токпарварӣ //Вестник педогогического университета имени С.Айни-Душанбе.2015.№- 5-2(66)- С-110-114 (в соавторстве).


## РАЗВИТИЕ ПРОИЗВОДСТВА ПРОДУКЦИИ ДЛЯ САДОВОДСТВА В ОБЕСПЕЧЕНИИ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ СТРАНЫ


**ДОСТИЕВ ЭРКИН АБДУЛМАДЖИДОВИЧ,**
кандидат экономических наук, доцент,
главный научный сотрудник Институт государственного
управления и государственной службы
Академия государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Носира, 33.
Тел.: (+992) 985-94-00-16. E-mail: erkin.dostiev@mail.ru
**ФАЙЗУЛАЕВНА КАРОМАТ НАВРУЗОВНА,**
кандидат экономических наук, доцент,
заведующий отделом изучения процессов кластеризации в агропромышленном комплексе
Института экономики и системных исследований развития сельского хозяйства
Академия сельскохозяйственных наук Таджикистана.
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 21 “а”.
Тел.: (+992) 919-17-47-83. E-mail: karomat-1958@mail.ru



*В данной статье рассматривается развитие производства продукции садоводства в решении обеспечения продовольстввенной безопасности страны. Анализ показал, что производства продукции садоводства в 2020 году по сравнению с 2026 годом регионах республики увеличилась от 118% до 138%.*

*Для развития садоводческие отрасли в регионах республики имеется потенциальные возможности. Анализ показал, что в таких регионах: Согдийской, Хатлонской, РРП и особенно в Раштском регионе развитие садоводства является эффективным.*

*Предложеннные в статье способствует разработки различных сортов фруктов, современная технологическая карта, создание новых рабочих мест, обеспечние фруктовых продукции современному требованию, снижения уровня бедности, пополнение бюджета и снижение реализационная цена на фруктовых продукции.*

***Ключевые слова:*** *садоводческой продукции, развитие, фрукты производства сельского хозяйства, обеспечение продовольственной безопасности.*

## DEVELOPMENT OF PRODUCTION FOR GARDENING IN ENSURING THE FOOD SECURITY OF THE COUNTRY

**DOSTIEV ERKIN ABDULMAJIDOVICH,**
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Chief Researcher of the
Institute of Public Administration and Public Service
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 985-94-00-16. E-mail: erkin.dostiev@mail.ru.
**FAIZULLAEVA KAROMAT NAVRUZOVNA,**
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor,
Head of the Department for the Study of Clustering Processes in the Agro-Industrial Complex of the
Institute of Economics and System Research of Agricultural Development
Academy of Agricultural Sciences of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 21 “a”, Rudaki ave.
Phone: (+992) 919-17-47-83. E-mail: karomat-1958@mail.ru

*This article discusses the development of horticultural production in the decision to ensure the food security of the country. The analysis showed that the production of horticultural products in 2020 compared to 2026 in the regions of the republic increased from 118% to 138%.*

*There are potential opportunities for the development of horticultural industries in the regions of the republic. The analysis showed that in such regions: Sughd, Khatlon, RRP and especially in the Rasht region, the development of horticulture is effective.*

*The proposed in the article contributes to the development of various varieties of fruits, a modern technological map, the creation of new jobs, the provision of fruit products with modern requirements, poverty reduction, replenishment of the budget and a decrease in the selling price of fruit products.*

***Keywords:*** *horticultural products, development, fruit production, agriculture, food security.*

УДК: ТДУ 338.45 (575.3)

# НАҚШИ КОРХОНАҲОИ МУШТАРАК ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МАМЛАКАТ

**МУРТАЗОЕВ ОРАЗ ҚАРАХОНОВИЧ,**
и.в. дотсенти кафедраи фаъолияти бонкӣ,
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кӯч. Деҳотӣ ½.
Тел.: (+992)-918-55-20-09. E-mail: oraz-2009@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур, нақши корхонаҳои муштарак дар рушди иқтисодиёти кишвар мавриди омӯзиш қарор дода шудаст. Чунки, бештар корхонаҳои муштарак бо роҳи ҷалб кардани сармояи хориҷӣ барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот, баланд бардоштани самаранокии корхонаҳо ва иттиҳодияҳои амалкардаистода ба вуҷуд меоянд. Дар баробари ин, дар асоси маълумотҳои оморӣ хулоса ва пешниҳодҳо оварда шудааст. (накаматр аз 150 калима)*

***Калидвожаҳо:*** *сармоя, корхона, сармояи мустақими хориҷӣ, истеҳсолот, минтақаҳои мамлакат, маҳсулоти саноатӣ, рушд, созишнома, ҷалб, иқтисодиёт.*

Баъд аз пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва барҳам хурдани робитаҳои иқтисодий–иҷтимоӣ ва сиёсӣ гардида, дар як муддати кӯтоҳ соҳаҳои саноату сохтумон, нақлиёт ва хоҷагии қишлоқ аз кор бозмонда, иқтисодиёти кишвар бо фаъолияти накардани 80% корхонаҳо ба пурраги фалаҷ гардид.

Мутаассифона, ки бӯҳрони иқтисодии солҳои 90-ум, ки бинобар ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ ба миён омада буд, сабабгори кам шудани истеҳсолот гардид ва он ҳамчунин ба соҳаи саноат низ таъсири худро расонид. Сохтмони ҳатто алакай шурӯъшудаи чандин корхонаҳои саноатӣ дар аввали солҳои 90-ум пурра боздошта шуда буд.

Хушбахтона, имрӯзҳо соҳаи саноат ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардида, метавонад аз ҷиҳати истеҳсоли молҳои ватанӣ ва фурӯши онҳо рақобатпазир бошад. Зеро, ки сиёсати иқтисодии кишвар идомаи мантиқии стратегияи гуногунҷабҳаи давлат ва сохторҳои дахлдори он дар 30 - соли ба даст овардани Истиқлол давлатӣ мебошад, ки таъмини манфиатҳои миллӣ, шароити мусоиди пешрафту тараққӣ ва рушди кишвар ҳамчун субъекти мустақили низоми навини робитаҳои байналмилалӣ ҳадафи марказӣ ва усулии он мебошад.

Ҳукумати ҳар як мамлакат бо мақсади ҳалли дурусти масъалаҳои иқтисодӣ ва таъмини пешрафти иқтисодиёташ сиёсати худро барои чанд соли оянда муайян менамояд. Мақсади асосии сиёсати иқтисодии хукумат чор чиз аст:

1. Таъмини рушди иқтисодиёт;
2. Таҳти назорат гирифтани таваррум (инфлятсия) ё роҳ надодан ба болоравии нархҳо;
3. Роҳ надодан ба бекории шаҳрвандон ё дар дараҷаи муайян нигоҳ доштани сатҳи бекорӣ;
4. Таъмини тавозуни пардохти мусбат ё ба таври дигар таъмини барзиёд будани содирот аз воридот.[6, с.516].

Аз ин лиҳоз, шакли нави ҷараёни тараққиёти хоҷагии ҷаҳонӣ ҳамкории иқтисодии корхонаҳо ба ҳисоб рафта, таъсири худро ба воридшавии дилхоҳ мамлакат ба интегратсияи хоҷаги ҷаҳонӣ мерасонад.

Истилоҳи «корхонаи муштарак» аз калимаи англисии «joint venture» пайдо шудааст, ки чунин намуди корхонаҳо аввалин шуда, дар Ғарб пайдо шудаанд. Корхонаи муштараки аввалин дар асри XIX сохта шудааст. Дар соли 1959 қариб 1000

иттиҳодияҳои амрикои 345 корхонаи муштарак ташкил намудаанд. Дар солҳои 60-уми асри гузашта корхонахои муштарак барои соҳаи коркардабароии саноатӣ сохта шудаанд. Дар давраи аз солҳои 60-ум то 69-ум 1131 фирмаҳои амрикоӣ 520 корхонаи муштарак дар соҳаи коркардабароии саноатӣ сохта шуд. Дар адабиёти гуногун, махсусан дар адабиёти иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ истилоҳҳои гуногуни «корхонаи муштарак», корхонаи омехташуда», «компанияи муштарак», «корхонаи бо иштироки сармояи хориҷӣ» ва ғайра оварда шудааст. Дар мамлакатҳои бо иқтисоди бозори тараққикарда ба монадӣ Олмон, Британияи Кабир, Швецария фаҳмиши «корхонаи муштарак» ва «корхонаи бо иштироки сармояи мустақими хорҷӣ» зич боҳамдигар печидаанд.[5, с.36].

Корхонаҳои муштарак гуфта – дар доираи санадҳои меъёри ва ҳуқуқӣ шакли ҳамкори бо шарикони хориҷӣ буда, аз ҷониби тарафҳо барои иҷро кардани вазифаҳои гуногун, ки дар он моликияти умумӣ ба захираҳои моддӣ ва молиявӣ ташкил меёбад. Хислати муштараки моликият яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи корхонаҳои муштарак мебошад, ки онҳо намуди махсуси моликият буда, дар натиҷаи инкишофи ҳамкории иқтисодии байналхалқӣ пайдо мешаванд. Бинобар ин, корхонаҳои муштарак байни ду ва якчанд шарикони аз давлатҳои гуногун бо мақсадҳои тақсимоти тавакалият, дохилшави ба бозорҳои дигар, қувваи кории арзон, захираҳои арзон ва ғайра созмон дода мешаванд. Корхонаи муштарак ҳамчун воҳиди алоҳидаи иқтисодӣ дар системаи миллии хоҷагидорӣ ва дар иқтисоди ҷаҳонӣ умуман хусусияти худро дорад. Бунёди корхонаи муштарак бо сармояи хориҷӣ метавонад бо 100%-и иштироки сармояи хориҷӣ ё корхонаи муштарак бо иштироки сармояи хориҷӣ аз 100% кам ташкил карда шавад. Масалан: моҳи феврали соли 2019, бо мақсади иҷрои ҳидоятҳои Пешвои миллат байни ширкати ватании «Авесто Гурӯҳ» ва ширкати Ӯзбекистон «Artel Engineering and Management», корхонаи муштаркаи «Артел Авесто Электроникс» дар шакли Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд бо иштироки ҳиссавии байни ду ширкат дар ҳаҷми 50/50-фоизӣ ташкил карда шуд.[7] Дар корхонаҳои муштарак ҳар як шарик манфиатҳои хусусии худро дар амал тадбиқ мекунад.

Бояд қайд намуд, ки бархе аз мамлакатҳо дар натиҷаи пайдо гардидани имконият ва муҷаҳаз намудани корхонаҳо бо технологияҳои муосир, ҳамчун сармоягузор барои сохтани корхонаи муштарак техника ва технологияи истеҳсолии қаблиро ба дигар кишвар ворид намояд. Ин ҳам бошад, дар ҳолати мавҷуд будани захираҳои табиӣ, ашёи хом, қувваи кории арзон ва фазои корӣ амалӣ карда мешавад.

Бинобар ин, тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки содироти сармоя аз ҷониби натанҳо мамлакатҳои тараққикарда, балки аз ҷониби як қатор мамлакатҳои ру ба инкишоф низ эътимоди ҳамкорӣ ва тамоюли рушди сармоягузорӣ низ хуб ба назар мерасад. Яъне, ки дар бозори байналхалқии сармоя Ҷумҳурии халқии Хитой, Ҳиндустон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Узбекистон, Украина ва як қатори дигар давлатҳо ҳамчун сармоягузор баромад карда истодаанд. Боиси тазаккур аст, ки ширкатҳои мамлакатҳои номбурда, бо мақсади фоидагирӣ ва дарёфти сарчашмаҳои ашёи хом ва қувваи кории арзон, сиёсати сармоягузориро пеш гирифтаанд. Махсусан, ширкатҳои хитоӣ бо мақсади сармоягузорӣ ва истифодаи бартариҳои ҳамкории истеҳсолӣ, дар ҷустуҷӯи бозорҳои хориҷӣ мебошанд. Бинобар ин, якчанд омилҳои зарурие, ки дар раванди ташкили корхонаҳои муштарак нақши муҳимро мебозанд, дар расми 1 оварда шудааст.




*Сарчашма:* **Дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ ва санадҳои меъёрӣ, аз ҷониби муаллиф коркард шудааст.**

***Расми 1. Омилҳои зарурӣ дар раванди ташкили корхонаҳои муштарак***

Қобили зикр аст, ки дар ин радиф шуғлнокӣ ва ҷойҳои нави корӣ дар дохили давлат ташкил гардида, дар корхонаҳои таҳвилкунандагон ва харидорон талабот ба қувваи корӣ зиёд мегардад. Дар натиҷа, робитаи иқтисодӣ зиёд гардида, корхонаҳои муштарак дар ҳалли мушкилотҳои шуғл нақши калидиро мебозанд.

Дар заминаи ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёмҳояшон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи сармоягузории кишварро баррасӣ намуда, қайд намуданд, ки «...зарур аст, ки дар самти пешбурди ҳамкориҳои минбаъда бо мамлакатҳои хориҷӣ, вазорату идораҳо фаъолияти худро ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои миллии кишвар, ҷалби сармояи хориҷӣ, аз ҷумла сармояи мустақим ва технологияҳои нав, харҷи пурсамар роҳандозӣ намоем».[2]

***Диаграммаи №1. Шумораи корхонаҳои муштараки фаъолияткунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои 1991-2019***

(бо адад)




***Сарчашма: Омори солона, 2021 саҳ. 370-371.***

Аз нишондиҳандаҳои диаграмма мушоҳида карда мешавад, ки соли 1991 шумораи корхонаҳои муштараки фаъолияткунанда дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 46 ададро ташкил намудааст. Дар ин давра, яъне соли 1995 ин нишондиҳанда ба 210 адад баробар гардид, ки афзоиш нисбати соли 1991 бештар аз 4,5 баробарро ташкил медод. То ибтидои соли 2000 шумораи корхонаҳои муштараки фаъолияткунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамин ҳудуд ё аниқтар 228 ададро ташкил медоданд. Бинобар таъсири омилҳои гуногуни дохилию берунӣ ва сиёсию иқтисодӣ соли 2000- ум шумораи онҳо ба 108 адад кам гардид. Дар ҳамин давра, дар натиҷаи андешидани тадбирҳои судманд, аз ҷумла ба муомилот баровардани пули миллӣ бо номи "Сомонӣ" ва танзими самараноки миқдори он, инчунин қабули Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз қадамҳои нахустини устуворгардонии иқтисодиёт ба ҳисоб мераванд, раванди афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро таъмин намуд, инчунин ба беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ ва болоравии ҳиссаи соҳаи саноат дар Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ заминаи воқеъӣ гузошт.

Ҷиҳати ноил шудан ба ин ҳадафҳои олӣ моро зарур аст, ки барои боз ҳам ободу зебо гардонидани Ватани азизамон содиқона заҳмат кашем, корҳои бунёдкориву созандагӣ, дигаргуниҳои иқтисодиву иҷтимоиро ба роҳ монда, соҳибкориву сармоягузориро такон бахшем ва ҳарчи бештар ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда, самаранокии идоракунии давлатиро таъмин гардонем.[1]

Аз рӯйи нишондиҳандаҳои диаграмма мушоҳида карда мешавад, ки дар давоми солҳои 2000-2019 пайваста зиёд гардидани шумораи корхонаҳои муштарак дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи сиёсати бомуваффақият ва хирадмандонаи Пешвои миллат дар соҳаи иқтисод мебошад. Агар соли 2000 миқдори умумии корхонаҳои муштарак 108 ададро ташкил намуда бошанд, ин нишондиҳанда соли 2019 ба 624 адад расидааст, ки афзоиш 516 ададро ташкил медиҳад. Ҳанӯз аз давраҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ Ҳукумати мамлакат заминаҳои асосии қонунгузориро пайваста таҳким бахшида, аз ҳамаи имкониятҳо самаранок истифода бурда истодааст, ки мақсад аз ин таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои нави корӣ, беҳдошти зиндагии шоистаи шаҳрвандон ва табдил додани Тоҷикистон ба кишвари содиркунандаи молу маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ба ҳисоб меравад.

Дар айни замон барои таъмини рушди иқтисодиёти мамлакат ва суръат бахшидан ба раванди саноатикунонии босуръат зарур аст, ки сармояи дохилию хориҷӣ бештар ба таъсиси корхонаҳои саноатӣ, дарёфти роҳҳои таъмини самаранокӣ дар фаъолияти корхонаҳои муштараки фаъолияткунанда, васеъ намудани доираи истеҳсолот, дарёфти роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, вусъат додани ҳамкориҳо бо шарикони хориҷӣ, ҷорӣ намудани технологияи муосир ва омода намудани мутахассисон равона карда шавад.

***Диаграммаи №2. Шумораи корхонаҳои муштараки фаъолияткунанда дар ҳудуди минтақаҳои ҷумҳурӣ давоми солҳои 1991-2019***

(бо адад)

**Шумораи корхонаҳои муштараки фаъолияткунанда дар минтақаҳои ҷумҳурӣ давоми солҳои 1991-2019**



| | 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 46 | 210 | 108 | 121 | 149 | 221 | 624 |
| ш. Душанбе | 35 | 111 | 62 | 79 | 112 | 190 | 499 |
| Вилояти Суғд | 2 | 46 | 40 | 30 | 22 | 21 | 26 |
| Вилояти Хатлон | 5 | 28 | 3 | 6 | 3 | 1 | 29 |
| НТҶ | 4 | 24 | 3 | 6 | 12 | 8 | 68 |

***Сарчашма:** **Дар асоси маълумотҳои Омори солона, 2021 саҳ. 370-371 тартиб дода шудааст.***

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба макони ҷойгиршавии корхонаҳои муштараки фаъолияткунанда, бештари онҳо ба шаҳри Душанбе рост меоянд. Масалан агар дар ҷумҳурӣ соли 1991 шумораи чунин корхонаҳо 46 ададро ташкил намуда бошанд, 35 адад ё ин ки 76 фоизи онҳо дар шаҳри Душанбе фаъолият менамуданд. Соли 1995 шумораи умумии чунин корхонаҳо 210 ададро ташкил менамуд, ки 111 адад ё ин ки 53 фоизи онҳо дар шаҳри Душанбе фаъолият менамуданд. Соли 2000 шумораи ин корхонаҳо дар шаҳри Душанбе 62 ададро ташкил менамуданд, ки 57 фоизи миқдори умумии корхонаҳои муштаракро дар сатҳи ҷумҳурӣ ташкил менамуданд. Соли 2010 бошад 112 адад корхонаҳои муштарак дар шаҳр фаъолият менамуданд, ки 75 фоизи миқдори умумиро ташкил менамуданд. Соли 2019 шумораи ин корхонаҳо дар шаҳр ба 499 адад баробар гардид, ки миқдори умумии корхонаҳои муштарак дар сатҳи ҷумҳурӣ 624 ададро ташкил менамуданд ва ҳиссаи корхонаҳои шаҳри Душанбе 80 фоизро ташкил менамуданд.

Аз рӯйи таҳлилҳо маълум гардид, ки аз ибтидои соли 2018 ҳиссаи корхонаҳои муштараки фаъолияткунанда дар ҳудуди ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ низ бештар гардида истодаанд. Барои мисол агар дар ҷумҳурӣ соли 2018 шумораи чунин корхонаҳо 649 ададро ташкил намуда бошанд, 78 адад ё ин ки 12 фоизи онҳо дар ҳудуди ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ фаъолият менамуданд ва соли 2019 низ ин нишондиҳанда қариб 11 фоизро ташкил намудааст. Агар ҳиссаи ин корхонаҳои муштаракро дар ҳудуди ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ соли 1991 муқоиса намоем, 8,6 фоиз, соли 2000- ум 2,7 фоиз, соли 2010 8 фоиз ва соли 2015 3,6 фоизро ташкил намудаанд.

Дар маҷмӯъ, тули си соли Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи бештари корхонаҳои муштараки фаъолияткунанда, баъд аз шаҳри Душанбе ба Вилояти Суғд рост меоянд. Агар Соли 1995 шумораи корхонаҳои муштараки фаъолияткунанда дар Вилояти Суғд 46 адад ё ин ки қариб 22 фоизи шумораи умумии корхонаҳои муштаракро дар сатҳи ҷумҳурӣ ташкил медоданд, соли 2000- ум ин нишондиҳанда ба 37 фоиз, соли 2010 ба 14,7 фоиз ва соли 2015 ба 9,5 фоиз баробар гардид. Бояд қайд намуд, ки сар карда аз соли 1999 дар қаламрави Вилояти Суғд тамоюли миқдоран кам гардидани корхонаҳои муштарак мушоҳида мегардад, лекин ин маънои онро надорад, ки нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти ин корхонаҳо низ паст гардида истодаанд. Аз рӯйи маълумотҳои оморӣ агар соли 2000-ум нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти ин корхонаҳои муштарак ҳамагӣ ба 105,9 млн. сомонӣ баробар гардида бошанд, соли 2010 ба 732,9 млн. сомонӣ, соли 2015 ба 1243,9 млн. сомонӣ ва соли 2019 ба 2817,8 млн. сомонӣ расидааст, ки дар соли 2019 нисбат ба соли 2000-ум зиёда аз 26 баробар афзоиш ёфтааст.

Бинобар ин, доир ба рушди минбаъдаи саноат тамоми барномаю стратегияҳои давлатӣ дар сиёсати иқтисодии ҳукумати кишварамон умеди зиёд мебахшад. Ҳамзамон, аз маълумотҳои оморӣ айён мегардад, ки ҳадафи стратегии миллии рушди босуръати саноатикунонии мамлакат дар амал татбиқ мегардад ва иқтисодиёти мамлакат алалхусус соҳаҳои саноат сол аз сол рушд карда истодааст.[4,-С. 317].

Дар бист соли охир рушди миёнасолонаи иқтисодиёт дар сатҳи 7,5 фоиз таъмин гардида, Маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат аз 1,8 млрд сомонии соли 2000-ум то 95 млрд сомонӣ дар соли 2021 ва даромади буҷети давлатӣ аз 252 млн сомонӣ ба 28 млрд сомонӣ расонида шуд. Яъне Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ қариб 53 баробар ва буҷети давлатӣ 111 баробар зиёд гардида, ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафар аҳолӣ беш аз 30 баробар афзоиш ёфт.[3]

Боиси тазаккур аст, ки дар ҳама ҳолат устувории сиёсии мамалакат барои ташкил намудани корхонаҳои муштарак шароити мусоидро фароҳам меорад. Яъне, ки вазъи

сиёсӣ метавонад, ки боиси кам гардидан ё аз сармоягузорӣ худдорӣ намудани сармоягузорон бошад. Хушбахтона, сол аз сол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолияти сармоягузорон фазои сармоягузорӣ ташкил гардидааст. Аз ин рӯ, корхонаҳои муштараки дар мамлакат амалкунанда, на танҳо барои васеъгардонии иқтидори иқтисодии мамлакат, балки барои васеъкунии иқтидори содиротӣ саҳм гузошта истодаанд. Бештари сармояҳои мустақими хориҷӣ дар мамлакат ба соҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, истихроҷи металлҳо ва сангҳои қимматбаҳо истеҳсоли нушокиҳо ва ғайраҳо равона карда мешаванд. Зеро, ки ингуна молҳо дар таркиби содироти моли тайёр аз Тоҷикистон ҳиссаи калонро доро мебошанд.

Ҳамин тавр, аз таҳлилҳо хулоса бармеояд, ки корхонаҳои муштарак аз камбудӣ ва бартарӣ холи набуда, дар умум ҳалли масъалаҳои муҳими иқтисодиёти муосирро дар бар мегирад. Албатта, бартариҳо дар натиҷаи ташкил гардидани корхонаҳои муштарак аз ташкил намудани ҷойҳои кории нав, зиёд гардидани ҳаҷми молҳои содиротӣ, аз молҳои босифат таъмин намудани бозори дохилӣ, то ба паст намудани сатҳи бекорӣ дар мамлакатро дар бар мегирад. Ҳамзамон, бештари камбудиҳои корхонаҳои муштарак дар он мебошад, ки даромадҳои аз истеҳсоли молҳо ва хадамот бадастомада, ба хориҷи кишвар интиқол мегарданд. Ҳол он, ки фоидаи дар қаламрави мамлакат гирифтаи сармоягузорони хориҷӣ, имкони такроран сармоягузорӣ намуданро доранд. Бинобар ин, ҷалби сармоя ва амали намудани ислоҳотҳои иқтисодӣ дар шароити муосир, ин талаби замон мебошад.

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 22 декабри соли 2016, шаҳри Душанбе.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Душанбе, 22.12.2017 - [Захираи электронӣ]: URL: http://www.president.tj/node/16771
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” 21 декабри соли 2021 ш. Душанбе.
4. Муртазоев О.Қ. Истиқлол – заминаи саноатикунонии босуръати кишвар/Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. ISSN 2308-054X. - Душанбе, 2022. 2(41). – С. 312-317.
5. Смирнова Е.Е., Хвалынская Н.В. Совместные предприятия :закономерности возникновения и перспективы развития. –М.: Изд-во МГУ, 1988. –С. 36.
6. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз. – Душанбе: «ЭР - граф», 2018. - 516 с.
7. Сомонаи расмии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] https://tajsohtmon.tj/tj/navidho/5369-dar-dushanbe-korhonai-mushtaraki-istesoli-tehnikai-maishii-artel-avesto-elektroniks-ba-istifoda-doda-shud.html


# РОЛЬ СОВМЕСТНЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ СТРАНЫ


**МУРТАЗОЕВ ОРАЗ ҚАРАХОНОВИЧ,**
и.о. доцента кафедры банковского дело,
Таджикского государственного университета коммерции.
734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Дехоти 1/2.
Тел.:(+992) 918-55-20-09. E-mail: oraz-2009@mail.ru

*В данной статье исследуется роль совместных предприятий в развитии экономики страны. Потому что большинство совместных предприятий создаются за счет привлечения иностранного капитала для увеличения объемов производства, повышения эффективности действующих предприятий и объединений. При этом выводы и предложения представлены на основе статистических данных.*

***Ключевые слова:*** *капитал, предприятие, прямые иностранные инвестиции, производство, регионы страны, промышленная продукция, развитие, соглашение, привлечение, экономика.*

## THE ROLE OF JOINT VENTURES IN THE DEVELOPMENT OF THE COUNTRY'S ECONOMY

**MURTAZOEV ORAZ KARAKHONOVICH,**
e. o. Associate Professor of the Department Banking,
Tajik State University of Commerce.
734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, ½, Dehoti str.
Phone: (+992) 918-55-20-09. E-mail: oraz-2009@mail.ru

*This article examines the role of joint ventures in the development of the country's economy. Because most joint ventures are created by attracting foreign capital to increase production volumes, improve the efficiency of existing enterprises and associations. At the same time, conclusions and proposals are presented on the basis of statistical data.*

***Keywords:*** *capital, enterprise, foreign direct investment, production, regions of the country, industrial output, development, agreement, attraction, economy.*

**УДК: 334.72(575.3)**

# ПРИНСИПҲО ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ

**АШУРОВ ИХТИЁР САИДОВИЧ,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзӣ
Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. Мирзо Турсунзода, 30.
Тел.: (+992) 905-55-77-88. E-mail: ikhtiyor.ashurov@inbox.ru
**САФАРОВА АНОРХОЛ ҶУМАЕВНА,**
муаллими калони кафедраи менеҷмент ва соҳибкории
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шохтемур.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 146.
Тел.: (+992) 935-01-81-44. E-mail: anora2303@mail.ru.

*Дар мақолаи мазкур дар бораи принсипҳо, нишондиҳандаҳои ва меъёрҳо барои муайян кардани сатҳи бехатарии озуқаворӣ маълумотҳо оварда шудаст. Тибқи ин меъёрҳо талабот ба маводҳои хӯрокворӣ ҳисоб карда шуда, таҳлили таъмини талабот ва нишондиҳандаҳои бехатарии озуқаворӣ ва худтаъминкунии он ҳисоб карда мешавад. Муаллифон принсипҳо ва нишондиҳандаҳои бехатарии озуҳавориро вобаста ба синну сол, ҷинс муайян карда истифодаи онро ҳангоми баҳо додан ба таҳлили таъмини бехатарии озуқаворӣ тавсия додаанд ва чунин хулоса омаданд: бехатарии озуқавории мамлакат, ба риояи принсипҳо ва нишондиҳандаҳои махсусе, ки аз таҷрибаи ҷаҳонӣ бар меояд баҳо дода мешавад. Ин принсипҳо вобаста ба шароити сиёсӣ, ташкилӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ ба роҳ монда мешавад. Принсипҳои асосии таъмини бехатарии озуқаворӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» оварда шудаанд, ки риояи он метавонад кишварро аз хавф нигаҳ дорад.Пояи асосии принсип ва нишондиҳандаҳои асосии таъмини бехатарии озуқавориро таъмини меъёрҳои талаботҳои физиологӣ дар моддаҳои ғизоӣ барои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ба ҳисоб меравад.Дар назар дошта шудааст, ки арзиши энергетикии истеъмоли хӯрока ба гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ тафовут дошта, ба ҳисобгирии он ҳангоми банақшагирии истеҳсолот ва тавозуни таъмини аҳолӣ бо маводҳои ғизоӣ зарур аст.*

***Калидвожаҳо**: принсипҳо, бехатарии озуқаворӣ, нишондиҳандаҳо, сабати истеъмолӣ, меъёрҳои истеъмол, маҳсулотҳои озуқаворӣ, арзиши энергетикӣ, муътадилӣ, меъёрӣ-ҳуқуқӣ, динамикӣ, мунтазамӣ, мутаносибӣ, пайдарпайӣ, навоварӣ, сифатнокӣ, ҳимоявӣ.*

Бехатарии озуқавории мамлакат, дар ҳолати муътадил нигоҳ доштани таъмини озуқаворӣ, миқдоран ва сифатан баҳо додани онро талаб карда, мониторинги нишондодҳои махсуси онро ба роҳ монда, муайян намудани динамикаи тараққиёти ояндаи ӯро дар назар дорад.

Таҷрибаи мамлакатҳои пешқадами дунё нишон медиҳад, бехатарии озуқаворӣ дар пояи принсипҳои ташаккул ва истифодабарии захираҳои ғизоӣ вобаста ба шароити сиёсӣ, ташкилӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ ба роҳ монда мешавад. Бинобар ин, вобаста ба давраҳои он, кор карда баромадани принсипҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ муҳим аст.

Принсипҳои асосии таъмини бехатарии озуқаворӣ барои Тоҷикистон метавонад принсипҳои маъмули барои мамлакатҳои ҷаҳон истифодашаванда, аз ҷумла: муътадилӣ, меъёрӣ-ҳуқуқӣ, динамикӣ, мунтазамӣ, мутаносибӣ, пайдарпайӣ, навоварӣ, сифатнокӣ ва ҳимоявӣ бошад.

Ба система дохил кардани принсипи «ташкилкунии базаи муътадили меъёрӣ-ҳуқуқӣ» барои тараққиёти равандҳои бозор, ки доир ба баланд бардоштани истеҳсолот ва иқтидори иқтисодии субъектҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ равона шуданд, зарур мебошад.

Яке аз принсипҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ ин принсипи «пайдарпайӣ» мебошад, ки ба воситаи вай ҳаҷми маҳсулоти ҷамъиятӣ доимо афзуда, талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ба назар гирифта мешавад. Принсипи «пайдарпайӣ» маънои онро дорад, ки ҳар як зинаи тараққиёти иқтисодиёт, пояи асосӣ барои тараққӣ додани зинаи дигар мебошад.

Бо истифода бурдани принсипи «мутаносибӣ» вобаста ба талабот ҳамаи соҳаҳои системаи иқтисодиёт бояд баробар тараққӣ дода шаванд. Даромадҳо байни корхонаҳо, ташкилотҳо ва сохтори бозор, вобаста аз ҳиссаи хароҷоти ҷамъиятӣ тақсим карда мешавад.

Принсипи «равандҳои ҳаматарафаи навоварӣ» истифодаи навовариҳоро дар соҳаи иқтисодиёт дар назар дорад.

Принсипи «сатҳи баланди сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ», барои истеҳсоли маҳсулотҳои баландсифат ва хизматрасонии дараҷаи баланд истифода бурда мешавад.

Принсипи ҳимояи молистеҳсолкунандагон ва аҳолӣ аз омилҳои мутақобила ҳимоя кардани онҳо мебошад, ки дар натиҷаи фаъолият фоида ба даст оварда шуда, дараҷаи зиндагии баланди аҳолӣ таъмин карда мешавад.

Бо ҳамин мақсад ҳаҷми минимуми сандуқи истеъмолӣ аз тарафи мутасаддиёни минтақавӣ доир ба омор, доир ба меҳнат ва ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ ҳар семоҳа дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳо ҳисоб карда мешавад. Дар асоси методҳои меъёрӣ ва оморӣ арзиши минимуми сандуқи истеъмолӣ муайян карда мешавад. Масалан, дар асоси меъёри истеъмолӣ вуҷуд дошта (ккалория, сафедаҳо, карбогидратҳо, витаминҳо, моддаҳои минералӣ) хароҷотҳо барои истеъмолкунӣ маводҳои хӯрока муайян карда мешавад. Пештар ҳиссаи истеъмолии камтаринро дар арзиши умумӣ хароҷотҳо муайян карда, сатҳи истеъмолот дар муқоиса бо меъёрҳо таҳлил карда мешавад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ, системаи нархгузорӣ дар зери таъсири омилҳои бозор тағйир меёбад, зарурияти аз нав дида баромадани сандуқи истемолӣ расидааст. Муайян кардани минимуми сандуқи истеъмолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бинобар шароитҳои моддӣ ва молиявӣ эълон карда намешавад.

Барономаҳои иҷтимоии давлат ба ҳимояи гурӯҳи аҳолии камбизоат нигаронида шудааст.

Принсипҳои асосии таъмини бехатарии озуқаворӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» оварда шудаанд дар расми 1 оварда шудааст:




***Сарчашма: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи амнияти озуқаворӣ (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2010, №12, к.1, мод. 830; Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 с., № 1158)***

Принсипҳои асосии ташаккулдиҳии ҷамъи маҳсулотҳои озуқаворӣ, ки барои таъмини саломатии одамон ва таъмини фаъолияти зиндагии онҳо пешниҳод карда шаванд, инҳо мебошанд:

- ❖ қонеъгардонии талаботи гурӯҳҳои аҳолӣ бо моддаҳои ғизоӣ, вобаста аз таркиби химиявӣ ва арзиши энергетикии онҳо;
- ❖ сохтори хӯроквории вуҷуддошта бо назардошти истеъмоли ҳақиқии маҳсулотҳои ғизоӣ дар оилаҳои камбизоат;
- ❖ интихоби маҳсулотҳои ғизоие, ки дар ҳолати ба таври камтарин истифода бурдан, саломатӣ нигоҳ дошта мешавад.

Барои ташаккул додани маҷмӯи маҳсулотҳои ғизоӣ, меъёрҳои талаботҳои физиологӣ дар моддаҳои ғизоӣ барои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ва пешниҳодҳои ташкилоти умумиҷаҳонии тиббӣ истифода бурда мешавад.

Таркиби химиявӣ ва арзиши энергетикӣ камтарини маҷмӯи маҳсулотҳои ғизоӣ барои гурӯҳҳои асосии иҷтимоӣ-демогафии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 1 нишон дода шудаанд.

***Ҷадвали 1. Таркиби химиявӣ ва арзиши энергетикии маҷмӯи камтарини маҳсулотҳои ғизоӣ барои гурӯҳҳои асосии иҷтимоӣ-демографии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар як шабонарӯз)***

| **Номгуй** | **Аҳолии қобили меҳнат** | | **Нафақахӯрон** | **Кӯдакон** | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **Мардҳо** | **Занҳо** | | **0-6 Сола** | **7-14 Сола** |
| Сафедаҳо (грамм, шабонарӯз) | 88,0 | 68,0 | 64,0 | 49,0 | 73,0 |
| Равғанҳо (грамм, шабонарӯз | 69,0 | 58,0 | 54,0 | 51,0 | 74,0 |
| Карбогидратҳо (грамм, шабонарӯз) | 437,0 | 326,0 | 314,0 | 228,0 | 349,0 |
| Арзиши энергетикӣ, ккал. | 2730,0 | 2011,0 | 2000,0 | 1580,0 | 2360,0 |

***Манбаъ: Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.2020, - С. 32.***

Аз рақамҳои ҷадвали 1 бармеояд, ки сарфи сафедаҳо байни мардон ва занҳо 12,8%, равғанҳо – 16,0%, карбогидратҳо – 25,4%-ро ташкил додааст. Арзиши энергетикии истеъмоли хӯрокаи мардҳо нисбат ба занон 26,3 % зиёд мебошад. Нишондиҳандаҳои истеъмоли сафеда равғанҳо, карбогидратҳо дар хӯроки нафақахӯрон нисбат ба мардҳо мутаносибан 37,5%; 27,8%; ва 39,2% кам мебошад. Арзиши энергетикии хӯрокаи нафақахӯрон нисбат ба мардҳо 36,5% кам мебошад. Ҳамин тавр таркиби химиявии хӯроки кӯдакони то 7 сола ва аз 7 сола то 14 сола низ тафовути калон дорад.

Камтарин маҷмӯи маҳсулотҳои ғизоӣ барои қисми аҳолии қобилияти меҳнат вобаста аз хусусиятҳои физиологии организми мардон ва занҳое, ки ба меҳнати ҷисмонӣ машғуланд, тартиб дода мешавад. Барои нафақахӯрон бошад, бо назардошти синну сол ва талаботҳо нисбати маҳсулотҳои серғизо ҳисоб карда мешавад. Барои кӯдакон, бо назардошти пурра инкишоф додани организми онҳо (аз синну соли 0-то 6 солагӣ) ва хӯроки иловагӣ барои тараққиёти фаъоли иҷтимоӣ ва ҷисмонӣ (барои синну соли аз 7 то 14 солагӣ) алоҳида ҳисоб карда мешавад.

Ҳангоми муайян намудани арзиши энергетикии маҳсулотҳо ғизои таркиби ҳар як намуди маҳсулот дар 100 грамми он ҳисоб карда мешавад, ки дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

***Ҷадвали 2. Таркиби химиявӣ ва арзиши энергетикии маҳсулотҳои ғизоие, ки ба камтарин маҷмуи маҳсулотҳои ғизоӣ, бо назардошти талафёбиҳо дар вақти коркард дохил карда мешаванд (дар 100 гр маҳсулот)***

| **№** | **Номгӯи маҳсулот** | **Сафедаҳо** | **Равғанҳо** | **Карбо-гидратҳо** | **Арзиши энергетикӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Лубиёгӣ | 19,8 | 1,8 | 43,6 | 269,5 |
| 2 | Орд | 10,0 | 1,1 | 61,9 | 297,6 |
| 3 | Биринҷ | 6,6 | 0,9 | 64,3 | 292,0 |
| 4 | Дигар ғалладонагиҳо (бо ғайр аз биринҷ) | 9,7 | 2,2 | 58,0 | 290,1 |
| 5 | Нои гандумӣ | 8,2 | 1,3 | 46,9 | 233,6 |
| 6 | Махсулотҳои макаронӣ | 10,3 | 1,5 | 62,6 | 305,0 |
| 7 | Картошка | 1,4 | 0,3 | 10,6 | 50,8 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 8 | Карам (тару тоза ва намакин) | 1,4 | 0,1 | 3,3 | 19,7 |
| 9 | Бодиринг ва памидор тару тоза ва намакин) | 0,9 | 0,2 | 2,8 | 18,1 |
| 10 | Бехмеваҳои ошхонагӣ | 1,1 | 0,1 | 5,8 | 28,6 |
| 11 | Сабзавотҳои гуногун | 1,2 | 0,0 | 6,0 | 29,3 |
| 12 | Полизӣ | 0,4 | 0,1 | 4,8 | 22,0 |
| 13 | Меваҳои тару тоза | 0,6 | 0,6 | 7,8 | 40,4 |
| 14 | Канд | 0,0. | 0,0 | 99,8 | 399,2 |
| 15 | Қандфит | 3,5 | 12,4 | 76,6 | 432,8 |
| 16 | Печен | 6,0 | 11,6 | 71,6 | 414,9 |
| 17 | Гӯшти гов | 12,9 | 8,6 | 0,0 | 128,9 |
| 18 | Гӯшти гусфанд | 11,0 | 7,9 | 0,0 | 115,3 |
| 19 | Гӯшти хук | 11,0 | 23,4 | 0,0 | 254,8 |
| 20 | Гӯшти паранда | 9,4 | 8,6 | 0,2 | 115,7 |
| 21 | Гӯшти моҳӣ | 8,2 | 2,4 | 0,0 | 54,5 |
| 22. | Шӯрмоҳӣ | 9,6 | 6,3 | 0,0 | 95,1 |
| 23 | Шир, чурғот | 2,7 | 3,1 | 4,6 | 56,5 |
| 24 | Қаймоқ | 2,5 | 15,7 | 3,2 | 166,0 |
| 25 | Равғани ҳайвонот | 0,7 | 70,3 | 1,1 | 639,8 |
| 26 | Творог | 15,0 | 8,5 | 4,6 | 158,3 |
| 27 | Панир | 23,0 | 25,5 | 0,0 | 329,1 |
| 28 | Тухм | 10,2 | 7,5 | 0,6 | 110,6 |
| 29 | Маргарин ва дигар равғаниҳо | 0,3 | 61,5 | 1,0 | 558,6 |
| 30 | Равғани растанӣ | 0,0 | 96,9 | 0,0 | 872,1 |

***Манбаъ: Ҳисоби муаллиф аз рӯйи: Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоати. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.2019, - С. 32.***

Чуноне, ки аз рақамҳои ҷадвали 2 бармеояд, арзиши энергетикии аз ҳама зиёд дар равғани растанӣ – 872,1 ккалория, равғани ҳайвонот – 639,8 ккалория, маргарин – 639,8 ккалория, қандфит – 432,8 ккалория мавҷуд аст. Килокаллорияи камтарин дар бодиринг ва помидори тару тоза – 18,1 ккалория, карам – 19,7 ккалория, полизиҳо – 22 ккалория ва бехмеваҳо – 28,6 ккалория дида мешавад.

Аз ин рӯ меъёрҳои маҷмӯи камтарини маҳсулотҳои ғизоӣ барои гурӯҳҳои асосии иҷтимоӣ- демографии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикстон ҳисоб карда шудааст, ки дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

***Ҷадвали 3. Меъёрҳои камтарини маҳсулотҳои ғизоӣ барои гӯруҳҳои асосии иҷтимоӣ-демографии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикстон (бо кг, дар як сол).***

| № | Номгӯи маҳсулотҳо | Аҳолии қобили меҳнат | | Нафақа-хӯрон | Кӯдакон | | Барои ҳар нафар аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Мардҳо | Занҳо | | 0-6 Сола | 7-14 сола | |
| 1 | Маҳсулоти нонӣ (нон ва маҳсулотхои макарон) | 147,7 | 104,3 | 99,3 | 53,8 | 93,6 | 99,7 |
| 2 | Картошка | 92,0 | 59,8 | 53,4 | 55,2 | 73,6 | 66,8 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 | Сабзавот ва полизӣ | 166,1 | 149,8 | 158,0 | 176,5 | 201,4 | 103,0 |
| 4 | Меваи тару тоза | 124,0 | 110,0 | 105,4 | 131,8 | 150,4 | 124,3 |
| 5 | Қанд ва маҳсулотҳои қаннодӣ (бо ҳисоби қанд, ҳамагӣ) | 20,0 | 19,0 | 18,1 | 18,9 | 25,5 | 19,2 |
| 6 | Маҳсулоти гӯштӣ, ҳамагӣ | 40,8 | 32,8 | 26,6 | 21,9 | 39,3 | 32,2 |
| 7 | Маҳсулотҳои моҳӣ, ҳамагӣ | 9,0 | 7,8 | 9,0 | 5,3 | 7,7 | 7,7 |
| 8 | Шир ва маҳсулоти ширӣ, ҳамагӣ | 115,3 | 107,9 | 105,8 | 148,0 | 161,4 | 127,7 |
| 9 | Тухм, дона | 180 | 150,0 | 90 | 150 | 180 | 150 |
| 10 | Равған растанӣ, маргарин ва дигар равғанҳо, ҳамагӣ | 16,6 | 14,0 | 13,0 | 9,9 | 15,3 | 13,5 |
| 11 | Дигар маҳсулотҳо, ҳамагӣ | 4,88 | 4,88 | 4,15 | 2,92 | 4,02 | 4,17 |

***Манбаъ: Ҳисоби муаллиф аз рӯйи: Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоати. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2021.***

Тибқи ин меъёрҳо талабот ба маводҳои хӯрокворӣ ҳисоб карда шуда, таҳлили таъмини талабот ва нишондиҳандаҳои бехатарии озуқаворӣ ва худтаъминкунии он ҳисоб карда мешавад.

Маҷмӯи камтарини хазинаи истеъмолкунӣ барои гурӯҳҳои асосии иҷтимоӣ-демографии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 4 нишон дода шудааст.

***Ҷадвали 4. Камтарин хазинаи истеъмолкунӣ барои гурӯҳҳои асосии иҷтимоӣ-демографии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| № | Номгуӣ маҳсулот | Ченак | Ҳаҷми истеъмолкунӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | | | Аҳолии қобили меҳнат | Нафақа-хӯрон |
| | **Маҳсулотҳои озуқаворӣ** | | | |
| 1. | Маҳсулотҳои нонӣ (нон ва маҳсулотҳои макаронӣ) | Кг, дар як сол | 147,7 | 99,3 |
| 2. | Картошка | Кг, дар як сол | 92,0 | 53,4 |
| 3. | Сабзавот ва полизӣ | Кг, дар як сол | 166,1 | 158,0 |
| 4. | Меваи тару тоза | Кг, дар як сол | 124,0 | 105,4 |
| 5. | Қанд ва маҳсулотҳои қаннодӣ бо хисоби қанд | Кг, дар як сол | 20,3 | 18,1 |
| 6 | Маҳсулоти гӯшт | Кг, дар як сол | 40,8 | 26,6 |
| 7 | Маҳсулоти моҳигин | Кг, дар як сол | 13,7 | 9,0 |
| 8 | Шир ва маҳсулотҳои ширӣ бо хисоби шир | Кг, дар як сол | 115,3 | 105,8 |
| 9 | Тухм | дона, дар як сол | 180 | 90 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 10 | Равғани растанӣ, маргарин ва дигар намуди равғанҳо | Кг, дар як сол | 16,6 | 13,0 |
| 11 | Маҳсулоти дигар (чой, намак) | Кг, дар як сол | 4,9 | 4,15 |

***Сарчашма: ҳисоби муаллифи дар асоси Қарори Ҳукумат Ҷумҳурии Тоҷикистон.***

Дар вақти барои истеъмолкунӣ ворид кардани сабзавотҳо, полизиҳо, маҳсулотҳои гӯштӣ, моҳӣ, равғани растанӣ, маргарин ва дигар намуди равғанҳо ҳаҷми истеъмоли онҳо ба як гурӯҳ ҷамъ карда мешаванд. Дар вақти ба хазинаи истеъмолкунӣ ворид кардани маҳсулотҳои нонӣ, қанд ва маҳсулоти қаннодӣ, шир ва маҳсулотҳои ширӣ ҳаҷми истеъмоли маҳсулотҳои ба як гурӯҳ дохилшаванда ҳамчун ашё низ ҳисоб карда мешаванд.

Кумитаи иҷтимоӣ доир ба бехатарии озуқавории умумиҷаҳонӣ Созмони Озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид (ФАО), ки масъалаи озуқавориро назорат мебарад, методологияи таъмини бехатарии озуқавориро истифода мебарад, ки нишондиҳандаҳои асосии он захираи ҷаҳонии гандум ва талаботи ҷаҳонӣ нисбати вай мебошад. Тибқи ин методология, агар 17%- и ҳаҷми умумии ғаллаи истеҳсолшуда ба соли дигар гузарад, бехатарии озуқаворӣ таъмин гардида ҳисоб карда мешавад.

Нишондиҳандаи захираи дон, баробар ба миқдори ду моҳи талабот нисбати вай ҳамчун ҳадди хатарнок истифода бурда мешавад. Дар дунё ҳадди дигари дар ҳолати хатар қарор доштани мамлакат, «хатари воридот» ном дом дорад. Агар ҳиссаи воридоти озуқа ба 33,3 фоизи талабот баробар бошад пас бехатарии озуқаворӣ дар ҳолати хавф қарор дорад..

Дар баробари ин, сатҳи бехатарии озуқавории мамлакат, бо воситаи нишондиҳандаҳои зерин низ муайян карда мешавад:

- худтаъминкунии мамлакат бо озуқаворӣ;
- новобастагии захиракунии озуқавории мамлакат аз дигарҳо;
- таъмини захираҳои комплекси агросаноатӣ аз ҳисоби моли воридшуда;
- ҳаҷми захираҳои озуқавории стратегӣ ва фаврӣ, мувофиқи талаботҳои меъёрӣ, сатҳи истеҳсолоти маҳсулотҳои ғизоӣ ба ҳар як нафари аҳолӣ; - сатҳи истеъмоли маҳсулотҳои муҳим ғизоӣ, сатҳи дастрасии озуқаворӣ барои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ва ғайра.

Барои муайян кардани сатҳи бехатарии озуқавории ҳар як шахс дар дунё меъёрҳои ғизохӯрии муқаррариро истифода мебаранд. Онҳо аз тарафи муассисаҳои махсуси миллӣ ва умумихалқӣ аз ҷумла Ташкилоти Умумиҷаҳонии тандурустӣ (ВОЗ) ва Созмони Озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид (ФАО) муайян карда мешаванд. Дар вақтҳои охир, ин нишондиҳанда ба 2700 ккал дар як шабонарӯз баробар аст. Ба гурӯҳи аҳолии нимгурусна онҳое, ки 2150 ккал, гурӯҳи аҳолии гурусна, ки 1520 ккал дар як рӯз истеъмол менамояд дохил мешавад.

Соли 1980-ум дар тибқи «Барномаи озуқавории ИҶШС» меъёри ғизохӯрӣ аз 10 намуди озуқа иборат буда, ки аз тарафи институти ғизои Академияи илмхои тиббӣ ИҶШС тайёр карда шуда буд истифода мешуд. Ин меъёрҳо арзиши энергетикии вояи ғизоҳоро дар сатҳи 3200 ккал барои ҳар як шахс дар як шабонарӯз муайян карданд.

Баъд аз ба даст овардани истиқлол, бо пешниҳоди ташкилотҳои умумихалқӣ меъёри ғизохӯрӣ бо маҷмӯи озуқаворӣ дар сабади истеъмолӣ иваз карда шуд. 31 августи соли 2018 Презеденти Ҷумхурии Точикистон Эмомалӣ Раҳмон қарор дар бораи меъёрҳои физиологии истеъмоли маҳсулоти асосии ғизоиро ба як нафар ба имзо расонид ва аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун «Меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмолии маҳсулоти асосии озукаворӣ ба ҳар сари аҳолии кишвар» тасдиқ гардидааст, ки дар ҷадвали 5 нишон дода шудааст.

***Ҷадвали 5. Меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмолии маҳсулоти асосии озукаворӣ ба ҳар сари аҳолии кишвар***

| Номгӯи маҳсулот | грамм дар як шабонарӯз | килограмм дар як моҳ | килограмм дар як сол |
|---|---|---|---|
| **Нон ва маҳсулоти нонӣ ярмаҳо, лубиёгиҳо** | 404,7 | 12,0 | 147,7 |
| **Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ** | 111,9 | 3,4 | 40,8 |
| **Моҳӣ ва маҳсулоти моҳигӣ** | 24,6 | 0,7 | 9,0 |
| **Шир ва маҳсулоти ширӣ** | 316,0 | 9,5 | 115,3 |
| **тухм(дона)** | 0,5 | 15,0 | 180,0 |
| **Равған (растанӣ ва чарбу)** | 46,2 | 1,38 | 16,6 |
| **Қанд** | 54,8 | 1,6 | 20,0 |
| **Сабзавот ваполизиҳо** | 455,0 | 13,7 | 166,1 |
| **Мева ва буттамева** | 340,0 | 10,2 | 124,1 |
| **Картошка** | 252,0 | 7,6 | 92,0 |
| **Чой** | 5 | 0,15 | 1,8 |

***Манбаъ: Минбари халқ 6.02.2019 № (1195) с/12***

Дар охири солҳои 90-уми асри гузашта, дар тараққиёти демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тағйиротҳои муҳим оид ба афзоиши аҳолӣ, муҳоҷирати одамон дар дохили мамлакат ва берун аз он ба вуҷуд омаданд ва аз ин ҷо бехатарии озуқворӣ бо назардошти ин омилҳо аз нав он дида баромада шуд.

Ин масъала аз тарафи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низом даровардa шудааст. Онҳо методи нави ҳисобҳои сатҳи бехатарии озуқавориро кор карда баромадаанд. Мувофиқи нишондодҳои онҳо сатҳи бехатарии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо формулаи зерин бояд ҳисоб карда шавад:

СБО= (За + И+ИИ – КҒҒ – Т - Зо) / МИС,

Дар ин ҷо: СБО - сатҳи бехатарии озуқаворӣ; И- истеҳсолот дар як давраи муайян; За ва Зо – захираҳо дар аввал ва охири давраи ҳисоботӣ; ИИ- истеъмоли истеҳсолӣ (тухмӣ, хӯроки чорво ва ғайра); КҒҒ- коркард бо мақсади ғайриғизоӣ; Т- талафот; МИС- меъёри истеъмоли солона.

Меъёри истеъмол (кг, дона) дар як сол барои ҳар як нафар ба шумори миёнаи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хароҷотҳо барои истеъмоли озуқаворӣ, талафот, коркардҳо ба мақсади ғайриғизоӣ ва бо факту рақамҳои вазъи оморӣ муайян карда мешавад. Ҳиссаи воридоти озуқаворӣ, ҳамчун мувофиқати воридот ба истеъмоли ҳақиқии солона ҳисоб карда мешавад.

Ҳамин тавр, ба он нигоҳ накарда, ки сатҳи истеъмолкунӣ ба хазинаи истеъмолкунӣ вобаста карда шудааст, вале вай ба арзиши камтарини энергетикии вояи хӯрок (2730 ккал барои як нафар дар як шабонарӯз) қабул шудааст ва вай меъёри истеъмолкунӣ, инчунин дастгирии давлатии истеҳсоли агросаноатиро баланд кардааст.

Таҳқиқи принсипҳо ва нишондиҳандаҳои асосии таъмини бехатарии озуқаворӣ имкон дод, ки чунин хулоса барорем:

1. Бехатарии озуқавории мамлакат, ба риояи принсипҳо ва нишондиҳандаҳои махсусе, ки аз таҷрибаи ҷаҳонӣ бар меояд баҳо дода мешавад. Ин принсипҳо вобаста ба шароити сиёсӣ, ташкилӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ ба роҳ монда мешавад.
2. Принсипҳои асосии таъмини бехатарии озуқаворӣ барои Тоҷикистон: муътадилӣ, меъёрӣ-ҳуқуқӣ, динамикӣ, мунтазамӣ, мутаносибӣ, пайдарпайӣ, навоварӣ, сифатнокӣ ва ҳимоявӣ бошад.
3. Принсипҳои асосии таъмини бехатарии озуқаворӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» оварда шудаанд, ки риояи он метавонад кишварро аз хавф нигаҳ дорад.
4. Пояи асосии принсип ва нишондиҳандаҳои асосии таъмини бехатарии озуқавориро таъмини меъёрҳои талаботҳои физиологӣ дар моддаҳои ғизоӣ барои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ба ҳисоб меравад.
5. Дар назар дошта шудааст, ки арзиши энергетикии истеъмоли хӯрока ба гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ тафовут дошта, ба ҳисобгирии он ҳангоми банақшагириии истеҳсолот ва тавозуни таъмини аҳолӣ бо маводҳои ғизоӣ зарур аст.
6. Ҳангоми муайян намудани арзиши энергетикии маҳсулотҳо бо килокаллория ҳисоб карда шуда, онро ба меъёрҳои камтарини маҳсулотҳои ғизоӣ барои гурӯҳҳои асосии иҷтимоӣ- демографии аҳолӣ ба ҳисоб гирифтан зарур аст.

**Адабиёт**


1. Ашуров И.С. Экономическая безопасность. Душанбе, «Эр-граф». 2012. –С.73-197-198-199-218-220-223-224
2. Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоати. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.2019, - С. 32.
3. Минбари халқ 6.02.2019 № (1195) с/12
4. Логинов В.Г. Сельское хозяйство и регулирование продовольственных рынков. Власть, бизнес и крестьянство: механизмы эффективного воздействия. -М.; Энциклопедия российских деревень, 2002. -106с.
5. Корнекова С.Ю. О региональном уровне продовольственной безопасности России /С.Ю. Корнекова // Известия Санкт-Петербургского государственного экономического университета. – 2015. – № 6. – С. 17-22.
6. Қонуни Ҷумҳурии Точикистон Дар бораи амнияти озуқаворӣ (Ахбори Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2010, №12, к.1, мод. 830.


# ОСНОВНЫЕ ПРИНЦИПЫ И ПОКАЗАТЕЛИ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ


**АШУРОВ ИХТИЁР САИДОВИЧ,**
доктор экономических наук, профессор кафедры финансов и кредита
Российско-Таджикский (Славянский) университет (РТСУ)
734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Мирзо Турсунзаде, 30.
Тел.: (+992) 905-55-77-88. E-mail: ikhtiyor.ashurov@inbox.ru
**САФАРОВА АНОРХОЛ ҶУМАЕВНА,**
старший преподаватель кафедры менеджмента и предпринимательства
Таджикский аграрный университет им. г.Шахтемур.
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146.
Тел.: (+992) 935-01-81-44. E-mail: anora2303@mail.ru.



*В данной статье представлена информация о принципах, показателях и критериях определения уровня продовольственной безопасности. По этим критериям рассчитывается потребность в продуктах питания, проводится анализ спроса и показатели*

*продовольственной безопасности и самообеспеченности. Авторы определяют принципы и показатели безопасности пищевых продуктов в зависимости от возраста, пола и рекомендуют их использовать при оценке анализа безопасности пищевых продуктов, сделали следующие выводы: продово льственная безопасность страны оценивается в соответствии с принципами и специальными показателями, выведенными из мирового опыта. Эти принципы базируются на политических, организационно-экономических, социальных условиях. Основные принципы безопасности продовольственных продуктов предусмотрены в Законе Республики Таджикистан «О безопасности продовольственных продуктов», соблюдение которых может уберечь страну от опасности. Основной принципа и основными показателями обеспечения безопасности продовольственных продуктов является обеспечение физиологических потребностей в питательных веществах различных групп населения. Предполагается, что энергетическая ценность потребления продуктов питания различна для разных групп населения, и ее необходимо рассчитывать при планировании производства и баланса обеспечения населения питательными веществами.*

***Ключевые слова:*** *принципы безопасности, продовольственных продуктов, показатели, потребительская корзина, нормы потребления, продовольственных продукты, энергетическая ценность, стабильность, нормативно-правовая, динамичность, регулярность, пропорциональность, постоянство, новаторство, качество.*

## BASIC PRINCIPLES AND INDICATORS OF FOOD SECURITY.

**ASHUROV IKHTIYOR SAIDOVICH,**
Doctor of Economics, Professor of Finance and Credit Department
Russian-Tajik Slavonic University.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 30, Mirzo Tursunzade Str.
Phone: (+992) 905-55-77-88. E-mail: ikhtiyor.ashurov@inbox.ru
**SAFAROVA ANORKHOL JUMAEVNA,**
senior lecturer of the Department of Management and Prepositions
Tajik Agrarian University named after D.Shakhtemur.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 146, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 935-01-81-44. E-mail: anora2303@mail.ru.

*This article provides information on the principles, indicators and criteria for determining the level of food security. According to these criteria, the demand for foodstuffs is calculated, and the analysis of demand and indicators of food security and self-sufficiency is calculated. The authors define the principles and indicators of food safety depending on age, sex and recommend their use in the assessment of food made the following conclusions the country's food security is assessed in accordance with the principles and special indicators derived from world experience. These principles are based on political, organizational, economic and social conditions. The basic principles of food safety are provided for in the Law of the Republic of Tajikistan "On Food Safety", the observance of which can save the country from danger. The main basis of the principle and the main indicators of ensuring food safety is to meet the physiological needs for nutrients of various population groups. It is assumed that the energy value of food consumption is different for different groups of the population, and it must be calculated when planning production and balancing the supply of nutrients to the population.*

***Keywords:*** *principles, food safety, indicators, consumer basket, consumption norms, food products, energy value, stability, normative-legal, dynamic, regularity, proportionality, consistency, innovation, quality.*

УДК: 331

# ВАЗЪИ МУОСИРИ ТИҶОРАТИ БЕРУНАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**СУДУРОВ РОМИЗ САЙДАЛИЕВИЧ,**
доктор (PhD)-и кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи. С.Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел.: (+992)-773-33-32-76. E-mail: romiz.sudurov@bk.ru
**АЛИЗОДА ҲУСНИГУЛИ СОҲИБ,**
муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи. С.Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел.: (+992) 918-15-35-33.

*Дар мақолаи мазкур мавзӯи вазъи муосири тиҷорати берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар айни замон мубрам мебошад, зери таҳлил қарор гирифтааст. Мақсад аз омӯзиш ва таҳлили вазъи муосири тиҷорати берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин муаян намудани мақоми мамлакатамон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Имрӯз барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёти мамлакат ва рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозори ҷаҳонӣ аз ҷониби Ҳукумати ҶТ ва махсусан аз ҷониби Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чораҳои зарурӣ андешида шуда истодаанд.*

*Устувории иқтисодиёти миллӣ ва имкониятҳои содиротии ҶТ дар бозори ҷаҳонӣ бевосита ба болоравии некуаҳволӣ вобаста аст, ки пешравии тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ мусоидат мекунад.*

***Калидвожаҳо:*** *тиҷорати беруна, содирот, воридот, реэкспорт, салдо савдо, рушди иқтисодӣ, муносибатҳои байналхалқӣ, бозори ҷаҳонӣ, иқтисоди миллӣ.*

Савдои байналхалқӣ низоми муносибатҳои байналхалқии молию пулӣ буда, аз савдои берунии тамоми мамлакатҳои ҷаҳон иборат аст.

Савдои байналхалқӣ дар ҷараёни ташаккули бозори ҷаҳонӣ дар асрҳои 16—18 ба вуҷуд омад. Тараққиёти он яке аз омилҳои муҳими тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад.

Истилоҳи тиҷорати байналмилалӣ бори аввал дар асри 12 аз ҷониби иқтисоддони итолиёвӣ Антонио Маргаретти, муаллифи рисолаи иқтисодии «Қудрати омма дар шимоли Италия» истифода шудааст.

Манфиатҳо аз иштирок дар савдои байналмилалӣ:

- интенсификатсия ҷараёни такрористеҳсоли хоҷагии халқ, зиёд шудани махсусгардонӣ, ба вуҷуд овардани имконият барои тараққӣ додани истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва ғайраҳо;
- афзоиши содирот боиси афзоиши шуғл мегардад;
- рақобати байналхалқӣ ба такмили фаъолияти корхонаҳо мусоидат мекунад;
- даромади содиротӣ ҳамчун манбаи ҷамъшавии сармоя хизмат мекунад, ки ба рушди саноат нигаронида мешавад.

Ҳангоми таҳлили тиҷорати берунӣ бояд мафҳумҳои зеринро донист:

Мафҳуми содирот дар тиҷорати байналмиллалӣ, маънои фурӯши мол ё хидмат ба кишварҳои дигарро дорад. Мафҳум аз забони лотинӣ бар омада exporto, ки ба маънои аслӣ «берун аз бандар» мебошад;

Мафҳуми воридот дар тиҷорати байналмиллалӣ, маънои хариди мол ё хидмат аз кишварҳои хориҷа ба дохили мамлакат мебошад;

Тавозуни савдо — тавозун, ки таносуби арзиши молӣ аз ин ё он кишвар содиршуда (содирот) ва арзиши молӣ ба он воридшуда (ворид) дар муддати муайяни вақт инъикос меёбад, масалан, барои як сол, чоряк, моҳ. Тавозуни савдо барои кишварҳои алоҳида, минтақаҳо ё гурӯҳҳои онҳо тартиб дода мешавад.

Салдо (итал. saldo — ҳисобкунӣ, бақия; лат. saldare — баробар кардан) — бақияи ҳисоб, фарқи байни даромад ва хароҷот мебошад. Дар тиҷорат бошад, фарқият байни содироту воридот мебошад. Салдо метавонад мусбӣ ё манфӣ шавад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит кардааст, ки таъмини рушди муътадили иҷтимоию иқтисодии мамлакат ба хусусият ва сифати тараққиёти корхонаҳои саноатие, ки дар қаламрави он амал мекунанд, вобаста аст. Аз ин рӯ, стратегияи рушди ояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаккули минтақаҳои бисёрфунксионалии саноатӣ дар минтақа алоқаманд аст. Ҳамин тариқ, дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» Пешбинӣ шудааст, ки «Яке аз афзалиятҳои муҳими рушди минтақаҳо ташаккули кластерҳои ҳудудии саноатӣ (ҳудудҳои индустриализатсия ва ҳамгироии нав, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, бизнес-инкубаторҳо, паркҳои технологӣ, марказҳои инноватсия) ва рушди долонҳои иқтисодӣ мебошад.» Дар шароити муосир ташаккули корхонаҳои нави саноатӣ, муҷаҳҳаз сохтани таҷҳизоти муосир ва технологияҳои нав, аз қабили васеъ намудани имкониятҳои коркарди ниҳоии ашёи хоми ватанӣ, мусоидат ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва таҳкими иқтидори содиротии кишвар асос ёфтааст. Натиҷаи халли ин гуна проблемаҳо ба муносибати мунтазами тартиб додани стратегия ва барномаи тараккиёти саноати ҷумҳурӣ зич алоқаманд аст. [1]

Тиҷорати берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани соҳибихтиёрӣ ва эътирофи истиқлоли он аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ сарчашма мегирад. Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба як қатор дастовардҳои муҳим ноил гардид. Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1997 бори нахуст тавонист маҷмӯи маҳсулоти дохилии худро афзоиш диҳад ва аз ҳамон вақт афзоиши солонаи ММД ба 7 фоиз расид. Ҳамчунин, бо коҳиши ҳаҷми воридот аз кишварҳои дигар, содироти кишвар афзоиш ёфтааст. Дар ҳоли ҳозир ҳаҷми умумии гардиши молии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 4223 миллион доллар, аз ҷумла содирот 1073 миллион доллар ва воридот 3150 миллион долларро ташкил медиҳад. Дар соли 2019 гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон 4 миллиарду 523,78 миллион долларро (содирот – 1 миллиарду 174,4 миллион доллар ва воридот – 3 миллиарду 349,3 миллион доллар) ташкил дод. Гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон дар соли 2020 4557,8 миллион долларро ташкил дод (Содирот – 1406,9 миллион доллар ва воридот – 3150,9 миллион доллар). Гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон дар соли 2021 6359,1 миллион долларро ташкил дод (Содирот – 2149,6 миллион доллар ва воридот – 4209,5 миллион доллар).

**Гардиши тиҷорати берунаи ҶТ дар солҳои 2018-2021[7]**
**(млн. доллари ИМА)**

| **Солҳо:** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
|---|---|---|---|---|
| **Гардиши умумӣ:** | **4223** | **4523,7** | **4557,8** | **6359,1** |
| **Содирот:** | **1074** | **1174,4** | **1406,9** | **2149,6** |
| **Воридот:** | **3150** | **3349,3** | **3150,9** | **4209,5** |

Ҳангоми таҳлили тиҷорати берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосабарори кардан мумкин аст, ки ҶТ содиркунандаи соф намебошад. Бақияи тавозуни савдои ҶТ ҳамавақт бо аломати манфӣ сурат мегирад, ки маънои зиёд будани воридот нисбат ба содиротро мефаҳмонад. Дар соли 2018 бақияи тавозуни савдо 3150 миллион доллари ИМА ё ин, ки нисбат ба гардиши умумӣ 74,6% - ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳандаҳо дар соли 2021 мутаносибан 4209,5 миллион доллари ИМА ва 66,2% - ро ташкил медиҳад, ки дар давоми 4 сол аз 74,6%то 66,2% бақияи тавозуни савдо паст шудааст.

***Сохтори содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон**[7]*

(млн. доллари ИМА)

| № | Товар | Рамзи НМ ТБ | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маъданҳо, шлак ва хокистар | 26 | 400,1 | 296,8 | 131,9 | 343,9 |
| 2 | Пахта | 52 | 205,0 | 182,2 | 149,1 | 202,6 |
| 3 | Алюминий ва маҳсулот аз он | 76 | 202,2 | 180,3 | 129,2 | 135,1 |
| 4 | Сӯзишвории маъданӣ, нафт ва маҳсулоти коркарди онҳо; моддаҳои битуминдор | 27 | 79,1 | 35,5 | 53,0 | 88,8 |
| 5 | Намак; сулфур; замин ва санг; масолеҳи андова, оҳак ва семент | 25 | 65,7 | 68,3 | 54,3 | 46,1 |
| 6 | Дигар металлҳои ғайриқимматбаҳо; металлокерметҳо; маҳсулот аз онҳо | 81 | 26,7 | 17,5 | 28,7 | 32,4 |
| 7 | Маҳсулоти либоса ва лавозимоти либос, ба истиснои трикотажӣ ё бофташуда | 62 | 19,5 | 15,9 | 16,0 | 18,3 |
| 8 | Воситаҳои нақлиёти заминӣ, ба истисноi василаи ҳаракати роҳи оҳан ё трамвай | 87 | 16,1 | 10,4 | 4,8 | 7,7 |
| 9 | Мева ва чормағзҳои хӯрданӣ; пӯсти меваҳои ситрусӣ ё пӯсти харбуза. | 08 | 11,4 | 9,5 | 10,1 | 24 |
| 10 | Реакторҳои ҳастаӣ, дегҳо, таҷҳизот ва дастгоҳҳои механикӣ; қисмҳои онҳо | 84 | 9,5 | 5,7 | 4,0 | 6,8 |
| 11 | Маҳсулоти химияи ғайриорганикӣ; пайвастагиҳои ғайриорганикӣ ё органикии металлҳои қиматбаҳо, металлҳои нодири замин, элементҳои радиоактивӣ ё изотопҳо | 28 | 6,8 | 6,2 | 2,5 | 6,3 |
| 12 | Металлҳои сиёҳ | 72 | 5,6 | 10,5 | 9,8 | 12,5 |
| 13 | Сабзавот ва баъзе решаҳои ошӣ ва бехмева | 07 | 4,3 | 8 | 7,8 | 12 |
| 14 | Шеллак табиии тозашуда; резин, катрон ва дигар шираю экстрактхои сабзавот | 13 | 3,2 | 7,3 | 5,2 | 5,9 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 15 | Пӯсти коркад нашуда(ғайр аз пашми табии) ва чарми коркардшуда | 41 | 2,4 | 2,6 | 2,8 | 3,1 |
| 16 | Тамоку ва ивазкунандаи тамокуи саноатӣ | 24 | 2,4 | 2,5 | 4,5 | 6 |
| 17 | Марворидҳои табиӣ ё коркардшуда, сангҳои қиматбаҳо ё нимқиматбаҳо, металлҳои қиматбаҳо, металлҳои бо металлҳои қиматбаҳо пӯшидашуда ва маснуоти онҳо; бижутерия; танга | 71 | 2,1 | 225,7 | 689,7 | 896,7 |
| 18 | Абрешим | 50 | 1,1 | 1 | 0,5 | 1,1 |
| 19 | Мошинхо ва тачхизоти электрики, кисмхои онхо; таҷҳизоти сабт ва таҷдиди овоз, дастгох барои сабт ва таҷдиди тасвирҳои телевизионӣ ва садо, қисмҳо ва лавозимоти онҳо | 85 | 1,0 | 1,2 | 0,5 | 0,8 |
| 20 | Коғаз ва картон; маснуоти целлюлозаи когаз, когаз ё картон | 48 | 0,9 | 1,2 | 0,4 | 0,6 |

Чи хеле, ки аз чадвал бар меояд дар сохтори содиротии ҶТ тилло, нукра, метеллҳои қимматбаҳо ва нимқимматбаҳо бартари доранд, ки ҳиссаи онҳо тақрибан 58% содироти ҶТ ташкил медиҳанд.

***Сохтори содирот барои соли 2021 (бо %)****[5]*




Шарикони асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон Русия, Қазоқистон, Чин, Туркия, Узбакистон, Швейтсария, Олмон, Ҷопон, Эрон, Покистон, Афғонистон, Қирғизистон, Италия, Туркманистон, ИМА ва дигар кишварҳо мебошанд.

Агар ба сохтори ҷуғрофии тиҷорати берунаи ҶТ назар афкан, аз он бар меояд, ки ҳиссаи Федератсияи Руссия ба 1353 млн. доллари ИМА ё 21,3%, Қазоқистон ба 1178,6 млн. доллари ИМА ё 18,5%, Хитой ба 839,3 млн. доллари ИМА ё 13,1%, Туркия ба 390,5% млн. доллари ИМА ё 6,1%, Узбекистон ба 447,8 млн. доллари ИМА ё 7,1%, Швейтсария ба 916,4 млн. доллари ИМА ё 14,4%, Германия ба 107,4 млн. доллари ИМА ё ба 1,7%, Ҷопон ба 88,9 млн. доллари ИМА ё 1,4%, Эрон ба 121 млн. доллари ИМА ё 1,9% ва Покистон ба 32,3 млн. доллари ИМА ё 0,5% рост меоянд.

Сохтори молии воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намоем, аз он бар меояд, ки 7,7% ғалладона, 3,6% равғани растанӣ (офтобпараст), 2,3% шакар, 10,5% маҳсулоти нафтӣ ва сузишворӣ, 6,2% гази моеъ, 2% маҳсулоти фармасевтӣ, 1,2% маҳсулоти кимиёвӣ, 3,1% маҳсулоти полимерӣ, 3,1% маҳсулот аз дарахт, 7,7% металлҳои сиёҳ, 6,9%таҷҳизотҳо, 3,9% дастгоҳҳо, 6,9% воситаҳои нақлиёт ва 32,1% дигар маҳсулотҳо мебошанд.

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 26.01.2021;
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030;
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатӣ»;
4. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
5. Тоҷикистон 30 соли истиқлоли давлатӣ, маҷмӯаи оморӣ. Агенти омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021с.;
6. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 аз 27.05.2020 с.;
7. www.stat.tj.;
8. www.nbt.tj.


## СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ ВНЕШНЕЙ ТОРГОВЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


**СУДУРОВ РОМИЗ САЙДАЛИЕВИЧ,**
кандидат экономических наук,
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни.
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, просрект Рудаки 121.
Тел.: (+992) 773-33-32-76. E-mail: romiz.sudurov@bk.ru
**АЛИЗОДА ХУСНИГУЛИ СОХИБ,**
старший преподаватель кафедры экономической теории
Таджикского государственного педагогического университета. С.Айни.
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, просрект Рудаки 121.
Тел.: (+992) 918-15-35-33



*В данной статье анализируется современное состояние внешней торговли Республики Таджикистан, что является актуальным в настоящее время. Целью изучения и анализа современного состояния внешней торговли Республики Таджикистан является определение статуса нашей страны в мировом сообществе. Сегодня Правительство Республики Таджикистан и особенно Лидер нации Эмомали Рахмон принимают необходимые меры для повышения эффективности экономики страны и конкурентоспособности отечественной продукции на мировом рынке.*

*Стабильность национальной экономики и экспортный потенциал Республики Таджикистан на мировом рынке напрямую связаны с ростом благосостояния, что способствует развитию всех отраслей экономики.*

***Ключевые слова:*** *внешняя торговля, экспорт, импорт, реэкспорт, торговый баланс, экономическое развитие, международные отношения, мировой рынок, национальная экономика.*

## CURRENT SITUATION OF FOREIGN TRADE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**SUDUROV ROMIZ SAYDALIEVICH,**
PhD, Department of Economics and Management,
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini.
734003, Rebublic of Tajikistan, Dushanbe city, 121, Rudaki ave.
Phone: (+992) 773-33-32-76. E-mail: romiz.sudurov@bk.ru.
**ALIZODA HUSNIGULI SOHIB**,
Senior Lecturer, Department of Economic Theory,
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini.
734003, Rebublic of Tajikistan, Dushanbe city, 121, Rudaki ave.
Phone: (+992)-918-15-35-33.

*This article analyzes the current state of foreign trade of the Republic of Tajikistan, which is relevant at the present time. The purpose of studying and analyzing the current state of foreign trade of the Republic of Tajikistan is to determine the status of our country in the world community. Today, the Government of the Republic of Tajikistan and especially the Leader of the Nation Emomali Rahmon are taking the necessary measures to improve the efficiency of the country's economy and the competitiveness of domestic products in the world market.*

*The stability of the national economy and the export potential of the Republic of Tajikistan in the world market are directly related to the growth of prosperity, which contributes to the development of all sectors of the economy.*

***Key words:*** *foreign trade, export, import, re-export, trade balance, economic development, international relations, world market, national economy.*

УДК: 338.2

# САҲМИ ТАШКИЛОТҲОИ ТИҶОРАТӢ ВА ҒАЙРИТИҶОРАТӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

**МАХКАМОВА ИШКИНИСО ИНОМОВНА,**
унвонҷӯи кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенити Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 935-81-88-85. E- mail: mahkamova.ishkniso@mail.ru
**УМАРОВА МАНИЖА САЙДАҲМАДОВНА,**
унвонҷӯи кафедраи идоракунии молияи давлатӣ,
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 908-22-32-18. E- mail: manii.98101@mail.ru

*Дар ин мақола оиди фаъолияти муваффақонаи корхонаҳо аз омилҳои воқеан таъсиргузор ва муҳим дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллии ҳар кишвар маҳсуб мешавад, маълумот дода мешавад. Онҳо рукни ҷудонопазир ва маркази иқтисод буда, бояд дар ниҳоят фоида ба даст оранд, ки то битвонанд давом ва густариши бештар пайдо кунанд. Ба даст овардани фоида дар натиҷаи ташкили дуруст ва фаъолияти самарабахши корхонаҳо дар шароити татбиқи амалии муносибатҳои бозорӣ имконпазир аст.*

*Инкишофи муносибатҳои бозоргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои нав ба нави фаъолияти ташкилотҳоро талаб менамояд.*

*Корхона соҳаи асосӣ ва муҳимтарини хоҷагии халқи ҷумҳурии мо ба шумор меравад. Зеро аз инкишофи он пешрафти тамоми хоҷагии халқ ва ҳаматарафа қонеъ гардонидани талаботи ҳамешагии мардуми мо вобастагӣ дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *истеҳсолот, корхона, иқтисоди миллӣ, ташкилот, идоракунӣ, моликият, ташкилотҳои тиҷоратӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ, мунисипалӣ.*

Омӯзиши вазъи молиявию иқтисодии ташкилотҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ яке аз масъалаҳои муҳим мебошад, чунки мақсади асосии ҳар як корхона, пеш аз ҳама ба даст овардани фоида мебошад. Ин мақсад бо таъмини молиявии чараёни истеҳсолот, интихоби тарафҳои истифодабарии захираҳои молиявӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ амалӣ мегарданд. Муваффақиятҳои кори корхонаҳо пеш аз ҳама аз захираҳои молиявии онҳо вобастагии калон доранд.

**Мӯҳтаво аз паёми Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон.**

Ҷиҳати амалисозии ислоҳот дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ, бахусус дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, дастгирии бахши хусусӣ ва роҳандозӣ намудани он тадбирҳои зарурӣ барои рушди соҳаҳои афзалиятнок дар ин давра самараи хуб дода, дар кишвар барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ фазои мусоид фароҳам овард.

Ба вуҷуд омадани шаклҳои гуногуни моликият, ташкили намудҳои мухталифи пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ, хусусигардонии моликияти давлатӣ, ҷорӣ намудани пули миллӣ, озод намудани нархҳо, ташкили корхонаҳои муштарак, ташкили савдои озоди хориҷӣ ва ҳалли масъалаҳои афзалиятноки иҷтимоӣ барои тақвияти иқтисодиёти Тоҷикистон қадамҳои ҷиддӣ мебошад.[1,2]

*Ташкилот* – гурӯҳи муташаккил ва муназзами одамонест, ки бо як мақсади умумӣ муттаҳид шудаанд.

Аз тарафи дигар ташкилот гуфта, ин корхона, идора, муассиса ва иттиҳодияҳоро меноманд, ки баланси мустақил дошта, соҳиби оинннома, ному нишон, суроға буда ва дар яке аз мақомоти давлатӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Ҳар як ташкилот тавсифномаи худро аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин доро мебошад:

- мақсад ва вазифаҳои асосӣ;
- сохтори умумӣ;
- тақсимоти функсияҳои сохторӣ;
- захираҳои истифодашаванда;
- муҳити дохилӣ ва беруна;
- системаи идоракунӣ;
- доираи фаъолияти идоракунӣ.

*Мақсади ташкилот* – гирифтани фоида барои ташкилотҳои тиҷоратӣ, барои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ин иҷрои мақсадҳои оинномавӣ мебошад.

Ташкилот ҳамчун шахси ҳуқуқӣ, бояд номгӯе дошта бошад, ки дар он шакли ташкилӣ-ҳуқуқии он нишон дода шуда бошад. Ташкилоти тиҷоратӣ бояд номи ширкат ва мақсади он, ки ба даст овардани фоида мебошад**,** нишон диҳад.

Ҳамин тариқ, мо тавсифи ташкилотро аз рӯи 16 нишондиҳанда, ки дар расми 1 ҷудо шудааст, дида мебароем:




***Расми 1.Тавсифи умумии ташкилот***

Аввалин ташкилотҳои тиҷоратӣ дар замони қадим ба вуҷуд омадаанд. Ёдоварӣ дар бораи сохторҳои қарзии алоҳида дар Бобули қадим ба асри VIII пеш аз милод рост меояд. Корпоратсияҳои хусусӣ (ташкилотҳои тиҷоратӣ) дар Рими Қадим вуҷуд доштанд. Оғози таъсиси ташкилотҳои тиҷоратӣ дар таърихи Руссия бо пайдоиши иттиҳодияҳои шахсон дар шакли шарикӣ гузошта шудааст. Бозёфтҳои бузурги ҷуғрофӣ ва густариши савдои байналмилалӣ дар ибтидои асрҳои XVI-XVII барои азхудкунии манбаъҳои нави ашёи хом ва бозорҳо муттаҳид кардани сармояро тақозо кард, ки боиси рушди босуръати ташкилотҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла афзоиши гуногунии онҳо гардид.

Бо назардошти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ», вобаста аз шакли моликият, инчунин хусусиятҳои хоси ташкилотҳо ҳамчун шахсони ҳуқуқӣ чунин тақсим карда мешаванд:

Корхона фаъолияти истеҳсолӣ, молиявию иқтисодӣ, тиҷоратӣ, бозорёбӣ, иҷтимоӣ ва ғайраро дар асоси он салоҳияте, ки маҳз соҳибмулк ба ӯ додааст, метавонад мақсаднок

пеш барад. Дар ин бобат, соҳибмулк вазифадор аст, ки талаботи қонунҳои Тоҷикистон ва дигар санаду меъёрҳои ҳуқуқиро ҳатман риоя кунад. Рушди устувор ва фаъолияти самараноки корхонаҳо дар ҳаллу фасли вазифаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ бештар замина муҳайё месозад. Ташкилотҳои тиҷоратӣ дар асоси оиннома (кооперативҳои истеҳсолӣ, корхонаҳои воҳиди давлатӣ), ё шартномаи таъсис ва оиннома (ширкатҳои хоҷагидорӣ) ё танҳо шартномаи таъсисӣ фаъолият мекунанд.

Ташкилоти тиҷоратӣ як шакли ташкилотест, ки дар он фоида ҳамчун ҳадафи асосии фаъолият мебошад ва дар муқоиса бо ташкилоти ғайритиҷоратӣ, ки мақсади ба даст овардани фоидаро надорад ва фоидаро дар байни иштирокчиён тақсим намекунад.

*Ташкилотҳои тиҷоратӣ* – номи умумии субъектҳои хоҷагидорӣ, ки даромаднокиро ҳадафи асосии фаъолияти худ муқаррар кардаанд.

Ташкилоти тиҷоратӣ гуфта, ташкилотеро меноманд, ки бо сифати мақсади асосии фаъолияти худ гирифтани фоида ва тақсимоти онро мувофиқи хоҳиш ба роҳ мемонад.

Ташкилотҳои тиҷоратӣ дар шаклҳои зерин ташкил карда мешаванд:

- шарикӣ;
- ҷамъиятӣ;
- кооперативҳои истеҳсолӣ;
- корхонаҳои давлатӣ ва маҳаллӣ.

**Хоҷагиҳои шарики** ташкилоти тиҷоратие мебошад, ки ҳиссаи ҳар як иштироккунанда дар сармояи асосии корхона маълум аст. Моликияте, ки дар натиҷаи фаъолияти тиҷоратӣ ба даст даровардa мешавад, моликияти саҳмдорон дар асоси фоидаашон ҳисобида мешавад.

10. Шибаева А.А. Банковские кризисы в Российской Федерации и пути их преодоления: автореф. дис. ... канд. эконо. наук: 08.00.10 / А.А. Шибаева. - Санкт-Петербург, 2011. – 18 с.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ УСТОЙЧИВОСТИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ БАНКОВ В УСЛОВИЯХ ДЕФИЦИТА ФИНАНСОВЫХ РЕСУРСОВ

**ХАЁЕВ КИЁМУДДИН АМОНУЛЛОЕВИЧ,**
ассистент кафедры финансов и кредита
Кулябского государственного университета имени Абуабдуллах Рудаки.
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16.
Тел.: (+992) 988-00-60-29. E-mail: qiyom1995@mail.ru.

*В данной статье рассматриваются теоретические основы обеспечения устойчивости деятельности банков в условиях дефицита финансовых ресурсов. Следует сказать, что автором были предприняты усилия по представлению исследований отечественных и зарубежных ученых по обеспечению стабильности деятельности банков, а также рекомендуется их внедрение на практике.*

*Согласно теориям, предложенным учеными, стало ясно, что коммерческие банки должны привлекать больше финансовых ресурсов, чтобы стабилизировать свое положение в условиях кризиса и на этой основе обеспечивать свой уровень ликвидности перед клиентами. Поэтому по результатам анализа было предложено, что для стабилизации сектора банковской системы в части защиты от потрясений внутреннего и мирового рынков необходимо принять специальную программу повышения уровня финансовых знаний населения на основе постоянного сотрудничества государства с финансово-кредитными организациями, а затем ее осуществление на практике должно финансироваться за счет просвещения населения.*

*Исходя из нормальной деятельности банковского сектора, можно сказать, что в ближайшее время ожидается устойчивое развитие экономики, при этом уровень благосостояния населения будет оцениваться на самом высоком уровне.*

***Ключевые слова:*** *устойчивость банков, дефицит финансовых ресурсов, финансовая политика банка, финансовые активы, субъекты народного хозяйства, депозитарные отношения, риск, достаточность капитала, эффективные денежные средства.*

## THEORETICAL FOUNDATIONS FOR ENSURING THE SUSTAINABILITY OF BANKS IN THE CONDITIONS OF A SHORTAGE OF FINANCIAL RESOURCES

**HAYOEV QIYOMUDDIN AMONULLOEVICH,**
assistant of the Department of Finance and Credit of the
Kulyab State University named after Abuabdullah Rudaki.
735360, Republic of Tajikistan, Kulob towen, 16, S. Safarov str.
Phone: (+992)-988-00-60-29. E-mail: qiyom1995@mail.ru.

*This article discusses the theoretical foundations for ensuring the sustainability of banks in the face of a shortage of financial resources. It should be said that the author has made efforts to present the research of domestic and foreign scientists to ensure the stability of the activities of banks, and it is also recommended to implement them in practice.*

*According to the theories proposed by scientists, it became clear that commercial banks should attract more financial resources in order to stabilize their position in a crisis and, on this basis, provide their level of liquidity to clients. Therefore, based on the results of the analysis, it was proposed that in order to stabilize the sector of the banking system in terms of protection from shocks in the domestic and world markets, it is necessary to adopt a special program to increase the level of financial knowledge of the population on the basis of constant cooperation between the state and financial and credit organizations, and then its implementation in practice should be financed. by educating the public.*

*Based on the normal activity of the banking sector, we can say that in the near future sustainable development of the economy is expected, while the level of well-being of the population will be assessed at the highest level.*

***Key words:*** *stability of banks, lack of financial resources, financial policy of the bank, financial assets, economic entities, depositary relations, risk, capital adequacy, effective funds.*

**УДК: 338.43**

# НАҚШИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДОУТОВА АДИБА РАҶАБАЛИЕВНА,**
ассистенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯч. Сангак Сафаров 16.
Тел.: (+992)-988-83-40-80.

*Дар мақола оид ба сатҳи зиндагӣ, таҳия ва татбиқи стратегияи бехатарии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дурнамои дарозмӯҳлат дар сатҳи зиндагии аҳолии минтақаҳо сухан меравад. Масъалаҳое, ки бояд дар стратегия дарҷ ёбанд, аз ҷумла дастрасии физикӣ ва иқтисодии маҳсулоти ғизоӣ, ҳифзи муҳити зист ва идоракунии самарабахш, риояи меъёрҳои агротехникӣ ва дар маҷмӯъ, истифодаи дурусти захираҳои замини ҷумҳурӣ ва афзалиятҳои кишвар дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии органикӣ пешниҳод карда шудаанд. Расидан ба ҳадафҳои умумимиллӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизо, кам кардани сатҳи камбизоатӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ маркази масъалаҳоро дарбар мегиранд.*

*Дар мақола асоснок карда шудааст, ки дар шароити кунунӣ истифодаи самараноки обу замин ва зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ бе ворид намудани технологияи нав ва риояи қоидаҳои муосири агротехникии парвариши зироатҳо ғайриимкон мебошад. Инчунин роҳҳои ҳалли масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ дар мамлакат пешниҳод гардидаанд.*

*Хулоса карда шудааст, ки барои ҳалли масоили бехатарии озуқаворӣ амалӣ намудани маҷмӯи чораҳо лозим мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад зарур аст, ки ҳамкории давлатӣ-хусусӣ мустаҳкам гардад, ҳамчунин ислоҳоти институтсионалии бо рушди иқтидори инсонии мамлакат алоқаманд гузаронида шаванд ва пеш аз ҳама дар натиҷаи истифодаи самарабахши заминҳои корам ва истифодаи технологияҳои муосир дар соҳаи комплекси агросаноатӣ вобаста мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *сатҳи зиндагӣ, бехатарии озуқаворӣ, дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ, кишоварзӣ, сиёсати аграрӣ, таъминнокӣ, таъминнокии аҳолии мамлакат ба маҳсулоти ватанӣ, таъмини корхонаҳои саноатӣ ба ашёи хом, рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ, рушди босуботи иқтисодиёт.*

Асри XXI давраи ташаккули фарҳангу технологияи навин буда, бо дарназардошти афзуншавии аҳолии сайёраи замин ниёзмандии инсоният ба неъматҳои моддӣ бештар мегардад. Дар давраи муосир пешрафти ҷомеаи ҷаҳонӣ аз стратегияи давлатӣ дар бахши иқтисодӣ бештар вобастагӣ дорад. Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми корӣ дар раванди иқтисодӣ ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардидааст. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи иқтисодиёт дере нагузашта самар овард, ки дар ин ҷода заҳмату талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беандоза бузург мебошад.

Таъмини бехатарии озуқаворӣ дар даҳсолаҳои охир чун бахши муҳими иқтисодӣ мавриди омӯзиш ва чораҷӯиҳои зарур дар пешбурди зиндагии мардум қарор гирифта, он дар баробари истиқлоли энергетикӣ, саноатикунонии босуръати кишвар ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ба самтҳои асосии стратегияи давлатӣ дар ҷодаи рушди кишвар ворид карда шудааст.

Чуноне, ки И.С. Фасеҳзода қайд намудаанд, робитаҳои байниминтақавии озуқаворӣ сатҳи рушди муосирро нишон дода, тақсимоти воқеии меҳнатро дар комплекси агросаноатӣ муайян намуда, алоқамандии комплексҳои минтақавии озуқаворӣ, ки ҳамчун муносибатҳои иқтисодии истеҳсолот зуҳур ёфтааст, инчунин

амалигардонӣ ва мубодилаи намудҳои якхелаи озуқаро миёни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони он баррасӣ менамояд [10, с.149-150].

Бо назардошти мушкилотҳои ҷойдошта дар самти бехатарии озуқавории мамлакат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Ҳукумати кишвар дастур доданд, ки доир ба дастгирии соҳаи кишоварзӣ, бахшҳои коркарди маҳсулоти он ва ҳавасманд намудани кишоварзон баҳри истифодаи самараноки захираҳои обу замин тадбирҳои иловагӣ андешанд, инчунин тавассути ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ҷиҳати азхудкунӣ ва обёрии заминҳои нав чораҷӯӣ карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини иқтисоди миллӣ буда, таъмини яке аз ҳадафи стратегии Ҳукумат, яъне амнияти озуқавории мамлакат, асосан аз сатҳи рушди он вобаста мебошад.

Дар аксарияти кишварҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққӣ низ мушкилоти таъмини озуқаворӣ дида мешавад. Дар баробари ин, мо бояд дурнаморо ба инобат гирифта, маҳсулоти озуқавориро аз хориҷи кишвар ворид накарда, балки истеҳсолоти ватаниро ба монанди давлатҳои тараққикарда, хусусан ИМА ва Франсия – бештар аз 100%, Олмон – 93%, Италия – 78%, Япония 50%, Руссия - 49,3% ба роҳ монем [9, с. 214].

Бехатарии озуқаворӣ ин чунин ҳолате мебошад, ки дар он давлат қобилияти қонеъ намудани талабот ба озуқаро дар сатҳи мӯътадили ҳаётгузаронии аҳолӣ кафолат медиҳад. Мафҳуми «Сатҳи мӯътадили ҳаётгузаронии аҳолӣ» дар доираи илм аз нуқтаи назари рушди инсонӣ шарҳ дода мешавад, ки барои саломатии инсон ва дарозумрии он аҳамият дорад. Яъне дар ин ҳолат бехатарии озуқаворӣ дар захира намудани озуқа ё таъмини истеҳсоли ватании он баҳри ҳимояи манфиатҳои истеҳсолкунанда инъикоси ҳақиқии худро наёфта, балки аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ дар дигаргун сохтани таркиби истеъмолоти аҳолӣ бо беҳтар гардонидани сифати озуқа баҳри нигоҳ доштани саломатии инсон бештар бояд шарҳ дода шавад. Аз ҳамин ҷиҳат ҳам таъмини бехатарии озуқаворӣ асоси рушди инсонӣ ва нерӯи он баромад мекунад.

Таъмини бехатарии озуқаворӣ, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ, фурӯш, инчунин ҳалли мушкилоти дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодии озуқаворӣ хусусияти системавӣ дорад. Мавҷудияти маҳсулоти озуқа ба ҳар нафар аҳолӣ ба воситаи тарози (баланси) озуқаворӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар тарози озуқаворӣ ҳар кадом маҳсулоти асосии озуқа аз ҷиҳати мавҷудияти умумии худи маҳсулот ва истеъмоли он дар давраи муайян нишон дода мешавад, ки маъмулан як солро дар бар мегирад. Нишондиҳандаи мавҷудияти озуқаворӣ дар миқёси миллӣ ба ҳисоби миёна оварда шудааст ва дар он манбаи дастрас будан ба хонавода (имконияти истеҳсол, дарёфт кардан ё гирифтани озуқа бо ҳар усул) ба назар гирифта намешавад [1, с. 21].

Дар шароити ҷаҳонишавии хоҷагии ҷаҳонӣ истиқлоли иқтисодии ҳар як мамлакат хосияти нисбиро доро мебошад, аммо дар муқаррароти зерин истиқлоли иқтисодӣ ҳамчун имконияти назорати самарабахши захираҳои худӣ ва соҳиб шудани чунин дараҷаи рақобатпазирии иқтисодие мебошад, ки ҳалли ҳамаи мушкилиҳои фаъолияти ҷамъият ва давлатро таъмин менамояд.

Бехатарии озуқаворӣ ҳамон вақт таъминшуда ҳисобида мешавад, ки агар озуқавории мувофиқ (аз ҷиҳати миқдор, сифат, бехавфӣ ва аз нуқтаи назари иҷтимоию фарҳангӣ маъқул) мавҷуд ва дастрас буда, ҳамаи мардум доимо барои таъмини ҳаёти солим чунин озуқавориро қаноатмандона истеъмол кунанд. Бехатарии озуқаворӣ қисми таркибии бехатарии иқтисодӣ буда, мақсади асосии он истифодаи самараноки захираҳо

дар роҳи комёбшавӣ ба тавозуни бозорӣ, яъне ба таносубҳои байни талабот ва таклифоти озуқаворӣ, таъмини ашёи хом барои соҳаҳои коркардабарорӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ мебошад ва ин на танҳо бо истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва имконияти харидории онҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, инчунин бо қобилияти таъминнокии аҳолии кишвар ба маҳсулоти зарурии озуқаворӣ вобаста мебошад. Бо ин мақсад меъёрҳои тиббии истеъмолӣ ва санитарӣ барои назорати озуқаворӣ бояд дар сатҳи давлатӣ баррасӣ карда шаванд. Масъалаи мазкурро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар нанамуда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолӣ меъёрҳои тавсиявӣ муқаррар карда шудааст, ки мо онро дар ҷадвали 1 муфассал шарҳ додаем.

***Ҷадвали 1. Меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| **Номгӯи маҳсулот** | **Меъёрҳо** | | |
|---|---|---|---|
| | **Дар як шабонарӯз, г** | **Дар як моҳ, кг.** | **Дар як сол, кг.** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ, ярмаҳо, лӯбиёгиҳо | 404,7 | 12,1 | 147,7 |
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 111,9 | 3,4 | 40,8 |
| Моҳӣ ва маҳсулоти моҳигӣ | 24,6 | 0,7 | 9,0 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 316,0 | 9,5 | 115,3 |
| Тухм (дона) | 0,5 | 15,0 | 180,0 |
| Равған (растанӣ, чарбу) | 46,2 | 1,38 | 16,6 |
| Қанд | 54,8 | 1,6 | 20,0 |
| Сабзавот ва полезиҳо | 455,0 | 13,7 | 166,1 |
| Мева ва буттамева | 340,0 | 10,2 | 124,1 |
| Картошка | 252,0 | 7,6 | 92,0 |
| Чой | 5 | 0,15 | 1,8 |

***Сарчашма: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2018, №451.***

Дар баробари ин, ҳангоми муайян намудани вазъи бехатарии озуқаворӣ масъалаҳои зерин низ бояд ба назар гирифта шаванд: ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ватанӣ, ашёи хоми ватанӣ, талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ тибқи меъёрҳои Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ муқарраршуда, сатҳи худтаъминкунӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ тибқи меъёрҳои илман исботшуда бо дарназардошти шароити табиӣ ва иқтисодии макони зист [4, с.31].

Давлат вазифадор аст, ки барои аксарияти аҳолӣ дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодии намудҳои асосии озуқавориро тибқи меъёрҳои ба таври илмӣ асосёфтаи истеъмоли инсон фароҳам орад. Аз ин рӯ, муносибати методологии таҳқиқи бозори озуқаворӣ аз мамлакатҳои Ғарб, ки низоми ташаккулёфтаи муносибатҳои бозорӣ доранд, набояд нусхабардорӣ карда шавад. Низоми муносибатҳои иқтисодӣ дар шароитҳои хоҷагидории нимбозорӣ ва нимнатуралӣ муносибати замонавии навро талаб мекунад. Ин муносибат бояд бо менеҷменти самарабахш, захираҳои иттилоотӣ ва худи низоми ташкили муносибатҳо дар маҷмӯи озуқаворӣ асос ёфта бошад. Низоми идоравӣ бояд хусусиятҳои зеринро ба ҳисоб гирад:

-ҳувияти мавҷудаи аҳолӣ оид ба ташаккули захираҳо, ки ба натурализатсияи фаъолияти хоҷагӣ меорад;

-фаъолияти ғайрирасмии миёнаравӣ, ки иттилоотро таҳриф намекунад, вале ба баланд шудани нархҳои маҳсулоти озуқаворӣ таъсир мерасонад;

-тавассути фурӯшандаҳои фардӣ дар бозор фурӯхтани маҳсулоти озуқаворӣ, ки ба ҳаҷми он баҳо додан номумкин аст;

-робитаи суст дар байни бахшҳои истеҳсолӣ ва истеъмолии иқтисодӣ.

Роҳҳои ноил шудан ба таъминоти озуқавориро нишон дода, қайд менамоям, ки ҳар як давлат ва Тоҷикистон низ истисно нест, асоси «бехатарии озуқаворӣ»-ро тибқи хусусиятҳои он, ҳамчунин тибқи нақши анъана, тарзи зиндагӣ ва психологияи аҳолӣ ташкил медиҳад.

Дар навбати худ, зарур аст, ки аз ҳисоби ба вуҷуд овардани муносибатҳо ва муттаҳид намудани онҳо, тадбир оид ба такмили низоми идораи тамоми соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ва кор карда баровардани низоми чорабиниҳо доир ба баланд кардани устувории робитаи дуҷонибаи воҳидҳои низоми агробизнеси мамлакат ва минтақаҳо андешида шаванд. Бо озуқаворӣ таъмин будани аҳолӣ яке аз роҳҳои асосии муайян кардани вазъи бехатарии озуқаворӣ мебошад. Дар умум, вазъи бехатарии озуқавории мамлакатро ду нишондиҳанда муайян мекунанд:

-ҳаҷми умумии захираҳои ғалладонагӣ (миқдори зарурии захираи солона то ҳосили оянда);

-истеҳсоли молҳои дигари озуқаворӣ ба ҳисоби миёна ба сари аҳолӣ.

Новобаста ба афзоиши босуръати шумораи аҳолӣ, ки дар соли 2020 9,3 млн. нафарро ташкил медод ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 9,8 млн. нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2020 суръати афзоиши аҳолӣ 0,5 % зиёд мебошад [6, с.8].

Чунон ки таҳлилҳо нишон медиҳанд истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ба сари аҳолӣ дар даврони истиқлол рӯ ба беҳбудӣ овардааст, ки мо дар ҷадвали 2 бо пуррагӣ шарҳ додаем. Нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ низ бо роҳҳои рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз нишондиҳандаҳои муҳим барои муайян намудани сатҳи бехатарии озуқаворӣ ба шумор меравад.

***Ҷадвали 2. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як нафар аҳолӣ, кг.***

| **Номгӯйи маҳсулот** | **Солҳо** | | | | | | | **1991 нисбат ба 2020 (%)** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **1991** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | |
| Ғалладона | 54,3 | 164,8 | 163,4 | 161,2 | 141,5 | 152,2 | 165,0 | 3-баробар |
| Картошка | 32,3 | 105,0 | 103,9 | 88,6 | 106,8 | 107,9 | 108,7 | 3-баробар |
| Сабзавот | 112,1 | 197,2 | 202,2 | 210,4 | 234,8 | 236,7 | 263,5 | 2-баробар |
| Полизӣ | 31,2 | 70,1 | 68,7 | 71,4 | 71,1 | 76,1 | 80,5 | + 58,0 % |
| Меваҳо ва буттамеваҳо | 31,6 | 35,4 | 42,1 | 45,8 | 49,6 | 51,4 | 49,7 | + 57,2 % |
| Ангур | 21,6 | 24,1 | 24,8 | 25,8 | 26,8 | 26,8 | 25,4 | + 11 ,7 % |
| Гӯшт (дар вазни кушташуда) | 13,4 | 13,2 | 13,5 | 14,1 | 14,5 | 14,8 | 16,0 | + 19,4 % |
| Шир | 104,9 | 105,2 | 106,2 | 107,5 | 108,9 | 108,5 | 108,5 | + 0,3 % |
| Тухм, дона | 81,1 | 42,3 | 39,0 | 38,6 | 49,9 | 78,7 | 104,5 | + 28,8 % |

***Сарчашма: Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2021, С.15.***

Чуноне, ки аз ҷадвали мазкур ба мо маълум гашт истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як нафар аҳолии кишвар дар бештари маврид нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 1991 рушд ёфтааст.

***Ҷадвали 4. Таъминнокии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҳсулоти кишоварзӣ (таносуби фоизи бо меъёри тавсияшавандаи истеъмол 1 кг/одам дар як сол)***

| **Навъҳои маҳсулот** | **Меъёри тавсияшаванд аи истеъмол 1 кг/одам дар як сол** | **СОЛҲО** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2018** | | **2019** | | **2020** | |
| | | **Ба сари аҳолӣ,** | **Сатҳи таъмин будан, %** | **Ба сари аҳолӣ кг.** | **Сатҳи таъмин будан, %** | **Ба сари аҳолӣ, кг.** | **Сатҳи таъмин будан, %** |
| Ғалла маҳсулоти ғалладонагӣ | **147,7** | 141,5 | 95,8 | 152,2 | 103,0 | 165,0 | 111,7 |
| Картошка | **92,0** | 106,8 | 116,0 | 107,9 | 117,2 | 108,7 | 118,1 |
| Сабзавот ва обчакорӣ | **166,1** | 234,8 | 141,3 | 236,7 | 142,5 | 263,5 | 158,6 |
| Мевагӣ ва ангур | **124,1** | 76,4 | 61,5 | 78,2 | 63,0 | 75,1 | 60,5 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | **115,3** | 106,2 | 92,1 | 49,6 | 43,0 | 50,4 | 43,7 |
| Гӯшт ва маҳсулотӣ гуштӣ | **40,8** | 14,5 | 35,5 | 14,8 | 36,2 | 16,0 | 39,2 |
| Тухум (дона) | **180,0** | 49,9 | 27,7 | 78,7 | 43,7 | 104,5 | 58,0 |

***Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маводи маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021, саҳ.15***

Дар солҳои 80-уми асри XX, пас аз муваффақиятҳои «инқилоби сабз», ки ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ мусоидат намуданд, эътироф карда шуд, ки норасоии маҳсулоти хӯрокворӣ ва ҳатто гуруснагӣ, аксаран на он қадар аз сабаби коҳиши якбораи истеҳсолоти маҳсулоти хӯрокворӣ ба вуҷуд омадааст, чӣ қадаре ки аз паст шудани даромади қишрҳои муайяни ҷамъият, яъне талаботи харидорӣ ба амал меояд. Аз ҳамин сабаб, ба мафҳуми «бехатарии озуқаворӣ» аломатҳои чун дастрасии воқеӣ ва иқтисодии аҳолӣ ба озуқаворӣ низ дохил шудаанд.

Бехатарии иқтисодӣ ба таъмини аҳолии мамлакат бо маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва озуқаворӣ оварда мерасонад, дар баробари ин, бештар бехатарии озуқаворӣ ва истиқлол айният дода шуда, дар ин маврид манбаъҳои озуқаворӣ ва қобилияти харидории аҳолӣ ба назар гирифта намешаванд.

Ташкил додани низоми идоракунии устувор аз гуногуншаклии таркибҳои бозорӣ ҷудо намудани унсурҳои инфрасохтории низомташкилкунанда ва дар соҳаҳо муттаҳид намудани онҳоро дар назар дорад. Ҳангоми вобаста бо мувозинаи тақозо ва арзаи маҳсулот ва вазъи иҷтимоии харидорон, низоми таҳлил ва пешгӯии рушди бозори озуқаворӣ, тағйир наёфтани роҳҳои ташаккулёбии нархҳо, давлат ин вазъро танзим мекунад. Ба яке аз роҳҳои танзим дар ин ҳолат ҷорӣ кардани сиёсати нархӣ дохил мешавад. Пеш аз иҷро намудани ин мақсад, санҷиши саривақтии бозори озуқаворӣи минтақа, ба ҳисоб гирифтани иқтидори он ва пешгӯйии рушд бо роҳи дар марказҳои

шаҳр ва ноҳияҳо ташкили Марказҳои санҷиши сифатӣ ва консалтингӣ (мониторинги консалтингӣ) зарур мебошад.

Дар мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта таҷрибаи чандинсолаи дастгирии молиявии хоҷагиҳои фермерӣ нишон дод, ки афзоиши ёрии пулии давлат ба ин хоҷагӣ мисли истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ самарабахш нест. Маҳз барои ҳамин гузариш ба модели нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар он нархҳои ҷаҳонӣ асосӣ мебошанд, зарурати бо мақсади дастгирии нархҳои дохилӣ аз буҷет ҷудо намудани маблағи зиёдро ба вуҷуд овард. Вале аз ин пас, ҳатто дар мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта, имконнопазир будани давом додани пулҷудокунии соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб гирифта шуда, дар аксари онҳо зарурати дида баромадани принсипҳои бунёдии сиёсати аграрӣ пайдо шуд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи молҳои озуқаворӣ дар ҳаҷми умумии содирот дар солҳои 2020 - 2021 - ум мутобиқан 2,8 ва 3,0 фоизро ташкил кардааст. Дар воридот таносуби онҳо хеле зиёд буда, мутобиқан, 30,8 ва 29,6 фоизро ташкил дод. Молҳои асосии воридшаванда аз инҳо иборатанд: гандум ва орд, ки таносуби бештарро ташкил медиҳанд, қанду шакар, равғани растанӣ, маҳсулот аз орд, маҳсулоти ширӣ, тухм ва ғайраҳо. Воридоти молҳои озуқаворӣ - 7,8 % кам шудааст, аз он ҷумла воридоти орд - 49,0 %, қанду шакар ва маҳсулоти қаннодӣ - 6,2 % макарон - 15,9 %, шарбати меваю сабзавот - 57,1 % ва равғани растанӣ - 11,6 % кам шудааст [1, с.20].

***Ҷадвали 3. Содироту воридоти маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии савдо дар моҳҳои январ – декабри солҳои 2020-2021***

**(ҳазор тонна)**

| Номгӯйи маҳсулот | Содирот | | 2021 нисбат ба 2020 (%) | Воридот | | 2021 нисбат ба 2020 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2021 | | 2020 | 2021 | |
| Молҳои озуқаворӣ | 14,4 | 14,8 | 102,8 | 412,5 | 380,4 | 92,2 |
| Аз онҳо: | | | | | | |
| Гандум | - | - | - | 203,9 | 219,5 | 107,7 |
| Орд | - | - | - | 23,1 | 11,8 | 51,0 |
| Қанду шакар ва маснуоди қандӣ | - | - | - | 58,4 | 54,6 | 93,8 |
| Макарон ва маҳсулоти он | - | - | - | 4,4 | 3,7 | 84,1 |
| Равғани растанӣ | - | - | - | 23,3 | 20,6 | 88,4 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | - | - | - | 1,9 | 2,1 | 110,6 |
| Тухм | - | - | - | 0,2 | 0,2 | 100,0 |
| Чой | - | - | - | 1,1 | 1,1 | 100,0 |
| Картошка | - | - | - | 8,0 | 10,0 | 125,0 |
| Сабзавот | 6,7 | 5,4 | 80,6 | 10,4 | 13,8 | 132,7 |
| Меваҷот ва бехмеваҳо | 5,0 | 5,9 | 118,0 | 15,1 | 17,1 | 113,2 |
| Шарбати мева ва сабзавот | - | - | - | 0,7 | 0,3 | 42,9 |
| Сабзавоти консервашуда, қайлаҳои помидор | - | - | - | 0,3 | 0,4 | 133,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳиссаи маҳсулоти хӯрокворӣ дар ҳаҷми умумӣ, ба ҳисоби фоиз | 2,8 | 3,0 | 107,1 | 30,8 | 29,6 | 96,1 |

***Сарчашма: Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №1-2021 Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 2021. С 20.***

Гарчанде, ки таъмини маҳсулоти озуқаворӣи ватанӣ нисбати солҳои 1997-1998 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2021 хеле пеш рафтааст, вале ҳоло ҳам ҳиссаи баъзе маҳсулотҳои озуқаворӣи воридотӣ аз меъёр зиёд ба назар мерасад.

Истифодаи нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба сари аҳолӣ барои якчанд сол имконият медиҳад, ки аз рӯи он тамоюли тағйироти мавҷудияти умумӣ, воридот, содирот, инчунин мавҷудияти озуқаворӣ барои истеъмоли аҳолӣ баҳо дода шавад.

Рушди соҳаи кишоварзӣ барои муваффақ шудан дар роҳи раҳо намудани аҳолии минтақаҳои кӯҳистон аз камбизоатӣ ва таъмини онҳо бо маҳсулоти баландсифат, дар ин замина таъмини бехатарии озуқаворӣи кишвар дар сатҳи ҷаҳон муҳим дониста мешавад.

Дар баробари ин, чи тавре, ки А.А. Солеҳзода қайд намудаанд, махсусан, тавсеа додани дастрасӣ ва саҳм дар таъмини фаровони маҳсулоти озуқа, беҳтар намудани сифат ва таъмини бехатарии он дар асоси гузариш ба дараҷаи баланди саноатикунонӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ, дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва аз ҷиҳати экологӣ бехатар асоси ислоҳоти соҳаро ташкил медиҳанд [8, с.5-9].

Чуноне, ки муҳаққиқон Фасеҳзода И.С. ва Назарзода А. қайд намудаанд, аз рушди соҳаи кишоварзӣ сатҳи зиндагии мардум беҳбудӣ пайдо менамоянд: ҳаҷм ва сифати хуби озуқаворӣ, даромад ба сари аҳолӣ, таъминот ва хизматрасонии хуб, беҳбудии вазъи иҷтимоӣ ба он алоқамананданд. Дар ҳамаи давру замон соҳаи кишоварзӣ дар рушди босуботи кишвар нақши муҳим дошта, барои роҳандозӣ гардидани нақшаҳои давлатӣ дар соҳаи иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст [11, с.58-64].

Аз ин ҷо, таъминоти бехатарии иқтисодӣ ҳалли як қатор масъалаҳоро дар назар дорад:

– ташкил намудани шароитҳои иқтисодии босубот барои рушди бозори озуқаворӣи мамлакат;

–гузаронидани сиёсати самарабахши агроозуқаворӣ;

– таъмини имкониятҳои баробар барои ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ;

– гузаронидани сиёсати дурусти миллӣ дар соҳаи бо кор таъминкунии аҳолӣ;

– амалӣ гардонидани сиёсати иҷтимоии давлат, ки ба решакан кардани камбизоатӣ ва нобаробарӣ дар бобати дастрасӣ ба озуқаворӣи хушсифат, ҳамчунин истифодаи он равона шудааст;

– ба даст овардани истеҳсолоти устувор, мӯътадил ва гуногуни озуқаворӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва самарабахшии меҳнат;

– амалӣ намудани стратегияҳои рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ бо мақсади зиёд намудани имкониятҳои маҳаллии истеҳсоли озуқаворӣ;

– мусоидат намудан ба дохил кардани технологияҳои пешқадам дар соҳаи истеҳсолот, коркардкунӣ, нигоҳдорӣ ва фурӯши ашёи хом ва озуқаворӣ;

– истифода бурдани афзалиятҳои тақсимоти байналхалқии меҳнат;

– гузаронидани фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, таъмини мувозина байни фаъолияти содиротию воридотӣ;

– сармоягузории соҳаи аграрӣ

Умуман, бехатарии озуқаворӣ яке аз воҳидҳои муҳимми бехатарии иқтисодии мамлакат ба ҳисоб рафта, бо маҷмӯи шароитҳои иқтисодӣ ва иҷтимоие таъмин мешавад,

ки бо рушди хоҷагии аҳолӣ ва тамоми маҷмӯи озуқаворӣ, ҳамчунин бо вазъи умумии иқтисоди миллӣ ва ҷаҳонӣ алоқаманд мебошад.

Ҳамин тавр, метавон қайд кард, ки барои ҳалли масоили бехатарии озуқаворӣ амалӣ намудани маҷмӯи чораҳо лозим мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад зарур аст, ки ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ мустаҳкам гардад, ҳамчунин ислоҳоти ниҳодии бо рушди иқтидори инсонии мамлакат алоқаманд гузаронида шаванд ва ин пеш аз ҳама ба натиҷаи истифодаи самарабахши заминҳои корам ва истифодаи технологияҳои муосир дар соҳаи комплекси агросаноатӣ вобаста мебошад.

**Адабиёт**

1.Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №4-2021. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 2021. – 170 С.

2.Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, январ – декабр. Душанбе – 2020. – С. 24-25.

3.Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти ҶТ. – Душанбе, 2021

4.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» санаи истифодашуда: 28.12.2012 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, №643, 18 05 2009 с., Душанбе 2016г. саҳ. 6-9.

5.Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 21.12.2021.

6.Солехзода А.А. Факторы, влияющие на уровень продовольственной безопасности / А.А.Солехзода, И.С.Фасихов // Научные исследования: Ключевые проблемы III тысячелетия (Россия, Москва). - 8 (9). – 2016. - С.15-23.

7.Солеҳзода А.А. Ҷабҳаҳои стратегии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар Тоҷикистон / А.А.Солеҳзода, И.С. Фасеҳзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар шумораи илмҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва умумӣ. Душанбе, 2018. №3.- С. 3-8.

8. Нурализода А.Н. Ҳамбастагии сатҳ ва сифати зиндагӣ: Ҷанбаҳои стратегии баланд бардоштани он // А.Н.Нурализода, А.С.Қаландаров / Паёми молия ва иқтисод (маҷалаи илмӣ-амалӣ). Душанбе-2019, №3 (19), саҳ. 94-101.

9. Фасехзода И.С. Международная валютная система и этапы ее развития / И.С.Фасехзода, Н.Ш.Шарифзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2019., №5-2 с.100-105

10.Фасеҳзода И.С. Пути совершенствования производства сельскохозяйственной продукции в развитии производства продовольственной продукции / И.С.Фасеҳзода, Х.А.Сайдалиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2018. № 10. С. 149-156.

11. Фасеҳзода И.С. Рушди истеҳсолоти маҳсулоти озуқаворӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти минтақа / И.С.Фасеҳзода, А.Назарзода // Маҷаллаи илмию сиёсии «Идоракунии давлатӣ»-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №3 (52), Душанбе-2021с., С.58-64

12. Фасеҳзода И.С. Ҳолат ва роҳҳои таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.С.Фасеҳзода / Паёми молия ва иқтисод (маҷалаи илмӣ-амалӣ). Душанбе-2019, №2 (18), саҳ. 52-59

13. Шамсов Дж.И. Формирование регионального рынка молока в Республики Таджикистан // Дж.И.Шамсов, И.Шерхон / Журнал «Наука и образование сегодня» Российская Федерация, Москва, №11 (58), 2020 г., С.17-22, ISSN 2414-5718.

# РОЛЬ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В РЕГИОНАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**ДОУТОВА АДИБА РАДЖАБАЛИЕВНА,**
ассистент кафедры экономика предпрмятий и предпринимательство
Кулябского государственного университета имени Абуабдуллах Рудаки.
735360. Республика Таджикистан, город Куляб, ул. Сангака Сафарова 16.
Тел.: (+992) 988-83-40-80

*В статье рассматривается уровень жизни, разработка и реализация стратегии продовольственной безопасности Республики Таджикистан на долгосрочную перспективу с точки зрения уровня жизни населения в регионах. Предлагаются вопросы, которые должны быть включены в стратегию, в том числе физическая и экономическая доступность качественного продовольствия, сохранение экологических норм и эффективного менеджмента, соблюдения агротехнических норм и в целом использование преимуществ страны в производстве органической сельскохозяйственной продукции. Достижение стратегических целей, доступность продовольствия населению, снижение уровня бедности и развитие агропромышленного сектора составляют основу исследования.*

*В статье обосновано, что в современных условиях эффективного использования земельных и водных ресурсов и увеличения объема производства сельскохозяйственной продукции невозможно без внедрения новых технологий и соблюдения агротехнических норм выращивания культур. Также предложены пути обеспечения продовольственной безопасности в стране.*

*Сделано заключение, что для решения проблем продовольственной безопасности необходимо принять ряд мер. Для достижения цели необходимо расширения государственно-частного партнерства, а также проведение институциональных реформ, связанных с потенциалом человеческих ресурсов страны, эффективным использованием пахотных земель и использованием современной технологии в агропромышленном комплексе.*

***Ключевые слова****: уровень жизни, продовольственная безопасность, доступность продовольствия, агротехнические нормы, продовольственное обеспечение, норма потребления, сельского хозяйство, аграрная политика, развитие дехканских хозяйств, устойчивое экономическое развитие.*

# THE ROLE OF FOOD SECURITY IN THE REGIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**DOUTOVA ADIBA RADZHABALIEVNA,**
Assistant of the Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship of the
Kulob State University named after Abuabdullahi Rudaki.
735360. Republic of Tajikistan, Kulob towen, 16, Sangak Safarov str.
Phone.: (+992) 988-83-40-80.

*The article discusses the development and implementation of a long-term food security strategy for the Republic of Tajikistan in terms of the standard of living of the population in the regions. It proposes questions that should be included in the strategy, including the physical and economic accessibility of high-quality food, the preservation of environmental standards and effective management, compliance with agricultural standards, and in general the use of the country's advantages in the production of organic agricultural products. Achievement of strategic goals, availability of food to the population, poverty reduction and development of the agro-industrial sector form the basis of the study. The article justifies that in modern conditions of effective use of land and water resources and increase in agricultural production, it is impossible without the introduction of new technologies and compliance with agricultural standards for growing crops. Ways to ensure food security in the country are also proposed.*

*It was concluded that a number of measures were needed to address food security. To achieve the goal, it is necessary to expand public-private partnerships, as well as institutional reforms related to the potential of the country's human resources, the effective use of arable land and the use of modern technology in the agro-industrial complex.*

***Keywords:*** *standard of living, food security, availability of food, agrotechnical standards, food supply, consumption rate, agriculture, supply of industrial enterprises with raw materials, development of dekhkan farms, export of domestic products to the country, sustainable economic development.*

УДК 338.45

# САНОАТ ҲАМЧУН СОҲАИ АФЗАЛИЯТНОКИ ИСТЕҲСОЛОТИ МОДДӢ

**ҲУСЕЙНОВ УМАРҶОН САИДАКБАРОВИЧ,**
ассистенти кафедраи менеҷменти
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 988-83-10-74. E-mail: umarjonhuseynov96@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур муаллиф ақидаҳои олимони ватанию хориҷиро оиди соҳаи саноат, саноати сабук нишон дода таҳлилҳо барои рушди соҳибкории саноатӣ гузаронидаст. Қайд намудааст, ки рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон ба сатҳи инкишофи техникию технологии саноат алоқаи зич дошта, он дар камолоти истеҳсолоти моддӣ ва ғайримоддии ҷомеа, хусусан ташаккули даромадҳои аҳолӣ ва ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, таъмини эҳтиёҷоти мамлакат бо маҳсулоти саноатии ватанӣ ва ҷалби аҳолии қобили меҳнат ба истеҳсолот нақши муайянкунандаро мебозад.*

*Дар баробари ин муҳимияти соҳаи саноат ва такмилдиҳии механизмҳои самараноки пешкаш намудани ёрии давлатӣ ба соҳибкории саноатӣ ҳал намудани якчанд вазифаҳои махсусро пешбинӣ карда бо мисолҳои мушаххас таҳлилу баррасӣ кардаанд. Сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди бемайлони соҳибкории саноатӣ, аз байн бурдани монеаҳои ин соҳа нигаронида шудааст. Ҳамчунин муаллиф дар мақола зимни таҳқиқ иброз доштаст, ки рушди соҳибкории саноатӣ дар заминаҳои ҳуқуқӣ асоси устувор дошта, бешубҳа ба рушди иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбӣ мерасонад.*

***Калидвожаҳо:*** *саноат, саноати сабук, соҳибкорӣ, сармоягузорӣ, санҷишҳои андоз, қарз, молиявӣ, сайёҳӣ, иқтисодӣ,омор, шаҳодатнома, иқтисоди миллӣ, истеҳсолӣ,корхонаҳои саноатӣ,саноати вазнин.*

Саноат яке аз соҳаи пешбарандаи иқтисодиёти миллии ҳар давлат ба ҳисоб меравад. Иқтисодиёти миллии дилхоҳ давлатро бе саноат тасавур кардан ғайриимкон мебошад. Агар мо ба давлатҳои тараққикардаи дунё назар афканем мебинем, ки онҳо асосан аз ҳисоби рушди соҳаи саноат ба дараҷаи баланди иқтисодӣ ноил гардидаанд. Онҳо зина ба зина соҳаи саноати худро ташакул дода ба дараҷаи баланди саноатӣ расидаанд. Ин маънои онро дорад, ки дар давраҳои гузашта шакли оддии истеҳсоли саноатӣ мавҷуд буд. Дар зинаи аввали пайдоишаш ҳамчун шакли соддаи истеҳсолот амал мекард. Зина ба зина аз шакли оддии истеҳсолот ба шакли мураккаб гузашт.

Дар адабиёти иқтисодӣ вобаста ба бахши саноат ва саноати сабук ақидаву андешаҳои гуногуни олимони соҳа мавҷуд аст. Қайд намудан зарур аст, ки саноат яке аз бахшҳои асосии иқтисодиёти миллӣ буда, ба сатҳи рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеа таъсири ҳалкунанда дорад. Чи хеле, ки муҳаққиқ Байдина Д. қайд менамояд, "Саноат ин бахши муҳимтарини хоҷагии халқ аст, ки бо тамоми соҳаҳои маҷмӯи иқтисодӣ алоқаманд аст ва ба сатҳи рушди иқтисодии ҷомеа таъсир мерасонад. Он ба ду гурӯҳи калон - саноати истихроҷкунанда ва саноати истеҳсолкунанда тақсим гардида, истихроҷу коркарди ашёи хом ва энергия, ташкили воситаҳои истеҳсолот, қисми зиёди молҳои истифодабарии шахсӣ ва саноатӣ ва расондани хизматҳои гуногунро дар бар мегирад".[12]

Барисов А.Б. "Саноат соҳаҳои пешбари истеҳсоли маводи моддӣ, корхонаҳое, ки истихроҷи ашёи хом, истеҳсолу коркарди мавод ва нерӯи барқ, истеҳсоли мошинҳо мебошад".[13. 860с]

Бегентаев М.М. "Саноат маҷмӯи корхонаҳоест, ки ба истеҳсоли асбобҳо, истихроҷи ашёи хоми саноатӣ, маводҳо, истеҳсоли энергия ва коркарди минбаъдаи

маҳсулоте, ки дар саноат ё дар соҳаи кишоварзӣ истеҳсол гардидааст - истеҳсоли молҳои истеъмолӣ нигаронида шудааст".[14. 420с]

Гилязова Е.Е., Кобелев В.Н, Макарова И.В. "Саноат соҳаи пешбари истеҳсоли маводи моддӣ мебошад; Бахши саноатии иқтисодиёт истихроҷи маъдан, истеҳсолот, энергетика, сохтмон, газ ва обро дар бар мегирад. Саноат ин маҷмӯи корхонаҳоест (комбинатҳо, заводҳо, фабрикаҳо, конҳо, нерӯгоҳҳои барқӣ), ки ба истеҳсоли асбобҳо, истихроҷи ашё, мавод, сӯзишворӣ, истеҳсоли энергия ва коркарди минбаъдаи маҳсулоте, ки дар саноат ба даст оварда шудаанд ё дар хоҷагии қишлоқ истеҳсол мегарданд, нигаронида шудааст".[15. 163-168]

Дадоматов Д.Н. "соҳибкории саноатӣ ин тариқи соҳибкории кооперативӣ, саҳҳомӣ ва хусусӣ буда, соҳибкории миёна метавонанд дар шакли моликияти давлатӣ, моликияти иҷоравӣ ва муштарак рушд ёбад".[16. 140с]

Лолаев З.Х., Сафаров К.А., Ашуров К.Р. қайд намекунанд, ки истеҳсолоти саноатӣ муҳаррики иқтисодиёти миллӣ буда, он шуғли аҳолиро таъмин месозад, манбаи даромади буҷаи давлатӣ ва дар маҷмӯъ омили муҳимтарин дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мебошад. Бо мақсади иҷрои ин вазифаҳо ва расидан ба рушди саноатии кишвар то имрӯз як қатор барномаҳои соҳавӣ амалӣ карда шуданд, ки ба васеъ шудани коркарди аввалияи ашёи хоми саноатӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намудаанд.[17. 245с]

Дар охири асри XVIII дар иқтисодиёти Англия ва бисёр мамлакатҳои дигар табаддулоти саноатӣ ба миён омад. Гузаштан аз мануфактура ба истеҳсолоти саноатии бузург (заводҳо, фабрикаҳо) заминдории калон ибтидо ёфт. Инқилоби саноатӣ бо чунин рӯйдодҳо ҳамқадам буд суръати баланди инкишофи саноат, якбора афзудани миқдори аҳолии шаҳр аз ҳисоби фароҳам омадани мардуми деҳот, дар истеҳсолоти калон истифода бурдани меҳнати ғайритахассусии коргарон, инчунин занону кӯдакон шиддати кор боло рафт, вале андозаи музди кор паст шуд. Бекор мондан хусусияти оммавӣ гирифт, нобаробарӣ миёни одамон баланд рафт, муқобилият миёни саноатчиёну заминдорон ба миён омада, дар натиҷа болоравии нархҳоро ба вуҷуд овард. Ҳамин тавр саноат аз давраи аввали пайдоишаш зинаҳои гуногунро тай карда, ба шакли ҳозирааш омада расидааст.

Он дастгоҳҳои механикие, ки истеҳсолоти саноатиро ташкил медоданд ва иқтидорҳои ками истеҳсоли доштанд бо дастгоҳҳои нисбатан хубтару беҳтар иваз карда шудаанд. Афзалияти дастгоҳҳои нав дар он буд, ки шумораи ками кормандонро талаб карда, маҳсулоти нисбатан босифатро истеҳсол мекарданд. Ҳамин тавр фаъолияти дастгоҳҳо самараноктар гардида, рушди соҳаи саноатро давра ба давра таъмин мекарданд.

Бо тараққӣ кардани саноат шаклҳои нави истеҳсолоти саноатӣ ба амал омад. Талабот ба молу маҳсулоти соҳаҳои саноат афзуд. Аз мануфактура ба истеҳсолоти механикӣ ва аз истеҳсолоти механикӣ ба истеҳсолоти автоматӣ гузаштани саноат ба амал омад. Дар айни замон он аксарияти молҳое, ки дар ҷаҳон маъруфанд аз ҷониби ширкатҳои бузург истеҳсол карда мешаванд.

Ҳамин тавр истеҳсолоти саноатӣ бо пайдо шудани талаботи нав ба нави аҳолӣ дар қатори рушди илм ва инноватсия рушд карда, то ин дам ба як сатҳи муайяни афзоиши худ омада расид.

Баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил эътироф гардид. Мустақилияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 1-уми Конститутсия дарҷ гардидааст, ки аз он ҷумла омадааст: "Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад". [1]

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтисоди миллии худ гардида мустақилияти пурраро пешбурди иқтисодиёт ба даст овард. Саноат яке аз соҳаҳои пешбарандаи иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад.

Барои ба мақсадҳои гузоштаи мамлакат расидан бояд пеш аз ҳама ба тараққиёти соҳаи саноат аҳамияти махсус дод, зеро саноат соҳаи асосӣ ва муҳимтарини хоҷагии халқ мебошад. Саноат ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқро бо техникаи пешрав таъмин мекунад. Аз дараҷа, суръат ва хусусияти инкишофи саноат дараҷаи техникии соҳаҳои кишоварзӣ, сохтмон, нақлиёт, алоқа, савдо ва прогресси техникии ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ вобаста аст. Инкишофи минбаъдаи соҳаи саноат, ва пеш аз ҳама соҳаҳои саноати вазнин заминаи муҳимтарини пурзӯр кардани потенсиал ва ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои истиқлоли иқтисодии кишвари мо Тоҷикистон мебошад.

Ин соҳа маҳсулоти кишоварзиро коркард намуда ҳиссаи асосии молҳои сермасрифро истеҳсол менамояд. Бинобар ин аз рушди соҳаи саноат ҳамчун таъминкунандаи асосии афзунгардонии некуаҳволии ҳаёти мардуми мамлакат вобаста аст.

Соҳаи саноат, хусусан саноати мошинсозӣ, металлургия, коркарди металл асоси такрористеҳсолкунии васеи ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ мебошад. Ин соҳа мунтазам воситаҳои истеҳсолотро ҳам барои соҳаи саноат ва ҳам барои ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ такрор истеҳсол мекунад. Таҷҳизонии техникии ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ аз тарафи соҳаи саноат ҳамчун асоси рушди бемайлони ҳосилнокии меҳнат ва афзоиши мунтазами микёси истеҳсолот хизмат менамояд.

Дар давраи истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими иқтидори иқтисодию иҷтимоии бахши хусусӣ дар саноат, баланд бардоштани мавқеи он дар ҳалли мушкилоти шуғл ва бекорӣ, афзоиши даромаднокӣ ва инкишофи хусусиятҳои касбию зеҳнии кормандони соҳа, таҳкими сохтори таркибии истеҳсолот, самарабахш гардонидани сиёсати сармоягузорӣ ва инноватсионӣ ва такмили механизми дастгирии давлатии ин соҳа мавқеи асосиро ишғол мекунанд.

Таҳлили вазъияти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки рушди иқтисодӣ, ҳалли бештари муаммоҳои иҷтимоӣ, баландбардории некуаҳволии аҳолии мамлакат дар асоси инкишофи соҳаи саноат муайян карда мешавад.

Рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон ба сатҳи инкишофи техникию технологии саноат алоқаи зич дошта, он дар камолоти истеҳсолоти моддӣ ва ғайримоддии ҷомеа, хусусан ташаккули даромадҳои аҳолӣ ва ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, таъмини эҳтиёҷоти мамлакат бо маҳсулоти саноатии ватанӣ ва ҷалби аҳолии қобили меҳнат ба истеҳсолот нақши муайянкунандаро мебозад.[6]

Таҳлили вазъияти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки рушди иқтисодӣ, ҳалли бештари муаммоҳои иҷтимоӣ, баландбардории некуаҳволии аҳолии мамлакат дар асоси инкишофи соҳаи саноат муайян карда мешавад.[7. 209с.]

Имрӯз саноати Тоҷикистон ба симои хоси миллии давлати мустақил соҳиб гардидааст. Акнун он бояд ба тамоми хусусиятҳои мақоми нав мувофиқ шуда, дар доираи чорабиниҳои ташкилию техникии аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, ки самаранокии истеҳсолотро бо устувории занҷири арзиши иловашуда ва баланд бардоштани дараҷаи коркарди маҳсулот аз ашё то ба маҳсулоти тайёр бурда расонидани онро таъмин карда тавонанд, фаъолият намояд.[6]

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» қайд намуданд: “...ба масъалаҳои тақвияти рушди содирот, тезонидани ҷараёни диверсификатсияи

истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда аҳамияти махсус дода, барои коркарди ниҳоии маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла пахта ва меваю сабзавот, истихроҷи маъдан, коркарди металлу сангҳои қиматбаҳо тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

Бо дарназардошти тағйирёбии вазъу талаботи бозори ҷаҳонӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ тараққӣ додани соҳаи саноат ва коркарди маҳсулоти он то ҳадди ниҳоӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин мебошад.[4]

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ қайд намуданд: «Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3 фоиз афзоиш ёфт.

Дар робита ба ин ва бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад.

Вобаста ба ин, зарур аст, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад.»[3. 4с.]

Бояд қайд намуд, ки саноатикунонӣ ин пеш аз ҳама тараққии рӯзафзуни истеҳсолоти саноатӣ бо дарназардошти комёбиҳои прогрессии илмӣ-техникӣ мебошад. Саноатикунонӣ нақши калидиро дар инкишофи хоҷагии халқ ва таъмини рушди иқтисод, беҳтар намудани дараҷаи некуаҳволии моддӣ ва сифатии аҳолӣ, тараққии соҳаҳои ғайрисаноатӣ, таъмини бехатарӣ ва суботи иқтисодиёт ва эҷоди шароит барои афзунгардонии суръати тараққиёти иқтисодиёт фароҳам меоварад.

Ғайр аз ин, дар Паёми соли 2016 қайд гардидааст: “Истеҳсолоти саноатӣ пешбарандаи иқтисоди миллӣ, таъминкунандаи шуғли аҳолӣ, сарчашмаи даромади буҷети давлатӣ ва дар маҷмӯъ, омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мебошад.”[5]

Мо инкишофи устувори минбаъдаи кишварро дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ карда, барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираву имкониятҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ талош менамоем ва ҷиҳати роҳ надодан ба осебпазирии иқтисоди миллии кишвар дар давраи дарозмуҳлат тадбирҳои алоҳидаро амалӣ карда истодаем.

Бо мақсади иҷрои ин вазифаҳо ва ноил шудан ба пешрафти саноати кишвар то ба имрӯз як қатор барномаҳои соҳавӣ татбиқ гардиданд, ки ба тавсеаи коркарди аввалияи ашёи хоми саноатӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намуданд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи муосир ба тараққиёти соҳаи саноат аҳамияти махсус медиҳад. Дар ҳуҷҷати “Стратегияи миллии рушд то давраи 2030” ба ин соҳа ҳамчун соҳаи ҳалкунандаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ баҳо дода шудааст. Аз ҷумла қайд гардидааст, доир ба рушди бахшҳои меҳнатталаби иқтисодиёт, ки маҳсулоти он ба содирот равона карда мешавад (комплекси агросаноатӣ, саноати бофандагӣ ва истихроҷи канданиҳои фоиданок).

Дар марҳилаи нави рушд дар назди кишвар се вазифаи асосӣ: якум, ноил шудан ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои сегменти миёна бо даромади миёнаи муқоисашаванда; дуюм, таъмин намудани рушди устувор ба воситаи диверсификатсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ; сеюм, вусъатдиҳӣ ва таҳким бахшидани табақаи миёна меистад.

Тадбирҳои асосӣ баҳри иҷрои вазифаи дуюм инҳоянд: - таъмини суръати нисбатан баланди рушди саноат нисбат ба соҳаҳои дигари иқтисодиёт ва зиёд намудани ҳиссаи он дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД)-и кишвар;

Дар давраи татбиқи Стратегияи Миллии Рушд-2015 Тоҷикистон ба пешравии назаррас дар аксар бахшҳои калидии дар стратегия муайяншуда ноил гашт. Барои таъмини барқтаъминкунии боэътимоди иқтисодии кишвар барномаи диверсификатсияи манбаъҳои тавлидкунанда дар заминаи рушди гидроэнергетикаи хурд, сохтмони маркази гармидиҳии барқӣ амалӣ гашта, соҳаи истихроҷи ангишт низ рушд ёфт. Сохтмону таҷдиди неругоҳҳои барқӣ, маркази барқу гармидиҳӣ, хатҳои интиқоли нерӯи барқ ва зеристгоҳҳои барқӣ, инчунин ислоҳот дар соҳаи энергетика имкон дод, ки таъминоти аҳолӣ ба барқ, фаъолияти устувори инфрасохтори энергетикӣ ва содироти барқ ба кишварҳои ҳамсоя (дар фасли тобистон) ба таври назаррас беҳтар гардад. Аз ҷумла, бунёди нерӯгоҳҳои барқи обии “Сангтӯда-1” ва “Сангтӯда-2”, навбати якуми Маркази барқу гармидиҳии Душанбе, хатҳои интиқоли барқи “Ҷануб-Шимол”, “Лолазор - Хатлон” ва “Хуҷанд - Айнӣ” анҷом ёфта, мавриди истифода қарор гирифтанд. Таҷрибаи мусбати ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи энергетика дар шакли созишномаи консессионӣ, бунёд сохтани манбаъҳои мустақили нерӯ ба даст омад. Лоиҳаҳои бунёди низоми ягонаи энергетикии кишвар дар асоси муттаҳидсозии низомҳои Ҷануб ва Шимоли кишвар амалӣ гардиданд. Тадбирҳои тақвияти корҳои геологию иқтишофӣ оид ба муайян намудани конҳои нави захираҳои энергетикӣ андешида шуданд. Эътирофи ҷамъиятӣ ва байналмилалии бехатар будани таъсири лоиҳаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Неругоҳи Барқии Обии Роғун” ба кишварҳои поёноб ба даст омад, самаранокии иқтисодӣ, бехатарии экологӣ ва имкониятҳои молиявии лоиҳаи мазкур асоснок карда шуд.[6. 15с.]

Чи тавре ки мебинем, “имрӯз саноати Тоҷикистон ба симои хоси миллии давлати мустақил соҳиб гардидааст. Акнун он бояд ба тамоми хусусиятҳои мақоми нав мувофиқ шуда, дар доираи чорабиниҳои ташкилию техникии аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, ки самаранокии истеҳсолотро бо устувории занҷири арзиши иловашуда ва баланд бардоштани дараҷаи коркарди маҳсулот аз ашё то ба маҳсулоти тайёр бурда расонидани онро таъмин карда тавонанд, фаъолият намояд.»[6]

Зикр бояд кард, ки тайи бист соли охир ба кишвар беш аз 152 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла 60 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ҷалб карда шудааст.

Аз маблағи зикршудаи сармояи мустақим зиёда аз 36 миллиард сомонии он танҳо барои рушди соҳаи саноат ҷалб гардидааст.[2]

Ҳамаи дар боло гуфтаҳо исбот мекунанд, ки соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори муҳимтарини иқтисодиёти кишвар мебошад.

Ба ақидаи мо саноат яке аз соҳаҳои асосии хоҷагии халқ баҳисоб меравад. Чунки тамоми маҳсулотҳои истеъмолию воситаҳои истеҳсолот дар доираи саноат ба вуҷуд оварда мешаванд. Базаи техникии тамоми соҳаҳоро – саноат таъмин мекунад. Қисми зидди маҳсулотҳои кишоварзӣ то ба истеъмолкунанда расидан коркарди саноатиро мегузаранд ва таъиноти асосии худро соҳиб мегарданд.

**Адабиёт**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23.12.2022
3. Паёми Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба вакилони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2018, Душанбе.- 2018.-с.4.

4. Паёми Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба вакилони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.12.2017 13:21, Душанбе.- 2017.-с.6, 10, 11.
5. Паёми Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба вакилони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон20.01.2016, Душанбе.- 2016.- с.6.
6. Стратегияи Рушди Саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикисттоне то давраи соли 2030. Душанбе.- 2018.- с.1.
7. Низомова Т.Д.Накши соҳаи саноат дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон//Маводи конфронси байналмилалӣ илмӣ-амалӣ «Муаммоҳои мубрами ташаккули ҷомеаи иттиоллотӣ дар ҶТ: вазъият ва дурнамои тараққӣ». (15. 05. 2018).- Душанбе, 2018. С.209.
8. Азизов Ф.Ҳ., Каримов Ҳ., Юсуфов А.К. Луғати мухтасари иборахои иқтисодӣ. Хуҷанд, 2012. – 56 с.
9. Алексеева М.М. Планирование деятельности фирмы. Учебно-методическое пособие. – М: Финансы и статистика, 1997. – 248с.Афанасьев М., Мясникова Л. Мировая конкуренция и кластеризация экономики // Вопросы экономики. – 2005. - №4 – с. 75
10. Давлатов К.К., Сатторов М.М. Социально-экономическая сущность и особенности инвестиционной привлекательности региона
11. Давлатов. М.Т. Хусусигардонӣ дар Тоҷикистон: Таҷриба ва пешомадҳо: Душанбе: 2005.- с.5.
12. Павловский С.В. Управление малыми инновационными компаниями и влияние рынка венчурного капитала в России, История управленческой мысли и бизнеса: Российская модель управления: вчера-сегодня-завтра // IX Международная конференция под ред. В.И. Маршева. Москва.
13. Барисов А.Б. Большой экономический словарь. М.: Книжный мир, - 2010. – 860 с.
14. Бегентаев М.М. Экономика промышленности. учебное пособие для студентов экономических специальностей. Проспект. - 2008. – 420 с.
15. Формирование инновационного каркаса промышленности Пермского края / Гилязова Е.Е., Кобелев В.Н, Макарова И.В. // Экономика региона. – 2010. - № 3. – С. 163-168.
16. Дадоматов Д.Н. Факторы, влияющие на развитие предпринимательской деятельности в промышленности регионов Таджикистана/Д.Н.Дадоматов/ Таджикистан и мир сегодня. - Худжанд, 2016. –С. 140.
17. Лолаев З.Х., Сафаров К.А., Ашуров К.Р. Достижения промышленных предприятий, их адаптация и безопасность с учетом поступательного и быстрого развития в условиях рыночной экономики республики таджикистан/ З.Х.Лолаев, К.А.Сафаров, К.Р.Ашуров. Экономика и современный менеджмент//Межд. Научно-прак. Конф., 2018. – С. 245.
18. www. Avesta. Tj. 24.05. 2018.

## ПРОМЫШЛЕННОСТЬ КАК ПРИОРИТЕТНАЯ СФЕРА МАТЕРИАЛЬНОГО ПРОИЗВОДСТВА

**ХУСЕЙНОВ УМАРЖОН САИДАКБАРОВИЧ,**
ассистент кафедры менеджмента
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734025, РеспубликаТаджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носира, 33.
Тел.: (+ 992) 988-83-10-74. E-mail: umarjonhuseynov96@mail.ru.

*В данной статье автор представил мнения отечественных и зарубежных ученых в области промышленности, легкой промышленности и провел анализ развития промышленного предпринимательства. Он отметил, что социально-экономическое развитие Таджикистана тесно связано с уровнем технико-технологического развития промышленности, зависит от зрелости материального и нематериального производства общества, особенно формирования доходов населения и в обогащении государственного бюджета, обеспечении потребностей страны отечественной продукцией промышленности и привлечении трудоспособного населения решающую роль играет производство.*

*При этом проанализировано и обсуждено на конкретных примерах значение промышленного сектора и совершенствования эффективных механизмов оказания государственной помощи промышленному сектору, решения ряда специальных задач. Политика Правительства Республики Таджикистан направлена на неуклонное развитие промышленного предпринимательства и устранение препятствий в этой сфере. Также в ходе исследования автор констатировал в статье, что развитие промышленного предпринимателя имеет устойчивую основу в правовом поле и, несомненно, оказывает положительное влияние на развитие национальной экономики.*

***Ключевые слова:*** *промышленность, легкая промышленность, предпринимательство, инвестиции, налоговые проверки, кредит, финансовый, туризм, экономический, статистика, справка, народное хозяйство, производство, промышленные предприятия, тяжелая промышленность.*

## INDUSTRY AS A PRIORITY AREA OF MATERIAL PRODUCTION

**KHUSEYNOV UMARJON SAIDAKBAROVICH,**
assistant of the Department of Management
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 988-83-10-74. E-mail: umarjonhuseynov96@mail.ru.

*In this article, the author presented the views of domestic and foreign scientists in the field of industry, light industry and analyzed the development of industrial entrepreneurship. He noted that the socio-economic development of Tajikistan is closely related to the level of technical and technological development of industry, depends on the maturity of the material and non-material production of society, especially the formation of incomes for the population and the enrichment of the state budget, providing the country's needs with domestic industrial products and attracting the able-bodied population. plays production.*

*At the same time, the importance of the industrial sector and the improvement of effective mechanisms for providing state assistance to the industrial sector and solving a number of special tasks were analyzed and discussed on specific examples. The policy of the Government of the Republic of Tajikistan is aimed at the steady development of industrial entrepreneurship and the removal of obstacles in this area. Also during the study, the author stated in the article that the development of an industrial entrepreneur has a stable basis in the legal field and, undoubtedly, has a positive impact on the development of the national economy.*

***Key words****: industry, light industry, entrepreneurship, investments, tax audits, credit, financial, tourism, economic, statistics, reference, national economy, production, industrial enterprises, heavy industry.*

УДК: 330.15 (575.3)

# СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

**ШЕРҚУЛОВ ОДИЛҶОН ДИЛМУРОДОВИЧ,**
аспиранти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов, 64/14.
Тел.: (+992) 900-66-91-50. E-mail: Odiljon91_91@mail.ru

*Дар мақола моҳият, хусусият ва шаклҳои соҳибкории истеҳсолӣ бо истифодаи манбаъҳои илмӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун заминаи рушди дигар шаклҳои соҳибкорӣ асоснок карда мешавад. Муаллиф ба таснифоти шаклҳои соҳибкории истеҳсолӣ ва шарҳи онҳо таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намудааст.*

*Дар мақола нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ ҳамаҷониба таҳлил шуда, самтҳои асосии он асоснок карда мешавад. Инчунин бо истифодаи маводҳои оморӣ дар мақола рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаҳои мухталиф нишон дода шуда, таъсири он ба беҳтаршавии нишондиҳандаҳои макроиқтисодии рушди ҷумҳурӣ омӯхта шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *соҳибкорӣ, соҳибкории истеҳсолӣ, соҳибкории саноатӣ, соҳибкории аграрӣ, имтиёзҳои андозиву гумрукӣ, корхонаҳои саноатӣ, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ.*

Соҳибкорӣ – фаъолияти мустақилонаи аз рӯи таваккал амалишавандаи шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифташудае, ки барои ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) равона шудааст[4]. Соҳибкорӣ вобаста ба хусусиятҳои устувории дохилӣ дар навъҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, миёнаравӣ ва хизматрасонӣ баромад мекунад.

Соҳибкории истеҳсолӣ ҳамон навъи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки он дар натиҷаи истифодабарии омилҳои истеҳсолот барои фурӯши минбаъда ба истеъмолкунандагон, харидорон, ташкилотҳои савдо ва дигар субъектҳои бозор мол истеҳсол ё кор иҷро карда, ба амал бароварда мешавад. Мазмуни асосии соҳибкорӣ дар истеҳсолот, дар ҷустуҷӯ ва ташаккули талабот ба мол (кори иҷрошуда) ифода меёбад.

Дар ин ҷо аз масъалаи ташаккули сармояи ибтидоӣ, ки барои ташкил ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ лозим аст, сарфи назар мекунем, зеро ин масъала барои ҳамаи навъҳои соҳибкории тааллуқдошта, бе ҳаллу фасли он худи фаъолияти соҳибкорӣ имконнопазир аст. Дигар масъалае ки аз он сарфи назар мекунем – ин масъалаи омӯзиши бозор, пайдо намудани ҷавобҳои дуруст ба саволҳои Чӣ? Чӣ тавр? Барои кӣ? бояд истеҳсол кард ва дар асоси онҳо бо назардошти қобилият ва имконотҳои худ таҳияи бизнес-нақшаи фаъолияти интихобкардаи соҳибкорӣ мебошад, ки барои ҳамаи шаклу навъҳои соҳибкорӣ тааллуқ дорад.

Фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ аз се марҳила иборат мебошад: дар марҳилаи аввал соҳибкор бо харид ва ё кирояи омилҳои истеҳсолӣ (фондҳои асосӣ, фондҳои гардон, қувваи корӣ) машғул мешавад. Вай метавонад фондҳои асосиро (биноҳо, иншоот, мошину таҷҳизоти қудратию корӣ, воситаҳои нақлиёт, асбобҳои гуногун ва дигар олотҳои меҳнат) харид намояд ё ба иҷора гирад. Фондҳои гардонро (ишёи хом, нимфабрикатҳо, захираҳои сӯзишворӣ, масолеҳҳои асосӣ ва ёрирасон, зарфҳо ва масолеҳҳои зарфӣ, асбобҳои камарзиш ва тезхӯрдашаванда, қисмҳои эҳтиётӣ ва ғайра) дар бозори омилҳои истеҳсолот пайдо менамояд. Қувваи кориро соҳибкор бо роҳи эълонҳо ба воситаи биржаи меҳнат, оҷонсӣ оид ба кор таъминкунӣ киро мекунад. Ҳамин тавр, дар марҳилаи аввали фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ сармояи ибтидоӣ аз шакли пулӣ ба шакли омилҳои истеҳсолот (молӣ) муббадал гашта, барои ташкили раванди

истеҳсолот шароит ба вуҷуд меоварад.

Дар марҳилаи дуюм, ки протсесси истеҳсолӣ ном дорад, соҳибкор бевосита ба масъалаи ташкил ва идора кардани фаъолияти интихобкардаи худ, яъне истеҳсоли мол ва ё иҷрои кор машғул мешавад. Дар ин ҷо қобилиятҳои ӯ ҳамчун соҳибкор бо омилҳои дигари истеҳсолот пайваст шуда, моли нави эҷодиёти эшон барои фурӯш тайёр мешавад.

Дар ҷараёни истеҳсолот на фақат мол бо хусусиятҳои он – арзиш ва арзиши истеъмолӣ, балки арзиши изофае, ки ҳанӯз шакли молӣ дорад ба вуҷуд оварда мешавад. Дар раванди истеҳсолот сармояи маҳсулдеҳ ба сармояи молӣ табдил меёбад. Вазифаи муҳимтарини ин давра – тавлиди арзиши илова – мақсади ниҳоии соҳибкор мебошад.

Дар марҳилаи сеюми фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ моли нави истеҳсолшуда ба истеъмолкунандагон пешниҳод кардаву фурӯхта мешавад, яъне сармояи молӣ ба сармояи пулӣ табдил меёбад. Вазифаи марҳилаи сеюм – ин табдил додани сармояи молӣ ба сармояи пулӣ тариқи фурӯши арзиши илова ва дар шакли пул (фоида) баргардонидани он ба соҳибкор мебошад.

Ҳамин тавр, дар фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ, сармоя дар ҳаракати худ се марҳиларо аз сар гузаронида шаклҳои пулӣ, истеҳсолӣ (маҳсулдеҳ) ва молиро ба худ гирифта, дар анҷоми фаъолияти соҳибкорӣ боз ба нуқтаи ибтидоии худ, яъне ба шакли пулӣ бармегардад, ки ҳаҷми он нисбат ба сармояи ибтидоии авансгузошташуда дар андозаи фоидаи соҳибкор зиёд мешавад.

Аз таҳлили амали фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ чунин хусусиятҳои хоси он ҳамчун навъи соҳибкорӣ бармеоянд:

1) соҳибкории истеҳсолӣ - ин соҳибкориест, ки бевосита ба истеҳсоли мол ва ё иҷрои кор нигаронида шудааст;

2) соҳибкории истеҳсолӣ омилҳои гуногуни истеҳсолотро аз рӯи таъинот ва комбинатсияи муайян барои тавлиди молҳои нав ва навтарин, ки ғояҳои пешқадами илмӣ-техникӣ ва технологияро дар худ муҷассам мекунанд истифода бурда, потенсиали иқтисоди мамлакатро афзун мегардонад ва барои рушди дигар навъҳои соҳибкорӣ мусоидат мекунад. Аз ин лиҳоз, ин навъи фаъолияти соҳибкорӣ навъи афзалиятноки соҳибкорӣ ва асоси инкишофи дигар навъҳои соҳибкорӣ мебошад;

3) сармоя дар соҳибкории истеҳсолӣ дар се шакл: пулӣ, истеҳсолӣ (маҳсулдеҳ) ва молӣ баромад мекунад, ки аз дигар навъҳои соҳибкорӣ ба таври куллӣ фарқ мекунад;

4) дигар хусусияти хоси соҳибкории истеҳсолӣ дар он зоҳир мегардад, ки вай арзиши иловаро ба вуҷуд меоварад, ки ин сарчашмаи пешрафти ҷомеа мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти муосири хориҷию ватанӣ аксарияти тадқиқотчиён ба соҳибкории истеҳсолӣ хизматрасониро дар таҳти истеҳсоли хадамот (хизмат) низ дохил мекунанд[1,9,10].

Дар ин ҷо гуфтан ҷоиз аст, ки хизмат – моли махсус мебошад, ки арзиши истеъмолии вай шакли муайяни молӣ надорад, дар бозор мавҷуд шуда наметавонад ва онро захира ва ё интиқол намудан имконнопазир аст.

Хизмат – ин фаъолияти мақсадноки инсон мебошад, ки натиҷаи он манфиатбахш ё фоиданок буда, барои қонеъгардонии талаботи инсонӣ истифода бурда мешавад. Хизматро танҳо дар протсесси истеҳсоли он бояд истеъмол кард, зеро онро захира намудан ё интиқол додан барои фурӯш аз сабаби шакли муайяни арзиши истеъмолӣ надоштан мумкин нест. Бинобар ҳамин хизматро ба соҳаи истеҳсолот ворид мекунанд ва аз ин нуқтаи назар ақидаи дар боло зикршудаи муаллифон асос дорад.

Рушди минбаъдаи муносибатҳои бозорӣ ва ташаккулёбии бозорҳои маҳсулоти ахборӣ, навоварию литсензионӣ ва ғайра тасаввуроти моро нисбат ба мафҳуми «мол» васеъ мекунад. Вақте ки мафҳуми «мол» аз ҳисоби молҳои нави зеҳнӣ васеъ мегардад,

бояд фазои соҳибкории истеҳсолӣ низ васеъ шавад. Аз ин рӯ, навоварӣ ва ахборро ба объекти соҳибкории истеҳсолӣ ворид намудан ба мақсад мувофиқ аст. Вале он соҳаҳои хизматрасониеро, ки натиҷаи фаъолияташон шакли муайяни арзиши истеъмолӣ надоранд ва онро дар бозор фурӯхтан ё интиқол намудан имконнопазир мебошад, ба объекти соҳибкории истеҳсолӣ дохил кардан аз нуқтаи назари назариявию методологӣ дуруст нест. Дар ин ҷо мо бо навъи дигари соҳибкорӣ - соҳибкории хизматрасонӣ дучор мегардем, ки онро дар адабиёти иқтисодӣ то ҳанӯз ба пуррагӣ ҳамчун навъи махсуси соҳибкорӣ наомӯхтаанд.

Соҳибкории хизматрасонӣ имрӯз дар илми иқтисодӣ ҳамчун соҳибкорӣ дар соҳаи хизмат ва дар омор ҳамчун хизматҳои пулакӣ барои аҳолӣ таҳлил карда мешаванду халос. Дар ин ҳолат хизматҳое ки ба соҳаи мухталифи иқтисодиёт ва дигар субъектҳои бозор ба ғайр аз аҳолӣ ҳамчун хизматҳои истеҳсолӣ баромад мекунанд, ба таркиби онҳо мувофиқат намекунад.

Соҳибкории истеҳсолӣ дар шаклҳои зерин баромад мекунад: саноатӣ, аграрӣ, сохтмонӣ, илмӣ-техникӣ, иттилоотӣ. Баъзе аз иқтисодчиён ба шаклҳои соҳибкории истеҳсолӣ инчунин навоварӣ, истеъмолии истеҳсоли молҳо ва хизматҳоро низ дохил мекунанд[9], ки аз нуқтаи назари моҳияти соҳибкории истеҳсолӣ пурра асоснок нест. Навоварӣ ба ҳама шаклу навъҳои фаъолияти соҳибкорӣ тааллуқ дошта бидуни он дар замони муосир мавҷудияти худи соҳибкорӣ имконнопазир мебошад. Навоварӣ натиҷаи пешрафти илмӣ-техникӣ ба шумор меравад. Агар соҳибкор дар фаъолияти худ аз навигариҳои илмӣ-техникӣ ва технологӣ истифода бурда тавонад, пас фаъолияти вай ба соҳибкории инноватсионӣ (кашфиёт, ихтироъ, ноу-хау, таҷрибаи технологӣ) сурат мегирад. Истеъмоли истеҳсолии молу хизматҳо бошад на ба шакл, балки ба ҷараёни худи фаъолияти соҳибкорӣ тааллуқ дорад.

Акнун мухтасар шаклҳои соҳибкории истеҳсолиро шарҳ медиҳем. Шакли илмӣ-техникии соҳибкории истеҳсолӣ фаъолияти пажуҳишгоҳҳо, лабораторияҳо ва марказҳои илмӣ-тадқиқотӣ, оҷонсҳои лоиҳакашию конструкторӣ ва дигар ташкилоту корхонаҳое, ки дар ҳайаташон воҳидҳои истеҳсолии таҷрибавию экспериментали доранд, дар бар гирифта, ба бозори навоварӣ маҳсулотҳои илмӣ-техникиро пешниҳод менамоянд.

Шакли иттилоотию интеллектуалии соҳибкории истеҳсолӣ бо истеҳсоли молҳое, ки сарчашмаи иттилоотӣ ва ё характери иттилоотӣ (китоб, рӯзномаҳо, расму лавҳаҳо, маводҳои таблиғотӣ ва ғайра) доранд бо маҳсулотҳои интелектуалӣ (барномаҳо барои компютерҳо, кинофилмҳо, маводҳои таълимӣ, арзишҳои маънавӣ ва ғайра) машғул шуда, онҳоро ба бозори молҳои иттилоотӣ пешниҳод мекунанд.

Соҳибкории саноатӣ шакли асосии соҳибкории истеҳсолӣ мебошад, ки бо истеҳсоли намудҳои васеи воситаҳои истеҳсолот ва молҳои истеъмолӣ машғул шуда, онҳоро ба бозорҳои омилҳои истеҳсолот ва истеъмолӣ пешниҳод мекунад. Бояд қайд кард, ки дараҷаи истифодабарии боигариҳои табиат, рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ва таъмини амнияти иқтисодии мамлакат аз рушди самараноки соҳибкории саноатӣ вобаста мебошад.

Соҳибкории аграрӣ шакли махсуси соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт буда, он ба истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ нигаронида шудааст. Аз рӯи ташкил ва пешбурди фаъолият, соҳибкории аграрӣ аз дигар шаклҳои соҳибкории истеҳсолӣ ба таври куллӣ фарқ мекунад. Хусусиятҳои хоси соҳибкории аграрӣ аз хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ бармеоянд. Вазъи бозори истеъмолӣ, фаъолияти корхонаҳои коркарди КАС, ҳалли масъалаи амнияти озуқаворӣи мамлакат, инчунин истифодабарии захираҳои беҳамтои биологӣ ва шароитҳои табиии мамлакат аз рушди соҳибкории аграрӣ вобастагии зиёд дорад.

Соҳибкории сохтмонӣ чунин шакли соҳибкории истеҳсолиест, ки он ба бунёд намудани фондҳои асосии истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ машғул буда, ба амалигардонии лоиҳаҳои инвеститсионӣ нигаронида шудааст. Соҳибкории сохтмонӣ аз рӯи технология ва ташкили фаъолият бо давомнокии сикли истеҳсолот аз дигар шаклҳои соҳибкории истеҳсолӣ ба таври куллӣ фарқ намуда, дар рушди иқтисодиёт нақш ва мавқеи махсус дорад. Ноил гаштан ба ду ҳадафи стратегии давлат – таъмини истиқлоли энергетикӣ ва баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ пеш аз ҳама ба рушди соҳибкории сохтмонӣ алоқаманд мебошад.

**Расми 1. Таснифоти шаклҳои соҳибкории истеҳсолӣ**




Таснифоти шаклҳои соҳибкории истеҳсолиро аз рӯи таъиноти соҳавӣ дида баромада истода бояд қайд кард, ки онҳоро аз рӯи дигар аломатҳои иқтисодӣ яъне шакли моликият, ҳаҷми фаъолият, субъектҳои соҳибкорӣ, ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолият низ тасниф намудан мумкин аст (расми 1), ки ба шарҳи онҳо зарурат нест, зеро дар акси ҳол онҳо дар адабиёти илмӣ ва таълимӣ ба таври мукаммал шарҳ дода шудаанд[2,3,4,7,9].

Аҳамият ва нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар, ба ақидаи мо, дар самтҳои зерин зоҳир мегардад:

1. Соҳибкории истеҳсолӣ ба ташаккули сармоя тавассути сафарбар кардани пасандозҳои сармоягузорони институтсионалӣ ва аҳолӣ мусоидат мекунад. Онҳо барои бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ истифода мешаванд. Ин намуди фаъолияти соҳибкорӣ

боиси афзоиши арзиш ва эҷоди сарват мегардад, ки барои рушди иқтисодии кишвар хеле муҳим аст.

2. Соҳибкории истеҳсолӣ имкониятҳои зиёди шуғлро фароҳам меорад, зеро корхонаҳои истеҳсолӣ на танҳо маҷмӯи зиёди ҷойҳои холӣ барои бекорон пешниҳод мекунанд, балки дар соҳаҳои истихроҷи захираҳо, хизматрасонӣ ба ҳамлу нақли захираҳо ва равандҳои истеҳсолӣ ва фурӯши мол ва хизматҳои истеҳсолшуда барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад. Бо мурури замон, ин корхонаҳо афзоиш ёфта, барои бисёр коргарони дигар имкониятҳои мустақим ва ғайримустақими шуғлиро фароҳам меоранд. Ҳамин тариқ, соҳибкорони истеҳсолӣ дар коҳиши мушкилии бекорӣ дар кишвар нақши муассир доранд, ки ин дар навбати худ ба рушди иқтисодии миллӣ мусоидат мекунад.

3. Соҳибкории истеҳсолӣ ба рушди мутавозини минтақавӣ, ба рафъи нобаробарии минтақавӣ тавассути ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ дар минтақаҳои сусттараққикарда ва қафомонда мусоидат мекунад. Афзоиши теъдоди корхонаҳои истеҳсолӣ дар минтақаҳо боиси афзоиши номгӯи зиёди молҳои ҷамъиятӣ, аз қабили нақлиёти автомобилӣ, тандурустӣ, маориф, туризм ва ғайра мегардад. Ҳамин тавр, таъсиси бештари корхонаҳои истеҳсолӣ дар минтақа боиси рушди васеътари минтақаҳои ақибмонда шуда, ба рушди мутавозини минтақавӣ мусоидат мекунад.

4. Соҳибкории истеҳсолӣ мутамарказии иқтидори иқтисодиро коҳиш дода, шиддатнокии рақобатро дар иқтисодиёт таъмин мекунад. Иқтидори иқтисодӣ натиҷаи табиии фаъолияти истеҳсолӣ ва соҳибкорӣ мебошад. Инкишофи истеҳсолот одатан боиси дар дасти якчанд шахсон мутамарказ шудани ҳокимияти иқтисодӣ мегардад, ки ин боиси афзоиши инҳисориҳо мегардад. Барои рафъи ин мушкилот, иштироки шумораи зиёди соҳибкорон, ки корхонаҳои нави истеҳсолӣ эҷод ва маҳсулоти бештари замонавӣ истеҳсол мекунанд зарур аст, ки ба коҳиш додани тамаркузи иқтидори иқтисодӣ дар дасти ширкатҳои калон мусоидат мекунад.

5. Соҳибкории истеҳсолӣ ба тақсимоти одилонаи сарват ва даромадҳо ба манфиати кишвар ба шумораи бештари одамон ва минтақаҳои ҷуғрофӣ мусоидат намуда, ба ин васила барои ҷомеаи васеъ бартариро таъмин мекунад. Фаъолияти соҳибкорӣ дар истеҳсолот инчунин дар иқтисодиёт самараи мултипликаториро ба вуҷуд меорад.

6. Соҳибкории истеҳсолӣ ба афзоиши маҷмӯи маҳсулоти миллӣ ва даромади ҳар сари аҳолӣ мусоидат мекунад. Соҳибкорон ҳамеша дар ҷустуҷӯи имкониятҳо барои истеҳсоли маҳсулот ва хидматҳои нав мебошанд. Онҳо имкониятҳоро меомӯзанд ва истифода мебаранд, сафарбаркунии самараноки сармоя ва малакаҳоро ҳавасманд мекунанд, маҳсулот ва хидматҳои навро ҷорӣ намуда, бозорҳоро барои рушди иқтисодӣ ба вуҷуд меоваранд. Ҳамин тавр, онҳо ба афзудани маҳсулоти умумии миллӣ ва инчунин даромади ҳар сари аҳолии мамлакат кӯмак мерасонанд. Афзоиши маҷмӯи маҳсулоти миллӣ ва даромади ҳар сари аҳолӣ дар як кишвар нишонаи рушди иқтисодӣ мебошад.

7. Соҳибкории истеҳсолӣ ба баланд шудани сатҳи зиндагии мардум мусоидат мекунад. Баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии халқ хусусияти хоси рушди иқтисодиёти мамлакат мебошад. Соҳибкорон бо истифода аз навовариҳои навтарин дар истеҳсоли навъҳои гуногуни молу хизматрасонӣ, ки бо нархи дастрас ба фурӯш бароварда мешаванд, дар баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум нақши калидӣ мебозанд. Ин имкон медиҳад, ки одамон аз молҳои хушсифат бо нархи арзон баҳра баранд ва дар натиҷа сатҳи зиндагӣ беҳтар шавад.

8. Соҳибкории истеҳсолӣ ба афзоиши иқтидори содиротии кишвар, ки ҷузъи муҳими рушди иқтисодӣ мебошад, мусоидат мекунад. Онҳо ба миқёси калон мол ва хизматҳоро бо мақсади аз содирот ба даст овардани ҳаҷми зиёди асъори хориҷӣ барои пардохти боҷҳои воридотӣ истеҳсол мекунанд. Аз ин рӯ, воридотивазкунӣ ва пешбурди содирот истиқлоли иқтисодӣ ва рушди кишварро таъмин менамояд.

9. Соҳибкорони истеҳсолӣ кӯшиш мекунанд, ки дар муҳити тағирёбанда кор кунанд, то фоидаро тавассути инноватсия ба ҳадди аксар расонанд. Вақте ки корхонаи истеҳсолӣ мутобиқи технологияи тағйирёбанда таъсис меёбад, он корхонаҳои ин бахшро водор мекунад, ки барои рақобатпазирии худ фаъолонатар навоварӣ кунанд, ки ин раванди рушди иқтисоди кишварро ҳавасманд мекунад.

10. Соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун катализатор барои тағйирот дар иқтисодиёт амал мекунад, ки ин боиси реаксияи занҷирӣ мегардад. Баробари барпо шудани корхонаҳои саноатӣ раванди саноатикунонии кишвар ба роҳ монда мешавад. Ин талаботро ба навъҳои гуногуни истеҳсолот, маҳсулоти нимтайёр ва хидматрасонии онҳо ба вуҷуд меорад ва истеҳсоли онҳо таъсис ё васеъ кардани дигар корхонаҳоро талаб мекунад. Ин боиси рушди умумии иқтисодиёт аз ҳисоби афзудани талабот ва ба вуҷуд омадани воҳидҳои бештари соҳибкорӣ мегардад. Ҳамин тариқ, соҳибкорони истеҳсолӣ фаъолияти соҳибкории худро афзун намуда, ба ин васила фазои эҷодкорӣ ба вуҷуд оварда, барои рушди ҳамаҷонибаи кишвар ва минтақаҳои он суръат мебахшанд.

Аз ин лиҳоз, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фароҳамсозии фазои мусоиди рушди соҳибкории истеҳсолӣ таваҷҷӯи хоса зоҳир менамояд. Дар солҳои охир як силсила қонунҳо, ки ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ алоқаманд мебошанд, қабул ва ё дар таҳрир карда шудаанд, аз ҷумла «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ», «Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ», «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои молӣ», «Дар бораи сармоягузорӣ», «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ташкили Фонди дастгирии соҳибкорӣ ва Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтаргардонии фазои сармоягузорӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи парки технологӣ», «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ва ғайра. Дар заминаи қонунҳои номбаршуда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои «Дар бораи нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтаргардонии фазои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат, дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ дар давраи солҳои 2016-2018» аз 27 июли соли 2016, №324, «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии дастгирии соҳибкорӣ дар солҳои 2012-2020» аз 30.04.2012, №201, «Дар бораи таъсиси Фонди дастгирии соҳибкорӣ» аз 05.02.2013, № 34 қабул ва татбиқ гардиданд, ки онҳо барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ аҳамияти муассир доштанд.

Инчунин дар солҳои 2008-2020 ташкил намудани 6 минтақаҳои озодии иқтисодӣ (МОИ): «Суғд», «Данғара», «Панҷ», «Ишкошим», «Кӯлоб» ва «Душанбе», ки ҳоло дар онҳо зиёда аз 70 субъектҳои соҳибкорӣ фаъолият доранд, ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ мусоидот карда истоданд.

Бояд қайд кард, ки дар солҳои охир соҳибкории истеҳсолӣ аз ҷиҳати институтсионалӣ низ дастгирӣ карда шуд. Таъсис ёфтани Фонди дастгирии соҳибкорӣ, Бюроҳои қарзӣ, Шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳсозии фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, ассосиатсияҳои соҳибкорӣ, бизнес-инкубаторҳо, технопаркҳо ва марказҳои инноватсионӣ аз дастгирии институтсионалӣ он шаҳодат медиҳад.

Дар давраи таҳлил дар самти такмили низоми андоз ва пешниҳоди имтиёзҳои андозию гумрукӣ ба субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ як силсила чорабиниҳо

андешида шуданд, аз ҷумла мораторияи ба санҷишҳои андозӣ, паст намудани меъёри андозҳо, ҷорӣ намудани равзани ягонаи бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ ва пешниҳоди ҳисоботҳои андозӣ дар шакли электронӣ, имтиёзҳои иловагии андозӣ ба соҳаҳои мухталифи истеҳсолӣ, қабули Кодекси нави андоз. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 омадааст: «То имрӯз ба онҳо беш аз 120 намуди имтиёзу сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод шуда, шумораҳои сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1 кам гардида, хизматрасонӣ дар ин самт ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст. Дар соли 2022 маблағи имтиёзҳои андозиву гумрукии истифодагардида зиёда аз 12 миллиард сомониро ташкил медиҳад. Аз ҷумла аз ҳисоби паст ва бекор кардани меъёрҳо 5 намуди андоз зиёда аз 1,5 миллиард сомонӣ ҳамчун дастгирӣ дар ихтиёри субъектҳои соҳибкорӣ боқӣ мемонад» [6].

Дар натиҷаи татбиқи барномаҳои давлатии дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ, беҳсозии фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, ташкили минтақаҳои озодии иқтисодӣ ва пешниҳоди имтиёзҳои андозиву гумрукӣ теъдоди субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ томоюлӣ афзоиш дорад (ҷадвали 1)

***Ҷадвали 1. Динамикаи теъдоди субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2012 – 2020 (ба қайд гирифташуда, адад)***

| **Субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ** | **2012** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2020/2010 маротиб** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Инфиродӣ (бидуни хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ) | 90817 | 150912 | 166087 | 155848 | 187048 | 190431 | 220096 | 2,42 |
| Корхонаҳои саноатӣ | 2013 | 3046 | 3199 | 3102 | 3694 | 3942 | 4123 | 2,05 |
| Аз ҷумла истихроҷӣ | 196 | 335 | 384 | 370 | 408 | 493 | 537 | 2,74 |
| Коркард | 1817 | 2711 | 2815 | 2732 | 3286 | 3449 | 3586 | 1,97 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 73806 | 130176 | 145107 | 164631 | 172668 | 171975 | 179005 | 2,43 |
| Ташкилотҳои сохтмонӣ | 2027 | 2781 | 2812 | 2818 | 2953 | 3327 | 3463 | 1,71 |
| Ҳамагӣ | 168663 | 286915 | 317205 | 326399 | 366363 | 369675 | 406687 | 2,41 |

***Манбаъ: Тоҷикистон: 30 - соли истиқлоли давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ.- Душанбе,2021.-С.355-359, 366-367.***

Аз маълумотҳое, ки дар ҷадвали 1 оварда шуданд, бармеояд, ки дар солҳои 2012 - 2020 дар ҷумҳурӣ теъдоди субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ба қайд гирифташуда вобаста ба соҳаи фаъолият аз 1,7 то 2,7 маротиб ва дар маҷмӯъ 2,4 маротиб афзудааст. Бояд дар назар дошт, ки дар кишоварзӣ бидуни хоҷагиҳои деҳқонӣ дигар шаклҳои соҳибкории истеҳсолӣ низ мавҷуд мебошад. Дар соли 2020 3687 хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ, 276 ҷамъияти саҳомӣ ва ҶДММ, 560 хоҷагиҳои ёрирасон дар назди корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ фаъолият доштанд[5].

Теъдоди субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ба қайд гирифта шуда, аз сабаби бе фаъолияти як қисми онҳо иқтидори соҳибкории истеҳсолиро дар худ мушаххас ифода намекунад. Мисол, дар саноат 4123 субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ба қайд гирифта шуда, аз онҳо ҳамагӣ дар соли 2020 2518 амалкунанда мебошад[8], яъне теъдоди зиёди корхонаҳои саноатӣ бо сабабҳои гуногун фаъолият намекунанд. Бинобар ин, яке аз масъалаҳои муҳими рушди саноати ҷумҳурӣ ин таъмини фаъолияти самаранокии ҳамаи корхонаҳои саноатӣ мебошад.

Новобаста аз ин, афзоиши теъдоди субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ, ки дар солҳои охир томоюли устувор дорад, ба афзоиши тамоми нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намудааст (ҷадвали 2).

Тибқи маълумотҳои ҷадвали 2. маҷмӯи маҳсулоти дохилаи мамлакат дар солҳои 2012-2020 2,3 маротиб афзудааст ва афзоиши солонаи он ба ҳисоби миёна на камтар аз 7%-ро ташкил медиҳад. Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар ин давра аз 13286 млн сомонӣ то 30890 млн сомонӣ расидааст, яъне 2,32 маротиб, ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ бошад аз 23815,3 млн сомонӣ то 37616,6 млн сомонӣ расидааст, яъне 1,58 маротиб афзудааст. Сармоягузорӣ ба иқтисодиёти миллӣ дар давраи таҳлилшаванда 2,6 маротиб афзуда, ба 11755,6 млн сомонӣ расидааст.

Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар давраи таҳлилшаванда ба беҳтаршавии таносуби содирот ва воридот дар сохтори гардиши савдои хориҷӣ мусоидот намудааст: ҳиссаи содирот аз 26,4% то 30,8% афзуда, ҳиссаи воридот мутаносибан аз 73,6% то 69,2% коҳиш ёфтааст. Дар натиҷа ҳаҷми содирот дар солҳои 2012-2020 то 3% афзоиш ёфта, ҳаҷми воридот 17% кам шудааст, яъне тавозуни савдои берунаи ҷумҳурӣ томоюлӣ беҳтаршавиро касб намудааст.

***Ҷадвали 2. Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2012 – 2020***

| | 2012 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020/2010 Маротиб |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҷмӯи маҳсулоти дохила , млн.сомонй | 36163,1 | 50977,8 | 54790,3 | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 82543,0 | 2,28 |
| ба ҳар нафар аҳолӣ, сомонӣ | 4579,2 | 6031,7 | 6336,3 | 7291,4 | 7870,2 | 8580,1 | 8788,9 | 1,92 |
| Маҳсулоти саноатӣ ( бо нархҳои соли 2020), млн. | 13286 | 16116 | 18695 | 22677 | 25080 | 28391 | 30890 | 2,32 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| сомонӣ | | | | | | | | |
| Маҳсулоти кишоварзӣ (бо нархҳои соли 2020), млн. сомонӣ | 23815,3 | 27628,9 | 29053,9 | 31029,6 | 32257,2 | 34558,7 | 37616,6 | 1,58 |
| Сармоягузорӣ, млн. сомонӣ | 4540,2 | 9749,9 | 11179,7 | 11371,6 | 13361,0 | 12517,8 | 11755,6 | 2,59 |
| Гардиши савдои хориҷӣ, млн. долл. | 5138,1 | 4326,2 | 3929,9 | 3972,9 | 4224,3 | 4523,7 | 4557,8 | 0,89 |
| аз ҷумла содирот, млн. доллар | 1359,7 | 890,6 | 898,7 | 1198,0 | 1073,3 | 1174,4 | 1406,9 | 1,03 |
| воридот, млн. доллар | 3778,4 | 3435,6 | 3031,2 | 2774,9 | 3151,0 | 3349,3 | 3150,9 | 0,83 |
| Даромади буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ | 9673,4 | 16586,5 | 18405,2 | 19955,5 | 23925,5 | 23469,4 | 25065,0 | 2,59 |
| Аз ҷумла даромадҳои андозӣ, млн. сомонӣ | 7102,1 | 10613,3 | 11188,4 | 13099,6 | 14564,9 | 15775,4 | 15366,5 | 2,16 |

***Манбаъ: Тоҷикистон: 30 - соли истиқлоли давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ.-Душанбе,2021.-С.10-18, 674; Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе,2020.-С.445-461.***

Бояд қайд кард, ки дар солҳои 2012-2020 афзоиши бемайлони даромади буҷети давлатӣ, аз ҷумла даромадҳои андозиро низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар ин саҳми соҳибкории истеҳсолӣ назаррас мебошад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти соҳибкории истеҳсолӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёти миллӣ нишон медиҳад, ки дар самти татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат, пеш аз ҳама таъмини саноатикунонии босуръати кишвар ва амнияти иқтисодии мамлакат соҳибкории истеҳсолӣ нақши муҳимро мебозад. Аз ин лиҳоз, беҳсозии фазои соҳибкорӣ дар заминаи пурзур намудани ҳимоя ва дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ зарур аст, ки ин дар паёми имсолаи сарвари давлат ба таври мушаххас дарҷ гардидааст[4].

**Адабиёт**

1. Гукасян Г.М. Экономическая теория. 2-изд., Питер, 2007.

2. Ғаниев Т.Б., Одинаев Ҳ.А ., Комилов С.Ҷ. Асосҳои агробизнес. Китоби дарсӣ. - Душанбе,1998.- С.128-131.
3. Комилов С.Д., Забиров Н.Х. Предпринимательство: вопросы развития и государственного регулирования.- Душанбе, 2004.- С.42-43.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» 26 июли соли 2014, № 1107
5. Нишондиҳандаҳои асосии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2020 .-Душанбе,2021.-С. 6
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомали Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» https://mfa.tj/tg/main/view/11820/pajomi-prezidenti-jumhurii-tojikiston-muhtaram-emomali-rahmon-dar-borai-samthoi-asosii-sijosati-dokhili-va-khorijii-jumhuri (санаи муроҷиат: 12.01.2023)
7. Сохибназаров Г.Х. Обеспечение эффективного развития предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан. Дисс.на соиск.уч.степ. к.э.н. по спец. 08.00.01 – Экономическая теория.-Душанбе,2019. – С.24-26
8. Тоҷикистон: 30 - соли истиқлоли давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ.-Душанбе,2021.-С.355.
9. Фаррухи Раҳимбердӣ. Асосҳои соҳибкорӣ. Маводи таълимӣ. Душанбе , 2009, с. 39.
10. Эргашев А., Мухадбердиев Ҳ.. Курси назарияи иқтисодӣ (микроиқтисод). Душанбе, 2003, с. 282-290;

## ПРОМЫШЛЕННОЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО И ЕГО РОЛЬ В РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

**ШЕРКУЛОВ ОДИЛ ДИЛМУРОДОВИЧ,**
аспирант Таджикского государственного финансово-экономического университета.
734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14.
Тел.: (+992) 900-66-91-50. E-mail: Odiljon91_91@mail.ru

*В статье с использованием научных источников анализируются сущность, признаки и формы промышленного предпринимательства, а также обосновывается промышленное предпринимательство как основа для развития других форм предпринимательства. Особое внимание автор уделил классификации форм промышленного предпринимательства и их объяснению.*

*В статье всесторонне анализируется роль промышленного предпринимательства в развитии национальной экономики и обосновываются его основные направления. Также в статье с использованием статистических материалов показано развитие промышленного предпринимательства в различных сферах и изучено его влияние на улучшение макроэкономических показателей развития республики.*

***Ключевые слова***: *предпринимательство, промышленное предпринимательство, промышленное предпринимательство, аграрное предпринимательство, налоговые и таможенные льготы, промышленные предприятия, макроэкономические показатели.*

## INDUSTRIAL ENTREPRENEURS HIP AND ITS ROLE IN THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY

**SHERKULOV ODIL DILMURODOVICH,**
Postgraduate student of the Tajik State Financial and Economic University.
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 64/14, Nakhimov str.
Phone: (+992) 900-66-91-50. E-mail: Odiljon91_91@mail.ru

*In the article, using the available literary sources, the essence, specific features and forms of industrial entrepreneurship are explored, the latter is substantiated as the basis for the development of other types of entrepreneurial activity. The author paid great attention to the classification of forms of industrial entrepreneurship and the disclosure of their content.*

*The article also undergoes a comprehensive analysis of the role of industrial entrepreneurship in the development of the national economy, and substantiates its main directions of influence. Using statistical materials, it shows the current state of development of industrial entrepreneurship and its impact on the dynamics of macroeconomic indicators of the country's development.*

***Keywords:*** *entrepreneurship, industrial entrepreneurship, industrial entrepreneurship, agricultural entrepreneurship, tax and customs benefits, industrial enterprises, macroeconomic indicators.*

УДК 332.14

# МИНТАҚА ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАВӢ: МОҲИЯТ ВА МУНДАРИҶАИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**БОБОЕВА ФАРЗОНА ШЕРАВГАНОВНА,**
унвонҷӯйи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳои минтақаи
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, кӯчаи С. Қозиев 26-а.
Тел.: (+992) 924-44-10-18. E-mail: f.boboeva 90 @mail.ru.

*Дар мақола таҳлили объективии минтақаҳо ва ҷанбаҳои назариявӣ ва ҷойгиршавии истеҳсолоти саноатӣ бо рушди сусттараққикарда ва миёнаи минтақаҳои вилояти Суғд ва равишҳои асосии таъмини рушди муътадили минтақа оварда шудааст. Муаммоҳои актуалии рушди фазоӣ ҳамчун таъғирёбии ташкили низоми ҷойгиршавии ҳудудӣ ва иқтисодиёт аз ҷониби олимони соҳаҳои мухталиф таҳқиқ ва маънидод карда мешаванд. Барои ташкил ва амалигардонии муҳити мусоиди сармоягузорӣ, молиявӣ ва мизони андозбандӣ дастгирии давлатиро талаб менамояд, ки яке аз роҳҳои асосии мукаммалгардонии муносибатҳои корпоративӣ дар ташкилотҳои ватанӣ мебошад. Иқтисодиёти минтақавӣ ҳамчун илм сохтори мураккаби методологӣ дошта, доираи васеи муаммоҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад ва ҳамчун як қисмати илми иқтисодиёт оиди омӯзиши "ташкили хоҷагии ҳудудӣ дар сатҳи ҳудуд, байниҳудудӣ ва дохилиҳудудӣ" нигаронида шудааст ва дар ҷойгиркунии истеҳсолот самти нақлиёт, қувваи корӣ ва агломератсия нақши калидиро доранд.*

***Калидвожаҳо.*** *Минтақаҳо, модели гузариш, шароити муосири хоҷагидорӣ, алоқамандиҳо байни сатҳи рушди хоҷагии қишлоқ ва шуғли аҳолӣ, назарияҳои иқтисоди фазоӣ, нақлиёт, қувваи корӣ, агломератсия*

Бо баробари инкишофи назарраси иқтисодӣ – иҷтимоии мамлакат методологияи дигаргунсозии низоми нақшавӣ, муносибатҳои иқтисодиёти миллӣ бо минтақа пеш меояд. Дар заминаи таҳаввули қувваҳои истеҳсолкунанда, густариш ёфтани шаҳрҳои калон, тақсими ҷамъиятии меҳнат, ба вуҷуд омадани шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, фарқият дар ҳосилхезии замин ва ҳосилнокӣ, сарватҳои табиию иқтисодӣ, шароитҳои таъмини ҳаёт ва ғайра ба пайдоиши минтақаҳо оварда мерасонад. Минтақаҳо вобаста ба имконият ва шароитҳои мавҷудаи иқтисодию иҷтимоӣ, таърихию маданӣ, байни худ ҳамчун тавлидгару пешниҳодкунандаи неъмату хадамот ва ҳамчун истеъмолкунанда, яъне харидор ташаккул ёфта, талаботи худро аз ҳисоби мубодилаи байни ҳамдигарӣ қонеъ мегардонанд. Заминаҳои назариявии тадқиқоти иқтисодии минтақавӣ дар асоси корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, бо дарназардошти қонунҳо ва санадҳои амалкунанда, фалсафаи минтақа, қонуниятҳои объективии иқтисодӣ, ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунанда ва сохтори ҷойгиршавии аҳолии мамлакат сарчашма мегирад. Муаммоҳои актуалии рушди фазоӣ ҳамчун таъғирёбии ташкили низоми ҷойгиршавии ҳудудӣ ва иқтисодиёт аз ҷониби олимони соҳаҳои мухталиф ҳаргуна таҳқиқ ва маънидод карда мешаванд. Заминаи тадқиқи минтақавиро назарияи иқтисодиёти ноҳиявӣ ташкил менамояд, ки дар корҳои тадқиқотии олимони рус аз қабили: К. И. Арсенева [Арсеньев К. Начертание статистики Российского государства, составленное Главного Педагогического Института Адъюнкт-Профессором Константином Арсеньевым. О состоянии народа. СПб.: тип. Имп. Воспитательного Дома. 1818. - 246 с.], П. П. Семенова [Петр Петрович Семенов-Тян-Шанский. Мемуары. Том второй. М., ОГИЗ, 1946. – 103 с.], Н. М. Пржевалский [Гавриленкова, Е. П. Неизвестные страницы жизни Н. М. Пржевальского / Е. П. Гавриленкова. – 2-е изд. доп. – Смоленск: Свиток, 2012. – 216 с.] ва дигарон хело хуб инъикос ёфтааст. Натиҷаи тадқиқотҳои нодирро баъдтар ҷуғрофияшиносон дар нимаи дуввуми асри XIX – ва

ибтидои асри XX истифода намуда, дастури таълимии «Географияи умумии мухтасар» -ро (1818) навиштанд, ки ин дастур солҳои зиёд барои хонандагон ҳамчун дастури асосии омӯзишӣ маҳсуб меёфт ва чандин маротиба бознашр карда шудааст. Масъалаҳои ҷойгирнамоии ҳудудии истеҳсолот ва саноат нахуст предмети омӯзиши олимони ғарб маҳсуб меёбад. Чунончӣ дар корҳои тадқиқотии А. Вебер гурӯҳбандии омилҳои ҷойгиркунии саноат вобаста ба нишонаҳои таъсиррасонӣ, зинаҳои умумият ва бавуҷудойӣ хело хуб инъикос ёфтааст [Вебер А. Теория размещения промышленности. Л.; М.: Книга, 1926. 220 с.], ки шарти асосии ҷойгирнамоӣ ин самаранокии иқтисодӣ буда, се омили заминавиро (нақлиёт, қувваи корӣ, агломератсия) дар бар мегирад. Аз гуфтаҳои А Вебер бармеояд, ки муттаносибан дар ҷойгиркунии истеҳсолот самти нақлиёт, қувваи корӣ ва агломератсия нақши калидиро доранд. Муаллифи назарияи мувозинати иктисодии фазоӣ А.Леш бошад, дар модели пешниҳоднамудааш "фаъолияти бозории низоми истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон" исбот менамояд, ки ҳар як тағйирёбандаи иқтисодӣ ба як нуқтаи муайяни фазо вобаста буда, элементи асосии баробарӣ - функсияҳои талабот ва хароҷот мебошанд. Бо истифода аз мантиқ ва оператализми тафаккури абстрактӣ А Леш тавонист барои ташкили назарияи умумии иқтисоди фазоӣ заминаи назариявии хешро гузорад [Лёш А. Пространственная организация хозяйства. М.: Наука, 2007. 662 с.]. Солҳои 50-уми асри гузашта олими амрикоӣ У.Айзард ақидаи муттаҳид сохтани самтҳои мухталифи таҳқиқоти минтақавӣ, таҷзияи назарияҳои иқтисоди фазоӣ ва минтақавиро амалӣ намуда, татбиқи усулҳои макроиқтисодӣ дар омӯзиши минтақаҳо ва муносибатҳои байниминтақавӣ, коркарди моделҳои мувозинати фазоӣ, коркарди тақсимоти тағйирёбандаи истеҳсолот ва соҳаҳои саноат, таҳқиқи сабабҳои пайдоиши ҳолатҳои низоии минтақавиро баррасӣ намудааст [Айзард У. Методы межрегионального и регионального анализа / У. Айзард // Региональное развитие и сотрудничество. - М., 1998, № 1-2. - С. 62-63.]. Нақши кӯчонидани аҳолӣ дар ҳамбастагӣ бо омилҳои истеҳсолӣ дар назарияи вазифаҳо ва ҷойгиршавии низоми маҳалҳои аҳолинишин, ки бори аввал аз ҷониби В.Кристаллер тадқиқ гардидааст, хело хуб инъикос ёфтааст. Дар тадқиқоти пешниҳоднамудаи хеш, муаллиф намунаҳои ҷойгиршавӣ, шумора ва андозаи аҳолинишинро дар иерархияи шаҳрҳо тахия кардааст, ки ҳамчун «тӯри Кристаллер» (Сетка Кристаллер) васеъ паҳн шудааст. Ин назария зарурияти дар ҳар як маҳалли аҳолинишин, молҳои умумӣ — дар маҳалҳои аҳолинишини миёна, молу хизматҳои нодир — танҳо дар шаҳрҳои калон истеҳсол намудани маҳсулоти заруриро асоснок мекунад. Дар кори тадқиқотии академик Татаркина ва профессор Е.Г. Анамитсӣ иқтисодиёти минтақавӣ дар қаринаи (контексте) ташаккулёбии назарияи прадигмалӣ (тафсирӣ) мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар натиҷаи идома ёфтани таҳаввулоти ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ иқтисодиёти минтақавӣ ҳамчун илми нав, ки сохтори махсуси омӯзишии худро дорад, пайдо гардид. "Назарияи ҷойгиркунонии истеҳсолот, қонуниятҳо ва хусусиятҳои хоси инкишофи ҳудуҳои гуногуни низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар партави назарияи муосири рушди минтақа, фазои Россия ҳамчун объекти омӯзиш, ақидаронихо ва тартиби баҳамтаъсиррасонии маҷмӯи омилҳои гуногунтаркиби иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва табиӣ, ҷарёнҳо, равандҳо, объектҳои дар фазои муайяни сарҳади шаҳрҳо, ҷамъиятҳои маҳаллӣ ва минтақаҳо ҷойгиршуда, ки аз ҷониби мақомотҳои федеролӣ ва мақомотҳои иҷроияи давлатӣ дар минтақаҳо гузошта шуда, қисми таркибии фазои иқтисодии мамлакатро ифода менамояд"[Татаркин А. И., Анимица Е. Г. Формирование парадигмальной теории региональной экономики // Экономика региона. 2012. №3. - С. 11-21.]. Иқтисодиёти минтақавӣ ҳамчун илм сохтори мураккаби методологӣ дошта, доираи васеи муаммоҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар бар мегард ва ҳамчун як

қисмати илми иқтисодиёт оиди омӯзиши “ташкили хоҷагии ҳудудӣ дар сатҳи байниҳудудӣ, худи ҳудуд ва дохилиҳудудӣ” нигаронида шудааст [Райзберг Б. А., Лозовский Л. Ш., Старо- дубцева Е. Б. Современный экономический словарь. М.: ИНФРА-М, 1999.].

Иқтидори истеҳсолӣ дар адабиёти иқтисодӣ аз ду нуқтаи назар омӯхта мешавад:

- якум ҳаҷми воқеии маҳсулот, ки метавон дар раванди истифодаи пурраи захираҳои мавҷуда истеҳсол намуд;
- дуввум мавҷудияти иқтидори истеҳсолӣ, мавҷудияти омилҳои истеҳсолот ва таъминнокии он бо намудҳои мухталифи захираҳо.

Иқтидори меҳнатӣ – ин маҷмӯи хусусиятҳо, меъёрҳо ва сифати қобилиятҳои меҳнатии аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол ва иштироки онҳо дар фаъолияти самараноки ҷамъиятӣ мебошад. Муҳимияти омӯзиши иқтидорҳои номбурда дар сатҳи минтақа ин муайян намудани баҳамалоқамандӣ бо ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолӣ, таъсири он ба динамикаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва сатҳи рушди иқтисодиёт мебошад. Чуноне, ки олими рус Гранберг А.Г. қайд намудааст «минтақа – ин ҳудуди муайяне, ки бо якчанд нишонаҳояш ва маҷмӯи элементҳои ба ҳам алоқаманди худ аз дигар минтақаҳо фарқ менамояд», [Гранберг А.Г. Основы региональной экономики: Учебник. - М.: ГУВШЭ, 2000.-С.14]. Дар адабиёти илмии Шӯравӣ якумин маротиба вожаи минтақа дар солҳои 60-ум аз ҷониби академик Н. Н Некрасов ҷорӣ ва истифода карда шудааст. Тибқи ақидаи Н.Н. Некрасов иқтисоди минтақа омилҳои муайянкунандаи иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар як минтақаро, ки ба ҷобаҷогузории оқилона ва тараққии қувваҳои истеҳсолкунанда мусоидат мекунад дар бар мегирад. А. Е. Пробст андеша дорад, ки иқтисоди минтақавӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷуғрофия буда, он бештар бо аломатҳои табиию ҷойгиршавии он дар мавзеъҳои муайян алоқаманд мебошанд [Пробст А. Е. Эффективность территориальной организации производства и создания производственно-территориальных комплексов [Текст] / А. Е. Пробст. - Москва: [б. и.], 1966. - 23 с.].

Аз нигоҳи В.Ф. Павленко, минтақа ва иқтисоди минтақавӣ на ба масъалаҳои ҷойгиронии қувваҳои истеҳсолкунанда, балки - иқтисоди соҳаҳо (саноат, хоҷагии қишлоқ, нақлиёт, савдо ва ғ.) кордор мебошад. Масалан, минтақаҳои пахтакории Тоҷикистон, на танҳо талаботи худ, балки зиёда аз 80-90 % талаботи минтақаҳои марказиро бо ин намуди маҳсулот қонеъ мегардонданд. Азбаски минтақа ва минтақабандӣ дар аксарияти мамлакатҳои Ғарб дар асоси ҳисоби тиҷорат сурат мегирад ва фаъолияти он дар чорчӯбаи ҳаҷми ғунҷоиши бозор ташкил мегардад, бинобар ин баъди заволи низоми иқтисоди амрӣ, қисме аз иқтисоддонон таклиф пешниҳод намуданд, ки минтақа ва минтақабандӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ боқӣ монад ва фаъолияти он дар мояи амали қонун ва механизми бозор қарор гирад.

**Минтақаҳои инкишофёфта,** минтақаҳое ба шумор меравад, ки дар доираи онҳо шаҳрҳо ё худ марказҳои индустриалӣ вуҷуд дошта, аз ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти ҷамъиятӣ, саноатӣ, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ нисбат ба дигар соҳаҳо бартарӣ дошта бошанд. Ба ҷумлаи минтақаҳои нисбатан инкишофёфта дар ҳудуди кишвар метавонем минтақаҳои марказӣ (шаҳри Душанабе ва ноҳияҳои тобеи марказ) ва минтақаи шимолиро (вилояти Суғд) номбар намоем.

**Минтақаҳои сустинкишофёфта**, минтақаҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати нишондиҳандаҳои миёнаи макроиқтисодӣ нисбат ба дигар соҳаҳои марказию саноатӣ мавқеи хеле пасттаринро ишғол менамоянд. Дар ин минтақаҳо, умуман унсурҳои таҳаввулот ва пешрафти саноатӣ вуҷуд надоранд. Онҳо сирати соф анъанавӣ дошта, ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, хонадорӣ, хоҷагидории деҳқонӣ бештар банд

мебошанд. Ба он аксар вақт минтақаҳои кӯҳистон ва аз бозор ва шаҳрҳои асосӣ дур ҷойгирифтаро дохил мекунанд. Ба ҷумлаи ин минтақаҳо - минтақаҳои вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон дохил шуда метавонад.

Новобаста аз хусусиятҳои умумӣ, қисме аз онҳо ҳамчун ноҳияҳои пахтакор, тамокупарвар, токпарварӣ, боғдорӣ ва чорводорӣ инкишоф ёфтаанд. Қисми дигаре бидуни тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва тахсис боқӣ монда, аз сатҳ ва дараҷаи саноатигардонӣ тамоман дур гаштаанд. Дар ин минтақаҳо дараҷаи нисбатан пасти истеҳсолот, ҳосилнокии меҳнат, даромад, дараҷаи пасти зиндагӣ, дараҷаи баланди бекорӣ ва бӯҳрони таркибии кишоварзӣ ҳукмрон мебошад.

Таъмини рушди бемайлони иқтисодиёти минтақавӣ, муносибатҳои байниминтақавӣ ва иқтисоди хориҷӣ баҳри вусъат бахшидани иқтидори истеҳсолии минтақа, истифодаи самараноки имкониятҳои соҳаҳои мухталифи хоҷагӣ, ки дар минтақаи вилояти Суғд ва умуман ҷумҳурӣ хело зиёданд, ба роҳ мондан мувофиқи мақсад аст. Зеро дар ҳудуди минтақаи вилояти Суғд на танҳо анъанаҳои истеҳсолӣ – техникӣ ва ташкилӣ – ҳуқуқӣ, балки шароити хуби табиӣ – иқлимӣ низ мавҷуд аст, ки имконияти паст намудани хароҷотҳои захиравӣ, ашёвӣ ва меҳнатиро медиҳад.

Ба чунин соҳаҳои хоҷагии минтақавӣ, чуноне, ки таҳлили назариявии мавзӯи тадқиқотӣ ва хулосаҳои абстрактивӣ нишон медиҳанд, метавон ворид намуд:

– Соҳаи кишоварзӣ, ки таҷрибаи бойи деҳқонони ватанӣ метавонад ба бозори ҷаҳонӣ молҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва босифат, ки ба меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқ мебошанд, пешкаш намоянд. Агар мо низоми нақлиётӣ, коммуникативӣ ва алоқа бо дигар ҳамсоядавлатҳоро мустаҳкам намоем, ки ин ба паст гардидани талафоти молҳои хоҷагии қишлоқ аз ҷамъоварӣ то ба расонидан ба истеъмолкунандагони охирин кам менамояд.

– Соҳаи истихроҷи канданиҳои фоиданок, ки амалан бе ягон коркарди иловагӣ содирот карда мешавад, дар сурати ба роҳ мондани коркарди аввалиндараҷаи маъданҳои истихроҷ гардида ҳам барои иқтисодиёти минтақа, арзиши бозории ин маъданҳо ва ҳам ташкили ҷойи нави корӣ имкон фароҳам меояд.

– Соҳаи саноати сабук дар сурати сармоягузории мақсаднок метавонад ҳамчун таккон барои рушди ин соҳа гардида дар натиҷа мақоми таърихии худро дар ҳиссаи содироти мамлакат ишғол намояд.

– Истеҳсоли нуриҳои минералӣ, ки ҳамчун қисмати марказии рушди соҳаи кишоварзӣ маҳсуб меёбад, бояд ҳамчун соҳаи аввалиндараҷа бошад, зеро мо имкон дорем, ки бо истеҳсол ва содироти моли ҷавобгӯйи меъёрҳои ҷаҳониро дар ин соҳа ташкил намоем. Таъминкунандаи асосии маҳсулоти содиротӣ – ин корхонаҳои саноатии хурду миёна ба ҳисоб меравад, вале зикр намудан ба маврид аст, ки ин корхонаҳо ба шароити иттифоқи шуравӣ мувофиқ бунёд гардиданд, ки шабакаи нақлиётӣ – логистикии ин корхонаҳо дар алоқамандӣ бо дигар корхонаҳои давлатҳои собиқ иттифоқ ба инобат гирифта шудааст. Аз ҳама муҳимаш ин корхонаҳо пас аз барҳам хӯрдани давлати абарқудрати иттифоқи шӯравӣ ба ҷамъиятҳои саҳҳомӣ табдил дода шуданд.

– Иҷрои вазифаҳои гузошташуда бевосита баҳри ташкил ва амалигардонии муҳити мусоиди сармоягузорӣ, молиявӣ ва мизони андозбандӣ дастгирии давлатиро талаб менамояд, ки яке аз роҳҳои асосии мукаммалгардонии муносибатҳои корпоративӣ дар ташкилотҳои ватанӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, таҳлил ва омӯзиши минтақа ҳамчун объекти сиёсати иқтисодии минтақавӣ, фикру андешаҳои олимони ватаниву хориҷӣ ва талаботи замони муосир доир ба масъалаи тадқиқшаванда моро ба чунин хулосаҳои мушаххас оварда расонидаанд:

**якум**, иқтисоди минтақа - соҳаи махсуси илми иқтисод буда, бунёд ва ташкили территориявии истеҳсолотро инъикос менамояд. Вай ҳодисаю равандхои иқтисодие, ки мустақиман ба инкишофи хоҷагиҳои бозорӣ, дар доираи минтақаҳои алоҳида ва фазои ягонаи иқтисодӣ муттаҳид мегарданд дар бар мегирад;

**дуввум**, ҳангоми таҳияи барномаҳои мушаххаси тараққиёти минтақа, махсусан барномаҳои ислоҳоти иқтисодии минтақаҳо, тарҳрезӣ, идора ва сармоягузорӣ дар шароити бозор ин хусусиятҳо бояд ба назар гирифта шаванд. Вобаста ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва тараққиёти минтақаҳо аз нигоҳи территориявӣ ва соҳавӣ ҳамчун идомаи схемаи тараққиёт ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои Ҳисор, Ғарм, Зарафшон, вилоятҳои Суғд, Хатлон ва Бадахшони Кӯҳӣ, ки тӯли солҳои 80-ум аз ҷониби Институти иқтисодиёт оғоз ёфта, кунун қатъ гардидаанд, бомаврид хоҳад буд. Ба вазифаҳои асосии иқтисодиёти минтақавӣ аҳамияти бузург бояд дод, ки инҳоянд:

– дар амал тадбиқ намудани барномаҳои ҳукуматӣ перомуни ислоҳотҳои иқтисодӣ, кишоварзӣ, сиёсати молиявию қарзӣ ва таъмин кардани дараҷаи мусоидтарини некӯаҳволии минтақа;

– таъмин кардани шароити мӯътадили ҳадди ақали зисти аҳолии ҳамаи минтақаҳо;

– эҳё ва густариши деҳотҳои бесоҳибу партофташуда ё худ дар ботлоқи касодӣ гирифторшуда, инкишофу таҳаввул додани поселка, шаҳрчаҳои хурду миёна ва ноҳияҳову мавзеҳои бузургтарини аҳолинишин;

– ба қадри имкон дар як сатҳи муайян нигоҳ доштани таваррум, шуғли аҳолӣ ва роҳ надодан ба афзоиши бекорӣ;

– ба низоми муайян даровардани ҳиҷрати аҳолӣ;

– дар амал тадбиқ намудани сиёсати иҷтимоии давлат ва ҳиссагузорӣ ба фонди мутамаркази иҷтимоии умумидавлатӣ;

– ба механизми кори минтақаҳои инкишофёфта ва сустинкишофёфта аҳамияти бузург бояд дод;

– тоза нигоҳ доштани табиат - боду ҳаво, замин аз ифлосшавии партовҳо, газу нефт ва дигар воситаҳои зараррасон.

**Адабиёт**


1. Арсеньев К. Начертание статистики Российского государства, составленное Главного Педагогического Института Адъюнкт-Профессором Константином Арсеньевым. О состоянии народа. СПб.: тип. Имп. Воспитательного Дома. 1818. - 246 с.
2. Айзард У. Методы межрегионального и регионального анализа / У. Айзард // Региональное развитие и сотрудничество. - М., 1998, № 1-2. - С. 62-63.
| Инерционный | Индустриальный | Индустриально-инновационный |
|---|---|---|
| -развитие наземной транспортной инфраст-руктуры автотранспортной системы;<br>-реконструкция и строи-тельства особо важных объектов наземной инфра-структуры автотранспорта;<br>-модернизация и обновление парка транспортных средств;<br>-развитие направлений экспортных поставок грузов;<br>-недостаточно высокие тем-пы обновления автодорож-ной сети;<br>-низкая подвижность населения;<br>-отсутствие резервов на видах транспорта. | -развитие назеной инфраст-руктуры автотранспорта, обеспечивающей реализа-ции транзитного потенциала страны, в том числе совместных проектов по добыче и экспорту товаров переработки в рамках ЕврАзС, а также с другими государствами;<br>-увеличение потребности в строительстве и реконст-рукции автодорожной сети, связывающей новые жилые районы в городах и приграничных зонах крупных городов с местами приложения рабочей силы. | -повышение роли транспортно-логистической инфраструктуры в организа-ции товародвижения;<br>-возникновение необходи-мости строительства и реконструкции автодо-рожной сети, связывающей новые жилые районы в крупных городах и пригородные зоны местами приложения рабочей силы, в значительном количестве средних и малых городов с повышением уровня доходов и качеству жизни населения |

***Примечание: составлено автором.***

***Рисунок 1. Сценарные варианты развития наземной инфраструктуры автотранспортной системы Республики Таджикистан***

Признание первостепенной важности решения многочисленных проблем наземной инфраструктуры автомобильного транспорта выделяет инновационный вариант развития в качестве приоритетного. Задачи реализации Государственной целевой программы развития транспортного комплекса направлены на удовлетворение потребностей инновационного социально ориентированного развития национальной экономики и общества в доступных качественных и конкурентоспособных автотранспортных услугах.

**Литература**

1.Алпатов А.А, Пушкин А.В., Джапридзе Р.М. Госсударственно-частное партнерство. Механизм реализации. - М.: Алпина Паблишера, 2010.-196 с.

2.Бобоев К.О. Эффективность функционирования и развития региональной транспортной инфраструктуры (на примере Республики Таджикистан). Дисс к.э.н. 08.00.05. Душанбе, 2016.-26 с.

3.Бронштейн Я.Т. Проблемы развития транспортной инфраструктуры в контексте территориальной организации производства Республики Таджикистан.- Душанбе, «Истиклол 2019».-2019.- 250 с.

4.Государственная целевая программа развития транспортного комплекса Республики Таджикистан, утвержденное постановлением Правительства РТ от 1 апреля 2011 года, № 165.

5.Методические рекомендации по оценке эффективности инвестиционных проектов.М.: Экономика,2000.-460 с.

6.Назаров Д.А. Анализ финансовой выгоды- ключ к информированным решениям государства в проектах государственно-частного партнерства// Кооперативные стратегии.-2006.-325 (9341).- с.15-18.

7.Национальная Стратегия Развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. Утвержден постановлением Правительства Республики Таджикистан от 01.октября 2016 года, №392. -Душанбе, 2016.

8.Никитенко, С.М. Партнерство бизнеса, власти и науки: состояние и перспективы/ С.М. Никитенко, Е.В. Гоосен, С.В. Ковригина. – Кемерово: ООО «Сибирская издательская группа», 2012. - 353с.

9.Раджабов Р.К., Усмонзода И. Основные направления и и инструменты развития ГЧП всфере услуг Республики Таджикистан. Монография. Душанбе, «ЭР-граф»,2018.-160 с.

10.Рауфи А. Транспорт в системе рыночной экономики А. Рауфи.-Душанбе, Ирфон, 2002.-255 с.

11.Рахимов Р.К. К вопросу финансово-кредитных рычагах развития экономики Таджикистан/ Р.К. Рахимов/ Экономика Таджикистана: стратегия развития.-Душанбе, 2005, №4.- с.34-57

12.Таджикистан: 30 лет государственной независимости. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан.-Душанбе, 2021

13. Шевёлкина К.Л. Государственно-частное партнерства в области развития транспортной инфраструктуры// Автотранспортное предприятие.- 2012.-№7.-С.35-38.

14..Шералиев А.А. Рынок перевозочных услуг автотранспортных коридоров/ Под ред. д.э.н., профессора О.Бобоева.Душанбе, Ирфон.-2020.- 142 с.

15.Экспертиза инвестиций. В помощь предпринимателю. М.: ДжИПЛА ЛТД, 1992.-340 с.

## ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТИ МУОСИР ВА ДУРНАМОИ ИНКИШОФИ ИНФРАСОХТОРИ РӮИЗАМИНИИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ШАРИПОВ СУБҲИДДИН ҲАБИБУЛЛОЕВИЧ,**
докторант (PhD)-и Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 907-23-55-11.

*Дар мақола натиҷаи таҳлили вазъияти муосир ва дурнамои инкишофи инфрасохтои рӯизаминии системаи нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидаи муаллиф оварда шудаанд. Муқаррар карда шудаанд, ки дар системаи нақлиётии кишвар нақши муҳимро нақлиёти автомобилӣ мебозад, ҳиссаи ин намуди нақлиёт дар ҳаҷми боркашонӣ ва мусофирбарӣ 90-96 дар садро ташкил медиҳанд. Аз ин хотир, вобаста ба инкишофи босуръати нақлиёт сарборӣ дар роҳҳои автомобилгард зиёд мешаванд. Ин вазъият дар навбати худ ба*

*мувофиқат овардани ҳолати роҳҳои автомобилгардро ба рушди ҳамлу нақл тақозо менамоянд, ки дар мақолаи мазкур оварда шудаанд.*

***Калидвожаҳо*: *боркашонӣ*, *мусофирбарӣ, инфрасохтори рӯизаминӣ, роҳҳои автомобилгард,силсиламураттабии роҳҳои автомобилгард.***

# ANALYSIS OF THE CURRENT STATE AND PERSPECTIVES DEVELOPMENT OF GROUND INFRASTRUCTURE OF HIGHWAYS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**SHARIPOV SUBHIDDIN HABIBULLOEVICH,**
doctoral student (PhD) at the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nasir, Str.
Phone: (+992) 907-23-55-11.

*The article presents the results of the author's analysis of the current state and prospects for the development of the ground infrastructure of the road transport system of the Republic of Tajikistan. An important place in the transport system of the republic is occupied by the road transport system, it accounts for more than 90 percent of the volume of freight and more than 96 percent of passenger traffic in the Republic of Tajikistan. Due to the intensive growth of freight and passenger flows, the intensity of traffic on the ground infrastructure of road transport is sharply increasing. This, in turn, implies bringing the state of roads to the conditions of intensive growth in traffic on road transport, which are given in this article.*

***Keywords:*** *transportation of goods, transportation of passengers ground infrastructure, roads, hierarchy of roads.*

УДК: 330.1

# ОМӮЗИШИ ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ АСОСҲОИ ИҚТИСОДИИ РУШДИ САНОАТИ НАССОҶӢ ВА ДӮЗАНДАГӢ

**ҚУВАТЗОДА ҲАСАН АКРАМ**,
унвонҷӯи кафедраи идоракунии молияи давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Саид Носира, 33.
Тел.: (+992) 988-88-57-50. E-mail: bbk.89@mail.ru

*Дар мақола таҷрибаи хориҷии асосҳои иқтисодии рушди саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии кишварҳои Британия Кабир, Иттиҳоди Авруппо, ИМА, Федератсияи Россия, Чин, Ҳиндустон, Туркия, Қазоқистон, Узбекистон омӯхта шуда, хусусиятҳои татбиқшаванда барои Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия гардидааст.*

*Муаллиф бо истифода аз усулҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ, оморӣ ва умумиилмӣ маводҳои арзиши илмидоштаро баррасӣ карда, дар кори худ мутобиқи меъёрҳои илмӣ мақсаднок истифода кардааст.*

*Кӯшишҳои илмии муаллиф дар мақола барои дар қиёс гузоштани таҷрибаҳои давлатҳо ва пайдо намудан намунаҳои муваффақи корбарӣ ҷиҳати ноил шудан ба рушди саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ равона шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисодиёт, саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, рақобатпазирӣ, корхонаҳои шабакавӣ, инфрасохтори логистикӣ, ашиёи хом, иқтидори истеҳсолӣ, сармоягузорӣ, захираҳои барқароршавандаи энергия, инноватсия, кластерҳои нассоҷӣ, қарзҳои имтиёзнок, субсидияҳо.*

Саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ яке аз соҳаҳои пешқадами иқтисодиёти миллии кишварҳои ҷаҳон маҳсуб меёбад. Омӯзиши таҷрибаи амалии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дар шароити имрӯза зарурати воқеӣ дорад. Тавре олимони ватанӣ Комилов С.Ҷ, Файзуллоев М.Қ, Раҳмонов Ҷ.Р. ба маврид қайд мекунанд: «Инкишофи минбаъдаи механизмҳои танзими давлатии рушди фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи хориҷии кишварҳоро, ки ҷузъи асосии технологии рушди инноватсионии ҷаҳонӣ мебошанд, сахт тақозо мекунад».[1,с.51] Бо такя ба ин гуфтаҳо метавон дарҷ намуд, ки тавассути фаъолияти инноватсионӣ дар рушди саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии ҷаҳон саҳми давлатҳо аз ҷумла: Британия Кабир, Фаронса, Олмон, Италия, ИМА, Федератсияи Россия, Чин, Ҳиндустон, Туркия, Қазоқистон, Узбекистон ва ғайраҳо бо ҷузъиётҳои фарқкунандаашон назаррас мебошад.

Бинобар ин, омӯзиши асосҳои иқтисодӣ ва татбиқи фаъолияти инноватсионии рушди саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии кишварҳои номбаршуда барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он аҳамияти калон дошта, имкон медиҳад, ки хусусиятҳои татбиқшавандаи онҳо ҳамчун тавсия пешниҳод гардад.

Маҳз саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ яке аз соҳаҳои анъанавӣ ва таърихии иқтисодиёти Британия Кабир ва ҷаҳон мебошад. Саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар сохтори саноати сабуки Британияи Кабир нақши махсус мебозад. Маҳз ҳамин соҳаи иқтисодиёт дар як вақт дар тараққиёти на танҳо иқтисодиёти Британияи Кабир, балки тамоми мамлакат нақши бориз гузоштааст. Ба шарофати истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ дар Англия, истеҳсоли мошинсозӣ ба роҳ монда шуд, ки модели инноватсионии рушди ҷаҳон гардид.

Лозим ба ёдоварист, ки саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар Британияи Кабир муҳаррики инқилоби саноатӣ муаррифӣ гардидааст. То имрӯз дар Йоркшири Ғарбӣ тайёр кардани матоъҳои пашмини британиягӣ давом дорад. Дар шаҳри Силсден

абрешими сунъӣ тайёр карда мешавад. Нахи пахта то ҳол дар Ланкшир тайёр карда мешавад. Дар ин ҷо бисёр шаҳрҳои хурд ба истеҳсолоти нассоҷӣ машғуланд. Соҳаи саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ аз таърихитарин соҳаҳои саноати сабуки Британия мебошад. Махсусан матоъҳои пашмини машҳури Британияи Кабир ва дигар маҳсулоти пашмин дар мамлакат ва тамоми ҷаҳон машҳуранд. Сифати ин гуна маҳсулотҳо дар тӯли зиёда аз садсолаҳо дар сатҳи беҳтарин қарор дорад. Калонтарин корхонаҳои Британияи Кабир дар ин соҳа ба бозорҳои хориҷӣ нигаронида шудаанд. Умуман саноати сабуки ҳозиразамони Британияи Кабирро аз ҷиҳати муомилоти сармоя яке аз соҳаҳои хеле тараққикарда номидан мумкин аст. Тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2021 Британияи Кабир сеюмин бузургтарин бозори либос ва пойафзол дар саросари ҷаҳон, пас аз Чин ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, бо ҳаҷми бозор 70,7 миллиард доллар (тақрибан 67,54 миллиард евро ё 57,92 миллиард фунт) шуморида шудааст.[2] Барои саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии Британияи Кабир таҳкими рақобатпазирӣ яке аз вазифаҳои афзалиятнок боқӣ мемонад.

Соҳаи саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ як қисми муҳими саноати истеҳсолии кишварҳои Аврупо буда, дар иқтисодиёт ва некӯаҳволии иҷтимоӣ дар бисёр кишварҳои Аврупо нақши ҳалкунанда мебозад. Тибқи маълумоти соли 2019, дар ин соҳа дар Аврупо 160000 ширкат мавҷуд аст, ки дар он 1,5 миллион нафар кор мекунанд ва гардиши мол 162 миллиард евроро ташкил медиҳад. Бештари корхонаҳову ширкатҳои соҳаи мазкур ба тиҷорати хурд асос ёфтааст. Ширкатҳое, ки камтар аз 50 корманд доранд, беш аз 90% қувваи кориро ташкил медиҳанд ва тақрибан 60% арзиши иловашударо истеҳсол мекунанд.[3]

Дар Аврупо истеҳсоли маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ бештар дар кишварҳои Фаронса, Олмон ва Италия рушд кардааст.

Махсусан дар Фаронса ҳамчун кишвари узви Иттиҳоди Аврупо саноати нассоҷиро метавон дар 3 бахши асосӣ ба мисли зербахши ришта, зербахши истеҳсоли матоъ ва пардозиши матоъ баррасӣ кард. Фаронса дар якҷоягӣ бо Олмон ва Италия яке аз истеҳсолкунандагони пешрафтаи нассоҷӣ дар Аврупо мебошанд. Сеяки ҳаҷми умумии маҳсулоти нассоҷии кишвар дар бахши нассоҷии техникӣ истеҳсол мешавад. Саноати нассоҷии функсионалӣ ва техникии Фаронса дар бисёр соҳаҳо, асосан дар соҳаҳои саноати нассоҷии аэрокосмос, сохтмон, мошинсозӣ, тиббӣ, либосҳои муҳофизатӣ ва рӯйпӯшҳои санитарӣ фаъолият мекунад.

Олмони федеративӣ ҳамчун кишвари соҳиби сармояи бузург дар Аврупо маҳсуб меёбад. Вазъияти соҳаҳои саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ тамоюлҳои имрӯзаи ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонро равшан нишон медиҳад. Қисми асосии коркарди маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии Олмон амалан дар дигар кишварҳо, махсусан дар кишварҳое, ки хароҷоти меҳнатиашон камтаранд, ба анҷом мерасад ва ба ин кишвар аслан маҳсулоти нимтайёр ворид гардида, минбаъд ба маҳсулоти тайёр табдил дода мешавад. Минтақаҳои анъанавии саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии Олмон ин минтақаи саноатии Рур буда, марказаш дар Крефелд, Бергеш Ленд, Мюнстерланд, инчунин қисми ҷанубу шарқии кишвар - Аугсбург ва шимолу шарқи Бавария, инчунин Берлин мебошад.

Бояд қайд намуд, ки истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои корхонаҳои саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии Олмон ба маҳсулоти баландсифат ва гаронбаҳо диққат медиҳанд. Истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар Олмон айни замон як маҷмааи инноватсионии саноатӣ мебошад. Динамикаи кофии устувори рушд тавассути татбиқи барномаи давлатӣ оид ба эҷоди талабот ба саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии ҷаҳонӣ таъмин карда мешавад.

Дар сохтори саноати коркарди Италия саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ аз ҷиҳати аҳамият баъд аз мошинсозӣ (якҷоя бо саноати мошинсозӣ ва киштисозӣ) ҷои дуюмро ишғол мекунад. Матоъҳои пахтагин дар Галларате, Бусто-Арситсио, Леняно, Бергамо ва Брешии, пашмин дар Белла, Вичентса ва Прато, абрешимин дар Брешиа, Тревизо ва Комо истеҳсол карда мешаванд. Либос дар ҷануби Ломбардия ва Кампания истеҳсол карда мешавад.[4] Либосҳоро дар Флоренсия, Турин ва Рим низ омода мекунанд. Дар Италия истеҳсоли пойафзол дар шакли васеъ тараққӣ кардааст. Корхонаҳои истеҳсолии саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии Италия асосан матоъҳои пахтагин ва нахи синтетикӣ истеҳсол мекунанд. Ин намуди саноат асосан дар Милан ва атрофи он мутамарказ шудааст.

Дар доираи занҷираи минтақавии таъминоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, кишварҳои пешрафтаи Аврупои Ҷанубӣ ва Ғарбӣ, аз қабили Италия ва Олмон, ҳамчун таъминкунандагони асосии нассоҷӣ баромад мекунанд. Дар робита ба истеҳсоли либос дар Иттиҳоди Аврупо, молҳои бозори оммавӣ одатан дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ хусусан кишварҳои Аврупои Ҷанубӣ ва Шарқӣ, ба монанди Полша ва Руминия истеҳсол карда мешаванд. Ин дар ҳолест, ки молҳои боҳашамат асосан дар кишварҳои Аврупои Ҷанубӣ ва Ғарбӣ, ба монанди Италия ва Фаронса истеҳсол карда мешаванд. Илова бар ин, аксари либосҳои тайёр барои истеъмол ба кишварҳои пешрафтаи узви Иттиҳоди Аврупо, аз қабили Британияи Кабир, Олмон, Фаронса ва Италия фиристода мешаванд.[5, с.245]

Дар маҷмуъ, корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии Аврупо дар истеҳсоли матоъҳои техникӣ ва матоъҳои бофташуда (филтрҳои саноатӣ, маҳсулоти гигиенӣ, маҳсулот барои соҳаҳои автомобилсозӣ, тиб ва ғайра), инчунин барои либосҳои аз нигоҳи истеҳсолӣ дорои сифати баланд ва дизайни зебо аз корхонаҳои пешсафтарин ба ҳисоб мераванд.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ба технологияи нав таъмин ва бо суръати бесобиқа сармоягузорӣ мешаванд. Дар ин соҳаҳои саноат, ки дар гузашта ба ашёи хоми маҳаллӣ - пахта ва пашм асос меёфт, ҳоло аз ашёи хоми воридотӣ ва истеҳсоли наххои сунъӣ ва синтетикӣ васеъ истифода бурда мешавад. Корхонаҳои нассоҷии ИМА асосан дар шаҳрҳои миёна ва хурди минтақаи Пемонт (Гринсборо, Шарлотта, Гринвилл, Колумбус) ҷойгиранд. Саноати дӯзандагӣ аз ҷиҳати шумораи коргарон аз саноати нассоҷӣ зиёд аст. Дар корхонаҳое, ки асосан ба гурӯҳи корхонаҳои хурду миёна дохил мешаванд, қувваи кории арзон, асосан занон, ҷалб мешаванд. Истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагии ИМА дар мамлакатҳои тараққиёбандаи Осиё ва Америкаи Лотинӣ бештар ба роҳ монда мешаванд.[6] Фурӯши либосҳои воридотие, ки корхонаҳои тобеи ширкатҳои ИМА дар мамлакатҳои тараққиёбандаи Осиё ва Америкаи Лотинӣ истеҳсол мекунанд, солҳои охир хеле афзудаст. ИМА аз ҷиҳати истеҳсоли трикотаж ва матоъҳои химиявӣ ҷои якум ва дар бобати пахта бошад ҷои сеюмро ишғол мекунанд. Бо вуҷуди коҳиши шумораи коргарон дар Ню Йорк, он муҳимтарин маркази ҷаҳонии саноати дӯзандагӣ маҳсуб меёбад.

ИМА яке аз истеҳсолкунандаи ҷаҳонии рақобатпазири маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, аз ҷумла ашёи хоми нассоҷӣ, наххо, матоъҳо, либосҳо, мебелҳои хонагӣ ва дигар маҳсулоти тайёри саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ба ҳисоб меравад.

Тибқи маълумоти оморӣ нишондиҳандаҳои солҳои охири саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии ИМА чунин аст:

- Дар саноати нассоҷии ИМА таъминоти занҷираи истеҳсолӣ - аз нахи нассоҷӣ, либос ва дигар маҳсулоти дӯзандагӣ ба роҳ монда шуда, шумораи коргарон дар соли 2021 ба 534,000 расидааст;

- Интиқоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагии ИМА дар соли 2021-ум 65,2 миллиард долларро ташкил додаст;
- Саноати ИМА аз ҷиҳати содироти маҳсулоти нассоҷӣ дар ҷаҳон ҷои дуюмро ишғол мекунад. Содироти нах, маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар соли 2021 дар маҷмӯъ 28,4 миллиард долларро ташкил мекунад;
- Амрико дар пажӯҳиш ва коркарди нассоҷӣ дар ҷаҳон пешсаф мебошад. Аз ҷумла, комлекси саноати нассоҷии ИМА коркарди маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дузандагии насли ояндаро дар шакли матои дорои хосиятҳои зиддистатикӣ, матоъҳои электроние, ки метавонанд суръати кори дил ва дигар аломатҳои ҳаётан муҳимро назорат кунанд, наххои зиддимикробӣ, зиреҳҳои бадан ва матоъҳои наве, ки ба иқлим мувофиқат мекунанд ва метавонанд ҳарорати баданро гармтар ва ё хунуктар нигоҳ дорад, дар назар дорад.
- ИМА ба соҳаи саноати нассоҷӣ, барои ташкили корхонаҳо ва таҷҳизоти нав аз соли 2011 то 2020 ба миқдори 20,2 миллиард доллар сармоягузорӣ кардааст.[7]

Федератсияи Россия дорои иқтидори баланди захираҳои табиӣ, иқтисодӣ ва нерӯи инсонӣ дар байни кишварҳои ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Вазифаи асоси сиёсати саноатии Федератсияи Россия дар шароити имрӯза ин афзоиши динамикии соҳаҳои саноат мебошад, ки дар он саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ афзал дониста шудааст.

Рушди соҳаи саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар асоси Стратегияи рушди саноати сабук дар Федератсияи Россия барои давраи то соли 2025 ба роҳ монда шудааст. Нигаред ба ҷадвали 1.

***Ҷадвали 1. Рушди саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ тибқи Стратегияи рушди саноати сабук дар Федератсияи Россия барои давраи то соли 2025***

<table>
<tr><th colspan="2">Ҳадафҳои асосии стратегӣ:</th></tr>
<tr><td colspan="2">- зиёд намудани саҳми занҷираи арзиши аслии саноати сабук дар ММД бо роҳи иваз намудани воридот, рушди талаботи дохилӣ ва иқтидори содиротӣ дар сегментҳои рақобати бозор;<br>- таъмини соҳаҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳим бо маҳсулоти технологии нассоҷии ватании дорои арзиши иловашуда;<br>- нигоҳ доштан ва дастгирии шуғли аҳолӣ дар соҳа тавассути таъсиси ҷойҳои корӣ бо маҳсулнокии баланди меҳнат.</td></tr>
<tr><td>Ташаббусҳои асосии стратегӣ оид ба пайвастани манфиатҳои рушди саноати кимиё ва нассоҷӣ:<br>- Ташаккули талабот ба маводи замонавии нассоҷӣ тавассути фармоиши давлатӣ (аз ҷумла дар соҳаи роҳсозӣ, тиб, мудофиа, кишоварзӣ);<br>- Дастгирии лоиҳаҳои истеҳсоли матоъҳои синтетикӣ ва бофандагии техникӣ;<br>- Дастгирии лоиҳаҳо оид ба ҳамгироии ширкатҳои нассоҷӣ ба истеҳсоли наххои ПЭТ;<br>- Дастгирии дастрасии мусоид ба базаи ашёи хом дар доираи рушди саноати кимиё;</td><td>Стратегияи рушди истеҳсоли дӯзандагӣ - маҳаллӣ гардонидани маҳсулоте, ки вазни қиёсии меҳнати дастӣ аз маводҳои мавҷуда кам аст. Тадбирҳои асосии сиёсати давлатӣ:<br>- Фароҳам овардани шароити мусоид барои истеҳсоли шартномавии корхонаҳои калони хориҷӣ дар Федератсияи Россия барои бозори маҳаллӣ;<br>- Ҳавасмандгардонии талаботи бозори B2B/B2G ба либоси махсус;<br>- Ба сифати базаи ашёи хом ба маводҳои синтетикӣ табдил додани истеҳсоли либос, азнавсозӣ ва тараққӣ додани заминаи истеҳсолӣ. Пеш аз ҳама, дастгирӣ кардани корхонаҳое, ки</td></tr>
</table>

| | |
|---|---|
| - Истифодаи механизмҳои дар зербарномаҳо ҷойгиршуда. | бо ҳиссаи нисбатан ками меҳнати дастӣ маҳсулот мебароранд. |

***Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси Стратегияи рушди саноати сабук дар Федератсияи Россия барои давраи то соли 2025. Москва, 2015 – 3- (38) с.***

Дар Федератсияи Россия тақсимоти истеҳсолкунандагони нассоҷӣ ва дӯзандагӣ аз рӯи ҳавзаи федералӣ чунин аст:

- Ҳавзаи федералии марказии ( Москва, Иваново, вилояти Тула, Твер, Владимир);
- Ҳавзаи федералии шимолу ғарбӣ (Санкт-Петербург, Калининград);
- Ҳавзаи федералии ҷанубӣ (Ростов, Волгоград, Краснодар);
- Ҳавзаи федералии Кавкази Шимолӣ (Кабардину Балкар);
- Ҳавзаи федералии Волга (Ҷумҳурии Тотористон, Перм, Нижний Новгород, Чувашистон);
- Ҳавзаи федералии Урал (Свердловск, Челябинск, Тюмен);
- Сибир (Иркутск, Олтой);
- Шарқи Дур (Хабаровск).

Соҳаҳои нассоҷӣ, дӯзандагӣ ва чарму пойафзоли Федератсияи Россия дар саноати истеҳсолии ин мамлакат нақши муҳим доранд. Тибқи маълумоти соҳаи нассоҷӣ дар ин кишвар 458 корхонаи калону миёна, аз ҷумла 211 корхонаи дӯзандагӣ иборат аст. Тақрибан 300 ширкати бузурги истеҳсоли пойафзол мавҷуданд, ки дар сегментҳои нархҳои паст ва миёна доираи васеи пойафзолро барои мардон, занон ва кӯдакон истеҳсол мекунанд. Дар бобати саноати чарми Федератсияи Россия бошад, қариб 40 корхонаи чармбарорӣ мавҷуд аст, ки дар онҳо 6 ҳазор коргар кор мекунад. Заводҳои чарм барои саноати пойафзолдӯзӣ, молҳои чармӣ ва галантерея, либосдузӣ, мебел ва мошинсозӣ навъҳои гуногуни чарми асил ва синтетикӣ истеҳсол мекунанд.

Саноати нассоҷӣ дар Федератсияи Россия пас аз саноати хӯрокворӣ ва нӯшокиҳо сеюмин саҳмгузори ММД мебошад. Саноати нассоҷии Федератсияи Россия бештар ба сармоягузорони хориҷӣ такя мекунад, на ба сармоягузорони ватанӣ. Қариб 80% бозори нассоҷӣ аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ ва танҳо 20% аз ҷониби сармоягузорони рус назорат карда мешавад. Бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи дохилии худ, соҳибкорон аз Федератсияи Россия бозорҳои эҳтимолиро интихоб карданд, ки метавонанд талаботи рӯзафзуни дохилии миллатро қонеъ гардонанд.

Афзалиятҳои асосии рақобатпазирии Федератсияи Россия мавҷудияти саноати пешрафтаи нафту кимиё ва мавҷудияти соҳаҳои истеъмолии пешрафтаи маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ мебошанд, аммо ин афзалиятҳо то ҳол амалӣ карда нашудаанд. Дар шароити рӯзафзуни нақши маводҳои химиявӣ дар саноати сабук Россия барои тараққӣ додани ин соҳа имкониятхои калон дорад.

Ҷумҳурии Халқии Чин яке аз бузургтарин тавлидкунандагони маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар ҷаҳон буда, саҳми он дар ин бахши бозори ҷаҳонӣ сол то сол афзоиш меёбад.

Тавре, ки муҳаққиқон Скрипнюк Д.Ф., Смелкова И.Ю., Цзегээр Сайликэ қайд мекунанд: «Саноати нассоҷӣ дар Ҷумҳурии Халқии Чин (ҶХЧ) нисбат ба дигар кишварҳои ҷаҳон нисбатан дер ба вуҷуд омадааст, аммо дар ҷаҳони муосир он бо суръати баланд инкишоф меёбад. Аз соли 1994 Чин бузургтарин истеҳсолкунанда ва таъминкунандаи технологӣ ба кишварҳои дигари ҷаҳон ба шумор меравад ва саноати нассоҷии ин кишвар як бахши муҳими иқтисоди миллӣ ба шумор меравад».[8, с.88-89]

Дар соли 2021 Ҷумҳурии Халқии Чин бо арзиши тақрибан 146 миллиард доллари амрикоӣ дар ҷои аввал яъне калонтарин содиркунандаи нассоҷӣ дар ҷаҳон муаррифи шудааст. Бо тақрибан нисфи арзиши Чин, Иттиҳоди Аврупо бо арзиши содироти

тақрибан 64 миллиард доллари ИМА дар ҷои дуюм қарор дорад. Рақамҳои содироти Чин тақрибан 41,4 дарсади бозори умумии содироти нассоҷӣ дар саросари ҷаҳонро ташкил медиҳад.[9]

Дар соли 2022, ANTA Sports Products ва Texhong Textile Group дар рейтинги Fortune China 500 бо даромади солонаи мутаносибан 49 ва 26 миллиард юан ду бузургтарин истеҳсолкунандаи нассоҷӣ ва дӯзандагии чинӣ шуморида шудаанд. Бо рушди босуръати худ дар ду даҳсолаи охир, саноати нассоҷии Чин ба яке аз рукнҳои асосии иқтисоди кишвар табдил ёфтаст. Дӯзандагӣ, лавозимоти дӯзандагӣ, риштаҳои нассоҷӣ ва маҳсулоти нассоҷӣ аз ҷумлаи молҳои содиротии Чин мебошанд. Арзиши паст ва қувваи кории васеъ, кам шудани монеаҳои тиҷоратӣ ва мавҷудияти таъминоти моддӣ чанде аз бартариҳои рақобатпазире мебошанд, ки кишвар барои саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ пешниҳод мекунад.

Таҳлилгарон бар он назаранд, ки афзоиши пайваста ва устувори содироти маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ барои таъмини захираҳои асъорӣ, тавозуни дохилии пардохт, қурби муътадили юан, шуғли аҳолӣ ва рушди устувори на танҳо саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии Чин, балки ба дигар соҳаҳо таъсири калон расонидааст.

Саноати нассоҷӣ ва дӯзандии Ҳиндустон яке аз қадимтарин соҳаҳои иқтисодиёти кишвар баҳисоб меравад. Корхонаҳои саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ аз хурдтарин истеҳсоли маҳсулотҳои дастӣ то ба бузургтарин корхонаҳои истеҳсолӣ рафта мерасад. Иқтидори асосии саноати нассоҷӣ ва дӯзандагиро дар Ҳиндустон заминаи пурқуввати истеҳсолии доираи васеи нах/риштаҳо аз наххои табиӣ ба монанди пахта, чут, абрешим ва пашм то наххои синтетикӣ/сунъӣ ба монанди полиэстер, вискоза, нейлон ва акрил ташкил медиҳад.

Бо мақсади ҷалби сармояи хусусӣ ва ҷалби бештари одамон, Ҳукумати Ҳиндустон нақшаҳои гуногунро аз қабили Нақшаи ҳамгироии паркҳои нассоҷӣ (SITP), Нақшаи фонди модернизатсияи технология (TUFS) ва Нақшаи мега-интегратсияшудаи паркҳои нассоҷӣ ва дӯзандагӣ (MITRA) ҷорӣ кардааст.

Ҳиндистон ҳиссаи 4%-ро дар тиҷорати ҷаҳонии нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дорад. Дар соли 2022 содироти нассоҷӣ ва дӯзандагии Ҳиндустон (аз ҷумла маҳсулоти косибӣ) 44,4 миллиард доллари амрикоиро ташкил додаст, ки 41% афзоиш ёфтааст. Саноати нассоҷии Ҳиндустон тақрибан 45 миллион нафар коргар, аз ҷумла 352 ҳазор нафар коргарони дастиро дар саросари кишвар дорад.[10] Қисми зиёди Саноати нассоҷӣ ва дӯзандагиро дар Ҳиндустон маҳсулоти пахта ва чут ташкил медиҳад. Мамлакат аз ҷиҳати истеҳсоли чут дар бозори ҷаҳонӣ ҷои 1-умро ишғол мекунад. Қисми зиёди қолинҳо, масолеҳи бастаю техникӣ, матоъҳои мебел дар Калкутта истеҳсол карда мешавад. Истеҳсоли матоъ дар бисёр шаҳрҳо васеъ паҳн шудааст. Матоъҳои пахтагин дар фабрикаҳои Тсайпур, Аҳмадобод ва Бомбей тайёр карда мешаванд. Ҳиссаи 25 фоизи саноати дӯзандагӣ ва нассоҷӣ ба зиёда аз 100 кишвари ҷаҳон содир карда мешавад. Аз се ду ҳиссаи интиқол ба Иттиҳоди Аврупо ва ИМА рост меояд. Ҳиндустон дар истеҳсол ва истеъмоли абрешим пас аз Чин дар ҷои 2-юм меистад.[11]

Мавриди зикр аст, ки Ҳиндустон нақши истифодаи самараноки захираҳо ва ашёи хоми дохилиро дар ҳалли масъалаҳои рушди саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ бо роҳи саноатикунонӣ баланд бардошт.

Бо таърихи тӯлонии истеҳсоли нассоҷӣ, ки аз Империяи Усмонӣ бармеояд, Туркия як кишвари муҳим дар саноати ҷаҳонии нассоҷӣ ва дӯзандагӣ боқӣ мемонад. Дар соли 2020, кишвар чаҳорумин бузургтарин содиркунандаи нассоҷӣ дар ҷаҳон қарор гирифт, ки тақрибан 3,3 фоизи тамоми содиротро ташкил медиҳад. Қисми зиёди молҳои нассоҷӣ ва дӯзандагӣ аз Туркия ба минтақаҳои дохили Аврупо, Олмон, Британияи Кабир,

Испания содирот мешавад. Дар соли 2020 ин се кишвар дар маҷмӯъ ба миқдори беш аз 8,5 миллиард доллар маҳсулот содирот кардаанд.[12]

Ҷумҳурии Туркия дар истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, дӯзандагӣ ва инчунин таъмини ашёи хом бартариятҳои хоси худро дорад. Нигаред ба Расми 1.

***Расми 1.***

**Бартариятҳои Ҷумҳурии Туркия дар истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, дӯзандагӣ ва таъмини ашёи хом:**

- Кишвари Туркия дорои манбаи ашёи хоми истеҳсолӣ мебошад. Аз рӯи истеҳсоли пахта дар ҷаҳон дар ҷои 7-ум меистад.
- Ширкатҳои нассоҷии органикии Туркия низ яке аз муҳимтарин таъминкунандагони пахтаи органикӣ дар бозори ҷаҳонӣ мебошанд.
- Аз ҷиҳати логистика, кишвар мавқеи хеле стратегӣ дорад, зеро он дарвоза ба бозорҳои кишварҳои Аврупо мебошад.
- Ба шарофати сиёсати чандирӣ, қувваи кории баландихтисос, саноати ба дараҷаи баланд тараққикарда, қобилияти истеҳсоли молҳои хушсифат дорад.
- Бо Иттиҳодияи гумрукӣ созишнома ва бо кишварҳои дигар созишномаҳои тиҷоратии озод дорад.
- Туркия ба шароити қувваи кории худ аҳамият ва авлавият медиҳад.
- Ширкатҳои туркӣ дорои захираҳои инсонии бомаҳорат ва маълумотнок мебошанд.
- Иқтидори лоиҳавии истеҳсолкунандагони Туркия инкишофёбандаанд.
- Туркия сармоягузориро ба истифодаи технологияҳои пешрафта барои рушди саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии худ идома медиҳад.

***Расми 1. Таҳияи муаллиф. Бартариятҳои Ҷумҳурии Туркия дар истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, дӯзандагӣ ва таъмини ашёи хом.***

Барои кишвари Туркия истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ як тиҷорати фоидаовар аст. Дар байни ширкатҳои муваффақтарин Гулсан Сентетик Докума Санайи, Кипас Менсукат Ислетмелери ва Санко Текстил Ислетмелери истеҳсолкунандаи нассоҷӣ ҳастанд. Ин ширкатҳо дар соли 2021 мутаносибан дар ҳаҷми 4,9 миллиард, 4,6 миллиард ва 4,3 миллиард лираи туркӣ маҳсулоти худро истеҳсол карда ба фурӯш баровардаанд. Дар ҳамин ҳол, истеҳсолкунандагони пешбари маҳсулоти дӯзандагӣ дар кишвар Almaxtex Tekstil ва Şık Makas Giyim Sanayi мебошанд, ки тақрибан ба миқдори 2,4 миллиард ва 1,8 лираи туркӣ маҳсулот тавлид мекунанд.

Ҷумҳурии Туркия яке аз марказҳои истеҳсолие мебошад, ки бо бартариятҳояш худро ҳамчун як маркази алтернативии истеҳсолӣ ба бозори Чин муаррифӣ мекунад. Имрӯз саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии Туркия соҳае ба ҳисоб меравад, ки дар бозорҳои байналмилалӣ аз рӯи сифат ва доираи васеи маҳсулот бо ҳама кишварҳо рақобат карда метавонад.

Қазоқистон аз лиҳози ҷуғрофӣ яке аз бузургтарин ҷумҳурии собиқи Шӯравӣ буда, дорои захираҳои бузурги табиӣ ва ашёи хоми саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ мебошад. Имрӯз Қазоқистон ба давраи рушди устувори иқтисодӣ ворид шудааст. Иқтисодиёт дар остонаи лоиҳаҳои бузург ва марҳилаи сифатан нави рушди иҷтимоию иқтисодӣ қарор дорад, ки ҳадафи дурнамои он ҳамгироии Қазоқистон ба минтақаи бозори озод мебошад. Дар ин кишвари пасошӯравӣ саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳими дорои афзалиятҳои рақобатӣ ба назар мерасад.

Дар Қазоқистон, дар асоси таҳлили бартариятҳои рақобатпазирии кишвар саноати нассоҷӣ яке аз ҳафт кластерҳои ояндадортарин муайян шудааст. Аз рӯйи ҳар кадоми онҳо накшаи чорабиниҳои дахлдор тартиб дода шудаанд, ки аллакай ба амал бароварда мешаванд. Аввалин кластери таҷрибавӣ кластери пахтаю нассоҷӣ дар минтақаи ҷанубии Қазоқистон ташкил карда шудааст. Барои амалӣ намудани накшаи ташкил ва рушди кластери пахта-нассоҷӣ дар минтақаи ҷанубии Қазоқистон аллакай дар сатҳи давлатӣ тадбирҳо андешида шудаанд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи рушди саноати пахта» қабул карда шуда, озмоишгоҳҳои замонавии баҳодиҳии сифати нахи пахта таъсис дода шуд. Пажӯҳишгоҳи илмии пахтакорӣ кушода шуда, оид ба ташкили марказҳои нақлиётию логистикӣ корҳо идома доранд.[13,p.57] Дар Ҷумҳурии Қазоқистон корхонаҳое мавҷуданд, ки технологияи онҳо ба стандартҳои баланди аврупоӣ мувофиқ буда, қобилияти истеҳсоли маҳсулоти тайёрро доранд. ҶСК «Жутекс» ва ҶСК «Меланж», ҶДММ «Окси Текстиль» ва ҶСК «Ютекс КЗ» аз ҳисоби қарздиҳии ҶСК «Бонки рушди Қазоқистон» корхонаҳои худро бо таҷҳизоти муосири технологии ширкати «Ритер»-и Швейтсария навсозӣ карданд. Дар корхонаҳои мазкур таҷҳизоти муосири аврупоӣ насб карда шудаанд, ки имкон медиҳад маҳсулоти баландсифат мувофиқи стандартҳои ISO 9001 2000 истеҳсол карда шавад.

Бино ба маълумоти Бюрои омори миллии Агентии банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Ҷумҳурии Қазоқистон, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати нассоҷӣ то охири соли 2020-ум 128 миллиард тенгеро ташкил додаст, ки 0,5% ҳаҷми умумии истеҳсоли саноат ва 0,2% ММД-ро дарбар мегирад. Дар соҳаи саноат бештар аз 1000 корхона, ки 43-тои онҳо корхонаҳои калон ва миёна ба ҳисоб меравенд, фаъолият доштанд, ки дар онҳо 11,2 ҳазор нафар (0,1% аз ҳамаи шуғли аҳолӣ) бо кор таъмин карда шуданд.[14,p.35-36]

Саноати нассоҷӣ зерсоҳаи пешқадам буда, 48,6 фоизи маҳсулоти саноати сабуки Қазоқистонро ташкил медиҳад. Саноати нассоҷӣ гетерогенӣ буда, аз рӯи шиддатнокии меҳнат ва дараҷаи анҷомёбӣ маҳсулоти гуногун – аз қабили коркарди нахҳо (сабзавот, ҳайвонот, минералӣ ва кимиёвӣ), истеҳсоли ришта, матоъ ва маҳсулоти тайёри нассоҷӣ (қолинҳо, катони хоб, дастмолҳо ва ғайра) эҷод ва тавлид мекунад.[15,с.15-16]

Давлат корхонаҳои саноати нассоҷӣ ва дӯзандагиро дар доираи тадбирҳои системавие, ки ба саноати коркард нигаронида шудаанд, аз қабили мусоидат ба содироти маҳсулот, ҳавасмандгардонии ҳосилнокии меҳнат, пешбурди мол дар бозори дохилӣ, татбиқи Барномаи ягонаи дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ, инчунин дар доираи рушди "Иқтисоди ашёи оддӣ" қарздиҳии имтиёзнок (на бештар аз 6%) дастгирӣ мекунад.[16,p.36]

Дар доираи комплекси саноати Ҷумҳрии Узбекистон рушди соҳаҳои нассоҷӣ ва дӯзандагӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравенд. Корхонахои ин соҳа калобаи пахтагин, матоъҳои нотайёри пахтагин, матоъҳои трикотажӣ ва маҳсулоти дӯзандагӣ истеҳсол ва ба хориҷа содир мекунанд.

Ба андешаи олимони узбекистонӣ Гулямов С.С. ва Шермухамедов А.Т., «Имрӯз талабот ба пахтаи ӯзбекӣ он қадар зиёд аст, ки сиёсати Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки ба

ҳимояи манфиатҳои иқтисодии он (содироти маҳсулоти дорои арзиши иловашуда) нигаронида шудааст, бисёре аз харидорон/миёнаравонро дар бозори байналмилалии пахта маҷбур месозад, ки дар бизнес-нақшаҳои худ ислоҳоти ҷиддӣ ворид кунанд. Илова бар ин, саноати нассоҷӣ яке аз соҳаҳои ҷолибтарин барои сармоягузорони хориҷӣ маҳсуб мешавад, ки ба заминаи устувори ашёи хом, захираҳои нисбатан арзони меҳнатии тахассусӣ ва пеш аз ҳама, дастгирӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузорони хориҷӣ вобаста аст».[17, с.389-390]

Дар тӯли солҳои истиқлол дар Ҷумҳурии Узбекистон сохтори иқтисодиёт бо таваҷҷӯҳ ба рушди саноат ба куллӣ тағйир ефт. Ин ҳолат пас аз ислоҳоти маъмурӣ, ки дар тамоми соҳаҳои саноати ҷумҳурӣ гузаронида шуданд, даст ёфт. Воситаи аз ҳама самарабахши ноил шудан ба ҳадафҳои дар назди соҳа гузошташуда, амиқтар кардани дараҷаи коркарди нахи пахта аз истеҳсоли ришта то истеҳсоли маҳсулоти тайер мебошад, зеро ин имкон медиҳад, ки арзиши он аз 1,5 то 10 маротиба зиед карда шавад. Дар ин ҳолат, дар баробари коркарди нахи пахта, чунин соҳаҳо ба монанди пилла, абрешим, қолинсозӣ, истеҳсоли трикотаж ва дӯзандагӣ, маҳсулотҳои ҷӯроб рушд мекунанд.[ 18,с.166-169]

Дар ҳаҷми умумии истеҳсолоти саноатӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда дар бахшҳои зерин афзоиш ефтааст: саноати хӯроквориӣ, нассоҷӣ, саноати кимиё, дорӯсозӣ ва дигар соҳаҳо. Танҳо дар соли 2021 нисбат ба соли 2020 афзоиши ҳаҷми истеҳсолот дар саноати истеҳсолӣ - 6,4%, аз ҷумла истеҳсоли нассоҷӣ, либос, маҳсулоти чармӣ 9,0%-ро ташкил додаст. Ҳамзамон, аҳамияти маҳсулоти нассоҷӣ дар сохтори содироти кишвар меафзояд. Дар соли 2021 дар сохтори содироти Узбекистон як гурӯҳи молҳои дигар бо ҳиссаи 35,7% ҷои муайянро ишғол карданд ва ҳаҷми маҳсулоти нассоҷии ба ин гурӯҳ дохилшуда 1133,2 миллион доллари ИМА-ро ташкил додааст. Имрӯз дар Узбекистон шабакаи нассоҷӣ бо иқтидори баланди истеҳсолӣ ташкил карда шудааст, ки дар он тақрибан 7000 корхона фаъолият мекунанд. Иқтидори истеҳсолии нахи пахта 1,4 миллион тонна аст, ки тақрибан 60 фоизи онҳо барои қонеъ кардани ниёзҳои корхонаҳои нассоҷӣ ва дӯзандагии маҳаллӣ истифода мешаванд.[19]

Ҳамин тариқ, дар доираи таҳқиқоти илмӣ, омӯзиши таҷрибаи хориҷии асосҳои иқтисодии рушди саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ аз мавқеи баррасии усулҳое, ки тавассути онҳо раванди таҳқиқшаванда анҷом дода мешавад, муҳим ба назар мерасад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалисозии хусусиятҳои таҷрибаи асосҳои иқтисодии рушди саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии кишварҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- Афзоиши маблағгузорӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, татбиқи технологияи инноватсионии сермаҳсул дар корхонаҳо, баланд бардоштани музди меҳнати кормандон ва таҳкими рақобатпазирӣ тавассути баланд бардоштани сифати маҳсулот дар Британия Кабир;
- Масъалаи аҳамияти ҷиддӣ додан ба сифати баланди маҳсулот, махсусан дар маҳсулоти нассоҷии техникӣ ва муди баланд, ҳамгироии босуръати маводи нав ва инноватсионӣ, дизайн, эҷодкорӣ, номҳои қавӣ, махсусан дар соҳаҳои баландсифати технологӣ, воситаҳои иқтисодии рушди бозори дохилӣ, субсидияҳо, қарзҳои имтиёзнок ва муосидат ба сармоягузорӣ ва талаботи истеъмолӣ, барномаҳои буҷетии баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ, ҳифзи муҳити зист ва ғайраҳо дар Кишварҳои Аврупо;
- Ба маҳсулоти баландтехнологии насли нав - нассоҷии тиббӣ, экологӣ ва муҳофизатӣ, геосинтетика, маҳсулоти нассоҷӣ барои эҳтиёҷоти комплекси ҳарбӣ, ҳалли воситаҳои нигоҳдорӣ ва афзоиш додани истеҳсолот ҳам барои бозори дохилӣ ва ҳам дар бозорҳои байналмилалии содирот, таваҷҷуҳ ба истеҳсол ё дастрасӣ ба молҳои

рақобатпазир бо сатҳи мувофиқи сифат, ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ, таҳия ва татбиқи созишномаҳои гуногуни тиҷоратӣ, ки барои манфиатҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар комплекси нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ИМА роҳандози гардидааст;

➢ Ба таъмини соҳаҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳим бо маҳсулоти технологии нассоҷии ватании дорои арзиши иловашуда, фароҳам овардани шароити мусоид барои истеҳсоли шартномавии корхонаҳои калони хориҷӣ дар самти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, нигоҳ доштан ва дастгирии шуғли аҳолӣ дар соҳа тавассути таъсиси ҷойҳои корӣ бо маҳсулнокии баланди меҳнат, дастгирии лоиҳаҳо оид ба ҳамгироии ширкатҳои нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, зиёд намудани саҳми занҷираи арзиши аслии саноати сабук дар ММД бо роҳи иваз намудани воридот, рушди талаботи дохилӣ ва иқтидори содиротӣ дар сегментҳои рақобати бозор, ташаккули талабот ба маводи замонавии нассоҷӣ тавассути фармоиши давлатӣ (аз ҷумла дар соҳаи роҳсозӣ, тиб, мудофиа, кишоварзӣ) дар Федератсияи Россия;

➢ Таҷрибаи стратегияи саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар Чин, ки гузариш аз роҳи экстенсивӣ ба роҳи интенсивии рушд дар асоси ҷорӣ намудани фаъоли технологияҳои олӣ ва афзоиши ҳиссаи нассоҷии инноватсионӣ, мутобиқи барномаи рушди миллӣ дар корхонаҳои соҳа иваз кардани таҷҳизоти дӯзандагӣ ва нассоҷӣ, ҷорӣ намудани таҷҳизоти автоматикунонидашудаи пешрафтаи ҷаҳон, инчунин ба роҳ мондани истеҳсоли сермаҳсул ва кампартов, саъю кӯшиш ба пешравиҳои асосии инноватсионӣ дар саноати нассоҷӣ ва технологияи баланд, ҳаракати ояндаи рушди саноат истеҳсоли маҳсулот барои соҳаҳои нави татбиқ - мошинсозӣ, тандурустӣ, сохтмон ва меъморӣ, нақлиёт ва ҳифзи шахсӣ, ба сармоягузории бештар рӯ овардан, ҷалби таваҷҷӯҳи бозори дохилию хориҷӣ ва ғайраҳо муаррифӣ мегардад;

➢ Дурнамои рушди саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии Ҳиндустон азнавтаҷҳизонидани технологӣ, иваз кардани таҷҳизоти кӯҳна, баланд бардоштани рақобатпазирии соҳа тавассути сармоягузорӣ ба инноватсия ва дастгирии ҷаҳонии соҳа, рушди кластерҳои нассоҷӣ ва муассисаҳои соҳавии таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ мебошад;

➢ Дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Туркия бо мақсади таъмини рушди устувори истеҳсоли маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, инчунин дар савдои байналмилалӣ мавқеъи судманд гузоштани содиркунандагон ватанӣ, дар сиёсати давлатӣ амалӣ кардани пешбурди захираҳои барқароршавандаи энергия ва зиёд кардани ҳиссаи нахҳои пахтаи алтернативӣ ва ашёи хоми дубора коркардшавандаи биологӣ, ба роҳ мондани коркардҳои нави маҳсулоти устувор дар саноати дӯзандагӣ ва нассоҷӣ, афзоиши шаффофият дар занҷираи арзиши маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагии ватанӣ, ки ба кишварҳои хориҷӣ содир мешавад, баргузории чорабиниҳои намоишҳои тиҷоратӣ, гуфтушунидҳо бо гурӯҳҳои саноатӣ дар баъзе дигар кишварҳои ҷаҳон, додани қарзҳои имтиёзноки мақсаднок ба содиркунандагон, ҷори намудани суғуртаи давлатии амалиёти содиротӣ, ҷуброни хароҷот барои корҳои тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, қисман ё пурра баргардонидани андозҳое, ки ба арзиши моли содиротӣ дохил карда шудаанд, афзоиши боҷи гумрукӣ ба маҳсулоти воридотӣ, баланд бардоштани сифат ва рақобатнокии маҳсулот, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ, ба роҳ мондани самти саноат ба талаботи тағйирёбандаи бозор, такмили ихтисоси кадрҳои истеҳсолот ва тайёр кардани мутахассисони насли нав, ҳамкории фаъоли бахши хусусӣ бо сохторҳои давлатӣ, инчунин татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи нассоҷӣ ва дӯзандагӣ.

➢ Дурнамои рушди саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии Ҷумҳурии Қазоқистон, ки ба рушди соҳаҳои коркарди ашёи хом (пахта, пашм, чарм), интиқоли технологияҳо

тавассути ташкили истеҳсолот бо истифода аз таҷрибаи пешқадамони технологӣ, инкишофи мавкеи бозор аз ҳисоби ворид шудан ба иттиҳодияҳо, рақобатпазиргардонии маҳсулотҳо дар бозорҳои калон; афзоиши талабот дар бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ ба маҳсулотҳои дохилӣ, ташкил ва модернизатсиякунонии инфрасохтори нақлиётӣ ва энергетикӣ, баланд бардоштани иқтидори мавҷудаи истеҳсолӣ бо дарназардошти истифодаи мақсадноки ашиёи хоми дохилӣ ва қувваи кори нисбатан арзон нигаронида шудааст;

➢ Самтҳои ислоҳоти минбаъдаи саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии Ҷумҳурии Узбекистон, ки бо чунин тарз муайян карда шудааст: ҳиссаи саноати нассоҷиро дар иқтисодиёт зиёд карда, ҳаҷм ва сифати маҳсулоти нассоҷии дар кишвар истеҳсолшавандаро, пеш аз ҳама, бо роҳи аз нав равона кардани маҳсулоти баландтехнологии рақобатпазир бо арзиши иловашуда зиёд намудан, таҷдиди куллии системаи идоракунии саноати нассоҷӣ бо истифода аз технологияҳои пешрафтаи идоракунӣ, шаклҳои самараноки дастгирӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи корхонаҳои соҳа, аз ҷумла ҳалли мушкилоте, ки ба рушди онҳо халал мерасонанд, такмили минбаъдаи системаи стандартизатсия ва сертификатсияи саноати нассоҷӣ дар асоси стандартҳо ва талаботҳои байналмилалӣ, инчунин навсозӣ ва аккредитатсияи озмоишгоҳҳои санҷиши маҳсулот, таҳлили муназзам ва ҳамаҷонибаи соҳа бо мақсади ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафтаи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ бо мақсади таъмин намудани иттилооти дуруст ва саривақтӣ дар бораи ҳолат ва тамоюлҳои рушди бозорҳои ватанию хориҷии маҳсулоти нассоҷӣ, муайян намудани афзалиятҳои рушди соҳа, ҷорӣ намудани модели рушди кластерӣ, ки ҳамгироии истеҳсолотро аз истеҳсоли пахтаи хом то коркарди пешакии он, коркарди минбаъда дар корхонаҳои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти нассоҷии тайёр бо арзиши баланди иловашуда дар бар мегирад, тавозуни байни тақсимоти захираҳои хом ва таъсиси инфрасохтори логистикӣ ва муҳандисии корхонаҳои шабакавии навтаъсис, аз ҷумла сохтмони хадамоти бисёрфунксионалии нақлиётию логистикӣ, оптимизатсияи хатсайрҳои интиқол ва оптимизатсияи ҷараёни боркашонӣ, тавсеаи истеҳсол ва содироти маҳсулоти баландсифати нассоҷии тайёр, қабули васеи технологияҳои пешрафта, ноу-хау, рушди тарроҳӣ, маҳаллисозии истеҳсоли лавозимот ва лавозимот барои пешбурди брендҳои миллӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ, низоми тайёрӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи нассоҷӣ аз ҳисоби васеъ намудани соҳаҳои ихтисосҳои талабот, аз нав дида баромадани нақшаҳои таълимии муассисаҳои таълимӣ бо дарназардошти тамоюлҳои кунунии соҳа, инчунин густариши ҳамкориҳои фаъолияти байналмилалии илмию тадқиқотӣ ба таври назаррас такмил дода мешавад.

**Адабиёт**


1. Комилов С. Дж, Файзуллоев М.К., Раҳмонов Дж.Р. Управление развитием инноватсионных процессов на промышленных предприятиях./ С.Дж.Комилов, М.К.Файзуллоев, Дж.Р.Рахмонов. Монография. –Душанбе: «Типография ТНУ», 2020. -248с.
2. Largest Apparel and Footwear Markets Worldwide (2021) [electronic resource]. URL: https://fashionunited.com/global-fashion-industry-statistics? (date of the application: 04.05.2022 y.)
3. Economic importance of the industry [electronic resource]. URL: https://single-market-economy.ec.europa.eu/sectors/fashion/textiles-and-clothing-industries/textiles-and-clothing-eu_en (date of the application: 06.05.2022 y.)

4. Текстильная и швейная промышленность[электронный ресурс]. URL: http://ilecta1.ru/italiya/proizvodstva-italii/tekstil-naya-i-shveinaya -promyshlennost.html (дата обращения: 07.05.2022 г.)

5. Долженко, И.Б. Глобальные структурные изменения, влияющие на функционирование мирового рынка модной одежды / И.Б. Долженко // Russian Economic Bulletin. –2021. –Т. 4, №3. –243-248 с.;

6. Экономика США: история, структура, промышленность, энергетика, транспорт [электронный ресурс]. URL: http://www. gecont.ru/articles/econ/usa.htm (дата обращения: 06.05.2022 г.);

7. U.S. Textile Industry[electronic resource]. URL: http://www.ncto.org /facts-figures/us-textile-industry/ (date of the application: 06.05.2022 y.);

8. Скрипнюк, Д. Ф. Влияние внутренних и внешних факторов на Становление и развитие китайской текстильной промышленности в условиях глобализации экономики / Д. Ф. Скрипнюк, И. Ю. Смелкова, С. Цзегээр // Фундаментальные исследования.-2022.-№ 12. -88-94с.;

9. Value of the leading global textile exporters in 2021, by country [electronic resource]. URL: https://www.statista.com/statistics/236397/ value-of-the-leading-global-textile-exporters-by-country/ (date of the application: 07.05.2022 y.);

10. Textile Industry & Market Growth in India [electronic resource]. URL:https://www.ibef.org/industry/textiles (date of the application: 07.05.2022 y.);

11. Факторы способствующие развитию текстильной промышленности в индии. Экономика Индии. Основные отрасли экономики Индии [электронный ресурс]. URL: https://belprim.ru/financial-statements/faktory-sposobstvuyushchie-razvitiyu-tekstilnoi-promyshlennosti-v-indii/ (дата обращения: 07.05.2022 г.);

12. Textiles and clothing industry in Turkey - statistics & facts [electronic resource]. URL: https://www.statista.com/topics/4844/textiles-and-clothing-industry-in-turkey/#topicOverview (date of the application: 07.05.2022 y.);

13. Kulbay, B. S. Priorities for the development of light and textile industries in the South Kazakhstan region / B. S. Kulbay, T. Zh. Saparaliev, G. Pazylov // Industrial Technologies and Engineering (ICITE-2017) : IV International Conference, Shymkent, Kazakhstan, 26–27 октября 2017 года. Vol. II. – Shymkent, Kazakhstan: Республиканское государственное предприятие на праве хозяйственного ведения "Южно-Казахстанский государственный университет имени М. Ауэзова", 2017. -57-61 p.

14. The Textile Industry in the New Realities: Consequences of the Pandemic, World Experience and Further Development in Kazakhstan / T. A. Aidarov, A. D. Umbitaliev, S. Kuashbay [et al.] // Proceedings of Higher Education Institutions. Textile Industry Technology. – 2022. – No. 1(397). -33-38p;

15. Назикова, Ж. А. Анализ современного состояния и тенденций развития текстильной промышленности Республики Казахстан / Ж. А. Назикова, З. Т. Абдукаримова, Е. Е. Джоланов // Известия высших учебных заведений. Технология текстильной промышленности.-2020.-№ 2(386).-12-17 с.;

16. The Textile Industry in the New Realities: Consequences of the Pandemic, World Experience and Further Development in Kazakhstan / T. A. Aidarov, A. D. Umbitaliev, S. Kuashbay [et al.] // Proceedings of Higher Education Institutions. Textile Industry Technology. – 2022. – No. 1(397). -33-38 p.;

17. Гулямов, С. С. Развитие предприятий текстильной отрасли в республике Узбекистан / С. С. Гулямов, А. Т. Шермухамедов, С. С. Гулямов // Будущее науки - 2018 : Сборник научных статей 6-й Международной молодежной научной конференции. В 4-

х томах, Курск, 25–26 апреля 2018 года / Ответственный редактор А.А. Горохов. Том 4. – Курск: Закрытое акционерное общество “Университетская книга”, 2018. -389-395с.;

18. Абдуллаев, А. М. Отрасли промышленности Узбекистана в контексте институциональных преобразований экономик / А. М. Абдуллаев // Экономическое возрождение России. – 2010. – № 4(26). - 166-169 с.

19. Musayeva Shoira Azimovna,Ikromova Takhmina. The role of the textile industry in increasing the export potential of the economy of Uzbekistan [electronic resource]. URL:https://doi.org/10.5281/zenodo. 7149316 (date of the application: 07.05.2022 y.).

## ИЗУЧЕНИЕ ЗАРУБЕЖНОГО ОПЫТА ЭКОНОМИЧЕСКИХ ОСНОВ РАЗВИТИЯ ТЕКСТИЛЬНОЙ И ШВЕЙНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ

**КУВАТЗОДА ХАСАН АКРАМ,**
соискатель кафедры управление государственными финансами
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носира 33.
Тел.: (+992) 988-88-57-50. E-mail: bbk.89@mail.ru

*В статье изучен зарубежный опыт экономических основ развития текстильной и швейной промышленности стран Великобритании, Евросоюза, США, Российской Федерации, Китая, Индии, Турции, Казахстана и Узбекистана, рекомендуются применимые характеристики для Республики Таджикистан.*

*Используя аналитические, сравнительные, статистические и обобщенные методы, автор рассмотрел материалы, имеющие научную ценность, и целенаправленно использовал их в своей работе в соответствии с научными критериями.*

*Научные усилия автора в статье направлены на сопоставление экспериментов государств и на поиск успешных примеров работы для достижения развития текстильной и швейной промышленности.*

***Ключевые слова:*** *экономика, текстильная и швейная промышленность, конкурентоспособность, сетевые предприятия, логистическая инфраструктура, сырье, производственные мощности, инвестиции, возобновляемые источники энергии, инновации, текстильные кластеры, льготные кредиты, субсидии.*

## STUDY OF FOREIGN EXPERIENCE OF THE ECONOMIC FOUNDATIONS OF THE DEVELOPMENT OF THE TEXTILE AND CLOTHING INDUSTRY

**QUVATZODA HASAN AKRAM,**
Applicant of the Department of Public Financial Management
Academy of Public Administration under President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republice of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 988-88-57-50. E-mail: bbk.89@mail.ru

*The article examines the foreign experience of the economic foundations of the development of the textile and clothing industry in the countries of Great Britain, the European Union, the USA, the Russian Federation, China, India, Turkey, Kazakhstan, Uzbekistan, and recommends applicable characteristics for the Republic of Tajikistan.*

*Using analytical, comparative, statistical and generalized methods, the author considered materials of scientific value and purposefully used them in his work in accordance with scientific criteria.*

*The author's scientific efforts in the article are aimed at comparing the experiments of states and at finding successful examples of work to achieve the development of the textile and clothing industry.*

***Keywords:*** *economy, textile and clothing industry, competitiveness, network enterprises, logistics infrastructure, raw materials, production facilities, investments, renewable energy sources, innovations, textile clusters, preferential loans, subsidies.*

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ - ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

УДК: 340

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ҒАФУРЗОДА АБДУХАЛИЛ ДАВЛАТАЛӢ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
ректори Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. С. Носир, 33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86. E-mail: khalil-77@mail.ru
**АБДУҒАНИЗОДА БАХТИЁР АБДУҒАНӢ,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 902-90-90-68. E-mail: bakt0820@mail.ru.

*Баъд аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ мавқеъ ва нақши воситаи нақлиёт, махсусан нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасониҳои нақлиётӣ дар рушди иқтисоди кишвар муҳим арзёбӣ гардида, механизмҳои танзимӣ-ҳуқуқии он низ мустаҳкам карда шуда, ташаккул ёфтааст.*

*Нақлиёт таҳкурсии иқтисодиёти ҳар як давлат буда, комплекси ягонаест, ки тамоми намудҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ, тақсимот ва мубодиларо дар бар мегирад. Айни ҳол дар кишвар инкишоф ва такмил додани қонунгузории нақлиёт ба таври ба худ хос сурат мегирад.*

*Асосан рушди қонунгузорӣ дар соҳаи ҳамлу нақли бор тавассути воситаҳои нақлиёт ба давраи истиқлоли давлатӣ рост меояд. Қонунгузории ҳамлу нақли бор тавассути воситаҳои нақлиёт ба таври муқаррарӣ дар ин давра тағйир дода шуда, мукаммал гардидааст. Яке аз санадҳои бунёдие, ки дар рушди муносибатҳои ҳамлу нақли бор тавассути воситаҳои нақлиёт мусоидат менамояд, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *нақлиёти автомобилӣ; муносибат; рушд; ҳуқуқ; ташаккул; қонунгузорӣ; хизматрасонӣ; соҳа.*

Талаботи одамон ба ҳаракати босуръат дар рӯи замин инсониятро ба офаридани мошину механизмҳои гуногун маҷбур кард, ки қулайтарин ва дӯстдоштанитарини онҳо автомобил ба ҳисоб меравад. Калимаи «автомобил» маънои «аробаи худгард»-ро дорад, гарчанде ки дар маънои муосир мошинҳоро танҳо воситаҳои нақлиёти бо муҳаррикҳои мустақил муҷаҳҳаз (сӯхтани дарунӣ, барқ, буғ) меноманд.

Нақлиёт аз калимаи лотинии «transport» гирифта шуда, маънояш ҷойивазкунӣ, мекашонам, мебарамро фаҳмонида, тамоми соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолиро дар бар мегирад. Якумин воситаи техникие, ки хушкигардон ҳамчун нақлиёт истифода мебурданд ин чигинаҳои чӯбин ва барои ҳаракат дар об завракҳои аз чуб сохташуда, буданд.

Қобили зикр аст, ки айни замон дар аксари кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар минтақаи Осиёи Миёна, махсусан Ҷумҳурии Тоҷикистон нақлиёти автомобилӣ аз ҷиҳати ҳамлу нақли бор ва мусофир мавқеи пешқадам ва аввалиндараҷаро касб менамояд.

Низоми фаъолият ва хизматрасониҳои нақлиётӣ, ки имрӯз дар ҶТ дар асоси санадҳои кодификатсионӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, зерқонунӣ ва ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ кафолат ва мавриди танзим қарор гирифтааст, заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва танзимиро аз санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар замони ИҶШС қабул

шуда буданд, сарчашма мегиранд, чунки маҳз дар ин давра заминаҳои шартномавии ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ ташаккул ёфтанд.

Нақлиёти автомобилӣ, ки қисми таркибии маҷмааи нақлиёти ҶТ мебошад, барои қонеъгардонии талаботи иқтисодиёт ва аҳолӣ ба ҳамлу нақл ва хизматрасониҳои ба он алоқаманд таъин шудааст. Дар баробари ин, ба доираи вазифаҳои нақлиёти автомобилӣ хизматрасониҳо ба дигар маҷмааҳои нақлиёт (нақлиёти роҳи оҳан, нақлиёти ҳавоӣ ва нақлиёти обӣ) ва таъминоти зайл дохил мегардад:

– афзалияти бехатарӣ, ҳифзи ҳаёт ва саломатии одамон, ҳифзи табиат ва арзишҳои фарҳангӣ;

– баробарҳуқуқии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ;

– ба истифодабаранда таъмин намудани интихоби озоди хизматрасониҳои нақлиёти автомобилӣ, аз ҷумла озодии интихоб миёни истифодаи воситаҳои худии нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасониҳои интиқолдиҳанда;

– ҳамлу нақли мусофирон ва борҳо, ҳифз ва сари вақт расонидани онҳо ба нуқтаи таъиншуда;

– таъмини нархҳои озоди шартномавӣ барои корҳо ва хизматрасониҳо дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ мувофиқи қонунгузории ҶТ [8].

Рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ робитаи таърихии инкишофи нақлиёт ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои нақлиётиро тасдиқ мекунад, ки он аз замонҳои қадим мушоҳида мешавад [9, С. 122].

Соҳаи муосири нақлиёти автомобилӣ маҷмӯи ҳам соҳибони автомобилҳои шахсӣ ва ҳам шумораи зиёди шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мебошад, ки хидматрасонии нақлиётиро пешкаш мекунанд. Тараққиёти иқтисодиёти ватанӣ ба кори прогрессивӣ ва бетанаффуси корхонаю ташкилотҳое, ки бо нақлиёти автомобилии мусофиркашониву боркашонӣ машғуланд, вобаста аст. Хусусияти фарққунандаи онҳо дар муқоиса бо дигар намудҳои нақлиёт серфарҳангӣ, имкони иҷро кардани ҳама гуна боркашонӣ, рақобати ривоҷёфта ва мустақилияти нисбӣ аз шароити обу ҳаво мебошад [1, С. 42].

Дар ҷаҳони муосир нақлиёти автомобилӣ дар рушди робитаҳои берунии иқтисодӣ ва тиҷоратӣ нақши муҳим мебозад ва таҳқиқ намудани механизмҳои самараноки фаъолияти шартномавӣ дар ҷодаи мазкур ба рушди бемайлони соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ замина мегузорад.

Маъхазҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ далолат бар он менамоянд, ки дар тули мавҷудияти хеш инсоният ба офаридани олоту воситаҳои самараноктарин давра ба давра кушиш ба харҷ намудааст, ки механизмҳои нисбатан қулай ва муфидро дар бахшҳои гуногуни ҳаёту фаъолият ба вуҷуд оварад, таҳия созад ва истифодаашро таъмин намояд.

Нақлиёти автомобилӣ аз ҷумлаи чунин дастовардҳои насли инсон аст, ки аз намудҳои барҷаста, шаклҳои васеъ ва олоти вазнин ба системаи худкори механикии самарабахши муосир омада расидааст, ки имрӯз тавассути он аксари шумораи борҳо ва мусофирон (мусофир) ҳамлу нақл мегарданд.

Қобили зикр аст, ки давлатҳои бузурги қадим: Миср, Форс ва Рим барои таҳияи системаҳои интиқоли мол, мукотибаи хурд ва почта корҳои зиёдеро анҷом доданд, яъне марҳилаи бавуҷудоӣ ва ба фаъолияти назаррас ҳамоҳанг гаштани системаи интиқоли бор

тавассути нақлиётро дар заминаи амалӣ намудани муносибатҳое, ки мазмун ва моҳияти шартномаи граждании замони кунуниро ифода менамояд, ташкил намуданд.

Дар баробари ин, бояд зикр намуд, ки дар муносибатҳои тиҷоратӣ аз замони пешин амалан тамоми давлатҳои дар фазои Авруосиё маъруф иштирок доштанд: Империяи Рум ва Византия, Ҳинду Эрон, Хилофати Араб ва дигар кишварҳо.

Таърихи умумиҷаҳонии боркашонӣ бо инкишофи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва муносибатҳои тиҷоратии байни давлатҳо ва халқҳои гуногун алоқаи зич дорад. Аввалин хатсайрҳои тиҷоратӣ роҳҳои соҳилии баҳри Миёназамин буданд. Нақлиёти тиҷоратӣ дар шарқи баҳри Миёназамин - Финикия ба вуҷуд омадааст. Дар айни замон боркашонии хушкӣ ва баҳрӣ амалӣ мешуд. Ҳукуматдорони империяи Рум роҳҳои бесарусомони қаблан вуҷуддоштаро ба тартиб даровარданд.

Дар ибтидо расмиёти муомилоти тиҷоратӣ манбаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоӣ дар фаъолияти нақлиёт буд. Баъдтар, дар асрҳои XIV-XVII фаъолияти нақлиёт дар баробари урфу одатҳои муомилот бо нормаҳои махсуси характери нақлиётӣ ба танзим дароварда мешавад [31].

Бояд зикр намуд, ки аслан нақлиёти автомобилӣ охири асри 19 тараққӣ кард ва инкишоф ёфт. Таҳлилҳои оморӣ собит менамоянд, ки соли 1900 дар ҷаҳон 11 ҳазор, 1940 – 46 миллион, 1950 – 70,4 миллион, 1968 – 190 миллион автомобил мавҷуд буд. Дар ИҶШС бошад, аслан нақлиёти автомобилӣ баъди пайдо шудани саноати автомобилии ватанӣ тараққӣ кард.

Аввалин санади меъёрие, ки истифодаи воситаҳои нақлиётро ба мақсадҳои иқтисодӣ қонунӣ гардонидааст, ин фармони вазири роҳи оҳан шоҳзода М.И. Хилков «Дар бораи тартиб ва шартҳои кашондани борҳои вазнин ва мусофирон дар қад-қади роҳи автомобилгарди Саридораи алоқа бо вагонҳои худгард» аз 11 сентябри соли 1896 мебошад [12].

В.В. Осинский иброз медорад, ки дар ибтидои соли 1927 дар тамоми ИҶШС 12 ҳазор автомобил мавҷуд буд. Бо ин нишондиҳандаҳо ИШ дар ҷаҳон ҷои 40-умро ишғол мекард. ИМА бо 23 миллиону 431 ҳазор автомобил дар ҷои аввал буд, ки 85% тамоми парки сайёраро ташкил менамуд. Дар тамоми Аврупо 3 миллиону 103 ҳазор автомобил ё 11 фоизи шумораи ҷаҳонии онҳо буд. Дар дигар мамлакатҳои ҷаҳон 4% автомобилҳо мавҷуд буд, ки аз он Чин 15 ҳазор ва Ҳиндустон (дар он вақт мустамликаи Англия) – 100 ҳазор автомобил доштанд. Дар баробари ин, дар худи Англия – 984 ҳазор, Фаронса – 901 ҳазор, Шведсия – 99 ҳазор, Нидерландия – 65 ҳазор, мустамликаҳои собиқи Россия: Финляндия – 18 ҳазор, Лаҳистон – 16 ҳазор, ҳатто Руминия – 14 ҳазор ва аз шаш як ҳиссаи ҳудуди ИҶШС, ки 150 миллион нафар шаҳрвандонашро ишғол менамуд, ҳамагӣ 12 ҳазор автомобил дошт. Аз ин 600-700 адад автомобилҳо дар ИШ дар ҳақиқат бо усули нимдастӣ истеҳсол карда мешуданд. Дар ҳамин ҳол, Peugeot дар як сол 25 ҳазор, Citroen – 100 ҳазор ва ширкатҳои бузурги амрикоии Chevrolet ва Ford аз 1 то 1,5 миллион мошин истеҳсол мекарданд [16].

Тағйироти куллӣ дар таърихи боркашонӣ дар миёнаҳои асри 19 оғоз ёфт. Ихтирои мошини буғӣ ба рушди мошинҳо такони бесобиқа бахшид. Як вақтҳо роҳҳои оҳани аспӣ ва системаи каналҳо дар Англия (боз бо қувваи аспкашӣ) обороти боркашониро дар байни шаҳрҳои Англия хеле зиёд карданд ва истифодаи буғ ин навъҳои нақлиётро ба дараҷаи сифатан нав расонд.

Марҳилаи навбатии рушди нақлиёти боркаш ихтирои муҳаррики дарунсӯзӣ ва автомобил буд. Дар ибтидои асри 20 нақлиёти автомобилӣ рушди мантиқии ҳамлу нақли борро ба анҷом расонида, имкон дод, ки молҳо ба минтақаҳои хеле дурдаст интиқол дода шаванд, ки занҷираи таъминот пурра ташаккул ёбад.

Мувофиқи таҳлилҳои И.П. Климов, ки дар мақолаи хеш зикр мнамояд «аз 25 октябри соли 1917 то 16 марти соли 1918 органҳои (мақомотҳои) олии Ҳокимияти Советӣ оид ба масъалаҳои гуногуни фаъолияти нақлиётӣ 29 декрет ва қарор қабул карданд», ки чунин санадҳо дар баргирандаи паҳлуҳои ҳуқуқӣ-шартномавии интиқол ва кашонидани бору мусофирро тавассути нақлиёти автомобилӣ низ дар бар мегиранд.

Танҳо дар давраи Ҳокимияти Советӣ бо фармони Комиссариати Халқии корҳои ҳарбӣ аз 13 январи соли 1918 Саридораи марказии нақлиёти автомобилӣ ташкил карда шуд, ки ба он масъулияти мутаммарказ ҷиҳати роҳбарии идоракунии тамоми низоми нақлиёти автомобилии республика гузошта шуда буд [13].

Дар асри 20 рушди соҳаи ҳамлу нақли бор ба самти такмили минбаъдаи усулҳои коркарди бор ва интиқоли он, анбор ва интиқоли онҳо пеш рафт. Схемаҳои нави нақлиётию логистика тартиб дода шуданд, ки ин имкон дод, ки бо хароҷоти камтарини харидорон боркашонии мунтазам ташкил карда шавад. Тараққиёти давлатҳо ва шаҳрҳо бештар ба зиёд шудани ҳаҷми боркашонӣ вобаста аст. Технологияҳои мавҷудаи ҳамлу нақли бор дар ҳоли ҳозир имкон медиҳанд, ки байни кишварҳои гуногун ва ҳатто қитъаҳо муомилоти тиҷорӣ анҷом дода, ба таҳкими робитаҳои иқтисодӣ ва рушди иқтисодиёт мусоидат кунанд.

Бо ин назардошт зикр мегардад, ки интиқоли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ дар муқоиса бо дигар шаклҳои интиқол таърихи кӯтоҳ дорад, ки ин каме бештар аз як асрро фаро мегирад. Мушоҳида кардани он, ки чӣ тавр аз рӯи меъёрҳои таърихӣ дар як муддати кӯтоҳ нақлиёти автомобилӣ ба яке аз намудҳои маъмултарини нақлиёт дар ҷаҳон табдил ёфтааст, боз ҳам ҳайратовартар аст [19].

Тавассути нақлиёти автомобилӣ анҷом додани ҳамлу нақли бор ва мусофирон хусусиятҳои зарфиятӣ дорад. Интиқоли борҳо решаҳои хеле амиқи таърихӣ доранд ва дар тӯли таърихи тамаддуни башар пайваста такмил дода мешуд. Аммо хусусиятҳои асосии боркашонӣ аз давраҳои қадим то имрӯз нигоҳ дошта шудаанд. Дар ҳама давру замон боркашонӣ барои тараққиёти тамаддун, иқтисодиёти давлатҳо ва вилоятҳо аҳамияти фавқулодда дошт.

Бори аввал шахс аз замони ихтироъ кардани чарх бор мекашонд. Аммо, ҳатто пас аз ихтироъ шуданаш ҳам дар кашондани бор нақлиёти бастабандӣ ва ҳақиқии боркашонии одамон роли муҳим бозид. Ҳанӯз ҳам ҳайвонҳо барои интиқоли бор дар минтақаҳои душворгузар истифода мешаванд, масалан, чанде пеш аспҳоро яке аз воҳидҳои артиши Русия, ки дар амалиёти низомӣ дар манотиқи кӯҳистонӣ тахассус доранд, қабул карда буданд. Ақли инсон то ҳол дастгоҳи механикиро ихтироъ накардааст, ки метавонад борҳоро дар пайраҳаҳои кӯҳӣ бо ҳамон самаранокӣ мисли аспи оддӣ ҳаракат кунад. Одам барои кашондани бор аспу гов, шутур ва оҳуро истифода мебурд. Ҳайвонот одамро аз бор кашонидан дар китфи худ наҷот доданд [40].

Таърихи инкишофи боркашонӣ чандин ҳазор сол ташаккул ёфта, дар натиҷаи инкишофи он боркашонӣ, дар масофаҳои дур иҷрошаванда ва дастраси ҳама гардид. Шумораи зиёди ширкатҳо дар ҷаҳон тиҷорати худро дар ташкили интиқоли молҳо бунёд мекунанд. Хизматрасонӣ дар соҳаи логистика хеле васеъ гардид ва ҳоло суғурта, барасмиятдарории гумрукии мол, таҳияи ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ, ташкили анбор ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

Таърихи ҷаҳонии ҳамлу нақли бор бо роҳи инкишоф додани дастрасии интиқоли молҳо барои як шахси мушаххас ва тамоми инсоният пеш рафтааст.

Ба андешаи О.Ф. Фаст «дар замони шӯравӣ дар ибтидои солҳои 20-ум автомобилкунонӣ қатъ гардид. Автомобилҳои сабукрав дар парки умумӣ дар ибтидои Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ тақрибан 9% (дар кишварҳои пешрафта - 70% ва бештар аз он)

буданд. Онҳо танҳо барои мақсадҳои ҳарбӣ-стратегӣ ва интиқоли почта истифода мешуданд. Мамлакат дар ҳақиқат бидуни роҳи автомобилӣ монд» [33].

Дар ин давра, таҳкими асосҳои ҳуқуқии фаъолияти нақлиёт дар зери фишори ду омил сурат гирифт. Аввалин протсесс (раванд) инкишофи технологияи нақлиёт гардид, ки ба индустрикунонӣ мувофиқ буд. Омили дуюм, ин талаботи рузафзуни вусъат додан ва беҳтар намудани сифати хизмати нақлиёт буд. Татбиқи пурраи ҳарду омилро бидуни танзими дахлдори ҳуқуқӣ, бидуни эҷод ва рушди қонуни нақлиётӣ амалӣ кардан мумкин набуд [9].

Ҳатто дар соли 1930 ҳам ҳолати боркашонии автомобилӣ амалан беҳтар нагардид: иқтидори умумии боркашонӣ паст буд, пунктҳои борборкунӣ (уездҳои роҳи оҳан, анборҳо, молхонаҳо, анборҳо, лифтҳо, яхдонҳо ва ғайра) ба кор мувофик карда нашуда буданд. Дар ҳама ҷо чун қоида ҳатто механиконии элементарии корҳои молборкунӣ ва борфарорӣ вуҷуд надошт, ки дар вақти боркунӣ ва борфарорӣ қисми зиёди вақти кор автомобилҳо бекор мемонданд. Ин вақти бекористӣ, аз он ҷумла, номувофиқиҳои гуногуни ташкилӣ ва қоғазбозии тулонӣ ба 65 фоизи вақти кор (дар ҷои кор) рост меомад [34].

Дар Тоҷикистон нақлиёти автомобилӣ баъди ғалабаи Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр тараққӣ кард, яъне дар маҷмуъ ба вуҷуд омад. Чунки маҳз аввалин автомобил ба Душанбе соли 1926 оварда шуд. Аз соли 1929 дар республика сохтмони роҳҳои автомобилӣ оғоз гардида, ибтидои солҳои 30 хоҷагии автомобилии республика басо вусъат ёфт. Дар баробари афзудан ва беҳтар гардидани роҳҳо парки автомобилӣ ҳам васеъ шуд.

Нақлиёти Тоҷикистон яке аз ҷузъҳои ҷудонашавандаи иқтисодиёт буда, элементи асосии инфраструктура (зерсохтор)-и истеҳсолӣ мебошад. Дар Тоҷикистон нақши муҳим доштани инфраструктураи наклиётӣ аз мураккабии релефи кӯҳии маҳал бармеояд. Оғози ташаккули системаи нақлиёти мамлакатамон ба миёнаи солҳои 20-и асри гузашта тааллуқ дорад. Ҳангоме, ки ҳалли масъалаҳои ҳалталаби нақлиётӣ барои тамоми протсесси инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурии ҷавон асосӣ буд.

Солҳои 1929-1931 роҳҳои автомобилгарди ниҳоят муҳим барои ҷумҳурӣ ва нахустин дар ҳудуди он сохта шудаанд, ки алоқаи дохилии иқтисодиро, алалхусус дар ноҳияҳои ҷанубӣ (Душанбе-Тирмиз, Душанбе-Қурғонтеппа, шоҳроҳи Помири шарқӣ Уш-Хоруғ, Душанбе-Ленинобод, сонитар шоҳроҳи калони Помир-Душанбе-Хоруғ) таъмин мекарданд.

Дар соли 1924 аввалин хати ҳавоии Душанбе-Тошкент кушода шуд. Дар фурсати начандон калони таърихӣ Тоҷикистон аз кишвари қадимаи бероҳ ба ҷумҳурии дорои нақлиёти замонавӣ мубаддал шуда, дар ин самт роҳро аз пайраҳаҳои кухӣ ва шоҳроҳҳои корвон то ба автомагистралҳо ва роҳҳои ҳавоӣ тай намуд.

Соли 1940 роҳи автомобилии Помир сохта шуд. Нақлиёти автомобилии РСС Тоҷикистон бо кашондани бор ва мусофирони дохили республика машғул буд. Берун аз республика ҳам бор кашонда мешуданд (Душанбе-Тирмиз, Хоруғ-Уш, Панҷакент-Самарқанд, Ӯротеппа-Хавост, Ленинобод-Тошкент ва ғайра). Дар дохили республика қариб 88% (1974) бор бо нақлиёти автомобилӣ кашонда мешуд. Вазни қиёсии он дар гардиши бори нақлиёти автомобилии мамлакат тақрибан 0,9%, аммо дар ҳаҷми умумии боркашонии автомобилӣ 0,8%-ро ташкил менамуд.

Дар ибтидои панҷсолаи 2-юм парки автомобилии республика 4,6 маротиба, дар охири панҷсолаи 2-юм 32 маротиба афзуд, Тӯли роҳҳои сангфарши республика соли 1940 назар ба 1929 282,2% зиёд гардид.

Ташаккул ва инкишоф ёфтани системаи нақлиёти автомобилии истифодаи умум дар мамлакат мантиқан ба он оварда расонд, ки дар соли 1939 Комиссариатҳои Халқӣ ва баъдтар Вазоратҳои нақлиёти автомобилии республикаҳои иттифоқӣ ташкил карда шаванд, ки ин имконият дод системаи марказонидашудаи нақлиёти истифодаи умум ва истеҳсоли таъмири мошинҳоро оқилонатар ташкил кунанд. Бо Указа Президиуми Совети Олии РСФСР аз 28 июни соли 1939 Қонун «Дар бораи ташкили Комиссариати халқии нақлиёти автомобилии РСФСР» қабул карда шуд, ки он соли 1946 ба Вазорати нақлиёти автомобилии РСФСР табдил дода шуд [30].

Соли 1939 дар системаи мақомоти идоракунандаи нақлиёти автомобилӣ тағйирот ба амал омад. 29 майи соли 1939 Шӯрои Олии ИҶШС қонун «Дар бораи ташкили комиссариатҳои халқии нақлиёти автомобилӣ дар республикаҳои иттифоқӣ»-ро қабул намуд [3, С. 57].

Қонун на танҳо мақомоти нави идоракунии нақлиёти автомобилиро муқаррар кард, балки ба системаи мустақил ҷудо кардани асосҳои ҳуқуқии наклиёти ҷамъиятиро низ дар бар мегирифт. Дар асоси он роҳбарӣ ба системам нақлиёти умумӣ ба зиммаи мақомотҳои махсуси идоракунии республикаҳои иттифоқӣ гузошта шуд. Комиссариатҳои халқӣ ба нақлиёти боркаш ва мусофиркашонӣ роҳбарӣ карда, назорати иҷрои қоидаҳои истифодабарии составҳои ҳаракаткунанда, таъмир ва нигоҳубини онҳоро таъмин, инчунин таълими кадрҳоро ба роҳ мемонданд. Он бевосита ба танзими ҳуқуқу ухдадориҳои ташкилотҳои нақлиёти автомобилӣ, ҷорӣ намудани принсипҳои хоҷагӣ дар фаъолияти онҳо, истифодаи шакли шартномавии муносибатҳои байни мақомотҳои идоракунандаи соҳаи нақлиёт ва харидорон дар шакли танзими меъёрӣ равона гардида буд [14].

Баъди ба охир расидани Ҷанги Бузурги Ватанӣ нақлиёти автомобилӣ аввал дар барқароркунӣ ва баъд дар тараққиёти минбаъдаи хоҷагии халқ нақши калон бозид. Аз соли 1946 сар карда, нақлиёти автомобилӣ ҷиҳати интиқоли бор ва мусофир бо суръати тез тараққӣ кард.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ вазифаи асосии ҳамлу нақл, яъне боркашонӣ ин пеш аз ҳама истифодаи воситаи нақлиёти автомобилӣ бо мақсади таъмини амнияти ҳарбӣ равона гардида буд. Баъдан дар миёни солҳои 1951-1954 дастуру қоидаҳои муваққатии кашондани маҳсулоти нефт, ангишт, металлҳои сиёҳ ва маснуоти металлӣ, инчунин хишт, масолеҳи бинокорӣ ва қисмҳои бинокорӣ, маснуоти кабелӣ ва дигар маҳсулотҳо қабул карда шуданд [11].

Моҳи ноябри соли 1952 бо Указа Президиуми Шурои Олии ИҶШС Вазорати иттифоқӣ-республикавии нақлиёти автомобилии ИҶШС ташкил карда шуд, вале бо қабули Қонуни Шурои Олии ИҶШС аз 15 марти соли 1953 «Дар бораи тағйир додани вазоратҳои ИҶШС» ин вазорат барҳам дода шуда, вазифаҳои он ба ихтиёри Вазорати роҳҳои оҳани ИҶШС дода шуд, ки дар он Саридораи нақлиёти автомобилӣ ташкил карда шуд.

**Адабиёт**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 ( бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) - Душанбе Ганҷ. 2016.

2. Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2020, №1689 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03.03.2022).

3. Братановский С.Н., Остапец О.Г. Правовая организация управления транспортным комплексом Российской Федерации: монография. – Саратов, 2012. – С. 42.

4. Ғафуров А.Д., Бадалов Ш.К., Сафаров Д.С., Сафаров А.И. Ҳуқуқи нақлиёт: васоити таълимӣ. – Душанбе, 2012. – С. 113-114.

5. Духно Н.А. Транспорт и транспортное право: исторические взаимосвязи и перспективы // Мир транспорта, том 17, № 3, – С. 57. (2019). (– С. 56-70).

6. Дегтярёв Г.А. Централизованные перевозки грузов автомобильным транспортом. – М., 1955. – С. 43.

7. Куприн Е., Рубец А. Российскому автомобильному транспорту – 100 лет // Автомобильный транспорт. – 1996. – №10. – С. 18.

8. Климов И.П. Правовые аспекты национализации транспорта в период формирования советской государственности: октябрь 1917 – середина 1918 г. (на материалах Урала) // Черные дыры в российском законодательстве. 2006. – № 1. – С. 437.

9. Кондратьев В.М. Проблемы совершенствования автотранспортного законодательства. – Казань, 1990. – С. 21.

10. Путешествие во времени: первые грузовики и становление транспортной логистики // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.girteka.eu/ru/puteshestvie-vo-vremeni-pervye-gruzovye-avtomobili/. (санаи муроҷиат: 26.05.2022).

11. Положение о взаимной материальной ответственности автотранспортных организаций и клиентуры за выполнение плана перевозок и сохранность перевозимых грузов // СП СССР. – 1956. – № 1. – С. 122.

12. Терещук М.В. Проблемы правового регулирования перевозок грузов автомобильным транспортом / Вестник Томского государственного университета ( общенаучнный периодический журнал). – 2007. – №304. – С. 138. (138-141).

13. Фаст О.Ф. История развития правового регулирования законодательства // Известия Саратовского университета. – 2007. – Т.7. Сер. Экономика. Управление. Право, вып. – 1. – С.

14. Фаст О.Ф. История развития правового регулирования законодательства // Известия Саратовского университета. – 2007. – Т.7. Сер. Экономика. Управление. Право, вып. – 1. – С.

15. История грузоперевозок. Краткий экскурс. // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://gruzoved.com/blog/post/istoriya-gruzoperevozok-kratkij-ekskurs/. (санаи муроҷиат: 26.05.2022).

16. История грузоперевозок. Краткий экскурс. // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://gruzoved.com/blog/post/istoriya-gruzoperevozok-kratkij-ekskurs/. (санаи муроҷиат: 26.05.2022).

# ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ДОРОЖНО-ТРАНСПОРТНЫХ ОТНОШЕНИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**ГАФУРЗОДА АБДУХАЛИЛ ДАВЛАТАЛИ,**
доктор юридических наук, профессор,
ректор Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Носира, 33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86. E-mail: khalil-77@mail.ru
**АБДУГАНИЗОДА БАХТИЁР АБДУГАНИ,**
ассистент кафедры права и сравнительного правоведения
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Насира 33.

Тел.: (+992) 902-90-90-68. E-mail: bakt0820@mail.ru.

*После обретения государственной независимости и перехода к новым экономическим отношениям положение и роль транспортных средств, особенно автомобильного транспорта и транспортных услуг, считались важными в развитии экономики страны, а также укреплялись и укреплялись ее нормативно-правовые механизмы. сформировался.*

*Транспорт является основой экономики любой страны и представляет собой единый комплекс, включающий в себя все виды общественного производства, распределения и обмена. В настоящее время в стране по-своему развивается и совершенствуется транспортное законодательство.*

*В основном развитие законодательства в области грузоперевозок с помощью транспортных средств совпадает с периодом государственной независимости. Законодательство о перевозке грузов автомобильным транспортом за этот период было изменено и усовершенствовано в обычном порядке. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года является одним из основополагающих документов, способствующих развитию грузоперевозок автомобильным транспортом.*

***Ключевые слова:*** *автомобильный транспорт; отношение; разработка; Правильно; формирование; законодательство; Сервисы; промышленность.*

## LEGAL BASIS FOR THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF ROAD TRANSPORT RELATIONS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**GHAFURZODA ABDUKHALIL DAVLATALI,**
Doctor in Law, Professor,
Rector of the Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Republice of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir str.
Phone: +992 (37) 224-17-86. E-mail: khalil-77@mail.ru
**ABDUGANIZODA BAKHTIYOR ABDUGANI,**
assistant of the Department of Law and Comparative Law of the of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nasir str.
Phone: (+992) 902-90-90-68. E-mail: bakt0820@mail.ru.

*After gaining state independence and transition to new economic relations, the position and role of vehicles, especially road transport and transport services, were considered important in the development of the country's economy, and its legal and regulatory mechanisms were strengthened and strengthened. formed.*

*Transport is the basis of the economy of any country and is a single complex that includes all types of social production, distribution and exchange. At present, transport legislation is developing and improving in the country in its own way.*

*Basically, the development of legislation in the field of cargo transportation by means of vehicles coincides with the period of state independence. The legislation on the carriage of goods by road during this period was changed and improved in the usual manner. The Constitution of the Republic of Tajikistan dated November 6, 1994 is one of the fundamental documents that contribute to the development of cargo transportation by road.*

***Keywords:*** *road transport; attitude; development; Correctly; formation; legislation; Services; industry.*

УДК: 369.032

# ИСЛОҲОТИ ИДОРАИ ДАВЛАТӢ – АФЗАЛИЯТИ РУШДИ МИЛЛӢ

**РАЗЗОҚОВ БАҲОДУР ҲАЁТОВИЧ**,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти ½.
Тел.: (+992) 918-61-79-80. E-mail: razzokov_b@mail.ru.

*Мақола ба раванди ислоҳоти идораи давлатӣ дар Тоҷикистон бахшида шудааст, ки яке аз афзалиятҳои стратегии рушди миллӣ эътироф мегардад. Дар он ба ҷанбаҳои мусбии дигаргунсозиҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ишора шуда, таъкид мегардад, ки бинобар иштибоҳи методологӣ дар рафти ислоҳот як қатор тадбирҳо татбиқи босубот наёфтанд ва ё самараи дилхоҳ наоварданд. Чунин ҳолат барои истифодаи ҳамаҷонибаи иқтидори навовариҳо имкон намедиҳад ва мамониатҳоро дар таъмини рушди мутаасили кишвар ба вуҷуд меорад. Баҳри бартараф намудани саҳви роҳёфта пешниҳодҳо баён шудаанд.*

***Калидвожаҳо****: идораи давлатӣ, давраҳои ислоҳоти идораи давлатӣ, самарабахшии идора, идоракунии судманд, хизмати давлатӣ.*

Масъалаи калидии Тоҷикистон муосир – ташаккули он ҳамчун давлати соҳибистиқлоли муваффақона рушдкунанда маҳсуб меёбад. Фатҳи ин ҳадафи наҷиб бидуни фаъолияти самарабахши низоми идораи давлатии кишвар ва амалисозии тадбирҳои мутаасил ҷиҳати такмили он ғайриимкон аст. Таҷрибаи ғании кишварҳои хориҷ собит менамояд, ки идора ҳамчун фаъолияти мақсаднок қодир аст дар маънии маърифати ҷомеаро аз паси худ барад. Барои он ки идора воқеан ҳам нерӯи муҳаррики рушди ҷомеа гардад, қабули ду шарт воҷиб аст: аввалан, дар ҷомеа бояд дар бораи худи идора донишҳои кофӣ ғун гашта, амалан истифода шаванд, сониян, ҷомеа амиқ дарк намояд, ки танҳо одамони соҳибкасб ҳуқуқи идораи онро доранд**.**

Ҳазорсолаи нав саҳифаи тозаи инкишофро барои инсоният боз менамояд. Шароитҳои айние, ки назди инсон дар асри XXI пайдо шуданд, шаклҳои нави тафаккур, рафтор ва ҳамкориро тақозо доранд. Сухан дар бораи ноил гаштан ба сифати нави ҳокимиятдории умум меравад, ки дар он давлат ва мақомоти он чун намунаи риоя ва иҷрои талаботи қонун ва дигар санадҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ баромад намуда, номгӯи дақиқи хизматрасониҳои давлатиро дар сатҳи баланд анҷом медиҳанд. Чунин тасвиб метавонад яке аз омилҳои таъмини самарабахшии идораи давлатӣ ва устувории пойдевори давладории миллӣ гардад. Ин мақсад зарурати тадқиқ ва ошкорсозии он сарчашма ва омилҳоеро талаб дорад, ки моҳияти замонавии идораи давлатиро дар шароити ташаккули иқтисоди бозорӣ муайян карда, сатҳи ташкили онро баланд мебардоранд.

Бо назардошти аҳамияти худ масъалаҳои марбут ба такмили идора аз оғози соҳибихтиёрии ҷумҳурӣ пайваста дар мадди назари сиёсати давлатӣ қарор доранд. Унсури таркибии дигаргунсозиҳо, ки дар остонаи асри XXI Тоҷикистон ба амалисозии онҳо иқдом кард, ислоҳоти низоми идораи давлатӣ маҳсуб меёбад. Қадами гардиш дар ин ҷода бо маърӯзаи таърихии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 1997 алоқаманд мебошад, ки дар он ба вазъи идораи давлатӣ баҳо дода шуда, самтҳои такмили он муайян гардиданд. “Бидуни ҳалли проблемаҳои идоракунии давлатӣ, - таъкид дошт Президенти ҷумҳурӣ, - ба муваффақиятҳо дар ислоҳоти ҷиддии иқтисодӣ умед бастан душвор аст” [1, 37].

Пас аз ироаи дастурҳои сиёсии Сардори давлат дигаргунсозиҳои васеи ташкилию ҳуқуқӣ оғоз ёфтанд, ки ба таъсиси низоми самарабахши идора нигаронида шуданд. Дар

умум ислоҳотро, ки дар идораи давлатӣ баъди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуданд, шартан ба чор давра тақсим намудан мумкин аст: солҳои 1994 – 1999, солҳои 2000 – 2005, солҳои 2006 – 2015 ва баъди соли 2016 то ҳол. Ҳар яке аз он бо хусусияти хоси дигаргунсозиҳои ташкилию ҳуқуқӣ фарқ доранд. Аз ҷумла, марҳилаи сеюм, ки бо тасдиқи Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - СИСИД) аз 15 марти соли 2006 шурӯъ шуд, хислати бештар мақсаднок дошт ва маҷмӯи чорабиниҳои ташкилӣ-ҳуқуқиро барои то соли 2015 дар бар гирифт [7].

Дар санади мазкур мақсади ислоҳоти идораи давлатӣ - таъсиси низоми самарабахши идоракунӣ изҳор гашта, унсурҳои он чунин тавсиф ёфтанд: мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо хадамоти касбии давлатӣ, системаи мутаносиби таҳия ва татбиқи сиёсат ва барномаҳои рушд, бо нерӯи идоракунандаи боиқтидору ҳисоботдиҳанда, инчунин худидоракунии маҳаллӣ бо тақсими дақиқи вазифаю ваколатҳо, маблағҳои молиявӣ ва амволе, ки хизматрасонии самарабахш ва хушсифатро ба аҳолӣ таъмин менамоянд. Баҳри матраҳи мақсади гузошташуда СИСИД ҳалли шаш вазифаро пешбинӣ намуд: баланд бардоштани самарабахшии идоракунии рушди миллӣ; такмили низоми идоракунии давлатӣ мутобиқи принсипҳои иқтисоди бозорӣ; баланд бардоштани самарабахшии идоракунии маблағҳои давлатӣ; таъсиси хизмати касбии замонавии давлатӣ; рушди идоракунии маъмурию ҳудудӣ ва ташаккули худидоракунии маҳаллии қодири манзури хизматрасониҳои хушсифат ба аҳолӣ.

Ислоҳоти идораи давлатӣ тибқи санади номбурда се марҳиларо дар бар гирифт ва расман анҷом ёфт. Натиҷаҳои ислоҳот аз андӯхти таҷрибаи муайян ҷиҳати ба низомдарории ҳадафу афзалиятҳои рушди миллӣ ва дарёфти нишондиҳандаҳои баҳогузории дигаргунсозиҳо гувоҳӣ медиҳанд. Ин ҷанбаи мусбӣ мебошад. Аз тарафи дигар, як қатор дигаргунсозиҳо татбиқи босубот наёфтанд ва ё самараи дилхоҳ наоварданд. Ноқису нопурра иҷро шудани ҳадафҳои гузошташуда аз саҳву иштибоҳи методологии рафти ислоҳот манша мегирад. Аз ҷумлаи онҳо ба таври босубот тавсиф наёфтани мафҳуми «самарабахшии идора» дар СИСИД мебошад. Табиист, ки чунин номуайянӣ ба сифати дигаргунсозиҳои сохторӣ бетаъсир намонд.

Самарабахшии идора ҳамчун категорияи илмӣ бештар дар маркази таваҷҷуҳи иқтисодшиносон қарор дорад. Дар назарияи идора самарабахшӣ дар бештар маврид ҳамчун натиҷанокии раванди таъсиррасонии субъект ба объект фаҳмида мешавад. Самарабахшии низоми идора ифодаи воқеӣ будани низоми идора, мухторият, сатҳи муташаккилӣ ва худидоракунии он, инчунин чандирӣ, мутобиқшавӣ ва якдилии коллективи ташкилотро дар назар дорад. Дар илми идорӣ солҳои охир баррасии тафриқавии самарабахшӣ вобаста ба намудҳои идора талқин мегардад.

Ба таври умум дар назарияи идораи давлатӣ ду фаҳмиш нисбати самарабахшӣ ташаккул ёфтааст. Фаҳмиши аввал байни идораи давлатӣ ва менеҷмент фарқияти назаррас намебинад ва самарабахширо ба таври классикӣ ҳамчун таносуби фатҳи мақсадҳои идорӣ бо ҳаҷми ҳар чӣ маҳдуди захоир маънидод мекунад. Фаҳмиши дуюми самарабахшии идора бештар тобиши сиёсӣ дорад. Аз ин нигоҳ идораи давлатӣ ҳамчун ҷанбаи муҳими фаъолияи давлатӣ баррасӣ мегардад, ки хислати ҳокимиятӣ ва вобастагии меъёрӣ-ҳуқуқӣ дорад. Ҳар ду нигоҳ ҳам ҷолиби диққат буда, ҷанбаҳои мусбию манфии ибратомӯз доранд.

Ҳангоми тавсифи самарабахшӣ ба инобат гирифтани хусусиятҳои идораи давлатӣ муҳим мебошад, зеро он аз дигар намудҳои идора куллан фарқ мекунад. Идораи давлатӣ – зуҳуроти сиёсию иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Нақши афзалиятнокро дар он роҳбарияти сиёсӣ ва сиёсат мебозад, ки ифодаи маҷмӯии манфиатҳои иҷтимоӣ баромад мекунад. Аз

ин рӯ, баррасии самарабахшӣ танҳо тавассути нишондиҳандаҳои анъанавии «маҳсул-хароҷот» ё «натиҷа-масраф» барои идораи давлатӣ кофӣ нест. Дар фаъолияти ташкилии давлат дарёфти таносуби натиҷа ва захираҳои гуногуни масрафшуда баҳри фатҳи мақсадҳои стратегии низоми сиёсӣ ва амалисозии манфиатҳои умумии давлатӣ фарз мебошад.

Самарабахшии идораи давлатӣ пайвасти дар маркази диққати назария ва амалияи идора қарор дорад. Гувоҳӣ он асари олимону коршиносони америкоӣ «Самарабахшии идораи давлатӣ» мебошад, ки ҳанӯз ибтидои солҳои 90 уми асри гузашта ба забони русӣ нашр шуда буд. Аҳамияти рӯзмараи масъаларо барои рушди идораи давлатии дилхоҳ кишвар таъкид намуда, дар сарсухан ба асари мазкур яке аз олимони намоёни соҳа - М.Холсер чунин андеша баён дошт: «Ояндаи сохторҳои демократии ҳокимият дар ҳама сатҳҳо аз бисёр ҷиҳат аз қобилияти онҳо дар шароити захоири қатъиян маҳдуд қонеъ гардонидани талаботи ҳамарӯзаи ҳар як шаҳрванд ва тамоми ҷомеа вобаста мебошад» [2, 17].

Масъалаи бештар таҳияшуда тақвияти самарабахшии шохаи иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба шумор меравад. Дар стандартҳои байналхалқӣ тадқиқот дар ин самт таҳти истилоҳи «public administration» маъмул мебошад. Маҳз вобаста ба ҳомилони маъмурияти умум ягонагии мавқеъ ҷиҳати самарабахшии идора ҳосил шудааст, ки бо истифодаи категорияҳои менеҷмент ва ҷустуҷӯи таносуби оқилонаи унсурҳои зерини он алоқаманд аст: сохтори муносиби ташкилӣ, расмиёти таҳияи қарорҳо ва назорати иҷрои онҳо, равандҳои тамоси тарафайн, тахассусгардонӣ ва кор бо ҳайат, тартиби баҳодиҳии натиҷаҳо ва ҷавобгарӣ, низоми пешбарии роҳбарон (лидерҳо) ва таъмини тамоси онҳо бо тобеъон. Ба ақидаи мо, ташкили равобити оқилонаи унсурҳои номбурда низоми миллии маъмуриро ташаккул дода, муҳити мусоидро баҳри самарабахшии идора ва мудирият фароҳам меоранд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳанӯз дар марҳилаи дуюми амалисозии чорабиниҳои СИСИД бо Фармони Президенти мамлакат аз 16 сентябри соли 2008 №541 боз як ҳуҷҷати муҳим тасдиқ шуд - Консепсияи такмили сохтори идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КТСИД). Санади мазкур, ки амалисозии дигаргунсозиҳои ташкилиро барои то соли 2018 дар назар дорад, ҳамчун ифодаи таҳаввулоти амиқ дар бунёди маъмурии кишвар арзёбӣ мегардад, зеро мазмуни он ба тасвиби принсипҳои «идоракунии судманд» дар Тоҷикистон нигаронида шудааст. Принсипи мазкур ибтидои солҳои 90 асри XX аз ҷониби Бонки Умумиҷаҳонӣ таҳияву пешниҳод шуда, зимни баҳогузорӣ ба раванди ислоҳоти идораи давлатӣ дар кишварҳои мухталиф ҳамчун омили арзишманд баҳри арзёбии самарабахшии идора ва натиҷанокии ислоҳоти он истифода мешавад [3, 12].

Раванди такмили минбаъдаи идораи давлатӣ маҳз мувофиқи талаботи принсипи «идоракунии судманд» роҳандозӣ мегардад, ки унсурҳои зерини арзишмандро дар бар мегирад: раванди пешгӯишаванда, ошкоро ва огоҳонаи қабули сиёсат; хизмати давлатии тобеи ахлоқи касбӣ; ҳокимияти иҷроияи барои амалҳои худ дар назди интихобкунандагон масъул; ҷомеаи фаъоли шаҳрвандӣ; волоияти қонун дар амали ҳамаи иштирокчиёни сиёсати давлатӣ.

Тибқи КТСИД мақсадҳои асосии такмили сохтори идораи давлатӣ аз инҳо иборатанд:

-дар сатҳи марказӣ, худудӣ ва маҳаллӣ ташаккул додани идоракунии низоми ҳокимияти иҷроия, ки ба принсипхои асосии идоракунии самарабахши давлатӣ мусоидат намуда, барои рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар шароити мусоид фароҳам меорад;

- ҷудо кардан ва мутаносибгардонии функсияҳо ва ваколатҳо байни сатҳҳои мухталифи идоракунӣ дар баробари аз нав тақсим намудани захираҳои моддӣ ва молиявӣ;

- ҷорӣ намудани механизмхое, ки ҳамбастагии нисбатан амиқи стратегияи дарозмуҳлатро бо раванди банақшагирӣ ва иҷрои буҷети давлатӣ, инҷунин нақшаҳои ҳарсола, стратегияҳои рушди соҳа ва барномаҳои сармоягузорӣ таъмин менамоянд;

- ҳамоҳангсозии рушди бахши давлатӣ ва хусусӣ дар маҷмӯъ бо мақсади ҳалли нақшаҳои афзалиятноки миллӣ дар робитаи зич бо рушди иқтисодӣ;

- тақвияти нақши ҳамоҳангсозии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон дар соҳаи идораи давлатӣ бо назардошти ташаккули системаи муосири рушди миллӣ;

- ноил шудан ба тақсимоти дақиқи функсияҳои хизматрасонӣ ба аҳолӣ, беҳбуди дастрасӣ ва сифати он;

- ҷорӣ намудани механизмҳои самараноки назорат ва ҳисобдиҳанда будани мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва роҳбарони онҳо;

- таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои низом, сохтор ва вазъи мақомоти ҳокимияти иҷроия, механизмҳои ҳамкории мутақобилаи онҳо, соҳаҳои идоракунӣ, инҷунин ҳисоботдиҳанда будан ва назорати фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ [7].

Айни замон ислоҳоти идораи давлатӣ тибци Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 идома дорад, ки тадбирҳоро дар самтҳои зерин дар бар мегирад: такмилдиҳии низоми идоракунии давлатӣ, рушди хизмати давлатӣ, рушди идоракунии молияи давлатӣ, идоракунии маҳал, таъмини самаранокии механизмҳои зиддикоррупсионӣ. Ҳадафи он амалисозии самараноки вазифаҳои давлат ва пешниҳоди хизматрасониҳои босифати давлатӣ ҷиҳати таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии бомуваффақияти кишвар изҳор мегардад, ки тавассути амалисозии барномаҳои панҷсолаи рушди миёнамуҳлат (солҳои 2016-2020, 2021-2025 ва 2026-2030) таъмин мегардад [4].

Дар доираи чорабиниҳои ислоҳоти маъмурӣ ба таври назаррас қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ такмил ёфт. Дар ин соҳа, бемуболиға, Тоҷикистон яке аз беҳтарин заминаҳои ҳуқуқиро дар миқёси ИДМ фароҳам овард. Тавассути қабули Қонун аз 5 марти соли 2007 «Дар бораи хизмати давлатӣ» ҷорӣ шудани озмун барои ишғоли мансабҳои маъмурии хизмати давлатии шаҳрвандӣ ва қарордоди меҳнатӣ - навгониҳои нисбатан назарраси муайянкунанда эътироф мегарданд, ки доктринаҳои маъмули илмӣ ва мафкураи анъанавии хизматиро куллан тағйир медиҳанд. Тағйиру иловаҳои муттаасил мазмуни Қонуни мазкурро такмил дода, бо мафҳумҳои нав, аз қабили бархӯрди манфиатҳо, манфиати давлатӣ, манфиати шахсӣ, баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ ва ғ. ғанӣ гардониданд [5].

Ҳамзамон, замона зарурати таҳкими минбаъдаи дастовардҳоро дар соҳаи хизмати давлатӣ тақозо менамояд. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки омили субъективӣ тавассути таъсири манфиатҳои идоравию гуруҳӣ зуҳур намуда, барои истифодаи ҳамаҷонибаи иқтидори навовариҳо имкон намедиҳад. Аз ин рӯ, эҳтиёҷ ба ниҳоди мустақили мухтор эҳсос мегардад, ки баргузории холисонаи озмунҳо ва дигар унсурҳои баҳодиҳии фаъолияти хизматиро таъмин намояд. Дар тарҳи тавсияшаванда мақомоти давлатӣ дар нақши «супоришдиҳандаи» кадрҳои сатҳи муайян баромад намуда, ниҳоди ташкили озмунҳо (дар мисоли муассисаи таҳсилоти олии касбии соҳавӣ – Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) ҳамчун «иҷрокунандаи» омодасозӣ

ва пешбарии кадрҳои барои амалия зарур зуҳур менамоянд. Масалан, ҳамин зайл тарҳ дар Ирландия муваффақона амалӣ мегардад [6, 54].

Баҳри ҷалби нерӯи коршиносӣ ба идора ва решакан кардани мафкураи фасоди хизматӣ давлат бояд ба корфармои самарабахшу муваффақ табдил ёбад. Чунин гузориши масъала қабули тавсияҳои илмиро ҷиҳати таъсиси дастгоҳи мукаммали маъмурӣ ва муносибагардонии шуморавии онро пеш мегузорад. Ба мисол, миқдори хизматчиёни давлатии шаҳрвандии кишвар аз меъёрҳои умуэътирофи идорӣ беш аз ду маротиба зиёд аст. Дар мавриди муносибати оқилона имконоти ихтисор намудани шумораи хизматчиёни давлатӣ мавҷуд мебошад, Ҳама маблағҳои сарфашударо метавон барои таъмини музди меҳнати арзандаи ҳайати боқимондаи хизматчиёни давлатӣ ва таҷҳизи моддию техникии дастгоҳ равон намуд.

Заминаи заифи илмии матраҳи проблемаҳои идорӣ барои ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ ва таҳкими дастовардҳо имкон намедиҳад. Барои ислоҳи вазъ дар навбати аввал муайян намудани «ҳалқаҳои» нисбатан заифи низоми идораи давлатӣ зарур мебошад. Ба андешаи мо, аксар муаммоҳои идорӣ аз сатҳи номатлуби ташкил ва фаъолияти ҳомилони ҳокимияти иҷроия манша мегиранд. Перомуни ин масъала мо андешаи худро дар доираи рисолаи алоҳида иброз дошта будем [7].

Ҳамин тавр, ислоҳоти идораи давлатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди миллӣ боқӣ мемонад. Камсамар будани фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, мавҷудияти сохторҳои такрорӣ, вазифаю фунсияҳои номукаммали идорӣ ва номувофиқатии сифати иҷрои онҳо ба эҳтиёҷу талаботи ҷомеа монеаҳои асосӣ дар таъмини рушди устувори кишвар мебошад. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки марказонияти қатъии амудии сохторҳои иҷроия ба таври худкор ба самарабахшии идораи давлатӣ намеорад. Тамаркузи идора ҳамчун омил баромад намуда, танҳо имконияти ба даст овардани натиҷаи дилхоҳро фароҳам меорад. Фатҳи ҳадафҳои идорӣ ба таври ҳалкунанда аз сифати нерӯи инсонӣ дар хизмати давлатӣ вобаста мебошад.

Унсури маркази самарабахшии идораидавлатӣ фаъолияти ҳомилони шохаи иҷроияи ҳокимияти давлатӣ баромад мекунад. Фаъолияти натиҷабахши мақомоти ҳокимияти иҷроия аз маҷмӯи омилҳо вобаста мебошад, ки байни онҳо нерӯи инсонӣ нақши муайянкунанда мебозад. Зимни идомаи ислоҳоти идораи давлатӣ таҳия ва анҷоми чорабиниҳои ташкилию ҳуқуқие муҳим мебошад, ки аз як тараф, ба иқтидори ҳайати касбии дастгоҳи маъмурӣ таҳким бахшанд ва аз тарафи дигар, таҷҳизи доимии маъмурияти давлатиро таъмин намоянд.

**Адабиёт**


1.Рахмонов Э. Ислоҳоти иқтисодӣ – тақозои замон. Душанбе, 1998.

2.Хольцер М. Производительность, государственное управление и демократия // Эффективность государственного управления. М., 1992. С.17

3.Мэннинг Н., Парисон Н. Реформа государственного управления: международный опыт. М., 2003.

4.Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2016. №6. М.530.

5.Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2007. №3. М.166.

6.Сороко А. Управление персоналом на государственной службе Ирландии// Государственная служба. 2011. №4.

7.Раззоков Б.Х. Государственная администрация Таджикистана на рубеже веков: правовые аспекты развития. Душанбе, 2011.

8.Портали Интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: https://portali-huquqi.tj

# РЕФОРМА ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ – ПРИОРИТЕТ НАЦИОНАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ

**РАЗЗОКОВ БАХОДУР ХАЁТОВИЧ,**
доктор юридических наук, профессор
кафедры коммерческого и антикоррупционного права
Таджикского государственного университета коммерции.
734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти ½.
Тел.: (+992) 918-61-79-80. E-mail: razzokov_b@mail.ru.

*Статья посвящена процессу реформирования государственного управления в Таджикистане, признанного одним из приоритетов стратегии национального развития. В ней обращается внимание на положительные стороны организационно-правовых преобразований и вместе с тем, отмечается, что в силу методологических ошибок ряд мер не нашли последовательного воплощения либо не дали желаемого эффекта. Подобное положение не позволяет всесторонне использовать потенциал нововведений и создает препятствия последовательному развитию страны. Внесены предложения по устранению допущенных упущений.*

***Ключевые слова:*** *государственое управление, этапы реформы государственного управления, хорошее управление, государственная служба.*

# REFORM OF THE PUBLIC ADMINISTRATION – PRIORITY OF THE NATIONAL DEVELOPMENT

**RAZZOKOV BAKHODUR HAYOTOVICH,**
Doctor of Law, Professor of the Department of Commercial
and Anti-Corruption Law of the Tajik State University of Commerce.
734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, ½, Dehoti str.
Phone: (+992) 918-61-79-80. E-mail: razzokov_b@mail.ru.

*The article is devoted to the process of reforming public administration in Tajikistan, recognized as one of the priorities of the national development strategy. It draws attention to the positive aspects of organizational and legal transformations and, at the same time, notes that due to methodological errors, a number of measures have not been consistently implemented or have not given the desired effect. This situation does not allow the full use of the potential of innovations and creates obstacles to the consistent development of the country. Proposals have been made to eliminate the omissions.*

***Key words:*** *public administration, stages of public administration reform, good governance, civil service.*

УДК: 342.9

# ҶУДО НАМУДАНИ ШИКОРИ ҒАЙРИҚОНУНӢ АЗ ТАРКИБҲОИ МУҶОВИР ВА ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲОИ МАЪМУРӢ

**ШАРИПОВ ТАҚДИРШОҲ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедари ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
**ХОМУШОВ ИЛҲОМ ИСЛОМОВИЧ,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.

*Масъалаҳои вобаста ба фарқ кардани ҷиноятҳо аз ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аксар вақт дар амалияи судӣ ва тафтишотӣ ба вуҷуд меояд. Дар чунин ҳолатҳо талаб карда мешавад, ки мувофиқати дақиқи байни аломатҳои кирдори содиршуда ва аломатҳои таркибии ҷиноят, ки дар меъёри қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, муқаррар ва қонунан мустаҳкам карда шавад, ба ибораи дигар, дуруст банду баст намудани кирдорро талаб менамояд. Баррасии масъалаҳои тафовути ҳуқуқвайронкуниҳои марбут ба ҳамин гуна ҳуқуқвайронкуни муҷовир барои банду басти дақиқ аҳамияти калон дорад. Ҳангоми омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба шикори ғайриқонунӣ ва ҳукмҳои айбдоркунии судҳо дар ин категорияи парвандаҳо, муайян мегардад, ки мушкилоти бештар дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз ҳисоби масъалаҳои тафовути ҷиноят аз ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба амал меояд. Муаллифон дар мақола ба таври пурра дар заминаи адабиёти илмӣ ва қонунгузорӣ масъалаҳои тафовути ҷинояти шикори ғайриқонунӣ аз дигар ҷиноятҳо, инчунин аз ҳуқуқвайрониҳои алоҳидаи маъмуриро мавриди таҳлил қарор додаанд, ки масъалаҳои мазкур дар мавриди банду басти ҷинояти шикори ғайриқонунӣ аҳамияти муҳим доранд.*

***Калидвожаҳо:*** *ҷиноят, ҳуқуқвайронкунӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҷиноятҳои экологӣ, шикор, шикори ғайриқонунӣ, банду басти ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ, шикори ғайриқонунии ҳайвоноти обӣ, экотсид.*

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба муайян кардани маҳак (маҳакҳо), ки ҷиноятро аз ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ фарқ мекунад, ягонагӣ вуҷуд надорад. Аксар муаллифон аломатҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро ҳамчун хавфи ҷамъиятӣ (зарар, зараровар), ғайриқонунӣ, гунаҳкорӣ ва ҷавобгарии маъмурии кирдор муайян мекунанд. Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳси на он қадар калон ин ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мансуб донистани хавфи ҷамъиятӣ мебошад.

Гурӯҳи якуми олимон ба он ақида ҳастанд, ки хавфи ҷамъиятӣ нишонаи ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ аст [4,с.316]. Гурӯҳи дуввуми олимон чунин мешуморанд, ки хавфи ҷамъиятӣ танҳо ба ҷиноят хос аст [14,с.38]. Баъзе олимон [9,с. 67] чунин мешуморанд, ки ҳам ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҳам ҷиноятҳо хавфи ҷамъиятӣ доранд, аммо аз рӯи дараҷаи он фарқ мекунанд.

Чунин масъалаҳо мавриди таҳқиқи бисёр олимон қарор гирифтанд, ки мушкилоти муайяни марбут ба ҷудокунии ҷиноятҳои экологиро қайд карданд, аз ҷумла, шикори ғайриқонунӣ аз ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ [6, с.17, 10]. Тибқи гуфтаи В.В. Петров, аломати фарқкунандаи ин ҳуқуқвайронкуниҳо мавҷудияти хавфи ҷамъиятӣ дар ҷиноят мебошад, дар ҳоле ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо зарари ҷамъиятӣ хос аст [11, с.309]. Вай таъкид менамояд, ки сатҳи чунин хавф (зарар)-ро қонун бо роҳи тавсифи таркиби ҳуқуқвайронкунии экологӣ муайян мекунад, ки барои он ҷавобгарии ҷиноятӣ ё маъмурӣ пешбинӣ шудааст. Агар таркибҳо мувофиқат кунанд, пас дараҷаи баландтари хавфи

ҷамъиятию экологӣ бо ворид кардани хусусияти иловагӣ таъкид карда мешавад [12, с.64].

Ба ақидаи Э.Н. Жевлаков хавфи ҷамъиятӣ хусусияти маҷмӯии аломатҳои объективии ҷиноят мебошад, ки дар якҷоягӣ хусусиятҳои кирдорро муайян мекунанд ва танҳо дар якҷоягӣ бо аломатҳои дигар баҳогузорӣ карда мешаванд. Ҳалли масъалаи фарқ кардани ҷиноятҳои экологӣ ва таркибҳои ҳамҷавор дар сурате содда карда мешавад, ки омилҳои ба дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷиноятҳо таъсиркунанда аз ҷониби қонунгузор ҳангоми диспозитсия меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба назар гирифта шаванд. Аксар вақт, онҳо оқибатҳои кирдор ва андозаи онҳоро нишон медиҳанд, такрори вайронкунии қоидаҳо, тарзи кирдор, шакли гунаҳгориро нишон медиҳанд [6, с.17].

В.Кулков оид ба ин масъала чунин ақида дорад, ки ҳангоми фарқ кардани амалҳои ҷиноятӣ ва ғайриҷиноятӣ на танҳо хавфи ҷамъиятӣ, балки мазмуни онро ба назар гирифтан лозим аст. Дар ин асос, дараҷаи (камтар ё зиёдтар) хавфи ҷамъиятии шикори ғайриқонунӣ аз бисёр омилҳо, ба монанди объект ва предмети таҷовуз, воситаҳо, усулҳо ва тарзҳо, вақт ва макон, ҳаҷми зарари расонидашуда, шахсияти гунаҳгор ва ҳолатҳои дигар вобаста аст [8, с.14].

Дар навбати худ, ба хусусиятҳое мавҷуданд, ки дараҷаи бузурги хавфи ҷамъиятии шикори ғайриқонуниро муайян мекунанд ва аз ин рӯ, ҷавобгарии ҷиноятии онро муайян мекунанд, аз ҷумла такрори вайронкуниҳо, истихроҷи намудҳои арзишноки ҳайвонот (моҳӣ), истифодаи асбобҳо ва усулҳои умуман хатарнок, дар ҳудуди мамнуъгоҳҳо, парваришгоҳҳои олами ҳайвонот ва ғайра. Ба нишонаҳое, ки дараҷаи камтарини хавфи ҷамъиятиро муайян мекунанд ва боиси ҷавобгарии маъмурӣ мешаванд: бори аввал содир намудани шикори ғайриқонунӣ ва ба шарте ки он бо асбобҳо ва усулҳои иҷозатдодашуда дар ҷойҳои муқарраршуда анҷом дода шавад ва агар маҳсулот ба миқдори кам ба даст оварда шуда бошад, мансуб дониста мешавад.

Бояд зикр кард, ки аз банду басти дурусти ҷиноят тибқи м. 232 Кодекси ҷиноятии ҶТ (минбаъд КҶ ҶТ) [1], ҳалли як қатор масъалаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ вобаста аст:

1) ҳисоб кардани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан (м. 75 КҶ ҶТ);

2) ҳалли масъалаи аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардани шахс (м. 72-75 КҶ ҶТ);

3) таъин кардани ҷазои муассир ба судшаванда, зеро банду басти хато метавонад боиси таъин кардани ҷазои беасоси сабук ё баръакс, ба гунаҳгор беасос вазнин гардад;

4) таъин кардани намуди муассисаи ислоҳӣ ба шахси маҳкумшуда;

5) имконияти ба маҳкумшуда татбиқ кардани намудҳои гуногуни озодкун намудан аз ҷазо (моддаҳои 76-81 КҶ ҶТ).

Қонунгузор дар қ. 1 м. 232 КҶ ҶТ, пешбинӣ шудааст, шаклҳои хавфноки вайронкунии қоидаҳои шикор (ба истисноӣ ҷинояти дар б. “а” қ. 1 м. 232 пешбинишуда, ки дар он қоидаҳои дигар вайрон карда мешаванд), дараҷаи баланди ҷамъиятӣ доранд.

Ба андешаи А.М. Плешаков «аз нигоҳи назариявӣ масъалаи асосӣ дар робита бо ҷиноятҳои экологӣ ва дигар ҷиноятҳо, таносуби онҳо аст. Дар амал ин мушкилот ба сабаби фарқияти меъёрҳои коллизионии Кодекси ҷиноятӣ ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар самти тафриқаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳифзи муҳити зист асоснок аст” [13, с.193].

Боби 13-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ (минбаъд КҲМ ҶТ) [2] ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дар соҳаи соҳаи ҳифзи олами ҳайвонот ва наботот муайян намудааст. Ин боб таркиби ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дар бар мегирад, ки бояд аз таркиби шикори ғайриқонунии дар м. 232 ҶТ пешбинишуда, махсусан аз риоя накардани қоидаҳои шикори ҳайвонот ва моҳигирӣ (моддаи 208 КҲМ ҶТ) фарқ карда шавад.

Шикори ғайриқонунӣ (м. 232 КҶ ҶТ) ва вайронкунии қоидаҳои шикор (қисми 1 моддаи 208 КҲМ ҶТ) бо чунин асосҳо фарқ карда мешавад:

– расонидани зарари калон;

– истифодаи воситаи нақлиёт ё ҳавопаймоҳои идорашаванда, маводи тарканда, газҳо ё дигар усулҳои қатли оммавии парандагон ва ҳайвонот;

– содир кардани кирдор бар зидди парандагон ва ҳайвоноте, ки шикори онҳо комилан манъ аст;

– содир кардани кирдор дар минтақаи табиии махсус муҳофизатшаванда, минтақаи офатҳои экологӣ ё минтақаи фавқулоддаи экологӣ.

Ҳамин тариқ, шикори ғайриқонунӣ бояд ҳамчун шикори ба ҷавобгарии ҷиноятӣ таъминшуда, ки тибқи ҳолатҳои дар қ. 1 м. 232-и КҶ ҶТ пешбинишуда содир шудааст, фаҳмида шавад, яъне кирдорҳое содир карда мешаванд, ки ҳангоми содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мутобиқи м. 208 КҲМ ҶТ, вайрон кардани қоидаҳои шикор мебошад. Яъне, маҳаки фарққунанда аломатҳои дар қонуни ҷиноятӣ пешбинишуда дуруст эътироф карда мешаванд.

Илова бар он ки шикори ғайриқонунӣ аз ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии мушаххас ҷудо карда мешавад, он бояд аз таркибҳои муҷовир ҷудо карда шавад. Ду гуруҳи ҷиноятҳои марбут ба шикори ғайриқонуниро ҷудо кардан мумкин аст:

1) ҷиноятҳои экологӣ;

2) ҷиноятҳои дигаре, ки ҷавобгарии онҳо тибқи меъёрҳои дар фаслҳо ва бобҳои дигари КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст.

Гуруҳи якум, таркиби ҷиноятиеро дар бар мегирад, ки меъёрҳои ҷавобгарӣ барои онҳо дар боби 24 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд. Дар байни онҳо таркиби ҷиноятҳои экологӣ фарқ карда мешавад, ки дар баробари шикори ғайриқонунӣ, гуруҳи ҷиноятҳое дохил мешаванд, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи ҳифз ва истифодаи оқилонаи олами набототу ҳайвонот вайрон мекунанд.

Дар ҳамин замина, шикори ғайриқонунӣ бояд аз таркибҳои зерин ҷудо карда шавад: 1) сайди ғайриқонунии ҳайвоноти обӣ (м. 230 КҶ ҶТ); 2) нобуд кардани макони дар вазъияти басо хатарнок қарордоштаи зисти организмҳо, ки ба Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудаанд (м. 233 КҶ ҶТ); 3) вайрон кардани низоми ҳудудҳо ва объектҳои табиии махсус ҳифзшаванда (м. 236 КҶ ҶТ).

Гуруҳи дуюм, таркиби ҷиноятиеро дар бар мегирад, ки меъёрҳои ҷавобгарӣ барои он на дар боби 24, балки дар фаслҳо ва бобҳои дигари КҶ ҶТ муқаррар шудааст. Дар ин гуруҳ шикори ғайриқонунӣ бояд аз: 1) ҷиноятҳо муқобили моликият (боби 26 КҶ ҶТ); 3) экотсид (моддаи 400 КҶ ҶТ) фарқ карда шавад.

Ҳангоми баррасии масъалаҳои тафовути шикори ғайриқонунӣ аз таркибҳои дигари муҷовир, таваҷҷӯҳи бештари олимоне, ки ин масъаларо баррасӣ менамоянд, ба масъалаи таносуби меъёрҳои пешбининамудаи моддаҳои 232 ва 230 КҶ ҶТ равона карда шудааст. Таркибҳои зикршуда бояд мувофиқи предмети таҷовузи ҷиноятӣ ҷудо карда шаванд.

Дар м. 230 КҶ ҶТ предмети ҷиноятро, яъне ҳайвоноти обиро мустақиман нишон медиҳад. Ҳайвоноти обӣ дар якҷоягӣ бо намудҳои ҳайвоноти заминӣ дар ҳолати озодии табиӣ, қисми таркибии олами ҳайвонот ва мувофиқан, ҷузъи муҳити зист мебошанд. Ба ҳайвоноти обӣ моҳӣ, сутунмӯҳраҳои обӣ, ширхӯрон дар об, дигар ҳайвонот ва растаниҳои обиро, ки дар ҳолати озоди табиӣ қарор доранд, дар бар мегирад.

Хусусияти муҳимтарин, ки ҳайвоноти обӣ аз дигар намудҳои ҳайвонот фарқ мекунад, дар он аст, ки фаъолияти ҳаётии онҳо бо чунин муҳит, ба монанди минтақаи об ва хосатан обанбор алоқаи ногусастанӣ дорад [7, с.75].

Шикори ғайриқонунии ҳайвоноти обӣ бояд тибқи қ. 1 м. 230 КҶ ҶТ банду баст карда шавад. Шикори ғайриқонунӣ ва сайди ғайриқонунии ҳайвоноти обӣ як намуди шикори ғайриқонунӣ мебошад, ки онҳоро наздикии предмети мустақими таҷовуз, табиати умумии амал, ки ҷониби объективӣ мебошанд, шахсияти шакли гуноҳ ва хавфи ҷамъиятӣ тақрибан баробар аст. Масалан, дар м. 202 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, барои вайрон кардани тартиби истифодаи ҳаёти ҳайвонот ё наботот ҷавобгарӣ муқаррар шудааст, яъне ин модда ҳам шикори ғайриқонунӣ ва ҳам сайди ғайриқонунии ҳайвоноти обиро дар бар мегирад.

Бо назардошти шабоҳати хусусиятҳои объективӣ ва субъективии м. 232 ва 230 КҶ ҶТ, ҷудокунии ин таҷовузҳо бояд дар предмети ҷиноят сурат гирад. Предмети шикори ғайриқонунӣ, ҳайвонот ва паррандаҳои ваҳшӣ мебошанд, ки дар ҳолати озодии табиӣ қарор доранд. Дар навбати худ, мавзӯи шикори ғайриқонунии ҳайвоноти обӣ захираҳои биологии обӣ мебошад, ки арзиши тиҷорӣ доранд ва надоранд. Ба онҳо, аз ҷумла захираҳои моҳӣ, бесутунмӯҳраҳои обӣ, ширхӯрони обӣ, балгаҳо, дигар растаниҳои обӣ ва ҳайвонот, ки дар обҳои дохилӣ, баҳри ҳудудӣ, дар шельфи континенталӣ, дар минтақаи истиснои иқтисодии ҶТ, минтақаҳои маъмулӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Аз нуктаи назари қонуни ҷиноятӣ, номгӯи ҳайвоноти обӣ аҳамияти калон дорад, зеро мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамеша бо принсипи инъикоси дақиқ ва пурра дар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии як мафҳум алоқаманд мебошанд (дар ин ҳолат мо номгӯи намудҳои ҳайвоноти обӣ). Азбаски риоя накардани ин муқаррарот метавонад боиси ихтилофоти баҳсноки ҳуқуқӣ, аз ҷумла ба номукаммалии номгӯи дар боло овардашуда гардад. Ҳамин тавр мешавад, ки як ҳайвони обӣ метавонад якчанд номҳои дар биология истифодашударо дошта бошад ва баъдан бо тасвири номуайян дар қоидаҳои дахлдор дошта бошад.

Илова бар ин, бояд дар назар дошт, ки муқаррароти муҳим барои татбиқи м. 230 КҶ ҶТ дар санадҳои мақомоти маҳаллӣ, ки мӯҳлати сайд кардани моҳӣ ва дигар ҳайвоноти обӣ, ҷойҳои сайд, моҳидорӣ, тартиби додани иҷозатномаро муайян мекунанд, меъёрҳои ҳисоб кардани андозаи ҷазоро муқаррар мекунанд барои зарар, манъ ва маҳдудиятҳои гуногуни сайди захираҳои биологии оби маҳалро пешбинӣ кунанд.

Шикори ғайриқонунии дар минтақаи махсус ҳифзшаванда (банди “в”, қ. 1 м. 232 КҶ ҶТ) бояд аз вайрон кардани низоми ҳудудҳо ва объектҳои табиии махсус ҳифзшаванда (м. 236  КҶ ҶТ) фарқ карда шавад. Фарқи байни шикори ғайриқонунӣ ва ҷиноят тибқи м. 236 Кодекси ҷиноятӣ (вайрон кардани низоми ҳудудҳо ва объектҳои табиии махсус ҳифзшаванда).

Ин фарқият бояд бо роҳи таҳлил ва муқоисаи унсурҳои мувофиқи унсурҳои таркибҳои зикршуда ва пеш аз ҳама, мувофиқи тарафи объективии онҳо амалӣ карда шавад. Тарафи объективии м. 236 КҶ ҶТ вайрон кардани низоми мамнӯъгоҳҳо, парваришгоҳҳо, боғҳои миллӣ, ёдгориҳои табиат ё дигар ҳудудҳои табиии аз ҷониби давлат махсус ҳифзшаванда, ки боиси расонидани зарари ҷиддӣ гардидааст, аз ҷумла амалҳое, ки реҷаи гидрологии заминҳоро тағйир медиҳанд; кашф ва коркарди маъданҳо; шикор; шудгор кардани замин ва гайра.

Оқибатҳои ин ҷиноят зарари назаррас ба минтақаҳо ва объектҳои махсус ҳифзшаванда мебошанд. Онро дар хароб кардани маҷмааҳои инфиродӣ ва ёдгориҳои табиӣ, бад шудани вазъи онҳо, сайди ҳайвоноте, ки дар ин ҳудудҳо зиндагӣ мекунанд ва ғайра ифода кардан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, ки диспозитсияи м. 236 КҶ ҶТ ҷавобгариро барои шикори ғайриқонунӣ дар ҳудуди минтақаҳои махсуси муҳофизатшаванда, боиси расонидани зарари ҷиддӣ пешбинӣ мекунад. Моддаи 3 Қонуни ҶТ  “Дар бораи ҳудудҳои табиии махсуси муҳофизатшаванда” аз 26 декабри соли 2011, №788 [3], категорияҳои ҳудудҳои

табии махсус муҳофизатшавандаро муайян кардааст, ки мутаносибан маҳалли ҷиноят тибқи м. 236 КҶ ҶТ ҳисобида мешавад.

Вобаста ба ин, имконоти имконпазири банду баст кирдорҳои ҳуқуқии ҷиноятиро дар ҳолатҳои шикори ғайриқонунӣ, ки дар минтақаҳои махсус ҳифзшаванда содир шудаанд, баррасӣ кардан зарур аст. Дар ин ҳолат, бояд касе аз муқаррароти дар м. 20 КҶ ҶТ пешбинишуда ба роҳбарӣ гирифта шавад. Дар қисми 1 ҳамин модда муқаррар карда шудааст, ки содир кардани ду ё зиёда аз он кирдори ҷиноятии дар моддаҳои гуногун ё қисмҳои мухталифи ҳамон моддаҳои Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинигардида, ки шахс барои ҳеҷ кадоми он маҳкум нашудааст, маҷмӯи ҷиноят эътироф мешавад. Дар айни замон ҷиноятҳое, ки шахс барои содир кардани онҳо тибқи асосҳои муқаррарнамудаи қонун аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шудааст, ба назар гирифта намешаванд. Мувофиқи қ. 4 м. 20 КҶ ҶТ агар ҷиноят аз ҷониби меъёрҳои умумӣ ва махсус пешбинӣ шуда бошад, он гоҳ маҷмӯи ҷиноят ҷой надорад ва ҷавобгарии ҷиноятӣ дар асоси меъёри махсус ба миён меояд.

Ҳангоми рақобати меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар тарафи объективӣ моддаи қонуни ҷиноятӣ татбиқ карда мешавад, ки дар он аломатҳои тарафи объективии кирдори содиршуда пурратар пешбинӣ шудаанд. Ҳамин тариқ, дар моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ якчанд қоидаҳои банду басткунандаро ҷудо кардан мумкин аст:

1) Агар ҷинояткор дар ҳудуди мамнӯъгоҳ ё парваришгоҳи ҳайвоноти ваҳшӣ шикори ғайриқонунӣ содир кунад, кирдори ӯ бояд танҳо мутобиқи м. 232 КҶ ҶТ (мувофиқи қоидаҳои рақобати меъёрҳои умумӣ ва махсус).

2) Агар шикори ғайриқонунии ҳайвоноти ваҳшӣ (дар сурати мавҷуд будани аломатҳои ҷиноят тибқи м. 232 КҶ ҶТ) дар ҳудуди минтақаҳои махсус ҳифзшаванда, ба истиснои мамнӯъгоҳ ва парваришгоҳ анҷом дода шуда бошад, пас кирдор бояд тибқи м. 232 ва 236 КҶ ҶТ банду баст карда шавад.

Ҳангоми банду басти ҷиноятҳо дар доираи м. 236 Кодекси ҷиноятӣ, судҳо бояд дар хотир дошта бошанд, ки агар шахси гунаҳкор дар қаламрави мамнӯъгоҳ ё мамнӯъгоҳи ҳайвоноти ваҳшӣ шикори ғайриқонунӣ ё истеҳсоли ғайриқонунии ҳайвоноти обиро содир кунад, амали ӯ бояд танҳо тибқи м. 230 ё 232 КҶ ҶТ баҳогузорӣ шавад. Агар шикори ғайриқонунии ҳайвонот дар ҳудуди минтақаҳои махсус муҳофизатшаванда, ба истиснои мамнӯъгоҳ ва парваришгоҳи олами ҳайвонот, дар сурати мавҷуд будани аломатҳои дигари ҷиноят ҷавобгари тибқи м. 230 ё 232 КҶ ҶТ ба вуҷуд меояд.

Барои таҳлили муқоисавии шикор чунин аломатҳои онро чудо кардан мумкин аст: а) шикор дар ҷойҳои мамнӯъ (м. 208 КҲМ ҶТ) ва шикор дар ҳудуди мамнуъгоҳ, парваришгоҳ ё минтақаи офатҳои экологӣ ё минтақаи фавқулоддаи экологӣ (моддаи 232 КҶ ҶТ); б) шикор бо асбобҳо ва усулҳои мамнӯъ (қ. 2 м. 208 КҲМ ҶТ) ва шикор бо истифода аз воситаи нақлиёт ё ҳавопаймо, моддаҳои тарканда, газҳо ё дигар усулҳои қатли оммавии паррандагон ва ҳайвонот (м. 232 КҶ ҶТ); в) нобуд кардани намудҳои нодир ва нобудшавандаи ҳайвонот (м. 207 КҲМ ҶТ) ва шикори ғайриқонунӣ нисбат ба паррандаҳо ва ҳайвонот, ки истихроҷи онҳо комилан манъ аст (м. 232 КҶ ҶТ); г) расонидани зарари калон (м. 232 КҶ ҶТ).

1) Ҷудо кардани шикор дар ҷойҳои мамнӯъ (м. 208 КҲМ ҶТ) ва шикор дар ҳудуди мамнӯъгоҳ, мамнуъгоҳ ё минтақаи офатҳои экологӣ ё минтақаи фавқулоддаи экологӣ (моддаи 232 КҶ).

Ҳангоми қабули қарор дар бораи “мақом”-и ҷои ҷиноят бояд ин мафҳумҳои мамнӯъгоҳ, парваришгоҳ ё минтақаи офатҳои экологӣ ё минтақаи фавқулоддаи экологӣ

ба назар гирифта шаванд. Ин номгӯй мукаммал аст ва ба тафсири васеъ ниёз надорад. Дар натиҷа, шикор дар ин ҳудудҳо ҷавобгарии ҷиноятиро ба вуҷуд меоранд.

Ҷавобгарии маъмурӣ барои шикор дар ҷойҳои мамнӯъ, ки шикор бо қоидаҳои шикор иҷозат дода нашудааст (яъне ҷойҳое, ки шикоргоҳ нестанд), ба истиснои чор категорияи ҳудуди дар боло нишондодашуда, ба миён меояд. Тибқи тартиботи маъмурӣ шикор дар боғҳои миллӣ, боғҳои ботаникӣ, минтақаҳои сабз, ҷангалҳои гуруҳи якум ҷазо дода мешавад. Ҳамзамон, ин номгӯ заминҳои шаҳракҳо, заминҳои таъиноти кишоварзӣ то охири ҷамъоварии маҳсулот, саноат ва нақлиёт, минтақаҳои ҳифзи санитарии корхонаҳои саноатӣ, минтақаҳои муҳофизатии қубурҳои магистралӣ, хатҳои алоқа, тасмаҳои фурудгоҳ, атрофҳои ҳифзи санитарии истироҳатгоҳҳо, парвариши моҳӣ, ҳудудҳои қисмҳои ҳарбӣ, объектҳои обе, ки ҳамчун ёдгориҳои табиӣ эътироф шудаанд ва ғайраро дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, қонун асосҳои ҷудо намудани ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятиро дар асоси аломати аввал ба таври возеҳ баён кардааст. Дар натиҷа, масъалаи ба намуди дахлдори ҷавобгарӣ кашидани шахс вобаста аз маҳалли шикори ғайриқонунӣ бояд ягона ҳал карда шавад.

2) Шикор бо асбобҳо ва усулҳои манъшуда (м. Қ. 2 м. 208 КҲМ ҶТ) ва шикор бо истифодаи воситаи нақлиёт ё ҳавопаймо, аз маводи тарканда, газҳо ё дигар усулҳои қатли оммавии паррандагон ва ҳайвонот (моддаи 232 КҶ ҶТ).

Номгӯи асбобҳо ва усулҳои манъшудаи шикор, ки истифодаи онҳо ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад, дар м. 26 Қонуни ҶТ “Дар бораи шикор ва хоҷагии шикор” пешбинӣ шудааст, инҳо дохил мешаванд: Ба усул ва олоти манъшудаи шикор мансубанд: ба кор бурдани усул ва олоти шикорие, ки дар натиҷаи истифодаи онҳо муайян кардани намуди ҳайвони шикоргардида имконнопазир гашта, хатари шикори намудҳои ҳайвоноти ваҳшии шикорашон манъшуда вуҷуд дорад; истифодаи силоҳи ҷангӣ ва лавозимоти он; истифодаи асбобҳои нурафкан (равшанидиҳанда), маводи тарканда, доруҳои заҳрноки кимиёвӣ, ширеш ва чоҳ; гузоштани дому қапқонҳое, ки дасту по ва гардани ҳайвонро мефишуранд, аз ҷумла барои шикори хирсу гург, силовсину қашқалдоқ ва рӯбоҳ; шикор кардан бо истифода аз чархбол, нақлиёти автомобилӣ ва барфрав; истифодаи дастгоҳҳои барқӣ (электрошок).

Дар баробари ин, ба олоти барои шикор иҷозатдодашуда инҳо дохил мешаванд: силоҳи оташфишон бо тири мувофиқ, ки махсус барои шикор пешбинӣ шудааст; банду дом барои ба тарзи анъанавӣ дошта гирифтани тазарв ва кабку бедона; қапқонҳо барои шикори суғур ва ҳайвони дарранда, ба шарте ки ҳайвон зинда монад ва осеб набинад ё зуд кушта шавад; паррандаҳои шикорӣ сагҳои шикорӣ.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили ин аломатҳои ба ҳам алоқаманд маълум мешавад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ бояд дар ҳолатҳои дар банди «б»-и қисми 1 моддаи 232 КҶ ҶТ зикршуда ҳангоми истифодаи нақлиёт ё ҳавопаймо, таркиш, баҳои дахлдор аз ҷониби корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба миён меояд.

3) Барои нобуд кардани ҳайвоноту набототи нодири ба Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшуда, ки таҳти хатари нестшавӣ қарор доранд ё нобуд кардани ҷойи тухмгузорӣ, тухм, лона ва иншооти дигар ё содир намудани кирдорҳои дигаре, ки метавонанд боиси несту нобуд, ҳалокат, камшумор шудан ё халалдор шудани муҳити зисти ҳайвонот ва наботот гарданд ё кирдорҳое, ки бо сабаби риоя накардани шартҳои шикору истифодаи чунин ҳайвонот ва наботот содир шудаанд, моддаи 207 КҲМ ҶТ ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ намудааст. Шикори гайриконунии паррандагон ва ҳайвонот, ки шикори онҳо комилан манъ аст, дар асоси моддаи 232 КҶ ҶТ мавриди ҷазои ҷиноятӣ қарор дода мешавад. Мувофики моддаи 63 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳифзи муҳити зист” растанӣ ва ҳайвоноте, ки ба Китоби Сурх дохил карда шудаанд, бе истисно

аз истифодаи хоҷагидорӣ ва истифодаи дигар гирифта мешаванд. Фаъолияте, ки боиси кам шудани ин намуди растанӣ ва ҳайвонот, бадшавии вазъи муҳити сукунати онҳо мегардад, манъ мебошад.

Барои шикори ғайриқонунии ин паррандаҳо ва ҳайвонот тибқи банди «в» қ. 1 м. 232 ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда мешавад. Аммо, бо ворид намудани моддаи. 207 дар КҲМ ҶТ, ки ҷавобгариро барои нест кардан, инчунин забти ҳайвоноти ба Китоби Сурх номбаршударо бе иҷозати дахлдор пешбинӣ мекунад, дар бораи доираи ин моддаҳо савол ба миён меояд.

Ҳамин тавр, аз таҳлили м. 210 КҲМ ҶТ чунин бармеояд, ки ҷавобгарии маъмурӣ барои амалҳои зерин ба вуқӯъ меояд: риоя накардани тартиботи муқarrаргардидаи ҷамъоварӣ, харид, интиқол, қабул ва фурӯши объектҳои олами ҳайвоноту наботот ва маҳсулати онҳо, мева, қисмҳо ва маҳсулоти онҳо, нигоҳдорӣ ва истифодаи воситаҳои ҳифзи растанӣ, моддаҳои афзоишдиҳандаи онҳо, нуриҳои маъданӣ ва дигар моддаҳо, ки ба объектҳои олами ҳайвоноту наботот зарар мерасонанд. Ҳамзамон, як қатор амалҳо аз рӯйхати дар боло овардашуда, ба монанди нобудкунӣ, хариди ҳайвонот, ки ба Китоби Сурхи ҶТ дохил карда шудаанд, инчунин халалдор кардани маҳалли онҳо ҷазои ҷиноятӣ доранд. Ҳамин тавр, аз ҷумла, ҷавобгарии ҷиноятӣ ба миён меояд:

– тибқи м. 230 ва 232 КҶ ҶТ ҳангоми нобуд кардан ва забти ҳайвонот (аз ҷумла ҳайвоноти обӣ), ки ба Китоби Сурхи ҶТ шомил шудаанд, ки дар ҳолати озодии табиӣ қарор доранд;

– тибқи м. 233 Кодекси ҷиноятӣ дар ҳолати нобуд кардани макони зисти организмҳое, ки ба Китоби Сурхи ҶТ шомил карда шудаанд. Ин масъалаеро ба миён меорад, ки дар кадом ҳолатҳо м. 207 КҲМ ҶТ ва дар кадом ҳолат моддаҳои КҶ ҶТ татбиқ карда мешавад? Забт ё нобуд кардани ҳайвонотро, ки ба Китоби Сурхи ҶТ шомил шудаанд, ҳамчун зарари калон ба объектҳои олами ҳайвонот ҳисобида мешавад. Дар натиҷа, ба даст овардан ва нобуд сохтани онҳо хавфи афзояндаи ҷамъиятиро ба миён меорад, бинобар ин, чунин амалҳо бояд ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ ва ҷавобгарӣ бо назардошти вазнинии ҷиноят, бо моддаҳои қонуни ҷиноятӣ арзёбӣ карда шаванд.

Ҳамин тариқ, он кирдорҳое, ки дар ин ҳолат бо қонунгузории ҷиноятӣ (нобудкунӣ, харид) алоқамананд, бояд аз диспозитсияи моддаи 207 КҲМ ҶТ хориҷ карда шаванд.

Ҳамзамон, дар амал, ҳолатҳои дигари амалҳое, ки қоидаҳои муқarrаршударо нисбат ба объекти олами ҳайвонот, ки ба Китоби Сурхи ҶТ шомил шудаанд, ҷорӣ мекунанд, ки барои онҳо ҷавобгар ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб кардани шахсони гунаҳгор бо назардошти он ки дар натиҷаи шикори онҳо, ин ҳайвонот нобуд карда намешаванд ва аз зист хориҷ карда намешаванд, кифоя аст. Чунин кирдорҳо бояд инҳоро дар бар гиранд: амалҳое, ки метавонанд боиси марг, коҳиш ёфтани шумора ва ё вайрон шудани зисти ҳайвонот дар Китоби Сурхи ҶТ воридшуда, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, харид, фурӯш, фиристодани ҳайвонот ё растаниҳои номбурда, онҳо маҳсулот, қисмҳо ё ҳосилаҳои бе иҷозати дахлдор ва ғайра.

Дар айни замон, бояд дар назар дошт, ки амалҳое, ки метавонанд боиси марг, кам шудани саршумор ё вайрон кардани макони ҳайвонот мегарданд, ки ба Китоби Сурхи ҶТ дохил карда шудаанд, бояд танҳо дар сурате ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳисобида шаванд, ки агар ин оқибатҳои болозир ба амал наоянд. Агар дар натиҷаи содир кардани онҳо зарари воқеӣ расонида шавад (масалан, макони зисти ин ҳайвонот нобуд карда шавад), пас ҷавобгарии ҷиноятӣ бояд тибқи моддаҳои дахлдори КҶ ҶТ татбиқ карда шавад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, таҳрири нави м. 207 КҲМ ҶТ, ки дар навбати худ мушкилоти имконпазирро дар фарқияти ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ пешгирӣ мекунад, пешниҳод карда мешавад:

Тибқи м. 207 КҲМ ҶТ "нигоҳ доштан, ҷамъоварӣ, харид, фурӯш ё иваз кардани намудҳои нодир ва нобудшавандаи ҳайвонот ва растаниҳои ба Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшуда ё маҳсулоти онҳо, қисмҳо ё ҳосилаҳои онҳо, ки бо шартномаҳои байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд, бидуни иҷозати дахлдор ё вайрон карда тартиби дигари муқарраршуда, инчунин содир кардани амалҳое, ки метавонад боиси марг, кам шудани шумора ё вайрон кардани макони ин ҳайвонот ё марги чунин растаниҳо гардад, ...".

Ҳамин тариқ, агар амали шахси гунаҳгор шикор (яъне пайгирӣ, таъқиб ба мақсади тӯъма) барои ҳайвонот ва паррандагон, ки дар ҳолати озодии табиӣ қарор доранд, шикор карданашон комилан манъ аст (аз ҷумла ҳайвонҳое, ки ба Китоби Сурх дохил карда шудаанд), пас ин шахс тибқи банди "в" қ. 1 м. 232 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Ба гуруҳи дуюми ҷиноятҳои марбут ба шикори ғайриқонунӣ ҷиноятҳои дигаре низ шомиланд, ки ҷавобгарии онҳоро меъёрҳои фаслҳо ва бобҳои дигари КҶ ҶТ пешбинӣ кардаанд. Шикори ғайриқонунӣ бояд аз ҷиноятҳо ба муқобили моликият фарқ карда шавад. Ҳангоми ҷудокунии шикори ғайриқонунӣ аз ҷиноятҳо ба муқобили моликият бояд мафҳуми захираҳои шикор муайян карда шавад. Захираҳои шикор ҳамчун ширхӯрон ва паррандагон дар ҳолати озодии табиӣ қарордошта фаҳмида мешаванд.

Ҳамин тариқ, тағйир ёфтани моҳияти иҷтимоию иқтисодии предмети таҷовуз хусусиятҳои ҳуқуқии амали содиршударо ба таври назаррас тағир медиҳад. Агар предмети ҷиноят аз категорияи ашёи табиӣ ба категорияи моликият «ҳаракат» кунад, пас кирдор бояд ҳамчун таҷовуз ба моликияти давлатӣ ё хусусӣ банду баст карда шавад.

Дар доираи масъалаи баррасишаванда шикори ғайриқонунӣ бояд аз экотсид (м. 400 КҶ ҶТ) ҷудо карда шавад. Экотсид яке аз ҷиноятҳои зидди сулҳ ва амнияти инсоният мебошад, ки масъулияти содир кардани он дар м. 400 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст. Экотсид ҳамчун несту нобудкунии оммавии наботот ё ҳайвонот, заҳролудшавии атмосфера ё захираҳои об, инчунин содир намудани амалҳои дигаре, ки метавонанд боиси фалокати экологӣ шаванд, муайян карда мешавад.

Ҷудокунии чунин кирдор, ба монанди қатли оммавии олами ҳайвонот ҳамчун таҳдиди эҳтимолӣ ба амнияти башарият, ба назари мо комилан асоснок менамояд. Ҷолиб аст, ки аз нуқтаи назари муайян кардани объекти таҷовузи ҷиноятӣ таносуби шикори ғайриқонунӣ ва экотсид дар робита ба қатли оммавии олами ҳайвонот мебошад.

Фарқи асосии байни экотсид ва ҷиноятҳои экологӣ ба объекти навъӣ ва мавҷудияти имконияти объективии сар задани фалокати экологӣ ҳамчун натиҷаи ягонаи қонунӣ ва таҳдидомез асос ёфтааст [5, с.12].

2. Ҷудо намудани шикори ғайриқонунӣ ва дуздии амволи дигарон бо он фарқ менамояд, ки ки амалҳои шахсони гунаҳгор дар шикори ғайриқонунӣ, сайди ҳайвоноти обӣ аз ҷониби корхонаҳо ва ташкилотҳои гуногун дар обанборҳои махсус нигоҳдоришаванда ё мусодираи моҳӣ, ҳайвоноти обии гирифтаи ин ташкилотҳо ё ҳайвоноти ваҳшӣ, паррандагон, ки дар ниҳолхонаҳо, дар қафасҳои кушод ҷойгиранд, ба сифати дуздии молу мулки дигарон банду баст карда мешавад.

Дар фарҷоми таҳлили параграфи мазкур хулосаҳои зеринро метавон пешниҳод кард:

1. Ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дорои хавфи ҷамъиятӣ буда, вобаста ба дараҷаи хавфи ҷамъиятии худ фарқ менамоянд;

2. Ҷудо намудани шикори ғайриқонунӣ аз ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки бо вайрон кардани қоидаҳои шикор алоқаманд аст, аз мавҷуд (набудани) аломатҳои дахлдори криминогении дар қ. 1 м. 232 КҶ ҶТ пешбинишуда иборат аст;

2. Шикори ғайриқонунӣ бояд аз таркибҳои муҷовир ҷудо карда шавад, ки онҳоро ба ду гуруҳ тақсим кардан мумкин аст: а) ҷиноятҳои экологӣ (моддаҳои 230, 236 КҶ ҶТ); б) ҷиноятҳои дигаре, ки ҷавобгарии онҳо бо меъёрҳои дар дигар фаслҳо ва бобҳои дигари КҶ ҶТ пешбинишуда муқаррар карда шудааст (боби 26, м. 400 КҶ ҶТ).

3. Ҷудо кардани шикори ғайриқонунӣ аз ҷинояти пешбининамудаи м. 230 КҶ ҶТ, бояд дар асоси предмети ҷиноят анҷом дода шавад. Бояд дар назар дошт, ки ҳайвоноти обӣ ин организмҳои обӣ мебошанд, ки тамоми ҳаёташон дар об мегузарад. Бо назардошти чунин равиш, шикори ҳайвоноте, ки зисташон бо об алоқаи ногусустанӣ дорад, бояд тибқи қ. 1 м. 230 КҶ ҶТ банду баст карда шавад. Ҳамзамон ин мавқеъ бо он тасдиқ карда мешавад, ки тибқи қонунгузории амалкунанда, ин намудҳои ҳайвонот ба захираҳои шикор тааллуқ надоранд.

4. Шикори ғайриқонунии дар минтақаи махсус ҳифзшаванда (банди “в”, қ. 1 м. 232 КҶ ҶТ) бояд аз Вайрон кардани низоми ҳудудҳо ва объектҳои табиии махсус ҳифзшаванда (м. 236 КҶ ҶТ) ҷудо карда шавад. Дар ин ҳолат, м. 232 КҶ ҶТ дорои хусусиятҳои иловагии махсус мебошад, ки кирдорро тавсиф мекунанд, яъне амалҳои ҷинояткорон мушаххас карда мешаванд, яъне шикор дар ҳудуди мамнӯъгоҳ ё парваришгоҳ анҷом дода мешавад.

**Адабиёт**

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: UҚL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.10.2022).

2. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: UҚL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.10.2022).

3. Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳудудҳои табиии махсуси муҳофизатшаванда” аз 26 декабри соли 2011, №788. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2011, №12, мод. 852; Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 с., № 1159.

4. Административное право: учебник / под ред. Ю.М. Козлова, Л.Л. Попова. – М.: Юристь, 2001. – 456 с.

5. Греченкова О.Ю. Экоцид как преступление против мира и безопасности человечества: автореф. дис... канд. юрид. наук / О.Ю. Греченкова. Краснодар, 2007. – 26 с.

6. Жевлаков Э.Н. Экологические правонарушения и ответственность. - М., 1997. – 80 с.

7. Ильина Е.П. Незаконная добыча (вылов) водных биологических ресурсов по материалам Камчатского края: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Ильина Елена Петровна. – Москва, 2014. – 223 с.

8. Кульков В. Разграничение административной и уголовной ответственности за незаконное заюггие рыбной ловлей // Сов.юстиция. 1970. № 14. – С. 10-16.

9. Марцев А.И. Общие вопросы учения о преступлении. – Омск, 2000. – 135 с.

10. Перевертайлова Л. С. Административная ответственность за нарушение шавил рыболовства и охраны рыбных запасов. Автореф. дне. ...канд. юрид. наук: – Тюмень, 1999. – 177 с.

11. Петров В.В. Экологическое право России. - М., 1996. – 557 с.
12. Петров В.В. Экология и право. - М., 1981. – 224 с.
13. Плешаков А.М. Уголовно-правовая борьба с экологическими преступлениями: теоретический и прикладной аспект: дис. … доктора юрид. наук: 12.00.08 / Плешаков Александр Михайлович. – Москва, 1994. – 193 с.
14. Якуба О.М. Административная ответственность. – М., 1972. – 152 с.

# ОТДЕЛЕНИЕ БРАКОНЬЕРСТВА ОТ СОПУТСТВУЮЩИХ ФОРМИРОВАНИЙ И АДМИНИСТРАТИВНЫХ ПРАВОНАРУШЕНИЙ

**ШАРИПОВ ТАКДИРШОХ,**
доктор юридических наук, профессор
кафедры уголовного права и противодействия коррупции
Таджикский национальный университет.
734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.
**ХОМУШОВ ИЛХОМ ИСЛОМОВИЧ,**
соискатель кафедры уголовного права и противодействия коррупции
Таджикский национальный университет.
734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

*Вопросы, связанные с отграничением преступлений от административных правонарушений, часто возникают в судебно-следственной практике. В таких случаях требуется установить и юридически закрепить точное соответствие между признаками совершенного деяния и составляющими признаками преступления, предусмотренными нормами уголовного закона, иными словами, требуется правильная квалификация состава преступления. действовать. Большое значение для точной классификации имеет рассмотрение вопросов отличия составов правонарушений, относящихся к одному и тому же виду смежных правонарушений. При изучении уголовных дел о незаконной охоте и постановлений судов по данной категории дел установлено, что больше проблем в практической деятельности правоохранительных органов возникает из-за вопросов отличия преступления от административного правонарушения. . В статье авторы всесторонне проанализировали вопросы отличия преступления незаконной охоты от иных преступлений, а также отдельных административных правонарушений, опираясь на научную литературу и законодательство, которые имеют большое значение в контексте состава преступления незаконной охоты.*

***Ключевые слова:*** *преступление, правонарушение, административное правонарушение, экологические преступления, охота, незаконная охота, предупреждение преступлений, уголовная ответственность, незаконная охота на гидробионтов, экоцид.*

# SEPARATION OF POACHING FROM RELATED FORMATIONS AND ADMINISTRATIVE OFFENSES

**SHARIPOV TAKDIRSHOH,**
Doctor of Law, Professor
of the Department of Labor Law and Anti-Corruption
Tajik National University.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 17, Rudaki Ave.
**KHOMUSHOV ILKHOM ISLOMOVICH,**
applicant of the Department of Labor Law and Anti-Corruption
Tajik National University.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 17, Rudaki Ave.

*Issues related to distinguishing crimes from administrative offenses often arise in judicial and investigative practice. In such cases, it is required to establish and legally strengthen the exact*

*correspondence between the signs of the committed act and the constituent signs of the crime provided for in the norms of the criminal law, in other words, it requires the correct classification of the act. Consideration of the issues of the difference of offenses related to the same type of adjacent offense is of great importance for the precise classification. During the study of criminal cases on illegal hunting and the judgments of the courts in this category of cases, it is determined that more problems in the practical activity of law enforcement agencies occur due to the issues of the difference between a crime and an administrative offense. In the article, the authors have fully analyzed the issues of the difference between the crime of illegal hunting and other crimes, as well as separate administrative offenses, based on the scientific literature and legislation, which are of great importance in the context of the crime of illegal hunting.*

***Keywords:*** *crime, offense, administrative offense, environmental crimes, hunting, illegal hunting, crime prevention, criminal liability, illegal hunting of aquatic animals, ecocide.*

УДК: 342

# ОИД БА МАФҲУМИ «АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ» ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

**НЕМАТОВ АКМАЛ РАУФҶОНОВИЧ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 931-12-11-88. E-mail: anematov@rambler.ru
**НОСИРОВ АЛИШЕР САИДБЕКОВИЧ,**
унвонҷӯи Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. С. Носир, 33.
Тел.: (+992) 904-58-88-48. E-mail: alisher.nosirov94@mai.ru

*Соҳаи иқтисодиёт дар миёни соҳаҳои дигари ҷамъиятӣ муҳим арзёбӣ гардида, заминаи ташаккул ва рушди тамоми самтҳои ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Рушди ботадриҷ ва таъмини устувории иқтисодиёт бо таъмини амнияти он алоқамандии зич дорад. Амнияти иқтисодӣ дар шароити муосир аз ҷумлаи категорияҳое маҳсуб меёбад, ки мазмуни васеъ дошта, воситаи муҳимтарини таъмини рушди иқтисодиёти кишвар эътироф гардида, дар ин замина ба мустаҳкамии соҳаҳои дигари ҷомеа мусоидат менамояд. Категорияи мазкур яке аз масъалаҳои муҳимтарини таҳқиқоти илмии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Дар мақолаи мазкур мафҳум ва моҳияти амнияти иқтисодиёт аз нигоҳи ҳуқуқӣ баррасӣ гардида, дар он андешаҳои муаллиф баён гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисодиёт, амнияти иқтисодӣ, ҳадафҳои стратегӣ, Истиқлоли давлатӣ, манфиатҳои миллӣ, амнияти миллӣ, таҳдидҳо, вазифаҳои давлатӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ.*

Яке аз соҳаи муҳим ва асосии рушду инкишофи кишварҳои мутамаддин, ки амнияти он ба низоми умумии амнияти миллии кишварҳо шомил мегардад, ин соҳаи иқтисодиёт мебошад. Дар воқеъ, ҷомеа ва давлатҳои муосирро бо таваҷҷуҳ нисбати соҳаи иқтисодиёт ва рушди он тасаввур кардан имконнопазир аст. Чунки, соҳаи мазкур заминаи муҳиммтарини устуворӣ, рушд ва нигаҳдории соҳаҳои дигари ҷамъиятӣ ва давлатӣ буда, дар маҷмуъ асоси рушди давлат ва иҷрои босамари вазифа ва ҳадафҳои муайянгардида маҳсуб меёбад.

Соҳаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ботадриҷ рушд ёфта, аз устувор гардидани соҳаи мазкур шаҳодат медиҳад. Бояд тазаккур дод, ки тибқи нишондодҳои омории кишвар дар соли 2021 хаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 22,0 %, шумораи субъектҳои хоҷагидор 5,5 % ва гардиши савдои хориҷӣ бо мамлакатҳои шарикони асосӣ дар соли 2021 39,5 % афзоиш ёфтааст [6, С. 12, 56, 101]. Тавре аз маълумотҳои омории зикршуда бар меояд, бо вуҷуди мушкилиҳои ҷойдошта, ки дар аксари минтақаҳои ҷаҳон ба назар мерасанд (аз қабили паҳнгардии бемории COVID-19, ки дар натиҷаи он маҳдудиятҳои муайян, аз ҷумла дар соҳаи иқтисодиёт ҷорӣ гардиданд, амалиётҳои ҳарбӣ дар баъзе кишварҳо, ки таъсири онҳо ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бараъло мушоҳида мегардад) соҳаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи назаррас рушд гардидааст. Чунин тамоюли рушди иқтисодиёти кишвар далолат менамояд, ки амнияти он низ ҳамаҷониба таъмин карда шуда, вазифа ва ҳадафҳои иқтисодии муайянгардида ба таври дахлдор амалӣ карда шаванд.

Масъалаи амнияти иқтисодӣ ва таҳқиқу таҳлили он асосан аз солҳои охири мавҷудияти ИҶШС ва касби Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ меояд. Чунки, дар ин марҳилаҳои низоми иқтисодии ҷомеа ва давлат тағйир гардида,

таҳдид ва хатарҳо ба соҳаи иқтисодиёти кишвар афзун гардид. Махсусан, солҳои аввали бадастоварии Истиқлоли кишвар, ки дар Тоҷикистон бухрони сиёсӣ, аниқтараш ҷанги шаҳрвандӣ сар зад, дар баробари хатарҳо эҷод гардидан ба дигар соҳаҳо, ҳамчунин таъсири ҷиддӣ ба соҳаи иқтисодиёти кишвар расонид. Ба таври дигар, буҳрони мазкур иқтисоди кишварро чандин солҳо ба қафо кашонд. Тибқи маълумотҳо дар натиҷаи ин буҳрони сиёсӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 10 млрд диллари ИМА (бо қурби он вакт) зарар расонида шудааст [13], ки таъсири он солҳо эҳсос мегардид.

Дар шароити муосир соҳаи иқтисодиёт аз ҷумлаи соҳаҳои афзалиятнок ба шумор рафта, ҳадафҳои старатегии айни ҳол дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошташуда дар иртибот соҳаи мазкур мебошанд. Яъне, баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, бадастоварии истиқлоли энергетикӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир ба ҳисоб мераванд, ки асосан ҷанбаи иқтисодӣ доранд ва асоси рушди тамоми соҳаҳои ҷумҳури дар шароити имрӯза маҳсуб меёбанд.

Дар алоқамандӣ бо ин, қайд кардан мумкин аст, ки рушди соҳаи иқтисодиёт, дастгирии он ва амалисозии тадбирҳои дахлдори муайянгардида дар соҳаи зикршударо бе таъмини амнияти он тасаввур кардан ғайриимкон аст. Яъне, таъмини амнияти иқтисодии кишвар ҳамчун масъалаи муҳим боқӣ мондааст ва бо назардошти ташаккул ёфтани зуҳурот ва падидаҳои мухталиф, ки метавонанд дар шаклҳои нав рушди ботадриҷи иқтисодиётро халалдор намояд, аҳамиятнок гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки амнияти иқтисодӣ мафҳумест, ки хусусияти серҷабҳа дошта, заминаи муҳимтарини рушди дигар соҳаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ маҳсуб меёбад. Дар заминаи таъмини он рушди соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳарбӣ ва ғ. таъмин мегардад. Мафҳуми амнияти иқтисодӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, №721 муқаррар гардидааст, ки тибқи он «амнияти иқтисодӣ – вазъи муҳофизатии иқтисодиёти миллӣ аз шароит, раванд ва омилҳои дохиливу беруние, ки рушди устувор ва истиқлоли иқтисодиро зери хатар мегузорад» [1].

Дар воқеъ амнияти иқтисодӣ қисмати таркибии амнияти миллии кишварро ташкил дода, моҳиятан ҳолати муҳофизатии соҳаи мазкурро ифода мекунад. Қайд намудан ба маврид аст, ки дар муайян намудани мафҳуми амнияти иқтисодӣ мавқеи марказиро истилоҳи «амният» ишғол мекунад. Истилоҳи мазкур дар забони тоҷикӣ дар шакли «бехатарӣ» низ истифода мегардад, ки мазмунан таҳти химоя қарор доштан, дар ҳолати амн будан, нигоҳ доштан аз таҳдиду хатарҳо ва ғ.-ро ифода мекунад. Мафҳуми «амният» дар фарҳанги забони русӣ ҳамчун «ҳолате, ки дар доираи он хатар ба ягон кас ва ё чиз таҳдид намекунад» ё ин ки «набудани хатар, нигаҳдорӣ ва эътимодият» муайян гардидааст [12, С. 67]. Дар дигар сарчашма бошад, зери мафҳуми амният – ҳимояи манфиатҳои қонунии ҳаётан муҳимми объетро аз таҳдидҳои манфии дохилӣ ва беруна меноманд, ки шароити муносиби амал ва имкони рушди устувори онро дар оянда таъмин менамояд муайян шудааст [11, С. 6].

Амнияти иқтисодӣ дар шароти муосир аз муҳиммияти хос бархурдор аст, ки ифодагари таъиноти он аст. Муҳиммияти он дар якчанд маҳакҳо таҷассум меёбад. Пеш аз ҳама, амнияти иқтисодӣ бахри ҳимояи манфиатҳои миллӣ равона мегардад. Тавре зикр гардид, амнияти иқтисодӣ ҷузъи таркибии амнияти миллии кишвар буда, ба мазмуни умумӣ соҳаи мазкурро аз ҳама гуна таҳдид ва хатарҳои мавҷуда ҳифз мекунад. Амнияти иқтисодиро ҳамчун асос ва ё пояи амнияти миллӣ низ эътироф намудаанд, ки аз муҳиммияти он кишвар гувоҳӣ медиҳад [4, С. 10]. Ҳамчун қисми ҷудонашавандаи амнияти миллӣ будани амнияти иқтисодӣ, ифодагари он аст, ки дар заминаи он ҳимояи

манфиатҳои миллӣ таъмин карда мешавад. Мушаххасан бошад, амнияти иқтисодӣ ба ҳимояи манфиатҳои иқтисодии шахс, ҷомеа ва давлат мусоидат менамояд. Чуноне И.В. Сафоник иброз менамояд «амният иқтисодӣ на танҳо яке аз қисмҳои муҳимми тамомияти низоми амнияти миллӣ ҳамчун маҷмуи ҳимояи манфиатҳои миллӣ фаҳмида мешавад, ҳамзамон шарти ҳалкунандаи риоя ва амалисозии манфиатҳои миллиро ифода менамояд» [14, С. 63]. Айнан чунин андеша, махсусан «ҳимояи манфиати давлат» ҳамчун асоси амнияти иқтисодӣ аз ҷониби олимоне чун И.Я. Богданов [3], Д.В. Гордиенко [7] ва ғ. дастгирӣ ёфтааст.

Дигар муҳиммияти амнияти иқтисодӣ дар он ифода мегардад, ки он заминаи муҳимтарини рушду устувории соҳаҳои ҷамъиятӣ будани он ба ҳисоб меравад. Бояд гуфт, ки сатҳи амнияти иқтисодӣ метавонад, ки ба сатҳи рушдёбии соҳаҳои дахлдори ҷамъиятӣ таъсири ҷиддӣ расонад. Махсусан, сатҳи пасти таъмини амнияти иқтисодӣ метавонад, ки ба сифати пасти таъмини ҳимояи аҳолӣ ва давлат дар дигар соҳаҳо, аз ҷумла соҳаҳои сиёсӣ, ҳарбӣ, ҳуқуқӣ, тандурустӣ ва ғ. оварда расонад. Мушаххасан бошад, амнияти иқтисодӣ заминаи асоситарини рушди соҳа иқтисодии мамлакат ба шумор рафта, шароити мусоиди иҷрои вазифаҳоро дар соҳаи мазкур фароҳам меоварад.

Амнияти иқтисодӣ метавонад, ки амалшавии вазифа ва ҳадафҳои дар назди давлат гузошташударо таъмин намояд. Чуноне, баён гардид, ҳадафҳои стратегие, ки дар шароити муосир дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудаанд, асосан хусусияти иқтисодӣ дошта, марбут ба соҳаи мазкур аст. Бинобар ҳамин, сатҳи пурра ва комили таъмини амнияти иқтисодии кишвар сабаби ба таври самаранок амалигардиии ҳадафҳои стратегии кишвар мегардад.

Баландгардидии сатҳи эътимоди тамоми қишрҳои ҷамъиятӣ ба соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз қабили соҳаи иқтисодии кишвар аз ҷумлаи муҳиммияти дигари амнияти иқтисодӣ мебошад. Устувории амнияти иқтисодӣ метавонад, ки ба амалишавии муносиби ҳуқуқу манфиатҳои шахсон дар ҷомеа мусоидат намуда, нисбати соҳаҳои дахлдори ҷамъиятӣ (аз ҷумла иқтисодиёт) боварии комил ҳосил менамоянд. Дар чунин шароит шахсон ҳуқуқҳои худро дар соҳаи иқтисодиёт дар заминаи эътимоди хоса ба соҳаи мазкур амалӣ намуда, саҳми худро дар рушду устувории он мегузоранд.

Амнияти иқтисодӣ шароити қонеъсозии талаботи ҷамъиятиро фароҳам меорад [9, С. 170]. Ин муҳиммият маънии онро дорад, ки дар шароити таъмини пурра ва ҳамаҷонибаи амнияти иқтисодӣ талаботи шахс, ҷомеа ва давлат дар соҳаҳои гуногун қонеъ гардида, ҳар гуна таҳдиду хатарҳо нисбати амалишавии имконот ва манфиатҳои онҳо пешгирӣ ва бартараф карда мешаванд.

Сатҳи амнияти иқтисодӣ воситаи муҳимтарини муаррифии кишвар дар сатҳи байналмилалӣ аст. Нуфузи кишвар, хусусан мартабаи соҳаи иқтисодиёт аз сатҳи таъмини амнияти он вобастагии ногусастанӣ дорад. Бояд гуфт, амалишавии босуботи ҳамкориҳои байналмилалии иқтисодӣ, сармоягузорӣ ба иқтисоди миллӣ ва дигар самтҳо бо сатҳи амнияти иқтисодӣ дар кишвар алоқаманд аст. Масалан, сармоягузорони хориҷӣ танҳо дар ҳолати пурра эътимод пайдо намудан ба устуворӣ, мухсусан амнияти соҳаи иқтисодиёт сармоягузориро ба ин соҳаи кишвар таъмин мекунанд.

Мафҳуми амнияти иқтисодӣ дар сатҳи илми муосир гуногун арзёбӣ гардидааст. Тазаккур додан ҷоиз аст, ки мафҳуми мазкур асосан дар илми иқтисод ва ҳуқуқшиносӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Мафҳуми амнияти иқтисодӣ бештар аз нигоҳи иқтисодӣ муайян гардидааст. Чунончи, дар яке аз адабиёти илмӣ бо назардошти хусусиятҳои иқтисодии он оварда шудааст, ки амнияти иқтисодӣ хусусияти сифатии низоми иқтисодиро ифода мекунад, ки имкони дастгирии мусоиди шароити ҳаётии аҳолӣ, таъмини муносиби рушди хоҷагии халқ тавассути захираҳо, ҳамчунин

амалисозии муттасили манфиатҳои миллӣ-давлатиро муайян менамояд [5, С. 25]. Тибқи андешаи як қатор муҳаққиқон «амнияти иқтисодӣ – ҳолати муҳофизатии иқтисоди миллӣ аз омилҳо ва равандҳои дохилӣ ва берунӣ, ки онҳо ба рушди муносиб ва истиқлоли иқтисодӣ таҳдидҳоро ба миён меоранд» [8, С. 3].

Муҳаққиқони дигар бар он андешаанд, ки «амнияти иқтисодӣ – ҳолати иқтисодиёт мебошад, ки дар он рушди баланд ва муносиби иқтисодиёт таъмин мегардад; талаботи иқтисодӣ ба таври самаранок таъмин мегардад; назорати давлатӣ ба муомилот ва истифодаи захираҳои миллӣ амалӣ мегардад; манфиатҳои иқтисодии кишвар дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ҳимоя мегардад» [2, С. 31].

Таҳлилгар Е.Н.Колесникова иброз намудааст, ки «амнияти иқтисодӣ – ин чунин ҳолати субъектони тамоми сатҳи иқтисодиёт мебошад, ки рушди баробари онҳоро дар заминаи назорат ба ҳолат ва истифодаи тамоми намуди захираҳо таъмин менамояд» [9, С. 172].

Як қатор мутахассисон бошанд, мафҳуми амнияти иқтисодиро аз нигоҳи ҳуқуқӣ ва ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ баҳо додаанд. Чунончи, муҳаққиқи рус А.В. Сюсюкина муайян кардааст, ки амнияти иқтисодӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ дар худ ду ҷанбаро фаро мегирад: якум, чунин ҳолати ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дахлдор аст, ки дар доираи он рафтори субъектони ҳуқуқ дар соҳаи истеҳсолот, муомилот, тақсим ва истеъмоли неъматҳои моддӣ ва маънавӣ ба муқаррароти ҳуқуқӣ мувофиқ мебошад; дуюм, ин чунин ҳолати қонунгузории фарогирандаи муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, ки ҳангоми ҷой доштани он ба талаботи амнияти иқтисодӣ мувофиқат менамояд [15, С. 35].

Мутахассиси илми ҳуқуқи маъмурӣ С.Н. Максимов амнияти иқтисодиро ҳамчун категорияи оммавӣ-ҳуқуқӣ муайян намудааст, ки тахти он раванди раванди ягонаи нигаҳдории унсурҳои иқтисодиёти кишвар, яъне нишондодҳои муҳимми иқтисодии кишвар нисбати рушди устувори он, мувозинати дохилииқтисодӣ ва беруниикттисодӣ ва тақсими захираҳои иқтисодӣ, набудани камчинӣ ва барзиёдии буҷет, ҳимоя аз таҳдидҳои берӯнӣ, ки тавассути санадҳои ҳуқуқӣ ва расмиётҳои маъмурӣ амалӣ мегарданд, ҳамчунин имкони ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи иқтисодӣ тавассути идоракунии давлатӣ фаҳмида мешавад [10, С. 18].

Бештари муҳаққиқон мафҳуми амнияти иқтисодиро дар алоқамандӣ бо мафҳуми «амният» маҳдуд менамоянд. Аммо, назари дигаре мавҷуд аст, ки мафҳуми мазкурро набояд ба таври мутлақ бо мафҳуми амният маҳдуд кард. Дар баробари ин, амнияти иқтисодӣ бояд аз нуқтаи назари иқтисодӣ низ баҳогузорӣ карда шавад [9, С. 171]. Аз ин нуқтаи назар муайян гардидааст, ки таъмини амнияти иқтисодӣ дар шароите созгор мегардад, ки агар ҳадаф ва вазифаҳои иқтисодии кишвар амалӣ гардида бошанд. Дар сарчашмаҳои илмӣ муайян гардидааст, ки сатҳи таъмини амнияти иқтисодӣ аз фазои иқтисодӣ вобастагии зич дорад. Фазои иқтисодии муносиб ба монанди шароитҳои иқтисодии рушди соҳибкорӣ, мавҷудияти ҳавасмандгардонӣ ба меҳнат, озодии иқтисодӣ ва ғ. метавонад, ки ба таъмини амнияти иқтисодии кишвар мусоидат намоянд.

Фаҳмиши «амнияти иқтисодӣ» дар сарчашмаҳои илмӣ гуногун арзёбӣ гардида, дар умум чунин муайян шудааст:

- ҳолати устувор нисбати омилҳои негативӣ;
- имкони қонеъсозии талабот тавассути иқтисодиёт;
- ҳолати рушди иқтисодиёт;
- ҳолати амалигардии босуботи иқтисодиёт [9, С. 170].

Мафҳуми амнияти иқтисодӣ ду ҷанбаи муҳимро дар худ таҷассум мекунад. Аввалан, амнияти иқтисодӣ хусусияти муҳофизатӣ дорад, ки соҳаи иқтисодиётро аз

ҳама гуна хатар ва таҳдидҳо нигоҳ медорад. Дар воқеъ, таъмини пурраи амнияти иқтисодӣ имкони бартараф намудани ҳар гуна таҳдидҳоро дошта, садди роҳи монеагиҳои сунъӣ ва ғайриқонунӣ дар соҳаи мазкур мегардад. Дуюм, амнияти иқтисодӣ сабаби асосии таъмини рушди босуботи иқтисодиёти кишвар мебошад. Танҳо дар шароити таъмини ҳамаҷонибаи амнияти иқтисодӣ мумкин аст, ки вазифа ва ҳадафҳои иқтисодии кишвар амалӣ гардида, дар иртибот бо ин инкишофёбии соҳаҳои дигар таъмин карда шавад.

Мафҳуми амнияти иқтисодӣ ба мазмуни умумӣ хусусияти комплексиро дар худ таҷассум менамояд. Ин бештар дар алоқамандии он бо тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ифода мегардад. Яъне, сатҳу сифати амнияти иқтисодии кишвар ба усуворӣ ва пойдории соҳаҳои дигари ҳаётӣ чамъиятӣ таъсиргузор аст. Вобаста ба ин, қайд намудан мавриди хос аст, ки амнияти иқтисодӣ на танҳо шароити созгор барои рушду мустаҳкамии соҳаи иқтисодиёти кишвар фароҳам меоварад, ҳамчунин он ба инкишоф ва тақвияти соҳаҳои ғайрииқтисодӣ низ муҳити солимро муҳаё менамояд. Дар заминаи амнияти иқтисодӣ манфиатҳои шахсони алоҳида, соҳаҳои ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ таъмин мегарданд.

Дигар ҷиҳати комплексӣ будани амнияти иқтисодӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар таъмини он доираи гуногуни иштирокчиён ширкат меварзанд. Барои он, ки амнияти иқтисодӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин бошад, бояд субъектҳои давлатӣ-ҳокимиятӣ маҳдуд нагардид. Дар ин раванд, институтҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ низ нақши фаъол доранд. Чунки, пайдо нагардидани таҳдиду хатарҳо аз ин субъектҳо вобастагии зич дорад. Масалан, вақте, ки шахсони алоҳида ба қоҷоқи молу маҳсулот даст мезананд, дар чунин ҳолат ба амнияти иқтисодии кишвар хатар эҷод мегардад. Бинобар ҳамин, таъмини амнияти иқтисодӣ масъулияти ҳамаҷонибаи шахс, ҷомеа ва давлатро тақозо намуда, ба самаранокии пурра ва комили раванди мазкур мусоидат менамояд.

Амнияти иқтисодиро ба мазмуни ҳуқуқӣ метавон ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ ва ҳамчун муносибати ҳуқуқӣ муайян намуд. Амнияти иқтисодӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ ифодагари объекти таҳқиқоти илми ҳуқуқшиносӣ ва фарогири раванди муайян мебошад, ки хусусияти мақсаднок дошта, дар умум рушду устувории иқисодиёти кишварро таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, амнияти иқтисодӣ – ин муҳит, шароит ва фазои солим ва муҳофизатӣ аз ҳама гуна таҳдиду хатарҳои дохилӣ ва хориҷӣ мебошад, ки рушду устувории соҳаро таъмин намуда, ба амалишавии вазифа ва ҳадафҳои давлатӣ мусоидат менамояд. Ба таври мушаххас бошад, амнияти иқтисодӣ таъминкунандаи истиқлоли иқтисодии кишвар, кафолати фаъолияти озоди иштирокчиёни фаъолияти иқтисодӣ, аз ҷумла иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодии шахс, ҷомеа ва давлат, фазои созгори иқтисодӣ ва умуман рушди босубот ва самараноки иқтисодиёт мебошад, ки дар ин самт ҳолати муҳофизатӣ аз ҳама гуна хавфу хатар ва таҳдидҳо ташкил карда мешавад.

**Адабиёт**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, №721. Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия».

2. Безугляк О.С., Бедрина М.В. Экономическая безопасность: методические указания для бакалавров всех направлений, обучающихся по экономическим специальностям // Алтайский государственный университет, кафедра «Международная экономика, математические методы и бизнес-информатика». – Барнаул, 2016.

3. Богданов И.Я. Экономическая безопасность России: теория и практика. — М., 2001.

4. Болва Н.В. Влияние теневой экономики на экномической безопасности: автореф. дисс. … канд. экон. наук. – Новосибирск, 1998.

5. Бухвальд Е., Гловацкая И., Лазуренко С. Макроаспекты экономической безопасности: факторы, критерии и показатели // Вопросы экономики. – 1994. – №12.

6. Вазъи ичтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: январ-декабри соли 2021. – АОНПҶТ, 2022.

7. Гордиенко Д.В. Основы экономической безопасности государства. — М., 2009.

8. Исламова З., Кабдунасова Л. Вопросы экономической безопасности страны: теоретические аспекты // Вестник КазНУ. Серия экономическая. – 2011. – №1 (83).

9. Колесникова Е.Н. Экономическая безопасность: экономика и безопасность // Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2013. – №21.

10. Максимов С.Н. Административно-правовое обеспечение экономической безопасности в Российской Федерации: концептуальные и методологические аспекты: дисс. … докт. юрид. наук. – М., 2014.

11. Мельников А.Б. Экономическая безопасность: учеб. пособие / А.Б. Мельников, Г.В. Маханько: КубГАУ, 2015.

12. Ожегов С. И. Словарь русского языка. – М.: Русский язык, 1975. – С. 41; Даль В. И. Толковый словарь живого великорусского языка: в 4 т. – М.: Русский язык, 1981—1982. Т. 1.

13. Реҷаи дастрас: www.wikipedia.org.

14. Сафоник И.В. Экономическая безопасность государства как объект правового регулирования // Вестник Военного университета. – 2007. – № 3 (11).

15. Сюсюкин А.В. Административно-правовое регулирование в сфере обеспечения экономической безопасности: дисс. … канд. юрид. наук. – Ростов н/Д, 2004.

## К ВОПРОСУ О ПОНЯТИИ «ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ» КАК ОБЪЕКТ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ

**НЕМАТОВ АКМАЛ РАУФДЖОНОВИЧ,**
доктор юридических наук, доцент
Национальная академия наук Таджикистан.
734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33.
Тел.: (+992)931-12-11-88. Email: anematov@rambler.ru.
**НОСИРОВ АЛИШЕР САИДБЕКОВИЧ,**
соискатель Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица С. Носира, 33.
Тел.: (+992) 904-58-88-48. E-mail: alisher.nosirov94@mai.ru.

*Экономическая сфера среди других общественных сферах важно оценивается и считается основой становления и развития всех направлений государственно-общественной жизни. Систематичное развитие и обеспечение устойтичивости экономики тесно сязано с обеспечением её безопасности. Экономическая безопасность в современных условиях является одной из категорий, которая обладает огромное значением, признается важным способом обеспечения развития экономики страны и содействует укреплению других общественных областей. Данная категория считается одной из важных вопросов научно-правового исследования. В данной статье с точки зрения юридической науки рассматривается понятия и сущность экономической безопасности и в ней изложено мнение автора.*

***Ключевые слова:*** *экономика, экономическая безопасность, стратегические цели, Государственная независимость, национальные интересы, национальная безопасность, угрозы, государственные задачи, общественные отношения.*

## TO THE QUESTION OF THE CONCEPT OF "ECONOMIC SECURITY": AS AN OBJECT OF STATE ADMINSTRATION

**NEMATOV AKMAL RAUFJONOVICH,**
Doctor in Law, Associate Professor
National Academy of Sciences of Tajikistan.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 931-12-11-88. Email: anematov@rambler.ru.
**NOSIROV ALISHER SAIDBEKOVICH,**
applicant of the Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 904-58-88-48. E-mail: alisher.nosirov94@mai.ru.

*The economic sphere, among other public spheres, is importantly evaluated and considered the basis for the formation and development of all areas of state and public life. Systematic development and ensuring the sustainability of the economy is closely related to ensuring its security. Economic security in modern conditions is one of the categories that is of great importance, is recognized as an important way to ensure the development of the country's economy and helps to strengthen other public areas. This category is considered one of the important issues of scientific and legal research. In this article, from the point of view of legal science, the concepts and essence of economic security are considered and the author's opinion is stated in it.*

***Key words:*** *economy, economic security, strategic goals, State independence, national interests, national security, threats, state tasks, public relations.*

УДК: 34:297

# ҲИФЗИ ҲУҚУҚУ МАНФИАТҲОИ КӮДАК ДАР ИСЛОМ

**ШОСАИДЗОДА ШАҲБОЗ ШОСАИД,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ёрдамчии директори
Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
99232, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Шодмонӣ 58/1.
Тел.: (+992) 936-00-55-66. E-mail:dahkat_1988@mail.ru.
**ОДИНАЕВА ШАРИФАМО НАЗРИМАДОВНА,**
сармутахассиси шуъбаи пажӯҳиши анъанаву маросим ва диншиносии муқоисавии
Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
99232, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Шодмонӣ 58/1.
Тел.: (+992) 987-31-54-13. E-mail: odinaeva1989@inbox.ru

*Яке аз муҳимтарин масъалае, ки дар ҷомеаи имрӯза зери таваҷҷуҳи ҷомеашиносону коршиносон қарор гирифтааст, ин таълим ва тарбияи кӯдак аст, ки дар ҳама давру замон ва дар ҳама дину оин ба масъалаҳои калидии ҷомеаи башарӣ алоқаманд будааст. Мақолаи мазкур, ки ба таҳқиқи таълим, тарбия ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак аз назари ислом равона гардидааст, бо таваҷҷуҳ ба арзишҳо ва меъёрҳои муайяни дини ислом ва Эъломияву Конвенсияҳои байналмилалӣ, роҳҳои таъмини ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак ҳам аз назари ислом ва ҳам аз назари қонунгузории миллию байналмилалӣ таҳлил гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқи кӯдак, таълим, тарбия, қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ, таъмини ҳуқуқ, ислом, шариат*

Дар ҷомеаи имрӯза ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак, ба хусус раванди таълимдиҳӣ ва тарбиятёбии ӯ аз масъалаҳои калидӣ ба ҳисоб рафта, масъулин бо такя ба арзишҳои волои инсонӣ ин масъаларо ҳамаҷониба баррасӣ намуда, дар доираи имкониятҳои мавҷудаи замон пешниҳодҳои муфид кардаанд. Аз он ҷо, ки мақолаи мазкур ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак дар ислом равона гардидааст, зимни омӯзиш ва таҳлил масъалаи чигунагии таълиму тарбия ва таъмини ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак бозбинӣ шудааст. Чизе, ки ба боварӣ метавон иброз дошт, васфи таълимдиҳӣ ва тарбиятёбии насли ҷавону наврас дар осори ниёгонамон аст, ки албатта ин анъана бо омезиш бо арзишҳои миллию динӣ рабти ногусастанӣ дорад. Метавон гуфт, ки дар ҳеҷ як дину оин ва ниҳоде таваҷҷуҳ ва диққати махсус ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак ба андозаи дини ислом ба назар намерасад. Дар шароити имрӯза, ки асри пешрафти илму техника аст, ба назар чунин менамояд, ки раванди таълим ва тарбия дар аксар мамлакатҳо, ҳатто кишварҳои мутараққие чун ИМА, ба мушкилоти нав мувоҷеҳ шудаанд. Масъала сари ин аст, ки имрӯзҳо истифодаи ҳамагуна техникаи нави иттлоотию маърифатӣ, ба хусус компютер ва телефони мобилӣ барои кӯдакон ашёи маъмулӣ гаштааст. Таҳлилҳои коршиносон нишон медиҳанд, ки раванди босуръати ҷаҳонишавӣ ва гузаштан ба ҷомеаи техникӣ-иттилоотӣ аз нуқсу камбудиҳо холӣ нест. Дар ин самт, чизе, ки бараъло мушоҳида мешавад, ин костагӣ ва заифии зеҳни насли наврас аст, ки аз майли зиёд доштан ба чунин таҷҳизотҳои муосир вобаста аст, агарчанде дар раванди корӣ ин таҷҳизотҳо ҷиҳатҳои мусбӣ низ дошта бошанд. Ин ҷо масъалаи асосӣ таълимгирӣ, тарбиятёбӣ ва ҳифзи солимии кӯдак аст, ки ҳам дар Қуръон ва ҳам дар осори гаронбаҳои илмию адабии табoрамон ҷойгоҳи баланд дорад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки талошҳои ҷаҳони имрӯза бахри ҳифзи манфиатҳо ва ҳуқуқу озодиҳои инсон, ба хусус кӯдакон натиҷаҳои назаррас дода истодааст. Агар ба вазъияти баъзе кишварҳои исломӣ назар кунем, имконияти таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон дар ҳоли таассуфборӣ қарор доранд. Ба ин гуна кишварҳо Ироқ, Сурия, Яман, Афғонистон, Покистон шомил шуда метавонанд, ки дар онҳо дар натиҷаи

пиёда кардани ҳадафҳои нопоки баъзе аз абарқудратҳо на танҳо ҳуқуқу манфитаҳои кӯдак, балки арзиш ва қадру номуси инсон қариб, ки аз байн рафтааст. Дар чунин шароит ба ҳифзи ҳуқуқу манфитаҳои кӯдак ва таълиму тарбияи ӯ эҳтимол меравад. Таҳлилҳо нишон додаанд, ки ҳазорҳо кӯдакон аз бепарасторӣ, гуруснагӣ, беморӣ ва ифлосшавии муҳити атроф ба ҳалокат мерасанд. Мусаллам аст, ки дар чунин шароит кӯдакон ҳама гуна табъиз, муносибати бераҳмона ва истисморро дар худ таҳаммул мекунанд, табақаи нисбатан ҳимоянашуда мебошанд. Маҳз ба хотири риояи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон ҷомеаи башарӣ тасмим гирифт масъулияти таъмин ва риояи ҳуқуқи кӯдакон ва заминаи рушди онҳоро муайян намояд. Дар ин росто, тақозои қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҳам миллӣ ва ҳам байналмилалӣ ба миён омад, ки ҳамагӣ бо такя бо риояи меъёрҳои муайяни динӣ-фарҳангӣ сурат гирифтаанд. Агар ба таърихи башарият нигарем, мебинем ақидае дар баъзе кишварҳо ҳукмрон буд, ки тибқи он кӯдакон моликияти волидони худ ба ҳисоб мерафтанд. Чунин ҳолат бештар хосси кишвари Рим буд, ки кӯдакон комилан таҳти ҳокимияти падар қарор дошта, падар ҳуқуқ дошт барои содир намудани баъзе кирдорҳо онҳоро ба қатл расонад [14, 134-136]. Ин вазъият дар таърихи давраи ҷоҳилияти арабҳо низ маъмул буд. Дар давраи пешазисломии арабҳо агар дар хонаводае, ки духтар таваллуд мешуд, ӯро зиндабагӯр мекарданд. Хушбахтона, бо интишор шудани дини ислом ва ҷорӣ шудани шариати исломӣ таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои ҳам кӯдакон ва ҳам занон имконпазир гардид.

Ислом худ аз ғояҳои инсондӯстӣ ва меъёрҳои муайяни ахлоқӣ иборат аст, ки ба таълиму тарбия ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои инсон, ба хусус кӯдакон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Меъёрҳои муайянкардаи шариати исломӣ ба ҳама табақаи инсоният аз хурд то бузург ҳуқуқу озодиҳоро кафолат додааст. Аз он ҷо, ки кӯдакон қишри осебпазири ҷомеа ба ҳисоб меравcurrently, ҷиҳати тарбиятёбии ин бахши ҷомеа шариати исломӣ бар инсоният амрҳои қатъӣ додааст. Аз ҷумла, барои ҳифзи солимӣ ҳатмӣ будани таъмини ширхорагӣ то дусолагӣ, ба варзиш машғулкунӣ, ба таҳсил фарогирӣ, дар рӯҳияи инсондӯстӣ ва ватанпарварӣ тарбия додан аз ҷумлаи вазифаҳои волидайн аст, ки асоситарин шахси ҳимоякунандаи ҳуқуқи кӯдак ба ҳисоб меравад.

Дар шароити имрӯза бо истифода аз технологияи муосир ҳатто ҷанине, ки дар батни модар аст, ҷинсаш маълум мегардад ва дар ҳоли норозигии волидайн аз ҷинси кӯдак он исқоти ҳамл мешавад. Ин раванд бештар дар Хитой ва Ҳиндустон ба назар мерасид, ки волидон пас аз донистани ҷинси кӯдак дарҳол ба исқоти ҳамл даст мезаданд. Хосатан дар Хитой ин амал боиси зиёд шудани насли мард ва ба амалҳои ғайриахлоқӣ даст задани онҳо гардид. Дар ҷумҳурии мо низ баъзе мушоҳидаҳо ба чашм мерасад, ки оилаҳо дар натиҷаи таваллуди пайдарпайи духтар аз ҳам ҷудо мешаванд, ки боиси таассуф аст. Аммо Ислом ҳамчун дин аз замони зуҳураш одамонро ба некӣ, илмомӯзӣ поктинатӣ, ростқавлӣ, сулҳу дустӣ, якдилӣ, баробарҳуқуқӣ, дӯст доштани ватан, ҳифзу ҳимояи он, волоияти қонун, некӣ ба ҳамдигар, пойдории оила, таълиму тарбияи дуруст ва ахлоқи ҳамида даъват карда, дар самти пешгирии ҳуқуқпоймолкуниҳо, ҷорӣ кардани тартибот, ҳимояи ҳуқуқи зану кӯдак ва шахсони ниёзманд, дур сохтани одамон аз ҷиноят, пешгирии қатлу куштор дастурҳои қатъӣ додааст. Муҳаққиқи ватанӣ Сафарзода Б.А. дар пажӯҳиши худ чунин иброз доштааст: «Ислом дар тӯли беш аз 1400 сол ба муносибатҳои ҷамъиятӣ фаъолона таъсир расонида, дорои арзишҳои зиёди ҳуқуқие мебошад, ки инсон ва ҳуқуқҳои онро дар сатҳи зарурӣ кафолат додааст» [16, 18].

Ислом баробарии инсонҳоро эълон доштааст, фарқиятҳои нажодӣ этникӣ, забонӣ, гендерӣ дар меъёрҳои ислом вуҷуд надоранд [5, 16]. Бо паҳн гардидани ислом дар сарзамини таърихии тоҷикон зиндагии мардум бо меъёрҳои шариат ба роҳ монда шуда буд. Дар ин маврид Б.А. Сафаров қайд менамояд, ки: «…таҷрибаи ташаккули

давлатдории исломӣ, меъёрҳои дахлдори Қуръон ва ҳадисҳо, ҳамчунин таълимоти донишмандони исломиро таҳлил намуда, ба хулосае меоем, ки дар ислом меъёрҳои зиёде вуҷуд доранд, ки таълиму тарбия ва ҳифзи манфиатҳои кӯдак ҳамчун арзиши асосӣ дар таърихи тамаддуни инсонӣ эътироф шудааст» [15, 146].

Дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи мусулмонӣ Қуръон ҳамчун сарчашмаи асосӣ ва муназзам ба ҳисоб рафта, оятҳои он ҳамчун меъёри ҳуқуқии муносибатҳоро вобаста ба ҳуқуқи кӯдак ва тарбияи ӯ ба танзим медарорад.

Тибқи таълимотҳои исломӣ фарзанд атои бузург ва бахшиши беназири илоҳӣ ба ҳисоб меравад. Қонунҳои исломӣ роҷеъ ба масъалаҳои ҳуқуқи фарзанд, ухдадориҳои тарафайни падару модар ва фарзандон сарчашмаи бою ғанӣ ва беҳтарини ахлоқи умумибашарӣ дар тамаддуни инсонӣ ба ҳисоб мераванд. Ислом ба кӯдакон аз лаҳзаи таваллуд таваҷҷуҳ намуда, даъват менамояд, ки бо кӯдакон эҳтиёткорона муносибат карда шавад, то онҳо дар рӯҳияи инсондӯстӣ тарбия ёбанд ва некиро аз бадӣ фарқ карда тавонанд. Албатта, ин амал подоше дорад, масалан: Ҳангоми пирӣ ва беморӣ фарзандон низ бояд волидони худро нигоҳубин намоянд [13, 113].

Дар ин самт Қуръон ва суннат мавқеи махсусро ишғол намуда, тӯли асрҳо ба қонунгузории халқу миллатҳои гуногуни рӯи замин таъсири худро расонидаанд. Ҳамзамон, кӯдакон боигарии ҳар як миллат ва давомдиҳандаи насли инсонӣ ба ҳисоб мераванд. Тибқи таълимоти исломӣ, онҳо дар назди волидон, хешовандон ва ҷомеа ҳамчун амонат ба ҳисоб мераванд.

Тарбияи фарзанд аз масъалаҳои муҳими ҷомеа буда, роҳу усулҳо, принсипҳои умумӣ, инчунин меъёрҳои ҳуқуқии мушаххас дар ҳадисҳо пешбинӣ шудааст, ки аҳамияти бузург доранд. Аз ҷумла, дар ҳадисе оварда шудааст: Раёмат (подошт) ба касе, ки фарзанди худро ба некукорӣ ва некӣ ёрӣ медиҳад. Ровӣ мепурсад, эй Паёмбар фарзанди худро чӣ гуна ба некӯӣ ёрӣ диҳад? Он гоҳ ҷавоб доданд: 1) он чиро ки кӯдак дар қудрат ва қувваи доштааш додааст, қабул кунад; 2) он чи анҷом додани он барои кӯдак сангин ва тоқатфарсост, аз ӯ талаб нанамояд; 3) кӯдакро ба гуноҳ ва туғён водор накунад; 4) ба ӯ дурӯғ нагӯяд ва дар баробари ӯ амали ношоистаеро анҷом надиҳад [4, 348].

Ин нуктаҳои таъкидкардаи паёмбари ислом чун таълимоти ахлоқӣ дар ҳар давру замон қобили қабул буда, ҳамчун меъёри рафтор ва муносибат бо фарзанд барои ҳимояи мақоми ҳуқуқии ноболиғон дар ҳар давлати демократӣ арзёбӣ гаштааст. Аз ҷумла, принсипҳои ба корҳои вазнин ҷалб накардани ноболиғон дар ҳуқуқи меҳнат, дар таъйини ҷазо ба инобат гирифтани синну сол, ҳолати вазнинкунанда эътироф шудани ҷалби ноболиғон ба ҷиноят ва дар назди ноболиғон содир намудани ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятии муосир пурра аз дастуроти исломӣ буда, аз қудрати волои назарию амалии ин сарчашмаи ҳуқуқии исломӣ шаҳодат медиҳад. Чунин арзишҳои ахлоқӣ-ҳуқуқӣ, ки бо меъёрҳои динӣ омезиш ёфта, асрҳо барои инсоният дар шакли таълимоти ҳуқуқӣ-ахлоқӣ хизмат кардаанд, бо номи шариат машҳур гаштааст. Баъд аз таҳлили баъзе меъёрҳои ҳуқуқии Қуръон ва суннат маълум мегардад, ки воқеан ҳақ ба ҷониби муҳаққиқи ҳуқуқи исломӣ Л.Р. Сюкияйнен аст, зеро ӯ шариатро "падидаи мураккаб, серҷабҳа ва як майдони махсуси воҳӯрӣ ва омезиши меъёрҳои динӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ" номидааст [18, 90].

Дар Ислом муҳити аз ҳама солим ва мусоид барои тарбияи кӯдакон оилаҳои суннатӣ ба ҳисоб меравад, ки дар асоси ахлоқҳои ҳамида ва таъминоти моддӣ ташаккул ёфтаанд. Ташкили оила ва ба сифати падару модар қарор гирифтан хусусияти табиӣ дорад, ки ин гуфтаҳо имрӯз инъикоси худро дар дебочаи Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак ёфтаанд. Ин Конвенсия соли 1989 аз тарафи Ассамблеяи Генералии СММ қабул гардида,

дар он чунин омадааст: «… кӯдакон ба ғамхорӣ ва кӯмаки махсус ҳуқуқ доранд, бо боварӣ аз он ки ба оила, ҳамчун як қисми асосии ҷомеа ва муҳити табиӣ барои инкишоф ва беҳбудии ҳамаи аъзои он ва хусусан кӯдакон, бояд ҳимоя ва кӯмаки зарурӣ пешниҳод карда шавад, то оила уҳдадориҳои дар доираи ҷомеа мавҷудбударо ба зимаи худ гирифта тавонад…» [9, 64-95]. Конвенсияи мазкур эътироф мекунад, ки барои рушду такомули муносиби кӯдак муҳити солими оила, фазои хушбахтӣ, муҳаббат ва ҳамдигарфаҳмӣ, инчунин ба инобат гирифтани қобилияти ҷисмонӣ ва рӯҳии кӯдак зарур мебошад. Ҳамчунин эълон менамояд, ки барои кӯдак, чи пеш аз таваллуд ва чи баъди таваллуд, кафолат ва ҳимояи муайян аз тарафи қонунгузор зарур мебошад. Ин муқарраротҳо дар Қуъон ва ҳадисҳои паёмбар ба таври равшан зикр шудаанд. Бинобар пешрафти ҷомеа ва рушди тафаккури инсонӣ, давлатҳои мусулмониро зарур омад, ки меъёрҳои танзимкунандаи шариатро дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мустаҳкам намоянд. Аз ҷумла, қабули "Эъломияи Қоҳира оид ба ҳуқуқи инсон дар Ислом" соли 1990 шаҳодати ин гуфтаҳост. Дар моддаи 7 Эъломияи мазкур омадааст: «Ҳар як кӯдак аз лаҳзаи ба дунё омадан ба нигоҳубину ғамхории зарурӣ, маълумот, инчунин дастгирии моддӣ, беҳдоштӣ ва ахлоқӣ, ки бояд аз ҷониби волидон, ҷамъият ва давлат таъмин карда шавад, ҳуқуқ дорад. Ҳам барои кӯдак ва ҳам барои модар нигоҳубин ва дастгирии махсус аз тарафи давлат зарур мебошад» [23]. Аз мазмуни моддаи мазкур бармеояд, ки кӯдакон ба ҳимоя эҳтиёҷманданд, зеро онҳо қодир нестанд худро аз ҳар гуна таҷовузи муқобили ҳаёт ва саломатӣ муҳофизат намоянд. Аз ин рӯ, ислом аз ибтидо ҳуқуқ ба ҳаёт ва саломатиро нисбат ба тамоми кӯдакон, новобаста аз ҷинс, нажод ва ё баромади онҳо мансуб донистааст. Қуръон куштани кӯдаконро, ки пеш аз ислом баъзеҳо аз тангдастӣ ин амалро анҷом медоданд, қатъиян маҳкум ва манъ намуд: «Фарзандони худро аз бими фақириву дарвешӣ макушед. Мо ҳам шуморо рӯзӣ медиҳем ва ҳам онҳоро. Куштанатон хатои бузургест» [12, 17:31].

Тибқи ҳадисе, ки дар китоби "Саҳеҳи Бухорӣ" ва "Саҳеҳи Муслим" ривоят шудааст, аз ҳама гуноҳи калон пас аз ширк овардан ба Худованд, қатли тифл аз тарси он ки дар як табақ бо ту нон меҳӯрад, ба ҳисоб меравад [24, 229]. Ин анъанаи ғайриинсонии қатли кӯдакон асосан нисбат ба духтарон татбиқ мегардид, ки ба дунё омадани онҳо, чӣ тавре дар Қуръон омадааст, барои падарони онҳо мояи шармандагиву беобрӯгӣ ба шумор мерафт: «Ва чун ба яке аз онҳо муждаи духтар диҳанд, сияҳрӯй шавад ва хашмгин гардад. Аз шарми ин мужда аз мардум пинҳон мешавад. Оё бо хорӣ нигоҳаш дорад ё дар хок ниҳонаш кунад? Чӣ қазовати баде мекарданд» [11, 16:58-59].

Тавре, ки қайд кардем, ширхорагии кӯдак ҳуқуқи дигари кӯдаки навтаваллудшуда ба ҳисоб меравад, ки шарти зарурии ҳифзи ҳаёт ва саломатии тифл, инчунин дар баробари маводи хӯрокворӣ таъмини ҳимояи ӯ аз сироятёбӣ ба бемориҳо (инфексия) мебошад. Вобаста ба ин, дар Қуръони карим муқаррар шудааст: «Модароне, ки мехоҳанд шир доданро ба фарзандони худ комил созанд, ду сол ширашон бидиҳанд. Хӯроку либоси онон ба ваҷҳе неку бар уҳдаи соҳиби фарзанд, яъне падарон аст ва ҳеҷ кас беш аз қудраташ таклиф намешавад. Набояд ҳеҷ модаре ба хотири фарзандаш зиёне бубинад ва ҳеҷ падаре ба хотири фарзандаш. Ва вориси падар низ чунин бар уҳда дорад. В-агар падару модар бихоҳанд, бо ризоят ва машварати якдигар фарзандашонро аз шир бозгиранд, муртакиби гуноҳе нашудаанд. Ва ҳар гоҳ бихоҳед касе дигарро ба шир додани фарзандатон гиред, агар музде неку бипардозед, гуноҳе нест. Аз Худо битарсед ва бидонед, ки Ӯ ба коре, ки мекунед, биност» [12, 2:233].

Ширдиҳӣ дар ислом амри муҳим буда, ҳатто пас аз бекор гаштани ақди никоҳ ва ҷудоӣ миёни зану шавҳар, ба нигаҳдорию парастории фарзанд модар сазовортар аст ва падар бояд нафақа ва харҷи парастории фарзандро пардохт намояд [2, 664], яъне пас аз

талоқ низ падар вазифадор аст кӯдаки ширмаки хешро таъмин намояд. Дар ин маврид аз Абдуллоҳ ибни Амр ривоят аст, ки зане ба Паёмбар гуфт: "Эй паёмбари Худо, ин фарзанди ман аст, шикамам ҷойгоҳ ва пистонҳоям барояш нӯше гуворо ва оғӯшам осоишгоҳи ӯ будааст, падараш маро талоқ додааст ва мехоҳад ӯро аз ман бигирад. Паёмбар фармуданд: Чунончи қасди издивоҷ надорӣ, ҳаққи ту ба сарпарастии ӯ авлотар аст" [2, 41]. Дар шарҳи ин ҳадис Имом Хаттобӣ мефармояд: «Мазмуни ин ҳадис далолат бар эҳтироми бештари модар дорад. Зеро, баъд аз шаклгирии ҷанин, ҳамл, таваллуд ва парвариши кӯдак бар ухдаи модар аст ва аз он ҷо ки падар дар ин корҳо накш надорад, модар ҳангоми ба миён омадани ихтилоф ба сарпарастии кӯдак дар авлавият аст» [25, 70-71]. Ин муқаррарот дар меъёрҳои ислом боиси боз ҳам устувортар гаштани оила, пешгирӣ аз парокандашавии оилаҳо ва беҳтар ҳимоя шудани ҳуқуқи занону кӯдакон мебошад. Ин меъёр дар қонунгузории аксари давлатҳо мустаҳкам карда шудааст.

Андешидани чораҳои зарурӣ вобаста ба нигоҳубини саломатии зан ва таъмини амнияти модарӣ вазифаи ҳар як ҷамъият мебошад. Ин ҷанба дар худ пешниҳод намудани рухсатии ҳомиладориро барои модарони коргар дар бар мегирад. Илова бар ин, дар ислом кӯдаки таваллуднашуда на танҳо таҳти ҳимоя қарор мегирад ва ба нигоҳубини тиббӣ ҳуқуқ дорад, балки дар мероси падар ҳиссаи худро дорад. Дар сурате, ки падар вафот кунад, масъалаи тақсими молу мулки ӯ танҳо пас аз таваллуди кӯдак баррасӣ карда мешавад. Ба ин масъала дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таваҷҷуҳ шудааст. Дар моддаи 1144 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин мазмун оварда шудааст: «Ворисон тибқи васиятнома ва бо қонун шаҳрвандони дар лаҳзаи кушодани мерос зинда ва ҳамчунин кӯдакони ҳангоми зинда будани меросгузор дар батни модар ва баъди кушодани мерос зинда таваллудшуда буда метавонанд» [8].

Аз тарафи дигар, дар ҳуқуқи исломӣ зери васояти худ қабул намудани кӯдаке, ки аз волидайн ва хешовандон (кӯдаки ятим ва ё партофташуда) маҳрум мебошад, таълиму тарбия намудан рафтори бениҳоят шоиста ҳисобида мешавад. Васӣ метавонад ба чунин кӯдак «то аз се як ҳисаи меросро пеш аз марг» васият намояд. Дар ҳуқуқи исломӣ диққати зиёд ба зоҳир намудани ғамхорӣ ва васоят нисбат ба ятимон равона шудааст. Зоҳир намудани ғамхорӣ ба ятимон хусусиятҳои ҳуқуқиро доро мебошад. Аз ҷумла, ятимон номи аҷдодии худ ва ҳуқуқи меросиро нигоҳ дошта, наметавонанд ба ном ва ба мероси парастори худ муддаӣ бошанд. Зимнан ба кӯдакони таҳти парасторӣ қарордошта шароити баробар бо фарзандони аслӣ дар тарбия ва ғамхорӣ, аз ҷумла пешниҳод намудани манзил, хӯрок, шароит барои инкишофи рӯҳию ҷисмонӣ ва ғайра таъмин карда мешуд. Чунин амали мусулмонон қобили қабул дониста шуда, ҳатто боиси подош мегардад. Дар Қуръон ба масъалаи васояти кӯдакон диққати махсус дода шуда, ҳатто ашхоси нисбат ба кӯдакони ятиму бепарастор муносибати ношоистадошта ба ашхоси ғайри муъмин баробар дониста мешавад: «Оё онро, ки рӯзи ҷазоро дурӯғ мешумурад, дидӣ? Ӯ ҳамон касест, ки ятимро ба иҳонат (хорӣ) меронад ва мардумро ба таъом додан ба бенаво тарғиб намекунад» [12, 107:13]. Инчунин дар сураи Бақара зикр мегардад, ки: «Туро аз ятимон мепурсанд. Бигӯ: «Ислоҳи ҳолашон беҳтар аст. Ва агар онҳоро таҳти таъминоти худ гиред, пас онҳо бародарони шумоянд» [12, 2:220].

Ҳамин тавр, васӣ бояд молу мулки ятимро аз молу мулки худ ҷудо нигоҳ дорад ва аз ба даст овардани фоида аз ҳисоби амволи ятим худдорӣ намуда, манфиати ӯро ҳифз намояд. Ҳамчунин ислом манфиатҳои асосии кӯдаконро ҳимоя намуда, оиларо ҳамчун муҳити табиие, ки дар доираи он нисбат ба кӯдак муҳаббат, таваҷҷуҳ ва амният таъмин мегардад, нигоҳ медорад. Ба волидон иҷозат дода намешавад, ки нисбат ба талаботҳои ҷисмонӣ ва маънавии кӯдак беэътиноӣ зоҳир намоянд. Волидон барои тарбияи дурусту беҳтари кӯдак масъул мебошанд. Кӯдакон ба муносибати хуб ва ғамхорӣ аз тарафи

волидон ҳуқуқи баробар доранд. Барои роҳ надодан ба ҳасадбарӣ, ҳеҷ як кӯдак набояд дар оила нисбат ба бародарону хоҳарони худ мавриди икрому таваҷҷуҳи зиёд ва махсус ва ё мавриди фишору азият қарор гирад. Чи тавре дар ҳадис омадааст: «Аз Худо битарсед ва дар тарбияи кӯдакони худ баробарӣ ва адолатро риоя намоед!» [7, 317].

Дар ҳуқуқи исломӣ духтарон ва писарон ба таваҷуҳу ғамхории волидон ҳуқуқҳои баробар доранд. Онҳо дар гирифтани таъминот, нигаҳдории саломатӣ ва ба даст овардани маълумот имкониятҳои баробар доранд. Тибқи ҳадис, ки аз забони Анас ибн Молик ривоят шудааст, Муҳаммад (с) фармудааст: «Кӯшиш намудани ба даст овардани дониш (илм) барои ҳар як марду зани мусулмон фарз (ҳатмӣ) мебошад» [7, 35-40]. Таълими духтарон дар ислом нақши махсусро мебозад. Тавре паёмбар дар яке аз ҳадисҳо қайд менамояд: «Агар се духтар ва ё ду духтар дошта бошию нисбат ба ҳамаи онҳо якхел муҳаббат намоӣ ва ба онҳо таълими хуб диҳӣ, пас ҷои ту Ҷаннат аст» (ривояти Тирмизӣ) [7, 35-40]. Натиҷаи чунин таъсиррасонӣ ва алоқаи мутақобилаи шарқӣ буд, ки дар моддаи 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст: «Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд» [10, 9]. Ин меъёри қонуни асосӣ уҳдадории мутақобилаи падару модар ва фарзандонро муқаррар намуда, пеш аз ҳама тарбияи фарзандонро дар навбати аввал пешбинӣ кардааст. Меъёри мазкур зери таъсири одату анъанаҳои шарқиёна махсусан дини ислом бобати таълиму тарбияи фарзанд ва эҳтироми падару модар ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст. Дар ҳадис омадааст: «Аз ҳуқуқе, ки писар (*фарзандон – Ш.М.*) ба падари худ дорад ин аст, ки падар бояд модари ӯро эҳтиром кунад, барои ӯ номи хуб интихоб намояд, ба кӯдак Қуръон биёмӯзад ва ӯро ба некӣ ва покдилӣ парвариш диҳад» [4, 351]. Дар ин маврид, муҳаққиқ Л.Р. Сюкияйнен хеле хуб қайд кардааст, ки: «Ақида меронанд, ки таълимотҳои динӣ ва ахлоқӣ кухна шудааст, аммо дар асл на таълимоти динию ахлоқӣ, балки тасаввуроти мо нисбат ба онҳо кухна гаштааст ва мо ба ин таълимотҳо бояд аз нуқтаи эҳтиром ба боварии ботинии пайравонаш рафтор намуда, арзишҳои умумиинсонӣ ва намунавии онро, ки ҳам барои онҳо ва ҳам барои мо ва кулли инсоният созгор аст, қабул намоем» [18, 17].

Бо вуҷуди он ки зан дар ислом соҳиби ҳуқуқҳои зиёд аст, дар ҳадиси мазкур ҳуқуқи иловагӣ ба воситаи фарзандаш мегирад. Ва чунин ҳуқуқро соҳиб гардидани зан дар давраи тифлии фарзанд бесабаб нест. Омили асосӣ пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки дар давраи тифлӣ кӯдак пурра аз модар вобастагӣ дорад, чи қадаре, ки модар табъаш хушу саломатиаш хубу таъминоташ беҳ бошад, фарзанд ҳамон қадар солим тарбия меёбад. Бояд аҳамият ба он дода шавад, ки талаботи ҳадис меъёри сирф ҳуқуқӣ буда, характери дуняviро дорост, зеро ҳадис бо чунин диспозитсия оғоз меёбад: «Аз ҳуқуқҳое, ки фарзанд бар падар дорад». Ҳамчуноне ки ҳуқуқи фарзанд дар ҳадис муқаррар гардидааст, уҳдадории падар низ муқаррар карда шудааст. Аз ҷумла, уҳдадории падар дар номи хуб мондан бар писар. Ин таъйиноти паёмбари ислом роҷеъ ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак имрӯз низ аҳамияти худро гум накардааст [20, 358].

Дини ислом масъулияти ба камол расонидани фарзандро дар навбати аввал бар дӯши падару модар мегузорад. Метавон якчанд оятҳои Қуръон ва ривояту ҳадисҳои дигареро маънидод намуд, ки ба кӯдакон ва ҳуқуқу озодиҳои онҳо бахшида шудаанд. Худованд падару модарро ба тарбияи фарзанд чунин тарғиб мекунад: «Эй мӯъминон! Хештан ва аҳли хонаи худро аз оташе, ки оташафрӯзи он мардум ва сангҳо бошанд, нигоҳ доред! Фариштагони дуруштхӯ, сахтрӯ бар он оташ муввакаланд, Худоро дар он чи ба онҳо фармудааст, нофармонӣ намекунанд ва он чиро мекунанд, ки ба онҳо ҳукм мешавад» [12, 66:6]. Ин ояти қуръонӣ дар ҳақиқат паҳлӯҳои гуногун дорад. Яке аз

масъалаҳои дарбаргирандаи ин оят тарбияи солеҳонаи фарзандон мебошад. Волидон танҳо бо тарбия ва ба камол расонидани фарзанди некӯкор метавонанд аз ҳар гуна офат дур кунанд. Ин меъёр ҷанбаи сирф динӣ дошта, ухдадориҳои мутақобилаи падару модар ва фарзандро нишон медиҳад. Чунончи фарзанди солеҳ метавонад волидони худро дохили ҷаннат гардонад. Алӣ ибни Абутолиб дар зимни ин оят чунин мегӯяд: «Худро ва хонаводаатонро аз оташи дӯзах нигоҳ доред», маънои «Худатон некиро ёд бигиред ва онро ба хонаводаатон биомӯзонед»-ро доро мебошад. Ин сухани ҳазрати Алиро Ҳокими Нишопурӣ дар китобаш «Мустадрак» ривоят кардааст [3, 420]. Муфассирони дигар ин оятро чунин шарҳ додаанд: «Худатонро аз оташи дӯзах ба бозистодан аз он чизҳое, ки Худованд шуморо манъ кардааст, нигоҳ доред» [3, 420].

Ибни Қайим ҷиддӣ будани ин масъулиятро таъкид карда, мегӯяд: «Яке аз донишмандони маъруф мефармояд: Албатта, Худованд субҳонаҳу ва таъоло рӯзи қиёмат қабл аз он ки фарзандро дар бораи падараш пурсад, падарро дар бораи фарзандаш мепурсад. Зеро он чунон ки падар бар зиммаи фарзандаш ҳақ дорад, ҳамчунин фарзанд ҳам бар зиммаи падараш ҳақ дорад» [21, 11-12]. Ин андеша дар китоби муқаддаси мусулмонон ҳанӯз дар қарни VII таҳкими худро ёфта буд: «Ва ба одамӣ амр кардем, ки ба падару модари худ некуӣ кун» [12, 29:8]. Дар Қуръон дар бештари ҳолатҳо тавсифу таърифи инсон бо ифодаи «фарзанди Одам» ё «фарзанди инсон» сурат мегирад. Чунончи: «Мо фарзандони инсонро каромат бахшидем ва бар дарёву хушкӣ савор кардем ва аз чизҳои хушу покиза рӯзӣ додем ва бар бисёре аз махлуқоти хеш бартариашон додем» [12, 17:70].

Бо дар назардошти гуфтаҳои боло, дар баъзе кишварҳо то ҳол пойгоҳи қонунгузорӣ, ки ҳуқуқҳои кӯдаконро бо мақсади «ба ҳар як кӯдак таъмин намудани ояндаи арзанда» ҳимоя намояд, ҷой надорад. Соли 1959 Ассамблеяи Генералии СММ оид ба ҳимояи кӯдакон Эъломияи дахлдор қабул кард, ки дар он масъалаҳо вобаста ба ҳимоя, зиндагӣ ва инкишофи сокинони хурдсоли сайёраи мо баррасӣ шудаанд. Дар баробари ин, Шӯрои СММ соли 1989 Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдакро қабул намуд. То охири соли 1999 Конвенсияи мазкур аз тарафи тамоми давлатҳои аъзои СММ тасдиқ карда шуд, ба истиснои Сомалӣ ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико. Тавре муҳаққиқи ватанӣ Сафаров Д.С. қайд мекунад: «Дар зери таъсири ҷараёнҳои ҷаҳонишавӣ дар давлатҳои шомили фарҳанги ҳуқуқии мусулмонӣ ба проблемаҳои ҳуқуқи инсон аҳамияти зиёд дода шуда истодааст. Ба гуногунфикрӣ ва мухолифатҳо бобати универсализми ҳуқуқи инсон нигоҳ накарда, вазъи ҳуқуқии шахс дар ин давлатҳо рӯ ба беҳбудӣ дорад» [17, 153]. Ин ҷо назари Азиз Диноршоев низ ба маврид аст: «Ислом ҳамчун низоми идеологӣ, маънавӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии нав дар меъёрҳои худ бевосита ё бавосита ҳуқуқу манфиат ва озодиҳои инсонро муқаррар ва танзим менамуд» [6, 101-102].

Ба тамоми саъю кӯшишҳои ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар роҳи расидан ба ҳадафҳои асосии дар Конвенсия гузошташуда нигоҳ накарда, ҳисоботҳои солонаи СММ аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳанӯз ҳам мушкилоти зиёди ҳалталаб, ба хусус марги кӯдакон дар синни то панҷсолагӣ, гуруснагӣ, норасоии таълими ибтидоӣ, хатари низоъҳои мусаллаҳона, эҳтимоли сироят ёфтан ба ВНМБ (ВИЧ/СПИД), ҷой доранд. Илова бар ин, кӯдакон таҳти истисмори меҳнати маҷбурӣ, таҷовузи шаҳвонӣ ва вобастагӣ аз моддаҳои нашъадор қарор мегиранд. Ислом ҳамчун як низоми ҳуқуқӣ тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонро танзим намуда, барои сохтори ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, ки манфиатҳои кӯдак ва тарбияи дурусти онро кафолат медиҳад, заминаи устувор мегузорад ва он ҳудуди муайяни амал надорад. Вобаста ба ин, устод Тоҳиров Ф.Т. қайд намудааст, ки: «ҳуқуқи мусулмониро ҳуқуқи башарият меноманд. Зеро он ба ҳудуд ё сарҳади давлатҳо маҳдуд нагардида, ба ҳамаи одамоне, ки пайрави дини ислом ҳастанд, новобаста аз макони зисташон паҳн мегардад» [19, 31-32].

Дар саросари оятҳои Қуръон ва суннатҳои паёмбар тарбияи кӯдак мавқеи аввалиндарачаро доро мебошад. Дар меъёрҳои шариати исломӣ таъкид карда мешавад, ки даврони тифлӣ ва марҳилаҳои рушди шахсияти кӯдак, вақте аз сӯи падару модар, аҳли хонавода ва ё муҳити иҷтимоӣ, мактаб, хостаҳои ҷисмӣ ва ё инкишофи зеҳнӣ ва рӯҳиаш мавриди беэътиноӣ қарор мегиранд, хостаҳои кӯдак нобароварда ва бепосух боқӣ мемонанд, ё саркӯб мегарданд ва ё шахсияташ мавриди таҳқир қарор мегирад, дар оянда ба сурати душманӣ ба аҳли ҷомеа, бадбинии гурӯҳе аз мардум ва умуман ба сурати низоъҳои ботинӣ, кинаву кудурат ва носозгорӣ ба ҳаёти осоишта ба камол мерасад, киояндаи ногуворро аз ин гуна кӯдакон интизор шудан мумкин аст. Маҳз ба ҳамин хотир дар ҳадисҳои паёмбар таъкид шудааст, ки тарбияи кӯдак подоши беандоза дорад. Аз ҷумла, дар ҳадисе омадааст: «Вақте инсон бимирад амалаш ба поён мерасад ба ҷузъ аз се амал: садақаи ҷория ё илме, ки аз он нафъ расад, ё фарзанди некӯкоре, ки барои ӯ дуои хайр кунад» [7, 230].

Дар ривоятҳои исломӣ низ масъалаи тарбияи фарзанд ҳамчун муҳимтарин вазифаи волидайн махсус таъкид мешавад. Аз ҷумла, аз Ҳотибӣ чунин ривоят шудааст: Ибни Умарро шунидам, ки ба марде мегуфт: «Писаратро адаб омӯз, зеро аз фарзандат низ пурсида мешавад, ки чӣ гуна тарбияташ кардӣ? Ба ӯ чӣ омӯхтӣ? Ва фарзандат албатта пурсида хоҳад шуд аз некуӣ ва эҳсони ту ба ӯ ва аз фармонбардории ӯ ба ту» [21, 11]. Дар мавриди баробарии фарзандон дар ҳадис чунин омадааст: «Миёни фарзандонатон адл кунед» [21, 11-12]. Ин ҷо кафолати баробарҳуқуқии фарзандон, яъне духтарону писарон ба назар мерасад.

Шайх Муҳаммад ибни Ҷалили Зайну дар китоби «Нидо ба мураббиён ва мураббияҳо» менависад: «Албатта, вазифаи мураббӣ ниҳоят мураккаб ва кори ӯ пуршарафтарини корҳост, агар онро ба таври комил ва холис барои Худо анҷом диҳад ва толибилмонро тарбияи дурусти исломӣ диҳад. Калимаҳои мурработӣ ва мурработия мафҳуми мударрису мударриса, муаллиму муаллима, падару модар ва ҳамаи афроде, ки кӯдаконро нигаҳбонӣ ва тарбия мекунанд, дар бар мегирад» [21, 24].

Ҳамин тавр, олимону донишмандон бар зарурати тарбияи дурусти фарзанд, ки асос ва пояи он Қуръону ҳадис аст, иттифоқ кардаанд. Донишмандон бар он боваранд, ки ҳар шахсе барои анҷом додани ин вазифаи олӣ камар бандад, бешак даст бар амали бузурге задааст, ки он идомаи вазифаи анбиё ва мурсалине, ки Худованд онҳоро барои ҳидояти башар ва таълими онҳо фиристод, мебошад [21, 24]. Дар Қуръон чунин омадааст: «Ба ростӣ ки Худованд сарнавишти ҳеҷ қавмеро тағйир нахоҳад дод, магар он чиро дар замирашон аст, тағйир диҳанд» [12, 13:11].

Боиси тазаккур аст, ки шариати исломӣ нисбати кӯдакон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, манфиатҳояшонро ҳифз карда, ба онҳо ҳуқуқ ва озодиҳои зиёдеро додааст, ки дар доираи як мақола онро ба пуррагӣ таҳлил намудан ғайриимкон аст. Масалан, ҷомеаи муосир аз оғози асри XX осебпазир будани кӯдакро бештар дарк намуда, бахри тарбия ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ӯ талош карда, бо қабули Эъломия, Конвенсия ва протоколҳои иловагӣ дар ҳолатҳои ҷанг иштироки онҳоро дар низоъҳои мусаллаҳона манъ кардааст, дар ҳоле, ки паёмбари ислом онро дар замони худ манъ намуда буд. Дар "Саҳеҳи Бухорӣ" ва "Саҳеҳи Муслим" аз Абдуллоҳ ибни Умар ривоят шудааст, ки паёмбар «аз куштани занон ва кӯдакон (дар рафти амалиёти ҷангӣ) наҳӣ намудааст» [1, 310].

Дар умум, бояд қайд намуд, ки тарбияи инсон, бахусус кӯдакон дар шариати исломӣ 14 аср қабл аз он ки онҳоро Созмони Милали Муттаҳид эътироф ва мустаҳкам намояд, баррасӣ гардида буд. Дар низоми ҳуқуқи исломӣ ҳифзи ҳуқуқу манфиати кӯдак ҳамчун дастури Илоҳӣ муайян карда шудааст. Шариати исломӣ барои таъмин ва таълиму тарбияи арзандаи кӯдак, оила (падару модар), ҷомеа ва давлатро масъул кардааст.

**Адабиёт**

1. Абдушарифи Боқизода. Тафсири навини Қуръони карим, Ҷ. I. – Лоҳур: Lahoria Book Banding in company, 2011. – 864 с.

2. Абдушарифи Боқизода. Фиқҳи исломӣ бар асоси мазҳаби Ҳанафӣ – Душанбе, 2008. – 992с.

3. Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. Кимиёи саодат: дар 2 ҷ // Таҳияи Дӯстмуҳаммади Дӯст, Кудратбек Элчибеков. – Душанбе: Эр-граф, 2008. – Ҷ. 1. – 672 с.

4. Ал-Гаури Саййид ‘Абд ал-Маджид. Маусу‘ат ‘улум ал-хадис ва фунуних («Энциклопедия по науке о хадисах и [хадисоведчесому] искусству»). Бейрут: «Дар Ибн Касир», 2007. – 686 с.

5. Давлаталӣ Д. Мусулмонон: таърихи воқеии инкишоф ва таназзул. – Душанбе: ЭР Граф, 2017. – 520 с.

6. Диноршоев А.М. Права человека в истории общественной мысли. – Душанбе, 2013. – 200 с.

**7.** Имом Зайнуддин Аҳмад. Мухтасар Саҳеҳи Бухорӣ**.** – Душанбе: ЭР-граф, 2011. – 668 с.

8. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми сеюм) (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2005, № 3, мод. 124; с. 2012, № 7, мод. 690).

9. Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак (аз 20.11.1989. бо қатъномаи 44/25 Ассамблеяи генералии СММ қабул гардид ва барои имзо, тавсиб ва ҳамроҳ шудан кушода аст. Аз 09.03.1990 с. эътибор пайдо кардааст) // Ализода З., Сафаров Б., Саъдизода Ҷ., Қодирӣ С., Солиев А. Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон. Нашри дуюм. – Душанбе, 2018.

10. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе, 2016.

11. Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – 640 с.

12. Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он бо забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оят). – Душанбе, 2013. – 1216 с.

13. Одинаев Я. Коран: философское, этическое, эстетическое. учение. – Душанбе: Маориф,1991.

14. Римское частное право: Учебник / Под ред. проф. И.Б. Новицкого и проф. И.С. Перетерского. –М.: Юриспруденция, 2000. – 544 с.

15. Сафаров Б.А. Формирование раннего исламского государства. –Душанбе, 2011. – 200 с.

16. Сафарзода Б.А. История воплощения концепций и международных стандартов в области прав человека в правовую систему Республики Таджикистан. – Душанбе: 2016, – 370 с.

17. Сафаров Д.С. Права человека и глобализация в контексте исламской правовой культуры: история и современность: дис. ... кан. юрид. наук. – Душанбе, 2012. – 216 с.

18. Сюкияйнен Л.Р. Шариат и мусулманско-правовая култура. – М., 1997. – 150 с.

19. Тоҳиров Ф.Т. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1994. – 260 с.

20. Холиқов А.Ғ. Ҳуқуқи исломӣ. – Душанбе, 2010. – 400 с.

21. Ҳамад Ҳасан Рақит. Тарбия ва ислоҳи фарзандон. – Душанбе, 2004.

22. Эъломия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак аз 20 ноябри соли 1959 аз тарафи Ассамблеяи Генералии СММ қабул карда шудааст.

23. Эъломияи Қоҳира оид ба ҳуқуқи инсон дар Ислом соли 1990 аз тарафи 45 аъзои Ташкилоти Исломии Ҳамкорӣ қабул карда шудааст.

24. Юсуф Кардави. Дозволенное и запретное в Исламе. – Каир, 1960. – 358 с.

25. Юсуф Қарзовӣ. «Марказу-л-маръати фи-л-ҳаёти-л- исломияти». Қоҳира: «Мактабату Ваҳба». 1416 ҳ.қ. (1996м).

# ЗАЩИТА ПРАВ И ИНТЕРЕСОВ РЕБЕНКА В ИСЛАМЕ

**ШОСАИДЗОДА ШАХБОЗ ШОСАИД,**
кандидат юридических наук, помощник директора
Центра исламоведения при Президенте Республики Таджикистан.
99232, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Шодмони 58/1.
Тел.: (+992) 936-00-55-66. E-mail:dahkat_1988@mail.ru.
**ОДИНАЕВА ШАРИФАМО НАЗРИМАДОВНА,**
главный специалист отдела
исследования традиции, обряды и сравнительного религоведения
Центра исламоведения при Президенте Республики Таджикистан
99232, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Шодмони 58/1.
Тел.: (+992) 987-31-54-13. E-mail:odinaeva1989@inbox.ru.

*Одним из важнейших вопросов современного общества, находившийся в центре внимния экспертов и социологов, является образование и воспитание детей, которое во все времена и во всех религиях было связано с ключевыми проблемами человеческого общества. В настоящей статье, направленной на изучение образования, воспитания и защиты прав и интересов ребенка с точки зрения ислама, с учетом некоторых ценностей и норм исламской религии и международных деклараций и конвенций, анализируются способы обеспечения прав и интересов ребенка как с точки зрения ислама, так и с точки зрения национального и международного законодательства.*

***Ключевые слова:*** *права ребенка, обучение, воспитание, национальное и международное законодательство, правообеспечение, Вслам, шариат.*

# PROTECTION OF THE RIGHTS AND INTERESTS OF THE CHILD IN ISLAM

**SHOSAIDZODA SHAHBOZ SHOSAID,**
candidate of legal sciences, Assistant Director of the
Center for Islamic studies under the President of the Republic of Tajikistan.
99232, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 58/1 Shodmoni Street.
Phone: (+992)-936-00-55-66. E-mail:dahkat_1988@mail.ru.
**ODINAEVA SHARIFAMO NAZRIMADOVNA,**
Chief specialist of the Department for the
study of traditions, rituals and comparative religious studies of the
Center for Islamic studies under the President of the Republic of Tajikistan
99232, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 58/1 Shodmoni Street.
Phone: (+992)-987-31-54-13. E-mail:odinaeva1989@inbox.ru.

*One of the most important issues of modern society, which was in the center of attention of experts and sociologists, is the education and upbringing of children, which at all times and in all religions has been associated with the key problems of human society. This article, aimed at studying the characteristics of education, upbringing and protection of the rights and interests of the child from the point of view of Islam, taking into account some values and norms of the Islamic religion and international declarations and conventions, analyzes ways to ensure the rights and interests of the child both from the point of view of Islam and from the point of view of view of national and international legislation.*

***Key words:*** *child rights, education, upbringing, national and international legislation, law enforcement, Islam, Sharia.*

УДК: 342

# ИНКИШОФ ВА РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ МОЛИЯВИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ ШӮРАВӢ

**АБДУАЛИМЗОДА ИСМОИЛ ИБРОҲИМ,**
унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 987-38-00-00. E-mail: Ismoil.Karimov83@inbox.ru

*Мақолаи мазкур ба таҳлили инкишоф ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон дар давраи шӯравӣ бахшида шудааст. Муаллиф инкишофи муносибатҳои молиявӣ дар давраи шӯравиро таҳлил намуда, хусусиятҳои хоси ташаккул ва рушди ин муносибатҳоро ошкор намудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *давраи шӯравӣ, санадҳои қонунгузорӣ, қонунгузории молия, инкишофи қонунгузории молия, ҳуқуқи молия, муносибатҳои молия.*

Дар сарзамини Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро аз рӯи таҷрибаи Ҷумҳурии Туркистон ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ ташкил карда шуданд. Онҳо бо ташаббуси худи истеҳсолкунандагон ташкил ёфтанд ва ҳокимият онҳоро аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ мекард. Мувофиқи маълумоти 13 июни соли 1924 чунин ташкилотҳо дар Ҷумҳурии Бухоро низ аллакай 84000 нафар аъзо доштанд. Шуъбаи бухороии бонки Кишоварзии Осиёимиёнагӣ барои эҳтиёҷоти онҳо 214 ҳазор сум пул ҷудо карда буд.

21 феврали соли 1924 дар ҷамъомади раёсати Шӯрои Иқтисодии Бухоро масъалаи ташкил намудани ширкати қарздиҳии кишоварзӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. То 24 ноябри ҳамон сол миқдори чунин ширкатҳо дар ҷумҳурӣ ба 79 адад расид, ки барои онҳо бонки номбурда 500 ҳазор сӯм ҷудо намуд. Ин ҳама чорабиниҳо имконият доданд, ки дар ҶХШ Бухоро то андозаи муайян пахтакорӣ рушд намояд.

Баъди инқилоби Октябрии (соли 1917) дар Россия вазъияти молиявии Аморати Бухоро махсусан душвор гардид. Дар ҳудуди аморат амлиёти 14 намуди пулҳоро дидан мумкин буд. Дар байни онҳо пули замони Ҳукумати Муваққатии Россия «керенка» мақоми асосиро ишғол мекард. Пулҳои шӯравии барориши солҳои 1918 ва 1919, инчунин бонкҳои туркистонӣ дар ҳудуди аморати Бухоро амал намекарданд.

Сентябри соли 1922 бо сармояи 5 миллион сӯми тилло бонки Халқии Бухоро ба бонки давлатӣ табдил ёфт. Дар ин муддат хукумати Ҷумҳурии Бухоро бо мақсади беҳтар намудани вазъияти молиявии худ, махсусан бартараф намудани норасоии пули накд, бо барориши пулҳои қоғазии «1000, 2000 ва 3000» сӯма шурӯъ кард, ки онҳоро пулҳои бухороии шӯравӣ низ мегуфтанд. Чунин пулҳо ҳар рӯз бо усули нисбатан оддӣ, дар дастгоҳи дастӣ ба миқдори се то панҷ миллион сӯм бароварда мешуд. Албатта ин пул дар қаламрави Ҷумҳурии Бухоро ба амалиёти озодонаи пулии Россияи Шӯравӣ ва қурби он таъсири манфӣ расонид. Бинобар ин, бо «хоҳиши» ҳукумати Иттиҳоди Шӯравӣ аз 2 майи соли 1923 барориши пули шӯравии бухороӣ қатъ гардид.

Ба ақидаи И.Х. Давлатов дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза то ғалабаи инқилоби октябри соли 1917 идораҳои бонкӣ тамоман мавҷуд набуданд [3, 69]. Дар замони ИҶШС дар Тоҷикистон фаъолияти бонкӣ зери инҳисори давлат қарор дошт ва пешбурди фаъолияти бонкии хусусӣ ҳамчун ҳаннотӣ баҳогузорӣ мегардид. Дар замони таҷдиди иқтисодиёти ИҶШС (солҳои 1987-1990) ислоҳоти бонкӣ гузаронида шуд, ки боиси пайдоши бонкҳои хусусӣ ва байнидавлатӣ гардид [1, 144].

Зарурати кушодани бонкҳо дар ҳудуди Тоҷикистон бори аввал дар баромади ҷонишини раиси КИ ҶМШС Тоҷикистон дар маҷлиси Ҳукумат 14 декабри соли 1924 қайд гардид ва ба суроғаи шуъбаи осиёимиёнагии Бонки давлатии ИҶШС маълумот дар бораи он ки кадом корҳо барои ташкили шуъбаи Бонки давлатии ИҶШС дар Душанбе рафта истодааст, фиристода шуд. Дар Бухоро соли 1924 дар қатори Бонки давлатӣ ва бонки кишоварзии Осиёимиёнагӣ, инчунин бонки Тиҷоратии Осиёимиёнагӣ, ки ҳамон сол бунёд гардидааст, аллакай фаъолияти худро сар карда буд. Бо ин назардошт вазъияти молиявии Ҷумҳурии Бухоро рӯ ба беҳбудӣ ниҳод [7, 158].

Тибқи маълумотҳо то октябри соли 1925 дар Душанбе Агентии бонки давлатии ИҶШС таъсис дода шуда буд, ки аз октябри соли 1925 то соли 1926 он бо номи Кантораи бонки давлатии ИҶШС дар Душанбе, аз соли 1926 бо номи Контораи Тоҷикистонии бонки давлатии ИҶШС, аз сентябри соли 1932 бо номи шуъбаи (конторааи) ҷумҳуриявии Бонки давлатии ИҶШС, аз октябри соли 1987 бо номи Бонки ҷумҳуриявии тоҷикии Бонки давлатии ИҶШС, аз 28-уми июни соли 1991 бо номи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 14-ум декабри соли 1996 бо номи Бонки миллии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун бонки мустақил дар заминаи шуъбаи ҷумҳуриявии Бонки давлатии ИҶШС дар шаҳри Душанбе дар асоси қарори парламенти мамлакат аз 28-уми июни соли 1991 таъсис дода шудааст. Дар таърихи худ Бонки миллии Тоҷикистон роҳи мушкил ва тулониро паси сар намуда, аз Агентии Бонки давлатии ИҶШС дар шаҳри Душанбе то ба Бонки миллии Тоҷикистон табдил дода шудааст. Ҳамин тавр, дар мисоли таърихи инкишофёбии Бонки миллии Тоҷикистон таърихи инкишофи низоми бонкии Тоҷикистонро мушоҳида намудан мумкин аст. Дар давраи Шуравӣ дар Тоҷикистон шуъбаҳои ҷумҳуриявии шаш бонки иттиҳод - Бонки давлатии ИҶШС, Бонки аграрӣ-истеҳсолӣ, Бонки саноату сохтумон, Бонки содиротӣ, Бонки амонатҳои меҳнатӣ ва Бонки манзилию иҷтимоӣ амал мекард. Низоми бонкии Тоҷикистони Шӯравӣ ба низоми якзинагӣ дохил мешуд. Дар айни замон низоми бонкии Тоҷикистонро Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои дигари қарзии (кредитии) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда ташкил медиҳанд [4, 22].

Бори аввал низоми бонкӣ дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза баъд аз таъсиси ҶМШС Тоҷикистон оғоз ёфт. Нахустин муассисаҳои бонкии Тоҷикистон «Намояндагии бонки давлатии ИҶШС дар шаҳри Душанбе» моҳи июни соли 1925 ташкил гардид, ки ба идораи дар Осиёи Миёна будаи Бонки давлатии ИҶШС дар шаҳри Тошкент тобеъ буд. Моҳи декабри соли 1925 ба «Намояндагии Бонки давлатии ИҶШС дар шаҳри Душанбе» табдил дода шуд. Моҳи декабри соли 1934 Намояндагии Бонки давлатии ИҶШС дар шаҳри Душанбе буда, ба тобеияти бевоситаи Бонки давлатии ИҶШС гузашт ва дар оянда ба худ номи «Идораи тоҷикистонии Бонки давлатии ИҶШС»-ро гирифт.

Дар соли 1934 бо 24 бахш, соли 1942 бахшҳои Бонки давлатӣ то ба 42 ва соли 1987 то ба 59 бахш расид ва ба корхонаҳо ва шахсони ҷудогона хизмати бонкӣ мерасонд. Аз соли 1925 то соли 1987 дар Тоҷикистон се бонки давлатии соҳавӣ: Идораи тоҷикистонии Бонки давлатии ИҶШС, Идораи тоҷикистонии Бонки сохтмонии ИҶШС, Идораи тоҷикистонии Бонки амонатгузории ИҶШС фаъолият менамуд [1, 30].

Дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза ташкилоти бонкӣ дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ пайдо шуда бошад ҳам, сармояи бонкӣ бо воситаи механизми миёнаравӣ ба ин минтақа дар солҳои аввали ҳамроҳшавии қисми Осиёи Миёна ба Империяи Русия ворид шуд. Бонки давлатии Русия, ки соли 1875 шуъбаи худро дар Тошканд кушода буд, хазинаҳои қарзии бонки худро дар шаҳрҳои Хуҷанд, Конибодом, Исфара ва Панҷикент таъсис дод. Яъне аз охири асри XIX то Инқилоби Октябр ҳудуди шимолии Тоҷикистони имрӯза, ки

ба Империяи Русия дохил мешуд, аз системаи бонкии ин давлат бевосита вобаста буд. Дар ин давра бонкҳои калонтарин, ба монанди Бонки давлатии Русия, Бонки Русӣ – Осиёӣ, Бонки москвагии савдои байналхалқӣ ва дигар бонкҳо намояндагиҳои худро дар ҳудуди Осиёи Миёна ташкил карданд.

Низоми бонкии Тоҷикистон дар тараққиёти худ роҳҳои гуногунро аз низоми бонкии тоинқилобии Империяи Русия сар карда, то бонкҳои системаи иқтисодии собиқ давлати Шӯравӣ, ки дар назорати марказонида аз болои истеҳсолот ва тақсимоти захираҳо асос ёфта буд, гузашт. Дар шароити сохти шӯравӣ фаъолияти бонкдории тоҷикон аз системаи бонкии Иттиҳоди Шӯравӣ вобаста буд, ки якчанд бонкҳои калони давлатиро дар бар мегирифтанд ва амалиёти онҳо барои таъмини иҷрои нақшаҳои истеҳсолӣ равона карда мешуданд. Дар Тоҷикистон 6 шуъбаҳои бонкҳои Шӯравӣ амал мекарданд:- Бонки давлатӣ (Госбанк СССР), Бонки Агросаноатии СССР, Промстройбонки СССР, Бонки фаъолияти иқтисодии берунаи СССР (Внешэкономбанк) ва Бонки амонатгузории СССР. Хусусияти хоси ин бонкҳо вобастагии мутлақи шуъбаҳои маҳаллӣ аз дастгоҳҳои марказии худ буданд [6, 83].

Дар қаламрави Тоҷикистони ҳозира то соли 1925 ягон муассисаи бонкӣ мавҷуд набуд. Низоми бонкӣ дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза баъд аз таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон оғоз ёфт. Нахустин муассисаи бонкии Тоҷикистон Намояндагии Бонки давлатии ИҶШС дар шаҳри Душанбе моҳи июни соли 1925 ташкил гардид, ки ба доираи дар Осиёи Миёна будаи Бонки давлатии ИҶШС дар шаҳри Тошканд тобеъ буд. Моҳи декабри ҳамон сол намояндагии Бонки давлатии ИҶШС дар шаҳри Душанбе ба Идораи Бонки давлатии ИҶШС дар ш. Душанбе табдил дода шуд. Моҳи октябри соли 1934 Идораи Бонки давлатии ИҶШС дар ш. Душанбе ба тобеъияти бевоситаи Бонки давлатии ИҶШС гузашт ва ба худ номи Идораи Тоҷикистонии Бонки давлатии ИҶШС-ро гирифт. Соли 1935 бо 24 бахш (филиал) ба корхонаю шахсони ҷудогона хизмати бонкӣ мерасонд. Бахшҳои Бонки данлатӣ дар ноҳияҳои зерин фаъолият менамуданд: Қурғонтеппа, Кӯлоб, Ғарм, Панҷакент, Хуҷанд, Уротеппа, Конибодом, Хоруғ, Исфара, Обигарм, Шаҳринав, Янгибозор (ҳозира Кофарниҳон), Ҷиликӯл, Куйбишев (ҳозира Хоҷамастон), Шаҳритус, Мӯъминобод, Кангурт, Фархор, Нов, Ашт, Кагановичобод (Колхозобод), Кӯктош, Ҳисор. Дар соли 1942 филиалҳои Бонки давлатӣ то ба 42 ва дар соли 1987 бошад то ба 59 адад расид.

Аз соли 1959 то соли 1987 дар ҷумҳурӣ асосан се бонк, яъне Идораи Ҷумҳуриявии Бонки давлатии ИҶШС, Идораи ҷумҳуриявии Бонки сохтмони ИҶШС ва Бонки амонатгузорӣ фаъолият мекарданд. Соли 1987 дар асоси Қарори Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ ва Шӯрои Вазирони ИҶШС таҳти № 821 аз 17 июли соли 1987 дар Иттиҳоди Шӯравӣ ислоҳоти бонкӣ гузаронида шуд ва дар асоси ин қарор низоми бонкии зерин ташкил карда шуд:

- Бонки давлатии ИҶШС;
- Бонки фаъолияти иктисодии хориҷии ИҶШС;
- Бонки саноату сохтмони ИҶШС;
- Бонки агросаноатии ИҶШС;
- Бонки хоҷагии манзилу коммуналӣ ва рушди иҷтимоии ИҶШС;
- Бонки амонатгузорӣ ва қарздиҳӣ ба аҳолии ИҶШС.

Баъдан бо Қарори Шӯрои Вазирони ИҶШС таҳти №1118 аз 6 октябри соли 1987 муайян карда шуд, ки дар ҷумҳуриҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон бонкҳои ҷумҳуриявии зерин ташкил карда шаванд:

- Идораи Ҷумҳуриявии Бонки давлатии ИҶШС;
- Идораи Ҷумҳуриявии Бонки саноату сохтмони ИҶШС;

– Идораи Ҷумҳуриявии Бонки рушди манзилию иҷтимоии ИҶШС;

– Идораи Ҷумҳуриявии Бонки амонатгузории ИҶШС.

Аз сабаби он ки ба тамоми аҳолию субъектҳои хоҷагидорӣ Бонки давлатӣ, Бонки сохтмон ва Бонки амонатгузорӣ хизмат мерасониданд, баъд аз ташкил шудани бонкҳои дар боло номбурда, вазифаи бонкҳои амалкунанда, байни ҳамаи бонкҳо тақсим карда шуданд. Дар замони ИҶШС дар Тоҷикистон фаъолияти бонкӣ зери инҳисори давлат қарор дошт ва пешбурди фаъолияти бонкии хусусӣ ҳамчун ҳаннотӣ баҳогузорӣ мегардид. Дар замони таҷдиди иқтисодиёти ИҶШС (солҳои 1987-1990) ислоҳоти бонкӣ гузаронида шуд, ки боиси пайдоиши бонкҳои хусусӣ ва байнидавлатӣ гардид [5, 13].

Дар ин давра Бонки давлатии ИҶШС системаи пулию қарзиро тавассути идораҳои дар ҷумҳуриҳо мавҷуд буда, идора намуда, сиёсати ягонаи пулию карзии мамлакатро тартиб медод, фаъолияти бонкҳои дигарро танзим ва назорат мекард. Баъдтар, яъне соли 1991 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба Қарори худ аз 28 июни соли 1991, №332 Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис дод.

**Адабиёт**

1. Барчуков В.К. История становления российского законодательства за незаконную банковскую деятельность (с древнейших времен по настоящее время) // Вестник Владимирского юридического института, 2012. – № 4. – С. 144.
2. Бердиев Р.Б., Қаюмов С.Ш., Мирзоев С.С. Фаъолияти бонкӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 30.
3. Давлатов И.Х. Становление и развитие банковской системы Таджикистана. – Душанбе: Ирфон, 2005. – С. 69.
4. Мирзоев П.З. Ҳуқуқи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон: васоити таълимӣ (Маҷмӯи лексия ва масъалаҳои амалӣ). – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – С. 22.
5. Пирзода Т.Р. Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасонии бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аъзои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо: автореф. дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Душанбе, 2018. – С. 13.
6. Раҳмонов Р.В. Аз таърихи бонкдории тоҷикон // Ахбори ДДҲБСТ. – № 1 (37), 2009. – С. 83.
7. Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Муллоҷоноҷ С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик: нашри дуюм // Бо илова, илова ва тавзеҳот. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – С. 158.

## РАЗВИТИЕ ФИНАНСОВОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА ТАДЖИКИСТАНА В СОВЕТСКИЙ ПЕРИОД

**АБДУАЛИМЗОДА ИСМОИЛ ИБРОХИМ,**
соискатель кафедры административного права и государственной службы
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саид Носира, 33.
Тел.: (+992) 987-38-00-00. E-mail: Ismoil.Karimov83@inbox.ru

*Данная статья посвящена анализу развития и развития финансового законодательства Таджикистана в советский период. Автор анализирует развитие финансовых отношений в советский период и раскрывает особенности становления и развития этих отношений.*

***Ключевые слова:*** *советский период, законодательные акты, финансовое законодательство, развитие финансового законодательства, финансовое право, финансовые отношения.*

## DEVELOPMENT OF FINANCIAL LEGISLATION IN TAJIKISTAN DURING THE SOVIET PERIOD

**ABDUALIMZODA ISMAIL IBROHIM,**
Applicant of the Department of Administrative Law and Public Service
Academy of Public Administration under
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nasir str.
Phone: (+992) 987-38-00-00. E-mail: Ismoil.Karimov83@inbox.ru

*This article is devoted to the analysis of the development and development of the financial legislation of Tajikistan during the Soviet period. The author analyzes the development of financial relations in the Soviet period and reveals the features of the formation and development of these relations.*

***Key words:*** *soviet period, legislative acts, financial legislation, development of financial legislation, financial law, financial relations.*

УДК: 341.4(575.3)

# ТАТБИҚИ МЕЪЁРҲОИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ВАЗИФАҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТӢ ВОБАСТА БА ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ИНСТИТУТИ ИСТИРДОД

**КАМОЛОВ ХУРШЕДУЛЛО,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Тел.: (+992)-554-45-29-29. E-mail: kamolov.kh@icloud.com.

*Дар мақолаи мазкур муаллиф таърихи ташаккул ва инкишофи институти истирдодро мавриди баррасӣ қарор дода, таъиноти истирдодро дар давраи аввали пайдоиш ва минбаъдаи он дар асрҳои миёна, давраи нав ва муосир мавриди таҳлил қарор додааст. Бо мақсади ба таври дахлдор дар амал татбиқ намудани муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудани асосҳои муҳими татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар вазифаҳои қонунгузории ҷиноятӣ, махсусан вобаста ба танзими ҳуқуқии институти истирдод дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр муҳим мебошад, зеро дуруст ҳал намудани масоили истирдод боиси ҳифзи дурусти ҳуқуқҳои инсон ва рушди муносибатҳои дипломатии байни давлатҳо мегардад ва баръакс дуруст ҳал нагардидани он боиси поймол гардидани ҳуқуқҳои инсон ва канда шудани муносибатҳои дипломатии байни давлатҳо шуданаш мумкин аст. Дар адабиётҳои соҳавӣ тавсифи мушаххаси ин масъала ба таври гуногун вохӯрда мешавад. Тоҷикистон иштирокчии як қатор шартномаҳои байналмилалӣ мебошад ва бо ин назардошт дар қонунгузории ҷиноятӣ танзим намудани меъёрҳои мазкур афзалияти умумиҳатмиро касб менамояд. Дар мақолаи мазкур истилоҳи татбиқнамоиро мавриди баррасӣ қарор дода, тафовути онро бо дигар истилоҳҳои ҳаммонанд, ба монанди: «воридкунӣ», «мутобиқнамоӣ», «инкорпоратсия», «ретсепсия», «тасдиқкунӣ», «истинодоварӣ», «иҷрокунӣ» ҷудо намудааст. Инчунин дар мақолаи мазкур асосҳои муҳими татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар вазифаҳои қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба танзими ҳуқуқии институти истирдод мавриди тадқиқ қарор гирифтааст.*

***Калидвожаҳо:*** *қонунгузории ҷиноятӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ, Оинномаи СММ, Статути суди байналмилалии ҷиноятӣ, меъёр, татбиқ* (имплемантатсия), *вазифа, принсип, истирдод, Паймони байналхалқӣ, Конвенсия, Протокол, ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҷазои ҷиноятӣ ва гайра.*

Ҳарчанд, ки ҳуқуқи байналхалқии ҷиноятӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқи байналхалқӣ асосан дар охири асри 20 ба як шакли муайян даромада бошад ҳам, вале дорои таърихи тӯлонист. Баъзе аз институтҳои он ба манъбаҳои пайдоиши давлат ва ҳуқуқ алоқаманданд. Онҳо ба масъалаи супоридани ҷинояткорон (экстрадитсия) мутааллиқ буда, на танҳо институти деринаи соҳаи мазкур ба ҳисоб меравад, балки маҳз аз ҳуқуқи байналхалқии ҷиноятӣ сарчашма мегиранд. Марҳилабандии ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалиро метавон аз институти супоридани ҷинояткор оғоз намуд. Доир ба мавҷудияти истирдод (экстардитсия) дар давраи ғуломдорӣ намунаҳои шартномаҳои дуҷонибаи байни давлатҳо шаҳодат медиҳанд. Аз ҷумла, дар шартномае, ки соли 1296 (пеш аз милод) байни шоҳи хетҳо Хаттусилеми 3 ва фиръавни Миср Рамзеси 2 баста шуда буд, чунин омадааст: «Агар ҳар касе, ки аз Миср ба мамлакати Хетҳо фирор намояд, он гоҳ шоҳи Хетҳо вайро ба мамлакати Миср хоҳад баргардонид». Ҳамин гуна шартномаҳо оид ба супоридани ҷинояткорон байни давлат-шаҳрҳои алоҳидаи Юнон низ мавҷуд буд. Бо мурури замон доираи ёрии ҳуқуқи васеъ гардид.

Дар давраи феодализм мазмуни супоридани ҷинояткор ба таври куллӣ тағйир ёфт ва он вобаста буд ба қонунигардонидани ҳуқуқи додани паноҳгоҳ, ки он дар насупоридани шахс ба давлате, ки барои ақидахои сиёсияш мавриди таъқиб қарор

гирифтааст, ифода меёфт. Илова ба он, аксарияти давлатҳо аз супоридани шахсоне, ки ҷинояти ба муқобили давлат (ҷиноятҳои сиёсӣ) содир кардаанд, даст кашидаанд. Ҳарчанд то ин дам асосан ғуломон, деҳқонони крепостной ва шахсоне, ки ҷиноят содир мекардаанд, супорида мешуданд.

Инқилоби буржуазӣ-демократӣ боиси ташаккули ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ гардид. Дар ин сурат институтҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва намудҳои ҷиноят аз ҳамдигар тафовут надоштанд. Бинобар ин, оид ба ёрии ҳуқуқӣ доир ба парвандаҳои ҷиноятӣ созиш (аҳду паймон) намудан чандон мушкилот ба вуҷуд намеоварад.

Баробари пайдо шудани роҳзании баҳри, ғуломфурӯшӣ, ғайриқонунӣ паҳн намудани муомилоти маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳое, ки ба манфиати якчанд давлат зарар меоварад, ҳамкориҳои васеи байналхалқиро ба миён овард. Масоили мазкур зарурияти унификатсия кардани (ба як шакл даровардани) меъёрҳои ҳуқуқи ҷинояти миллӣ, ҷамъ овардани далел, супоридани ҷинояткор ва ғайраҳоро ба вуҷуд овард, ки он зарурияти ҳамкориҳои байналхалқиро дар мубориза бо ҷинояткорӣ тақозо намуд.

Дар ибтидои асри 19 бо мурури ташаккул ёфтани тиҷорат савдои баҳрӣ ва дигар ҷанбаҳои муносибатҳои байналхалқӣ робитаи байни давлатҳо низ роҷеъ ба ҳамкориҳо дар мубориза бо намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳои дорои хусусияти байналхалқӣ, ки ба тартиботи ҳуқуқии давлатҳо таҷовуз менамуд, васеъ гардид. Ҳамин тарик, соли 1815 дар Конгресси Вена аввалин Эъломияи махсус «Дар бораи бекор кардани хариду фурӯши ғуломон» қабул гардид. Дар навбати худ шартномае, ки соли 1841 байни Британияи Кабир, Фаронса, Россия, Австрия ва Прусия баста шуда буд, ба рушди минбаъдаи мубориза бо ҷинояткорӣ таквият бахшида, ғуломфурӯширо бо роҳзании баҳрӣ баробар намудаанд.

Санадҳои генералие, ки соли 1885 дар Конференсияи Берлин ва дар Конференсияи Брюссел ба имзо расидаанд, ғуломфурӯширо аллакай ҳамчун ҷиноят муайян намудаанд. Конвенсия оид ба ғуломӣ, ки соли 1926 аз тарафи Лигаи Миллатҳо қабул гардид, онро ба таври аниқ муайян ва мустаҳкам намуд.

Дар ташаккули институти истирдод дигар шартномаҳои байналмилалӣ оид ба роҳзании баҳрӣ, терроризми байналхалқӣ ва дигар кирдорҳое, ки ба тартиботи ҳуқуқии байналхалқӣ таҷовуз менамоянд, дар ин замина нақши ҳалкунандаро бозиданд.

Соли 1927 дар Варшава Конференсияи якуми байналхалқӣ оид ба унификатсияи ҳуқуқи ҷиноятӣ баргузор гардид, ки дар он ба зумраи ҷиноятҳое, ки ба тартиботи ҳуқуқии байналхалқӣ таҷовуз менамоянд, хариду фурӯши занон, кӯдакон, роҳзании обӣ, хариду фурӯши ғайриқонунии маводи мухаддир инчунин дигар ҷиноятҳое, ки ҷавобгариро дар робита бо конвенсияҳои байналхалқӣ пешбинӣ намудаанд, мансуб дониста шуд. Сониян дар Конференсияи минбаъдае, ки соли 1938 шуда гузашт, кӯшиши унификатсия кардани қонунгузорӣ оид ба мубориза бо терроризми байналхалқӣ, супоридани ҷинояткорон мавриди баррасӣ қарор гирифт. Ҳамзамон баъди омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи ҷабҳаҳои мухталифи механизми ҳамкориҳои давлатҳо оид ба мубориза алайҳи доираи муайяни ҷинояткорӣ, иштироккунандагони конфронс расман ҷудо намудани ҳуқуқвайронкуниҳои хавфноки байналхалқиро ба ҷиноятҳои байналхалқӣ ва ҷиноятҳои дорои хусусияти байналқидоштаро ба миён гузоштаанд.

Ба раванди ташаккули ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ кабули Оинномаи СММ аз соли 1945 ва Оинномаи Трибунали байналхалқии ҳарбии Нюренберг ва Токио нақши муҳим гузошт. Чунончи, фасли 7-и Оинномаи СММ дар моддаҳои 39, 41 ва 42 ҷавобгариро барои содиршавии ҷиноятҳои байналхалқӣ ва муқобили сулҳ ва амнияти байналхалқӣ муқаррар намудааст.

Амалисозии муқаррароти ҳуқуқи ҷиноятӣ ва самаранокии онҳо, аз бисёр ҷиҳат ба он вобастагӣ дорад, ки муқаррароти бунёдии ин соҳа, аз ҷумла вазифаю принсипҳои он, ки хусусият ва тавсифоти муҳими онро муайян намуда, имкон медиҳанд, ин ё он падидаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дарк ва алоқамандии онҳо муқаррар карда шавад, чӣ гуна истифода бурда мешванд. Инкишоф ва такмили минбаъдаи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ва миллӣ дар ҳолате самаранок мебошад, агар ҷомеаи байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида воситаҳо ва механизмҳои ҳуқуқиеро ташаккул диҳанд, ки ба вазифа ва принсипҳои ҳуқуқӣ асос меёбанд.

Ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ аз маҷмӯи меъёрҳое иборат аст, ки гурӯҳи муайяни ҳаракатҳоро ҷиноят ҳисобида, содир намудани онҳоро манъ мекунанд, тартиби гузаронидани таҳқиқоти чунин ҳаракатҳо, баамалбарории таъқиби ҷиноятӣ ва тартиби иҷрои ҷазои ҷиноятиро барои онҳо танзим менамояд, инчунин ҷавобгарии шахсиро барои онҳое, ки чунин ҳаракатҳоро содир мекунанд, муқаррар менамояд. Пешгирӣ намудани вайронкунии ҷиддии ҳуқуқи байналмилалӣ, ки дар як вақт ба вайронкунии тартиботи дохилии давлатҳои алоҳида оварда мерасонад, барои таъмини риояи ин соҳаи ҳуқуқ, махсусан бо назардошти вазнинии ҷиноятҳои алоҳида (терроризм, генотсид, экодсид ва ғ.), бе ниҳоят муҳим мебошад. Якчанд вазифа ва принсипҳое мавҷуданд, ки ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ба онҳо асос меёбад. Азбаски ба ҷиноятҳои байналмилалӣ бештар хусусияти фаромарзӣ хос буда, ҳамкории зичи байни давлатҳоро талаб менамояд, зарурати ҳамоҳанг сохтани риояи ин принсипҳо ҳарчи бештар мубрам мегардад.

Бо мақсади ноил гардидани ба ҳадафи умумӣ, ки дар назди ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ва миллӣ гузошта шудааст, давлатҳои алоҳида бояд вазифаю принсипҳои ҳуқуқи байналмилалиро ҷонибдорӣ намуда, вазифаҳо ва принсипҳои қонуни ҷиноятии миллии худро ба онҳо мутобиқ созанд.

Қабл аз шурӯъ кардан баррасии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар вазифа ва принсипҳои қонунгузории ҷиноятӣ, муайян намудани мазмуни истилоҳи «татбиқ/татбиқнамоӣ (имплемантатсия)»-ро мувофиқи мақсад меҳисобем, зеро дар матн минбаъд мо ин истилоҳро ба маънои «имплементатсия» истифода мебарем. Дар тарҷума аз забони англисӣ «implementation» маънои анҷом додан, амалӣ кардан ва иҷро намуданро ифода менамояд. Дар луғати истилоҳоти ҳуқуқӣ бошад, имплемантатсия ҳамчун - «амалисозии уҳдадориҳои байналмилалӣ дар сатҳи дохилидавлатӣ, ки бо роҳи вориднамоии меъёрҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ ба қонунҳои миллӣ ва санадҳои зерқонунӣ анҷом дода мешавад» [17, с. 118], тавзеҳ дода шудааст. Бинобар сабаби дар бештари адабиёти миллӣ ба ҷойи калимаи «имплементатсия» истифода гардидани муродифи тоҷикии он «татбиқ/татбиқнамоӣ», мо дар таҳқиқоти мазкур минбаъд маҳз истилоҳи «татбиқ/татбиқнамоӣ»-ро истифода мебарем.

Олимон доир ба мазмуни ҳуқуқии ин ислоҳ андешаҳои мухталиф доранд. Чунончӣ, С.А. Раҷабов татбиқнамоиро ҳамчун фаъолияти ташкилӣ-ҳуқуқии субъектони ҳуқуқи байналмилалӣ мефаҳмад, ки аз тарафи онҳо ё дар танҳоӣ (сатҳи дохилидавлатӣ) ва ё дар якҷоягӣ бо дигар субъектон амалӣ гардида, ба анҷомдиҳӣ ва амалисозии мақсадҳо дар сатҳи байналмилалӣ ва миллӣ дар доираи баамалбарории уҳдадориҳои қабул намудани давлатҳо равона гардидааст [13, с. 14]. Ба андешаи В.В. Милинчук татбиқнамоӣ воридкунии воситаҳои танзими байналмилалӣ ба сиёсати давлат ё қонунгузории он мебошад [12, с. 41]. О.В. Белянский ва О.А. Пугина татбиқнамоиро аз нуктаи назари қонунгузории Россия баррасӣ карда, ба хулоса омаданд, ки татбиқнамоӣ – «маҷмӯи расмиёт ва воситаҳое мебошад, ки дар баланд бардоштани самаранокии амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва фарҳанги умумии ҷомеаи Россия мусоидат менамояд» [3, с.

15-18]. Тафсири нисбатан васеи ин мафҳумро Т.И. Курносов додааст, ки тибқи он - «татбиқнамоӣ – ин ҷараёне мебошад, ки дар рафти он субъектони дахлдор, ки меъёр нисбати онҳо равона гардидааст, мутобиқи муқаррароти он амал мекунанд» [11, с. 205].

Дар илм истилоҳи татбиқнамоӣ бештар бо чунин категорияҳо, ба монанди «воридкунӣ», «мутобиқнамоӣ», «инкорпоратсия», «ретсепсия», «тасдиқкунӣ», «истинодоварӣ», «иҷрокунӣ» ва «татбиқнамоӣ» истифода бурда мешавад. Баъзе олимон онҳоро ҳамчун мафҳумҳои ҳаммаъно баррасӣ мекунанд (алалхусус, В.Н. Гаврилов назарияҳои инкорпоратсия ва воридкуниро ҳамшабеҳи назарияи татбиқнамоӣ меҳисобид) [5, с. 43]. Дигарон бошанд, қайд менамоянд, ки мафҳуми татбиқнамоӣ васеъ буда, он дар худ қисмҳои гуногун, ба монанди вориднамоӣ, ретсепсия, инкорпоратсия ва монанди инҳоро фаро мегирад, ки тарзҳои он мебошанд. О.В. Белянский ва О.А. Пугина нуқтаи назари охирро ҷонибдорӣ намуда, асосҳои фарқкунандаи категорияҳои «ретсепсия» ва «татбиқнамояӣ»-ро ҷудо менамоянд. Чунончӣ, ба андешаи онҳо, омили субъективиро ба инобат гирифта, ретсепсия ҳамчун зоҳиршавии сиёсати давлат тавассути иродаи субъектони ҳокимияти давлатӣ ҷой дошта метавонад, дар ҳоле, ки татбиқнамоӣ «дар шароити мавҷудияти асосҳои таърихӣ-фарҳангӣ барои мутобиқнамоии унсурҳои ҳуқуқии дигар низоми ҳуқуқӣ» ба амал меояд. Илова бар ин, онҳо иброз медоранд, ки натиҷаи ниҳоии ретсепсия ва татбиқнамоӣ гуногун мебошад [3, с. 27].

Ҳамин тавр, андешаҳои мухталифро нисбати татбиқнамоӣ ва таносуби он бо унсурҳои худ мушоҳида намудан мумкин аст. Онҳо, моҳиятан назарияе, ки ин ё он ҳуқуқшинос ҷонибдорӣ менамояд, вобастагӣ доранд. Вале инкор намудани он, ки татбиқнамоӣ – ин дар қонунгузории миллӣ таҷассум намудани меъёрҳои байналмилалӣ мебошад, номумкин аст. Татбиқнамоиро моҳиятан яке аз шаклҳои ҳамкорӣ ва таъсиррасонии мутақобилаи фарҳангҳои ҳуқуқии мухталиф ва низомҳои ба якдигар арзёбӣ намудан мумкин аст.

Қобили зикр аст, ки истилоҳи имплементатсия дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардидааст, вале на ҳамчун татбиқнамоӣ, балки воридкунӣ. Чунончӣ, мутобиқи м. 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» «Агар барои иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани (имплементатсияи) меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, дар сатҳи дохилидавлатӣ зарур бошад, мақомоти ҳуқуқэҷодкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти худ санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ қабул мекунанд» [10]. Аммо, бояд қайд намуд, ки истифодаи истилоҳи «воридкунӣ» ҳамчун имплементатсия чандон дуруст намебошад, зеро он мазмунӣ васеъ дошта, бидуни тағйирот ва дар шакли асл инъикос намудани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро дар қонунгузории дохилӣ ифода карда метавонад.

Ҳамин тавр, татбиқнамоӣ (имплементатсия) – ин қабули меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ бо мақсади иҷрои меъёрҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ, инчунин, барои ташкили шароит вобаста ба амалисозии бевоситаи меъёрҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ дар ҳудуди давлат мебошад.

Яке аз вазифаҳои аввалине, ки дар назди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст – ин ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Саволе ба миён меояд, ки чунин вазифаи аввалиндараҷа дар қонуни ҷиноятии миллӣ кай пайдо шуд ва он ба кадом санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ё вазифаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ асос мёебад?

Аз мазмуни қонунгузории ҷиноятии замони шӯравӣ бармеомад, ки ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд вазифаи афзалиятноки он ба ҳисоб намерафт. Дар мадди

аввал дигар арзишҳои иҷтимоӣ қарор доштанд. Чунончӣ, дар м. 1 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶШСТ) соли 1961 ба сифати мақсади асосии қонуни ҷиноятӣ ҳифзи сохти ҷамъиятии ИҶШС, низоми сиёсӣ ва иқтисодии он муқаррар шуда буд. Танҳо пас ин муқаррарот, дар хусуси шахсият, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон қайд мегардид [9].

Дар фарқият аз он, м. 2 КҶ ҶТ вазифаҳои дар назди қонуни ҷиноятӣ қарордоштаро номбар намуда, дар ҷойи аввал ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро мегузорад. Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ мутобиқи ҳамин принсип ташаккул ёфтааст. Он бо фасле оғоз шудааст, ки дар он меъёрҳо оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳои ба муқобили ҳаёт, саломатӣ, озодӣ, обрӯ, эътибор, ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, оила ва ноболиғон гурӯҳбандӣ шудаанд.

Баъзе олимон чунин мешуморанд, ки муқаррароти зикршудаи қонунгузории ҷиноятии замони шӯравӣ ба ҳуқуқи байналмилалӣ мутобиқ набуд. Чунончӣ, А.Г. Кибалник ва О.Н. Шибков қайд менамоянд, ки пас аз мустақил гардидани собиқ давлатҳои ИҶШС ва дар таҳрири нав қабул кардани кодексҳои ҷиноятӣ мухолифати ҷойдошта байни қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ бартараф карда шуд. Ба андешаи онҳо, ҷойивазкунии арзишҳои афзалиятнок дар қонунгузории ҷиноятӣ зери таъсири меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба амал омадааст [16, с. 80; 8, с. 80]. Дар ин ҳол, онҳо қайд намекунанд, ки қонунгузории ҷиноятии миллӣ маҳз ба кадом принсип ё меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ мутобиқ карда шудааст ва дар ин маврид, танҳо санадҳои ҳуқуқии байналмилалиеро номбар мекунанд, ки ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсонро муқаррар менамоянд.

Ба андешаи мо, муқаррароти меъёрии м. 2 КҶ ҶТ дар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ татбиқ нашудаанд. Айни замон, дар ҳуқуқи байналмилалӣ меъёре ҷой надорад, ки давлатҳоро барои дар ҷойи аввал қарор додани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар номгӯи объектҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда уҳдадор намояд.

Муқаррароти м. 2 КҶ ҶТ қоидаеро инъкос менамояд, ки дар м. 5 Конститутсияи ҶТ мустаҳкам гардидааст, - «инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд». Агар чунин меъёр-принсипи ҳуқуқӣ-байналмилалӣ ҷой медошт, бебаҳс, таҳти татбиқнамоӣ дар м. 2 КҶ ҶТ қарор мегирифт.

Аммо, новобаста аз он ки тамоми санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки ба ҳуқуқи инсон бахшида шудаанд, дар рӯҳияи инсондӯстӣ таҳия гардидаанд, муқаррароти монанди конститутсияро пешбинӣ намекунанд.

Ҳамчунин қайд кардан зарур аст, ки аз нуқтаи назари таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ аҳамият надорад, ки арзишҳои иҷтимоии ҳифзшаванда дар қонун маҳз бо кадом тартиб номбар шудаанд. Тамоми объектҳои ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба таври баробар ҳимоя карда мешаванд. Содир намудани ҳама гуна кирдори ҷиноятӣ боиси эътинои мақомоти давлатии дахлдор мегардад, ки вазифадор аст гунаҳгорро ошкор созад ва нисбати ӯ ҷазои муқаррарнамудаи қонунро таъин намояд, новобаста аз он ки маҳз кадом муносибатҳои ҷамъиятӣ дар натиҷаи таҷовуз зарар дидаанд. Дар ин ҷо, ҳама гуна бартариятдиҳӣ ҷоиз намебошад. Бинобар ин, афзалшумории ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии дилхоҳ объект – мафҳуми бештар шартӣ мебошад. Моддаи 2 КҶ ҶТ, ба сифати вазифаи якуми қонуни ҷиноятӣ ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро муайян карда, ягон муносибати мушаххасро танзим наменамояд, балки рӯҳияи қонуни ҷиноятӣ ва самти инсондӯстии умумии муқаррароти онро инъикос менамояд.

Оё татбиқи на танҳо муқаррароти меъёри расмии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, балки рӯҳияи онҳо низ имконпазир мебошад? Гуфтаҳои боло имкон медиҳанд, ки ба ин савол ҷавоби мусбат дода шавад [15, с. 22-23]. Аммо, ин проблема ба мавзӯи таҳқиқоти

мо дохил намешавад ва ба андешаи мо, он таҳқиқоти мустақили назариявиро талаб менамояд.

Ғояи ба сифати арзиши олӣ эътироф намудани инсон дар бештари муқарраroти муҳими санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ инъикос ёфтааст. Дар м. 5 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар чунин пешбинӣ шудааст: «Ҳеҷ кас набояд таҳти шиканҷа ё муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва пастзанандаи қадру қимати ӯ қарор дода шавад». Моддаи 7 Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ низ муқарраротеро фаро мегирад, ки ба Эъломияи умумии ҳуқуқи башар пурра мутобиқ мебошад. Меъёри шабеҳ дар м. 3 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ мустаҳкам шудааст, фарқияти асосӣ дар истисно шудани калимаи «бераҳмона» дар тасвири муносибат ё ҷазои манъшаванда ифода меёбад.

Меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии номбаршуда меъёрҳои хусусияти умумӣ, меъёрҳо-принсипҳо мебошанд. Ҳуқуқҳои инсон, ки дар онҳо мустаҳкам шудааст, бояд ба категорияи ҳуқуқҳои мутлақ мансуб дониста шаванд [1, с. 178].

Дар адабиётҳо нуқтаҳои назар дар хусуси мақсаднок набудани танзими институти истирдод (м. 16 КҶ ҶТ) дар доираи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷой доранд. Олимон қайд менамоянд, ки ин институт ба танзими муносибатҳое равона гардидааст, ки ба мавзуи ҳуқуқи ҷиноятӣ дохил намешаванд [7, с. 91]. Истирдод расмиёте мебошад, ки аз ҷониби як давлат ба давлати дигар супоридани шахси ҷиноятсодиркардаро ифода менамояд ва дар доираи қонунгузории мурофиавӣ-ҷиноятӣ ба танзим дароварда мешавад [14, с. 122].

Бо ин нуқтаи назар Ю.Г. Василев розӣ намешавад. Вале, бо вуҷуди ин, ӯ ягон асос барои эътирофи истирдод ҳамчун институти ҳуқуқи ҷиноятии моддӣ пешниҳод намекунад ва танҳо аз мақолаи Б. Велчев истинод меоварад. Б. Велчев чунин мешуморад, ки истирдод – ин «шакли ҳамкорӣ байни ду давлат буда, имкон медиҳад юрисдиксияи ҷиноятии он давлате истифода бурда шавад, ки дар лаҳзаи ошкор намудани шахси ҷиноятсодиркарда имконияти воқеии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудани ӯро тибқи қонунгузории худ надорад» [4, с. 111]. Ба андешаи мо, чунин андеша, маҳз мансубияти ҳуқуқӣ-мурофиавӣ доштани институти истирдодро тасдиқ менамояд. Чунки дар он сухан дар хусуси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудан меравад. Имконияти истифодабарии юрисдиксияи ҷиноятии ишоранамудаи Б. Велчев на ба юрисдиксияи фармоишии давлат, балки ба юрисдиксияи махсуси он дахл дорад. Масъалаи ҳамкории байни давлатҳо бошад, пас ин, албатта, ба мавзуи танзими ҳуқуқи байналмилалӣ дахл дорад.

С.С. Беляев қайд менамояд, ки институти истирдод дар қонуни ҷиноятӣ бо ду мақсад пешбинӣ шудааст: ҳимояи шаҳрвандон аз эҳтимолияти таъқиби ҷиноятии беасос ва таъмини ҳуқуқи соҳибихтиёрии дигар давлатҳо дар баамалбарории адолати судӣ аз болои шаҳрвандони худ ва шахсони бешаҳрвандӣ [2, с. 180]. Ба андешаи ӯ, истирдод ин «амали ёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки дар таҳвили шахси ҷиноятсодиркарда барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё барои иҷрои ҳукми давлати хориҷӣ нисбати ӯ, аз тарафи давлате, ки дар ҳудуди он ӯ қарор дорад ба давлате, ки чунин шахс шаҳрванди он мебошад, ифода меёбад» [2, с. 203]. Возеҳ аст, ки ҳарду мақсадҳои зикргардида ба меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ хос намебошанд ва муносибатҳое, ки бо супоридани шахси ҷиноятсодиркарда алоқаманд мебошанд, ба мавзӯи он дохил намешаванд.

Л.Н. Галенская як қатор мафҳумҳои истирдодро, ки дар илми ҳуқуқ коркард шудаанд, меоварад [6, с. 125-126]. Ҳеҷ яке аз мафҳумҳои овардаи ӯ имкон намедиҳад, ки оид ба хусусияти ғайри ҳуқуқӣ-мурофиавӣ доштани институти мазкур хулосабарорӣ карда шавад. Ҳамчун ҳуқуқӣ-мурофиавӣ, меъёрҳо оид ба истирдод дар доираи ҳамин соҳаи ҳуқуқ таҳти татбиқнамоӣ қарор доранд.

Дар робита ба ин, мо пешниҳоди Д.В. Кайсинаро [7, с. 159] оиди аз қонуни ҷиноятӣ хориҷ намудани масъалаи истирдод ва дар қонуни мурофиавӣ-ҷиноятӣ пешбинӣ кардани он дуруст мешуморем.

Дар ҳудуди давлат на танҳо шахсони мансабдор ва мақомот, ки функсияҳои намояндагиро иҷро менамоянд, балки инчунин низомиён ва қисмҳои низомии давлатҳои хориҷӣ қарор дошта метавонанд. Дар чунин ҳолатҳо масъалаҳои юрисдиксияи ҷиноятӣ нисбати шахсоне, ки ба ҳайати онҳо шомиланд, дар асоси созишномаҳои дутарафа байни давлати буду бош ва давлате, ки қисми низомии дар ҳудуди давлати хориҷӣ қарордошта ба он тааллуқ дорад, ҳал карда мешаванд.

Қобили зикр аст, ки дар м. 15 КҶ ҶТ ин масъала танзими худро наёфтааст. Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки ба м. 15 КҶ ҶТ қисми 6) бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«6) Хизматчиёни ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои иҷрои вазифаҳои муайян дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ қарор доранд, барои ҷиноятҳои дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ содирнамуда, мутобиқи ҳамин Кодекс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.».

Бояд қайд намуд, ки муқаррароти ба ин монанд дар қонунгузории ҷиноятии баъзе давлатҳои ИДМ, аз ҷумла Россия ва Қазоқистон пешбинӣ гардидааст.

Айни замон, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ягон давлати хориҷӣ пойгоҳи низомӣ надорад ва бинобар ин, мо дар пешниҳоди болозикр истилоҳи «қисми низомӣ»-ро истифода набурдем. Вале хизматчиёни ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои вазифаҳои муайян, омӯзиш ва такмили маҳорат, инчунин иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон ба ҳудуди давлатҳои хориҷӣ сафарбар шуда метавонанд.

**Адабиёт**

1. Азимов Н.Б. Теоретические основы имплементации норм международного права в уголовное законодательство Республики Таджикистан: дис. … докт. юрид. наук. – М., 2013. – 398 с.

2. Беляев С.С. Экстрадиция в уголовном граве: дисс. … канд. юрид. наук. – М., 1999. – 195 с.

3. Белянская О.В., Пугина О.А. Условия имплементации международно-правовых норм в российское законодательство // Право и политика. – 2005. – №8. – С. 15-18.

4. Васильев Ю.Г. Институт выдачи преступников (экстрадиции) в современном международном праве. – М., 2003. – 320 с.

5. Гаврилов В.В. Теории трансформации и имплементации норм международного права в отечественной правовой доктрине // Московский журнал международного права. – 2001. – №2. – С. 42-18.

6. Галенская Л.Н. Международная борьба с преступностью. – М., 1972. – 420 с.

7. Кайсин Д.В. Источники уголовно-правовой системы Российской Федерации: дисс. ... канд. юрид. наук. – 196 с.

8. Кибальник А.Г. Современное международное уголовное право: понятие, задачи и принципы. – СПб., 2003. – 450 с.

9. Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе.: Ирфон, 1988. – 215 с.

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [CD-ROM]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.07.2022).

11. Курносов Т.И. Понятие и способы имплементации норм международного права в национальное законодательство. // Актуальные проблемы российского права. – 2015. – №4(53). – С. 203-209.

12. Милинчук, В.В. Проблемы и перспективы совершенствования механизмов имплементации международных инструментов в области предупреждения преступности и борьбы с ней // Государство и право. – 2005. – №1. – С. 41-45.

13. Раджабов С.А. Имплементация норм международного гуманитарного права в Республике Таджикистан: проблемы теории и практики: автореф. дис. ... канд. юр. наук. – М., 2008. – 28 с.

14. Степаненко В., Международно-правовые аспекты заключения под стражу с целью выдачи иностранному государству // Советское государство и право. – 1991. – №11. – С. 121-125.

15. Толстик В.А. Иерархия российского и международного права. – М: Юрайт, 2001. – 324 с.

16. Шибков О.Н. Принципы и нормы международного права как источник уголовного нрава: дисс...канд, юрид. наук. – Ставрополь, 2000. – 196 с.

17. Энциклопедический юридический словарь. – М.: ИНФРА-М, 1998. – 820 с.

# ПРИМЕНЕНИЕ НОРМ МЕЖДУНАРОДНОГО ПРАВА В ЗАДАЧАХ УГОЛОВНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА, СВЯЗАННЫХ С ПРАВОВЫМ РЕГУЛИРОВАНИЕМ ИНСТИТУТА ЭКСТРАДИЦИИ

**КАМОЛОВ ХУРШЕДУЛЛО,**
ассистент кафедры уголовного права и противодействия коррупции
Таджикский национальный университет.
734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Тел.: (+992) 554-45-29-29. E-mail: kamolov.kh@icloud.com.

*В данной статье автор рассматривает историю становления и развития института экстрадиции, а также назначение экстрадиции в первый период ее возникновения и последующий в средние века, новый и новейшие периоды. Для надлежащей реализации положений международно-правовых документов и выполнения международных обязательств Республики Таджикистан очень важно определить важные принципы применения норм международного права в задачах уголовного законодательства, особенно связанных с правовое регулирование института экстрадиции в правовой системе Республики Таджикистан, потому что правильное решение вопросов экстрадиции ведет к правильной защите прав человека и развитию дипломатических отношений между государствами, и наоборот, неправильное его решение может привести к нарушению прав человека и разрыву дипломатических отношений между государствами. Конкретное описание этого вопроса можно найти в литературе по-разному. Таджикистан является участником ряда международных договоров, в связи с чем регламентация этих норм в уголовном законодательстве является всеобщим приоритетом. В данной статье рассматривается термин имплементация, и её отличия от других подобных терминов, таких как: «введение», «адаптация», «инкорпорация», «рецепсия», «подтверждение», «отнесение» и «внедрение», а также в данной статье изучены важные основы применения норм международного права в задачах уголовного законодательства, связанных с правовым регулированием института экстрадиции.*

***Ключевые слова:*** *уголовное законодательство, международное право, международное уголовиое право, устав ООН, Статут Международного уголовного суда, норма, реализация, задача, принцип, экстрадиция, международный договор, конвенция, протокол, уголовная ответственность, уголовгое наказание и др.*

# APPLICATION OF THE NORMS OF INTERNATIONAL LAW IN THE TASKS OF CRIMINAL LAW RELATED TO THE LEGAL REGULATION OF THE INSTITUTE OF EXTRADITION

**KAMOLOV KHURSHEDULLO,**
assistant of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption law of the Tajik National University.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 17, Rudaki ave.
Phone: (+992) 554-45-29-29. E-mail: kamolov.kh@icloud.com.

*In this article, the author examines the history of the formation and development of the institution of extradition, as well as the appointment of extradition in the first period of its occurrence and subsequent in the middle ages, new and recent periods. For the proper implementation of the provisions of international legal documents and the fulfillment of the international obligations of the Republic of Tajikistan, it is very important to determine the important principles for the application of international law in the tasks of criminal law, especially those related to the legal regulation of the institution of extradition in the legal system of the Republic of Tajikistan, because the correct solution of extradition issues leads to the correct protection of human rights and the development of diplomatic relations between states, and contrary, its incorrect solution can lead to a violation of human rights and a rupture of diplomatic relations between states.*

*A specific description of this issue can be found in the literature in different ways. Tajikistan is a party to a number of international treaties, in connection with which the regulation of these norms in the criminal law is a universal priority. This article discusses the term implementation, and its differences from other similar terms, such as: "introduction", "adaptation", "incorporation", "reception", "confirmation", "attribution" and "implementation", as well as explores the important foundations for the application of international law in the tasks of criminal law related to the legal regulation of the institution of extradition.*

***Key words:*** *criminal law, international law, International criminal law, United Nations charter, statute of International criminal law, norm, implementation, task, principle, extradition, international treaty, convention, protocol, criminal liability, criminal punishment etc.*

УДК: 340

# АКЦИОНЕРНЫЕ ПРАВООТНОШЕНИЯ: ПРОБЛЕМЫ ОБЪЕКТА

**КОСИМОВ ФАРРУХ АБДУЛМУМИНОВИЧ,**
кандидат юридических наук, доцент кафедры гражданского права
Таджикского национального университета.
734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 17.

*Аксионерные отношения являются один из самых важных вопросов в системе частных правоотношений. Данная статья также посвящена одному из аспектов правоотношений акционерного общество – проблеме его объекта. Автор исследовал данную тему, опираясь на точек зрения ученых и законодательных органов страны, и определил теоретические и практические аспекты рассматриваемой темы. Кроме того, в исследовании изучалась практика применения законодательства в деятельности юридических лиц, которая в практическом плане также раскрыла содержание и сущность рассматриваемой темы. Именно исследование данного вопроса в юридической практике смогло раскрыт существующих проблем. В результате исследования были сделаны научно обоснованные выводы и рекомендации, касающиеся рассматриваемой проблемы.*

***Ключевые слова:*** *правовые отношения, законодательство, кодекс, акционерные отношения, объект, кредитор, юридическое лицо, общество, объединение, обязательство, имущество, юридические факты, соглашение, учредители, корпоративные права, управленческие отношения, исполнение судебных решений.*

Объектом всяких правоотношений в том числе, и акционерных является деятельность обязанных лиц. Подобное определение объекта правоотношений приводит к возникновению вопросов относительно субъектов и содержания данных правовых отношений. При этом целесообразно особо выделит должника и ее обязанностей, а также соответствующих им правомочий кредитора. Также актуально квалификация акционерных правоотношений.

Как правило, в юридической литературе проводятся классификация правовых отношений по трем критериям.

1) в первую очередь в зависимости деятельности лица с материальными благами выделяют имущественные и неимущественные.

2) по способу удовлетворения интересов - вещные и обязательственные.

3) в зависимости от характера взаимоотношений – абсолютные и относительные.

Акционерное правоотношение преимущественно носит материальный характер. Возмездное приобретение акций (ибо согласно ч. 2 ст. 99 ГК РТ не допускается освобождение акционера от обязанности оплаты акций общества, в том числе освобождение его от этой обязанности путем зачета требований к обществу), и лицо полагает получение части прибыли АО в виде дивидендов и части имущества в случае ее ликвидации. Из ч. 1 ст. 67 ГК следует, что акционер вправе получить в случае ликвидации общества часть его имущества, оставшегося после расчетов с кредиторами, или его стоимость.

Даже неимущественные права направлены на осуществление основной цели АО – получение прибыли. А право контроля за деятельность органов управления рассматривается как возможность оценивать их работу в направлении увеличение чистых активов АО. Основная цель создания АО – извлечение прибыли – предопределяет всю дальнейшую деятельность. Именно прибыль является критерием классификации в ГК РТ обществ в качестве коммерческих организаций (ч.ч. 1, 2 ст. 50; ч.ч. 1, 3 ст. 66 ГК РТ ).

Имущественный характер, участие акционера в деятельности АО выражается в том, что в первых АО это объединение капиталов и, во-вторых, деятельность АО без надежной материальной основы невозможен. Следовательно, именно имущественное участие является основополагающим для статуса акционера.

Закон РТ «Об акционерных обществах» определяет корпоративные права, как совокупность имущественных и неимущественных прав акционера – владельца акций общества, вытекающих из права собственности на акции, включающие право на участие в управлении акционерным обществом, получение дивидендов и активов акционерного общества в случае его ликвидации в соответствии с законом, а также другие права и правомочия, предусмотренные законом или уставными документами.

Таким образом, право членства, возможность личного и имущественного участия акционера в деятельности АО не определяется специфичным юридическим фактом – состоянием. Право членства, как и само акционерное правоотношение, возникает на основании других юридических фактов.

Гражданского кодекса определяет право участия в обществе как личное неимущественное право, которое не может передаваться отдельно другому лицу. Речь идет об условном разделе корпоративных прав, возникающих в результате имущественного участия и неимущественных прав. Такой вывод подтверждается Законом «Об исполнительном производстве» в абз. 1 ч. 1 ст. 10, где к мерам принудительного исполнения судебных решений относятся обращение взыскания на средства, ценные бумаги, другое имущество (имущественные права), корпоративные права, имущественные права интеллектуальной собственности, интеллектуальной, творческой деятельности, иное имущество (имущественные права) должника, в том числе, если они находятся у других лиц или принадлежат должнику от других лиц, или должник владеет ими совместно с другими лицами.

Членом АО можно стать посредством покупки акций по договору купли-продажи, или их получение по наследству, договору дарения и другими, не запрещенными законами способами. При этом в случаях приобретения именной акции необходим факт акционера регистрации в качестве участника в реестре АО, так как именная акция – акция, выданная на имя определенного лица и зарегистрированная в реестре акционеров акционерного общества. Как правило, продажа или передача именных акций осуществляется по передаточному акту (индоссаменту). Здесь действует общее правило, согласно которому «именные ценные бумаги легитимизируют своего держателя в качестве субъекта права, если он обозначен в тексте бумаги посредством указания его имени и, кроме того, внесен в книгу, которую ведет обязанное лицо»[1].

В случае, когда АО не зарегистрировано в порядке, установленном законом, то для возникновения акционерных правоотношений необходим более сложный юридический состав. Элементами подобных отношений являются следующие юридические факты: подача заявления лицами на получения акции, заявления о подписке на акции; принятие такого заявления учредителями; признание АО состоявшимся. Юридический состав, способствующий возникновению акционерного правоотношения при формировании АО, необходимо определит исходя из структуры процесса создания организации. Вес процесс создания АО, как правило делят на следующие этапы.

На первом этапе происходит разработка учредительной документации. Согласно ч. 3 ст. 98 ГК РТ, учредительным документом акционерного общества является его устав, утвержденный учредителями. Кроме того, учредители акционерного общества, исходя из ч. 1 ст. 98 ГК РТ, заключают между собой в письменной форме договор, определяющий порядок осуществления ими совместной деятельности по созданию

общества. Этот договор должен содержать также сведения о размере уставного капитала акционерного общества, категории выпускаемых акций и порядке их размещения. Эти и другие вопросы, обсуждаемые на учредительном собрании, находят свое отражение в протоколе Общего собрания акционеров который оформляется в течение десяти дней после закрытия Общего собрания акционеров.

Таким образом, на первом этапе создания АО следует выделить три юридических факта: принятие решения о создании АО учредителями, заключение ими договора о создании АО и принятие устава АО. Процедура создания АО без этих документов невозможна.

Торой этап связан с формированием уставного капитала АО, под которым понимается номинальная стоимость акций общества, приобретенных акционерами (п. 1 ст. 25 Закона об АО). Сперва акции оплачиваются учредителями, п. 3 ст. 99 ГК РТ предусматривает правило, «при учреждении АО все его акции должны распределятся между учредителями». Четвёртый элемент юридического состава является факт приобретения акций с которым и возникают акционерные правоотношения.

Последним фактом данного состава является факт регистрации АО в установленном законом порядке, с которым оно получает статус юридического лица (п. 2 ст. 51 ГК РТ). Государственная регистрация, заключительный этап создания АО.

Акционерные правоотношения имеют имущественный характер. Материальным объектом вещных правоотношений являются вещи. Правоотношениями данного вида это правоотношения собственности, оперативного управления и т.д. Вещные правоотношения в то же время являются абсолютными правоотношениями, так как от их нарушения должны воздержаться все третьи лица. Имеющие относительный характер обязательственные правоотношения существуют конкретные должники, на которые возлагаются обязанности активного типа.

Вешними акционерные правоотношения являются потому, что участники АО с передачей своих активов и имущества взамен на права участника данных правоотношений, теряют на них право собственности. Собственником имущество становится АО как юридическое лицо. Обязательственный характер акционерных правоотношений отражено и в гражданском законодательстве Таджикистана.

Законодатель рассматривает обязательства как двустороннюю связь, в которой обязанности могут нести обе стороны. Также обе стороны могут иметь и права, и обязанности. В п. 1 ст. 307 ГК РТ говорится, что в силу обязательства одно лицо (должник) обязано совершить в пользу другого лица (кредитора) определенное действие либо воздержаться от определенного действия, а кредитор имеет право требовать от должника исполнения его обязанности. Основные признаки обязательства, впервые были систематизированы О.С. Иоффе.

Законодатель рассматривает организационно-хозяйственные обязательства как двустороннюю связь, в которой обязанности могут нести обе стороны. Также обе стороны могут иметь и права, и обязанности. Определенное управленческо-хозяйственное действие должно совершить «обязанная сторона» (а не обязательно предприятие). И право требовать от обязанной стороны исполнения ее обязанности предоставляется в соответствии со ГК не субъекту организационно хозяйственных полномочий, а «управляемой стороне».

Как отмечается в научной литературе, процесс управления всегда облачена в правовую форму, в связи с чем категория управление одновременно означает и правовое регулирование[7]. В общем, решение конкретных вопросов в внутриорганизационных управленческих отношения предоставлено их участникам. Данную область текущее

законодательство оставляет участникам для проявления инициативы в принятии решений с целью более эффективной реализации ими своих права, и выполнялись обязанности.

Управленческие отношения в АО связаны с имущественными, так как структура и характер, управленческие отношения и полностью определяется имущественными отношениями. Согласно гражданскому законодательству АО в лице своих управленческих органов не обладает властными полномочиями в отношении своих членов.

Следует отметит, что обязанность оплатит приобретенные акции в предусмотренные сроки не является содержанием акционерных правоотношений. Данная обязанность вытекает из договора купли-продажи акций, который порождает права и обязанности для продавца и покупателя, которые и составляют содержанием обязательств по данному договору. Договор является юридическим фактом. Например, по обычному договору купли-продажи одна сторона (продавец) обязуется передать товар в собственность (право хозяйственного ведения и оперативного управления) другой стороне (покупателю), а покупатель обязуется принять этот товар и уплатить за него определенную денежную сумму (цену) (ч. 1 ст. 454 ГК РТ).

Тем не менее, этот договор является основанием для возникновения права собственности у покупателя. Это абсолютное право имеет свое собственное содержание, отличающееся от содержания обязательства по купле-продаже. (п. 1 ст. 488 ГК РТ). Право собственности у приобретателя вещи по договору возникает с момента ее передачи, если иное не предусмотрено законодательством или договором. Если договор об отчуждении имущества подлежит государственной регистрации, право собственности у приобретателя возникает с момента его регистрации.

Идентичная ситуация наблюдается в АО. При этом покупка акций является основанием возникновения акционерного правоотношения. Не оплатившее акции лицо становится должником по договору купли-продажи. Акционер как субъект акционерного правоотношения вообще не имеет обязанности активного типа. Акционеры осуществляют управление обществом в рамках единого акционерного правоотношения, реализуя свое право на участие в управлении.

Имущественный характер акционерных отношений относят их к числу обязательственных правоотношений и является их вторым признаком.

Третьим признак та наличие активных действий обязанных лиц. Наконец, в обязательстве управомоченное лицо может требовать определенного поведения от обязанного лица.

Поначалу кажется, что акционерные отношения возникают исключительно между АО и конкретным акционером и носит чисто обязательственный характер. Тут бесспорно конкретный субъектный состав правоотношения. Обязательственные права акционера относятся в отношении имущества АО. Выражается это в том, что акционер имеет право требовать дивиденды от АО, а в случаях ликвидации общества он е претендует на часть имущества, оставшегося после удовлетворения требований кредиторов. В подобных ситуациях общество выступает в качестве должника, обязанного совершать активные действия в пользу акционера-кредитора.

Право требования акционеров не входят в содержание акционерных правоотношений. Содержанием акционерных правоотношений являются права иного рода. Так как объект права требования определен всегда, но объект права на дивиденд абстрактен, акционер до принятия решения не знает размера причитающих ему дивидендов. Акционеры до времени удовлетворения требований кредиторов не знают

также размера ликвидационной квоты. Во-вторых, так как бессрочно быть обязанным нельзя, право требования ограничено во времени. В-третьих, исполняя обязанности должник тем самым погашает право требования, например, получив дивиденды акционер не может требовать повторной их выплаты за этот же период.

Таким образом, необходимо выделит право акционера на ликвидационную квоту и на дивиденд как элементы содержания акционерных правоотношений. Для появления прав на ликвидационную квоту кроме факта установления членства необходимы дополнительные факты, например, решение о ликвидации АО.

Право членства в АО, в литературе не относить к вещным или к обязательным правам[1]. Следовательно, эти правоотношения содержат в себе как элементы абсолютных, так и относительных правоотношений. Посему любые стремления включить эти правоотношения в известные классификационные группы будет обречена на неудачу.

Особенности деятельности АО являются установленные законом ограничения относительно к сделкам, с целью защиты прав акционеров. Такими сделками являются крупные сделки и сделки с заинтересованностью.

К крупным сделкам в соответствии с гл. X Закона РТ «Об акционерных обществах» относятся сделки с имуществом и размещение акций.

1.Крупные сделки с имуществом общества

Крупной сделкой считается сделка (в том числе заем, кредит, залог, поручительство) или несколько сделок, связанных с приобретением, отчуждением или возможностью отчуждения акционерным обществом прямо либо косвенно имущества, стоимость которого составляет 30 и более процентов балансовой стоимости активов акционерного общества, определенной по данным его бухгалтерской отчетности на последнюю отчетную дату, за исключением сделок, совершаемых в процессе обычной хозяйственной деятельности акционерного общества, сделок, связанных с размещением посредством подписки (реализацией) обыкновенных акций акционерного общества, и сделок, связанных с размещением облигаций, конвертируемых в обыкновенные акции акционерного общества. Уставом акционерного общества могут быть установлены также иные случаи, при которых на совершаемые акционерным обществом сделки распространяется порядок одобрения крупных сделок, предусмотренный настоящим Законом.

Порядок принятия решения о совершении крупной сделки с имуществом Законом РТ «Об акционерных обществах» предусмотрено два варианта принятия решения о совершении крупной сделки, которые различаются в зависимости от стоимости сделки или нескольких взаимосвязанных сделок. Решение о совершении крупной сделки принимается советом директоров общества единогласно, при этом не учитываются голоса выбывших членов. Выбывшими являются члены совета директоров, полномочия которых прекращены досрочно решением общего собрания акционеров (ч.ч. 4 ст.48 Закона РТ «Об акционерных обществах»), и умершие.

Наличие кворума предполагает участие всех действующих членов совета. При этом каждый член совета директоров должен принять личное участие в голосовании.

Таким образом, для совершения крупной сделки необходимо единогласие всех членов совета директоров. В противном случае совет директоров имеет прав (не обязан) вынести вопрос на рассмотрение общего собрания, имеют право принять решение:

а) о созыве внеочередного общего собрания для совершения крупной сделки;

б) о включении вопроса о совершении крупной сделки в повестку.

Порядок принятия решений предусмотрен уставом АО, и обычно принимаются большинством голосов[6].

2.Крупная сделка с акциями общества

К крупной сделке по размещению акций относятся сделки или несколько взаимосвязанных сделок по размещению обществом обыкновенных акций либо привилегированных акций, конвертируемых в обыкновенные акции, составляющих более 25% ранее размещенных обществом обыкновенных акций.

Рассмотрим случаи принятия единственным АО решений об одобрении крупных сделок и/или сделок, в совершении которых имеется заинтересованность, относящихся в соответствии с РТ «Об акционерных обществах» к компетенции общего собрания АО[4].

В случае совершения обществом крупной сделки или сделки, в совершении которой имеется заинтересованность лиц, перечисленных в п. 1 ст.81 РТ «Об акционерных обществах», исключением является единственный акционер единолично принимающие решение. Такие решения оформляются письменно в соответствии с требованиями глав 10 и 11 Закона РТ «Об акционерных обществах». Если крупная сделка одновременно является сделкой, в совершении которой имеется заинтересованность указанных выше лиц, то, в соответствии с п. 5 ст. 79 Закона об РТ «Об акционерных обществах», к порядку ее совершения применяются только положения главы 12 настоящего Закона[2]. Однако положения настоящей статьи не применяются к АО, состоящему из одного акционера, который одновременно осуществляет функции единоличного исполнительного органа. Например, АО получает крупный кредит в банке, в котором единственный акционер общества владеет более 20 процентами акций. Однако, в соответствии с п. 2 ст. 81 Закона об АО положения главы 11 не применяются к сделкам, в совершении которых заинтересованы все АО.

Единственный акционер АО должен быть проинформирован исполнительным органом АО или наблюдательным советом о стратегических планах АО. Подобная сделка может повлечь за собой убытки, не говоря уже о рисках, связанных с возможным наступлением банкротства общества[3].

Очевидно, что разумный и преданный единому акционеру руководитель компании должен заручится его поддержкой для принятия решения (подобная поддержкой может быть ранее, может быть, всякий письменный документ, в каком сформулирована воля акционера согласие на заключение сделки). Однако если события будут развиваться по отрицательному сценарию, описанному ранее, акционер согласно п.5 ст. 71 РТ «Об акционерных обществах», есть право обратиться в суд с требованием о возмещении убытков, причиненных обществу. В данной ситуации интересен вопрос о возможности влияния на действия исполнительного органа общества до их совершения.[5]

Сделки с заинтересованностью считаются наиболее сложными вопросами корпоративного права, поскольку процедура их совершения сложна, а регламентирующее ее законодательство сложно сформулированы. Сделки с заинтересованностью члена совета директоров (наблюдательного совета) АО, лица, осуществляющего функции единоличного исполнительного органа общества, в том числе управляющей организации или управляющего, члена коллегиального исполнительного органа общества или акционера общества, имеющего совместно с его аффилированными лицами 20 и более процентов голосующих акций АО, а также лица, имеющего право давать обществу обязательные для него указания, совершаются АО в соответствии с особым порядком.

Перечисленные лица признаются заинтересованными в случаях, если они, их супруги, родители, дети, полнородные и неполнородные братья и сестры, усыновители и усыновленные и (или) их аффилированные лица:

- являются стороной, выгодоприобретателем, посредником или представителем в сделке;

- владеют (каждый в отдельности или в совокупности) 20 и более процентами акций (долей, паев) юридического лица, являющегося стороной, выгодоприобретателем, посредником или представителем в сделке;

- занимают должности в органах управления юридического лица, являющегося стороной, выгодоприобретателем, посредником или представителем в сделке, а также должности в органах управления управляющей организации такого юридического лица;

- в иных случаях, определенных уставом общества. С целью исключения рисков, связанных с тем, что АО может и не знать, являются ли перечисленные лица заинтересованными, в ст. 82 Закона об АО установлена их обязанность доводить до сведения совета директоров общества, а также ревизора и аудитора определенную информацию:

- о юридических лицах, в которых они владеют самостоятельно или совместно со своим аффилированным лицом (лицами) 20 или более процентами голосующих акций (долей, паев);

- о юридических лицах, в органах управления которых они занимают должности;

- об известных им совершаемых или предполагаемых сделках, в которых они могут быть признаны заинтересованными лицами.

Тем не менее, ответственность на отказ от предоставления данной информации законом не предусмотрено, что иногда может стать основанием для отказа в признании сделки с заинтересованностью недействительной.

Особый порядок совершения сделок с заинтересованностью не применяется:

- к обществам, состоящим из одного акционера, который одновременно осуществляет функции единоличного исполнительного органа;

- к сделкам, в совершении которых заинтересованы все акционеры общества;

- при осуществлении преимущественного права приобретения размещаемых обществом акций;

- при приобретении и выкупе обществом размещенных акций;

- при реорганизации акционерного общества в форме слияния (присоединения) акционерных обществ, если другому акционерному обществу, участвующему в слиянии (присоединении), принадлежит более чем три четверти всех голосующих акций реорганизуемого АО.

Таким образом, законодатель с целью защиты прав акционеров предусмотрел специальных правил регулирования сделок с заинтересованностью.

Следует отметить условия признания недействительной сделки, в совершении которой имеется заинтересованность, а именно:

- сделка, совершенная АО имеет признак сделки с заинтересованностью;

- сделка совершена с нарушением законом порядка утверждения сделок с заинтересованностью;

- контрагент знал или должен был знать о наличии признаков заинтересованности в сделке;

- в результате совершения сделки с заинтересованностью наступили неблагоприятные последствия;

-сделка нарушает права и законные интересы акционера.

Таким образом, следует более подробно рассмотреть последние условия.

1. В случаях, если контрагент по сделке не знал и не должен был знать о наличии признаков заинтересованности в сделке по закону, оно не может быть признана недействительной. Подобное положение считаем спорным. Так как процедура заключения подобной сделки регламентирован акционерным законодательством и оно не является процедурой, скрытой от широкого круга лиц.

2. Условием признания недействительной сделки с заинтересованностью являются повлекшие им неблагоприятные последствия. Отсутствия подобных последствий, как правило, доказываются ответчиком (АО и его контрагентом по сделке). Не существует однозначное определение понятия «неблагоприятные последствия» правоприменительной практике. Тем не менее, без сомнения ее соответствующее толкование со временем будет разработана.

**Литература**


1. Агарков М.М. Учение о ценных бумагах // Основы банкового права. Учение о ценных бумагах. М., 1994. С. 195-196
2. Горохов А.А. Увеличение уставного капитала по закрытой подписке в акционерных обществах // Право и экономика. 2010. N 6. С. 21 - 25.
3. Григорьев М. Собрание с нарушениями // ЭЖ-Юрист. 2010. N 38. С. 13.
4. Дурново Д.В. Нюансы отчетности акционерных обществ о стоимости чистых активов // Промышленность: бухгалтерский учет и налогообложение. 2010. N 7. С. 47 - 53.
5. Мошкович М. Дивиденды для «мертвых душ» // ЭЖ-Юрист. 2010. N 38. С. 2.
6. Орлова О.Е. Контроль чистых активов акционерного общества // Актуальные вопросы бухгалтерского учета и налогообложения. 2010. N 15. С. 61 - 72.
7. Тархов В.А. Гражданское правоотношение. Уфа, 1993. С. 18.


## МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ САҲҲОМӢ: МУШКИЛОТИ ОБЪЕКТ


**ҚОСИМОВ ФАРРУХ АБДУЛМУМИНОВИЧ,**
номзади илмҳои ҳуқуқӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.



*Муносибатҳои саҳҳомӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар низоми муносибатҳои ҳуқуқи хусусӣ ба ҳисоб меравад. Мақолаи мазкур низ ба яке аз ҷанбаҳои муносибатҳои ҳуқуқии саҳҳомӣ – мушкилоти объекти он бахшида шудааст. Муаллиф мавзӯи мазкурро бо такя ба назари олимон ва қонунгузории кишвар таҳқиқ намуда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии онро муайян намудааст. Ба ғайр аз ин, таҳқиқот таҷрибаи татбиқи қонунгузориро дар фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ таҳқиқ намудааст, ки аз нигоҳи амалӣ низ мазмун ва муҳтавои мавзӯи баррасишударо ошкор намудааст. Маҳз таҳқиқи масъалаи мазкур дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ то анозае тавонистааст, ки ба муайян намудани мушкилоти ҷойдошта равшанӣ андозад. Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқ, хулоса ва тавсияҳои илман асоснокро вобаста ба мушкилоти ҷойдошта пешниҳод намудааст.*



***Калидвожаҳо:*** *муносибатҳои ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, кодекс, муносибатҳои саҳҳомӣ, объект, кредитор, шахси ҳуқуқӣ, ҷамъият, иттиҳодия, уҳдадорӣ, молиякият, фактҳои ҳуқуқӣ, созишнома, муассисон, ҳуқуқҳои корпоративӣ, муносибатҳои идоракунӣ, иҷрои қарорҳои судӣ.*


## JOINT-STOCK LEGAL RELATIONS: PROBLEMS OF THE OBJECT


**KOSIMOV FARRUKH ABDULMUMINOVICH,**
candidate of Legal Sciences, associate Professor of the Department of Civil Law of the

Tajik National University.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 17, Rudaki Ave.

*Axionary relations are one of the most important issues in the system of private legal relations. This article is also devoted to one of the aspects of the legal relations of joint–stock law - the problem of its object. The author researched this topic based on the points of view of scientists and legislative bodies of the country, and identified the theoretical and practical aspects of the topic under consideration. In addition, the study examined the practice of applying legislation in the activities of legal entities, which in practical terms also revealed the content and essence of the topic under consideration. It was the study of this issue in legal practice that was able to shed light on the definition of existing problems. As a result of the study, scientifically based conclusions and recommendations were made concerning the problem under consideration.*

***Keywords:*** *legal relations, legislation, code, joint-stock relations, object, creditor, legal entity, company, association, obligation, property, legal facts, agreement, founders, corporate rights, management relations, enforcement of court decisions.*

УДК: 340

# КАФОЛАТҲОИ ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНИИ ШАҲРВАНД БА МУСОФИРАТ, ИНТИХОБИ ОЗОДИ МАҲАЛЛИ ЗИСТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ОЛИМЗОДА ДАВЛАТМУРОД АБДУЛХАЙР,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 939-37-77-72. E-mail:davlat.olimov.1993@bk.ru.

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои кафолатҳои ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвад ба мусофират, интихоби озоди маҳаллӣ зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидааст. Омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷонибаи он ба зарурати воқеӣ табдил ёфтааст. Аз ин хотир, ҳуқуқи озодии мусофират, интихоби маҳалли зист, ба пуррагӣ ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ таллуқ дошта, ба гурӯҳи ҳуқуқҳои мутлақ шомил нестанд. Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ чӣ дар гузаштаи начандон дур ва чӣ дар замони муосир дар тӯли инкишофи хеш интихоби озоди маҳалли зистро, кафолат медиҳад. Раванди амалинамоии мусофират, интихоби озоди маҳалли зист мураккабу пурҷараён аст ва масъалаҳои мухталифро пеш мегузорад. Ҳал намудан ё ба инобат гирифтани онҳо талаби замон аст. Махсусан дар замони ҳозира, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дуняviро мақсади хеш қарор додааст, рӯ овардан ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, ҳамчун воситаи муфиди ҳалли масъалаҳои муҳим умуман инкишофи ҷомеа амри воқеӣ аст. Таъмини сулҳу субот ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва таҳкими кафолат, амнияти шаҳрвандон имкон фароҳам оварданд, ки на танҳо ба рушди ташкилотҳои ғайридавлатӣ, балки ҳамчунин ба фаъол гардонидани созмонҳои маъмулии демократии ҷамъияти шаҳрвандӣ мусоидат намуданд.*

***Калидвожаҳо:*** *кафолат, ҳуқуқ, конститутсия, қонунгузорӣ, сатҳ, мусофират, мақомоти давлатӣ, ҳифз, масъала, озодӣ.*

Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон хуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро арзишҳои олӣ эътироф намуда, риоя ва ҳифзи онҳоро кафолат додааст.Инчунин аввалин бор дар моддаи 24-ум Конститутсия ҳуқуқи шаҳрванд ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он инъикос карда шудааст.

Ҳамин аст, ки чанде қабл аз ин шаҳрванд, чунин ҳуқуқ надошт ва имкони онро амалӣ гардонидан низ набуд. Соли 1932 дар собиқ ИҶШС ҷорӣ кардани аз қайдгузарӣ ва татбиқи он, мӯҳлати дуру дароз деҳқононро ва умуман аҳолии деҳотро аз паспортгирӣ маҳрум мекард[4,162].

Конститутсия кафили хуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисобрафта ҳуқуқу озодиҳои ичтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро риоя ва ҳифз менамояд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон боби 2-юми худро пурра ба хуқуқу озоди ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд бахшидааст, риоя ва иҷрои онро ҳатми эълон кардааст. Дар ҳамин асос риоя ва амали шави ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд дар сатҳи маҳал дар асоси конститутсия ва қонунҳои соҳавӣ риоя иҷро ва ҳифз карда мешавад[4,162].

Таъмини сулҳу субот ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва таҳкими кафолат, амнияти шаҳрвандон имкон фароҳам оварданд, ки на танҳо ба рушди ташкилотҳои ғайридавлатӣ, балки ҳамчунин ба фаъол гардонидани созмонҳои маъмулии демократии ҷамъияти шаҳрвандӣ  мусоидат намуданд.

Вазъи конститутсионии шахс, ҳолати ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон, ҳолати ҳуқуқии хориҷиён ва шахсони бешаҳрвандро дар бар мегирад. Таркиби ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд аз падидаҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ, соҳибҳуқуқии конститутсионӣ,

усулҳои ҳолати ҳуқуқӣ, ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосӣ, кафолати ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд иборат аст[4,124].

Дар моддаи 13-уми Эломияи умумии ҳуқуқи башар омадааст, ки ҳар як инсон ҳақ дорад, ки дар ҳудуди ҳар як давлат озодона рафтуомад кунад ва ба худ маҳалли зист интихоб кунад. Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки ҳар кишвар, аз ҷумла кишвари худро тарк кунад ва ба кишвари худ бозгардад[2,6].

Дар ҳамин росто қайд намудан зарур аст, ки қонунгузории ҷиноятӣ барои вайрон кардани қонунҳо оид ба муроҷиати шаҳрвандон дар шакли ради ғайриқонунии баррасии муроҷиати онҳо, бидуни сабабҳои узрнок вайрон намудани мӯҳлати баррасии арзу шикояти онҳо, қабули қарори беасос ва хилофи қонун, инчунин вайрон кардани қонунҳо оид ба муроҷиати шаҳрвандон, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшудаи шаҳрвандон, ҷамъият ё давлат зарари ҷиддӣ расонидааст, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар кардааст.

Мақомоти давлатӣ бо он мақсад ташкил карда шудааст, ки вай тараққиёти тадриҷии ҷомеаро дар шароити навсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъмин намояд»[3,9]. Ин падидаҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии алоҳида ифодагари иродаи давлат ва халқӣ он ба шумор рафта, дар ҳаёт ҳамчун ҳаракати ҷавобӣ ба талаботи иқтисодӣ-иҷтимоии аҳолӣ баромад мекунад, ки он таҷассумкунандаи мақсадҳои нисбатан беҳтар ва босифаттар ба танзим даровардани муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятӣ мебошад.

Чи хеле ки маълум аст, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ мудом дар инкишоф буда, ҳар як давраи инкишофёбӣ талаботи худро пешниҳод менамояд ва онро бо ҳолатҳои мушаххаси нав ба нав пурра месозад. Аз ин рӯ, қонун дар навбати худ бояд набзи ҳаёти ҷамъиятиро ба даст оварда, дархостҳои объективии онро ифода созад ва баҳри ин вазифаҳо хизмат кунад. Зеро «омӯзиши рӯзгори давлатҳои пешин ва зинаҳои инкишофи илм далолат ба он мекунад, ки қабули унсурҳои пешқадами тамаддун, хоҳ таърихӣ бошад ва хоҳ замонавӣ, дар ҳадду ҳудуди муайян бояд аз дарвозаи илм вориди ҷамъияти ислоҳпарвар гардад, дар акси ҳол оқибатҳои вазнину нанговарро барои миллат ва халқият пеш хоҳад овард»[10, 41]. «Барои ин бояд дар ҷумҳурӣ як зумра масъалаҳо, ки дар шароити ҳозира барои бемамониат итоат намудани тамоми мақомоти давлатӣ ба қонун монеъ мешаванд, ҳал карда шаванд. Аз ҳаёти ҷомеа бояд ҳодисаҳои беэътиноӣ нисбат ба қонун, дағалона поймол намудани ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд, иҷро накардани талаботи қонун бартараф карда шаванд»[5,9].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ зикр мегардад, ки мафҳуми «кафолат» маҷмӯи омилҳои объективию субъективие мебошад, ки барои татбиқи ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои шахс, бартараф кардани сабабу монеаҳои нопурра ё номувофиқ, ба амал баровардани онҳо ва ҳимояи ҳуқуқ аз вайронкунӣ равона карда шудааст. Ин омилҳо нисбати амалӣ гардонидани ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосӣ ҳамчун шароит, вобаста ба тарз, роҳу усул ва услуби баамалбарории онҳо мебошанд[9,168]. Маҳз бо роҳи истифодаи чунин чораҳо ҳуқуқу озодиҳои шахс амалӣ гардонида мешавад. Аз ин рӯ, муносибатҳои ҳуқуқии аз тарафи давлат муқарраршуда, меъёрҳои ҳуқуқӣ намунаҳо ва навъҳои алоҳидаи қоидаи рафторро дар назар дорад, ки онро бояд тамоми шахсоне, ки зери мафҳуми субъекти муносибатҳои батанзимдаровардашаванда қарор гирифтаанд, иҷро намоянд.

Ҳамин тавр, дар асоси ин гуфтаҳо намунаҳои умумии қоидаи рафтори аз тарафи давлат муқарраршуда ба вуҷуд меоянд. Аммо дар ҳаёт, дар амалия, дар муносибатҳои мушаххас (ба монанди муносибатҳои оилавӣ, муносибатҳои меҳнатӣ, муносибатҳои ҷиноятӣ ва ғайра) шахсони мушаххас ва ё иттиҳодияҳои онҳо баромад мекунанд. Ин

муносибатҳо, ки аз тарафи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шуда, хусусияти ҳуқуқиро ба худ касб мекунанд, аз қоидаҳои рафтор ба муносибатҳои ҳуқуқӣ табдил меёбанд.

Дар амалӣ гаштани ҳимояи ҳуқуқу озодии инсон нақши судҳои умумӣ, судҳои иқтисодӣ ва суди конститутсионии ҷумҳурӣ калон аст. Конститутсия ҳокимияти судиро ваколатдор менамояд, ки ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассиса, қонунияту адолатро ҳифз намояд.

Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» яке аз аввалин вазифаҳои судро дар ҷумҳурӣ ҳифзи ҳуқуқ, озодии инсон ва шаҳрванд мешуморад. Мутобиқи моддаи 1 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Суди конститутсионӣ ба мақсади таъмини волоияти меъёрҳои Конститутсия ва амали бевоситаи он дар қаламрави ҷумҳурӣ, ҳифзи Конститутсия, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсис ёфтааст. Ҳифзи ҳуқуқи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тибқи Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумхурии Тоҷикистон» яке аз вазифаҳои мақомоти прокуратура муқаррар карда шудааст. Инчунин шахс метавонад барои ҳифзи ҳуқуқу озодии худ ба мақомоти ғайрисудӣ, ба шахсони мансабдор, ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва матбуот муроҷиат намояд.

Барои ҳифзи ҳуқуқу озодӣ дар таҷрибаи давлатҳо ташкили ниҳоди давлатию ҷамъиятии ҳифзи ҳуқуқи инсон муқаррар шудааст. Яке аз ин гуна ниҳод Ваколатдор оид оид ба ҳуқуқи инсон (Омбудсмен) мебошад.

Қонун «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008 муайян кард, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳангоми амалӣ намудани ваколатҳои худ мустақил буда, ба ягон мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (Ҷамоат) ва шахсони мансабдор ҳисоботдиҳанда намебошад. Фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон воситаҳои мавҷудаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро пурра намуда, салоҳияти мақомоти давлатиро, ки ҳуқуқу озодиҳои вайроншударо барқарор менамоянд, бекор ва тағйир намедиҳад (моддаи 3). Қонуни мазкур мувофиқи талаботҳои Усулҳои (принсипҳои) Париж, ки дар он қолабҳои оид ба Ваколатдор хос муайян карда шудаанд, таҳия карда шудааст.

Вазифаҳои асосии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мусоидат намудан ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи инсон ва шаҳрванд; такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, шаклҳо ва воситаҳои ҳифзи он; ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; рушд ва ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳангоми гирифтани маълумот оид ба вайронкунии оммавӣ ва ҷиддии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ё дар ҳолатҳои аҳамияти махсуси ҷамъиятӣ доштани ин амалҳо ё марбут ба зарурати ҳифзи манфиатҳои шахсоне, ки қобилияти мустақилонаи истифодаи воситаҳои ҳифзи ҳуқуқи худро надоранд, ҳуқуқ дорад бо ташаббуси худ дар доираи салоҳияташ санҷишҳо гузаронад.

Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд, риоя ва ҳимояи онҳо вазифаи давлат мебошад.

Чи тавре, ки Ибрагимова Л. Р, қайд намудааст фаъолияти механизми давлатии ҳифзи ҳуқуқи конститутсионии озодии ҳаракат, интихоби ҷойи истиқомат, баромадан ва

дохил шудан ба давлат низоми ҷанбаҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобастаи фаъолияти қонунии давлат мебошад[6,28].

Вобаста ба хусусиятҳои татбиқи ҳуқуқу озодиҳо ва иҷрои вазифаҳои асосӣ ва он низоме, ки Конститутсия муқаррар кардааст, кафолатҳои гуногуни онҳо пешбинӣ карда шудаанд. Ин кафолатҳоро бештар вақт олимон ба иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ҷудо мекунанд. Дар баъзе сарчашмаҳо онҳоро инчунин ба самти иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маънавӣ, мафкуравӣ ва ғайра тақсим менамоянд[7,144-206]. Кафолатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ якҷоя бо кафолатҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ низоми кафолатҳои ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрвандро ташкил менамояд[8,55-66], ки маҳз чунин нуқтаи назар қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки арзиши олӣ будани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1994) эътироф карда шудааст.

Тайи солҳое, ки пас аз қабули нахустин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (с.1994) сипарӣ гардиданд, ғояҳои конститутсионӣ дар меъёрҳои қонунгузориҳои соҳавӣ хеле тақвият ёфтанд ва дорои қобилияти ҳаётӣ будани худро собит намуданд. Дар натиҷа сохти комилан пурра ва муназзами татбиқи ҳуқуқҳо, озодиҳо ва ӯҳдадориҳои конститутсионӣ ба шакл даровარда шуд, ки он аз ҷузъиёти зерин иборат аст:

1) моҳият ва шартҳои татбиқи ҳуқуқу озодиҳо ва ӯҳдадориҳо;
2) субъектҳои татбиқи ҳуқуқу озодиҳо ва ӯҳдадориҳо;
3) кафолатҳои татбиқи ҳуқуқу озодиҳо ва ӯҳдадориҳо;
4) ҳифзи қонунии ҳуқуқҳо, озодиҳо ва ӯҳдадориҳо;
5) воситаҳои фаъолона амалӣ гардонидани ҳуқуқҳо, озодиҳо ва ӯҳдадориҳо;
6) воситаҳое, ки таъминкунандаи дар амал татбиқ намудани ҳуқуқҳо, озодиҳо ва ӯҳдадориҳоро дар амал таъмин менамоянд.
7) марҳилаи мурофиавии дар амал татбиқ намудани ҳуқуқҳо, озодиҳо ва ӯҳдадориҳо.

Дар таҷрибаи татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионӣ, озодӣ ва ухдадориҳо усулҳои зиёде оид ба таҷассуми имкониятҳои потенсиалӣ маълуманд. Теъдоди умумии чунин усулҳои имконпазир амалан номаҳдуд аст. Масалан, қонеъ гардонидани талаботи маънавии шахсият ҳангоми татбиқи моддаи 24-ум конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мекунад, ки шаҳрванд ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он ҳуқуқ дорад кафолат дода мешавад, амалӣ мегардад[1,136].

Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ чӣ дар гузаштаи начандон дур ва чӣ дар замони муосир дар тӯли инкишофи хеш интихоби озоди маҳали зистро, кафолат медиҳад.

Раванди амалинамоии мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, мураккабу пурҷараён аст ва масъалаҳои мухталифро пеш мегузорад. Ҳал намудан ё ба инобат гирифтани онҳо талаби замон *аст. Махсусан дар замони ҳозира, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро мақсади хеш қарор додааст, рӯ овардан ба* мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, *ҳамчун воситаи муфиди ҳалли масъалаҳои муҳим умуман инкишофи ҷомеа амри воқеӣ аст. Ҳолати зайл аҳамияти омӯзиши* мусофират, интихоби озоди маҳалли зист*ро дар шароити имрӯза, навъу шаклҳои зоҳиршавии онро ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ рӯзмарра мегардонад. Аз ин хотир, дарки амиқу фаҳми дурусти моҳияту хусусияти* мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, *ва амалишавии он аҳамияти воқеӣ пайдо намудааст.*

Таҳлили меъёрҳои Конститутсия ва қонунгузори амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки шаклҳои татбиқи ҳуқуқҳои номбурдаи шаҳрвандон номаҳдуд буда, ба ягон хел поймолкунии ин ҳуқуқҳо роҳ дода намешавад. Чунончи, тибқи моддаи 24 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, «шаҳрванд ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он ҳуқуқ дорад».

Ҳуқуқ ба мусофират аз ҷумлаи ҳуқуқҳои асосии инсон ба ҳисоб рафта, ин муайян намоии маҳалли бадубоши хешро чӣ ба таври доими ё муваққатӣ дар дохил ё хориҷӣ кишвар фаҳмидан мумкин аст.

Ҳуқуқи ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зистро ба ду мазмун фаҳмидан мумкин аст:

- ✓ Интихоби озоди маҳаллӣ зисти дохилӣ (яъне дар худуди давлатӣ худ аз як вилоят ба вилояти дигар, аз як шаҳр ба шаҳрӣ дигар, аз як ноҳия ба ноҳияи дигар, аз як ҷамоат ба ҷамоати, дигар аз як деҳа ба деҳаи дигар);
- ✓ Интихоби озоди маҳаллӣ зисти хориҷӣ (яъне аз як давлат ба давлати дигар).

Ҳимояи ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон дар дохили давлат аз тарафи мақомоти давлатӣ ва аз тарафи ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба амал бароварда мешавад. Ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷа ба воситаи намояндагиҳои дипломатӣ ва консулии Тоҷикистон ҳимоя карда мешаванд[4,127].

Ҳамин тариқ кафолатҳои ҳуқуқи конститутсионии шаҳрванд ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зистро ба ду мазмун фаҳмидан мумкин аст:

- ➢ кафолатҳои умумӣ;
- ➢ кафолатҳои махсус.

Кафолатҳои умумии ҳуқуқи конститутсионии шаҳрванд ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист ин муайян намудани маҳалли будубош чӣ дар дохил ва чӣ берун аз он фаҳмида мешавад.

Кафолатҳои махсуси ҳуқуқи конститутсионии шаҳрванд ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист ин пеш аз ҳама будубоши шаҳрвандон дар хириҷӣ кишвар ба таври муваққати фаҳмидан мумкин аст.

**Адабиёт**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тайироту иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. –Душанбе: «Нашриёти Ганҷ», 2016. -136.
2. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.10.2022). – 6 с
3. Диноршоев А.М. Правовое регулирование разделения властей в Республики Таджикистан по Конституции 1994 года. // Государство и право. - 2005. - № 4. - С. 9.
4. Имомов, А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / А.И. Имомов. – Душанбе: Оли Сомон, 1997. – 389 с. 127.
5. Исмаилов Ш.М. Правовое государство и основные тенденции и его развития в Таджикистане. // Государство и право. - 2000. - №3. - С. 9.
6. Ибрагимова Л Р. Конституционное право на свободу передвижения, выбор места пребывания и жительства, выезд и въезд в Российскую Федерацию: вопросы теории и практикитема диссе и авто по 12.00.02, кан..юрид.. наук Ибрагимова Люция Рашидовна 2020 г. 28с.
7. Права личности в социалистическом обществе. - М., 1981. - С. 144-206.
8. Проблемы свободы и прав человека в современной идеологической борьбе. - М., 1986. - С. 55-66.
9. Советское государственное право. - М., 1985. - С. 168.
10. Холиқов А.Ғ. Чанд масоили ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон. // Давлат ва ҳуқуқ. - 2005. - №4. - С. 41.


## ГАРАНТИИ КОНСТИТУЦИОННОГО ПРАВА ГОРОДА НА ПЕРЕЕЗД, СВОБОДНЫЙ ВЫБОР МЕСТНОГО ПРОЖИВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


**ОЛИМЗОДА ДАВЛАТМУРОД АБДУЛХАЙР,**
кандидат юридических наук, доцент кафедры право и сравнительное правоведение

Академии государсвенного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Насира, 33.
Тел.: (+992)-939-37-77-72. E-mail:davlat.olimov.1993@bk.ru

*В данной статье анализируются вопросы гарантий конституционного права гражданина на выезд, свободный выбор места жительства в Республике Таджикистан. Его всестороннее изучение и анализ стали реальной необходимостью. По этой причине права на свободу передвижения, выбор места жительства полностью принадлежат гражданам республики и не входят в группу абсолютных прав. В частности, Республика Таджикистан, как часть международного сообщества, как в недавнем прошлом, так и в новое время на всем протяжении своего развития гарантирует свободный выбор места жительства. Процесс путешествия, свободный выбор места жительства сложен и многогранен и сопряжен с различными проблемами. Решение или учет их — это задача часа. Особенно в настоящее время, когда Республика Таджикистан поставила своей целью построение демократического, правового и светского общества, обращаясь к гражданству, свободному выбору места жительства, как полезному инструменту решения важных вопросов в целом, развитие общества является настоящим императивом. Обеспечение мира и стабильности и национального согласия в Таджикистане и укрепление гарантий и безопасности граждан предоставили возможность, которая способствовала не только развитию неправительственных организаций, но и активизации рядовых демократических организаций гражданского общества.*

***Ключевые слова:*** *гарантия, право, конституция, законодательство, уровень, мусофир, государственная власть, защита, проблема, свобода.*

## GUARANTEES OF THE CITY'S CONSTITUTIONAL RIGHT TO TRAVEL, FREE CHOICE OF LOCAL RESIDENCE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**OLIMZODA DAVLATMUROD ABDULKHAIR,**
Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the
Department of Law and Comparative Law of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nasir str.
Phone: (+992) 939-37-77-72. E-mail: davlat.olimov.1993@bk.ru

*This article analyzes the issues of guarantees of the constitutional right of the citizen to travel, free choice of local residence in the Republic of Tajikistan. Its comprehensive study and analysis has become a real necessity. For this reason, the right to freedom of travel, choice of place of residence, fully belong to the citizens of the republic and are not included in the group of absolute rights. In particular, the Republic of Tajikistan, as a part of the international community, both in the recent past and in modern times, throughout its development, guarantees free choice of place of residence. The process of traveling, free choice of place of residence, is complex and full-flowing and presents various issues. Solving them or taking them into account is the need of the hour. Especially at the present time, when the Republic of Tajikistan has set its goal to build a democratic, law-based and secular society, turning to citizenship, free choice of place of residence, as a useful tool for solving important issues in general, the development of society is a real imperative. Ensuring peace and stability and national harmony in Tajikistan and strengthening the guarantee and security of citizens provided an opportunity, which not only contributed to the development of non-governmental organizations, but also to the activation of ordinary democratic organizations of civil society.*

***Keywords:*** *Guarantee, right, constitution, legislation, level, passenger, state authority, protection, problem, freedom.*

**УДК: 340.1**

# ТАКОМУЛИ НАЗАРИЯИ ИНСТИТУТИ ХУДИДОРА ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ (ДАР МИСОЛИ ЛОИҲАИ «ХУДИДОРАКУНИИ МАҲАЛЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: НАЗАРИЯ, АМАЛИЯ ВА ДУРНАМОИ РУШД» (2021-2025)

**ШАРИПОВ ШАРИФ РАҲМОНОВИЧ**,
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. Саид Носир 33.
Тел.: (+992) 927-57-32-28. E-mail: ssssharif@mail.ru
**КАЛОНОВА МАҲИНА ҶУМЪАБОЕВНА**,
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи давлатии тибби Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, н.Сино, куч. Сино 29-31.
Тел: (+992) 927-28-32-28. E-mail: m.kalonova@mail.ru
**ШАРИПОВ АБДУАХАД РАҲМОНОВИЧ**,
номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи биологияи
МТД "Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Мастчоҳ",
Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Мастчоҳ, шаҳраки Бӯстон, к. Исмоили Сомонӣ, 17.
Тел.: (+992) 928-68-39-70. E-mail: sharifzodaabduahad@gmail.com

*Дар мақола муаллифон кӯшидаанд, ки моҳият, мақсад, вазифа ва натиҷаҳои интизории лоиҳаи «Худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, амалия ва дурнамои рушд»-ро ба қалам диҳанд.*

*Муаллифон исбот намудаанд, ки татбиқи лоиҳаи мазкур, ки дар заминаи Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, барои густариши иртиботи ҳасанаи худидораи маҳал ва аҳолӣ, низоми худидора муҳим аст.*

*Ба ақидаи муаллифон дар заминаи амалишавии лоиҳаи мазкур бори аввал Феҳристи иттилоотии мақомоти худидора таҳия мешавад, ки он ҷиҳати истифода бо мақсадҳои илмию тадқиқотӣ, иттилоотию хизматӣ ва анҷоми ислоҳоти маъмурию ҳудудии маҳал ва тақсимоти салоҳиятҳои мақомоти мазкур бисёр муҳим аст.*

*Муаллифон қайд мекунанд, ки ҳадафи дигари лоиҳаи мазкур ба таври муфассал мавриди тадқиқ қарор додани ҳамкории мақомоти худидораи маҳаллӣ бо мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва таҷрибаи маҳал аст.*

***Калидвожаҳо**: худидоракунӣ, ҷамоат, маҳалла, маҳаллӣ, мақомот, давлат, идоракунӣ, идоракунии давлатӣ, шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ.*

Имрӯз дар кишвари мо ҷиҳати рушди соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла такомули институти худидора лоиҳаҳои зиёд тадриҷан татбиқ шуда истодаанд, ки аз як ҷониб файзи истиқлоли давлатӣ ва ҷониби дигар марҳилаи сифатан нави ташаккул ва такомули соҳаҳои мухталифи низоми идораи кишвари моро таҷассум менамоянд.

Дар баробари мушарраф шудан ба неъмати безаволу бузург - истиқлоли давлатӣ раванди давлатсозӣ, мушаххас намудани вазифаҳои он, аз ҷумла таҷдиди назар доир ба механизми низоми идора: давлатӣ ва худидора оғоз гардид[16, 72; 17, 74; 18, 34; 19, 21-22].

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006, №1713 Дар бораи қабли «Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардид, ки он ҳуҷҷати заминавии фаъолияти давлат оид ба ислоҳоти идораи давлатӣ барои солҳои 2005-2015 буда, дар он ба баланд бардоштани самаранокии идораи давлатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шуд[3].

Боби шашуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳокимияти маҳаллӣ» ном дошта, дар қисми 6, моддаи 78 чунин муқаррар гардидааст: «Мақомот худидоракуни шаҳрак ва деҳот ҷамоат аст, ки тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти онро қонун танзим менамояд» [1].

Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон «Дар бораи мақомот худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз 5 августи соли 2009 вазъи ҳуқуқии ин мақомот, асосҳои иқтисодӣ ва моливии онро муайян намудааст[2].

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ се модели худидораи маҳаллӣ ва мутаносибан ба он се низоми худидораи маҳаллӣ: англосаксонӣ, континенталӣ ва шуроӣ маълум буда, низоми худидораи маҳал дар Тоҷикистон вобаста ба назарияҳои мавҷудаи худидораи маҳаллӣ ва моделҳои гуногун ба таври омехта ташкил шудааст[16, 16; 17, 14; 18, 22; 19, 16-18].

Аз ин нигоҳ, таҳлили ҳамаҷонибаи модели худидораи маҳаллӣ дар Тоҷикистон, вижагиҳои он, масъалаҳои такмили салоҳият ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти он, таҷрибаи амалии низоми худидора, пеш аз ҳама, мушкилоти мавҷуда, ҳам дар сатҳи қонунгузорӣ ва ҳам дар татбиқи амалии қонун ба таҳлилу тадқиқи ҳамаҷониба зарурат дошт, ки омили муҳимми таҳия ва татбиқи лоиҳаи «Худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, амалия ва дурнамои рушд» гардид.

Дар таҳия ва татбиқи марҳилавии лоиҳаи мазкур мутахассисони соҳаҳои гуногун: ҳуқуқшиносон, иқтисодшиносон, таърихшиноносон, филологҳо, мутахасисони соҳаи идораи давлатӣ, сиёсатшиносон ва намояндагони дигар соҳаҳои илм фаъолият доранд, ки ба идораи давлатӣ вобаста мебошанд[4, 198]. Дар назди Академия Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ мавҷуд аст, ки ҳам ба  тадқиқоти фундаменталӣ ва ҳам амалӣ ба мисли таҳияи «Фарҳанги истилоҳоти идораи давлатӣ ва хизмати давлатӣ», энсиклопедияҳо ва дигар лоиҳаҳо машғул аст[5, 96]. Дар баробари ин, иҷрокунандагони лоиҳа ва Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавридҳои зарурӣ аз ҷалби таҳлилгарони самти сиёсатшиносӣ ва мутахассисони варзидаи соҳа аз мақомоту муассисаҳои гуногуни илмии ватанӣ ва хориҷӣ истифода хоҳад бурд. Ҳамзамон, дар раванди татбиқи лоиҳа омӯзишҳои сотсиологӣ ва компютинги иҷтимоӣ тавассути технологияи муосири иттилоотӣ ва компютерӣ гузаронида мешавад, ки натиҷаи онҳо барои таҳқиқот аз манфиат холӣ нест. Аз ин ҷиҳат, лоиҳаи мазкур бо сифати баланд дар ин муассиса таҳия роҳандозӣ гардида истодааст.

Бо мақсади натиҷагириҳои марҳилавӣ ва ба доираи васеи муҳаққиқону хонандагон ва мутахассисони соҳа дастрас намудани иттилоот оид ба татбиқи ҳадафҳои лоиҳа конференсияҳои илмию назарӣ, семинару мизҳои мудаввар пешбинӣ шудаанд, ки натиҷаи ин чорабиниҳо дар шакли маҷмуаҳои илмӣ ва чопи мақолаҳо дар маҷаллаи илмии муассиса ба роҳ монда шуда, конфронси байналмилалии илмию назариявӣ таҳти унвони «Худидоракунии маҳаллӣ: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (11-12 ноябри соли 2022, шаҳри Душанбе) яке аз натоиҷи амалишавии муваффақонаи лоиҳаи номбурда аст.

Лоиҳаи «Худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, амалия ва дурнамои рушд» бо мақсади анҷоми тадқиқоти комплексӣ оид ба масъалаҳои назария, амалия ва дурнамои рушд ва тақвияти самаранокии фаъолияти низоми худидоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистон таҳия шуда, дар доираи амалишавии он бо назардошти анъанаҳои худидоракунии маҳаллии халқи тоҷик, масъалаҳои ташаккул, такмили салоҳияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, фароҳам сохтани асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва роҳу равиши баланд бардоштани самаранокии низоми худидоракунии маҳаллӣ дар

марҳилаи соҳибистиқлоли Тоҷикистон, мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дастовард ва мушкилоти соҳа аз назари илмӣ ва амалӣ тадқиқ шуда истодаанд.

Мусаллам аст, ки халқи тоҷик анаъанаи қадими худидидоракунииии маҳалиро дорост ва дар ҳама давру замон аз ин институтҳои мардумии худидоракунӣ барои пешрафти ҷомеа аз ҷониби мо – тоҷикон, самаранок баҳрабардорӣ гардидааст, ки то имрӯз мубрамияти худро нигоҳ доштаанд[6, 62; 7, 74; 8, 34].

То ба имрӯз роҷеъ ба низоми худидораи маҳаллӣ дар Тоҷикистон масъалаҳои ташаккул, ташкили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, моҳият ва присипҳои фаъолияти мақомоти худидораи махаллӣ як қатор тадқиқоти илмӣ, аз ҷумла рисолаҳои диссертатсионӣ навишта шудаанд.

Аммо новобаста аз мавҷудияти тадқиқоти ҷудогонаи илмӣ, наметавон гуфт, ки мавзуи худидораи маҳаллӣ дар кишвари мо пурра ҳал шудааст. Аз ин ҷо, барои пажӯҳиши комплексии дастаҷамъона ва илман асосёфтаи мукаммал дар ин самт тадқиқоти иловагии илмӣ зарур буд.

Татбиқи лоиҳаи мазкур ба талаботи рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон дар марҳилаи кунунӣ мувофиқат дошта, тадқиқотҳои то ҳол анҷомшуда паҳлуҳои ҷудогонаи ин мавзуи васеъро фарогиранд ва дар як навбат, худидораи маҳаллӣ ва самтҳои такомли он мавзуи бисёр муҳим, бисёрпаҳлу ва бисёрҷанба буда, дар он мушкилоти ҳам ҳуқуқӣ ва ҳам амалӣ мавҷуд аст, ки тадқиқоти комплексиро талаб мекунанд[9, 10; 11, 16; 12, 122].

Нуктаи мавриди таваҷҷуҳи лоиҳа, пеш аз ҳама, дар он зуҳур кардааст, ки дар кишвари мо бори нахуст низоми худидораи маҳаллӣ ба таври комплексӣ дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки пайваста ба омӯзишу тадқиқ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ ва кормандони мақомоти худидоракунии маҳаллӣ машғул аст ва таҷрибаи ғание дар ин замина дорад, дар ҳамкорӣ бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди тадқиқоти илмӣ қарор гирифта истода, то ба имрӯз роҷеъ ба як қатор масоили мубрами худидораи маҳаллӣ мақолоти судманди илмӣ рӯйи кор омаданд.

Лоиҳаи мазкур аз нуктаи назари илмҳои ҳуқуқшиносӣ сотсиология, сиёсатшиносӣ, таърих, иқтисод, идораи давлатӣ, худидораи маҳаллӣ ва ғайра анҷом дода шуда, муҳаққиқони он дар тӯли солҳои зиёд ба амалияи фаъолияти мақомоти худидораи маҳаллӣ ошноии наздик доранд ва аз ин таҷриба истифода карда истодаанд.

Муҳаққиқони лоиҳа аз маводи муҳимме, ки дар натиҷаи сафарҳои гуногуни корӣ ба шаҳру новоҳии кишвар ва тадқиқоти дар курсҳои сайёр ва дар заминаи Академия баргузоршавандаи азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ ҷамъоварӣ шудаанд, самаранок суд ҷуста, дар миёни кормандони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти минтақаҳои гуногуни кишвар назарсанҷӣ, мусоҳиба ва пурсишҳои дигари мавриди назарро анҷом дода истодаанд, ки он дар амалишавии лоиҳа аз аҳамият холӣ нестанд.

Дар мусоҳибаҳо, назарсанҷиҳо, пурсишномаҳои шифоҳию хаттӣ бо кормандони сатҳи гуногуни мақомоти худидораи маҳаллӣ, собиқадорони меҳнат, фаъолони ҷамоатҳо, собиқадорони соҳаи хизмати давлатӣ хислати дугонагии низоми худидораи давлатӣ, ҷанбаҳои давлатӣ ва ҷамъиятии он ба таври муфассал мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд ва дар як радиф, масоили марбути мубрами худидора: таносуби такрори функсияҳо дар мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот ва таъсири он ба самаранокии фаъолияти мақомоти худидора, таассури

мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба худидораи маҳаллӣ, вазъии сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию моливии фаъолияти мақомоти шаҳрак ва деҳот аз нигоҳи қонунгузории ҷорӣ ва дар асоси вазъи воқеии мавҷуда мавриди омӯзиши ҳамаҷонибаи илмӣ қарор ёфтаанд.

То ба имрӯз дар мақомоти худидораи маҳаллӣ Феҳристи иттилоотии мақомоти худидора мавҷуд нест, ки иртиботи мақоми мазкурро бо аҳолӣ ба маротиб коҳиш медиҳад[13, 92; 14, 102; 15, 88-92]. Яке аз аҳдофии асосии лоиҳа таҳияи Феҳристи иттилоотии мазкур аст, ки ин кор, агар амалӣ гардад, бешак, нахустин иқдом дар ин самт хоҳад буд.

Феҳристи иттилоотии мақомоти худидора, ҳамчунин, ҷиҳати истифода бо мақсадҳои илмию тадқиқотӣ, иттилоотию хизматӣ ва анҷоми ислоҳоти маъмурию ҳудудии маҳал ва тақсимоти салоҳиятҳои мақомоти мазкур бисёр муҳим аст.

Ҳамчунин, ҳадафи дигари лоиҳаи мазкур ба таври муфассал мавриди тадқиқ қарор додани ҳамкории мақомоти худидораи маҳаллӣ бо мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва таҷрибаи маҳал буда, дар он кӯшиш шудааст, ки таҷрибаи худидораи маҳаллӣ дар хориҷ ва имконияти истифодаи он дар Тоҷикистон омӯхта шавад ва тавсияҳои илман асоснок барои истифодаи он пешниҳод гардад.

Натиҷагирии асосии лоиҳа дар пешниҳоди тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти худидораи маҳаллӣ ба сифати таъсиррасони қавии раванди демократикунонии ҷомеа, таҳия ва чопи чандин монография ва мақолаҳои илмӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти мақомоти худидораи маҳаллӣ, таҳияи модулҳо ва дастурҳои илмию таълимӣ аст, ки то ба имрӯз аз ҷониби иштирокдорони лоиҳа беш аз 42 мақолоти илмӣ навишта шудааст ва ин амал қадами бузург дар татбиқи ислоҳоти низоми худидораи маҳаллии кишвари мо арзёбӣ хоҳад шуд.

Ҷиҳати татбиқи илмии лоиҳа аз равишҳои маъруфи илмӣ дар илми ҳуқуқ, сиёсатшиносӣ, идораи давлатӣ, худидораи маҳаллӣ ва ғайра ба монанди таҳлил (анализ), таркиб (синтез), таҳлили функсионалӣ, индуксия, дедуксия, системавӣ, назарсанҷиҳои сотсиологӣ ва компютинги иҷтимоӣ тавассути технологияи муосири иттилоотӣ истифода шуда истодаанд.

Ҷиҳати татқиқи нисбатан осонтар аъзои лоиҳа дар соли 2021 ва даҳ моҳи соли 2022 ба се даста: иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ дастабандӣ шуда, фаъолият карда истодаанд.

Дар солҳои 2021-2022 бори аввал аз ҷониби аъзои лоиҳа таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ дар бораи сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти мавҷуда доир ба таърих ва таҳаввули анъанаҳои худидоракунии маҳаллии халқи тоҷик, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва адабиёти зарурӣ ба забонҳои русӣ, англисӣ, форсӣ ва дигар забонҳо доир ба асосҳои ҳуқуқии фаъолият, назария ва амалияи низоми худидоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистон мавриди тадқиқ ва омӯзиш қарор гирифтаанд.

Аз ҷониби аъзои лоиҳа мавод оид ба таҷрибаи ҷаҳонии низоми худидоракунии маҳаллӣ ҷамъоварӣ гардида, маҷмуи адабиёт ва манбаъҳои марбути мавзуъ ба низом даровард шуда, мафҳум ва назарияҳои асосии худидоракунии маҳаллӣ ва масъалаҳои таҳқиқоти минбаъдаи самтҳои мавзуи лоиҳаи мазкур мушаххас гардид.

Ҳамчунин, иттилоъ оид ба худидоракунии маҳаллӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ ва баамалбарории таҷрибаҳои пешрафта дар низоми худидоракунии маҳаллӣ ҷамъоварӣ гардида, омӯхта шуда, барои муқоиса бо низоми муосири идоракунии маҳаллии мо истифода шуда истодаанд.

Дар маҷмуъ, дар 2 сол (2021-2022) дар ҳаҷми 15 ҷузъи чопӣ маҷмуи мақолот ба табъ расид, ки масоили марбути лоиҳаро мавриди баррасӣ қарор дода, дорои аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Имрӯз баъзе аз натиҷаҳои бадастомадаи фаъолияти аъзои лоиҳа дар мақомоти давлатӣ, курсҳои азнавтайёркунӣ, таҷрибаомӯзӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Академия, инчунин, магистратура аз рӯи ихтисоси идоракунии давлатӣ ва мақомоти худидораи маҳаллӣ истифода шуда истодаанд.

Иштироккунандагони лоиҳа то ба имрӯз дар 3 конференсияи ҷумҳуриявии илмию назарӣ ва 1 мизи мудаввар иштирок ва баромад намудаанд. Ҳамчунин, дар доираи лоиҳа корҳои магистрӣ пешбинӣ шуда, магистрантони ихтисоси идораи давлатии Академия ба баъзе масоили марбути мавзуи лоиҳа ҷалб шудаанд.

Дар асоси лоиҳа то имрӯз ба беш аз 200 нафар назарсанҷӣ дар байни хизматчиёни давлатии фаъолияти касбиашон ба худидораи маҳал марбут гузаронида шуда, ин назарсанҷӣ идома дорад. Саволҳои назарсанҷӣ, ки 38-то мебошанд, дар асоси бандҳои лоиҳа (мақсад, вазифа, дурнамо) таҳия шудаанд.

Аз ҷониби аъзои лоиҳа бештар аз 250 номгӯйи адабиёти дахлдор ҷамъоварӣ гардидаанд.

Аъзои лоиҳа роҷеъ ба таҳия ва раванди татбиқи лоиҳаи мазкур дар шабакаҳои телевизионӣ мусоҳиба намуда, дар сайти Академия ва рӯзномаи Академия – “Сарвар ва миллат” мақолоти пурмуҳтаво интишор додаанд.

Хулоса, мақсади лоиҳаи таҳқиқотии мазкур мусоидат намудан дар татбиқи Стратегияи ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва ислоҳоти низоми худидораи маҳаллӣ буда, бо роҳи таҳияи пешниҳодоти аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба амал бароварда шуда истодааст.

Истифодабарандагони натиҷаи лоиҳаи мазкур, қабл аз ҳама, хизматчиёни давлатӣ ва кормандони мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳаққиқон ва мутахассисону омӯзгорони муассисаҳои илмию таълимӣ, марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, донишҷӯёну магистрони соҳаи хизмати давлатӣ ва идораи давлатӣ ва дар умум, тамоми шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Татбиқи мақсади гузошташуда ба самаранокии муайяни молиявию иқтисодӣ низ оварда мерасонад, ки онро дар татбиқи таҷрибаи пешқадами кишварҳои пешрафта ва марказҳои ҳамкору шарик, дар самараноксозии фаъолияти мақомоти худидораи маҳаллӣ бо назардошти истифодаи самараноки захираҳои моддию молиявӣ ва захираҳои инсонии воқеъ дар маҳал, дар тақвияти ҳамкории мақомоти худидораи маҳаллӣ бо мақомоти давлатӣ ва ҷомеа, дар такмили низоми умумии хизмати давлатӣ дар сатҳи маҳал, дар таҳкими низоми идораи давлатӣ ва устуворшавии он ва дар баланд бардоштани самарнокии фаъолияти мақомоти худидораи маҳаллӣ дақиқ дида метавонем. Бар табйини андеша метавон иддао кард, ки ҳини такмили фаъолияти мақомоти худидораи маҳаллӣ танзими муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, аз қабили пардохт ва мусоидат барои пардохти саривақтии андозҳои маҳаллӣ, муназзамшавии татбиқи ваколатҳои мақомоти худидораи маҳаллӣ ва дигар мақомоти давлатӣ ба маротиб густариши ҳасана мегиранд.

**Адабиёт**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 78
2. Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон «Дар бораи мақомот худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз 5 августи соли 2009

3. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 15 марти соли 2006, №1713 Дар бораи «Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

4. Абдулхонов Ф.М. Асосҳои танзими ҳуқуқии худидоракунии маҳаллии мамлакатҳои хориҷ дар замони муосир//Маводи конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, амалия ва дурнамои рушд» (8-9 октябри соли 2021). – Душанбе: АИДНПҶТ, 2021. – 216 с.

5. Ализода Б.П. Ташаккул ва рушди худидоракунии маҳаллӣ: таҷрибаи ҷаҳонӣ ва тоҷикистон//Маводи конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, амалия ва дурнамои рушд» (8-9 октябри соли 2021). – Душанбе: АИДНПҶТ, 2021. – 216 с.

6. Асосҳои ҳуқуқии худидоракунии маҳаллӣ. Маводи таълимӣ барои раисони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (Мураттиб Сайфиддинов А.). -Душанбе, 2008.

7. Идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон: назария, амалия ва инноватсия (Маводҳои конференсияи III Душанбегии байналмилалии илмию амалӣ, 10-12. 11.2011) . Душанбе, 2012.-225с.

8. Каримов К.М. Современная государственная служба Таджикистана: проблемы и тенденции развития. - Душанбе, 2005.- 128с.

9. Каримов К. М., Хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2004.

10. Қатъномаи конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, амалия ва дурнамои рушд» (8-9 октябри соли 2021)

11. Қосимов Г.Ҷ., Нуриддинов Ҳ., Искандаров Қ., Ализода Б.П. Хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: "Офсет" 2012,-168 с.

12. Мухторов К. Т., Абдухалилов Д. Б., Абдусатторзода М. Формирование муниципально-правовой политики в Республике Таджикистан//Маводи конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, амалия ва дурнамои рушд» (8-9 октябри соли 2021). – Душанбе: АИДНПҶТ, 2021. – 216 с.

13. Пирназаров И.А. Становление государственной службы как политико-социального института (на примере Таджикистана) дисс. на соиск. ученой степени канд. политических наук. Душанбе, 2006.-159 с.

14. Саидов Ғ. Асосҳои ҳуқуқӣ-ташкилии фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. ДТИХДҶТ, Хазинаи Ҳаннс Зайдел, 2011-191с. - Душанбе 2011.

15. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ (мураттибон Кенҷаев М.А, Нозимова С.Т.), - Душанбе, ҶДММ «Контраст», 2012, 412 саҳ.

16. Фарҳанги истилоҳоти хизмати давлатӣ. Мураттибон: Искандаров Қ., Ализода Б.П., Нуриддинов Х. ва диг. – Душанбе, 2016. – 257 с.

17. Худидоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистон: назария, амалия ва таҷрибаи ҷаҳонӣ. Маводи конфронси байналмилаии илмию амалӣ, Душанбе, 27-28 феврали соли 2014. -Душанбе, 2014.

18. Шарипов Ш.Р., Шарипов А.Р., Калонова М.Ҷ. Пешвои миллат ва тафаккури миллӣ. – Хуҷанд: Аврангпринт, 2020. – 108 с.

19. Шарипов Ш.Р., Шарипов А.Р., Калонова М.Ҷ., Нодирова М.М. Эмомалӣ Раҳмон ва вежагиҳои рушди низоми идоракунии маҳаллии Тоҷикистон дар шароити муосир//Маводи конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони

«Худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, амалия ва дурнамои рушд» (8-9 октябри соли 2021). – Душанбе: АИДНПҶТ, 2021. – 216 с.

# РАЗВИТИЕ ТЕОРИИ ИНСТИТУТА ПРАВИТЕЛЬСТВА В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ (НА ПРИМЕРЕ ПРОЕКТА «МЕСТНОЕ САМОУПРАВЛЕНИЕ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН: ТЕОРИЯ, ПРАКТИКА И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ» (2021-2025 ГГ.))

**ШАРИПОВ ШАРИФ РАХМОНОВИЧ**,
кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и документоведения Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саид Насира 33.
Тел.: (+992) 927-57-32-28. E-mail: ssssharif@mail.ru
**КАЛОНОВА МАХИНА ДЖУМАБОЕВНА**,
кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка Таджикского государственного медицинского университета имени Абуали ибн Сино.
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, р.Сино, улица Сино 29-31.
Тел.: (+992) 927-28-32-28. E-mail: m.kalonova@mail.ru
**ШАРИПОВ АБДУАХАД РАХМАНОВИЧ**,
кандидат селхозяйственных наук, доцент кафедры биологии МТД “Педагогический колледж Мастчинского района”.
РТ, Мастчинский район, поселок Бустон, улица Исмоили Сомони, 17.
Тел.: (+992) 928-68-39-70. E-mail: sharifzodaabduahad@gmail.com

*В статье авторы попытались описать сущность, цель, задачи и ожидаемые результаты проекта «Местное самоуправление в Республике Таджикистан: теория, практика и перспективы развития».*

*Авторами доказано, что реализация данного проекта, разработанного на основе Стратегии реформирования системы государственного управления Республики Таджикистан, важна для расширения взаимоотношений между местным самоуправлением и населением, система самоуправления.*

*По мнению авторов, на основе реализации данного проекта впервые будет разработан Информационный реестр органов местного самоуправления, что очень важно с точки зрения его использования в научно-исследовательских целях, информации и услуг, завершение местной административно-территориальной реформы и распределение полномочий этой власти.*

*Авторы отмечают, что еще одной целью данного проекта является детальное исследование взаимодействия органов местного самоуправления с органами общественной самодеятельности и местного опыта.*

***Ключевые слова**: самоуправление, община, микрорайон, местный, власть, государство, управление, государственное управление, город и село, власть общественной самодеятельности.*

# DEVELOPMENT OF THE THEORY OF THE INSTITUTE OF GOVERNMENT IN THE YEARS OF INDEPENDENCE (BY THE EXAMPLE OF THE PROJECT "LOCAL SELF-GOVERNMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: THEORY, PRACTICE AND DEVELOPMENT PROSPECTS" (2021-2025)

**SHARIPOV SHARIF RAKHMONOVICH**,
Candidate of philological sciences, associate Professor of the Department of the Tajik Language and Documentation of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nasir Str.
Phone: (+992)-927-57-32-28. E-mail: sssharif@mail.ru

**KALONOVA MAHINA DZHUMABOEVNA,**
Candidate of philological sciences, associate Professor of the
Tajik Language Department of the
Tajik State Medical University named after Abuali ibn Sino.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 29-31, Sino str.
Phone:: (+992)-927-28-32-28. E-mail: m.kalonova@mail.ru
**SHARIPOV ABDUAHAD RAKHMANOVICH,**
Candidate of Agricultural Sciences, Associate Professor of the Department of Biology of the
MTD "Pedagogical College of the Mastchinsky District",.
Republic of Tajikistan, Mastchinsky district, Buston village, 17, Ismoili Somoni str.
Phone: (+992)-928-68-39-70. E-mail: sharifzodaabduahad@gmail.com

*In the article, the authors tried to describe the essence, purpose, objectives and expected results of the project "Local self-government in the Republic of Tajikistan: theory, practice and development prospects".*

*The authors proved that the implementation of this project, developed on the basis of the Strategy for Reforming the Public Administration System of the Republic of Tajikistan, is important for expanding the relationship between local government and the population, the self-government system.*

*According to the authors, based on the implementation of this project, the Information Register of Local Self-Government Bodies will be developed for the first time, which is very important in terms of its use for research purposes, information and services, the completion of local administrative-territorial reform and the distribution of powers of this authority.*

*The authors note that another goal of this project is a detailed study of the interaction of local governments with public initiatives and local experience.*

***Key words**: self-government, community, microdistrict, local, power, state, management, public administration, city and village, power of public initiative.*

УДК: 340.11

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҲУҚУҚ БА МЕҲНАТ ДАР ҚОНУНҲО ВА ДИГАР САНАДҲОИ ЗЕРҚОНУНИИ СОҲАВӢ

**МИРЗОЗОДА ШАҲРИЁР МУНАВАР,**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: (+992) 918-55-37-21. E-mail: shahriyor8787@mail.ru

*Дар мақола муаллиф масъалаи танзими ҳуқуқии ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро дар доираи қонун ва дигар санадҳои зерқонунӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар асоси таҳқиқи худ муаллифон қайд мекунад, ки танзими ҳуқуқии ҳуқуқи меҳнат дар қонун ва дигар санадҳои зерқонунӣ натанҳо тавассути конститутсия балки ба воситаи қонунҳои соҳавӣ ва дигар санадҳои зерқонунӣ, аз қабили қонунҳо, қарорҳои ҳуқумат ва фармонҳои Президент, созишномаву шартномаҳои коллективӣ ва шартномаҳои меҳнатӣ ба танзим даровarда мешаванд. Дар ин баробар лозим ба зикр аст, ки санадҳои зерқонунӣ оид ба меҳнат санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки қонун танзими минбаъдаи муносибатҳои меҳнатиро бевосита ба онҳо ҳавола менамояд, ки ҷиҳати танзими ҳуқуқии ҳуқуқҳои меҳнатӣ дар раванди татбиқ нақши муҳимро иҷро менамоянд.*

***Калидвожаҳо:*** *созишнома, шартномаи коллективӣ, ҳуқуқ ба меҳнат, танзими ҳуқуқӣ, кодекс, шаҳрвандон, қонунгузории миллӣ*

Ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд оид ба меҳнат на танҳо таввасути конститутсия, балки ба воситаи кодексу қонунҳои соҳавӣ ва қарорҳои хукумату дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба меҳнат танзим карда мешавад.

Ба фикри мо, нуқтаи назари пешниҳодшуда дуруст буда, бо он сабаб, ки ҳуқуқ ба меҳнат, чунон ки дар боло қайд кардем, доираи васеи муносибатҳоро дарбар мегирад, танзими онҳо дар доираи маҳдуди санадҳои меъёрии ҳуқуқи имконнопазир аст. Дар баробари ин, ҳангоми таҳлили қонунгузории амалкунандаи меҳнат як хусусияти зеринро қайд кардан лозим аст: меъёрҳо дар шакли қонунҳо (аз ҷумла, кодекси меҳнат), чун қоида, талаботи умумиро барои таъмини ҳуқуқ ба меҳнат мукаррар мекунанд, ки минбаъд дар оинномаҳо ва ё дар санадҳои маҳаллии ташкилотҳо, муассисаҳо ва дигар шахсони ҳуқуқи баён карда мешаванд. Дар асоси ин талабот ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки танзими соҳавии ҳуқуқи меҳнат дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин амалӣ карда мешавад:

- қонунҳо, аз ҷумла қонунҳои кодификатсионидашуда;
- санадҳои зерқонунии зерин, ба мисли фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, низомномаҳо ва дастурҳои вазорату идораҳои гуногун ва амсоли инҳо;
- шартномаҳои меҳнатӣ (созишномаҳои коллективӣ).

Дар ин замина ба ин санадҳои зерини ҳуқуқии ин соҳа ба таври мухтасар назар андозем.

Дар силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба меҳнат мавқеи марказиро Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 23 июли соли 2016 қабул ва аз 30 июли соли 2016 мавриди амал қарор дода шудааст, ишғол менамояд.

Дар бораи аҳамияти кодекси меҳнат дар танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат сухан ронда, Г.Бобокалонов ва Н. Шонасридинов қайд мекунанд, ки «Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаи кодификатсияшудаи ҳуқуқи меҳнат маҳсуб шуда, мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳои сиёсати давлатиро дар бахши меҳнат муайян менамояд. Он кафолатҳои давлатии ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандонро

муқаррар менамояд ва бахри таъмини риояи манфиатҳои қонунии кормандон, корфармоён ва давлат нигаронида шудааст» [1, с.18-25] . Дар кодекси мазкур ба таври мушаххас масоили танзими меҳнати гурӯҳи алоҳидаи кормандон, шарикии иҷтимоӣ ва муносибатҳои коллективӣ дар соҳаи меҳнат, бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат танзим шудааст.

Дар баробари ин, чунончи таҳлили меъёрҳои Кодекси меҳнат нишон медиҳад, дар он на ҳама унсурҳое, ки мазмуни ҳуқуқи меҳнатро ташкил медиҳанд, инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, масъалаҳои таъмини шуғли аҳолӣ аз доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ берун кашида шудаанд. Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз санадҳои асосии ҳуқуқии танзимкунандаи ҳуқуқи меҳнат буда, як қатор унсурҳои таркибии ин низоми ҳуқуқро ошкор намуда, барои танзими дигар унсурҳои ба мазмуни меҳнат дохилшуда асос мегузорад.

Дар баробари кодекси меҳнат дар танзими ҳуқуқи меҳнат қонунҳои махсусгардонидашуда, ки унсурҳои ин ҳуқуқро танзим мекунанд, вале дар он инъикос наёфтаанд, нақши муҳим доранд. Чунончи, К.Л. Томашевский қайд мекунад, «қонунҳо барои пурра ва мушаххас кардани меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат, ки дар Конститутсия ва Кодекси меҳнат пешбинӣ шудаанд, хизмат мекунанд» [2, с.167] . Баъдан ӯ илова мекунад, ки ду намуди қонунҳоро ҷудо кардан мумкин аст, ки ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ нигаронида шудаанд:

1. Қонунҳои мураккаб;
2. Қонунҳои маъмулӣ.

Гурӯҳи якуми қонунҳо ба ғайр аз муносибатҳои меҳнатӣ дигар муносибатҳои ҷамъиятии ба ҳам алоқамандро (масалан, дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ) танзим мекунанд. Гуруҳи дуюми қонунҳо қонунҳое мебошанд, ки муносибатҳои меҳнатиро танзим мекунанд, вале ба кодекси мехнат дохил карда нашудаанд [3, с.167].

Таснифи пешниҳоднамудаи муаллифи мазкур барои танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мувофиқ аст. Ҳамин тавр, мо метавонем ба сифати қонунҳои мураккаб қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007 «Дар бораи хизмати давлатӣ», қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010 «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014 «Дар бораи хизмати дипломатӣ», қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2015 «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ва амсоли инҳоро интихоб намоем.

Ин қонунҳо хусусиятҳои фаъолияти меҳнатии категорияҳои махсуси шаҳрвандон ё ҷиҳатҳои иҷтимоиеро, ки аз муносибатҳои меҳнатӣ бармеоянд, танзим мекунанд.

Ба гуруҳи қонунҳои оддӣ, мо метавонем, қонунҳои зеринро ворид кунем: қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2003 «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011 «Дар бораи иттифоқҳои касаба». Ин қонунҳо муносибатҳои вобаста ба фаъолияти меҳнатӣ, хусусан фаъолияти иттифоқҳои касаба ва масъалаҳои ташкили раванди таъмини шуғли аҳолиро танзим мекунанд.

Дигар санадҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ барои амалӣ гардондани ҳуқуқи меҳнат аҳамияти кам надоранд. Ба ин гурӯҳи қонунҳо мутобиқи Конститутсия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дохил мешаванд.

Дар байни санадҳои зерқонунӣ фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми махсусро ишғол менамояд. Бо ин вуҷуд олимони ватанӣ ба як хусусияти хоси санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуда, таъкид менамоянд, ки дар

танзими муносибатҳои меҳнатӣ, на ҳама фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти меъёриро доро буда, ҳамчун манбаи танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо вобаста баромад менамоянд (масалан, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод намудан, додани рутба, мукофотонидан ва ғайра).

Дар баробари чунин фармонҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фармонҳое низ содир менамояд, ки хусусияти меъёрӣ дошта, сарчашма (манба)-и ҳуқуқ, аз ҷумла, ҳуқуқи меҳнат маҳсуб меёбанд (масалан, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2016, № 697 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони муассисаю ташкилотҳои соҳаҳои иҷтимоӣ, андозаи нафақа ва стипендия»).

Аз таҳлили фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар онҳо одатан механизм ва ё кафолатҳо муқаррар карда мешаванд, ки ба ҳифз ва таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кормандон, аз ҷумла, муқаррар намудани имтиёзҳо барои категорияҳои алоҳидаи кормандон, таъмини ҳимояи иҷтимоии онҳо нигаронида шудаанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули чунин фармонҳо вазифаи конститутсионии худро ҳамчун кафили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд амалӣ менамояд.

Инчунин, дар байни санадҳои зерқонунӣ қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон дар мақоми махсус қарор дод. Чуноне ки Г.М. Бобокалонов ва Н. Шонасриддинов қайд менамоянд,м «тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳлуҳои гуногуни ҳуқуқу вазифаҳои меҳнатии кормандон ҳаллу фасл мешаванд, чунончи тартиби пешбурди дафтарчаи меҳнатии кормандон; муқаррар намудани шарту шароити дар ду (якчанд) ҷой кор кардан; муайян намудани номгӯйи кормандони рӯзи кориашон ба меъёр гирифтанашуда; муайян намудани шароити пешниҳод ва давомнокии рухсатиҳо барои собиқаи кори тулонӣ; тарификунонии кор аз руи маълумотномаи ягонаи тарифию тахассусии кору касби кормандон ва маълумотномаи тахассусии мансабҳои роҳбарон, мутахассисону хизматчиён ва ғайра» [4, с.18-25].

Дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо вобаста нақши муайянро санадҳои меъёрии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ низ мебозанд, ки одатан ба намудҳои гуногуни иловапулиҳои шаҳрвандони минтақаҳои дахлдор, вақти оғоз ва анҷоми кори ташкилот ва муассисаҳои соҳаи савдо, нақлиёт, хизматрасонӣ дахл доранд.

Категорияи сеюми санадҳое, ки мо нишон додем, санадҳои меъёрии маҳаллӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи қонунгузорӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии маҳаллиро ҳамчун шакли ҳуқуқи меҳнат эътироф кардааст. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии маҳаллӣ натиҷаи меъёрҳои маҳаллӣ дар ташкилот мебошанд, ё ба ибораи дигар, чунин санадҳои меъёрие мебошанд, ки меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатро дар бар мегиранд, ки корфармо дар доираи салоҳияти худ қабул кардааст. Намунаҳои маъмулии қоидаҳои маҳаллӣ- қоидаҳо ва дастурҳо мебошанд. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии маҳаллӣ ҳатто ҷадвали басти вазифаҳо ва ҷадвали рухсатиҳои меҳнатӣ дохил карда шудаанд.

Чуноне ки М.В. Лебедев зикр намудааст, «сарчашмаи қонунгузории маҳаллӣ нафақат ва ҳатто на чандон иҷозати давлативу маҳдудсозии он, балки сохти ташкилот ҳамчун сохтори ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ, ҳамчун воҳиди иҷтимоию иқтисоди дорои мухторият чун унсури зарурии ташкилот, ки хоҷагии давлатӣ унвон дорад» [5, с.150] .

Дар навбати худ, А.Л. Шведов қайд мекунад, ки «ҳуҷҷатҳои маҳаллии корфармо бояд аз ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва дохилии шахси ҳуқуқӣ (категорияҳои ҳуқуқи гражданӣ) фарқ кунанд ва онҳо метавонанд меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатро нисбат ба категорияҳои муайяни коргарон низ дар бар гирифта, сарчашмаҳои соҳа бошанд, дар ҳоле ки меъёри делимитатсия субъектҳо ва тартиби қабули онҳо мебошанд" [6, с.93]

Давлат корфарморо воқеан ҳамчун омили қоидасозӣ, субъекти муқаррар намудани меъёрҳои рафтори меҳнатӣ, ки барои фаъолияти самараноки ташкилоти ӯ заруранд, эътироф мекунад, агар аввалан, онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории меҳнат қабул шуда бошанд, дуюм вазъи ҳуқуқии кормандони ташкилотро бад нанамуда, кафолатҳоеро, ки дар доираи қонунгузории ҷорӣ дар бораи меҳнат пешбинӣ шудаанд, кам накунанд.

**Адабиёт**


1. Шонасридинов Н. Бобокалонов Ғ.М. Тафсири кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикситон.–Душанбе 2017.– С. 18-25.
2.Томашевский К.Л. Сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнати давлатҳои аъзои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (Проблемаҳои назария ва амалия). - М. 2017. - С. 167.
3·Томашевский К.Л. Сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнати давлатҳои аъзои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (Проблемаҳои назария ва амалия). - М. 2017. - С. 167.
4. Шонасридинов Н. Бобокалонов Ғ.М. Тафсири кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикситон.–Душанбе 2017.– С. 18-25.
5· Нигаред: Қонуни меҳнати муосир (таҷрибаи муқоисавии ҳуқуқи меҳнат) / Ад. В.М. Лебедев. – М., 2007, с. 150.
6. Нигаред: Шведов А.Л. Системаи сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат дар Русия: мушкилоти асосии фаъолият ва тамоюлҳои рушд // Солномаи қонуни меҳнати Русия, 2008, № 4, саҳ. 93.


## ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ПРАВА НА ТРУД В ЗАКОНАХ И ИНЫХ ПОДПРАВОВЫХ АКТАХ


**МИРЗОЗОДА ШАХРИЁР МУНАВАР,**
старший преподаватель кафедры права
Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе проспект Рудаки 121.
Тел.: (+992) 918-55-37-21. E-mail: shahriyor8787@mail.ru



*В статье авторы рассмотрели вопрос правового регулирования конституционных прав человека и гражданина в законе и иных подзаконных актах. На основании своего исследования авторы отмечают, что правовое регулирование трудовых прав в законе и иных подзаконных актах регулируется не только конституцией, но и отраслевыми законами и иными подзаконными актами, такими как законы, постановления правительства и президентские декреты, коллективные договоры и трудовые договоры. При этом следует отметить, что подзаконные акты о труде являются нормативными правовыми документами, на которые закон направляет дальнейшее регулирование трудовых отношений, и они играют важную роль в правовом регулировании трудовых прав в процессе реализации.*



***Ключевые слова:*** *договор, коллективный договор, право на труд, правовое регулирование, кодекс, граждане, национальное законодательство.*

# LEGAL REGULATION OF THE RIGHT TO LABOR IN LAWS AND OTHER SUB-LEGAL ACTS

**MIRZOZODA SHAHRIYOR MUNAVAR,**
Senior Lecturer teacher Department of Law of the
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini.
7340030, Dushanbe city, 121, Rudaki ave.
Phone: (+992) 918-55-37-21. E-mail: shahriyor8787@mail.ru.

*In the article, the authors considered the issue of legal regulation of the constitutional rights of man and citizen in the law and other by-laws. Based on their research, the authors note that the legal regulation of labor rights in the law and other by-laws is regulated not only by the constitution, but also by sectoral laws and other by-laws, such as laws, government decrees and presidential decrees, collective agreements and labor contracts. At the same time, it should be noted that by-laws on labor are normative legal documents to which the law directs further regulation of labor relations, and they play an important role in the legal regulation of labor rights in the process of implementation.*

***Key words:*** *contract, collective agreement, right to work, legal regulation, code, citizens, national legislation.*

УДК: 340

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ПАДИДАИ ХУСУСИГАРДОНИИ МОЛИКИЯТИ КОММУНАЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**РАҲМОНЗОДА АБДУЛЛО ҚУРБОНАЛӢ,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати
Донишгоҳи миллии Тоыикистон.
734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17.
E-mail: abdullo.nur@mail.ru

*Хусусигардонии моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1991 огозёфта, давра ба давра амалӣ шуда истодааст. Хусусигардонии молу мулки коммуналӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ" ва санадҳои муайяни зерқонунӣ сурат мегирад. Дар мақолаи мазкур вобаста ба масъалаи ташаккул ва рушди падидаи хусусигардонии моликияти коммуналӣ дар Тоҷикистон таҳқиқоти илмӣ анҷом дода, он давра ба давра шарҳ дода шудааст.*

*Ба андешаи мо хусусигардонӣ усули афзун намудани самараи иқтисодист. Мақсади раванди мазкур ба вуҷуд овардани гуногуншаклии моликият, гузариш аз иқтисоди номукаммал ба муносибатҳои пешрафтаи бозаргонӣ, ҷалби инноватсия барои боз ҳам пурсамар идора кардани объекте, ки хусусӣ гардонда мешавад, афзун намудани рақобатпазирии он мебошад.*

*Ҳамчунин дар мақолаи мазкур вобаста ба шаклҳои хусусигардонӣ ва дигар паҳлуҳои раванди мазкур маълумоти илмӣ оварда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *хусусигардонӣ, моликияти давлатӣ, шаклҳои хусусигардонӣ, молу мулк, иқтисодиёт.*

Хусусигардонӣ усули афзун намудани самараи иқтисодист. Раванди аз фонди ҷумҳуриявӣ ё коммуналӣ ба ихтиёри шахсони хусусӣ гузаштани молу мулк (иншоотҳо, корхонаҳо, фонди манзил)-ро хусусигардонӣ меноманд. Мақсади раванди мазкур ба вуҷуд овардани гуногуншаклии моликият, гузариш аз иқтисоди номукаммал ба муносибатҳои пешрафтаи бозаргонӣ, ҷалби инноватсия барои боз ҳам пурсамар идора кардани объекте, ки хусусӣ гардонда мешавад, афзун намудани рақобатпазирии он мебошад.

Хотиррасон бояд кард, ки дар низоми ислоҳоти бозори солҳои 90-ум гузарондашуда дар кишварҳои пасошӯравӣ хусусигардонӣ мақоми марказиро ишғол менамуд ва имрӯз тағйироти дар сохтор ва шаклҳои моликият ба вуҷудомада, ки дар баробари ин раванд пайдо шудаанд, ба манфиати ҳама кишварҳо дахл карданд. [1]

Вобаста ба он ки маҳз кадом моликияти коммуналӣ ба моликияти хусусӣ дода мешавад, шаклҳои зерини хусусигардонӣ мавҷуданд: хусусигардонии фонди давлатии манзил, хусусигардонии иншоотҳои дигар, хусусигардонии корхонаҳои саноатӣ. Хусусигардонии объектҳои охирин номбаршуда бо роҳи саҳомикунонӣ, бевоситаба молики нав ё ба воситаи музояда, тендер ё расмиёти дигари озмунӣ фурӯхтани корхона сурат мегирад. Боз як шакли дигар - ба иҷораи дарозмуддат додани корхона бо харидории минбаъдаи он мебошад. Пешакӣ қайду шарт кардан лозим аст, ки на ҳамаи объектҳои фаъолияти саноатӣ таҳти хусусигардонӣ қарор гирифта метавонанд, баъзе корхонаҳо таҳти ҳимояи қонун қарор гирифтаанд.

Дар кишварҳои собиқ ИҶШС мафҳуми хусусигардониро дар даҳсолаҳои охир тез-тез дучор омадан мумкин буд, ки ин ҳайратовар нест. Пас аз андак вақт гузаштан ҳама объектҳои бахши истеҳсолӣ (фабрикаву заводҳо), объектҳои таъиноти иҷтимоӣ (мактаб, беморхонаву боғчаҳои кӯдакон), тамоми фонди манзил ва фонди ғайриистиқоматӣ ба як соҳиб таалluқ доштанд. Дар эъломияҳо қайд мегардид, ки молики онҳо халқ аст ва одамоне, ки мансабҳои роҳбарикунандаро ишғол мекарданд, ба халқ хизмат мекунанд.

Дар асл бошад, вазъ дигар буд, мутаассифона, ба аксарияти корхонаҳо одамоне роҳбарӣ мекарданд, ки мансаби худро сирф ба манфиати шахсӣ истифода мебурданду объектҳои ба онҳо боваркардашуда тадриҷан хароб мегардиданд.

Баъд аз пошхӯрдани Иттифоқи Шӯравӣ бисёр чиз тағйир ёфт, лекин баъзе чизҳо мисли пештара боқӣ монданд: хусусигардонӣ қонунан (де-юре) бояд барои молу мулки давлатӣ соҳиби нав меёфт, ки рақобатпазирӣ ва самараи иқтисодии онҳоро афзун менамуд. Дар амал (де-факто) моликони нав фаъолияти худро танҳо бо фурӯхтани саҳмияҳо ва азхудкунии маблағ маҳдуд месохтанд. Дар бораи ҳеҷ гуна самараи иқтисодӣ ҳатто сухан намерафт, корхонаҳо бошанд, дар мавридҳои истисноӣ моликони кордону масъулиятшинос пайдо мекарданд, он ҳам бошад, танҳо дар корхонаҳои саноатии сердаромад.

Санади қонунгузории аввалин, ки нисбат ба хусусигардонӣ муносибати муқаррарӣ дошт, Қонуни ҶТ «Дар бораи моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5-уми декабри соли 1990 ҳисобида мешавад. Дар қонуни мазкур чунин қайд шуда буд, ки гузариши иқтисодиёти Тоҷикистон ба принсипҳои муносибати бозаргонӣ танзими ҳуқуқии муносибатҳои навтарини иҷтимоӣ, аз ҷумла муносибатҳои мутақобилаи молумулкиро дар назар дорад. Мавҷудияти шаклҳои гуногуни моликият имконпазир аст. Дар қ. 5 м. 7 ҳамин қонун чунин зикр гардида буд, ки ҶТ барои ташаккулёбии шаклҳои гуногуни моликият шароит фароҳам меорад ва ҳифзи онҳоро таъмин мекунад. Дар баробари ин, чунин шаклҳои моликият муқаррар карда шудаанд:

- моликияти давлатӣ;
- моликияти шаҳрвандони ҶТ;
- моликияти коллективӣ. [2]

Амалисозии ислоҳоти иқтисодӣ пас аз қабул гардидани Фармони Президенти ҶТ аз 3 декабри соли 1994 «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷаи суръатбахшӣ ба ислоҳоти иқтисодӣ ва гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ» фаъол гардид [3], ки тибқи он вазорату идораҳо ва муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ якҷоя Барномаи ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 1995-2000 таҳия намуданд ва он 2 ноябри соли 1995 дар иҷлосияи Маҷлиси Олии ҶТ тасдиқ карда шуд.

Вазифаҳои асосии Барномаи мазкур таҳияи заминаи ҳуқуқии иқтисоди бозаргонӣ, таҳияи сиёсати шахсии буҷетию андозӣ ва пулию қарзӣ, идомаи чараёни хусусигардонии моликияти давлатӣ, таъмини табодулоти сохтории иқтисодиёт ва ҳифзи иҷтмоии аҳолӣ мебошад [4]. Дар адабиёти соҳаи ҳуқуқшиносӣ таснифоти гуногуни хусусигардонӣ оварда шудааст. Ба фикри аксарияти олимон ва иқтисодшиносон ақидаи Н.М. Коршунов нисбатан мувофиқ мебошад, ки он ду намуди хусусигардонӣ ва дар доираи ҳар кадоми онҳо якчанд тарҳро пешниҳод менамояд.

Намуди якуми хусусигардониро ӯ ҳамчун азнавсозии сохтории муносибатҳои молумулкӣ дар доираи тартиби мавҷудаи иҷтимоиву иқтисодӣ маънидод менамояд:«дар доираи фазои мавҷудаи бозории ракобатпазир дар сурати мавчуд будани (мавқеи хукмфармо доштани) бахши хусусӣ ва пешрафти рӯзафзуни таҳаввулотии иқтисодиёт» [5].

Ҳамин тариқ, дар ҳақиқати ҳол мафҳуми хусусигардонӣ оҳанги манфӣ пайдо кард, гарчанде дар амал он ҳамчун тарзи афзун намудани самараи иҷтимоиву иқтисодии объекти хусусигардонӣ эътироф мешавад. Маънои дигари хусусигардонӣ азнавташкилёбии моликият мебошад, ки чараёни гузариши (пурра ё қисман) моликияти давлатӣ (коммуналӣ)-ро ба ихтиёри шахсони хусусӣ дар бар мегирад. Дар чараёни хусусигардонӣ камаш ду тараф иштирок менамоянд, ки ҳатман яке аз он тарафҳо ташкилот аст, ҳатто дар шахси давлат ҳам.

Хусусигардонӣ натиҷаи (ё яке аз намудҳои) муборизаи рақобатпазири тарзи бозоргонии хоҷагидорӣ мебошад, барои бахши хусусии хоҷагидорӣ давлат «рақиби намиранда» ҳисоб меёбад.

Аз рӯйи ақидаи олими тоҷик Р. Маҳкамов мафҳуми «хусусигардонӣ» дар кишвари мо ба наздикӣ пайдо шудааст (аввали солҳои 80) ва маънои маҳдуди он табдилёбии шакли ҷамъиятии моликият ба шакли моликияти хусусӣ, корхонаи алоҳидаро ба корхонаи хусусӣ мебошад. Лекин рушди ҷараёни мазкур боиси пойдо шудани ақидаҳои нав оид ба эҳтиёҷоти рушди ҷамъиятӣ ва ба тарзи нав фаҳмидани мақоми ҳукумат дар қонеъсозии онҳо ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, мазмуни мафҳуми хусусигардонӣ хеле васеъ гардид, ки онро ҳамчун амалигардонии чорабиниҳои гуногуни маҳдудсозии миқёси фаъолияти давлат ё таҳким бахшидан ба амалиёти бахши хусусӣ дар ихтиёрдории фондҳо ва фаъолияти соҳибкорӣ маънидод кардан мумкин аст» [6].

Ҳуҷҷати асосие, ки хусусигардонӣ ба он асос меёбад, Конститутсияи Тоҷикистон аст, дар м. 12-и он чунин зикр карда шудааст: «Асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад» [7]. Бар замми ин, тавре қайд кардем, м. 32 – Қонуни асосӣ ҳуқуқи ҳар шахсро ба моликият ва ба мерос гирифтан муқаррар кардааст, инчунин дар моддаи номбаршуда чунин зикр гардидааст, ки ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Оғози хусусигардонӣ ба пайдошавии як қатор санадҳои меъёрии танзимкунандаи ҷараёни мазкур алоқаманд аст.

Муқаррароти Конститутсияи ҶТ дар хусуси баробарҳуқуқии ҳама шаклҳои моликият чунин маъно дорад, ки моликияти хусусӣ бо моликияти давлатӣ дар як сатҳ қарор дорад, бинобар ин, моликияти давлатӣ нисбат ба моликияти хусусӣ мавқеи ҳукмфармо надорад ва баръакс.

Хусусигардонии моликияти давлатӣ дар ҶТ соли 1991 оғозёфта, давра ба давра амалӣ шуда истодааст.

Давраи аввали хусусигардонӣ аз соли 1993 то 2003 амалӣ гардонда шуд. Тибқи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи ҶТ он вақт наздики 430 корхонаи калон ва миёна ва тахминан 10 ҳазор объектҳои хурд хусусӣ гардонда шуданд. Маблағи умумии аз хусусигардонӣ ба дастовардашуда 26 млн. сомонӣ (тахминан 8 млн. доллар)-ро ташкил дод. Барои муқоиса, қарзи берунаи Тоҷикистон он давра наздики 1 млрд. долларро ташкил медод.

Фармони Президенти ҶТ аз 29 – уми декабри соли 1996, таҳти № 631 «Дар бораи чораҳои суръатбахшӣ ба хусусигардонии моликияти давлатӣ», [8] Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи чораҳои ташкилии суръатбахшӣ ба хусусигардонии моликияти давлатӣ» ва «Барномаи хусусигардонии босуръати моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуданд. Моҳи майи соли 1997 Қонуни ҶТ «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» қабул карда шуд ва тибқи он вазифа гузошта шуд, ки консепсия ва барномаи амалисозии хусусигардонӣ дар ҷумҳурӣ таҳия карда шавад. Лекин дар амал мақомоти дар ҷумҳурӣ барои амалисозии хусусигардонӣ ваколатдоршуда ба ҳалли мушкилоти амалӣ ва нисбатан ночиз диққати бештар дода, масъалаи муҳим – стратегияи хусусигардонӣ дар ҷумҳуриро аз мадди назар дур монданд.

Мутаассифона қисми зиёди корхонаҳое, ки дар ин давра бар ивази маблағи ночиз харида шуданд, пас аз чанде барҳам дода шуданд, чунки маблағи аз фурӯхтани дастгоҳҳо, захираи ашёи хом ва худи бино ба дастомада аз хароҷоти барои хусусигардонии он сарфшуда чандин карат зиёд буд.

Дар муддати кӯтоҳ заминаи қонунгузорӣ, инфрасохтори ташкилӣ ба вуҷуд оварда шуд, ҳама воситаҳои хусусигардонӣ дар амал санҷида шуданд, азнавташкилкунии корхонаҳои саноатӣ, кишоварзӣ, сохтмон, нақлиёт ва соҳаҳои дигари иқтисодиёт оғоз гардид.

Соли 1996 Ҳукумати ҶТ Барномаи якуми ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ ва коммуналиро қабул намуд, ки тибқи он 5 фоизи буҷети кишвар ба амалисозии барномаҳои давлатии хусусигардонӣ ва ғайридавлатикунӣ, таъсисдиҳӣ ва рушди сохторҳои бозорӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна равона гардида буд.

Мақсади барнома, пеш аз ҳама хусусигардонии фондҳои асосии ҷумҳуриро дар бар мегирифт, ки моликияти давлат мебошанд. Вазифаҳои асосии он - хусусигардонии қисми молу мулки давлатӣ дар асоси усулҳои рақобатпазир; ғайриинҳисорикунии қисмии истеҳсолот; ҷалби фаъолонаи аҳолӣ ба ҷараёни фурӯши молу мулки давлатӣ; таъмини самти иҷтимоӣ доштани хусусигардонӣ бо роҳи пешниҳод намудани имтиёзҳо ба коллективҳои меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқукҳои кормандони корхонаҳо мебошад.

Давраи дуюми хусусигардонӣ (солҳои 2003–2007) бо дигаргуншавӣ ба самти мукаммалгардонии заминаи меъёрии методологӣ ва ҳуқуқӣ, пайдошавӣ ва такмили ташкилотҳои биржавӣ ва бонкӣ, шабакаи молистеҳсолкунандаи бозорӣ шуҳрат ёфт. Мақсади асосӣ ба ташаккулёбии бахши хусусии пурқувват, тавсеа бахшидан ба иштироки табақаҳои аҳолӣ дар раванди хусусигардонӣ ба воситаи ҷорӣ кардани барномаи нави хусусигардонии оммавӣ, мусоидат намудан барои барқарор гардидани корхонаҳои зараровар ва хусусигардонии молу мулки давлатӣ равона карда шуда буд.

Соли 2005 дар Тоҷикистон 670 корхона хусусӣ гардонда шуд, ки аз он 521 –то корхонаи миёна ва 149 –то корхонаи миёна ва калон мебошад.

Умуман, дар ҷумҳурӣ дар ин давра аз 9 ҳазору 271 объект, ки бояд солҳои 2003–2007 хусусӣ гардонда мешуд, 8 ҳазору 707 объект хусусӣ гардонда шуд, аз онҳо 7 ҳазору 869 объекти хурд ва 838 миёна ва калон. Соли 2005 маблағи аз хусусигардонии объектҳо ба дастомада ва маблағи 965 воситаи асосӣ ва нақлиёт 43 млн. 503 сомониро ташкил намуд, ки аз он 6 млн. 698 ҳазор сомонӣ – аз фурӯши моликияти коммуналӣ ба даст омадааст. Аз фурӯши саҳмияҳои давлатии ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ба ҳисоби кумита 27 млн.505 ҳазор 453 сомонӣ ва 283 ҳазор саҳмияҳо ворид шуд. [9]

Давраи сеюми хусусигардонӣ соли 2008 оғоз шуд. Вазифаи асосии хусусигардонӣ дар давраи мазкур назар ба давраҳои пештара ғайридавлатикунии бахшҳои калони монополизатсияшуда ва сохторбандишудаи иқтисодиёт бо истифодаи накшаҳои фардии хусуси-гардонӣ, инчунин азнавташкилкунии объектҳои соҳаи ғайриистеҳсолӣ мебошад.

Мутобиқи маълумоти Агентии иттилоотии «REGNUM» аз оғози раванди хусусигардонӣ, яъне аз соли 1991 то 1 апрели соли 2010 дар ҶТ 11230 объекти моликияти давлатӣ хусусӣ гардонда шуд. Аз ин шумораи объектҳо 9910 корхонаи хурд ва 1320 корхонаи миёнаву калон мебошанд.

Барои таъмини вазифаҳои барномавӣ корҳои зиёде анҷом дода шуданд. Корхонаҳои қисман хусусигарондашуда, ки ҳиссаи бештари давлатиро нигоҳ дошта тавонистанд, ба саҳмиябандии минбаъдаомода карда шуданд. Барои корхонаҳои нисбатан ояндадор фаъолона сармояи хориҷӣ ва дохилӣҷалб карда мешуданд. Дар музоядаҳо фурӯши бастаи дахлдори саҳмияи корхонаҳо, маҷмааҳои молумулкии корхонаҳои хусусигардондашуда, ки дар ноҳияҳои дурдаст ҷойгир шудаанд, инчунин корхонаҳое, ки дар музоядаҳо бо сабаби ҷолибияти кам доштанашон ба фурӯш нарафтаанд, ба роҳ монда шуд.

Дар натиҷаи дигаргун шудани муносибатҳои молумулкӣ сатҳи корхонаҳои хусусигардондашуда аз аввали раванди хусусигардонӣ то айни ҳол аз рӯйи маълумоти

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ 4579 объектро ташкил дод.

Аз рӯйи ақидаи А. Д. Радигин «Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ раванди хусусигардонӣ аз якчанд намуди амалиёт иборат аст, ки онро «реструктуризатсия» меноманд: ҳуқуқӣ (тиҷоратикунӣ, кооперат-сиякунӣ), молиявӣ (қарз), амалиётӣ (идоракунӣ) ва воқеӣ (сармоя ба иқтидори истеҳсолӣ), инчунин демонополизатсия…» [10].

Оид ба мафҳуми дуюми хусусигардонӣ – «муназзам» ақидаҳо хеле бисёранд. Ин ба амалисозии иқтисодии муносибатҳои ҳуқуқии расмии молумулкии байни субъектон алоқаманд аст, ки дар натиҷаи амали «техникии» хусусигардонӣ ба миён меоянд.

Пас аз ба даст овардани истиқлолият аз ҷониби ҷумҳуриҳои собиқи ИҶШС ба ташаккулёбии моликияти коммуналӣ раванди хусусигардонӣ таъсири ҷиддӣ расонид ва дар натиҷаи он мақомоти худидоракунии маҳаллӣ аз ин раванд барканор карда шуда, дар он нақши муҳим надоштанд [11].

Таҷрибаи аввалини хусусигардонӣ дар Тоҷикистон нишон дод, ки бегонакунии моликияти коммуналӣ номуташаккилона, ғайримақсаднок ва якбора амалӣ карда шуд. Мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ҳоло молик нашуда, бо фармони «боло» бояд бегонакунии ин моликиятро анҷом медоданд. Мутаассифона, хусусигардонӣ замоне амалӣ мегардид, ки арзиши воқеии объектҳои бегонашавандаро муқаррар намудан имконнопазир буд ва ин барбоддиҳии маҳзи моликият ба шумор мерафт ва маблағи дар натиҷаи хусусигардонии моликияти коммуналӣ ба дастомада на танҳо барои сармоягузории дарозмуддат, балки барои ҳалли мушкилоти таъхирнопазири мавҷудаи иҷтимоӣ кофӣ набуд. Ҳамин тариқ, аксарияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ҳам аз моликият маҳрум шуданду ҳам аз захираҳои пулӣ [12].

Дар рафти хусусигардонии моликияти коммуналӣ мушкилоти вобаста ба қонунгузорӣ низ пайдо мешаванд ва ба ақидаи мутахассисон хусусигардонии объектҳои хурд ба ҷараёни пайдошавӣ, аз ҷумла корхонаҳои коммуналӣ таъсири манфӣ расонд. Бо сабаби он ки аксарияти объектҳои моликияти коммуналӣ ба гурӯҳи таснифоти «А» дохил мешаванд, яъне объектҳои хурди хусусигардонӣ мебошанд, имконияти ба таври назаррас коҳиш додани хароҷоти буҷет барои идора ва дастгирӣ кардани корхонаҳои хоҷагии маҳаллӣ, ки фоидаи ночиз ба даст меоранд ё умуман зарароваранд ва махсусан он корхонаҳое, ки хоси моликияти коммуналӣ нестанд. Таъмини зиёдшавии даромади буҷети маҳаллӣ, афзун намудани самараи кори объектҳое, ки хусусӣ гардонда мешаванд, пайдо гардид. Лекин таҳлили раванди хусусигардонӣ баръакси ҳолро нишон медиҳад.

Мақсади асосии хусусигардонии объектҳои мазкур – рушди моликияти хусусӣ дар кишвар ва дар шароити гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ беҳтар намудани имкониятҳои рушди моликияти хусусӣ, таъсис додани ҷойҳои нави корӣ ба ҳисоб меравад. Хусусигардонӣ дар доираи барномаҳои ислоҳоти иқтисодӣ амалӣ хоҳад шуд.

Вобаста ба мақсаду вазифаҳои гузошташуда раванди хусусигардонӣ дар ҶТ ба ду марҳала ҷудо карда шудааст. Агар дар марҳалаи якум диққати асосӣ ба хусусигардонии корхонаҳои хурд – корхонаҳои соҳаи савдо, хӯроки умум, хизматрасонии маишӣ ва нақлиёт равона гардида бошад, ҳоло яке аз вазифаҳои асосии хусусигардонӣ – таъмини бисёршаклии моликият ва таҷдиди корхонаҳои миёна ва калони соҳаи саноат, нақлиёт, алоқа ва сохтмон мебошад.

Дар соҳаҳои мазкур яке аз намудҳои хусусигардонӣ дар навбати аввал табдилдиҳии корхонаҳои давлатӣ ба ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва минбаъд фурӯхтани саҳмияҳои онҳо дар музояда ва озмунҳо мебошад.

Тибқи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ аз оғози соли 1991 то соли 2015 дар Тоҷикистон 11 ҳазору 410 объекти хурд ва 1 ҳазору 367 корхонаҳои миёна ва калон хусусӣ гардонда шуданд.

Ҳангоми хусусигардонии корхонаҳои хурд ба он чиз аҳамият дода нашуд, ки корхонаҳое, ки ба аҳолӣ ҳар гуна хизматрасониро дар ҳаҷми камтарини зарурӣ анҷом медоданд, бояд дар моликияти коммуналӣ боқӣ мемонданд. Дар баробари тавсеа ёфтани раванди хусусигардонӣ дар бахши коммуналии иқтисодиёт бояд на танҳо дар бораи маблағе, ки мақомоти худидоракунии маҳаллӣ аз фурӯхтани молу мулк ба даст меорад, балки боз дар хусуси хизматрасонӣ ба ҳама табақаҳои аҳолӣ, новобаста ба даромади онҳо фикр кардан лозим буд.

Хусусигардонии сертификатӣ ва ё ваучерӣ асосан хусусияти иҷтимоиву сиёсӣ дошт, бинобар ин, мақсади асосии иқтисодӣ – афзун намудани самараи истеҳсолот дар асоси ташаккулдиҳии молики кордон дар кишвар ва синфи миёна, ки қувваи асосии бавуҷудоварандаи фазои бозории рақобатпазир ва муайянкунандаи асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳисобида мешавад, ба даст оварда нашуд.

Гузариш ба марҳилаи сеюм – давраи хусусигардонии музднок имкон дод, ки бозори дуюм бораи саҳмияҳои корхонаҳои хусусигардондашуда тавлид ёбад, барои ҷалби сармоя ва пайдо шудани молики кордон шароити беҳтарин фароҳам оварда шуд.

Мутобиқи ақидаи Агентии хабарии «REGNUM» милликунонӣ ва фурӯши дуюмбораи корхонаҳои хусусигардондашуда вақте босамар хоҳад буд, агар қонунгузорӣ такмил дода шавад. Корхонаҳои хусусигарондашуда бояд самти фаъолияти худро иваз кунанд ё ин ки 60 фоизи намуди фаъолияти пештараро нигоҳ доранд. Ҳамаи ин гуна корхонаҳо дар давраи ҳукмронии ИҶШС сохта шудаанд ва маҳсулоти онҳо аллакай талабгор надорад.

Дар ин асно бандҳои Қарори Ҳукумати ҶТ-ро аз 4 майи соли 1997, таҳти № 181 «Дар бораи тасдиқи дастур оид ба нархгузории объектҳои хусусигардонӣ» [13] ба назар гирифтан лозим аст. Инчунин минбаъд дар қонунгузорӣ асоси дахлдорро барои ба даст овардани ҳуқуқи моликият аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар сурати хусусигардонии молу мулке, ки ба моликияти коммуналӣ дохил буд, қайд намудан лозим аст.

Хусусигардонии молу мулки коммуналӣ мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» ва санадҳои муайяни зерқонунӣ сурат мегирад. Бегонакунии молу мулке, ки ба моликияти коммуналӣ мансуб аст, бо муқарароти қонуни зикргардида, қонунҳои дигар оид ба масъалаҳои хусусигардонӣ танзим мегардад ва аз ҷониби мақомоти худидоракунии маҳаллӣ амалӣ карда мешавад. Бо фурӯхтани ин гуна молу мулк мақомоте машғул мешаванд, ки аз ҷониби шӯроҳои маҳаллии дахлдор таъсис меёбанд. Мақомоти номбурда дар доираи ваколатҳои муқаррарнамудаи шӯроҳои маҳаллии дахлдор амал карда, ба онҳо тобеъ, ҳисоботдиҳанда ва назоратшаванда мебошанд.

Бо қабул намудани Конститутсияи ҶТ моликияти коммуналӣ дар сатҳи конститутсионӣ мақоми шакли мустақили ҳуқуқи моликиятро соҳиб гашт, он махсус аз моликияти давлатӣ ҷудо карда шуд, идоракунии ин шакли моликиятро бевосита ҷомеаҳои ҳудудӣ ё мақомоти таъсисдодашуда амалӣ менамоянд.

Натиҷаи таҳлилро ҷамъбаст намуда, ҷиҳатҳои зерини мусбати хусусигардониро зикр кардан лозим аст:

– хусусигардонии объектҳои саноатӣ аз ҷониби сармоягузорони хусусӣ бояд ба рушди истеҳсолот такони ҷиддӣ бахшад;

– ба шахсони воқеӣ барои молики молу мулки давлатӣ шудан, ташаккул додани чунин молу мулк ва дар ин ҳол аз кори анҷомдода ва маблағи сармоягузоришуда ба дастовардани фоида ҳавасмандӣ пайдо мегардад;

– воридшавии доимии сармояи хориҷӣ ба соҳаи энергетикии Тоҷикистон таъмин мегардад ва рақобатпазирии соҳаи энергетика зиёд мешавад;

– ҷойҳои кори иловагӣ ба аҳолии ҶТ таъсис дода мешаванд ва ҳаҷми ММД афзун мегардад.

Лекин дар баробари равандҳои мусбати чашмдор норасоиҳои ҷиддӣ низ мушоҳида мегарданд:

– эҳтимолияти харидани объектҳои алоҳида аз ҷониби гурӯҳи хурди сармоягузорон метавонад ба пайдошавии инҳисорот ва аз байн рафтани рақобати одилонаи иқтисодӣ гардад;

– давлат метавонад назорати объектҳои энергетикиро аз даст диҳад ва дар натиҷа имконияти амалигардонии сиёсати мустақили энергетикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мушкил мешавад;

– ба таври дахлдор нархгузорӣ нашудани объектҳои стратегӣ ҳангоми хусусигардонӣ метавонад боиси коҳиш ёфтани воридшавии маблағи аз хусусигардонӣ ба дастомада ба буҷети давлатӣ гардад;

– мавҷудияти хавфи ворид шудани сармоягузори ғайрикасбӣ, ки барои самарабахш инкишоф додан ва идора кардани объекти ба ӯ боваркардашуда қодир нест метавонад ва вазъи иқтисодии кишвар таъсири манфӣ расонад.

Барои ба даст овардани самараи мувофиқ ва коҳиш додани хавфи амалигардонии марҳилаҳои хусусигардонӣ анҷом додани корҳои зеринро лозим мешуморем:

1). Таъмини амнияти миллии объектҳои стратегӣ: неругоҳҳои барқи обӣ, шоҳроҳҳои оҳан, шабакаҳои миллии барқ;

2). Таъмини шаффофияти зиёдтарини ҳама давраҳои хусуси-гардонии объектҳои стратегӣ, ки барои барқарор намудани боварӣ нисбат ба раванди хусусигардонӣ ва ғайридавлатикунонии иншоот аз ҷониби аҳолӣ кумак мерасонад. Иҷрои амали мазкур танҳо дар он сурат имконпазир аст, агар дар раванди хусусигардонӣ мутахассисони баландпоя иштирок кунанд, инчунин барои ин гуна мутахассисон ва шахсони дигари ба раванди хусусигардонӣ ҷалбшуда чораҳои қатъии ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ андешида шаванд.

3). Иштироки танҳо сармоягузорони ватанию хориҷӣ дар соҳаҳои дахлдор ва дар раванди хусусигардонӣ.

**Адабиёт**


1. Скворцов О.Ю. Приватизационное право: учебное пособие. – М.: Бизнес – шк «Интел - синтез», 1999. – С. 9.
2. Махкамов Р. Проблемы реформирования экономики Республики Таджикистан и становление частного сектора в переходном периоде к рынку: на уровне макроанализа: дис… канд. экон. наук: 08. 00. 01.- Душанбе, 1998. – С. 31.
3. Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷаи суръатбахшӣ ба ислоҳоти иқтисодӣ ва гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ» аз 3 декабри соли 1994// Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ – ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия.” Шакли 7. 0. [Захираи электронӣ ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www. Adlia. Tj
4. Каримова М. Ход экономических реформ в Таджикистане. Статья. Текст. Сайт – CA&CCPRESSr. Издательский дом Швеция. 1998 (дата обращения: 22. 12. 2019 г.).
5. Радыгин А.Д. Реформа собственности в России: на пути из прошлого в будущее. – М., 1994. – С. 56.

6. Махкамов Р. Проблемы реформирования экономики Республики Таджикистан и становление частного сектора в переходном периоде к рынку: на уровне макроанализа: дис… канд. экон. наук: 08. 00. 01.- Душанбе, 1998. – С. 32.
7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабулшуда. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. – Душанбе, нашрия аз ҷониби Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Хелветас Свисс Интеркоопеpeйшен» дар доираи Барномаи «Волоияти қонун ва дастрасӣ ба адолат», бо маблағгузории Дафтари Швейтсариягӣ оид ба ҳамкорӣ дастгирӣ карда шудааст. 2017. – С. 7. Ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.
8. Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи чораҳои суръатбахшӣ ба хусусигардонии моликияти давлатӣ» аз 29 – уми декабри соли 1996, таҳти № 631// Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ – ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия.” Шакли 7. 0. [Захираи электронӣ ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www. Adlia. Tj
9. Гулов Ш. Процесс «малой» приватизации в Таджикистане завершен, а практически все средние и крупные предприятия акционированы. Текст. ИА «Азия плюс», 24 января 2006г.: Информационный ресурс – http://www.news.tj. (санаи муроҷиат: 24. 09. 2018с.).
10. Радыгин А.Д. Реформа собственности в России: на пути из прошлого в будущее. – М., 1994. – С. 60–61.
11. Кутафин О.Е., Фадеев В.И. Муниципальное право Российской Федерации. – М., 1997. – С. 235.
12. Муниципальное право // Под ред. А. И. Коваленко. – М., 1998, – С. 41–43.
13. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқи дастур оид ба нархгузории объектҳои хусусигардонӣ» аз 4 майи соли 1997, таҳти № 181// Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ – ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия.” Шакли 7. 0. [Захираи электронӣ ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www. Adlia. Tj

## СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ЯВЛЕНИЯ ПРИВАТИЗАЦИИ КОМУНАЛЬНОЙ СОБСТВЕННОСТИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**РАХМОНЗОДА АБДУЛЛО КУРБОНАЛИ,**
соискатель кафедры предпринимательства и хозяйственного
права Таджикский национальный университет.
734023, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.
E-mail: abdullo.nur@mail.ru

*Приватизация государственного имущества в Республике Таджикистан началась в 1991 году и осуществляется периодически. Приватизация коммунального имущества осуществляется в соответствии с Законом Республики Таджикистан «О приватизации государственного имущества» и некоторыми подзаконными актами. В данной статье было проведено научное исследование о становлении и развитии явления приватизации коммунальной собственности в Таджикистане, и его поэтапное обяснение.*

*На наш взгляд, приватизация - это метод повышения экономической эффективности. Целью этого процесса является создание многообразия форм собственности, переход от несовершенной экономики к развитым рыночным отношениям, привлечение инноваций для более эффективного управления приватизируемым объектом, повышение его конкурентоспособности.*

*Также в данной статье есть научная информация, касающаяся форм приватизации и других аспектов этого процесса.*

***Ключевые слова**: приватизация, государственная собственность, формы приватизации, собственность, экономика.*

## FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE PHENOMENON OF PRIVATIZATION OF COMMUNAL PROPERTY IN TAJIKISTAN

**RAHMONZODA ABDULLO GHURBONALY,**
Applicant of the Department of Entrepreneurship and Economic
Tajik National University.
734023, Republic of Tajikistan, sh. Monday, 17, Rudaki Ave.
E-mail: abdullo.nur@mail.ru

*Privatization of state property in the Republic of Tajikistan started in 1991 and is being implemented periodically. Privatization of communal property is carried out in accordance with the law of the Republic of Tajikistan "On Privatization of State Property" and certain by-laws. In this article, scientific research has been conducted on the formation and development of the phenomenon of privatization of communal property in Tajikistan, and its step-by-step explaination.*

*In our opinion, privatization is a method of increasing economic efficiency. The purpose of this process is to create diversity of ownership, transition from an imperfect economy to advanced market relations, attract innovation for more effective management of the object to be privatized, increase its competitiveness.*

*Also, in this article, there is scientific information related to the forms of privatization and other aspects of this process.*

***Keywords:** privatization, state ownership, forms of privatization, property, economics*

УДК: 342.9

# ТАНЗИМИ МАЪМУРӢ-ҲУҚУҚИИ ТАШКИЛ ВА АДОИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ДАР МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**РАҶАБЗОДА МУТЕЪУЛЛО САФАРАЛӢ,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Теҳрон, 36.
E-mail: rmuteollo@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур масъалаи танзими маъмурӣ-ҳуқуқии ташкил ва адои хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор дода шудааст. Воқеан имрӯз зарурати муайян кардани тартиби адои хизмат дар мақомоти прокуратура яке аз масъалаҳои муҳим маҳсуб ёфта, муҳимияти пайдо кардани танзими маъмурӣ-ҳуқуқии он шакли ба худ хос дорад. Марҳилаҳои асосии адои хизмат дар мақомоти прокуратураро асосан инҳо ташкил медиҳанд: қабул ба хизмати давлатӣ, додани рутбаҳои дараҷавӣ, аттестатсия, тартиби ҳавасмандгардонӣ ва ба ҷавобгарии интизомӣ кашидан, қатъ шудани хизмат, савганд ёд кардан, таҳсили кормандони прокурорӣ, захираи кадрҳо, баҳодиҳӣ ба фаъолият ва ҷойивазкунӣ (ротатсия)-и кормандони прокуратура ва монанди инҳо. Муаллиф бо истифода аз адабиётҳои илмӣ ва қонунгузорӣ кӯшиш намудааст, зарурати танзими маъмурӣ-ҳуқуқии падидаи мазкурро муайян намояд.*

***Калидвожаҳо:*** *хизмати давлатӣ; мақомоти прокуратура; тартиби адои хизмати давлатӣ; савганди корманди прокурорӣ; рутбаҳои дараҷавӣ; ҳавасмандгардонии кормандони прокурорӣ; ҷавобгарии интизомӣ; адабиётҳои илмӣ; қонунгузорӣ.*

Хизмати давлатӣ ҳамчун падидаи муҳими ҳуқуқи маъмурӣ имрӯзҳо диққати бештари муҳақиқонро ба худ чалб кардааст. Дар баробари ин адои хизмати давлатӣ як падидаи мураккаби ҳуқуқӣ буда, бо маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ зич алоқаманд аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1]. муқаррар гардида, тибқи он шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд. Тавре Некрасов С.И. қайд менамояд, ин ҳуқуқи шаҳрвандон аз ҳуқуқи иштироки шаҳрванд дар идоракунии давлатӣ бармеояд. [16,15]. Меъёри мазкур барои амалигардонии ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмти давлатӣ асоси конститутсионӣ мебошад.

Дар ҳоли ҳозир равишҳои гуногуни муайян кардани мафҳуми адои хизмати давлатӣ вуҷуд дорад. Бархе онро сохтори ниҳодӣ, мақому накш ҳисобида [14,243], дигаре онро тавассути бисёрруягии амалигардонии вазифаҳои мансабӣ аз ҷониби хизматчӣ баррасӣ намуда, [8,389]. сеюмин дар асоси он бавуҷудоӣ, инкишоф ва қатъ гардидани муносибатҳои давлатӣ-хизматиро[18,389] медонанд.

Семенчуков Д.Д. марҳилаҳои асосии адои хизмат дар мақомоти прокуратураро чунин муайян мекунад: қабул ба хизмати давлатӣ, додани рутбаҳои дарачавӣ, аттестатсия, тартиби ҳавасмандгардонӣ ва ба ҷавобгарии интизомӣ кашидан, қатъ шудани хизмат. [17,144]. Аммо, ба андешаи мо унсурҳои адои хизмати давлатӣ васеътар буда, ба ғайр аз инҳо, бо назардошти аҳамияти хосаашон, ба марҳилаҳои адои хизмат савганд ёд кардан, таҳсили кормандони прокурорӣ, захираи кадрҳо, баҳодиҳӣ ба фаъолият ва ҷойивазкунӣ (ротатсия)-и кормандони прокуратура низ дохил мешаванд.

Макарейко Н.В. адои хизмати давлатиро ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқии ба ҳам алоқаманду вобастае медонад, ки боиси пайдоиш, тағйир ва қатъи муносибатҳои давлатӣ-хизматӣ мегарданд. Ба унсурҳои адои хизмати давлатӣ ӯ қабул шудан ба хизмат, аттестатсия, пешбарӣ, ҳавасмандгардонӣ ва имтиёзҳо, масъулияти ҳуқуқӣ ва қатъ гардидани хизмати давлатиро шомил месозад [13].

Ба андешаи мо дарки адои хизмати давлатӣ ҳамчун падидаи ба ҳам алоқаманду шартшудаи ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ буда, боиси бавуқуъ омадан, тағйир ёфтан ва қатъ гаштани муносибатҳои давлатӣ-хизматӣ мегарданд.

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” маҷмӯи шартҳоеро муайян мекунад, ки риояи онҳо ҳангоми қабули қарор дар бораи қабул намудан ба мақомоти прокуратура зарур аст.

Дар моддаи 53 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” [2] муқаррар гардидааст, ки дар мақомоти прокуратура шахсе қабул карда мешавад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта, синнаш то 35 сола бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ, сифатҳои зарурии касбӣ ва ахлоқӣ буда, забони давлатиро донад, хизмати ҳарбии ҳатмии мӯҳлатнокро (ба истиснои занон, инчунин мардоне, ки билети ҳарбӣ доранд, ба ғайр аз онҳое, ки хизмати ҳарбиро дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ адо кардаанд) адо карда бошад ва аз рӯи вазъи саломатиаш вазифаҳои ба зиммааш гузоштаро иҷро карда тавонад.

Мутобиқи сархати 1 қисми 1 моддаи 1 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон” [3]. шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон - шахсе мебошад, ки дар рӯзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буд ё мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳиб шуда бошад. Доштани танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин меъёри Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” доштани шаҳрвандии дигар давлатҳо истисно менамояд, вале тибқи талаботи моддаи 8 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон” Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июни соли 2005 // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 7.0 / М– во юстиции РТ. – Душанбе, 2011 [2]. шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шаҳрвандии дигар давлатро низ дорад, аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо чун шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон нишон дода шудаанд. Мутаасифона дар мавриди татбиқи ин меъёрҳо духургӣ ҷой доранд, ки бояд бо ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, яъне калимаҳои “танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошад” ба калимаҳои “танҳо шаҳрвандоне, ки шаҳрвандии давлатҳои хориҷиро надошта бошад” бартараф карда шавад.

Омӯзиш ва таҳлили қонунгузории миллӣ собит намуд, ки руйхати бонизоми сифатҳои зарурии касбӣ ва ахлоқии кормандони прокурорӣ дар онҳо муқаррар карда нашудааст. Новобаста аз ин дар матни савганди корманди прокуратура ва Низомнома “Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти 2016 таҳти №5-37 тасдиқ шудааст, дар ҳолати парешон баъзе аз сифатҳои зарурии касбӣ ва ахлоқӣ аз қабилӣ софдилӣ, хушёрӣ, бодиққатӣ, беғаразӣ, садоқатмандӣ, хоксорӣ, покви҇донӣ, ташаббускорӣ, лаёқатмандӣ, кордонӣ, дарки масъулият, ватандустӣ нишон дода шудаанд. Инчунин омӯзиши аттестатсияҳо, натиҷаи таҳлилҳо ва ҷамъбастҳои кори комиссияи аттестатсионӣ, пешниҳодҳо барои ҳавасмандагардонӣ ва сарфароз намудани кормандони прокурорӣ бо рутбаҳои дараҷавӣ

нишон медиҳанд, ки дар онҳо талаботи хусусияти умумидошта вобаста ба сифатҳои зарурии касбӣ ва ахлоқӣ гуногун инъикос ёфтаанд.

Бо назардошти ҳолатҳои зикршуда ва таъмини салоҳияти мақомоти прокуратура, баланд бардоштани сатҳи касбии кормандони прокурорӣ ва мувофиқати онҳо ба мансабҳои прокурорӣ зарур шуморида мешавад, ки ҷиҳати мушахас намудани сифатҳои зурурии касбӣ ва ахлоқӣ дар қонунгузории соҳавӣ тағйироту илова ворид карда шавад. Ба андешаи мо ин номгӯи сифатҳои зарурии касбӣ аз қабилӣ, поквиҷдонӣ, садоқатмандӣ, беғаразӣ, боинтизомӣ, устуворӣ, бодиккатӣ дар муносибат бо шаҳрвандон, хушмуомилагӣ, меҳнатдустӣ, хоксорӣ, серталаб будан нисбати худ, худтанқидкунӣ ва сифатҳои зерини ахлоқӣ аз зумраӣ қобилияти баланди корӣ, қавиродагӣ, ташаббускорӣ, таҳаммулпазирӣ, ҳадафнокӣ, қобилияти барқарор кардани алоқаи равонӣ, муносибати эҷодкорона ба кор, солимӣ дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам карда шавад.

Дар замони Истиқлоли давлатӣ мақомоти прокуратура ба ҷалби мутахассисони шоистаи соҳаи ҳуқуқшиносии дорои таҳсилоти олии касбӣ ба хизмат дар мақомот манфиатдор мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Э.Раҳмон дар суханронии худ дар Рӯзи дониш қайд намуданд, ки барои таъмин намудани пешрафти бонизоми давлати миллӣ мо ба кадрҳои баландихтисоси соҳаи идоракунӣ ва хизмати давлатӣ ниёз дорем. Зеро рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳар як халқу миллат аз сатҳи саводу маърифат, савияи донишҳои касбии хизматчиёни давлатӣ ва фаъолияти пурсамари онҳо вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, мо бештар ба тарбияи кадрҳои сатҳи байналмилалӣ, ки дорои ҷаҳонбинии васеъ, дониши амиқи касбӣ, қобилияти баланди ташкилотчигӣ ва забондон бошанд, эътибори аввалиндараҷа медиҳем. Хизмати давлатӣ бояд ба татбиқи сиёсати иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву маънавии давлат, вазъи муътадили сиёсӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳли ҷомеа нигаронида шавад. Мо бояд кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ, мутахассисони дорои сатҳи баланди касбӣ ва кормандони ватандӯсту масъулиятшиносро омода намоем. [19].

Ба андешаи М.Г. Киржиманова интихоби кадрҳои соҳибкасб, масъулу ҷавобгӯ ба манфиатҳои давлат ва шаҳрвандон яке аз масъалаҳои мубрам дар ҳама давраҳои инкишофи падидаи хизмати давлатӣ ба шумор меравад. [11, 16]. Муҳимияти онро баҳогузорӣ намудан бисёр душвор аст. Ҳамаи шахсоне, ки дар идоракунии давлати қарор доранд, ба он ҷо дар натиҷаи интихоб омадаанд. Чунки ҳама чизро кадрҳо ҳал мекунанд, сифат, касбият ва самарабахшии идораи давлатӣ ба андозаи назаррас аз ҳали масъалаҳои кадрӣ вобаста аст.

Ҷиҳати омода намудани мутахассисони ҷавон ва кадрҳои соҳаи ҳуқуқшиносӣ аз ҷониби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия ва Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида шудаанд. Сабаби асосии бо ин муассисаҳои олии таълимӣ ба имзо расидани шарномаҳо ҷиҳати омода намудани мутахассисони ҷавон ва кадрҳои соҳаи ҳуқуқшиносӣ ин мавҷуд будани ин ихтисос ва дар сатҳи зарурӣ тайёр шудани мутахассисон дар онҳо мебошад.

Мувофиқи банди 4 Низомнома “Дар бораи ташкили кор бо мутахассисони ҷавон дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” [6, 166], ки бо Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №5-70 аз 29.04.2016 сол тасдиқ шудааст, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи нақшаи тақсимоти мутахассисони ҷавон ҳар сол аз ҳисоби хатмкунандагони факултетҳои ҳуқуқшиносии донишгоҳҳое, ки бо онҳо дар бораи ҳамкорӣ ва омода намудани мутахассисони

баландихтисос шартномаҳо баста шудаанд, аз рӯи эҳтиёҷоти кадрӣ дар ҷаласаҳои комиссияи тақсимотӣ иштирок намуда, номзадҳои арзандаро барои ба кор қабул намудан ба мақомоти прокуратура интихоб менамояд.

Шахсоне, ки дигар муассисаҳои олии таълимиро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудаанд ва бо қарори комиссияи давлатии тақсимот барои бо кор таъмин кардан ба мақомоти прокуратура фиристонида нашудаанд, ба мақомоти прокуратура дар асоси муроҷиаташон ба тариқи умумӣ ба кор қабул карда мешаванд.

Дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои ишғоли мансабҳои холии мақомоти прокуратура озмун ва тартиби баргузории он пешбинӣ нашудааст. Аммо тибқи Қоидаҳои тартиби дохилии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон [12,5] , ки бо фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №5-04 аз 17 январи соли 2018 тасдиқ шудааст, тартиби ба кор қабул кардан ба мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғайр аз роҳхат тавре дар боло зикр шуд, боз тариқи озмун пешбинӣ шудааст. Аммо тартиби баргузории он муқаррар нашудааст.

Интихоби довталабон дар заминаи озмун имкон медиҳад, ки шахсоне ба кор қабул шаванд, ки бештар ба талаботҳои ба корманди прокуратура пешниҳодшаванда ҷавобгӯ бошанд. Зеро танҳо барои аз шахсони тасодуфӣ ва нолоиқ аз кор дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон тоза намудан, бо дахолат ва дастури бевоситаи роҳбари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 2 маротиба солҳои 2010 ва 2015 аттестатсияи ғайринавбатии куллӣ кормандони прокурорӣ амалӣ карда шуд, ки дар натиҷаи он теъдоди муайяни кормандон аз кор дар мақомот хориҷ карда шудаанд.

Ин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки озмун технологияи кадрии ниҳоят муҳими хизмати давлатӣ мебошад, зеро он имкон медиҳад, ки аз ҷониби комиссияи озмун пас аз баҳодиҳии бодиққат аз руи ҳуҷҷатҳо, натиҷаи санҷиш ва дигар шартҳо, аз зумраи шахсони иштирокчӣ, номзади арзанда интихоб гардад. Дар баробари ин принсипи хизмати давлатӣ- ихтиёрӣ ва дастрас будани хизмати давлатӣ, ки дар Қонуни ҶТ "Дар бораи хизмати давлатӣ" [4]. пешбинӣ шудааст, низ таъмин карда мешавад. Дар як вақт баргузории озмун эътибори мақомоти прокуратураро боло бурда, ташкили дурусти он имкони ворид шудани афроди "тасодуфӣ"-ро ба мақомоти прокуратура аз байн мебарад. Озмун бояд ду марҳиларо пешбинӣ намояд: озмуни ҳуҷҷатҳо ва озмуни тестӣ (баҳодиҳии коллегиалӣ ба сифатҳои кории довталаб). Боназардошти зарурати баҳодиҳӣ ба сифатҳои ахлоқии довталаб ба мақомоти прокуратура, ба ҳайати комиссияи озмунӣ мутахасис-равоншинос низ дохил карда шавад.

Чуноне, таҷрибаи давлатҳои Ҳоланд ва Олмон нишон медиҳад, дар онҳо механизмҳои интихоби воқеии номзадҳо ба вазифаи прокурорӣ инҳо мебошанд: коромӯзии дарозмуддат (то 18 моҳ) барои номзадҳо ба мансабҳои прокурорӣ пас аз хатми муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки дар худ санҷиш, ташхиси равонӣ, суҳбатҳо, инчунин таҳсили иловагӣ бо низомӣ RAIO давоми 4—6 солро дар бар мегирад. Махсусан озмун барои ишғоли вазифаи прокурор хеле эҳтиёткорона ташкил ва гузаронда мешавад. Тартиби гузаронидани коромӯзӣ, таҳсили иловагӣ, озмунҳо барои ишғоли мансаби прокурор, инчунин такмили ихтисоси онҳо бо санадҳои меъёрии вазоратҳои адлияи ин давлатҳо танзим карда мешавад. [10,54].

Чун қоида, қарори комиссияи озмунӣ барои ба вазифаи дахлдор таъин кардани шахс ё рад кардани чунин таъинот асос мебошад. Ҳамин тариқ, дар сурати қабули қарори мусбӣ аз ҷониби комиссияи мазкур Прокурори генералӣ вазифадор аст, дар бораи таъин намудани довталаб (номзад) ба вазифаи мушаххас (муфаттиш, ёрдамчӣ ё муовини

прокурор) ва ё ба вазифаи прокурори ноҳия ё шаҳр фармон интишор намояд. Аммо дар илми ҳуқуқ чунин фикр баён мешавад, ки қарори комиссияи озмунӣ хусусияти тавсияӣ дорад ва роҳбар метавонад бо он розӣ набошад. [9,86]. Дар амал раёсати кадрҳо сифатҳои кории довталабонро баҳо медиҳад ва Прокуратураи генералӣ барои таъини онҳо қарор қабул мекунад. Дар мавриди таъини прокурорҳои махсусгардонидашуда, шаҳру ноҳияҳо, ВМКБ, вилоятҳо, ш.Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон ва муовинони онҳо, инчунин сардорони Раёсатҳои Прокуратураи генералӣ, илова ба ин Прокурори генералӣ пас аз раванди мувофиқасози мусбӣ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул мекунад.

Ҳамин тариқ зарур аст, ки меъёри дар Қоидаҳои тартиби дохилии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тариқи озмун ба кор ба мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуданро ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ворид карда, муқаррар карда шавад, ки Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

Сарфи назар аз расмиёти маъмурии додани рутбаҳои дарҷавӣ, дар адабиёти махсус пайдо кардани мафҳуми дахлдори рутбаҳои дараҷавие, ки ба кормандони прокурорӣ дода мешавад, хеле душвор аст. Дар “Китоби рӯимизии прокурор” мафҳуми мухтасари рутбаҳои дараҷавӣ дода шудааст, ки ҷолиби диққат мебошад. Тибқи он, рутбаи дараҷавӣ- ин дараҷаи хизматии махсус, рутбаи шахсии корманди прокурорӣ, ҳамчун хизматчии давлатӣ мебошад, ки бо назардошти мансаби ишғолкарда, собиқаи корӣ (давомияти хизмат), дониш ва таҷриба, инчунин натиҷаи кор дар таҳкими волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ сарфароз гардонида мешавад. [15,118].

Мутобиқи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №345 аз 30 июни соли 2006 “Дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” [5]. рутбаҳои дараҷавии зерин муқаррар карда шудааст:

Мушовири ҳақиқии давлатии адлия;
Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 1;
Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 2;
Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3;
Мушовири адлияи дараҷаи 1;
Мушовири адлияи дараҷаи 2;
Мушовири адлияи дараҷаи 3;
Ҳуқуқшиноси дараҷаи 1;
Ҳуқуқшиноси дараҷаи 2;
Ҳуқуқшиноси дараҷаи 3.

Тартиби додани рутбаҳои дараҷавӣ ва аз онҳо маҳрум карданро бо риояи моддаи 54 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” Низомнома "Дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки он бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №73 аз 8.12.2006 сол тасдиқ шудааст, муайян менамояд. [7] Рутбаи дараҷавӣ бо назардошти тавсифномаи мусбӣ, вазифаи ишғолкарда, мӯҳлати будан дар рутба ва собиқаи кор ба таври мураттаб дода мешавад. Рутбаи дараҷавии мушовири ҳақиқии давлатии адлия аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди ҳайати мушовараи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. Рутбаҳои дараҷавии

мушовири давлатии адлияи дараҷаи 1, 2, 3 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. Ба ин гурӯҳи рутбаҳои дараҷави муҳлати додан муқаррар карда намешавад. Дигар рутбаҳои дараҷавӣ бо фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд.

Тибқи банди 7 Низомнома "Дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба гирифтани рутбаи дараҷавии ҳуқуқшиноси дараҷаи 3, дар сурати доштани тавсифномаи мусбат кормандоне, ки дар вазифаи ёрдамчии прокурор ё муфаттиши прокуратура ё дигар вазифаҳои прокурорию тафтишотӣ на камтар аз шаш моҳ кор кардаанд, мутахассисони ҷавон бошанд баъд аз хатми коромӯзӣ ва ҳангоми бо хулосаи комиссияи аттестатсионӣ ба вазифаи ишғолкарда муносиб донистан пешниҳод карда мешаванд.

Рутбаи дараҷавии навбатӣ баъди ба охир расидани мӯҳлати рутбаи қаблӣ, ки аз 1 солу 6 моҳ то 4 сол пешбинӣ шудааст, дода мешавад. Ба кормандони мақомоти прокуратура, ки рутбаи дараҷавӣ доранд, иловапулӣ дода мешаванд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои тадқиқотро ҷамъбаст намуда, мафҳуми зерини рутбаи дараҷавии корманди прокурориро таҳия кардан мумкин аст. Рутбаи дараҷавии корманди прокурори рутбаи махсуси хизматии давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад, ки дар асоси расмиёти маъмурие, ки бо Фармони дахлдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шуда, бо тавсифномаи мусбӣ, вазифаи ишғолкарда, муҳлати будан дар рутба ва собиқаи кор ба таври мураттаб дода мешавад.

Мутобиқи моддаи 68 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” кормандони мақомоти прокуратура шаҳодатномаи хизматӣ доранд ва он ҳуҷҷатест, ки шахсияти корманди прокуратура, рутбаи дараҷавӣ ва вазифаи ӯ, ҳуқуқи гирифта гаштан ва нигоҳ доштани силоҳро тасдиқ мекунад. Низомнома дар бораи шаҳодатномаи хизматӣ ва намунаи шаҳодатномаи хизматии кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Шаҳодатномаи хизматии Прокурори генералӣ, муовини якум ва муовинони ӯро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон медиҳад. Шаҳодатномаи хизматии дигар кормандони прокурорӣ бо имзои Прокурори генаралии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Раёсати кадрҳои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо супорида мешавад.

Тавре дар боло қайд карда шуд, ки низомнома санади меъёрии ҳуқуқиест, ки ба таври дақиқ вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби фаъолияти мақомоти давлатӣ ё воҳидҳои сохтории онҳо, ҳамчунин муносибатҳои мутақобилаи онҳоро бо дигар мақомот, ташкилот, муассисаҳо ва шаҳрвандон муайян менамояд. Бинобар ин ба андешаи мо мебоист дар қонуни конститутсионӣ на “Низомнома дар бораи шаҳодатномаи хизматӣ”, балки “Дастурамал дар бораи барасмиятдарорӣ, баҳисобгирӣ ва додани шаҳодатномаи хизматӣ” пешбинӣ карда мешуд.

Марҳилаи ниҳоии хизмат дар мақомоти прокуратура қатъ гардидани он мебошад. Асосҳо ва тартиби қатъи муносибатҳои хизматию ҳуқуқӣ дар мақомоти прокуратураро қонунгузорӣ дар бораи меҳнат, дар бораи хизмати давлатӣ бо назардошти хусусиятҳои муқаррарнамудаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” пешбинӣ менамояд. Ба ғайр аз асосҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат, корманди прокурорӣ метавонад бо сабаби ба истеъфо баромадан ва бо ташаббуси роҳбари мақомоти прокуратура дар ҳолатҳои зерин аз кор озод карда шавад: ба синни ниҳоии хизмат дар мақомоти прокуратура расида бошад; қатъи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳиб шудан ба шаҳрвандии давлати дигар ё тарки доимии Ҷумҳурии

Тоҷикистон; бинобар нафақагири Ҷумҳурии Тоҷикистон ё давлати хориҷӣ будан; вайрон кардани савганди корманди прокуратура, инчунин дар мавриди содир намудани ҷиноят, ки бо ҳукми эътибори қонунӣ пайдонамудаи суд муқаррар карда шудааст; барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мубориза бо коррупсия; риоя накардани маҳдудиятҳои хизматӣ ё ба вуқуъ пайвастани дигар ҳолатҳо.

Ин ҳолатҳои оварда шуда, ба иловаи асосҳои дар қонунгузории меҳнат ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" асос барои қатъи хизмат дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Новобаста аз ин дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҳолатҳои мазкур ба таври мушаххас дар моддаи алоҳида оварда нашуда, парешон мебошанд. Гузашта аз ин шарт ва тарзи татбиқи асосҳои алоҳида низ дар қонуни соҳавӣ ба таври мушаххасу возеҳ оварда нашудааст. Аз ҷумла, агар яке аз асосҳои қатъ гаштани хизмат дар мақомоти прокуратура ин бо сабаби ба истеъфо баромадан бошад, аммо ба таври мушаххас ҳолатҳо, шартҳо ва механизми ба истеъфо баромадан (аз ҷумла, ба куҷо (кӣ) муроҷиат кардан, дар сурати рад шудани тарзи шикояти он ва ғайра) дар қонунгузории соҳавӣ оварда нашудааст. Аз ин рӯ зарур шуморида мешавад, ки асосҳои қатъ шудани хизмат дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи алоҳида ва бо дақиқ дарҷ шудани ҳолатҳо, шартҳо ва механизми он дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" гирд оварда шаванд.

**Адабиёт**


1. Конститутсияи ҶТ (1994) // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 7.0 / М– во юстиции РТ. – Душанбе, 2011.
2. Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июни соли 2005 // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 7.0 / М– во юстиции РТ. – Душанбе, 2011
3. Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8 августи соли 2015 // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 7.0 / М– во юстиции РТ. – Душанбе, 2011.
4. Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007 // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 7.0 / М– во юстиции РТ. – Душанбе, 2011.
5. Қарори МН МО Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №345 аз 30 июни соли 2006 "Дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон"// Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 7.0 / М– во юстиции РТ. – Душанбе, 2011.
6. Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷилди 1, Душанбе "Ирфон" 2016. саҳ.166-167.
7. Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷилди 1, Душанбе "Ирфон" 2016.
8. Бахрах Д.Н. Административное право. – М., 1996. – С.389.
9. Бахрах Д.Н., Хазанов С.Д. Государственная администрация, ее органы и служащие. Екатеринбург, 1998. С.86.
10. Казарина А. Как обучают прокуроров в Германии и Нидерландах // Законность 2000, №6. С.54-57.

11. Киржиманов М.Г. Правовые основы подбора кадров государственных служащих, их аттестации и повышения квалификации в Российской Федерации. Автореф. дис. … канд. юрид. наук. М., 2003. С. 16 – 17.
12. Қоидаҳои қабул ба кор [Манбаи электронӣ] //URL: https://prokuratura.tj/personnel-tj/rules-of-employment. html (санаи муроҷиат:21.11.2022с).
13. Макарейко Н.В. Административное право М. 2014 [Манбаи электронӣ]//URL:https://studme.org/87658/ pravo/prohozhdenie_gosudarstvennoy_sluzhby (санаи муроҷиат: 28.01.2023)
14. Мельников В.П., Нечипоренко В.С. Государственная служба в России: отечественный опыт организации и современность: В 2-х ч. – М., 2000. – Ч. II. – С.243.
15. Настольная книга прокурора. М., 2002. С. 118.
16. Некрасов С.И. Конституционное право РФ М.,2010. С.15
17. Семенчуков Д. Д. Прокуратура России вчера и сегодня. М., 2001. С. 144.
18. Старилов Ю.Н. Служебное право. – М., 1996. – С.389
19. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи дониш [Манбаи электронӣ] //URL: https://khovar.tj/2019/09/suhanronii-prezidenti-um-urii-to-ikiston-peshvoi-millat-mu-taram-emomal-ra-mon-ba-iftihori-r-zi-donish/ (санаи муроҷиат: 20.01.2023с)

## АДМИНИСТРАТИВНО – ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ОРГАНИЗАЦИИ И ИСПОЛНЕНИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ СЛУЖБЫ В ОРГАНАХ ПРОКУРАТУРЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**РАДЖАБЗОДА МУТЕЪУЛЛО САФАРАЛИ,**
соискатель кафедры административного права и государственной службы
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Техрон 36.
E-mail: rmuteollo@mail.ru

*В данной статье рассматривается вопрос административно-правового регулирования организации и обеспечения государственной службы правоохранительных органов в органах прокуратуры Республики Таджикистан. По сути, сегодня необходимость определения порядка прохождения службы в органах прокуратуры считается одним из важнейших вопросов, а важность нахождения его административно-правового регулирования имеет свою форму. Основными этапами службы в органах прокуратуры в основном являются следующие: поступление на государственную службу, присвоение ученых степеней, аттестация, мотивация и дисциплинарное взыскание, прекращение службы, приведение к присяге, обучение прокуроров, штатное расписание, служебная аттестация и перемещение (ротация) прокурорских работников. офисные работники и тому подобное. Используя научную литературу и законодательство, автор попытался определить необходимость административно-правового регулирования этого явления.*

***Ключевые слова:*** *государственная служба; прокуратура; порядок государственной службы; присяга прокуратуры; звания ученых степеней; мотивация прокуроров; дисциплинарная ответственность; научная литература; законодательство*

## ADMINISTRATIVE AND LEGAL REGULATION OF THE ORGANIZATION AND PERFORMANCE OF THE PUBLIC SERVICE IN THE PROSECUTION BODIES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**RAJABZODA MUTEULLO SAFARALI,**
Applicant for the Department of Administrative Law and public service
Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan.

734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 36, Tehron str.
E-mail: rmuteollo@mail.ru

*This article discusses the issue of administrative and legal regulation of the organization and provision of the public service of law enforcement agencies in the prosecutor's office of the Republic of Tajikistan. In fact, today the need to determine the procedure for serving in the prosecutor's office is considered one of the most important issues, and the importance of finding its administrative and legal regulation has its own form. The main stages of service in the prosecutor's office are mainly the following: entering the civil service, conferring academic degrees, attestation, motivation and disciplinary action, termination of service, swearing in, training of prosecutors, staffing, performance appraisal and transfer (rotation) of prosecutors. office workers and the like. Using scientific literature and legislation, the author tried to determine the need for administrative and legal regulation of this phenomenon.*

***Keywords:*** *public service; prosecutor's office; order of public service; the oath of the prosecutor's office; titles of academic degrees; motivation of prosecutors; disciplinary responsibility; scientific literature; legislation.*

УДК: 341

# ТАЪСИРИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИНТИХОБОТ БА ҚОНУНГУЗОРИИ ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ОЛИМЗОДА МУҲАММАДЁР АБДУЛҲАЙ,**
унвонҷӯйи Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992)-933-37-55-56. E-mail:olimzoda5556.mail.ru

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои таъсири ҳуқуқи байналмилалии интихобот ба қонунгузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидааст. Омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷонибаи он ба зарурати воқеӣ табдил ёфтааст. Ҳамин аст, ки Конститутсияи ҶТ кафили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба шумор рафта дар моддаи 27-ми худ муқаррар кардааст, ки шаҳрванд аз синни 18-солагӣ ҳуқуқи дар раъйпурсӣ ва интихобот иштирок кардан, интихоб намудан, инчунин аз синни муқаррарнамудаи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо ҳуқуқи интихоб шуданро дорад. Ҳамин тариқ, интихобот як шакли иштироки шаҳрвандон дар татбиқи демократия бо роҳи додани шахсони интихобшуда ба намояндагони ваколатҳо оид ба иҷрои вазифаҳои ҳокимияти худ дар мақомоти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мувофиқи ирода ва манфиатҳои халқ мебошад. Инчунин дар моддаи 10-уми Конститутсияи ҶТ оварда шудаст, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ амал мекунанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Президент, интихобот, байналмилалӣ, ҳуқуқи, конститутсионӣ, ташаккул, қонунгузорӣ, низом, иттиҳод, ҷомеаи шаҳрвандон, масъала.*

Дар моддаи 10-уми Конститутсияи ҶТ оварда шудаст, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ амал мекунанд.

Ин чунин моддаи 11-уми Конститутсия муаян менамояд, ки Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлоли дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад[1]. Илми муосири ҳуқуқи конститутсионӣ интихоботро аз чанд ҷиҳат зуҳуроти олии ҳокимияти халқ ва яке аз муҳимтарин асосҳои сохти конститутсионӣ, механизми ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҷузъи зарурии ташкили демократии давлат, инчунин шакли татбиқи субъекти ҳуқуқи овоздиҳӣ мебошад[10,27].

Ба ақидаи муҳақиқи соҳаи конститутсионӣ  Командирова Татьяна Геннадиевна санадҳои байналмилалии интихобот ӯҳдадориҳои давлатҳо мебошанд, ки на танҳо ба шахсони таҳти тобеияти онҳо ҳуқуқу озодиҳои муайян барои иштирок дар интихоботи озод, одилона, ҳақиқӣ ва давравӣ таъмин карда шаванд, балки ба ин ҳуқуқу озодиҳо дахолат накунанд, инчунин чораҳои дахлдор андешанд, ба амал баровардани онхо дар мавридхои истисно махдудиятхои муайян ичозат дода мешавад ин ҳуқуқу озодиҳо, ки дар стандартҳо пешбинӣ шудаанд[10,27].

Дар моддаи 25 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ баён шудааст, ки ҳар як шаҳрванд бояд бидуни ягон навъ табъиди дар моддаи 2 зикршуда ва бидуни маҳдудиятҳои беасос ҳуқуқ ва имкониятҳои зеринро дошта бошад:

-дар пешбурди корҳои давлатӣ чи бевосита ва чи ба воситаи намояндагони ба таври озод интихобшуда ширкат намояд;

-дар интихоботи озоди даврӣ, ки дар асоси ҳуқуқи интихоботии умумӣ ва баробар бо овоздиҳии пӯшида ва таъминкунандаи иродаи озодӣ интихобкунандагон доир карда мешаванд, иштирок намояд ва интихоб шавад;

-дар кишвари худ аз имконияти умумии баробар ба хизмати давлатӣ истифода намояд[3].

Конститутсияи ҶТ кафили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба шумор рафта дар моддаи 27-ми худ муқарар кардааст, ки шаҳрванд аз синни 18 ҳуқуқи дар раъйпурсӣ иштирок кардан, интихоб намудан, инчунин аз синни муқаррарнамудаи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо ҳуқуқи интихоб шуданро дорад. Шаҳрвандоне, ки аз тарафи суд ғайри қобили амал дониста шудаанд ва ё мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрумшудагон нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқи дар интихобот ва раъйпурсӣ иштирок кардан надоранд. Тартиби гузаронидани интихоботро қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо танзим менамоянд, ва баргузории раъйпурсӣ тибқи қонуни конститутсионӣ сурат мегирад[1].

Ҳамин тариқ санадҳои ҳуқуқи байналмилалии интихобот ба қонунгузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ду намуди санадҳо ҷудо намудан мумкин аст:

1) Санадҳои байналмилалии унверсалӣ;
2) Санадҳои байналмилалии минтақавӣ.

Бояд қайд намуд, ки ба санадҳои байналхалқии унверсали ин Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10-ми декабри соли 1948, Паймони байналмилали оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ-сиёсӣ, аз 16-уми декабри соли 1966, Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва ғ.

Ба санадҳои байналмилалии минтақавӣ бошад Оиномаи ИДМ, санадҳои Асамбляи байнипарлумонии ИДМ, Ассамблеяи парлумонии Шӯрои Аврупо № 1264 (2001), Конвенсия оид ба стандартҳои интихоботи демократӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои интихоботӣ Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил.

Дар қонунгузории Федератсияи Русия оварда шудааст, ки Президенти Федератсияи Русияро шаҳрвандони Федератсияи Русия дар асоси ҳуқуқи интихоботи умумӣ, баробар ва мустақим бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб мекунанд. Иштироки шаҳрванди Федератсияи Русия дар интихоботи Президенти Федератсияи Русия озод ва ихтиёрист.

Бояд қайд намуд, ки дар Кодекси интихоботии Ҷумҳурии Узбекистон оварда шудааст, ки Интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, вакилони палатаи қонунгузорӣ ва вакилони маҷлисҳои маҳаллӣ умумӣ мебошад. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки то рӯзи интихобот ба синни 18 расидаанд, ҳуқуқи овоздиҳӣ доранд. Шаҳрвандон сарфи назар аз ҷинс, нажод ва миллат, забон, муносибат ба дин, пайдоиши иҷтимоӣ, эътиқод, вазъи шахсӣ ва иҷтимоӣ, маълумот, намуд ва хусусияти машғулият, ҳуқуқи баробари интихобот доранд.

*Бояд тазакур дод, ки моҳияти иннавъи низоми интихобот, ки тақрибан дар бист кишвари ҷаҳон, аз ҷумла дар Камерун, Хорватия, Япония, Кореяи Ҷанубӣ, Руссия, Гвинея, Сомали ва ғайра мавриди истифода қарор мегирад иборат аз муттаҳид сохтани интихоботии мутаносиб, ки асоси онҳо рӯйхати ҳизбӣ ва низоми интихоботии*

*аксарият (majorite), ки ассоси онро намоядагӣ аз ҳавзаҳои якмандата ташкил медиҳад, мебошад[7,25].*

Меъёрҳое, ки дар Конститутсия дарҷ шудаанд дар санади байналмилалӣ аз ҷумла дар моддаи Моддаи 21 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 муаян шудааст, ки "Ҳар як инсон ҳақ дорад, бевосита ё ба воситаи намояндагоне, ки озодона интихоб шуданд, дар идораи корҳои кишвари худ ширкат намояд". Иродаи халқ бояд асоси ҳокимияти ҳукумат бошад; ин ирода бояд ба воситаи интихоботи давра ба давра ва бидуни сохтакорӣ, ки дар сурати мавҷудияти ҳаққи интихоботи умумӣ ва баробар бо роҳи овоздиҳии пинҳонӣ ё тавассути шаклҳои дигари баробар, ки овоздиҳии озодонаро таъмин менамоянд, ба амал бароварда мешавад[2].

Бояд қайд намуд, ки дар моддаи 21-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳуқуқи иштирок дар идоракунии корҳои давлатро бевосита ё тавассути намояндагони интихобкардаи худ пешбинӣ мекунад[2]. Дар Эъломия ҳамчун принсипи ҳатмӣ дар интихоби намояндагон озодии интихоб ишора шудааст. Дар он хамчунин принципи муайян карда шуда буд, ки хокимияти хукумат (яъне намояндагоне, ки халк интихоб мекунанд) бояд ба иродаи халк асос ёбад. Охирин, дар навбати худ, дар интихобот сурат мегирад, ки он бояд озод, давра ба давра бошад ва бо ҳуқуқи интихоботии баробар сохта нашавад.

Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ҳуқуқи халқҳоро ба худмуайянкунӣ муқаррар мекунад, ки аз он ҳуқуқи озодона муайян кардани мақоми сиёсии худ бармеояд (моддаи 1). Ҳуқуқи иштирок дар идоракунии корҳои ҷамъиятӣ мустақиман ё тавассути намояндагони интихобкардаи он тавассути Паймон бо шаҳрвандӣ алоқаманд аст. Дар мавриди интихобот, ҳуқуқи интихоб ва интихоб шудан бо риояи талаботе, ки дар Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (моддаи 25) муқаррар шудааст, муқаррар карда мешавад[3]. Муқарраротдар бораи алоқаи шаҳрвандӣ бо ҳуқуқи иштирок дар идоракунии корҳои давлат низ ба мукаррароти Эъломияи хукуки инсон нисбат ба шахсоне, ки шахрванди давлати истикоматиашон нестанд, мувофик аст барои чунин ҳуқуқ нисбат ба хориҷиён[14].

Бар асоси ин принсипҳо, Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон (моддаи 16) имкони ҷорӣ кардани маҳдудиятҳо ба фаъолияти сиёсии хориҷиёнро фароҳам меорад[4].

Як қатор принсипҳои ҳуқуқи интихобот дар Конвенсия оид ба стандартҳои интихоботи демократӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои интихоботӣ дар давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил муқаррар карда шудаанд:

- афзалияти принсипҳо ва нормаҳои аз тарафи умум эътирофшудаи байналхалқӣ
- ҳуқуқ;
- эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд;
- инкишоф додан ва такмил додани тартиботи демократӣ, низомҳои ҳокимияти намояндагӣ, анъанаҳои ифодаи иродаи халқ дар рафти интихобот (бо назардошти анъанаҳои миллии давлатҳои иштироккунанда ва хусусиятҳои тараққиёти таърихӣ)[5].

Дар Конвенсия интихобот ба як воситаи ҳуқуқии таъмини суботи ҷомеа ва рушди давлат аҳамият дода мешавад. Интихоботи демократӣ яке аз шаклҳои бевосита амалӣ гардондани демократия ва асоси мақомотҳои интихобии ҳокимияти давлатӣ ва мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ эътироф карда мешавад. Дар байни шартхои гузаронидани онҳо чунин хислатҳои интихобот, аз қабили ҳатмӣ ва даврагӣ, одилона,

ҳуқуқи баробарии интихоботӣ, озодии интихобот, ошкорбаёнӣ, инчунин кафолатҳои ҳуқуқҳои интихобот (моддаи 1) номбар шудаанд.

Конвенсия ҳамчун асоси баргузории интихоботро дар конститутсия ва қонунгузории милли давлатҳо нишон медиҳад, дар ҳоле ки мутобиқи қисми 3 моддаи 1 Конвенсия ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрванд бо конститутсия ё қонун муқаррар карда мешаванд ва тартиби татбиқи ин ҳуқуқҳо бо қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи танзим карда мешаванд.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар ҳуқуқи байналмилалӣ ба масъалаҳои баррасишаванда таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Ҳуқуқи иштирок дар идораи корҳои давлат, ҳуқуқи интихоб кардани мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ҳамчун намояндаи халқ яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд ва дар айни замон шакли фаъолияти бевоситаи худ мебошад. Интихобот ҳатмӣ ва давравӣ мебошад. Дар баробари ин, ҳуқуқи байналмилалӣ имкони ширкат дар интихоботро бо мавҷудияти шаҳрвандӣ мепайвандад.

Дар Конститутсияи ҶТ тартиби муфассали оид ба вазъи ҳуқуқии ва интихоботи Президенти ҶТ дар боби 7 моддаиҳои 64, 65, 66, 67, 68, 69, 70, 71, 72 бахшида шудааст. Ба ақидаи М.В.Баглай дар Конститутсияи Федератсияи Россия моддаи алоҳидае вуҷуд надорад, ки омодаги оид ба гузаронидани интихоботи Президенти Федератсияи Россияро танзим намояд[8,35].

Ба гуфтаи Н.А.Михалева, Конститутсияи Федератсияи Русия анъанаҳои давраи шӯравиро дар таърихи Русия нигоҳ надошт, ки дар ҳар як конститутсияи қабулшуда ҳатман қисмат оид ба ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон, низоми интихоботӣ мавҷуд буд[12,5].

Дар асоси мазмунҳои овардашуда дар мамлакате, ки дар он сохибихтиёрии халк эълон ва дар амал таъмин карда шудааст, бояд мазмуни конунии интихобот бошад. Ин хулоса дар суханони В.И.Фадеев низ тасдиқ мегардад, ки намояндагии халқ дорои хусусияти маънавӣ, мазмуни маънавию ахлоқӣ мебошад [16,5].

Яке аз вазифаҳои интихоботи президентӣ ба намояндагони алоҳидаи халқ додани ҳокимияти давлатӣ мебошад, зеро тавре ки А.Д.Керимов дуруст қайд кардааст, идоракуниро тамоми ҷамъият амалӣ карда наметавонад[11].

*Яке аз ҳуҷҷатҳои байналмилалии ҳуқуқие, ки онро Тоҷикистон эътироф намудааст, «Санади Коппенгаген» (1990) мебошад, ки Созмони амнияту ҳамкории Аврупо (Минбаъд-САҲА) таҳия кардааст. Ин санади бунёдӣ ба аҳамияти интихобот ҳамчун воситаи таъмини шаҳрвандон бо ҳуқуқи иштирок дар ҷараёни сиёсӣ ва идораи кишвари худ таъкид мекунад. Моддаи 7 «Санади Коппенгаген» принсипҳои интихоботи демократа, озод ва кушодаро муқаррар мекунад. Дар он гуфта мешавад: «ба хотири он ки иродаи мардум ҳамчун асоси салоҳияти ҳукумат хидмат кунад, имзокунандагони ин мувофиқатнома бояд:*

*- интихоботи озодро дар фосилаи асосманд мутобики муқаррароти қонун баргузор намоянд;*

*-иҷозат диҳанд, ки ақалан ҳамаи ҷойҳои як палатаи мақоми қонунгузори миллӣ аз тариқи овоздиҳии умумихалқӣ интихобот карда шаванд;*

*-ҳуқуқи интихоботии ҳамагонӣ ва баробарро ба ҳамаи шаҳрвандони болиғ кафолат диҳанд;*

*-кафолат диҳанд ба он, ки овозҳо аз тариқи бюллетени махфӣ ё тартиби озод ва баробари овоздиҳӣ дода мешаванд ва онҳо аз рӯи виҷдон ҳисоб карда шуда, бо натиҷаҳои расмӣ ба ҷомеа гузориш дода мешаванд;*

*-ба он кафолат диҳанд, то номзадҳое, ки шумораи лозими овозҳоро мутобиқи муқаррароти қонун ба даст овардаанд, ба мақоми муайяншуда таъин гарданд[6,9-10].*

Ҳамин тариқ, интихобот як шакли иштироки шаҳрвандон дар татбиқи демократия бо роҳи додани шахсони интихобшуда ба намояндагони ваколатҳо оид ба иҷрои вазифаҳои ҳокимияти худ дар мақомоти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мувофиқи ирода ва манфиатҳои халқ мебошад. Интихобот тавассути расмиёти оммавӣ ва ошкоро гузаронида мешавад, ки маълумот дар бораи он дар моликияти ҷамъиятӣ қарор дорад.

Интихобот интихоби роҳи муайяни рушди ҷомеа, роҳи раҳоӣ аз вазъи бӯҳронӣ, роҳи рафъи мушкилоти доғи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, қабул ё рад кардани идеяҳо аз ҷониби ҷомеа, табодули афкор аз ҷониби мардум мебошад.

Чи тавре, ки В.С.Нерсесянц навишта буд, ки «адолат дар асл одилона аст, зеро вай дурустии умумибашариро тачассум ва ифода мекунад ва ин дар шакли окилонаи худ конунияти умумибашарй, яъне мохият ва ибтидои хукук, маънои принципи хукукии баробарии умумиро дорад»[13].

Бояд хорин нишон намуд, ки принсипи интихоботи озод принсипест, ки дар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ инъикос ёфтааст. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (моддаҳои 18, 19, 25), Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон (Моддаи 10).

Дар чаласаи 52-юми Комиссияи Венетсия дар 18-19 октябр ва 30 октябри соли 2002 бармеояд, ки принсипи интихоботи озод (принсипи овоздиҳии озод) дар озодона ташаккул додани акидаи интихобкунанда ва озодона баён кардани ин фикр (тартиби овоздихии озод ва боэътимод муайян кардани натичахои интихобот). Дар гузориш ба он таъкид шудааст, ки интихоботи озод аз ҷониби давлат тавассути беғаразии худ таъмин карда мешавад. Аз ҷумла, ин ба иштирок дар инъикоси интихобот аз ҷониби воситаҳои ахборӣ омма, гузаронидани таблиғоти интихоботӣ, таъмини ҳуқуқи баргузории чорабиниҳои оммавӣ дорои хусусияти таблиғотӣ дахл дорад. Давлат вазифадор аст, ки ба интихобкунандагон дар бораи номзадҳо маълумот диҳад, ба омма расонида шудани ин маълумотро таъмин намояд, ба кӯшишҳои монеа ба ташаккули озодонаи афкори интихобкунандагон пешгирӣ намояд[9].

*Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қисмати таркибӣ ва ҷудонашандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ якчанд шартномаҳои байналмилалиро имзо кардааст, ки дар онҳо меъёрҳои интихобот демократа оварда шудааст. Масалан, дар Эъломияи ҳуқуки башар, ки яке аз санадҳои муҳимтарини сатҳи байналмилалӣ буда, аз ҷониби Маҷлиси умумии Созмони Милали Муттаҳид дар соли 1948 қабул гардидааст, нақше, ки интихоботи озод ва шаффоф дар кафолати ҳуқуқи бунёдӣ ва умумӣ ба ҳукумати демократӣ ва намоядагӣ бозӣ мекунад, эътироф шудааст. Моҳияту хусусиятҳои интихобот дар моддаи 22 эъломияи мазкур чунин омадааст:*

*«Ҳар инсон ҳақ дорад дар идораи кишвари худ бевосита ва ё ба воситаи намояндагоне, ки озодона интихоб шудаанд, ширкат кунад. Ҳар инсон ба дастрасии баробар ба хадамоти ҷамъиятӣ дар кишвари худ ҳақ дорад. Иродаи мардум бояд поя ва асоси кудрати ҳукумат бошад; ин ирода бояд дар интихоботҳои даврaӣ ва воқеӣ аз тариқи овоздиҳии умумӣ ва баробар, овоздиҳии махфӣ ва ё тартиботи дигари баробар изҳор гардад»[2].*

*Эъломияи мазкур ҳамчун поя ва асос бар санадҳои дигаре ҳисоб мешавад, ки барои эҷоди меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башар ва ҳамчунин системаҳои демократӣ таҳия гаштаанд.*

Ҳамин аст, ки резолютсияи Ассамблеяи парлумонии Шӯрои Аврупо № 1264 (2001) оид ба Кодекси таҷрибаи пешқадам дар масъалаҳои интихобот, ки 8 ноябри соли 2001 қабул шудааст, баргузории мунтазами интихоботи озоду одилонаро яке аз хусусиятҳои муҳими давлати демократӣ номбар кардааст.

Бояд қайд намуд, ки Б.Н.Чичерин ду ҷиҳати ҳуқуқи интихоботиро ҷудо карда, маҷмуи чунин хусусиятҳоро ҳамчун ифодаи озоди ва мақоми ҳокимият номид. Дар баробари ин олим авлавияти ибтидои озодиро қайд намуда, муаян кардааст, ки «ҳуқуқи интихобӣ, пеш аз ҳама, ҳуқуқ аст». Ин ҳуқуқ ба шаҳрванд ҳамчун узви ҷамъият тааллук дошта, ба мақсади баёни андеша ва ҳифзи манфиатҳои ӯ хизмат мекунад. Ҳуқуқ ба маънои субъективӣ озодӣ ё қобилияти амалеро, ки қонун муайян кардааст, фаҳмида мешавад.

Яке аз шартҳои ташаккули ақидаи ҳар як интихобкунанда ба таври инфиродӣ ҳамчун намояндаи халқ ва натиҷаи изҳори ирода дар интихобот дар маҷмӯъ озодии баён аст, ки ҳатто Б.Н.Чичерин онро яке аз сарватҳои бузурги инсоният номидааст, дар айни замон хавфи ниҳоят калони иҷтимоиро дар сурати мавҷуд набудани он нишон дода.

Ҳамин тариқ, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар принсипи афзалиятноки эҳтироми ҳуқуқҳои дигарон, афзалияти муносибатҳои ҷамъиятиро ҷиҳати ҳифзи амнияти давлат, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқиро муқаррар кардааст. (Моддаи 18, 19).

Бо андешаи О.И.Чепунов, қонунҳои федералӣ, ки номиналӣ субъектҳои дигари танзимро доранд, метавонанд мафҳумҳои алоҳидаи ҳуқуқиро муқаррар кунанд, ки барои раванди интихобот аҳамияти калон доранд[15,55].

Ҷамъбасти гуфтаҳои боло, мо метавонем хулоса намоем, ки табиати ҳуқуқии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ аз фаҳмиши конститутсионӣ ва ҳуқуқии ҳамчун шакли олии демократия ва татбиқи соҳибихтиёрии халқ, ва вазифаҳои он, принсипҳои ташкилӣ ва ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Интихоботи Президени Ҷумҳурии Тоҷикистон ин пеш аз ҳама дар интихоби роҳи муайяни рушди босуботи ҷамъият, давлат ва таъмини сулҳу ваҳдатро ифода менамояд.

**Адабиёт**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тайироту иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. –Душанбе: «Нашриёти Ганҷ», 2016. -136.
2. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.10.2022). – 6 с
3. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ. 16 декабри соли 1966. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.10.2022). – 6 с
4. Конвенция о стандартах демократических выборов, избирательных прав и свобод в государствахучастниках Содружества Независимых Государств: заключена в Кишиневе 07.10.2002 // СЗ РФ. — 2005. — № 48. — Ст. 4971.
5. Конвенсия оид ба стандартҳои интихоботи демократӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои интихоботӣ дар давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил: дар Кишинёв 07.10.2002 баста шудааст // СЗ РФ. - 2005. - № 48. - м. 4971.
6. Санади коппенгаген // Раҳнамои нозирони миллӣ. - душанбе, 2005. - с.9-10.
7. Раҳнамои нозирони миллӣ. - САҲА, 2001. - с.25.баглай м.в. президенты Российской Федерации и Соединенных Штатов Америки: роль, порядок выборов, полномочия. — М.: НОРМА, 2008. — С. 35.
8. Вешняков А.А. Стандартҳои байналмилалии интихобот: Маҷмӯаи ҳуҷҷатҳо. – М.: Вес Мир, 2004. – С. 638.

9. Командирова Т.Г. Избирательные права Российских граждан на выборах Президента Российской Федерации: проблемы реализации и гарантии 12 00 02 - конституционное право; муниципальное право. авт.. дисс.. кан.. юрид.. наук. Саратов – 2008. 27с.

10. Керимов А.Д.Ташкили давлатии ҳаёти ҷамъият: масъалаҳои назария: монография. — М.: Норма; Инфра-М, 2014. - С. 80.

11. Михалева Н.А. Парламентские и президентские выборы в России (в вопросах и ответах). 2-е издание, измененное и дополненное. — М.: ЮРКОМПАНИ, 2012. — С. 5.

12. Нерсесянц В.С. Фалсафаи ҳуқуқ: консепсияи ҳуқуқии либертарӣ // Саволҳои фалсафа. - 2002. - № 3. - С. 3-15.

13. Реут Д.А. Информирование избирателей как гарантия реализации активного избирательного права граждан в российской федерации. Дисс... кан.. юрид.. наук. Специальность: 12.00.02 — «Конституционное право; конституционный судебный процесс; муниципальное право».

14. Чепунов О.И. Ҳуқуқи интихобот ва раванди интихобот дар Федератсияи Россия: усули таълим. кӯмакпулӣ / ред. И. С. Яценко. - М.: Академияи давлатии нақлиёти обии Маскав, Донишкадаи ҳуқуқшиносӣ, РАГС дар назди Президенти Федератсияи Россия, 2005. - С.55.

15. Фадеев В. И. Намояндагии миллӣ: қисми 1. Решаҳои таърихию назариявӣ: монография. - М.: Проспект, 2015. - С. 5.

## ВЛИЯНИЕ МЕЖДУНАРОДНОГО ЗАКОНА О ВЫБОРАХ НА ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО О ВЫБОРАХ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**ОЛИМЗОДА МУХАММАДЬЯР АБДУЛХАЙ,**
соискатель Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саид Насира 33.
Тел.: (+992) 933-37-55-56. E-mail:olimzoda5556.mail.ru

*В данной статье анализируются вопросы влияния международного избирательного права на избирательное законодательство Президента Республики Таджикистан. Его всестороннее изучение и анализ стали реальной необходимостью. Именно поэтому Конституция Республики Таджикистан является гарантом прав и свобод человека и гражданина, а в ее статье 27 гражданин имеет право избирать и участвовать в референдумах и выборах с 18 лет, как а также с возраста, установленного Конституцией, конституционными законами и законами, имеет право быть избранным. Таким образом, выборы представляют собой форму участия граждан в осуществлении демократии путем наделения избранных представителей полномочиями выполнять свои обязанности в государственных органах и местных исполнительных органах государственной власти в соответствии с волей и интересами народа. Также в статье 10 Конституции Республики Таджикистан указано, что международно-правовые акты, признанные Таджикистаном, являются неотъемлемой частью правовой системы республики. Если законы республики не соответствуют признанным международно-правовым актам, применяются нормы международных договоров. Законы и международно-правовые акты, признанные Таджикистаном, вступают в силу после их официального опубликования.*

***Ключевые слова:*** *Президент, выборы, международная, правовая, конституционная, организация, законодательство, система, союз, гражданское общество, проблема.*

## THE EFFECT OF INTERNATIONAL ELECTION LAW ON THE ELECTION LEGISLATION OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**OLIMZODA MUHAMMADYOR ABDULHAI,**
applicant of the Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nasir Str.
Phone: (+992) 933-37-55-56. E-mail: olimzoda5556.mail.ru

*In this article, the issues of the impact of international election law on the election legislation of the President of the Republic of Tajikistan are analyzed. Its comprehensive study and analysis has become a real necessity. That's why the Constitution of the Republic of Tajikistan is the guarantor of the rights and freedoms of a person and a citizen, and in its Article 27, a citizen has the right to vote and participate in referendums and elections from the age of 18, as well as from the age specified by the Constitution, constitutional laws and laws. has the right to be elected. Thus, elections are a form of citizen participation in the implementation of democracy by giving elected representatives the power to perform their duties in state bodies and local executive bodies of state power in accordance with the will and interests of the people. It is also stated in Article 10 of the Constitution of the Republic of Tajikistan that the international legal instruments recognized by Tajikistan are an integral part of the legal system of the republic. If the laws of the republic do not comply with recognized international legal instruments, the norms of international instruments shall apply. Laws and international legal instruments recognized by Tajikistan shall enter into force after their official publication.*

***Keywords:*** *President, election, international, legal, constitutional, organization, legislation, system, union, civil society, issue.*

УДК: 342.15

# ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ МОҲИЯТ ВА МАЗМУНИ АМНИЯТИ САРҲАДӢ

**ХАЛИМХАНОВ АМИНҶОН АЛИҶОНОВИЧ,**
унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992)-900-98-19-77. E-mail: Tojik_ba4a@mail.ru

*Дар мақола масъалаҳои моҳият ва мазмуни амнияти сарҳадӣ баррасӣ карда мешавад. Қайд карда мешавад, ки ҳангоми баррасии масъалаҳои амнияти миллии давлат ба ҷузъи сарҳадии он, ки вазъи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҳар як давлат бештар аз он вобаста аст, диққати махсус дода мешавад. Бо дарназардошти таҳлилҳои анҷомдодашуда аз ҷониби муаллиф таърифи мафҳуми амнияти сарҳадӣ дода мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *сарҳади давлатӣ, амнияти сарҳадӣ, амнияти миллӣ, фазои наздисарҳадӣ, қонуни намунавӣ.*

Миёнаҳои асри 20 бо рӯйдодҳои бузурги сиёсӣ қайд карда шуданд, ки дар байни онҳо, пеш аз ҳама, метавон анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва натиҷаҳои онро қайд кард, ки боиси таҳаввулоти куллии муносибатҳои байналмилалӣ, тағйироти назарраси ҳудудии харитаи сиёсии ҷаҳон ва ташаккули сарҳадҳои нави давлатӣ, ташаккули ҷаҳони муташаккили дуқутбаи тартиботи Ялта-Потсдам[1] гардид, ки ба равишҳои асосии тартиботи ҷаҳонии пас аз ҷанг асос ёфта[19], аз ҷониби роҳбарони қудратҳои асосии коалитсияи зиддигитлерӣ - ИҶШС, ШМА ва Британияи Кабир қабул шудаанд.

Ташкили Созмони Милали Муттаҳид — «ташкилоти универсалии байналмиллалӣ, ки бо мақсади нигоҳ доштани сулҳ, амнияти байналмилалӣ ва рушди ҳамкории байни давлатҳо таъсис ёфтааст»[10] низ воқеаи муҳим буд. Бояд қайд кард, ки Оинномаи СММ[11] аввалин дар таърихи муносибатҳои байналмилалӣ шартномаест, ки ӯҳдадориҳои давлатҳоро оид ба риоя ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон муқаррар намуда, ҳамчунин мақсадҳои умумӣ ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалиро муайян кардааст, ки омилҳои асосии низомташкилкунанда мебошанд.

Ба ҳамаи мушкилот ва ихтилофоти сиёсие, ки бо зиддиятҳои байни қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ - Иттиҳоди Шӯравӣ ва Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва иттифоқчиёни онҳо алоқаманд буданд, нигоҳ накарда муколамаи сиёсии 30 сол пеш оғоз шуда дар рафти музокироти Хелсинки идома ёфт, ки аз рӯи натиҷаҳои он Санади хотимавии Машварат оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Европа [12] қабул карда шуд. Ҳуҷҷате, ки сарони 35 давлат имзо кардаанд, як паймони ғайрирасмӣ дар бораи ҳамла накардан дар Европа» гардид ва принсипҳои дахлнопазирии сарҳадҳо, бутунии ҳудудии давлатҳо, бо роҳи осоишта ҳал намудани баҳсҳо, инчунин як қатор дигар муқаррароти якхела муҳимро сабт карданд, ки ба принсипҳои калидии муносибатҳои байналмилалӣ асос шуда, дар Оинномаи СММ баён гардидаанд.

Таҳлили мухтасари таърихии гузаронидашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки амнияти ҳама гуна давлат дар ҳама давру замон аз устувории вазъ дар сарҳадҳои давлатии он ва ҳудудҳои ҳамсояи он вобаста аст.

Дар охири асри XX ва аввалҳои асри XXI ба тамоми ҷаҳони мутамаддин лозим омад, ки бори дигар бо мушкилоти амнияти ҳимоя ва ҳифзи сарҳадҳои давлатии худ рӯ ба рӯ шавад, вале аллакай бинобар равандҳои ҷаҳонишавии[24] иқтисод ва сиёсати ҷаҳонӣ, ки боиси як қатор дигаргуниҳо ва тағйиротҳои марбут ба он мегардад[26], пеш аз ҳама дар фазои наздисарҳадӣ, инчунин соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии бо ҳамроҳии худ универсализатсия ва стандартизатсияро баранда[15].

Равандҳои ба амаломада бо тағйироти динамикии низоми муносибатҳои байналмилалӣ тавсиф карда мешаванд[18], ки дар натиҷаи он дар давлатҳои ҳозира барои аз рӯи қонуну қоидаҳои худ яккаю танҳо тараққӣ кардан амалан имконият намемонад. Масъалаи таъмини амнияти миллӣ аз доираи манфиатҳои як давлати алоҳида гирифташуда берун мебароянд ва вобаста ба ин дар давлатҳо зарурати объективии фаъол гардонидани ҳамкориҳои байналмилалӣ, аз ҷумла дар доираи институтҳои сиёсии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ҳамгироӣ, таъсиси иттифоқҳои гуногун, аз ҷумла ҳарбию сиёсӣ (бо мақсади ба вуҷуд овардани мувозинати қувваҳо), созмонҳои байналмиллалии минтақавӣ ва ғ. ба вуҷуд меояд.

Ин равандҳо фазои геополитикии пасошӯравиро низ бетаъсир намегузошт. Дар робита ба ин, давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо дарки аҳамияти таъмини тамомияти арзии соҳибихтиёрии ҳар як давлати Иттиҳод[20] ва пешгӯии афзоиши назарраси таҳдидҳои амниятӣ, пеш аз ҳама, фаъолияти худро дар самти мустаҳкам намудани сарҳадҳои давлатии миллӣ, инчунин гузаронидани гуфтушуниду машваратҳо оид ба таъмини амнияти сарҳад дар сарҳадҳои берунии давлатҳои иштироккунандаи ИДМ ҷоннок намуданд.

Бояд қайд кард, ки тавофуқоти дар марҳалаи аввал ҳосилшуда миёни кишварҳои ИДМ дар соҳаи сарҳадӣ баъдан заминаи бунёди низоми муштараки (коллективии) амнияти сарҳадро ташкил доданд.

Дар вақти ҳозира тамоюли устувори тавсеа ва тағйир додани тамоми доираи чолишҳо ва таҳдидҳо ба амният, аз ҷумла дар минтақаи наздисарҳадӣ мушоҳида мешавад, сатҳ ва шиддати онҳо босуръат меафзояд, табиат ва ҷуғрофиёи онҳо гуногунранг мегардад. Хавфу хатарҳо ба вазъияти ҷамъиятию сиёсӣ, рафти дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин ба инкишофи алоқаҳои дустона ва мустаҳкам шудани муносибатҳои байналмилалии байни давлатҳои аъзои ИДМ таъсири калон мерасонанд.

Маҳз аз ҳамин сабаб ҳангоми баррасии масъалаҳои амнияти миллии давлат ба ҷузъи сарҳадии он, ки вазъи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҳар як давлат бештар аз он вобаста аст, диққати махсус дода мешавад.

Бояд қайд кард, ки то ба имрӯз низоми муайяни меъёрҳои ҳуқуқӣ ташаккул ёфтааст, ки муносибатҳои ҳуқуқиро дар соҳаи ҳифз ва ҳимояи сарҳади давлатӣ, ҳамкориҳои наздисарҳадӣ, мубориза бо ҷинояткории наздисарҳадӣ танзим менамояд. Дар баробари ин, таҳлили муқоисаи ҳуқуқии қонунгузории миллии давлатҳои аъзои ИДМ, ки муносибатҳои ҳуқуқиро дар минтақаи сарҳадӣ танзим менамояд, аз мавҷудияти шумораи зиёди санадҳои қонунгузорӣ дар ин соҳа нишон медиҳад, ки баъзеи онҳо бо тафовути меъёрҳои ҳуқуқӣ, мухолифат ва номувофиқии мафҳумҳо ва як қатор муқарраротӣ калидӣ тавсиф карда мешавад.

Бо дарназардошти он, ки кишварҳои Иттиҳод зарурати воқеии таъсиси низоми муассири таъмини амнияти сарҳадии давлатҳои аъзои ИДМ-ро дарк мекунанд, дар ин раванд ҳамоҳангсозӣ ва ягонагии минбаъдаи қонунгузории миллӣ дар соҳаи сарҳад нақши муҳим мебозад, зеро ба низоми самараноки муқовимат ба чолишҳои фаромарзӣ ва таҳдидҳо ҳамаи субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ дар самти сарҳадӣ манфиатдоранд.

Мутаассифона, дар айни замон истилоҳи «амнияти сарҳадӣ» дар фазои Иттиҳод ягона нест, инчунин барои шарҳи ягонаи он муносибати возеҳ вуҷуд надорад, гарчанде чун қоида, таърифҳои муосир дар соҳаи амният ва хусусиятҳои онҳо барои қисми бештари онҳо аз ҷиҳати маънӣ ва принсипӣ ба ҳам монананд, ба ҳамдигар мухолиф нестанд[17].

Масалан, дар Ҷумҳурии Беларус амнияти сарҳадӣ ҷузъи таркибии амнияти миллӣ мебошад, ки ҳолати ҳифзи манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ, башардӯстона ва дигар манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат дар сарҳади давлатӣ ва дар фазои сарҳадӣ мебошад, ки мутобиқи Қонун «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Беларус» ва дигар санадҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла бо роҳи ҳифзи сарҳади давлатӣ, фаъолияти гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ, огоҳӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар ҳудуди наздисарҳадӣ таъмин карда мешаванд[6].

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон амнияти сарҳадӣ ба сифати ҷузъи амнияти миллӣ баромад карда, ҳолати ҳифзшавандагии манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ, башардӯстӣ ва дигар манфиатҳои шахсият, ҷомеа ва давлатро дар фазои сарҳадӣ ифода мекунад[7].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ амнияти сарҳадӣ ба сифати ҷузъи амнияти миллӣ баромад мекунад[8].

Дар Россияи муосир мафҳуми истилоҳи «амнияти сарҳадӣ» танҳо дар охири асри 20[22] ба муомилот даромада, сабти расмии худро бошад дар Асосҳои сиёсати сарҳадии Федератсияи Россия[2] гирифтааст, ки дар навбати худ қисми таркибии Стратегияи амнияти миллии Россия то соли 2020[13] буданд.

Мувофиқи ҳуҷҷати қабулшуда дар таҳти амнияти сарҳадӣ ҳолати ҳифзшавандагии манфиатҳои ҳаётан муҳими шахсият, ҷомеа ва давлат дар фазои сарҳадӣ фаҳмида мешавад[3].

Омӯзиши равишҳои илмии консептуалӣ барои муайян кардани ҷойгиршавии амнияти сарҳадӣ дар низоми амнияти миллӣ мавҷуд набудани андешаи ягонаро дар ин масъала тасдиқ мекунанд. Бархе аз олимон ҳангоми тасниф кардани навъҳои амният, амнияти сарҳадро ба як ҷузъи амнияти ҳарбӣ дохил мекунанд[21], дигарон бар ин назаранд, ки он ҷузъи калидии амнияти миллӣ аст ва ё ҳатто метавонад ба сифати як навъи мустақили алоҳида амал кунад. Мо оид ба ин масъала мавқеи Д. Шербаковро тарафдорӣ менамоем, ки чунин мешуморад, ки «...ба сифати як навъи алоҳида ҷудо кардани амнияти сарҳадӣ комилан дуруст нест, зеро муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар соҳаи сарҳад инкишоф меёбанд, нисбат ба доираи муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар ҷараёни таъмини амнияти миллӣ инкишоф меёбанд, хеле маҳдудтаранд»[25].

Бо дарназардошти он, ки проблемаи таъмини мавқеъи устувор дар сарҳади берунии давлатҳои аъзои ИДМ аз марҳалаҳои аввали ташаккули ИДМ мавҷуд буд ва дар айни замон дарк намудани он, ки эътимоднокӣ ва амнияти сарҳадҳои берунии давлатҳои аъзои ИДМ то андозае бевосита бо фаҳмиши умумии истилоҳи «амнияти сарҳадӣ» дар мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил алоқаманд буда, имкон медиҳад, ки барои таъмин ва татбиқи минбаъдаи он тадбирҳои мушаххас таҳия карда шаванд, Шӯрои фармондеҳони Қӯшунҳои сарҳадӣ[9] ва Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ қонуни намунавии «Дар бораи амнияти сарҳадӣ»-ро дар соли 2010 таҳия ва қабул кард[4].

Пас аз қабули қонуни намунавии «Дар бораи амнияти сарҳадӣ», ки бо дарназардошти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ таҳия шудааст, ба мақомоти миллии қонунгузории (парламентҳои) мамлакатҳои Иттиҳод ба сифати намунаи истинод, беҳтарин варианти танзими муносибатҳо дар соҳаи сарҳадӣ оид ба масъалаҳои таъмини амнияти сарҳадӣ дар сарҳадҳои берунии давлатҳои аъзои ИДМ тавсия дода шуд.

Пеш аз ҳама, қонуни намунавӣ ба минбаъд ҳамоҳангсозӣ ва муттаҳидсозии қонунгузории миллии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар соҳаи сарҳадӣ, инчунин ташаккули асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои марбут ба таъмини амнияти сарҳадии давлат, аз ҷумла муайян намудани мақомоте, ки вазифаҳои таъмини

амнияти сарҳадро амалӣ мекунанд, ваколати онҳо ва тартиби ҳамкории мутақобила ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти сарҳадӣ равона карда шудааст[5].

Дар бораи он қайд кардан зарур аст, ки ҳеҷ кадоме аз кишварҳои узви ИДМ барои истифода аз модели таҳияшуда вазифадор нестанд, аммо тавре таҷриба нишон медиҳад, бисёре аз санадҳои намунавии қабулшуда, аз ҷумла қонуни намунавии «Дар бораи амнияти сарҳадӣ» аз ҷониби парлумонҳои мамлакатҳои Иттиҳод дар кори такмил додани конунгузории миллии худ фаъолона истифода мешаванд[14].

Бешубҳа, мақсади ниҳоии таҳиягарони чунин санадҳои ҳуқуқӣ эҷоди майдони ягонаи ҳуқуқӣ мебошад, ки ба таҳияи механизмҳои самараноки мубориза бо ҷомеаи ҷиноии фаромарзӣ дар фазои ИДМ нигаронида шудааст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои дар боло зикршуда мо таклиф менамоем, ки истилоҳи “амнияти сарҳадӣ”-ро ба сифати таърифи консептуалии амнияти сарҳадӣ, ки маҳз дар қонуни намунавӣ сабт шудааст, истифода бурд, зеро ба андешаи мо, ин бо хусусиятҳои таҳқиқоти анҷомдодашавандаи мо вобаста аст, ки омӯзиши вазъияти амнияти сарҳадиро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, дар таҳти амнияти сарҳадӣ қисми таркибии амнияти миллии давлат фаҳмида мешавад, ки ҳолати ҳифзшавандагии манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ, башардӯстона ва дигар манфиатҳои шахсият, ҷомеа ва давлатро дар сарҳади давлатӣ ва фазои сарҳадӣ ифода намуда, мутобики санадҳои давлат, аз ҷумла бо роҳи амалӣ намудани муҳофизати сарҳади давлатӣ, фаъолияти гузаргоҳи сарҳади давлатӣ, пешгирӣ ва рафъи ҳуқуқвайронкуниҳо дар ҳудуди наздисарҳадӣ таъмин карда мешавад.

Зимнан, ҳамин гуна мафҳум дар Маҷмӯаи мафҳумҳо, истилоҳот ва таърифҳое, ки мақомоти сарҳадии давлатҳои аъзои ИДМ дар таҷрибаи байналмилалӣ истифода мебаранд, баён карда шудааст, ки бо Қарори Шӯрои фармондеҳони Қӯшунҳои сарҳадӣ аз 7 октябр соли 2011 тасдиқ шудааст[23].

Қайд кардан зарур аст, ки сатҳи амнияти сарҳадӣ ҳамчун ҳолати ҳифзшавандагии манфиатҳои ҳаётан муҳими шахсият, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои эҳтимолӣ ва воқеӣ дар соҳаи сарҳад муҳимтарин ва басо дақиқтарин нишондиҳандаи тавонмандии ҳар як давлат мебошад. Дар баробари ин, амнияти сарҳадӣ нақши яке аз маҳакҳои асосии арзёбии натиҷаҳои татбиқи сиёсати сарҳадии анҷомдодашавандаро мебозад[16].

Таҳлили вазъи сатҳи амнияти сарҳадиро гузаронида, бояд қайд кард, ки мушкилоти таъмини он ҳануз ҳам муҳим буда, таҳия ва татбиқи ҳарчи зудтари равишҳои консептуалиеро тақозо мекунад, ки ба воқеияти муосир ҷавобгӯ буда, ба таври муассир ба маҷмӯи пурраи чолишҳо ва таҳдидҳо ба амният дар соҳаи сарҳад муқовимат карда тавонанд.

Ба андешаи мо, ба мақсад мувофиқ аст, ки низоми амнияти сарҳадӣ тавре сохта шавад, ки хатарҳои эҳтимолӣ ба амният дар соҳаи сарҳад бо роҳи татбиқи тадбирҳои пешгирикунандаи ҳамоҳангшуда ҳатто дар марҳилаҳои аввалин пешгӯӣ, пешгирӣ ва рафъ карда шаванд.

**Адабиёт**


1. Асоси тартиботи Ялта-Потсдамро қарори қабулнамудаи Иосиф Сталин, Франклин Рузвелт ва Уинстон Черчилл дар рафти конференсияҳои байналмилалӣ дар Ялта (4-11 феврали соли 1945) ва Потсдам (17 июл-2 августи соли 1945) ташкил медиҳад.

2. Асосҳои сиёсати сарҳадии Федератсияи Россия: аз ҷониби Президенти Федератсияи Россия 5 октябри соли 1996 тасдиқ шудааст.

3. Асосҳои сиёсати сарҳадии Федератсияи Россия: аз ҷониби Президенти Федератсияи Россия 5 октябри соли 1996 тасдиқ шудааст, б. 3.2.

4. Дар бораи амнияти сарҳадӣ: қонуни намунавӣ: Бо Қарори Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ аз 28 октябри соли 2010 № 35-10 қабул шудааст, мод. 2.

5. Дар бораи амнияти сарҳадӣ: қонуни намунавӣ: Бо Қарори Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ аз 28 октябри соли 2010 № 35-10 қабул шудааст, дебоча.

6. Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Беларус: Қонуни Ҷумҳурии Беларус аз 21 июли соли 2008. № 419-3, мод. 1.

7. Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Қазоқистон: Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон аз 16 январи соли 2013. № 70-У ЗРК, б. 27, мод. 2.

8. Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 1997. № 481, мод. 3.

9. О создании Совета командующих Пограничными войсками: Решение Совета глав государств СНГ от 6 июля 1992 г.

10. Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид аз 26 июни соли 1945. Дебоча.

11. Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид аз 26 июни соли 1945 (дар аввал ҳуҷҷатро намояндагони 50 давлат + 1 (Полша 15 октябри соли 1945) имзо карданд, дар вақти ҳозира шумораи давлатҳои аъзои СММ аз 190 мамлакат зиёд мебошад).

12. Санади хотимавии Машварат оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Европа аз 1 августи соли 1975.

13. Стратегияи амнияти миллии Россия то соли 2020: бо Фармони Президенти Федератсияи Россия аз 12 майи соли 2009 № 537 тасдиқ шудааст.

14. Александрова О.А. Материалы международной научной конференции Содружество Независимых Государств: достижения, проблемы, перспективы // Вестник Межпарламентской ассамблеи СНГ. 2012. № 2 (62) С. 70.

15. Безопасность и международное сотрудничество в поясе новых границ России: монография / АЛО. Быков, В.А. Колосов и др. / Под ред. Л.Б. Вардомского и С.В. Голунова. - М.: Волгоград: НОФМО, 2002. С. 26.

16. Безопасность и международное сотрудничество в поясе новых границ России: монография / А.Ю. Быков, В.А. Колосов и др. / Под ред. Л.Б. Вардомского и С.В. Годунова. - М.: Волгоград: НОФМО, 2002. С. 57.

17. Бондаренко М. В. Безопасность как социальная категория: формирование категориально-понятийного аппарата. Наука и практика. - Орел: Орловский юридический институт МВД России, 2010. С. 18-19.

18. Зеленков М.IO. Правовые основы общей теории безопасности Российского государства в XXI веке. - М.: Юридический институт МИИТа, 2002. С. 4.

19. История международных отношений. 1945-2008: учеб. пособие для студентов вузов / А.Д. Богатуров, В.В. Аверков. - М.: Аспект Пресс, 2010. С. 15.

20. Манилов АЛ. Материалы международной научной конференции Актуальные проблемы в реализации согласованной пограничной политики государств - участников СНГ и пути их решения. - Минск. 2011. 29-30 ноября.

21. Правовая основа обеспечения национальной безопасности Российской Федерации: монография / Ю.И. Авдееев, С.В. Аленкин, В.В. Алешин и др. / Под ред. А.В. Опалева. - М.: Юнити-Дана, 2004. С. 91.

22. Родачин В.М. Понятийно-категориальный аппарат теории пограничной безопасности // Вестник границы России. 1996. № 7. С. 41—42.

23. Сборник основных понятий, терминов и определений, используемых пограничными ведомствами государств - участников СНГ в международной практике. / Под общ. ред. А.Е. Гончара, А.А. Варакина, В.Д. Неищенко. М.: Граница, 2012. С. 169.

24. Тынянова О.Н. Национальный суверенитет и государственные границы в эпоху глобализации // Век глобализации. 2010. № 1 (5).

25. Щербаков Д.А. Правовое обеспечение пограничной безопасности Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. - М.: 2005. - С. 30.

26. Ярошенко А.В. Проблемные пути концептуализации трансграничья // Известия Российского государственного педагогического университета им А.И. Герцена. 2012. № 3. С. 41.

# ПО ВОПРОСАМ СУЩНОСТИ И СОДЕРЖАНИЯ ПОГРАНИЧНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

**ХАЛИМХАНОВ АМИНЧОН АЛИЧОНОВИЧ,**
соискатель кафедры административного права и государственной службы
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саид Насира, 33.
Тел.: (+992) 900-98-19-77. E-mail: Tojik_ba4a@mail.ru.

*В статье рассматриваются вопросы сущности и содержания охраны границы. Отмечается, что при рассмотрении вопросов национальной безопасности государства особое внимание уделяется ее пограничной составляющей, от которой зависит положение всех сфер жизни каждого государства. С учетом проведенного автором анализа дается определение понятия пограничной безопасности.*

***Ключевые слова:*** *государственная граница, пограничная безопасность, национальная безопасность, пограничное пространство, модельный закон.*

# ON THE ESSENCE AND CONTENT OF BORDER SECURITY

**KHALIMKHANOV AMINJON ALIJONOVICH,**
applicant of the Department of Administrative Law and Public Service of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nasir str.
Phone: (+992) 900-98-19-77. E-mail: Tojik_ba4a@mail.ru

*The article deals with the essence and content of border protection. It is noted that when considering issues of national security of the state, special attention is paid to its border component, on which the position of all spheres of life of each state depends. Taking into account the analysis carried out by the author, the definition of the concept of border security is given.*

***Key words****: state border, border security, national security, border space, model law.*

## ИЛМҲОИ СИЁСӢ - ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

УДК: 323

# НАҚШИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА ЭҲЁИ ТАМАДДУНИ ОРИЁИҲО

**ШОЗИЁЕВА ГУЛМО ПАРВОНАШОЕВНА,**
доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 935-47-78-93. E-mail: gulmoh@mail.ru
**ОДИНАЕВА САФАРМО НУРУЛЛОЕВНА,**
и.в. муаллими калони кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 934-10-91-32. E-mail: odinaevas@mail.ru

*Дар ҳар давру замони таърихӣ ориёиҳо дорои тамаддуни ғанӣ буда, бо арзишҳои маданӣ, маънавӣ, фарҳангӣ ва ахлоқии хеш дар ташаккули тамаддуни башарӣ мақоми азим гузоштанд. Дар ин муддат ҳарчанд тӯли ҳазорсолаҳо ориёиҳо бо равандҳо ва таззодҳои мухталифи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва равонӣ рӯ ба рӯ гардидаанд, онҳо тавонистанд арзишҳои маънавию маърифатии худро нигоҳ доранд.*

*Дар замони муосир, ки замони ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати техникаву технология мебошад, бештари афрод танҳо рӯ ба дунявият ва ҳаёти зоҳирӣ овардаанд ва аз арзишҳои маънавӣ ба маротиб дар канноранд. Ҳамин тавр, халқи тоҷик ки аз қадимулайём дорои арзишҳои маънавию ақлиянд, тавонистанд то замони мо арзишҳои мазкурро нигоҳ доранд.*

***Калидвожаҳо:*** *тамаддун, башар, арзишҳои маънавӣ, раванд, ахлоқ, ориёӣ, мақом, муосир, ватандӯстӣ, вижагӣ, миллат, ҷаҳоншавӣ.*

Тамаддуни ориёӣ бо арзишҳои маданӣ, маънавӣ, фарҳангӣ ва ахлоқии хеш дар ташаккули тамаддуни башарӣ мақоми бузург дорад. Ҳарчанд тӯли ҳазорсолаҳо ориёиҳо бо равандҳо ва таззодҳои мухталифи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва равонӣ рӯ ба рӯ гардидаанд, онҳо тавонистанд арзишҳои маънавию маърифатии худро нигоҳ доранд.

Асри XXI бо вуҷуди тамоюли ҷаҳонишавӣ аз ҷумлаи марҳалаи мушкили арзишҳои маънавӣ-фарҳангӣ ва ахлоқӣ ба ҳисоб меравад, аммо инсоният новобаста аз ҳаргуна тағйироти босуръати илму технология ба арзишҳои аҷдодии хеш рӯ оварда, онро эҳё мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз яке аз меросбарони тамаддуни ориёӣ буда, даврони истиқлоли кишвар аз марҳалаҳои пурарзиши халқи соҳибтамаддун, соҳибзабон ва ориёитабори тоҷик маҳсуб меёбад, ки суннат ва анъанаҳои аҷдодӣ эҳё ва таҳким меёбанд. Маҳз дар масири давлатдории соҳибистиқлолии кишвар халқи бузургсолору бузургманиш дар сарнавишти ҳазорсола ҳастии миллати хешро дарёфт, ки он боиси муттаҳидии тоҷикони ҷаҳон гардидааст.

Зимни суханҳои дар боло зикргардида маълум мегардад, ки дастовардҳои азими тамаддуну фарҳанги миллӣ барои насли оянда заминаи устувор фароҳам меоварад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати муосири мутамаддини ҷаҳон агар аз як тараф ба арзишҳои дунявӣ такя карда бошад ҳам, аз тарафи дигар ба арзишҳои маънавию маърифатӣ аҳамияти ҷиддӣ медиҳад, ки дар ҳар ду ҷониб ба муваффақиятҳои зиёд ноил гаштааст. Гуфтан зарур аст, ки дастовардҳои дар тӯли 30-соли Истиқлоли кишвар ба дастомада ва мавқеи ҷаҳонӣ гирифтани онҳо бо саъю талош ва заҳматҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобастаанд.

Ҷиҳати арҷ гузоштан ба мероси маданӣ ва фарҳангии куҳан соли 2006 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба вижа аз ҷониби Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон «Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ» эълон гардид. Ҳадафи ин иқдом арҷ гузоштан ба табори хеш ва ба насли оянда гузоштани тамаддунсозу маданиятпарвар ва фарҳангофарини тоҷик пулеро месозад, ки насли имрӯзаро ба оянда мепайвандад.

Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 апрели соли 2006 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд: «Эътимоди комил дорам, ки миллати озодаву сарбаланд ва бостониву соҳибтамаддуни тоҷик метавонанд барои ояндаи шукуфон ва рушду нумӯи сарзамини аҷдодии хеш корҳои аз ин ҳам бузургтарро анҷом диҳад» [1, с.1].

Давлатдории халқи ориёитабори тоҷик аз Ҳахоманишиҳо то Сомониён ва хосса замони Истиқлол дар саҳифаҳои таърих бо хатти зарҳалин навишта шудааст.

Дар ин росто Сарвари мамлакат чунин ибрози андеша намуданд: «Таърихи ҳазорсолаҳои дуру наздик гувоҳ аст, ки оини давлату давлатдории тоҷикон сахтиҳои хорошикани таназзулу эҳёро борҳо аз сар гузаронда, аз дунболи ҳар шикасту инқирози чашмрас, боз эҳёшавӣ ва камолоти афзунтарро ноил гаштааст. Ин рисолати таърихиро, ки дар раванди давлатдории ҷаҳон назир надорад, метавон фарҳанги давлатдории тоҷикон номид» [8, с. 146].

Боиси хушбахтист, ки бо ба сари қудрат омадани Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо баракати Истиқлол арзишҳои маънавии тоҷикони ориёитабор пос дошта шудаанд.

Дар зарфи 30-соли Истиқлоли кишвари маҳбуб, анъанаҳои орифонаву ориёнаи хешро на танҳо эҳё намуданд, балки онҳоро рушду такомул доданд. Роҷеъ ба ин ду нуктаи арзишманди анъанавиро зикр кардан ба маврид аст:

- *арзишҳои моддӣ*, яъне бунёду шаҳрсозиву роҳсозӣ, ки дасту ҳунари пешдодонамон ба ҳисоб меравад, амалӣ намуд. Ҳамчунин рушди соҳаҳои гуногуни илмӣ, аз қабили тиб, саноату энергетика, муҳандисӣ, техникаву технология ва ғайра мақоми худро ишғол намуданд. Мутахассисон ва соҳибкасбони соҳаҳои мазкур саъю кӯшиш мекунанд, ки аз пешинагони хеш таҷриба андӯзанд ва онро бо усулҳои навтарину муосир амалӣ намоянд.
- *арзишҳои маънавӣ*, афкори васеъ ва донишҳои қавии мардуми соҳибилмро дарбар гирифта, арзишҳои ботинии онҳоро дар байни ҷаҳониён муаррифӣ менамояд. Ба қатори омили мазкур маконҳои мухталифи маданиву маърифатӣ, аз қабили мактабу марказ ва донишгоҳу донишкадаҳо ва дигар муассисаҳо бунёд ёфтаанд, ки нерӯи зеҳнии халқи ориёитабори тоҷик маҳсуб меёбанд.

Таҳаввулоти маданӣ ва маърифатӣ ба рушди илму маориф ва фарҳангу маданият алоқамандии зичро касб менамоянд. Ин аст, ки барои нерӯи ақлӣ ва руҳии аз ҷониби Сарвари давлат ба самтҳои илмомӯзӣ, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва қадима, ки маншаъ аз аҷдодони ориёиямон мегирад, аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд. Пеш аз ҳама иқдоми мазкур барои наврасону ҷавонон ироа гардидааст, ки дар зарфи 30-соли Истиқлоли кишвар самараи хубро додааст.

Дар заминаи «Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ»ҳама гуна тадбирҳои моддиву маънавӣ ироагардида саривақтӣ ва ҷолиб буда, ба шууру ҷаҳонбинии тоҷику тоҷикистониён, дар маҷмӯъ ориёитаборон ҷилои нав бахшид. Ногуфта намонад, ки халқи тоҷик аз пешниҳоди чунин иқдоми хирадмандонаи Пешвои миллат пуштибонӣ намуда, якдилона онро дастгирӣ ва қабул намуданд.

Ҳаргуна ташаббуси созанда ва эҳёи арзишҳои наҷиби ориёнаи Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо дар байни тоҷиктаборону тоҷикзабонон, балки дар

арсаи байнамилалӣ мақому манзалати баландро гирифт. Аз ин рӯ, дар айни замон дар ҳар гӯшаву канори дунё халқи тоҷик аз ориёӣ будани худ мефахрад.

Дар баробари дигар андешаҳои хирадмандонаи Сарвари мамлакат амалӣ ва эҳё намудани ҳамаи суннатҳои ориёиҳо ҷойгоҳи вижаро касб намудааст. Вобаста ба ин, идҳои қадимаи ориёии халқи тоҷик, чун Сада, Наврӯз, Тиргон ва Меҳргон дар арсаи байналмилалӣ бо тамоми нозукиҳояш ҷашн гирифта мешаванд. Дар ин росто дар арафаи идҳои қадима симпозиуму конфронсҳо, форум ва ҷашнҳои сатҳи байналмилалӣ баргузор мегарданд.

Маҳз таҷлили бошукуҳи ҷашну ҳамоишҳои аҷдодӣ ифтихори умумимиллӣ аст, ки Роҳбари кишвар низ бо ғурури баланди миллӣ ифтихор мекунад: «Ва мо, тоҷикон, ки дар баробари як силсила миллатҳои дигар меросдори мустақими ориёиҳои хирадманду некандеш ҳастем, бо гузаштаи пурбори худ ифтихор мекунем, онро меомӯзем ва наслҳои имрӯзу фардои миллатамонро тавре тарбия карда, ба камол мерасонем, ки онҳо низ тавонанд ба ганҷинаи тамаддуни башар дурдонаҳои пурқимат ҳамроҳ намоянд ва барои боз ҳам беҳтару гуворотар шудани зиндагии ояндаи худ ва дигарон ҳиссагузор бошанд» [7, с. 142].

Ориёӣ будани халқи тоҷик аз рӯи вижагиҳои зерин муайян карда мешавад:

- вижагиҳои таърихӣ
- вижагиҳои забонӣ;
- вижагиҳои фарҳангӣ;
- вижагиҳои адабӣ;
- вижагиҳои моддӣ.

Лозим ба ёдоварист, ки вижагиҳои таърихӣ маҷмӯи вижагиҳои ориёӣ будани халқу миллатҳои куҳан, чун тоҷиктаборону тоҷикзабононро нишон медиҳад. Ба хусус, вижагиҳои таърихӣ гувоҳи ҳақиқӣ будани аслу насаби хеш, забон, фарҳанг, адабиёт ва дастовардҳои азими моддиву маънавиро ба оламиён муаррифӣ месозад. Маҳз боиси вижагиҳои мазкур халқи тоҷик аз давлатдории бою рангин ва калому осори пурарзиш сарчашма мегирад, ки то ҳанӯз чун манбаи башардӯстонаву инсондӯстона мавриди истифодабарӣ қарор мегирад.

Вижагиҳои таърихӣ сарчашма ва катибаҳои мухталифро, ки аз ҷониби ҳафриётшиносон ва муаррихон ба даст оварда шудаанд, дар бар мегирад. Ҳатто арзишҳои ориёиҳо дар осори таърихнависони юнонӣ, ба мисли Ҳеродот, Ариан, Птоломей ва дигарон ҷойгоҳи худро дорад.

Эмомалӣ Раҳмон зимни ба таҳқиқоти таърихӣ даст задан нахустин давлатдориҳои ориёӣ, чун Каёниён, Ҳахоманишиён, Кушониён, Ашкониён, Сосониён, Ҳайтолиён, Сомониён, давлатҳои қадимаи Суғду Бохтар ва Бадахшону Хоразм мавриди пажуҳиш қарор додааст.

Воқеан, то ҳол арзишҳои ориёӣ дар қаламрави Тоҷикистони азиз мавҷуданд. Масалан, нишонаҳои ориёиҳо дар хонаҳои имрӯзаи мардуми Бадахшон ва мавзеъҳову қалъаҳои ҳазорсолаи Ямчун, Қаҳқаҳа, Рошорв, ҷойҳои таърихии Хатлон – Ҳулбук, Чилдухтарон ҷовидон боқӣ мондаанд.

Ба андешаи Сарвари давлат, моҳиятан падидаи таърихиву фарҳангии миллати мо аз ҷавҳари гуманистии тамаддуни ориёӣ, аз замони пайдоиши Авасто, давраҳои гузаштагони бузургамон - аз аҳди давлатдории Каёниён то Сомониён ва тамаддуни оламгири ҳазорсолаҳо сарчашма мегирад.

Фарҳанги ориёӣ, ки мо яке аз меросдорони асили он ҳастем, ба башарият китоби муқаддаси «Авасто»ва нахустин намунаи тамаддуни башардӯстонаро тақдим намуд. Таъсири пурфайзи ин тамаддун аз Ҳинд то Юнон барои вусъати ҷаҳонбинӣ, рушди илму

адаб ва маданияти зиндагиву рӯзгордорӣ бағоят равшан ва арзишманд аст, ки ин ҳақиқатро олимону таърихшиносон кайҳо эътироф намудаанд.

Ба таъкиди Пешвои муаззами миллат, фарҳанги аҷдодии мо бо шиори фарогир ва пурарзиши «Пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек» беҳтарин ва равшантарин орзую омоли инсониятро ҳакимонаву орифона ифода намудааст ва ин суханони пурҳикмат на барои як қавму миллат, балки барои ташаккули афкору рафтори аҳли башар хидмат кардаанд [6, с. 227].

Вижагиҳои забонӣ аз истилоҳи «*ariya*» (“ориёӣ”) маншаъ мегирад. Вижагиҳои забонии халқи тоҷик муҳим буда, забони тоҷикӣ қадимтарин забонҳои дунё ба ҳисоб меравад. Ин забон ба қатори забонҳои ҳиндуаврупоӣ дохил мешавад, ки хоси мардуми ориёиҳо аст. Роҷеъ ба ин масъала баҳсҳои гуногун вуҷуд дорад, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон онро бо баҳсҳои бузургтарин донишмандони ҷаҳон собит кардаанд. Ба вижа, таҳқиқоти забоншиносоне чун Ф.Бопп, А.Шлейхер, Ф.Шлейхер, Ф.Шлегер, В.А.Богородитский, В.М.Жирмунский, М.М. Дяконов, Э.Ҳертсфелд, А.Кис, А.Мейе, Г.Ф.Илин ва дигарон дар омӯзиш ва таҳқиқи Эмомалӣ Раҳмон дар анҷом додани асарҳояшон таҳти унвони “Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ»ва “Тоҷикон дар оинаи таърих: аз Ориён то Сомониён»меҳвари асосӣ ба ҳисоб меравaнд. Вобаста ба ин муаллиф чунин қайд намудааст: «Аз ин шоҳиди таърихӣ собит мегардад, ки Ҳахоманишиён нажод ва забонашонро ориёӣ хондаанд ва онро ба ҳама мардумони кишварҳои мутеи шоҳаншоҳии ҳахоманишӣ ба забонҳои бобулӣ, иломӣ ва оромӣ низ эълом доштаанд ва ба сарзаминҳои гуногун фиристодаанд» [7, с. 28].

Имрӯз миллати тоҷик аз шебу фарози таърих ва озмоишҳои сахту сангини садсолаҳо гузашта бошад ҳам, дастовардҳои фарҳанги асил, ҳуввияти миллӣ, забони ноби модарӣ, илму адабиёти оламгирашро нигоҳ доштааст, ки аз ҷавҳари башардӯстонаи тамаддуни ориёӣ ибтидо мегиранд.

Яке аз омилҳои эътирофкунанда ва муаррифкунандаи халқи тоҷик ҳамчун халқи ориёнажод ин забони миллии тоҷикӣ маҳсуб меёбад.

Дар таърихи ҳар як халқу давлат забон ҳастии он ва нишонаи асосии муайянкунанда ва муттаҳидкунандаи миллат маҳсуб меёбад. Асоси пайдоиши забони давлатии мо ба садсолаҳои пеш аз мелод, ҳанӯз ба даврони забонҳои суғдӣ, бохтарӣ, портӣ ва паҳлавӣ рост меояд.

Мардуми шарафманди тоҷик таърих, фарҳанг ва тамаддуни худро бо ҳамин забон баён намуда, ба ҷаҳониён меросбари забонҳои бостонии ориёӣ будани забони тоҷикиро муаррифӣ кардаанд.

Маҳз муаррифии забони тоҷикӣ аз ҷониби олимону донишмандони сатҳи ҷаҳонӣ тоҷиконро ҳамчун халқи ориёнажод ва яке аз миллатҳои қадимтарин дониста, забони моро аз ҷумлаи забонҳои бостонии ҷаҳон шуморидаанд.

Дар даврони Истиқлоли давлатӣ бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди забони тоҷикӣ ба сифати нахустин унсури ҳастии миллат ва истифодаи он дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа тадбирҳои мушаххас ва муассир андешида шуд.

5 октябри соли 2009 бахри пурра муайяну муқаррар намудани асосҳои ҳуқуқии забони давлатӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [3, с. 1] қабул карда шуд, ки бо ин санади хуқуқӣ забони тоҷикӣ ба марҳалаи нави рушду такомул ворид гардид.

Қобили қайд аст, ки саҳми Пешвои миллат дар баланд бардоштани мақоми забони тоҷикӣ хеле бузург буда, дар китоби «Забони миллат-ҳастии миллат»чунин қайд намудаанд: «Барои ман забони тоҷикӣ на танҳо воситаи гуфтугӯю муошират ба шумор

меравад, балки болотар аз он, шиносномаи миллати азизам, рӯҳи поки гузаштагонам ва ойинаи осори ниёгонам мебошад. Аз ин рӯ ман ба ин забони шевою шоирона сидқан арҷ мегузорам, бо ҳисси баланди ватандӯстӣ аз минбарҳои баланд бо ин забон сухан мегӯям. Ба ин хотир доир ба таърихи ташаккули забони тоҷикӣ мақолаву асарҳо таълиф менамоям, дар ҳар суханрониям бузургию тавоноии онро таъкид месозам ва барои ҳифзу ҳимояаш талош менамоям» [5, с. 63].

Вижагиҳои фарҳангӣ аз маъмултарин вижагии ориёиҳо ба ҳисоб меравад, ки рамзу усулҳои онҳо то ҳол дар байни тоҷикон густариш ёфтааст. Ҳарчанд арзишҳои фарҳангии халқи тоҷик дар тӯли ҳазорсолаҳо қисман аз байн рафтаанд ва қисми дигар рӯ ба нестӣ овардаанд, маҳз дар замони Истиқлоли кишвар бо ташаббуси бевоситаи Сарвари мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эҳё гардидаанд. Дар айни замон падидаҳои фарҳангӣ мадании халқи тоҷик рӯз ба рӯз ғанӣ гашта истодааст. Маросиму идҳои суннативу миллӣ, либос, хӯрок, касбу кори аҷдодӣ далели гуфтаҳои болоянд. Роҷеъ ба ин Президенти кишвар дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 апрели соли 2006 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид намудааст: «Имсол мардуми Тоҷикистон ҷашнҳои бузурги таърихии худ – 15-солагии Истиқлоли давлатӣ, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ, 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлобро таҷлил хоҳад кард. Мо итминони комил дорем, ки ин санаву ҷашнҳои мубораки миллӣ ба густариш ва таҳким ёфтани худогоҳиву худшиносӣ, ваҳдати миллӣ, ифтихори ватандӯстиву ватанпарастии ҳар як фарди Тоҷикистони соҳибистиқлол мусоидат намуда, дар айни замон боиси боз ҳам ободу зебо шудани Ватани аҷдодии мо мегарданд» [1, с. 1].

Боиси хушбахтист, ки бо эълон гардидани «Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ» Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақшаҳои таҷлили идҳои суннативу миллӣ ва эҳёи ҳазорсолаи фарҳанги халқи куҳанбунёдро рамзи ватандӯстиву худшиносӣ дониста, мардумро ба арҷгузориву пос доштани онҳо талқин месозад. Воқеан, зимни дастуру супоришҳои дурандешонаи Сарвари мамлакат дар ин самт самараи некро ба бор овард. Дар ин самт шаҳру мавзеъҳои қадимаи халқи ориёитабори тоҷик, чун Саразм, Кӯлоб ва Бадахшон зимни таҳлилҳои илмиву ҷиддӣ расман тасдиқ шуда, ба феҳристи мероси фарҳангии ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардиданд.

Вижагиҳои фарҳангӣ маҳсули заҳматҳои Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб рафта, стратегияи сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Фарҳанги қадимаи тоҷикон нерӯи зеҳниву ақлӣ мебошад, ки симои халқи тоҷикро дар тӯли дарози таърих нишон медиҳад. Вобаста ба ин Сарвари мамлакат изҳори хушнудӣ намуда, чунин қайд кардаанд: «Даврони Истиқлоли давлатӣ бо талошу кӯшиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибати мардум ба фарҳанг куллан дигаргун гардида, муносибаташон ба тамоми чорабиниҳои фарҳангӣ тағйир ёфт. Инчунин, дар ин давра симпозиум, конфронс ва ҳамоишҳои байналмилалӣ, санаҳои бузурги таърихию фарҳангӣ бахшида ба фарзандони фарзонаи миллати тоҷик доир гардида, бо ин роҳ суннат ва анъанаҳои миллиро аз нав эҳё намуда, ёдгориҳои таърихию фарҳангиро барқарор ва таҷдид намудем. Дар баробари ин тарғиби фарҳанги пурғановати миллӣ дар кишварҳои хориҷиро васеъ ба роҳ монда, тавассути баргузории чорабиниҳои байналмилалӣ, рӯзҳои фарҳангӣ ва сафарҳои ҳунарӣ мақом ва манзалати фарҳанги миллиро баланд бардоштем» [9, с. 267].

Маҳз ҳамин тамаддуни пешрафта, суннату оинҳои дорои ҷанбаи ҳаётӣ, тафаккури зиндагисоз ва маърифати баланди ақлонии ниёгони мо буд, ки онҳо ба ганҷинаи тамаддуни башарият аз Зардушту Монӣ сар карда, то Рӯдакиву Фирдавсӣ, Абӯалӣ

Синову Носири Хусрав, Шайх Аттору Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдиву Ҳофиз, Ҷомиву Сайидо ва садҳо нобигаҳои илму адабу фарҳангро ато кардаанд.

Дар айни ҳол муҳаббат ба Ватани аҷдодӣ, таърихи пурифтихори миллат ва ниёгони фарҳангдӯсту тамаддунпарвари он набояд чашми моро аз раванди пурталотуми дастовардҳои ҷаҳони муосир, вусъати ақли башарият, пешрафти инқилобии илму техника ва тараққиёти рӯзафзуни давлатҳои мутамаддини олам бубандад.

Баръакс, мо ҳар қадар Ватанамонро бештар дӯст дорем, бояд ҳамон андоза кӯшиш намоем, ки аз қатораи бо суръати кайҳонӣ пешравандаи асри XXI қафо намонем, ҳамкориҳои худро бо кишварҳои тараққикардаи олам густариш бахшем, арзишҳои илмиву фарҳангии умумибашарӣ, дастовардҳои техникаву технологияи муосир ва кашфиёту бозёфтҳои навтаринро омӯзем ва гузашта аз ин ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бо симои хосаи худ пайвандем, дастовардҳои истиқлол ва рукнҳои давлату давлатдории миллиро чун гавҳараки чашм пос дорем.

Бо мақсади густариши эҳсоси ватандӯстиву ифтихори миллӣ ва болоравии сатҳи маънавиёти ҷомеа бо ибтикори Пешвои миллат солгарди фарзандони фарзонаи миллат, аз қабили 1150-солагии сардафтари адабиёти классикии форсу-тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 1000-солагии Носири Хусрав, 675-солагии Камоли Хуҷандӣ, 800-солагии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, 1310-солагии Имоми Аъзам Абуҳанифа, 600-солагии Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ, 700-солагии мутафаккири барҷастаи Шарқ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таҷлил гардиданд. Ҳамзамон, санаҳои таърихиву фарҳангии 2500-солагии Истаравшан, 2700-солагии Кӯлоб, 3000-солагии Ҳисори Шодмон дар сатҳи байналмилалӣ ҷашн гирифта шуданд.

Пешвои миллат дар мақоми давлатӣ гирифтани ансамблҳои «Шашмақом», «Фалак», таҷлили ҳамасола ва бошукӯҳи Иди байналмилалии Наврӯз, ҷашнҳои Меҳргон, Сада, Сайри гули лола, инчунин Рӯзи Шашмақом, Рӯзи Фалак, Рӯзи Китоб, дастгирии чорабиниҳои фарҳангии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ нақши калидӣ бозиданду мебозанд.

Бо ибтикори Пешвои миллат муассисаҳаи муҳташами фарҳангӣ, аз қабили Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Осорхонаи миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтанд. Ҳамзамон, бо талошҳои пайвастаи Ҳукумати мамлакат қисме аз арзишҳои фарҳангӣ, аз ҷумла Шашмақом ва Наврӯз ба Феҳристи мероси ғайримоддии ЮНЕСКО ва шаҳри қадимаи Саразм ба Феҳристи мероси моддии созмони фавқуззикр ворид гардиданд. Соли 2019 мусиқии Фалак, ёдгории таърихии Ҳулбук ва ҷашнҳои Меҳргону Сада низ ба ин созмони бонуфузи байналмилалӣ пешниҳод гардиданд. Аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидани мероси таърихию фарҳангии мо эътирофи тоҷикон ҳамчун миллати тамаддунсозу фарҳангӣ мебошад.

Соли 2010 Созмони Милали Муттаҳид бо қабули Қатънома доир ба Рӯзи ҷаҳонии Наврӯз аҳаммияти умумибашарии ин ойини бостониро ҳамчун падидаи хиради созанда, таҷассумгари фалсафаи таҳаммулгароӣ, сулҳу ваҳдат, ҳамзистии осоишта, нишони арҷгузорӣ ба таъриху тамаддун ва анъанаҳои ниёгон ба аҳли башар муаррифӣ ва эълон намуд.

Ниёгони мо ҳанӯз аз замонҳои бисёр қадим рӯзи аввали солшумории шамсиро рӯзи нахустини баҳор - бедоршавии табиат, олами набодот, оғози киштукор ва такмилу танзими олам медонистанд.

Дар тӯли таърих эътиқоди одамон ба Наврӯз, ки яке аз ифтихороти фарҳанги миллии мо мебошад, беш аз пеш афзудааст.

Эҳёи суннат ва ойинҳои наврӯзӣ дар замони имрӯза, яъне даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ҳамчун паёми мардуми куҳанбунёди тоҷик ва мардумони ҳавзаи тамаддуни Наврӯз ба оламиён мақоми байналмилалӣ гирифтааст [11, с. 1].

Дар сатҳи байналмилалӣ эътироф гардидани Наврӯз низ бо ташабусҳои Пешвои миллат буда, ҳамчун мардуми куҳанбунёд ва дорои тамаддуни ориёӣ будани мардуми тоҷикро муайян мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки дар замони Истиқлоли давлатӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, пайваста зикр мекунанд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз вазифаҳои асосии ҳар давлат ҳифзи асолати миллӣ, забону фарҳанг ва ёдгориҳои таърихӣ ба ҳисоб меравад.

Маҳз бо ҳамин сабаб, Саразм ба сифати яке аз нахустин ёдгориҳои давраи ориёӣ ва намунаи беҳамтои ин тамаддун, маркази ташаккули маданияти кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон эълон гардид.

Ин нахустин ёдгории бостоншиносии Осиёи Марказӣ аст, ки ба ин феҳристи бонуфузи ҷаҳонӣ ҳамроҳ шудааст. Ба рӯйхати ин созмони бонуфузи байналмилалӣ шомил гардидани ёдгории Саразм ба ҷаҳониён бори дигар собит месозад, ки ниёгони мо панҷуним ҳазор сол пеш яке аз аввалинҳо шуда, ба маданияти кишоварзиву чорводорӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозиву шаҳрдорӣ дар Осиёи Марказӣ замина гузоштаанд. Эътирофи ин ҳақиқатро мо яке аз дастовардҳои фарҳангии даврони соҳибистиқлолии Ватанамон медонем.

Вижагиҳои адабӣ гувоҳи ориёнажод будани халқи тоҷикро нишон медиҳад. Маълум аст, ки халқи тоҷик аз азал халқи китобдӯсту маърифатпарвар будааст. Дар ин самт даҳҳо шоҳасари адабиву илмӣ таълиф гардиданд, ки дар замони муосир маводи байналмилалӣ маҳсуб меёбанд. Бузургону нобиғаҳо ва алломаҳо миллат, чун Рӯдакиву Фирдавсӣ, Саъдиву Ҳофиз, Ғаззоливу Берунӣ, Румиву Ҷомӣ, Айниву Улуғзода ва садҳо фарзандони фарзонаи ин нажод симои ҷаҳониро гирифтаанд. Ин аст, ки «адабиёти форсии тоҷикӣ аз қадимтарин адабиёти ҷаҳон ба шумор рафта, то имрӯз дар саросари мамолики форсизабон, ба мисли Эрону Афғонистон, Тоҷикистону Ӯзбекистон, Покистон, қисматҳои қораи Ҳинд ва берун аз он густариш ёфтааст. Қуллаи баландтарини рушду нумӯи адабиёти форсии тоҷикӣ давраи классикӣ маҳсуб мешавад, ки фарзандони асил ва нобиғагони зиёдро, ба мисли Рӯдакиву Фирдавсӣ, Дақиқиву Фаррухӣ, Саъдиву Ҳофиз ва дигаронро ба камол расонидааст» [4, с. 20].

Вижагиҳои адабии халқи ориётабори тоҷик дастоварди азим ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин асарҳои азими адабу илмии нобиғонамон на танҳо дар дохили кишвар, балки дар хориҷи кишвар низ мавриди пажуҳиш қарор ёфтаанд.

Вижагиҳои моддӣ мавқеи муҳими халқи тоҷикро муайян месозад. Дар ҳама ҳолат арзишҳои маънавӣ-маърифатӣ ва равонӣ зимни вижагиҳои моддӣ сурат мегиранд. Ҳамчунини дигар фикрҳои ботинӣ ва тахайюли равонии халқи башар, чун халқи ориёитабори тоҷик тавассути арзишҳои моддӣ муаррифӣ мегарданд. Масалан, суннатҳои қадимаамон дар арафаи таҷлили ҷашнҳои миллӣ ва маҳсулоти касбии ҳунармандон бештар ба назар мерасанд.

Вобаста ба ин расму русуми аҷдодӣ дар таҷлили Наврӯз, Сада, Меҳргон, Тиргон бо тамоми нозукиҳояш ба ҳамагон муаррифӣ мегардад. Дар муддати 30-соли Истиқлоли кишвар арзишҳои мазкур арсаи байналмилалиро касб намудаанд.

Арзишҳои маданӣ-фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати Консепсияи давлатӣ оид ба рушди фарҳанг ва ҳунар амал мекунад: «Дар шароити нави таърихӣ муваффақият ба онҳое бештар муяссар мегардад, ки такя ба илму фарҳанг карда, арзишҳои маънавии худогоҳиву ватанпарвариро тақвият медиҳанд, дар замири ҳар узви

ҷомеа дарки зарурияти пойдории амнияти миллӣ ва давлатиро ба вуҷуд меоранд»[2, с. 1].

Ҳадаф аз эҳёи тамаддуни ориёӣ шинохти арзишҳои фарҳангии умумумиллӣ, худогоҳиву худшиносӣ, ифтихори миллӣ, ватанпарвариву ватандӯстӣ ва фахри ориёӣ буданро дорад. Дар ин самт Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо боварӣ аз халқи бузургиродаи худ ишора намуда, суханҳои зеринро зикр намуданд: «Сиёсати фарҳангии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба таҳкими рукнҳои маънавии давлатдорӣ, пешрафти тафаккури созандаву бунёдкоронаи мардум, болоравии ифтихори миллӣ ва эҳёи давлатдории ҳамаи сокинони ҷумҳурӣ, пояндагии сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмии тамоми табақаҳои иҷтимоии аҳолӣ ва дар маҷмуъ таҳкими ҳувияти миллӣ нигаронида шудааст. Тамоми тадбирҳое, ки аз ин раванд бар меоянд, ба таъмини истиқлоли фарҳангии мамлакат мусоидат менамоянд» [9, с. 270].

Халқи заҳматқарини тоҷик аз корнамоиҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша розианд, зеро «муҳимтарин комёбиву дастовардҳои кишвар натиҷаи меҳнати фидокорона ва иқдомҳои қаҳрамононаи Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Подоши ин ҳама корнамоиҳо маҳбубият ва маъруфият, ки Эмомалӣ Раҳмон дар миёни халқи мамлакат ва ҳазорон ҳазор ҳамватанони бурунмарзӣ пайдо кардааст, мебошад. Мукофоти ин ҳама заҳмат кашиданҳо ҳусни таваҷҷуҳ ва эҳтироми бузурги ҷомеаи ҷаҳон мебошад, ки ҳар гоҳ нисбат ба Сардори донову тавонои Тоҷикистон, сиёсатмадори варзида ва ифодагари марому ормонҳои умумибашарӣ иброз мегардад» [10, с. 6].

Ҳамин тавр, иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо дар самтҳои мутамаддини илмиву сиёсӣ, балки дар самти эҳёи арзишҳои таърихии аҷдодӣ ва мутобиқкунонӣ ба шароити муосир устувор буда, корҳои шоёнро ба анҷом расонданд. Сарвари давлат тавонистанд таърихи ҳазорсолаи халқи ориёитабори тоҷикро дар муддати кӯтоҳ дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намоянд.

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20.04.2006 // www.president.tj/node/198
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Ахбори Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 13 марти 1992. - С. 3-13.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 октябри соли 2009 2003 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2016.
4. Шозиёева Г.П. Фирдавсӣ ва Шекспир. -Душанбе, 2021, 300 с.
5. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат-ҳастии миллат. -Душанбе, 2020, 298 с.
6. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлоли Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди ҳафтум. - Душанбе: Ирфон, 2007. - с. 227
7. Эмомалӣ Раҳмон. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ. - Душанбе: Шарқи озод, 2007, - 143 с.
8. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих: аз Ориён то Сомониён. Китоби якум. - Душанбе: Ирфон, 2009, - 698 с.
9. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол. - Душанбе: Ганҷнашриёт, 2018, - 436 с.
10. Эмомалӣ Раҳмон: соли тамаддуни ориёӣ (мураттибон Шарипов А., Сироҷов З.) - Душанбе, 2006, - 441 с.
11. http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 10.10.2022с.)

# РОЛЬ ЭМОМАЛИ РАХМОНА В ВОЗРОЖДЕНИИ АРИЙСКОЙ ЦИВИЛИЗАЦИИ

**ШОЗИЁЕВА ГУЛМО ПАРВОНАШОЕВНА,**
доктори филологических наук, профессор кафедры инностранных языков
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Насира 33.
Тел.: (+992)-935-47-78-93. E-mail: gulmoh@mail.ru
**ОДИНАЕВА САФАРМО НУРУЛЛОЕВНА,**
и.о. старший преподаватель кафедры таджикского языка и делопроизводство
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Насира 33.
Тел.: (+992)-934-10-91-32. E-mail: odinaevas@mail.ru

*В каждую историческую эпоху арии имели богатую цивилизацию, и своими культурными, духовными, культурными и нравственными ценностями они сыграли огромную роль в развитии человеческой цивилизации. За это время, хотя арийцы на протяжении тысячелетий сталкивались с различными политическими, социальными и психологическими процессами и противоречиями, им удалось сохранить свои духовные и интеллектуальные ценности.*

*В современное время, которое является временем глобализации и бурного развития технологий и технологий, большинство людей сосредоточены только на мирском и внешней жизни и далеки от духовных ценностей. Таким образом, таджикский народ, имевший с древних времен духовные и интеллектуальные ценности, смог сохранить эти ценности до нашего времени.*

***Ключевые слова:*** *цивилизация, человек, духовные ценности, процесс, нравственность, арийство, статус, современность, патриотизм, специальность, нация, глобализация.*

# THE ROLE OF EMOMALI RAHMAN IN THE REVIVAL OF ARYAN CIVILIZATION

**SHOZIYOEVA GULMO PARVONASHOEVNA,**
Doctor of Humanity Sciences, Professor of Foreign Languages Department of the
Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nasir str.
Phone: (+992) 935-47-78-93. E-mail: gulmoh@mail.ru
**ODINAEVA SAFARMO NURULLOEVNA,**
p.m. Leading tutor of Tajik Language and Documentary Department of the
Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nasir str.
Phone: (+992) 934-10-91-32. E-mail: odinaevas@mail.ru

*In every historical era, the Aryans had a rich civilization, and with their cultural, spiritual, cultural and moral values, they played a huge role in the development of human civilization. During this time, although the Aryans faced various political, social and psychological processes and contradictions for thousands of years, they managed to maintain their spiritual and intellectual values.*

*In modern times, which is a time of globalization and the rapid development of technology and technology, most people are focused only on mundane and external life and are far from spiritual values. Thus, the Tajik people, who had spiritual and intellectual values since ancient times, were able to preserve these values until our time.*

***Keywords:*** *civilization, man, spiritual values, process, morality, Aryanism, status, modernity, patriotism, specialty, nation, globalization.*

УДК (352/354 (573.3)

# ФОРМИРОВАНИЕ И ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ВЫСШИХ ОРГАНОВ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ И ОРГАНОВ УПРАВЛЕНИЯ СОВЕТСКОГО ТАДЖИКИСТАНА

**АЛИЗОДА БАХРИДДИНИ ПИРМУХАММАД,**
кандидат филологических наук, доцент, главный научный сотрудник
НИИ государственного управления и государственной службы
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Саид Носира, 33.
Тел.: (+992)-372-28-91-51. E-mail: b.p.alizoda63@mail.ru.

*В статье рассматриваются вопросы становления и развития высших органов государственной власти Советского Таджикистана.*

*Автор подчеркивает, что новые формы государственного управления формировались в результате национально-государственного размеживания в Средней Азии и создании Таджикской АССР. В декабре 1926 года на первом Учредительном съезде Таджикской АССР были организованы Центральный Исполнительный Комитет(ЦИК) Советов и Совет Народных Комисаров (СНК)-Правительство и органы государственного управления Таджикской АССР.*

*Автор подчеркивает, что в дальнейшем после создания отдельной Таджикской союзной республики в составе СССР в системе государственного управления республики особенно в системе исполнительных органов государственной власти произошли существенные изменения и органы управления – наркоматы были приведены в соответствие с требованиями союзной республики.*

*В статье отмечается, что система государственного управления и органы управления республики совершенствовались, и в результате эффективной деятельности всех ветвей власти и особенно представительных и исполнительных органов государственной власти Таджикская ССР достигла больших успехов во всех сферах общественной жизни в 30-е годы XX века.*

***Ключевые слова**: становление, Революционный комитет, наркоматы, Советы, Центральный Исполнительный Комитет, Учредительный съезд, Съезд Советов, государственное управление, Совет народных комиссаров.*

Переход к власти Советов на местах, проведение I (учредительного) съезда Советов, послужили основанием для создания первого центрального выборного органа власти на территории республики – Центрального исполнительного комитета (ЦИК) Таджикской АССР. Переход от системы Ревкомов к Советам на местах положил начало широкому советскому строительству в Таджикистане, приблизил органы Советской власти к массам, позволил осуществить переход к плановой повседневной работе по советскому экономическому и культурному строительству.

Первая сессия Центрального исполнительного комитета Советов Таджикской АССР, проходившая 12 декабря 1926 года, избрала Президиум ЦИК Таджикской АССР в составе 11 человек и 5 кандидатов и правительство республики – Совет народных комиссаров [7,28]. Первый учредительный съезд Советов юридически оформил создание Таджикской Автономной Советской Республики и положил начало новому периоду в истории таджикского народа – периоду мирного социалистического строительства. ЦИК решал вопросы административно-хозяйственного деления Таджикской АССР и Горно-Бадахшанской автономной области, готовил материалы для заседаний всетаджикских съездов Советов и сессий ЦИКа. [5, 51].

Совет народных комиссаров (правительство) Таджикской АССР было сформировано Центральным исполнительным комитетом Таджикской АССР на I (учредительном) съезде

Советов республики в декабре 1926 года.

Совет народных комиссаров (СНК) являлся исполнительным и распорядительным органом ЦИКа и был последовательно подотчетен перед ЦИКом, его Президиумом и Съездом Советов Таджикской АССР. Как функции, так и структура СНК испытывали на себе влияние функций и структуры Совета народных комиссаров РСФСР и Узбекской ССР. Будучи очень сходными по своему устройству, он, тем не менее, не копировал их полностью. В структуре таджикского СНК нашли выражение многие исторические и национальные особенности развития Таджикистана. В его составе было гораздо меньше отделов управления, что объяснялось, главным образом, тем, что экономическая основа РСФСР была значительно шире, чем у Таджикистана.

Наличие многих учреждений на территории республики объясняется насущной потребностью текущего момента, вызванного специфическими историческими особенностями, например, Центральная комиссия по таджикизации государственного аппарата и промышленности, работавшая в составе СНК и занимавшаяся подготовкой национальных кадров, Комиссия по районированию, созданная для завершения работы по национальному размежеванию и т.д.

После принятия Конституции (Основного Закона) Узбекской ССР от 18 августа 1927 года была создана законодательная база для формирования высших органов власти и управления Таджикской АССР.

В первом разделе (общие положения) Конституции Узбекской ССР в статье 5 было указано: «Согласно воле трудящихся Таджикской Автономной Советской Социалистической Республики на свое государственное оформление в составе Узбекской Советской Социалистической Республики, твердо выраженной на первых Всеузбекском и Всетаджикском съездах, Таджикская Автономная Советская республика с ее Автономной Горно-Бадахшанской областью входят в состав Узбекской Советской Социалистической Республики».

В статье 62 Конституции Узбекской ССР было указано: «Таджикская Автономная Советская Социалистическая республика участвует в образовании верховных органов власти Узбекской Советской Социалистической Республики через своих делегатов на Всеузбекских съездах Советов Узбекской ССР».

Как известно, высшие органы власти – Революционный комитет и органы управления Таджикской АССР – были созданы еще в ноябре-декабре 1924 года. В декабре 1926 году на первом учредительном съезде советов Таджикистана вместо Ревкома были созданы Центральный исполнительный комитет (ЦИК) Советов и Совет народных комиссаров (СНК) Таджикской ССР. Конституция Узбекской ССР от 18 августа 1927 года фактически узаконила систему органов власти Таджикской АССР, которые были организованы при Ревкоме и на втором съезде республики.

После принятия Конституции (Основного Закона) Узбекской ССР от 18 августа 1927 года была создана законодательная база, также для формирования высших органов власти и управления Таджикской АССР.

В Разделе 4 глава VIII Конституции Узбекской ССР от 1927 года была полностью посвящена Таджикистану и называлась «О Таджикской Автономной Советской Социалистической республике» [1,293]. Глава состоит из 9 статей регулирующих вопросы управления и общественных отношений Таджикской АССР.

Итогом избирательной кампании 1928-1929 гг. явился II съезд Советов Таджикской АССР, проходивший с 21 по 28 апреля 1929 г. в Душанбе. На съезде была принята Конституция Таджикской АССР.

Съезд поручил ЦИК вынести Конституцию на рассмотрение и утверждение III съезда Советов Узбекской ССР, однако, в повестку съезда вопрос о Конституции Таджикской АССР внесен не был, так как в данный период уже шла подготовка к образованию Таджикской союзной республики.

Верховным органом государственной власти Таджикской АССР являлся Всетаджикский съезд Советов. В период между съездами власть осуществлялась Центральным исполнительным комитетом Советов, образованным на первом Всетаджикском съезде Советов в декабре 1926 г. Совет народных комиссаров действовал на основании Декларации об образовании Таджикской ССР, принятой I (учредительным) съездом, Конституции Узбекской ССР, съездов Советов Таджикской АССР.

Совет народных комиссаров решал вопросы административно–хозяйственного развития Таджикской АССР и Горно-Бадахшанской автономной области, разрешал разногласия между наркоматами[5, 51].

В ноябре 1928-январе 1929 г. в Таджикистане прошла широкая кампания по выборам в Советы. 1 сентября 1926 г. Президиум ЦИКа утвердил специальное положение о вилоятских Советах, закрепившее их права юридически [2,11].

Советы избирались сроком на один год. Рабочим органом сельских Советов в период между заседаниями являлся президиум или его обязанности исполнял председатель Совета. Сельские Советы могли образовывать секции: сельскохозяйственную, водную, благоустройства и дорожного строительства, просвещения, здравоохранения и другие – по усмотрению Совета. В состав секций входили члены сельсовета и дехкане- активисты.

Избирательные кампании и проводимые в их ходе мероприятия сделали государственный аппарат более мобильным, действенным, способствовали привлечению трудовых масс дехкан к управлению государством, к практической работе в Советах.

Итогом избирательной кампании 1928-1929 гг. явился II съезд Советов Таджикской АССР, проходивший с 21 по 28 апреля 1929 г. в Душанбе. На съезде была принята Конституция Таджикской АССР. Съезд поручил ЦИК вынести Конституцию на рассмотрение и утверждение III съезда Советов Узбекской ССР, однако, в повестку съезда вопрос о Конституции Таджикской АССР вынесен не был [7, 33], так как в данный период уже шла подготовка к образованию Таджикской союзной республики. После образования Таджикской ССР была выработана Конституция, соответствующая статусу союзной республики. Конституция Таджикской АССР действовала очень недолго, но ее непреходящее значение состоит в том, что она закрепила как закон все достижения таджикского народа за время Советской власти.

Конституция закрепила права и обязанности советских органов, в том числе – ЦИКа. В главе IV Конституции Таджикской АССР сказано, что ЦИК является верховным органом государственной власти в период между съездами Советов Таджикистана. ЦИК, согласно 29 статье Конституции, имел право издавать декреты и постановления, утверждать или отклонять законопроекты, вносимые СНК Таджикской АССР на рассмотрение ЦИКа.

II съезд Советов, считаясь с волей трудящихся Ходжентского округа, обратился к III съезду Советов Узбекской ССР с просьбой: включить Ходжентский округ в состав Таджикской АССР. 4 сентября 1929 г. Ходжентский округ Узбекской ССР специальным актом был передан Таджикской АССР.

Учитывая достижения Таджикской АССР в области хозяйства и культуры, географическое, политической и этнографическое ее положение и руководствуясь заботой о ее дальнейшем национальном, политическом и хозяйственном развитии, 12 июня 1929 г. Президиум ЦИК ССР и 13 июля 1929 г. Президиум Узбекской ССР приняли

«Постановление об образовании самостоятельной Таджикской Советской Республики и выделении ее из состава Узбекской ССР» [8,193].

ЦИК Советов в связи с образованием Таджикской ССР принял решение созвать III Чрезвычайный съезд Советов Таджикской АССР в самый короткий срок. Съезд проходил в г. Душанбе 15 – 19 октября 1929 г. На съезде была принята «Декларация об образовании Таджикской ССР». Съезд поручил правительству разработать проект Конституции Таджикской ССР. 5 декабря 1929 г. ЦИК ССР принял постановление об образовании Таджикской Советской Социалистической Республики. В ее состав вошла Горно-Бадахшанская автономная область и округа: Ходжентский, Гиссарский, Гармский, Курган-Тюбинский, Кулябский, Пенджикентский [8,158].

С образованием Таджикской ССР прекратились полномочия ЦИКа Таджикской АССР. Обзор его деятельности был бы неполным без освещения работы сессий первого созыва и двух сессий второго созыва.

С 1924 по 1929 годы было создано Постоянное представительство Таджикской АССР в Узбекской ССР, которое должно было предоставлять правительству Узбекской ССР различные материалы и сведения, необходимые для решения тех или иных проблем, касающихся Таджикской республики, регулярно ставить перед правительством Узбекской ССР вопросы экономического и культурного строительства в Таджикистане. Представительство проводило через высшие органы Узбекской ССР законодательные предложения Таджикского правительства и участвовало с правом совещательного голоса в работе Президиума ЦИКа Узбекской ССР, СНК Узбекской ССР. При преобразовании Таджикской АССР в Таджикскую ССР Постоянное представительство Таджикской АССР в Узбекской ССР было упразднено[6,74].

Совет народных комиссаров (СНК) являлся исполнительным и распорядительным органом ЦИКа Таджикской АССР и был последовательно подотчетен ЦИКу, его Президиуму и съезду Советов Таджикской АССР [7, 35].

К компетенции СНК относились вопросы: организации обороны в республике, сношений с союзным правительством и другими братскими республиками, планомерной организацией и управлением народным хозяйством. Отраслями государственной жизни СНК руководил через соответствующие комиссии и отделы: Госплан, подготовительную комиссию районирования, строительную, дорожно-транспортную комиссию, центральное административное управление, центральную комиссию по таджикизации госаппарата и промышленности, научный комитет, представительство Таджикской АССР при Узбекской ССР [7, 35].

Для управления промышленностью 18 августа 1926г. в Таджикской АССР был создан Центральный совет народного хозяйства (ЦСНХ). Он находился в подчинении ЦИКа и СНК Таджикской АССР и включал в свою структуру следующие части: президиум, секретариат, производственно-экономический отдел, отдел местной и кустарной промышленности.

Планирование стало основным методом управления хозяйством и социально-культурным строительством республики. Госплан все шире охватывал отрасли хозяйства Таджикистана, проникая во все ячейки его управления. Деятельность ведомств стала невозможной без директив Госплана в области программ и сроков их выполнения. Директивное планирование не распространялось только на частный сектор, однако, посредством налоговой политики, кредитования, политики цен частный сектор находился под постоянным наблюдением государства: не было сферы деятельности республики, которая не находилась бы под контролем плановой комиссии.

В декабре 1924 г. было принято решение об организации Наркомата земледелия республики. Он начал работу в условиях гражданской войны, когда сокращались богарные и поливные посевы, поголовье скота, были неурожай и голод, значительная часть населения эмигрировала в Афганистан.

7 ноября 1924 г. было принято решение об образовании Наркомата юстиции Таджикской АССР, который рассматривал все вносимые в ЦИК Советов и СНК Таджикской АССР законодательные акты, участвовал совместно с СНК республики в опубликовании законов и распоряжений правительства. Наркомат организовывал судебные учреждения и следственные органы, наблюдал за деятельностью коллегии, защитников, земельных и арбитражных комиссий, третейских судов, примирительных камер. Нарком, возглавлявший Наркомат юстиции, являлся одновременно Прокурором республики.

В состав наркомата входили отделы: административно-финансовый, отдел прокуратуры, отдел законодательных предложений и кодификации законодательства. Административно-финансовый отдел был разделен на два подотдела, занимавшихся финансовыми делами Наркомюста и технической работой по изданию законодательных материалов, узаконений, декретов и т.д. Отдел прокуратуры осуществлял государственный надзор за законностью действий органов власти, государственных учреждений, частных лиц и осуществлял наблюдение за следственным делом в республике.

Решение об образовании Народного комиссариата рабоче-крестьянской инспекции Таджикской АССР было принято 7 декабря 1924 г. [3, 3].

Во главе Народного комиссариата РКИ стоял народный комиссар. Следует отметить, что первым народным комиссаром Рабоче-крестьянской инспекции Таджикской АССР был назначен славный сын таджикского народа Шириншо Шотемур, ныне Герой Таджикистана.

В мае 1927 г. Госплан Таджикской АССР совместно со Среднеазиатским округом связи в Таджикистане рассмотрел проект первого пятилетнего плана развития связи в Таджикистане. Начиная с этого момента, успехи в области строительства средств связи сделали управление республикой стандартным, построенным по общесоюзному образцу, что было жизненно необходимо для всего народного хозяйства советского государства.

Большое внимание ЦИК и СНК уделяли вопросам связи наркоматов со своими филиалами, особенно в отдаленных районах Таджикистана. До 1926 года центральные учреждения поддерживали эту связь через систему уполномоченных.

Строительство здравоохранения на территории Таджикистана началось в Центральном и Южном Таджикистане в 1924 г. Во время борьбы с басмачеством помощь гражданскому населению оказывалась военным персоналом Красной Армии. Военными медиками на местах устраивались военно-гражданские пункты для местного населения. Первый нарком здравоохранения Таджикистана А. М. Дьяков также был вначале военным врачом.

Наркомат здравоохранения начал свою деятельность с 1924 г. В его ведение входило все медико-санитарное дело в республике. Первоочередной задачей наркомата было сохранение самого тесного контакта с военным управлением, чтобы облегчить работу военно-гражданских пунктов, преобразуя их постепенно в гражданские. С частями Красной Армии в походной обстановке ехали гражданские врачи, медицинские сестры, организуя врачебные пункты по пути следования.

Решение об образовании Наркомата просвещения в Таджикской АССР было принято 7 декабря 1924 г. Наркомат просвещения уже в начале своей деятельности должен был решить следующие задачи: 1) ликвидировать неграмотность населения; 2) сформировать в

системе просвещения национальные кадры; 3) организовать на местах свои отделы; 4) обеспечить мероприятия по образованию и просвещению женщин-таджичек; 5) регулярно проводить агитационно-пропагандистскую и культурно-просветительскую работу в массах [4, 60].

Наркомат просвещения руководил всей учебной, культурно-просветительной, политико-воспитательной, научной и издательской работой в республике.

Органы государственной власти и управления Таджикской АССР (1924 – 1929 гг.) за короткое время своего существования прошли большой путь развития. Таджикистан из полуфеодального края с соответствующим примитивным государственным управлением превратился в социалистическую республику с передовым советским государственным аппаратом.

Организация госаппарата Таджикской ССР облегчалась опытом государственного строительства братских республик и всей страны в целом. К 1929 г. высшие центральные органы власти Таджикистана были приближены к типовой структуре управления, принятой в СССР. Так, структура ЦИКа и некоторых наркоматов была во многих чертах заимствована Таджикистаном.

Государственные органы, обеспечивая преодоление экономической и культурной отсталости, постепенно совершенствовались. Укреплению государственных органов в значительной мере способствовали коренизация государственного аппарата, т.е. воспитание управленческих кадров местной национальности, постепенная советизация территории Таджикской АССР.

С учетом вышеизложенного, можно сделать следующие выводы: задачи в области экономики 1924 – 1929 гг. определяли особенности организации и деятельности как высших органов государственной власти и управления, так и отдельных ведомств и учреждений Таджикской Автономной Советской Социалистической Республики. Их работа была направлена на стабилизацию, а затем на преобразование экономики и всего социально-политического уклада жизни на социалистических началах.

Таким образом, Таджикская Автономная Советская Социалистическая Республика за период своего существования (1924–1929 гг.) сформировала, укрепила, сделала жизнеспособными и стабильными республиканские органы государственной власти и управления. Государственные учреждения, окончательно сформировавшись организационно и юридически, стали теми командными пунктами, которые осуществляли управление всеми отраслями народного хозяйства Таджикской АССР. Методы работы государственных учреждений во многом определили темпы строительства социализма в республике.

## Литература

### А). Источники и нормативно-правовые акты

1. Конституция (Основной Закон) Узбекской Советской Социалистической Республики от 11 июля 1927 г. // Хрестоматия по истории Отечественного государства и права. – М.: Юрайт, 2014. – 698с.
2. Центральный государственный архив Республики Таджикистан. – Ф. 9. – Оп. 1. – Д. 258. – Л. 11.
3. Центральный государственный архив Республики Таджикистан. – Ф. 9. – Оп. 1. – Д. 1. – Л. 3.
4. Центральный государственный архив Республики Таджикистан. – Ф. 9. – Оп. 1. – Д. 16. – Л. 60.
5. Центральный государственный архив Республики Таджикистан. – Ф. 10. – Оп. 1. – Д. 175. – Л. 51.

6. Центральный государственный архив Республики Таджикистан. – Ф. 24. – Оп. 1. – Д. 59. – Л. 74.

**Б). Научная литература**

7. Митюкова, К.Д. Опыт государственного строительства Таджикской АССР (1924-1929 гг.) / К.Д. Митюкова. – Душанбе: Дониш, 1988.– 6 8с.
8. Раджабов, С.А. Таджикская ССР – суверенное советское государство / С.А. Раджабов. – Сталинабад, 1957. – 256 с.

# ТАШАККУЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ОЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА МАҚОМОТИ ИДОРАКУНӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШӮРАВӢ

**АЛИЗОДА БАҲРИДДИНИ ПИРМУҲАММАД,**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент, ходими калони илмии
ПИТ идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. Саид Носира, 33.
Тел.: (+992) 372-28-91-51. E-mail: b.p.alizoda63@mail.ru.

*Дар мақола масъалаҳои ташаккул ва фаъолияти мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ ва мақомоти идоракунии он мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.*

*Муаллиф қайд менамояд, ки шаклҳои нави идоракунии давлатӣ дар натиҷаи тақсимоти миллӣ-марзии Осиёи Миёна ва ташкили ҶМШС Тоҷикистон бв вуҷуд омаданд, ки дар марҳилаи аввал Кумитаи инқилобӣ ҳамчун мақомоти олии фавқулодаи ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шуд. Дар моҳи декабри соли 1926 дар анҷумани якуми муассисони ҶМШС Тоҷикистон Кумитаи иҷроияи Марказии (КИМ) Шӯроҳо ва Шӯрои комисарони халқӣ (ШКХ)-Ҳукумати Тоҷикистон ва мақомоти идоракунии ҶМШС Тоҷикистон ташкил карда шуданд.*

*Дар мақола қайд мешавад, ки низоми идоракунии давлатӣ ва мақомоти идоракунии давлатӣ такмил дода шуданд ва дар натиҷаи фаъолияти самарабахши ҳамаи шохаҳои ҳокимият, махсусан мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҶШС Тоҷикистон дар солҳои 30-юми асри XX дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба дастовардҳои бузург ноил гардид.*

***Калидвожаҳо**: ташаккул, Кумитаи инқилобӣ, Шӯроҳо, Кумитаи иҷроияи Марказӣ, Анҷумани муассисон, Анҷумани шӯроҳо, комисариатҳои халқӣ, мақомоти идоракунӣ, Шӯрои комиссарони халқӣ.*

# FORMATION AND ACTIVITIES OF THE SUPREME BODIES OF STATE POWER AND GOVERNING BODIES OF SOVIET TAJIKISTAN

**ALIZODA BAHRIDDINI PIRMUHAMMAD,**
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Chief Researcher
Research Institute of Public Administration and Public Service
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33 Said Nosir str.
Phone: (+992) 372-28-91-51. E-mail: b.p.alizoda63@mail.ru.

*The article deals with the formation and development of the Council of People's Commissars of the Tajik Autonomous Soviet Socialist Republic and the governing bodies of the Tajik ASSR.*

*The author emphasizes that new forms of government were formed as a result of national-state demarcation in Central Asia and tells about the creation of the Tajik Autonomous Soviet Socialist Republic, which was created by the Revolutionary Committee as a temporary supreme emergency body of state power of the republic. In December 1926, at the first Constituent Congress of the Tajik Autonomous Soviet Socialist Republic, the Central Executive Committee (CEC) of the Soviets and the Council of People's Commissars (SNK) - Government and government bodies of the Tajik Autonomous Soviet Socialist Republic were organized.*

*The article notes that the system of government and the governing bodies of the republic has been improved, and as a result of the effective activity of all branches of government and especially the executive bodies of government, the Tajik SSR achieved great success in all areas in the 30s of the last century.*

***Key words:*** *Soviets, formation, revolutionary committee, people's commissariats, state administration, Council of People's Commissars, governing bodies, government, executive bodies.*

УДК: 66.01+26.22

# АСОСҲОИ ТАЪРИХӢ ВА СИЁСИИ ПАЙДОИШИ НИҲОДҲОИ ҶАҲОНИИ ОБ

**ҚУВВАТЗОДА САЙДУЛЛО ЗУВАЙД,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 907-80-00-71. Email: sqz_0085@mail.ru.

*Дар мақолаи мазкур заминаҳои таърихӣ ва сиёсии пайдоиши ниҳодҳои минтақавӣ ва ҷаҳонии соҳаи сиёсати об таҳлилу баррасӣ гардидааст. Таъкид гардидааст, ки дар заминаи мураккаб гардидани масъалаҳои вобаста ба об дар муносибатҳои байнидавлатию минтақавӣ ва ҷаҳонӣ зарурати таъсис додани ниҳодҳои танзимкунандаи муносибатҳои гуногунарса дар ин самт ба вуҷуд омадааст. То кунун дар ин самт ниҳодҳои зиёде арзи ҳастӣ доранд, ки тавонистаанд дар доираи фаъолияти худ заминаҳои мусоиди ҳуқуқию сиёсиро дар соҳаи дипломатияи об ба вуҷуд биёранд. Ниҳодҳои мазкур муназзамии фаъолияти ҳамаи ҷонибҳои манфиатдорро дар самти пешбурди сиёсати об дар сатҳҳои гуногун таъмин сохта, ҳадафу вазифаҳо ва харитаи роҳро дар ин самт мушаххас месозанд. Онҳо тавонистаанд заминаҳои консептуалӣ ва муассири таҳия ва татбиқи натиҷабахши сиёсати обро барои доираи васеи субъектҳои иштирокчии раванди пешбурди сиёсати об фароҳам созанд ва амалҳои ҷонибҳои гуногунарсаро дар худ муттаҳид намоянд. Сиёсати муваффақ низ аз ҳар ҷиҳат дар пешбурди дипломатияи об аз фаъолияти ниҳодҳои мазкур вобаста буда, ҳадафҳои дар доираи фаъолияти онҳо пайгиришаванда бояд татбиқи натиҷабахши худро дар сатҳҳои маҳаллӣ, миллӣ ва минтақавию ҷаҳонӣ ёбанд.*

***Калидвожаҳо:*** *об, ниҳод, сиёсати об, мушкилоти об, дипломатияи об, ҳамкорӣ, ҳамгироӣ, ҳавза, рӯзномаи ҷаҳонии об, минтақа, ҷаҳон, Шӯрои ҷаҳонии об, Форуми умумиҷаҳонии об, Саммити оби Осиё ва Уқёнуси Ором.*

Масъалаҳои вобаста ба об дар қарни чорӣ аз мубрамтарин мавзуҳои баррасишавандаи доираҳои гуногунарса буда, аз ҷониби ниҳодҳои мухталифи миллию минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мавриди таҳлилу баррасӣ, омӯзиш, таҳқиқ ва арзёбӣ қарор доранд

Асоси пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об ва сиёсати об дар заминаи фаъолияти ниҳодҳои минтақавию байналмилалӣ дар соҳаи об ба роҳ монда шуда, таърихи пайдоиши аксари онҳо ба даҳсолаҳои охири асри XX ва қарни XXI рост меояд.

Маҳз дар ҳамин давра инсоният ба марҳилае ворид мегардад, ки ба мушкилоти об ва мушкилотҳои дигари вобаста ба он бархурди ҷиддӣ намуда, наметавонад бо истифода аз роҳу воситаҳои анъанавӣ онро бартараф созад. Чунин ҳолат зарурати тарҳрезӣ ва бунёди ниҳодҳои муосири таҳиякунанда ва татбиққунандаи сиёсати обро тақозо менамояд. Оғози ин марҳила ба мушаххассозии санаи ҷаҳонии об рост омада, соли 1993 Созмони Милали Муттаҳид 22 мартро расман Рӯзи умумиҷаҳонии захираҳои об эълон медорад[1].

Дар заминаи муайянсозии Рӯзи умумиҷаҳонии захираҳои об давлатҳои ҷаҳон вазифадор мегарданд, ки ба тамоми ҷанбаҳои масъалаи об диққати ҷиддӣ дода, тадбирҳои мушаххасро барои бартарафсозии мушкилоти об ва таъмини дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи ошомиданӣ роҳандозӣ созанд.

Дар ин раванд, 14 июни соли 1996 Шӯрои умумиҷаҳонии об таъсис дода мешавад. Шӯрои мазкур платформаи бисёрҷонибаи байналмилалӣ буда, коршиносон ва созмонҳои байналмилалии ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматиро барои дарёфти роҳҳои ҳалли муассири мушкилоти ҷаҳонии об муттаҳид мекунад. ШӮО дар худ беш аз 300 созмонро дар 50 кишвари ҷаҳон муттаҳид мекунад. Яке аз дастовардҳои асосии Шӯрои умумиҷаҳонии об саҳми он дар баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ аз масъалаҳои ҷаҳонии

об ва сафарбаркунии сиёсӣ мебошад, ки тавассути Форуми умумиҷаҳонии об ба он ноил шудааст. Форум ҳамчун зинаҳо барои ҳамкориҳои ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои об хидмат намуда, як платформаи беназирест, ки дар он ҷомеаи об, сиёсатмадорон ва шахсиятҳое, ки масъулияти қабули қарорро бар уҳда доранд аз тамоми минтақаҳои ҷаҳон метавонанд бо ҳам ҷамъ шаванд, масъалаҳоро муҳокима кунанд ва роҳҳои ҳалли худро барои таъмини амнияти об пешниҳод созанд.

Форуми умумиҷаҳонии об дар се сол як маротиба дар ҳамкории зич бо мақомоти кишвари мизбон баргузор шуда, бузургтарин чорабинии байналмилалӣ дар соҳаи об аст. Он асосан чаҳор ҳадафи асосиро иҷро мекунад:

1. Баланд бардоштани моҳият ва аҳамияти об дар рӯзномаи сиёсии ҷаҳонӣ;
2. Мусоидат дар таҳким ва тақвияти мубоҳисаҳо оид ба ҳалли мушкилоти байналмилалии об дар асри XXI;
3. Мураттабсозии таклифҳои мушаххас, ҷалби таваҷҷуҳи бештари ҷомеа ба мубрамияти он ва таҳияи уҳдадориҳои сиёсӣ.

Аз давраи таъсис то кунун 8 Форуми умумиҷаҳонии об баргузор гардидааст, ки ҳамаи онҳо фарогири ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои вобаста ба об буданд. Форуми мазкур асосан дар Рӯзи ҷаҳонии об баргузор карда мешавад.

Аввалин Форуми умумиҷаҳонии об соли 1997 дар Маррокаш (Марокаш) таҳти шиори «Нигоҳ ба об, ҳаёт ва муҳити зист»[2] баргузор гардида, дар он ҳамбастагии масъалаҳои об, ҳаёт ва муҳити зист мавриди баррасии ҷаҳонӣ қарор мегирад. Дар ин давра ҷомеаи ҷаҳонӣ, алалхусус давлатҳои абарқудрат дар давраи гузариш аз ҷомеаи саноатӣ ба давраи постиндустриалӣ ва ҷомеаи иттилоотӣ қарор доштанд ва дар пайи рушди босуръати саноат ва истифодаи ғайриоқилонаи сарватҳои табиӣ мушкилоти азими экологӣ ва гидроэкологие ба амал омада буданд, ки монеаи рушди минбаъдаи ҷаҳон ва пайдоиши мушкилоти мураккаби иҷтимоӣ гардида буд. Дар пайи партовҳои зиёди саноатӣ ба дарёву дигар объектҳои об ва муҳити зист ҳаҷми захираҳои оби тозаи нӯшокӣ ба маротиб коҳиш ёфта, ҳолати табиӣ ва муътадили муҳити зист халалдор гардида буд. Бо назардошти ин форуми нахустин тавонист ба таври маҷмӯӣ ҷомеаи ҷаҳониро аз пайомадҳои манфии мушкилоти об дар ҳамбастагӣ бо мушкилоти муҳити зист ва дар умум бо мушкилоти ҳаёт огоҳ созад ва уҳдадориҳои муайянро назди давлатҳо ва созмонҳои ҷаҳонӣ гузорад.

Форуми дуюми умумиҷаҳонии об дар Гаага (Нидерландия) аз 17 то 22 марти соли 2000 таҳти унвони «Аз нигоҳ ба амал» баргузор гардид, ки дар он 5700 намоянда аз 130 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла 114 вазир ва 500 рӯзноманигор ширкат варзиданд[2]. Ҳадафи форуми мазкур ба тақвияти фаъолияти амалии тамоми ҷонибҳо ҷиҳати коҳиш додани мушкилоти об равона гардида, бо назардошти беш аз пеш мураккаб гардидани масъалаҳои вобаста ба об дар ҷаҳон тадбирҳои амалии андешида шуда назаррас нест. Тадбирҳои андешидашуда ба сатҳи инкишофи мушкилоти об мувофиқат накарда, таъсири манфии он ба ҳаёти ҷомеа ва рушди муназзами он монеаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсиро ба вуҷуд оварда истодааст. Форуми мазкур бо ҷалби васеи ҳамаи ҷонибҳо уҳдадориҳои мушаххасро ҷиҳати пешбурди фаъолияти амалии муштарак пеши иштирокчиён гузошта, зарурати тақвияти ҳамаҷонибаи амалҳоро дар ҳамаи сатҳҳо арзёбӣ менамояд. Масъалагузорӣ дар форуми мазкур нишон медиҳад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ асри XXI-ро бо мушкилоти мураккаби вобаста ба об оғоз намуда, барои ҳалли он бояд аз стратегияи комилан нави фаъолият ва амалкард рӯйи кор гирад.

Форуми сеюми умумиҷаҳонии об дар се шаҳри Ҷопон: Киото, Осака ва Шига аз 16 то 23 марти соли 2003 бо шиори «Форуми пешрафт» баргузор мегардад. Форуми сеюми умумиҷаҳонии об тасмими худро дар бораи ҷалби тамоми ҷонибҳои манфиатдор,

тавассути ташкили «Форуми виртуалии об» ва ҷамъоварии ҳазорҳо далелҳо тавассути «Садои об» равшан баён кард. Пас аз ҷамъбасти сеюмин Форуми умумиҷаҳонии об ШУО гузориши худро «Амалҳо оид ба захираҳои об дар ҷаҳон» пешниҳод намуд. Бо иштироки беш аз 24 000 нафар, аз ҷумла 130 вазир Форуми сеюми умумиҷаҳонии об бузургтарин чорабинии марбут ба об гардид. Дар ин Форум Портфели мушаххаси амалҳои об, аз ҷумла уҳдадориҳои зиёди маҳаллӣ ва минтақавӣ қабул карда мешаванд.

Форуми чоруми умумиҷаҳонии об аз 14 то 22 марти соли 2006 дар Мехико таҳти шиори «Амалҳои маҳаллӣ барои таҳдидҳои глобалӣ» баргузор шуда, дар он беш аз 20 000 ширкаткунанда, аз ҷумла 120 вазирони марбут ба захираҳои об ширкат менамоянд[2]. Мавзӯи асосии Форум - «Кӯшишҳои маҳаллӣ барои ҳалли мушкилоти глобалӣ» имкон медиҳад, ки масъалаҳои зиёди марбут ба ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, аз қабили таърифи об ҳамчун «дастоварди умумӣ», масъалаҳои молиявӣ ва бемориҳои марбут ба об баррасӣ гарданд. Мазмуни асосии ҳадафҳои дар доираи форум баррасигардидаро тақвият бахшидани амалҳо дар сатҳи маҳал ва ҳалли мушкилоти вобаста ба об дар ин сатҳ ташкил менамояд, ки маҳз мушкилоти маҳалли вобаста ба об заминаи пайдоиши мушкилоти глобалии об гардидаанд. Аз нуқтаи назари дигар ба даст овардани натиҷаи назаррас дар ин самт танҳо бо ҳалли мушкилоти об дар сатҳи миллию маҳаллӣ имконпазир аст ва натиҷаи ниҳоии татбиқи ҳамаи ҳадафҳои пешбинигардида ба сатҳи маҳал рост меояд. Дар ин замина форуми мазкур тавонист талошҳои ҷомеаи ҷаҳониро ҷиҳати ҳалли мушкилоти об дар сатҳи маҳал мушаххас созад ва заминаи сиёсию ҳуқуқии мусоидро дар ин самт фароҳам оварад. Нуқтаи дигари зери таваҷҷуҳ дар ин форум зиёд намудани сармоягузории соҳаи об дар сатҳи маҳал ва дар ин замина бунёду навсозии инфрасохтори обрасонӣ ва таъмини дастрасии баштари аҳолӣ бо об мебошад. Яъне зарфияти форуми мазкур аз дигар чорабиниҳои вобаста ба масъалаи об дар хусусияти дедуксионии он ифода ёфта, он амалҳои байналмилалиро ба маҳал равона намудааст, ки чунин тарҳи корбурд боиси дастёбӣ ба натиҷаҳои бештар мегардад.

Панҷумин Форуми умумиҷаҳонии об аз 16 то 22 марти соли 2009 дар шаҳри Истамбули Туркия зери шиори «Бартараф кардани сарҳадҳои ҷудокунандаи об» баргузор шуд. Дар ин Форум Салиби Сурх аз ҳукуматҳои кишварҳои ширкаткунанда даъват мекунад, ки уҳдадор шаванд, ки системаҳои обтаъминкунӣ ва коркарди обро дар ҳолатҳои ҷангӣ ҳифз менамоянд ва онҳоро дар ҳолати коршоямӣ дар минтақаҳои мунокишаҳои ҳарбӣ нигоҳ медоранд, то аз нобудшавии пурраи онҳо пешгирӣ карда шавад[2]. Ҳадафҳои меҳварии форуми мазкурро ҳифзи инфрасохтори обрасонӣ ва ҳуқуқи дастрасии пурраи инсон ба об новобаста аз вазъи сиёсии давлатҳо ва кафолати ҳамаҷонибаи ин ҳуқуқҳо дар ҳолати ҷангу низоъҳои байнидавлатӣ ташкил дод. Инчунин, ҳадафи дигари форумро пешгирии истифодаи об ҳамчун абзори сиёсӣ ва фишанги таъсиррасонии сиёсӣ миёни давлатҳо ҳангоми ихтилофу низоъҳои байнидавлатӣ ташкил менамояд. Амалия нишон медиҳад, ки дар ҳавзаҳои ягонаи обӣ кишварҳои болооб ва миёнаоб дар ҳолатҳои бархӯрди манфиатҳо ва ихтилофҳои байнидавлатӣ аз объектҳо ва инфрасохтори обрасонӣ ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба кишварҳои поёноб истифода менамоянд, ки боиси поймолшавии ҳуқуқҳои дастрасии шумораи зиёди аҳолӣ ба об мегардад. Барои пешгирии чунин ҳолатҳо ва ҳифзи ҳуқуқи инсонҳо ба об дар ҳолатҳои ҷангу низоъҳои байнидавлатӣ форуми мазкур заминаи сиёсию ҳуқуқӣ гузошта, уҳдадориҳои мушаххасро болои давлатҳо мегузорад.

Форуми шашуми умумиҷаҳонии об аз 12 то 17 марти соли 2012 дар Марсел (Фаронса) таҳти унвони «Вақти тасмим» баргузор гардид. Мавзӯи асосии форум ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли «мушкилоти об» дар сатҳҳои гуногун мебошад. Форуми мазкур ҷонибҳои манфиатдори тамоми ҷаҳонро барои «ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳҳои ҳалли

масъалаҳои об» ҷамъ оварда, дар ин чорабинии байналмилалӣ 35 000 дархост ворид гардида, намояндагон беш аз 173 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла 15 сарвари давлат ва ҳукумат ва 112 вазир, муовинони вазирон ва котибони давлатӣ иштирок намуда, дар доираи он зиёда аз 250 ҷаласа бо баъзе аз бонуфузтарин тасмимгирандагон оид ба масъалаҳои об гузаронида мешавад[2]. Форуми мазкур бо ҷалби доираи васеи ҷонибҳо, заминаи мусоидро барои табодули андеша ва таҷриба барои дарёфти роҳҳои натиҷабахш ва устувори коҳишдиҳӣ ва бартарафсозии мушкилоти об ба вуҷуд оварда, дар он коршиносони СММ қайд менамоянд, ки ҷаҳон дар остонаи буҳрон ва фалокати шадиди об қарор дошта, ҳар даҳумин сокини сайёра аз норасоии шадиди оби ошомиданӣ танқисӣ мекашанд, ки он қариб 780 миллион нафарро ташкил медиҳад ва то соли 2050 талабот ба об 20 фоиз зиёд гардида, дар ин ҳол бисёр кишварҳо аллакай ба иқтидори ниҳоии истифодаи об расидаанд. Дар сурати наандешидани чораҳои зарурӣ то соли 2030 қариб 5 миллиард нафар аҳолӣ аз дастрасӣ ба оби тозаи нӯшокӣ (67 фоизи аҳолии кураи замин) маҳрум монда, ҳолати мазкур боиси муҳоҷирати пуршиддати аҳолӣ аз минтақаҳои биёбону нимбиёбон гардида, шумораи умумии муҳоҷирони обӣ аз 24 миллион то 700 миллион нафарро ташкил медиҳад. Дар ҳамин замина, бино ба ҳисобҳои созмони фаронсавии Solidarites International, дар ҳоли ҳозир аз ҳафт миллиард аҳолии ҷаҳон 1 миллиарду 900 миллион нафари онҳо ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ надоранд. Дар пайи чунин ҳолат ояндаи наздик мушкили камбуди манобеъи об ба як мушкили мураккаби сиёсӣ табдил ёфта, боиси бархӯрди манфиатҳои обӣ ва сар задани ихтилофу низоъҳои обӣ мегардад. Чунин вазъият аз тамоми ҷонибҳои иштирокчии форуми мазкур тақозо менамояд, ки бо истифода аз таҷрибаи ҳамдигар ва имкониятҳои мавҷуда дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба об аз сатҳи маҳаллӣ то сатҳи байналмилалӣ саҳмгузор бошанд. Мушкилоти об ба ҳеҷ ваҷҳ мушкилоти як халқу миллат ва давлати алоҳида набуда, он мушкилоти фароҷаҳонӣ маҳсуб ёфта, новобаста аз вазъи иқтисодию иҷтимоӣ, сиёсӣ ва мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ тамоми давлатҳоро фаро мегирад. Бо назардошти ин, андешидани тадбирҳои дастаҷамъона ва амалҳои муштараки ҷомеаи ҷаҳонӣ зарур аст, ки ҳадафи меҳварии форуми мазкурро ташкил менамояд.

Форуми ҳафтуми умумиҷаҳонии об соли 2015 дар шаҳри Дэгуи Кореяи Ҷанубӣ зери шиори «Об барои ояндаи мо» баргузор мегардад ва он лаҳзаи муҳим барои оғози маҷмӯи ҳадафҳои нави глобалии рушди устувор ва идомаи мантиқии ҳадафҳои форуми шашум гардида, дурнамои ҳифзи захираҳои обро барои идомаи устувори ҳаёт дар сайёраи Замин зарурати аввалиндараҷа арзёбӣ менамояд. Ин падида парадигмаи навро нишон медиҳад, ки ба тағйироти мусбат дар таъмини амнияти захираҳои об дар ҷаҳон мусоидат мекунад. Таъмини амнияти обӣ ҳамчун қисми таркибии амнияти иҷтимоии ҷомеа ва ҳифзи ҳамаҷонибаи захираҳои об аз мақсадҳои аввалиндараҷаи чорабинии мазкур маҳсуб меёбад, ки дар он мавриди арзёбӣ қарор дода мешавад. Форуми ҳафтуми умумиҷаҳонии обро метавон ҳамчун платформаи гузариш аз Даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт» ба ташаббуси нави ҷаҳонии «Об барои рушди устувор» арзёбӣ намуд, ки он ҳадафҳои ду даҳсоларо бо ҳадафҳои дигари умумиҷаҳонии марбут ба об ба ҳам тавъам сохта, уҳдадориҳои ҷонибҳоро дар ин давра ва барои оянда мушаххас месозад. Форуми мазкур ба баста шудани як қатор созишномаҳои сиёсӣ миёни ҷонибҳои иштирокчӣ мусоидат менамояд, ки дар ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи об ва баргузории форуми навбатии умумиҷаҳонии об заминаи устувор мегузорад.

Ҳаштумин Форуми умумиҷаҳонии об аз 18 то 23 марти соли 2018 дар шаҳри Бразилиаи Бразилия таҳти шиори «Истифодаи якҷояи об» баргузор гардида, он бузургтарин чорабинии таърихӣ мегардад, ки шумораи зиёди иштирокчиён, аз ҷумла зиёда аз 100 ҳазор нафар намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, 57 ҳазор нафар ҷавонону

кӯдакон, 83 нафар додситонҳо ва судяҳо иштирок намуданд[2]. Доираи васеи иштирокчиён, махсусан ҷалби кӯдакону ҷавонон дар форуми мазкур боиси бештар гардидани таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаи об ва дурнамои ҳифзи захираҳои об барои ҳаёти осоиштаи наслҳои оянда мегардад. Тавре маълум аст мушкилоти об пеш аз ҳама ба ҳаёти кӯдакону наврасон таҳдид менамояд ва аз норасоии оби тозаи нӯшокӣ ҳамасола кӯдакони зиёде ба бемориҳои гуногуни сироятии марбут ба об гирифтор шуда, ба ҳалокат мерасанд. Яке аз ҷузъиётҳои ҳадафи форуми мазкурро тақвияти ҳамкориҳо дар соҳаи об ба хотири наҷоти ҳаёти кӯдакон ва таъмини зиндагии осоиштаи онҳо ташкил менамояд. Доир ба масъалаҳои ҳуқуқии вобаста ба об, алалхусус дар мубоҳисаҳои марбут ба об ва мурофиаҳои судии марбут ба об, аз ҷумла дар бораи ҳуқуқи дарёҳо ҳамчун шахсони ҳуқуқӣ ё буҳрони тағйирёбии иқлим додситонҳо ва судяҳо ширкат варзида, роҳу воситаҳои ҳалли масъалаҳои вобаста ба обро дар ин самт аз нуқтаи назари касбият ва амалия пешниҳод месозанд.

Ҳадафи марказии форуми мазкурро ҳамкорӣ дар соҳаи об ва истифодаи муштараки захираҳои об миёни давлатҳо ташкил менамояд, ки ба тақвияти дипломатияи об дар арсаи ҷаҳонӣ нигаронида шудааст. Тавре маълум аст, бисёре аз мушкилоти вобаста ба об на бо сабаби норасоии он, балки бо сабаби набудани ҳамкории натиҷабахш ва созанда миёни давлатҳои дорои ҳавзаи ягонаи обӣ ба вуҷуд омадаанд, ки роҳи ягонаи ҳалли онҳо ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилан судманд мебошад, ки мавзӯи чорабинии мазкур низ ба ҳамин самт равона гардидааст.

Форуми нуҳуми умумиҷаҳонии об аз 21 то 26 марти соли 2022 дар шаҳри Дакари Сенегал таҳти шиори «Амнияти об барои сулҳ ва рушд» баргузор гардид[2]. Форуми мазкур ба чаҳорчӯбаи инноватсионӣ асос ёфта, мавзӯи меҳварии онро муайян, пешбурд ва татбиқи вокунишҳо ва амалҳои мушаххас дар соҳаи об ва беҳдошт ба таври ҳамгироӣ ташкил намуд. Аз рӯйи натиҷаҳои форуми мазкур Эъломияи Дакар қабул карда мешавад, ки дар он масъулияти ҳамаи ҷонибҳои иштирокчии ин чорабинӣ муайян карда мешавад.

Эъломияи Дакар аз панҷ қисм - кафолати ҳуқуқ ба об ва беҳдошт барои ҳама, таъмини мавҷудияти захираҳо ва устуворӣ, таъмини маблағгузории мувофиқ, таъмини идоракунии фарогири об, таҳким бахшидани хамкорӣ ва 26 банд иборат буда, мушаххасан ҳамаи вазифаю ухдадориҳои ҷониби иштирокчии форумро муайян намудааст. Аз мазмуни эъломияи мазкур бармеояд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ, алалхусус ҷонибҳои иштирокчии форум то ҳанӯз ба ҳадафҳо ва уҳдадориҳои зиёди гузошташуда дар соҳаи об дастёб нагардидаанд ва мушкилоти назаррас дар ин ҷода боқӣ мондааст. Бо назардошти ҳамин ҳолат дар бандҳои алоҳидаи эъломияи мазкур дарҷ гардидааст, ки «бо эътирофи он, ки об барои одамон ва табиат ҳаётан муҳим аст ва аз ин рӯ, зарур аст, ки тааҳҳудоти худро оид ба андешидани чораҳои фаврӣ оид ба об ва беҳдошт бо мақсади ноил шудан ба рушд, беҳбуди вазъи иқтисодии аҳолӣ ва аз байн бурдани камбизоатӣ таҷдид ва минбаъд тақвият бахшем. Азми амалӣ сохтани дидгоҳи муштараки мо дар бораи ҷаҳоне, ки дар он ҳар як инсон ба оби ошомиданӣ ва беҳдошт ҳамчун ҳуқуқи бунёдии инсон дастрасӣ дошта бошад равона карда шудааст»[3]. Банди нуҳуми санади мазкур сабаби асосии дар сатҳи зарурӣ амалӣ нагардидани мақсадҳои гузошташуда, алалхусус ноилшавӣ ба ҲРУ дар сармоягузории нокифояи соҳаи об ва беҳдошт арзёбӣ намудааст. Маълум мегардад, ки ҳарчанд дар заминаи санадҳои эъломиявии форумҳои умумиҷаҳонии об давлатҳои иштирокчии он уҳдадориҳои иёдро ба зимма мегиранд, аммо бо назардошти вазъи мураккаби молиявӣ ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ ва ҳам давлатҳои миллӣ маблағгузории соҳаи об ва беҳдошт дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Бо назардошти ин, эъломияи мазкур ҷонибҳои иштирокчиро уҳдадор намудааст, ки ба

масъалаи таъмини дастрасӣ ба об ва беҳдошт ҳамчун масъалаи таъмини ҳуқуқҳои бунёдии инсон муносибат намуда, дар сиёсати молиявии дохилию хориҷии худ ба он авлавият диҳанд. Дар ин самт банди даҳи эъломия ҳамкорӣ ва амалкардҳои муштаракро зарур арзёбӣ намуда, дар он таъкид гардидааст, ки бо дарки зарурати истифодаи об ҳамчун воситаи ҳамкорӣ барои сулҳ, ҳамбастагии кишварҳо ва халқҳо ва ҳамгироии минтақавӣ тавассути рушди муколама, субот, ҳамоҳангӣ ва шарикӣ, бахусус дар шароити пандемияи Ковид-19, ки тақдири умумӣ доштани ҷомеаи ҷаҳониро нишон дод, ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи об муҳим мебошад.

Форуми нуҳуми умумиҷаҳонии об бори дигар нишон медиҳад, ки мушкилоти об фароҷаҳонӣ буда, таҳдиду хатарҳои вобаста ба он дар умум ба амнияти байналмилалӣ таъсиргузор мебошад. Бо инобати ин воқеият таъмини амнияти байналмилалӣ дар соҳаи об талоши дастаҷамъӣ ва муштаракро тақозо месозад, ки форуми мазкур ҳамчун платформа барои ба вуҷуд овардани чунин шароит мусоидат намуд.

Чорабиниҳои байналмилалии баргузоршуда, ФУО ба заминаи институсионалии пешбурди масъалаҳои вобаста ба об табдил дода, он ҳамчун ниҳоди асосии пешбарандаи рӯзномаи об дар сиёсати ҷаҳонӣ гардидааast ва натиҷаҳое, ки ҷонибҳо (давлатҳо, созмонҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ) дар доираи ФУО ба даст овардаанд заминаи асосии ташаккули сиёсати об дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мебошад. Ин ниҳод тавонистааст бо ҷалби доираи фарроҳи иштирокчиён ва намояндагони аксари кишварҳо ва созмону ташкилотҳои минтақавию байналмилалӣ, инчунин қишрҳои мухталифи ҷомеа талошҳои ҷомеаи ҷаҳониро дар пешбурди рӯзномаи об дар сатҳи байналмиллӣ муттаҳид гардонад ва дар таҳкими асосҳои ҳуқуқию сиёсии фаъолияти байналмилалӣ дар соҳаи об ҷойгоҳи шоистаро касб намояд.

Дар заминаи ФУО соли 2006 ниҳоди дигари минтақавии пешбурди рӯзномаи об Форуми оби Осиё ва Уқёнуси Ором ва дар доираи он Саммити оби Осиё ва Уқёнуси Ором ба вуҷуд омадаанд, ки боиси ташаккул ёфтани заминаҳои институтсионалии пешбурди масъалаҳои вобаста ба об дар ин минтақа гардидаанд. Дар ҷараёни омодагии минтақавӣ ба Форуми чоруми умумиҷаҳонии об маълум гардид, ки баъзе мушкилот ва чолишҳои об барои ҳамаи кишварҳои Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором умумӣ мебошанд. Дар ин минтақа 60% аҳолии ҷаҳон зиндагӣ мекунанд ва дар он 0,7 миллиард нафар одамон ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ надоранд ва зиёда аз нисфи аҳолӣ бе хатҳои обрасонӣ ва шароити муътадили беҳдоштӣ зиндагӣ мекунанд. Бо назардошти ин ФООУО таъсис дода мешавад, то дар ҳамбастагии комил ҷиҳати муайян ва қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои оби минтақа фаъолияти муштарак ба роҳ монда шавад[4].

Ҳадафи ФООУО мусоидат ба идоракунии устувори об барои ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Устувори СММ дар Осиё ва Уқёнуси Ором бо такя ба гуногунии минтақа ва таҷрибаи ғании он дар муносибат бо об ҳамчун ҷузъи муҳими мавҷудияти инсоният мебошад. Аз ҷумла, шабакаи ФООУО бояд ташаббусҳоеро, ки ба афзоиши сармоягузорӣ, баланд бардоштани иқтидор ва таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи об дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ нигаронида шудаанд, дастгирӣ намояд. Бо назардошти ин, таъмини кишварҳо ва созмонҳои минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором бо платформа ва ҳамраъйии муштарак барои баёни дақиқи стратегияҳои минтақа ва фароҳам овардани фазои мусоид барои ҳалли бомуваффақонаи масъалаҳои об, аз ҷумла тавассути қонеъ кардани ниёзҳои сармоягузорӣ аз тадбирҳое дониста мешавад, ки барои расидан ба ҳадафи ФООУО мусоидат менамояд. Инчунин ҳадафи форуми мазкур тавассути таъсиси шабакаи муттаҳидаи ташкилотҳои аъзои ФООУО, ки қодир ва омодаанд захираҳои худро дар асоси ихтиёрӣ барои истеҳсоли маҳсулот ва хидматҳои босифат, ки ба ниёзҳои афзалиятноки ҳамаи ҷонибҳо манфиатдори об ҷавобгӯ бошанд, ба даст оварда мешавад.

Дар ин баробар татбиқи амалии ҳадафи гузошташудаи форум тавассути ташкили нишастҳои доимии кишварҳои Осиё ва Уқёнуси Ором, ки сарони ҳукуматҳо, намояндагони бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро муттаҳид мекунанд, имконпазир мебошад.

Тибқи принсипҳои ФООУО об як масъалаи бисёрсоҳавӣ буда, бояд ҳамчун як масъалаи сиёсӣ баррасӣ шавад, ки барои муошири уфуқии демократӣ байни ҳамаи гурӯҳҳои манфиатдор эҷоди майдони муколамаро бо иштироки намояндагони ҳамаи сатҳҳо тақозо намуда, арзёбии дониш ва таҷрибаи маҳаллӣ ва фароҳам овардани шароит барои амалҳои маҳаллӣ, таҳкими иқтидори институтсионалӣ ва фаҳмиши иҷтимоӣ барои ҳалли муассир ва демократии масъалаҳои обро талаб менамояд.

То кунун дар доираи ФООУО чор СООУО баргузор гардидаанд, ки дар онҳо масъалаҳои гуногуни вобаста ба об матраҳ гардида, қарорҳои дахлдор қабул карда шудаанд.

Нахустин СООУО 3-4 декабри соли 2007 дар шаҳри Беппуи Япония дар мавзуи «Амнияти об: роҳбарӣ ва уҳдадорӣ» баргузор карда мешавад[5]. Ҳадафи асосии ин чорабинӣ фароҳам овардани имконият барои роҳбарони сиёсии минтақа ҷиҳати дарки амиқтари аҳамияти мушкилоти идоракунии об дар робита ба ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсолаи СММ ва ташкили муколама байни ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор ҷиҳати таҳияи амалҳои мушаххас барои ҳар як кишвари минтақа мебошад. Дар ин Саммит заминаҳои мусоиди сиёсию ҳуқуқӣ ҷиҳати пешбурди рӯзномаи минтақавӣ ва ҷаҳонии об дар Осиё ва Уқёнуси Ором фароҳам оварда мешавад. Масъалаи меҳварии онро тақвияти ҳамаҷонибаи ҳамкориҳо ва муколама дар соҳаи об ва дар заминаи он дарёфти роҳу воситаҳои муассири таъмини амнияти обӣ дар минтақа ташкил менамояд. Бо назардошти ҳолати демографии кишварҳои ин ҳудуд дар маҷмуъ ва мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофии кишварҳои Уқёнуси Ором масъалаи таъминот бо оби тозаи нӯшокӣ дар он нисбат ба ҳар минтақаи дигари сайёра душвор ва мураккаб мебошад. Бо инобати ин хусусият ҳадафи асосии СООУО маҳз дарёфти роҳҳои натиҷабахши ҳалли мушкилоти об ва таъмини амнияти об дар чунин шароит мебошад.

Саммити дуюми оби Осиё ва Уқёнуси Ором 19 майи соли 2013 дар шаҳри Бангкоки Таиланд дар мавзуи «Амнияти об ва мушкилоти офатҳои марбут ба об: роҳбарӣ ва ухдадорӣ» баргузор карда мешавад[6]. Саммити мазкур низ чун Саммити нахустин ба таъмини амнияти об нигаронида шуда, дар он ҳамчунин масъалаи офатҳои табиии марбут ба об, таҳкими роҳбарӣ ва ухдадориҳо ҷиҳати ноил шудан ба самаранокии амнияти об ва ҳалли бисёр масъалаҳои дигари вобаста ба об равона карда мешавад. Саммити мазкур аз нахустин чорабинии сатҳи байналмилалӣ буд, ки масъалаи офатҳои табиии марбут ба обро ба рӯзномаи ҷаҳонӣ бо инобати ҳамаи ҷанбаҳои он ворид намуда, муколамаи асосии иштирокчиёни онро дарёфти роҳҳои коҳиш додани офатҳои табиии марбут ба об ва ҳифзи ҷомеа аз пайомадҳои манфии онҳо ташкил менамояд. Дар ин Саммит Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок намуда, дар маърӯзаи худ вобаста ба ҳамгироии минтақавии обӣ дар ОМ изроз менамоянд, ки механизми асосии ҳалли мушкилоти дар боло зикршуда рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманди минтақавӣ мебошад. Муносибатҳои кунунии кишварҳои Осиёи Марказиро дар масъалаи об ба қадри кофӣ эътимод ва шарикӣ номидан душвор аст. Агар кишварҳои минтақа равобити мутақобилан судманд ва созанда баркарор созанд метавонад ҳама гуна хатарҳои вобаста ба обро ба маротиб коҳиш диҳад ва ба таъмини амнияти об дар минтақа мусоидат кунад. Минтақа захираҳои кофӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣ, энергетикӣ ва обӣ дар баробари нигоҳдорӣ ва беҳбуди устувории экологӣ дорад. Аммо дар натиҷаи ҳамкории нокифоя дар соҳаи об, кишварҳои минтақа

мушкилоти мухталифи марбут ба обро аз сар мегузаронанд[7]. Дар маърӯзаи худ Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи иштирокчиёни Саммити мазкурро ба мушкилоти об ва муносибатҳои байнидавлатӣ дар соҳаи об дар Осиёи Маркзӣ ҷалб намуда, хостори тақвияти ҳамаҷонибаи ҳамкориҳо дар соҳаи об ва дипломатияи об мегардад, ки шарти асосии таъмини амнияти об ва татбиқи амалии ҳадафу уҳдадориҳои гузошташудаи Саммитро ташкил менамояд.

Масъалаи амнияти об мавзуи доманадори баррасишавандаи СООУО гардида, он дар Саммити сеюм, ки 11-12 декабри соли 2017 дар шаҳри Янгони Мянма баргузор мегардад идоматан мавриди таҳлилу арзёбии ҷонибҳои иштирокчӣ қарор мегирад. Мавзуи Саммити сеюм «Амнияти об барои рушди устувор» номгузорӣ гардида, ҳадафҳои асосии онро таъмини дастрасӣ ва идоракунии устувори об ва беҳдошт барои ҳама, муайян намудани роҳи дастёбӣ ба рушди устувори Осиё ва Уқёнуси Оромро дар соҳаи об, пешниҳоди амалҳо, роҳҳои ҳалли масъала, навоварӣ дар соҳаи ҳамкориҳои фаромарзӣ ва бисёрҷониба барои идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои об, иқтисодиёти об ва татбиқи рӯзномаҳои дар сатҳи ҷаҳонӣ мувофиқашуда, мусоидат ба ҳамкорӣ ва шарикӣ, инчунин табодули донишу таҷриба ҷиҳати беҳтар намудани амнияти захираҳои обӣ дар минтақа, амалҳои мушаххас ва роҳҳои ҳалли рушди устувор ташкил менамояд. Ин оғози талошҳои минтақавӣ барои пешсафӣ дар татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028 мебошад. Ҷонибҳои иштирокчии Саммит ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳои минтақаро на танҳо дар соҳаи идоракунии об, балки тавассути об дар соҳаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар маҷмуъ зарур медонанд.

Дар ниҳояди Саммити мазкур иштирокчиёни он изҳороти якҷоя қабул намуда, азми худро барои ноил шудан ба амнияти об барои рушди устувор дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором изҳор намуда амалҳои зеринро зарур медонанд: таъмини оби бехатар ва дастрасиии оби ошомиданӣ, шароити асосии беҳдошт барои ҳама дар минтақа то соли 2025, яъне панҷ сол пеш аз Рӯзномаи 2030 оид ба рушди устувор, ду баробар афзоиш бахшидани сармоягузорӣ дар сатҳи минтақавӣ ба инфрасохтор ва кӯшишҳои сатҳи ҷомеа барои ҳалли мушкилоти марбут ба об ва ба таври назаррас беҳтар намудани амнияти об, мусоидат ба тадқиқот ва коркардҳо, инчунин таълим ва омӯзиш барои эҷоди қарорҳои инноватсионӣ, махсусан дар соҳаҳои истифодаи самаранок ва коркарди об, истифодаи такрорӣ, арзёбии хатар ва коҳиш додани он, сиёсат ва идоракунӣ, қонеъ кардани талаботи афзоянда ба об, кам кардани зарар аз офатҳои табиӣ ва беҳтар намудани ҳолати санитарӣ ва идоракунии обҳои партов, мусоидат ба татбиқи идоракунии маҷмуии захираҳои об дар ҳама сатҳҳо, аз ҷумла тавассути ҳамкориҳои фаромарзӣ, дар ҳолати зарурӣ ва шарикӣ[8]. Татбиқи натиҷабахши ҳадафҳои гузошташуда ва амалкардҳои муштараки ҳамаи ҷонибҳо метавонад мушкилоти обро дар минтақаи мавриди назар ба маротиб коҳиш диҳад ва ҳамкориҳои созандаи байнидавлатию минтақавиро дар соҳаи об ба вуҷуд орад. Аммо ҳолат нишон медиҳад, ки фаъолияти амалии ҷонибҳои манфиатдор нисбат ба раванди мураккабшавии мушкилоти вобаста ба об дар минтақа ба маротиб қафо монда, рушди босуръати демографӣ, иқтисодӣ, саноатӣ, кишоварзӣ ва таъсири манфии тағйирёбии иқлим ба захираҳои об ҳолатро боз ҳам печида намуда истодааст.

Бо назардошти ҳолати мазкур ва мубрамияти масъалаҳои рушди устувори вобаста ба об ва аҳамияти он дар таъмини амнияти об Саммити чоруми оби Осиё ва Уқёнуси Ором, ки 24 апрели соли 2022 дар шаҳри Кумамотои Ҷопон баргузор гардид ба мавзуи «Об барои рушди устувор: Таҷрибаи пешқадам ва насли оянда» бахшида шуд[9]. Саммити мазкур идома ва пайгирии мантиқии ҲРУ ва дарёфти абзорҳо муассири

расидан ба ҳадафҳои гузошташуда дар ин самт буда, талошҳои ҷонибҳоро барои расидан ба ҳадафҳои мувофиқашуда баро давраи то соли 2030 муттаҳид месозад.

Дар саммити мазкур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тариқи маҷозӣ иштирок ва маърӯза намуда, аз ҷумла таъкид сохтанд, ки Ҳадафи рушди устувор худ таъмини зиндагии шоиста барои насли оянда мебошад. Аммо, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо он суръату талошҳое, ки мо имрӯз дорем, расидан ба ҲРУ, бахусус дар қисмати об, хеле мушкил мебошад. Мутаассифона, таҳдидҳову хатарҳои муосир, аз ҷумла мушкилоти тағйирёбии иқлим, ин равандро ба таври ҷиддӣ халалдор кардаанд. Чунин ҳолат таваҷҷуҳи махсусро талаб менамояд, зеро таъсири он ба захираҳои об, бахусус пиряххо, бисёр возеҳ ва нигаронкунанда мебошад[10].

Дар ниҳояти Саммити мазкур «Эъломияи Кумамото» қабул карда мешавад, ки дар он пешниҳодҳо оид ба густариши ҳамкориҳои минтақавӣ ва сафарбар кардани захираҳо ва воситаҳои мавҷудаи ҳамкории бисёрҷониба барои ҳалли масъалаҳои об, ки дар кишварҳои иштирокчии Саммит сурат мегиранд, баён мегардад. Мушаххас шудааст, ки Эъломияи қабулшуда аз ҷомеаи илмию техникии кишварҳои минтақа даъват менамояд, ки мушкилоти обро ҳал кунанд ва саъю кӯшиши худро ҷиҳати таҳия ва татбиқи навовариҳо дар соҳаи идоракунии об бо назардошти шароити мушаххаси ҷуғрофӣ, миллӣ ва иқлим муттаҳид кунанд.

Дар маҷмуъ метавон хулоса намуд, ки СООУО ҳамчун ниҳоди минтақавии дорои хусусияти ҷаҳонӣ бо муттаҳид намудани талошҳои 49 кишвари дунё ва аксари созмону ташкилотҳои минтақавию ҷаҳонӣ тавонистааст, дар пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об ва тақвият бахшидани талошҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар самти густариши ҳамаҷонибаи муколама ва дипломатияи об ва расидан ба ҲРУ дар соҳаи об нақши бориз дошта бошад.

Саммити мазкур бо назардошти нуфузи демографӣ ва иқтисодию саноатӣ, инчунин паҳнои ҷуғрофии кишварҳои шомили он аҳамияти махсуси ҷаҳонӣ дошта, ҳалли мушкилоти об дар сатҳи он баробар ба ҳалли мушкилоти об дар қисми мутлақи ҷаҳон маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, арзёбӣ ва масъалагузориҳо вобаста ба об дар доираи саммити мазкур танҳо аҳамияти минтақавӣ надошта, он қисми таркибии рӯзномаи ҷаҳонии об ва ҲРУ мебошад. Дар муқоиса бо дигар ниҳодҳои минтақавии соҳаи оби манотиқи дигари сайёра ҷойгоҳи СООУО ва натиҷаҳои дар заминаи чор саммити баргузоргардида бадастомада дар пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об ва расидан ба ҳадафҳои калидии дар ин самт гузошташуда назаррасу воқеъӣ мебошад. Дар ин замина ҷонибҳои аъзо ва иштирокчии саммитро зарур аст, ки бо инобати воқеияти ҳолати рушди демографӣ ва иқтисодию иҷтимоии давлатҳои шомили он фаъолияти гидрополитикии худро дар амалия тақвият бахшанд ва уҳдадориҳои вогузоршударо дар ин самт ба таври муассир татбиқ созанд.

Ниҳоди дигари пешбарандаи рӯзнома ва сиёсати ҷаҳонии об Шарикии ҷаҳонии об мебошад. Шарикии ҷаҳонии об (GWP) шабакаи ҷаҳонӣ мебошад, ки фаъолияти он барои мусоидат ба муносибати маҷмӯӣ ба идоракунии об равона гардида, дар доираи он машваратҳои амалӣ ҷиҳати идоракунии устувори об ба роҳ монда шудааст. Он ҳамчун шабакаи озоди ҷаҳонӣ барои ҳамаи ташкилотҳо, аз ҷумла муассисаҳои давлатӣ, абзорҳои СММ, ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, ассотсиатсияҳои касбӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва бахши хусусӣ фаъолият мебарад.

ШҶО соли 1996 бо дастгирии Бонки Ҷаҳонӣ, Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ) ва Агентии ҳамкории Шветсия оид ба рушд (SIDA) таъсис ёфтааст. Дар ибтидо, он ҳамчун зерсохтори SIDA фаъолият намуда, баъдан соли 2002, мувофиқи қонунгузории байналмилалӣ ба ташкилоти байниҳукуматӣ табдил ёфта, ҳамчун Созмони ҷаҳонии шарикии об шинохта мешавад.

Дар айни замон, ШҶО аз 13 шарикии минтақавии об, 68 ширкатҳои аккредитатсияшудаи шарикии об ва 3000 шарики институтсионалӣ дар зиёда аз 170 кишвар иборат аст, ки онҳо дар 13 минтақа, аз ҷумла Африқои Ҷанубӣ, Африқои Шарқӣ, Африқои Марказӣ, Африқои Ғарбӣ, Амрикои Ҷанубӣ ва Шарқӣ, Осиёи Марказӣ, Осиёи Марказӣ ва Шарқӣ, Осиёи Ҷанубӣ ва Чин ҷойгир мебошанд[11].

ШҶО бо паҳнои фаррохи сатҳи гидрографӣ ва географӣ дар пешбурди Рӯзномаи ҷаҳонии об ва сиёсати об дар арсаи байналмилалӣ нақши шоиста дорад. Он вазифаҳои муҳимтарини маълумотноксозӣ ва ҳамгироии ҷонибҳоро ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳо барои дарёфти роҳҳои илман асоснокшудаи ҳалли мушкилоти вобаста ба об пеш мебарад.

Вазифаҳои муҳимтарини ШҶО фароҳам овардани имконот ва мубодилаи дониш мебошанд, ки ин тавассути нашрияҳо, семинарҳо, курсҳои омӯзишӣ, маҷлисҳо, мубодилаи ғайрирасмӣ, инчунин тавассути шабакаҳои интернетии IWRM Toolbox. GWP IWRM Toolbox, ки платформаи ройгон ва махзани онлайн барои таҳқиқоти маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ доир ба ИҲЗО ва мавзуъҳои дахлдор мебошад ба роҳ монда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки мутахассисону коршиносон ва ҷонибҳои манфиатдор ҷанбаҳои мухталифи раванди ИҲЗО таҳлилу баррасӣ намуда, самтҳои афзалиятноки фаъолиятро вобаста ба беҳтар гардонидани идоракунии захираҳои об муайян сохта, инчунин фаъолияти мутақобиларо бо доираҳои хурду бузурги ҷомеа доир ба ҳалли мушкилоти об ба роҳ монанд. ШҶО инчунин бо шарикони стратегӣ тавассути барномаҳои мавзуйӣ, ба монанди барномаи ҷаҳонӣ барои захираҳои об ва иқлим, барномаи муштараки ШҶО ва Созмони ҷаҳонии метеорологӣ барои идоракунии обхезӣ ва паҳншавии хушкшавӣ ва барномаи идоракунӣ кор мекунад. Шарикони асосии ШҶО CapNet UNDP, UN-Water и UNEP -DHI Center мебошанд[11].

Дар воқеъ рушди шарикӣ ва ҳамкорӣ дар сатҳи байналмилалӣ ҷиҳати оқилона пеш бурдани Рӯзномаи ҷаҳонии об ва татбиқи босамару натиҷабахши сиёсати ҷаҳонии об зарур мебошад. Дар заминаи ШҶО ба таври рӯзафзун тавсеа бахшидани робитаҳои гуногунарсаи ниҳодҳои шомили он ҷиҳати тақвияти муколама ва дипломатияи об, расидан ба ҲРУ вобаста ба об, ҳамшарикӣ ва ҳамёрӣ барои бартараф сохтани мушкилоти вобаста ба об дар манотиқи гуногуни сайёра зарур мебошад.

Таҳлил нишон дод, ки мавзуйи об дар як фосилаи кӯтоҳи таърихӣ аз мушкилоти инфиродию локалӣ ва маҳаллию миллӣ ба мушкилоти ҷаҳонӣ табдил ёфта, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба он бамаротиб зиёд гардид. Ин ҳолат мураккаб будан ва мубрамияти масъалаи мазкурро нишон дода, давлатҳо ва субъектҳои дигари муносибатҳои байналмилалӣ иқтидор ва имконияти дар алоҳидагӣ бартараф сохтани онро надоранд. Ин воқеият водор сохт, ки ниҳодҳои муштараки байналмилалии соҳаи об бунёд гарданд ва мавзуйи об ба масъалаи авлавиятдоштаи рӯзномаи сиёсии ҷаҳонӣ ворид карда шавад. Рӯзномаи сиёсии ҷаҳонии об нишон медиҳад, ки мубрамияти ҳаётии онро ҷомеаи ҷаҳони имрӯз беш аз ҳар вақти дигар дарк карда, заминаҳои воқеии сиёсӣ ва ҳуқуқиро дар сатҳҳои дохилидавлатӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба вуҷуд овардаанд.

Дар сатҳи ҷаҳонӣ роҳандозӣ шудани иқдомҳо ва ташаббусҳои зиёд вобаста ба об ва пешбурди сиёсати ҷаҳонии об, ҳамзамон рӯзномаи ҷаҳонии об шароитҳои мусоидро барои ҳалли мушкилоти ҷаҳонии об фароҳам овардаанд. Аммо амлияи татбиқи онҳо бо назардошти рушди босуръати демографию саноатӣ, тағйирёбии иқлим ва тарзи ҳаёт, раванди урбанизатсия, обшавии бошиддати пиряхҳо, махсусан пиряхҳои маҳфуз дар хушкӣ, зиёд гардидани майдони кишт ва талабот ба оби кишоварзӣ қаноатмандкунанда нестанд. Маҳз бо ҳамин сабаб то ҳанӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳаллии зарурии мушкилоти об дар арсаи байналмилалӣ дастёб нагардидааст.

Ҳолати мазкур баланд бардоштани сатҳи масъулиятпазирии ҷониби давлатҳо ва иродаи сиёсии сатҳи олии сиёсиро дар сатҳи дохилидавлатӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ тақозо менамояд.

**Адабиёт**


1. Қатъномаи СММ аз 22.12.1992 № 47/193 «Дар бораи баргузории Рӯзи умумиҷаҳонии захираҳои об».
2. Всемирные водные форумы[электроный ресурс].Источник: http://cawater-info.net/worldwaterfora/index.htm (дата посящения 15.11.2022).
3. Бандҳои 2 ва 6 Эъломияи Дакар [манбаи электронӣ].Сарчашма: http://cawater-info.net/worldwaterfora/index.htm (санаи воридшавӣ: 07.06.2022).
4. Қатъномаи муштараки вазирони хоҷагии оби кишварҳои Осиё ва уқёнуси Ором. Форуми чоруми умумиҷаҳонии об, Мехико, 21 марти 2006.
5. Первый Азиатско – Тихоокеанский Водный Саммит[электроный ресурс].Источник: http://www.cawater-info.net/int_org/apwf/report_1apws.htm (дата посящения 22.12.2022).
6. Второй Азиатско – Тихоокеанский Водный Саммит[электроный ресурс].Источник: http://www.cawater-info.net/int_org/apwf/2nd-apwf.htm (дата посящения 22.12.2022).
7. Выступление Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмона, на 2-ом Азиатско – Тихоокеанском Водном Саммите[электроный ресурс].Источник: http://www.cawater-info.net/int_org/apwf/2nd-apwf.htm (дата посящения 22.12.2022).
8. Японская Декларация: «Путь вперёд» [электроный ресурс].Источник: http://www.cawater-info.net/int_org/apwf/yangon-declaration.htm (дата посящения 22.12.2021).
9. Четвёртый Азиатско – Тихоокеанский Водный Саммит[электроный ресурс].Источник: http://www.cawater-info.net/int_org/apwf/4th-apwf.htm (дата посящения 22.12.2022).
10. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Саммити чоруми оби кишварҳои минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором[манбаи электронӣ].Сарчашма: http://president.tj/node/28253 (санаи воридшавӣ: 20.05.2022).
11. Глобальное водное партнёрство.[электроный ресурс]// Источник: site:buildwiki.ru (дата обращения 25.01.2022).


## ИСТОРИЧЕСКИЕ И ПОЛИТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ ВСЕМИРНЫХ ВОДНЫХ ИНСТИТУТОВ


**КУВВАТЗОДА САЙДУЛЛО ЗУВАЙД**,
кандидат политических наук, доцент
кафедры политологии и связь с общественностью
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Насира, 33.
Тел.: (+992)-907-80-00-71. E-mail: sqz_0085@mail.ru



*В данной статье анализируются и обсуждаются историко-политические предпосылки возникновения региональных и глобальных институтов в сфере водной политики. Подчеркнуто, что в связи со сложностью водохозяйственных вопросов в межгосударственных, региональных и глобальных отношениях возникает необходимость создания институтов, регулирующих многосторонние отношения в этом направлении. В настоящее время существуют множество институтов в этом направлении, которые в*

*рамках своей деятельности смогли создать благоприятную правовую и политическую основу в сфере водной дипломатии. Эти институты обеспечивают регулярность деятельности всех заинтересованных сторон в направлении продвижения водной политики на разных уровнях, определяют цели и задачи и дорожную карту в этом направлении. Они смогли обеспечить концептуальные и эффективные основы для разработки и эффективной реализации водной политики для широкого круга субъектов, участвующих в процессе продвижения водной политики, и интегрировать действия различных сторон. Успешная политика в продвижении водной дипломатии зависит от деятельности этих институтов, а цели, преследуемые в рамках их деятельности, должны находить свою эффективную реализацию на местном, национальном, региональном и глобальном уровнях.*

***Ключевые слова:*** *вода, институт, водная политика, водные проблемы, водная дипломатия, сотрудничество, интеграция, бассейн, мировая водная повестка, регион, мир, Всемирный водный совет, Всемирный водный форум, Азиатско-Тихоокеанский водный саммит.*

## HISTORICAL AND POLITICAL BASIS FOR THE ORIGINATION OF THE WORLD WATER INSTITUTIONS

**QUVVATZODA SAYDULLO ZUVAID,**
Candidate of political sciences, dotsent of the
department of political science and public relations
Academy of public administration under the president of Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nasir str.
Photo: (+992) 907-80-00-71. Email: sqz_0085@mail.ru

*This article analyzes and discusses the historical and political prerequisites for the emergence of regional and global institutions in the field of water policy. It is emphasized that due to the complexity of water management issues in interstate, regional and global relations, there is a need to create institutions that regulate multilateral relations in this direction. Currently, there are many institutions in this direction, which, as part of their activities, have been able to create a favorable legal and political framework in the field of water diplomacy. These institutions ensure the regularity of activities of all stakeholders in the direction of promoting water policy at different levels, determine goals and objectives and a roadmap in this direction. They were able to provide a conceptual and effective framework for the development and effective implementation of water policy for a wide range of actors involved in the process of promoting water policy, and to integrate the actions of various parties. A successful policy in promoting water diplomacy depends on the activities of these institutions, and the goals pursued within the framework of their activities must find their effective implementation at the local, national, regional and global levels.*

***Key words:*** *water, institution, water policy, water problems, water diplomacy, cooperation, integration, basin, world water agenda, region, world, World Water Council, World Water Forum, Asia-Pacific Water Summit.*

УДК: 32.019.51

# НАЗАРФИРЕБИИ СИЁСӢ ҲАМЧУН ТАҲДИД БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ

**МУРОДОВА ГУЛЧЕҲРА РӮЗИБОЕВНА**,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16.
Тел.: (+992) 918-93-08-77
**НУРИДДИНЗОДА САЙҶАМОЛИДДИН ҲАЙДАР,**
унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16.
Тел.: (+992) 988-50-00-08. E-mail: mp.kulob@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои тахрибии назарфиребии сиёсӣ нишон дода шуда, таҳдиду хатари он ба амнияти миллӣ таҳлил гардидааст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки рушди технологияҳои иттилоотии замони муосир имкониятҳои манипулятсионии муборизаҳои иттилоотию идеологиро бештар намудаанд. Технологияҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба субъектҳои гуногуни фазои иттилоотӣ, бахусус ба ташкилотҳои экстремистию террористӣ имкониятҳои манипулятсинӣ фароҳам овардаанд. Ташкилотҳои мазкур тавассути василаҳои иттилоотии замони муосир ғояҳои худро дар шакли технологияҳои манипулятсионӣ паҳн намуда истодаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдиду хатари истифодаи назарфиребиро дар фаъолияти ташкилотҳои террористию экстремистӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Бо назардошти хавфу хатари ин падида ва бо мақсади фош намудани ҳадафҳои ғаразноки ин зумра созмонҳо омӯзиши ин масъала хеле муҳим мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *назарфиребии сиёсӣ, технологияҳои иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ, идеологияи радикалистӣ, таҳдидҳои иттилоотӣ.*

Пайдоиши назарфиребии сиёсӣ таърихи қадима дорад. Дар ҳар давру замон онро ҳамчун яроқи идеологию психологӣ истифода намудаанд. Дар шароити муосир технологияҳои назарфиребӣ дар баробари давлатҳо, инчунин аз ҷониби ташкилотҳои террористию экстремистӣ ва ҳизбу ҳаракатҳои тундгаро ба таври васеъ истифода гардида истодаанд. Рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои мазкур имконият додаанд, ки дар шабакаи интернет бо роҳи паҳн намудани ғояҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ ба зеҳну тафаккури ҷомеа таъсиргузорӣ намоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ин раванд ба як падидаи бесуботкунанда табдил ёфта истодааст. Тӯли солҳои охир аз ҷониби ташкилотҳои террористию экстремистии «Ҳизби наҳзати исломӣ» (минбаъд ТЭТ ҲНИ), «Гурӯҳи 24», бо ном «Паймони миллии Тоҷикистон» (минбаъд ТЭТ ПМТ) ва дигар ташкилотҳои террористию экстремистие, ки бо қарори Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияташон дар қаламрави кишвар манъ гардидаанд, ҷиҳати расидан ба мақсадҳои худ дар фазои иттилоотии кишвар ҳуҷумҳои иттилоотию психологӣ анҷом медиҳанд. Мақсади онҳо тағйир додани зеҳну тафаккури шаҳрвандони мамлакат ба шумор меравад. Ҳамзамон ташкилотҳои мазкур кӯшиш намуда истодаанд, ки бо роҳи иғвоангезӣ ва дурӯғпардозӣ шаҳрвандони мамлакатро дар муқобили сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат қарор диҳанд. Чунин вазъ муҳиммияти омӯзиши мавзуи мазкурро асоснок намуда, ҳамчун таҳқиқоти саривақтӣ барои таҳкими суботи сиёсии кишвар нигаронида мешавад. Зеро истифодаи технологияи назарфиребӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароию террористӣ имконият медиҳад, ки бархе аз сокинони мамлакатро ба сафҳои худ ҷалб намуда, дар муқобили давлату ҳукумат сафарбар намоянд. Чунин ҳолат имкон медиҳад, ки технологияи

назарфиребиро ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ намоем.

Истифодаи технологияҳои назарфиребии сиёсӣ аз ҷониби неруҳои иҷтимоию сиёсӣ таърихи қадима дорад. Онҳоро дар ҳама давру замон барои расидан ба мақсадҳои сиёсии худ истифода намудаанд. Имрӯзҳо шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ бо иқтидори зиёди манипулятивии худ дастраси ҳамагон гардидаанд, ки онҳоро, пеш аз ҳама, ташкилотҳои террористию экстремистӣ моҳирона истифода намуда истодаанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи январи соли 2021 дар Паёми солонаи худ иброз намуданд, ки «пайравони созмонҳои террористиву экстремистӣ барои ноором сохтани вазъият дар ҷомеа ва тафриқаандозиву барангехтани низоъҳои диниву мазҳабӣ кӯшиш карда, барои гумроҳ сохтани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва ба созмонҳои манъшуда ҷалб намудани онҳо аз шабакаҳои интернетӣ васеъ истифода мебаранд» [5]. Воқеан ҳам, аксари нафароне, ки ба сафи ташкилотҳои мазкур пайвастаанд, тавассути интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ мағзшӯӣ шудаанд. Ҳамзамон вобаста ба шароитҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ ҳамасола роҳу усулҳои нави назарфиребии сиёсӣ ба вуҷуд оварда шуда, ба мубо񠁰ризаҳои сиёсии замона мувофиқ гардонида мешаванд. Аз ин рӯ, назарфиребии сиёсӣ ҳамчун воситаи анҷом додани тарғиботи ноаён ва воситаи анҷом додани дезинформатсия хеле хатарзо гардидааст. Таъсири онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамарӯза эҳсос намудан мумкин аст. Танҳо ташкилоти террористии «Давлати исломӣ» тавонистааст, ки аз ҳисоби ҷавонони тоҷик бештар аз 2 ҳазор нафарро шомили дастаҳои ҷиноятпешаи худ гардонад. Ҳизбу ҳаракатҳои дигар низ чунин амалҳоро анҷом дода истодаанд. ТЭТ ҲНИ, «Гурӯҳи 24» ва ТЭТ ПМТ тавассути интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ бо истифода аз технологияҳои назарфиребӣ дар байни ҷавонони тоҷик, бахусус муҳоҷирони меҳнатӣ таблиғоти ғояҳои ифротгароию тундгароиро ба таври густурда ба роҳ мондаанд. Ҳамарӯза фаъолон ва саркардогони онҳо дар шабакаи интернет иттилооти иғвоангез, ифротгароӣ ва дорои ангезаҳои зӯровариро паҳн менамоянд.

Якум, истифодаи назарфиребии сиёсӣ хавфи мағзшӯӣ гардидани ҷавононро бештар месозад. Дар навбати худ мағзшӯӣ яке аз навъҳои назарфиребӣ мебошад. Ташкилотҳои террористию экстремистӣ технологияи мағзшӯиро барои ҷалби ҷавонону наврасон ба сафҳои худ, шомил кардани онҳо ба дастаҳои нимаҳарбии ҷиноятпешаи худ, барои анҷом додани амалҳои террористӣ сафарбар намудани онҳо истифода мебаранд. Аксарияти ҷавононе, ки ба сафи ташкилотҳои террористӣ пайвастаанд, бо роҳи мағзшӯӣ ба доми террористон афтодаанд.

Дуюм, ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро ва тундгаро дар фаъолияти таблиғотию ташвиқотии худ технологияҳои назарфиребии сиёсиро барои баланд намудани руҳияи радикалистии ҷомеа ва дар муқобили давлату ҳукумат сафарбар намудани шаҳрвандон моҳирона истифода мебаранд. Дар чунин шароит, технологияҳои паҳн намудани хабарҳои бардурӯғ ва иттилооти носаҳеҳ, анҷом додани тарғиботи ноаён, ба ҷониби дигар ҷалб намудани диққати одамон, технологияи мазоқу истеҳзо, тарсонидан ва ғ. ҳамчун воситаи тағйир додани зеҳну шуури одамон истифода мекунанд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин технологияҳои назарфиребиро пеш аз ҳама наҳзатиён, салафиён ва ваҳҳобиён хеле зиёд истифода менамоянд.

Сеюм, як зумра ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ, пуштибонони онҳо дар симои давлатҳо (ҳамаи ташкилотҳои террористӣ пуштибон дорад) дар кишварҳои гуногуни олам кӯшиш менамоянд, ки тазоҳуроти оммавӣ, инқилобҳои ранга ва низоъҳои мусаллаҳона ташкил кунанд. Воқеаҳои кишварҳои Шарқи Наздик ва Африқои Шимолӣ дар солҳои 2011-2012 маҳз зери таъсири назарфиребии сиёсӣ ва тавассути шабакаи

интернет паҳн намудани маводҳои ифротгароию тундгароӣ ба чунин вазъият оварда расонида шудаанд. Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон низ чунин неруҳои тахрибкор барои ташкил намудани бетартибиҳои сиёсӣ кӯшиш карда итодаанд. Аз ҷумла, наҳзатиён ва фаъолони онҳо аз кишварҳои аврупоӣ истифода, мардумро барои инқилоб даъват намуда истодаанд. Барои расидан ба ин мақсад онҳо тавассути шабакаи интернет технологияҳои гуногуни назарфиребиро истифода карда истодаанд.

Чорум, истифодаи назарфиребии сиёсӣ дар муқобили Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар шакли дезинформатсия, паҳн намудани хабарҳои носаҳеҳ ва иғвоангез боиси осебпазир гардидани имиҷи дохилию байналмилалии давлату ҳукумат ва халалдор шудани татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар мегарданд. Чунин амалҳо бо мақсади ба буҳрон дучор намудани сиёсати давлатӣ, паст намудани легитимияти ҳокимият, осеб расонидан ба имиҷи сарвари сиёсӣ, зери шубҳа қарор додани суботи ҷомеа, таъсири манфӣ расонидан ба низоми идоракунии давлатӣ анҷом дода мешаванд.

Бояд гуфт, ки масъалаи назарфиребӣ ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба суботи сиёсии ҷомеа то ба имрӯз хеле кам омӯхта шудааст. Ба истисноии мақолаҳо ва маърӯзаҳои ҷудогона, асари илмию таҳқиқотиеро, ки дар илмҳои сиёсии ватанӣ анҷом ёфта бошад, пайдо намудан мушкил аст. Чунин ҳолат омӯзиши масъалаи мазкурро боз ҳам муҳим мегардонад. Ҳарчанд олимони хориҷӣ истифодаи технологияи назарфиребӣ ва таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятиро таҳлилу таҳқиқ намуда бошанд, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон наметавонанд барои ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта ва махсусан барои пешгирии таъсири манфии ин падида мусоидат намоянд.

Таҳлилу баррасии ҷанбаҳои назариявию методологии назарфиребии сиёсӣ нишон дод, ки  муносибати олимону муҳаққиқон ба ин масъала дар се шакл зоҳир мегардад:

1. Як гурӯҳ олимон назарфиребиро ҳамчун падидаи манфӣ ва харобиовар муаррифӣ намудаанд. Чунин баррасии масъала дар асарҳои Г.Франк, Э. Шостром, Т.В. Дейк, С.Г. Кара-Мурза ва ғайраҳо дида мешавад. Дар доираи ин муносибат назарфиребӣ ҳамчун падидаи манфӣ донистa шуда, ба фоидаи субъекти мушаххас идора гардидани зеҳну шуури одамон, тағйир додани рафтори онҳо махсус таъкид мегардад, ки дар чунин шакл зоҳир гардидани назарфиребӣ бо меъёрҳои ахлоқию иҷтимоии ҷомеа созгор набуда, боиси поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон мешавад.

2. Дар таҳқиқоти гурӯҳи дигари олимон назарфиребӣ падидаи мусбат муаррифӣ мегардад. Ҳатто баъзеи онҳо, аз ҷумла А. Зиволевич назарияи назарфиребии мусбатро ташаккул додааст. Мувофиқи консепсияҳои аз ҷониби онҳо пешниҳодгардида назарфиребии мусбат дар аксар маврид дар фаъолияти ташкилоту муассисаҳои гуногун ба таври даркнашаванда ба роҳ монда мешавад. Дар ин раванд ҳарчанд объекти назарфиребӣ таъсиррасониро дарк накунад ҳам, чунин таъсиррасонӣ барои беҳтар намудани самаранокии фаъолияти онҳо, баланд бардоштани мавқеи иҷтимоӣ ва музди меҳнати онҳо анҷом дода мешавад.

3. Гурӯҳи сеюми олимон мавқеи меҳвариро ишғол намуда, назарфиребиро ҳамчун технологияи иртиботи иҷтимоӣ донистa, хусусиятҳои манфӣ ва мусбати онро дар як вақт эътироф менамоянд. Дар ин самт таҳқиқоти Е. Дотсенко, Ю. Ермаков, В.Шейнов, Э. Бэк ва чанде дигарон нишон медиҳад, ки натиҷаи назарфиребӣ аз мақсади субъект вобаста мебошад (мусбат ё манфӣ). Олимони мазкур истифодаи технологияи назарфиребиро ҷойгузини маҷбурнамоӣ медонанд. Дар ин маврид, назарфиребӣ – водор намудани одамон барои анҷом додани амали мушаххас мебошад, ки барояшон оқибатҳои ногувор надорад.

Дар маҷмӯъ, агар масъалаи назарфиребиро бе назардошти меъёрҳои ахлоқӣ баҳогузорӣ намоем, хусусиятҳои онро ба таври зерин нишон додан мумкин аст: якум,

назарфиребӣ амале мебошад, ки барои барқарор намудани иртиботи иҷтимоӣ анҷом дода мешавад ва хусусиятҳои манфӣ ва мусбат доштани он аз мақсадҳои субъекти он вобаста аст; дуюм, назарфиребӣ ҳамчун воситаи дар амал татбиқ намудани мақсадҳо бе истифодаи зӯроварӣ мебошад.

Назарфиребии сиёсӣ ҳарчанд таърихи қадима дошта бошад ҳам, вобаста ба марҳилаҳои гуногуни рушди таърихӣ шаклҳои зоҳиршавии он тадриҷан тағйир ёфтааст. Дар замони муосир на танҳо роҳу усулҳои нави назарфиребии сиёсӣ ба амал омадаанд, балки хусусиятҳои даркнашавандагӣ ва таъсири иттилоотии онҳо хеле зиёд шудаанд. Ғайр аз ин, дар шароити имрӯза шумораи субъектҳои назарфиребӣ низ хеле бештар гардидаанд. Бо назардошти чунин вазъият гуфтан мумкин аст, ки назарфиребӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ хеле мураккаб ва гуногунтаркиб мебошад. Аз ин рӯ, дар навбати аввал мундариҷаи онро аз чунин унсурҳо иборат донистан ба мақсад мувофиқ аст: субъекти назарфиребӣ (манипулятор), объекти назарфиребӣ, шарту шароит ва имкониятҳои субъект, мақсадҳои субъект, роҳу усулҳо ва шаклҳои зоҳиршавии таъсиррасонии иттилоотию психологӣ. Дар байни унсурҳои номбаргардида объекти назарфиребӣ мавқеи марказиро ишғол менамояд. Зеро тамоми амалҳои таъсиррасонӣ ба хотири тағйир додани рафтори объект анҷом дода мешаванд. Дар адабиёти илмӣ объектҳои назарфиребӣ ва таъсиррасонии иттилоотию психологиро ба таври зерин муайян намудаанд: одамон ва афкори ҷамъиятӣ, иттиҳоди одамон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, аскарону афсарон, элитаи ҳукмрон, аҳолии мамлакат ва ҳатто худи мамлакат дар маҷмӯъ [3, с.136].

Чи гунае ки мушоҳида мегардад, назарфиребӣ ҳамчун раванди амалӣ намудани мақсадҳо аз унсурҳои гуногун таркиб ёфтааст. Ба инобат гирифтани унсурҳои таркибии он имкон медиҳад, ки хусусиятҳои муҳими ин падида ошкор карда шуда, шаклҳои зоҳиршавии он низ муайян гарданд. Аммо олимону муҳаққиқон дар ин маврид андешаи ягона надоранд. Унсурҳои таркибии назарфиребиро дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ ба таври зерин нишон додаанд: субъектҳои назарфиребӣ, иттилооти интиқолёбанда, хусусияти эмотсионалӣ доштани иттилоот, шабакаҳои интиқоли иттилоот ва объекти назарфиребӣ [4].

Ҳар як субъекти назарфиребӣ мақсади мушаххаси худро дорад. Мақсадҳо низ гуногун мешаванд ва онҳоро аз рӯйи манфиатҳо ва самти фаъолияти субъект муайян намудан мумкин аст. Масалан, дар зеҳну шуури ҷомеа ҷойгир намудани ғояҳои мушаххас, ба онҳо талқин намудани ақидаҳои барои субъект зарурӣ, ба даст овардани боварӣ ва ҷонибдории омма, муаррифӣ намудани номзад ва ғ. Барои амалӣ намудани мақсади худ субъекти назарфиребӣ бояд манбаҳои заруриро дар ихтиёри худ дошта бошад. Аз ҷумла, манбаҳои молиявӣ, демографӣ (манбаҳои инсонӣ, мутахассисон), сиёсию маъмурӣ (политтехнологҳо, имиҷмейкерҳо, идеологҳо, функсионерҳо), иттилоотӣ ва ғ. Ба манбаҳои бештар дастрасӣ доштани субъект ба вай имкон медиҳад, ки аудиторияи калонтарро соҳиб шавад ва таъсири назарфиребиро ба муддати тӯлонӣ нигоҳ дорад. Ғайр аз ин, барои субъекти назарфиребӣ маълумоти муфассал дар бораи объект зарур мебошад. Махсусан, донистани хислатҳои психологии шахс, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, оммаи мардум (ҳолати эмотсионалӣ, ақидаҳо, боварҳо, мавқеи сиёсию иҷтимоии онҳо) зарур дониста мешавад. Инчунин ба инобат гирифтани вазъияти иҷтимоию иқтисодие, ки объект дар он ҷойгир аст, шабакаҳое, ки объект иттилоот дастрас мекунад, барои субъект хеле муҳиманд [2, с.176]. Зеро ба воситаи чунин омилҳо ҷаҳони ботинии инсонро муайян намудан имконпазир мегардад ва ҳамзамон барномарезии назарфиребӣ низ бо интизориҳои объект мувофиқ гардонида мешавад. Ғайр аз ин, барои субъекти назарфиребӣ ниқоб ва ё воситаҳои лафзие лозиманд, ки бо

ёрии онҳо чеҳраи аслии худро пинҳон нигоҳ дошта, дар назари объект ҳамчун манипулятор вонамуд нагарданд.

Дар маҷмӯъ, дар шароити муосир субъектҳои назарфиребӣ аз технологияҳои иттилоотии нав истифода намуда истодаанд, ки чунин вазъият ин падидаро хеле мураккаб намудааст. Дар ин гуна шароит субъектҳои назарфиребӣ зиёд гардида, боиси афзоиш ёфтани иттилооти интиқолёбанда мегарданд. Бинобар ин, айни замон, ташкилотҳои террористӣ, ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ, хадамотҳои истихборотӣ, агентиҳои иттилоотӣ ва ҳатто шахсони алоҳидаву истеъмолгарони иттилоот ба сифати субъектҳои назарфиребӣ баромад намуда истодаанд.

Дар баробари пешрафти технологию коммуникативӣ одамон бо мушкилиҳои навбатӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Аввал ин, ки одамон ҳамчун мавҷудоти иҷтимоӣ доимо зери таъсири афкори ҷамъиятӣ қарор доранд. Ҳар як инсон барои ҳифзи ҳувияти гурӯҳии худ кӯшиш менамояд, ки меъёрҳо ва одатҳои дар ҷомеа эътирофгардидаро риоя намояд. Аммо дар шароити рушди технологияҳои иттилоотии навин ва зиёд гардидани таҳлилгарону коршиносони қалбакӣ хавфи ба самти нодуруст бурдани афкори ҷамъиятӣ ва зери таъсири иттилооти носаҳеҳ қарор додани онҳо ба вуҷуд меояд.

Аз ҷониби дигар хусусияти иерархӣ доштани гурӯҳҳои шабакавӣ мушкилиҳои навбатиро ба вуҷуд меоварад. Зеро дар ҳар як гурӯҳи шабакавӣ фаъолоне мавҷуданд, ки ба коркард ва паҳн намудани иттилоот машғул мегарданд. Маҳз аз ҷониби ин нафарон назорати иттилоотии аъзоёни гурӯҳ сурат мегирад ва иттилоотеро, ки номақбул аст, дастнорас мегардонанд. Масъалаи навбатие, ки дар оянда мушкилиҳои зиёдро ба вуҷуд меоварад, паҳншавии «фейк-нюс», ё худ хабарҳои бофтаю сохта ва иттилооти қалбакӣ ташкил медиҳад. Хабарҳои сохтаю бофта ва носаҳеҳ, иттилооте мебошанд, ки бо воқеият ҳеҷ иртиботе надоранд ва мақсади онҳо гумроҳ кардани одамон, тағйир додани тасаввуроти онҳо дар бораи воқеаву ҳодисаҳо аст. Субъектҳое, ки чунин мақсад доранд, технологияи паҳн намудани хабарҳои носаҳеҳро фаъолона истифода мебаранд. Тӯли солҳои охир дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook, Twitter, YouTube ва монанди инҳо саҳифаҳое пайдо мешаванд, ки муаллифони онҳо номаълуманд. Инчунин дар саҳифаҳои мазкур шарҳнависие дида мешавад, ки аз исмҳои шубҳаовар ва бо исми мустаор сурат мегиранд. Бо исми мустаор ё ба таври анонимӣ паҳн намудани қисме аз иттилоот боиси афзоиши иттилооти носаҳеҳ мегарданд. Гузашта аз ин, бо исми мустаор (ғайриаслӣ, пинҳонӣ, анонимӣ) паҳн намудани иттилоот яке аз унсурҳои муҳимтарини назарфиребӣ мебошад. Бо ин мақсад дар як қатор кишварҳои олам барномаҳои компютериеро сохта, истифода мебаранд, ки вазифаи онҳо сохтани саҳифаҳои қалбакӣ ва паҳн намудани иттилооти носаҳеҳ мебошад. Яъне, аллакай барномаҳои компютерӣ ба паҳн намудани иттилоот ҷалб карда шудаанд. Чунин барномаҳоро «ботҳои компютерӣ» меноманд. «Ботҳо» барномаҳои компютерие мебошанд, ки ба ҷойи одамон вазифаҳои мушаххасро иҷро менамоянд. Вазифаҳоеро, ки онҳо иҷро мекунанд, беохиранд, аммо дар баробари ҳамаи ин, хабарҳои носаҳеҳро низ паҳн месозанд [7].

Бояд қайд намуд, ки дар шароити имрӯза як ҳиссаи хеле калони истифодабарандагони интернетро наврасону ноболиғон ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, шабакаи интернет метавонад дар чунин шароит воситаи муҳимтарини мағзшӯии наврасон бошад. Бо мақсади мағзшӯӣ намудани ноболиғон ва наврасон маводҳои таблиғотие, ки ба воситаи интернет паҳн карда мешавад, дар шакли филмҳои тасвирӣ, сабтҳои видеоии ҳаёти наврасон, бозиҳои компютерӣ ва ғ. таҳия ва пешкаш мегарданд. Дар маводҳои мазкур нақлу ривоят, ҳодисаю воқеаҳое ҷойгир карда мешаванд, ки барои таблиғи амалҳои террористӣ ва нишон додани рисолати террористони худкуш нигаронида шудаанд. Ба ҳамин монанд аз ҷониби ташкилотҳои террористӣ дар шабакаи

интернет бозиҳое сохта пешниҳод карда мешаванд, ки барои мағзшӯии наврасон нигаронида шудаанд. Чунин бозиҳоро ҳамчун воситаи таблиғи истифодаи зӯроварӣ бар зидди давлату ҳукумат ва арбобони давлатӣ истифода мебаранд ва дар раванди мағзшӯӣ бозингарон барои анҷом додани амалҳои террористии дар бозӣ ҷойгиршуда, мукофотҳои гуногуни рамзӣ мегиранд ва тадриҷан шавқу рағбати бозӣ ба майлу хоҳиши анҷом додани амалҳои зӯроварона табдил меёбад.

Даъвати оммавӣ ба экстремизму терроризм яке аз самтҳои дигари фаъолияти террористиро ташкил менамоянд. Бо ин мақсад низ ташкилотҳои террористӣ технологияҳои гуногуни назарфиребии сиёсиро истифода менамоянд. Аз ин рӯ, даъват ба терроризм унсури муҳимтарини тарғиботу ташвиқоти ғояҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ мебошад [6, с.132]. Худ ба худ тарғиботу ташвиқот амали мамнуъ дониста намешавад. Аммо даъвати ташкилотҳои террористӣ барои анҷом додани зӯроварии сиёсӣ ва амалҳои террористӣ дар ҳамаи давлатҳои олам амалу рафтори ғайриқонунӣ дониста мешавад ва ҷиноят маҳсуб меёбад. Дар байни таҳлилгарон ва коршиносони байналмилалӣ дар мавриди даъват ба терроризм ва сафедкунии экстремизму терроризм андешаҳои мухталиф баён мегарданд. Онҳо иброз медоранд, ки тарғиботи муқарририро аз маводҳои дорои даъвати террористӣ фарқ бояд кард. Ба андешаи онҳо, барои оне, ки як нафарро барои даъват ба терроризм ва сафедкунии экстремизм гунаҳкор намоед, аввал бояд алоқамандии тарғиботи ӯ бо сӯиқасди анҷом додани зӯровариро муайян намудан зарур аст. Бояд гуфт, ки дар ин маврид дар давлатҳои гуногун меъёрҳои қонунгузорӣ ба таври мухталиф таҳия гардидааст. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, паҳн гардидани ҳама гуна иттилооти дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ бояд ҷиноят ҳисобида шавад, зеро он метавонад ба амнияти миллӣ ва суботи сиёсӣ ба таври ҷиддӣ таҳдид намояд.

Яке аз самтҳои дигари истифодаи назарфиребии сиёсӣ дар фаъолияти ташкилотҳои террористию экстремистӣ бо мақсади бештар намудани руҳияи радикалистии ҷомеа мебошад. Ин равандро коршиносони соҳа радикализатсияи ҷомеа муаррифӣ кардаанд [1]. Мағзшӯӣ, радикализатсия ва даъват ба терроризм падидаҳои бо ҳам алоқаманде мебошнд, ки дар як занҷира пай дар пай ташаккул дода мешаванд. Радикализатсия пеш аз ҳама раванди тарғибу ташвиқи ғояҳои ифротгароӣ ва паҳн намудани идеологияи экстремистӣ мебошад, ки ба воситаи он одамони мағзшӯигардида дар мувофиқа бо идеологияи экстремистию террористӣ майли анҷом додани амали террористиро пайдо менамояд. Ба ибораи дигар, бештар гардидани ҷонибдорон ва ҳаводорон руҳияи онҳоро баланд мегардонад. Аз ин рӯ, радикализатсия унсури таркибии фаъолияти тарғиботии террористон ба шумор рафта, бо усулҳои гуногуни назарфиребии сиёсӣ миқёси он тавсеа дода мешавад.

Ҳамин тариқ, ташкилотҳои террористию экстремистӣ дар шароити имрӯза яке аз субъектҳои хеле хатарноки назарфиребии сиёсӣ ба шумор мераванд. Фаъолияти онҳо бо рушди тадриҷии технологияҳои иттилоотӣ ва тавсеаи шабакаи интернет бештар дар фазои маҷозӣ ворид гардида, миқёси паҳншавии ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароиро бештар намудаанд. Дар байни онҳо фаъолияти тахрибии ташкилотҳои террористии «Давлати исломӣ», «Ал-Қоида» ва зершохаҳои онҳо хеле хатарнок мебошанд. Онҳо бо мақсади ҷалби ҳар чи бештари одамон ба сафҳои худ садҳо агентиҳо ва пойгоҳои иттилоотӣ ташкил намуда, ҳамарӯза тариқи шабакаи интернет иттилооти дорои хусусияти террористию экстремистиро паҳн менамоянд. Таҳлилу мушоҳидаҳо низ муайян намудаанд, ки аксари одамоне, ки ба сафи онҳо мепайванданд, тариқи интернет мағзшӯӣ мешаванд. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза ҳар як давлат дар муқобили ҷангҳои иттилоотию психологии ташкилотҳои террористӣ қарор дорад ва барои пешгирӣ

намудани оқибатҳои ногувори онҳо бояд чораандешӣ намояд. Махсусан, давлатҳое, ки аҳолиашон мусулмонон мебошанд, дар чунин равандҳои оштинопазир зарару зиёни бештар мебинанд. Зеро ҳуҷумҳои иттилоотию психологии террористон аслан ба афкори ҷамъиятии давлатҳои мусулмонӣ равона карда шудаанд.

**Адабиёт**

1. Афзал, А. Радикализация и дерадикализация: изучение опыта иностранных боевиков-террористов [Текст] / А. Афзал, И. Асланова. –Бишкек: КПД, 2021. –78 с.
2. Бунеева, А.М. Ресурсы манипуляции в политической технологии: неявное знание и массовое сознание [Текст] / А.М. Бунеева, Л.В. Мурейко, О.Д. Шипунова // Вестник РГГУ. Серия: Политология. История. Международные отношения. Зарубежное регионоведение. Востоковедение. – 2010. – № 1 (44). – С.171-179.
3. Доценко, Е.Л. Психология манипуляции: феномены, механизмы и защита [Текст] / Е.Л. Доценко. – М.: Издательство МГУ, 1997. – С.136.
4. Колесникова, Г.И. Манипуляции: техники успешного общения [Текст] / Г.И. Колесникова. – Ростов н/Д: Феникс, 2011. – 280 с.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 26.01.2021 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/node/25005 (санаи муроҷиат: 25.02.2022)
6. Радилов, А.С. Технологии манипулирования сознанием и вовлечение в террорсреду [Текст] / А.С. Радилов, М.Ф. Цимбал // Общественные науки и современность. – 2012. –№4. –С.132.
7. Шесть видов компьютерных ботов, которые изменили мир [Электронный ресурс]. –URL: https://pcnews.ru/news/6_vidov_komputernyh_botov_kotorye_izmenili_mir-697510.html#gsc.tab=0 (дата обращения: 12.02.2022 г.)

## ПОЛИТИЧЕСКАЯ МАНИПУЛЯЦИЯ КАК УГРОЗА НА НАЦИОНАЛЬНУЮ БЕЗОПАСНОСТЬ

**МУРОДОВА ГУЛЧЕХРА РУЗИБОЕВНА**,
кандидат политических наук, доцент,
заведующая кафедрой права и международных отношений
Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.
735360, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г.Куляб, ул. С.Сафарова, 16.
Тел.: (+992) 918-93-08-77.
**НУРИДДИНЗОДА САЙДЖАМОЛИДДИН ХАЙДАР,**
соискатель кафедры политологии
Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.
735360, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г.Куляб, ул. С.Сафарова, 16.
Тел.: (+992) 988-50-00-08. E-mail: mp.kulob@mail.ru.

В данной статье показаны деструктивные влияния политической манипуляции и *проанализированы ее угрозы и опасности для национальной безопасности. Наблюдения показывают, что развитие современных информационных технологий увеличило возможности манипулирования информационной и идеологической борьбы. Информационные технологии и социальные сети предоставили манипулятивные возможности различным субъектам информационного пространства, особенно экстремистским и террористическим организациям. Эти организации распространяют свои идеи в виде манипулятивных технологий с помощью современных информационных средств. В Республике Таджикистан можно наблюдать угрозу и опасность использования обмана в деятельности*

*террористических и экстремистских организаций. Учитывая опасность этого явления и для того, чтобы разоблачить необъективные цели этих организаций, важно изучить этот вопрос.*

***Ключевые слова:*** *политическая манипуляция, информационные технологии, информационная безопасность, радикальная идеология, информационные угрозы.*

## POLITICAL MANIPULATION AS A THREAT TO NATIONAL SECURITY

**MURODOVA GULCHEKHRA RUZIBOEVNA,**
Candidate of Political Sciences, Associate Professor,
Head of the Department of Law and International Relations of
Kulyab State University named after Abuabdullohi Rudaki.
735360, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kulyab, 16, S.Safarova str.
Phone: (+992)-918-93-08-77
**NURIDDINZODA SAJAMOLIDDIN HAYDAR,**
Competitor of the Department of Political Science of the
Kulyab State University named after Abuabdullokhi Rudaki.
735360, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kulyab, 16, S.Safarova str.
Phone: (+992) 988-50-00-08. E-mail: mp.kulob@mail.ru.

*This article shows the destructive effects of political manipulation and analyzes its threats and dangers to national security. Observations show that the development of modern information technologies has increased the possibilities of manipulating the information and ideological struggle. Information technologies and social networks have provided manipulative opportunities for various subjects of the information space, especially extremist and terrorist organizations. These organizations spread their ideas in the form of manipulative technologies with the help of modern information media. In the Republic of Tajikistan, one can observe the threat and danger of using deceit in the activities of terrorist and extremist organizations. Given the danger of this phenomenon and in order to expose the biased goals of these organizations, it is important to study this issue.*

***Key words:*** *political manipulation, information technology, information security, radical ideology, information threats.*

**УДК: 323**

# СТАНОВЛЕНИЯ ЭТНОГРАФИЧЕСКОЙ ШКОЛЫ В ТАДЖИКИСТАНЕ ЗА ГОДЫ СОВЕТСКОЙ ВЛАСТИ

**САИДНУРИДДИНЗОДА АХЛИДДИН САИДНУРИДДИН,**
кандидат политологических наук, доцент кафедры
методика преподавания истории и правы
Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава.
735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, ул. Айни, 67.
Тел.: (+992) 918-48-40-48. E-mail: ahliddin2009@mail.ru.

*В данной статье автор пытается исследовать становление и развитие этнографической школе в советские годы на территории современного Таджикистана.*

*Автор отмечает, что этнографическая наука, в силу ряда обстоятельств, в первую очередь отсутствия необходимых научных кадров, начала развиваться в молодой республике позже многих других наук. До революции все этнографические исследования на территории нынешнего Таджикистана проводились приезжими учеными, чаще всего даже не этнографами, а военными, чиновниками и путешественниками или учеными других специальностей - географами, ботаниками, зоологами.*

*Далее автор пишет, что особенно большое значение для таджиков и Таджикистана имела исследовательская работа по подготовке национального размежевания. Ввиду отсутствия по Бухарскому ханству каких бы то ни было статистических сведений, в 1924 г. впервые было осуществлено экспедиционным способом сплошное обследование территории этого ханства, где до революции никаких переписей никогда не проводилось. Общее руководство этой работой осуществлялось Комиссией по районированию Средней Азии.*

*Надо отметить, что никакой исследовательской работой в Таджикистане после национального размежевания не проводилось, так как, никакого специального научно-исследовательского учреждения не только этнографического, но и других направлений науки на территории нынешнего Таджикистана не было. Главной причиной такого положения, как упомянуто, было полное отсутствие собственных кадров ученых, в том числе и этнографов.*

*Автор приходит к такому мнению, что прибытие в Таджикистан большой группы молодежи, получившей специальную востоковедческую подготовку, послужило стимулом к развитию гуманитарных наук, в первую очередь становление этнографических школ.*

***Ключевые слова:*** *этнография, ученые этнографы, этнографических школ, Таджикистан, этнографическая карта, этнографические экспедиции, этнографические материалы, этнографические публикации, этнографическая коллекция, этнографическая монография.*

Как известно, в прошлом значительная часть Таджикской республики входила в состав наиболее отсталой в экономическом и культурном отношении части Бухарского ханства, известной под названием Восточной Бухары. Поэтому после установления Советской власти путь развития культуры и, особенно, науки был здесь гораздо более трудным и медленным, чем в тех частях нынешнего Таджикистана и Узбекистана, которые были присоединены к России до революции. Что же касается этнографической науки, то она в силу ряда обстоятельств, в первую очередь отсутствия необходимых научных кадров, начала развиваться в молодой республике позже многих других наук.

До революции все этнографические исследования на территории нынешнего Таджикистана проводились приезжими учеными, чаще всего даже не этнографами, а военными, чиновниками и путешественниками или учеными других специальностей - географами, ботаниками, зоологами. Только в начале XX в. появились первые монографии, посвященные этнографии таджиков, написанные востоковедами и людьми, посвятившими себя изучению этнографии таджиков (А.А. Бобринской, А.А. Семенов,

П.Е. Кузнецов, Н.Г. Маллицкий, М.С. Андреев и др.) [29,14,24,10,]. Прежде чем приступить к характеристике развития этнографической науки в Таджикистане, необходимо в самом кратком виде напомнить, что представляла собой в этнографическом отношении территория нашей республики до революции. Население дореволюционного Туркестана (Туркестанского генерал-губернаторства) было изучено далеко не достаточно, а Бухарского ханства, юго-восточная часть которого вошла на юге в состав современного Таджикистана, и совсем почти не изучена.

Одной из первых задач, намеченных Туркестанской Автономной Советской Социалистической Республикой (1918-1924гг.) в области национального строительства, национальной политики в первые годы после революции, было составление этнографической карты. Она должна была показать этнический состав очень пестрого населения бывшего Русского, или Западного Туркестана, а также Бухарского (и Хивинского) ханства и его расселение на обследуемой территории. Составление этой карты должно было послужить подготовительным этапом к осуществлению важнейшей задачи - национального размежевания в тогдашней Туркестанской республике. О неотложности проведения этой работы в Туркестане писал в 1920 г. В.И. Ленин. Большое его внимание к этому вопросу, понимание трудности и специфики работы среди народов бывшего Туркестана нашло отражение в резолюции, принятой в 1921 г. на X съезде Компартии под непосредственным руководством В.И. Ленина. В ней определялись задачи работы партии среди "невеликорусских народов" и особо подчеркивалось, что следует помочь им "развить и укрепить у себя советскую государственность в формах, соответствующих национально-бытовым условиям этих народов, развить и укрепить у себя действующие на родном языке суд, администрацию, органы хозяйства, органы власти, составленные из людей местных, знающих быт и психологию местного населения [16,с.117, 15,с.3, 11,с.13-29].

Дар байни давлатҳои бузурги ҷаҳонӣ ва минтақавӣ дар ташаккули вазъи геополитикии Осиёи Марказӣ нуфузи бештареро Федерасияи Россия, ИМА, ҶХЧ ва инчунин Туркия, Эрон, Ҳиндустон, кишварҳои дигари ИДМ ва давлатҳои Иттифоқӣ Аврупо соҳибанд.

Бояд қайд кард, ки давлатҳо дар муносибат бо кишварҳои Осиёи Марказӣ принсипҳои мухталиферо пайгирӣ менамоянд, ки дар байнашон принсипи минтақагароии геополитикӣ мақоми афзалтареро соҳиб аст. Ин принсип имконият медиҳад, ки минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамчун меҳвари асосии фазои геополитикӣ, ҳудудӣ, ки манфиатҳои умумии сиёсӣ ва иқтисодиро дорост, дониста шавад.

Дар шароити имрӯза дар ҳудуди Осиёи Марказӣ таъсиси марказ ва зиддимарказҳои соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданӣ ҷой доранд, ки дар онҳо Тоҷикистон метавонад нақши асосиро дошта бошад.

Таҷрибаи раванди сиёсии ҷаҳонӣ далолат менамояд, ки давлатҳои хурд дар зери таъсири дутарафа мемонад. Ҳам давлатӣ бузурги ҷаҳонӣ ва ҳам давлати муқтадири минтақавӣ мекӯшанд, ки онро дар зери назорат ё таъсири худ қарор диҳанд.

Новобаста аз вазъи ҷаҳони муосир Тоҷикистон ба интегратсияи минтақавӣ ва ҳамкории доимӣ бо Россия талош дорад ва дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ, таъмини муносибатҳои фаъоли самаранокро мехоҳад. Дар муносибатҳои байнидавлатӣ тарафҳо як қатор шартномаҳо ва созишномаҳо ба имзо расонидаанд. Дар шароити кунунӣ байни муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федерасияи Россия зиёда аз 200 созишномаю шартномаи дутарафа ба имзо расидааст, ки маҷмӯи манфиатҳои геополитикии ҳар ду давлатро то ин замон инъикос менамоянд. Дар баробари ин, «Шартнома дар бораи дустӣ, ҳамкорӣ ва ёрии тарафайн», ки аз 25 май соли 1993 ба имзо расида буд, дар танзим ва пешомади муносибатҳои байниҳамдигарии ду мамлакат нақши муҳимро мебозад. Санадҳои расмӣ имконоти зарурировар таъсис ва таҳкими робитаҳои байнидавлатӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт таъмин менамойнад.

Баъди аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ масъала дар бораи тақсимоти сарҳад байни Чин ва Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон аҳамияти муҳимро касб намуд. Вазъияти баамаломадаро ба инобат гирифта, комиссияи муштараки якҷояи ҳукуматҳои кишварҳои мустақил таъсис дода шуд, ки мувофиқи он мебоист ҳар як ҷумҳурӣ дар ҳалли масъалаи мазкур саҳм гузорад. Бинобар ин, дар рафти сафари навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар моҳи майи соли 2002 дар шаҳри Пекин Созишномаи бевоситаи иловагӣ байни Тоҷикистон ва Чин оид ба сарҳадоти давлатии байни онҳо ба имзо расид. Ин амале, ки сарварони ҷумҳуриҳо пеша гирифта буданд, танҳо ба хотири бартараф намудани монеаҳо ва тақвият бахшидани муносибатҳои минбаъдаи байнидавлатӣ дар доираи масъалаҳои афзалиятноки ҳимояи манфиатҳои миллӣ сурат гирифтанд. [1,45]Қобил ба зикр аст, ки Ассосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, пайваста дар баромаду суханрониҳояшон таъкид менамоянд, ки риояи ҳифзи сарҳади давлатӣ, таъмини тамомияти арзӣ вазифаи муқаддаси тамоми бошандагони кишвар ва аз ҷумла, ходимони сиёсию давлатӣ мебошад.

Муносибатҳои иқтисодии ду давлат, пеш аз ҳама, дар амалӣ гардонидаии сиёсати сармоягузорӣ зоҳир мегарданд. Сармоягузорони Чин ба як қатор иншоотҳои саноатӣ маблағҳои пули ҷудо намудаанд. Чин яке аз кишварҳои аслии воридкунандаи мол ба Тоҷикистон мебошад. Додугирифти солонаи ду кишвар солҳои охир ба зиёда аз 650 миллион доллар расидааст.

Яке аз самтҳои асосие, ки манфиатҳои миллии тарафайнро фаро мегирад, ҳифзи сулҳ ва таъмини амнияти давлатӣ мебошад. Сар задани ноамниҳо, паҳн гаштани яроқу

аслиҳа, интиқоли ғайриқонунии маводи мухаддир, мавқеъ пайдо кардани экстремизм ва терроризми ҷаҳонӣ ва ҳодисаҳои дигари манфур, албатта қисмати ғарбии Чинро ором гузошта наметавонанд. Пӯшида нест, ки чунин амалҳои иртиҷоӣ низ дар фаъолияти гурӯҳи уйғурҳо, ки дар ҳудуди ноҳияҳои автономии Синсзяни Уйғур зиндагӣ менамоянд, ба чашм мерасанд. Ҳукуматҳои Тоҷикистон ва Чин ва дигар мамлакатҳои аъзои Созмони Ҳамкориҳои Шанхай баҳри бартараф намудани чунин амалҳои хавфнок чораҳои зарурӣ меандешанд.

ИМА имкониятҳои хешро пас аз 11-сентябри соли 2001 истифода намуда, қувваҳои ҳарбии худро дар паҳлуи Чин ҷойгир намуд. Яке аз ҳадафҳои ҷой гирифтани базаҳои ҳарбии амрикоӣ дар Осиёи Марказӣ назорат намудан аз болои ракетаҳои чинӣ буд. Ҳадафҳои ниҳоии ИМА тармими ҷаҳони яккутба ва пешгирӣ намудани бисёрмаркази дар низоми нави ҷаҳонӣ ба ҳисоб мерафт. Аммо барои воқеӣ гардонидани он танҳо як давлати бузург - Чин монеа мегардид, ки ба сифати яке аз рақибони эҳтимолии ИМА дар Осиёи Марказӣ ҳисоб мерафт. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҷойгиркунонии неруҳои ҳарбии ИМА-ро дар минтақа хуш напазируфт.

Мусаллам аст, ки обрӯ ва нуфузи имрӯзаи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ самараи талоши пайгирона ва ҷасуронаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Маҳз ӯ бо қабули масъулияти кишвар дар солҳои басо вазнин ва пайгирии ҳадафи олии созандагӣ манфиати умумимиллиро аз манфиатҳои дигар боло гузошта, боварии халқро соҳиб гардид. Амалҳое, ки тайи солҳои роҳбариаш анҷом дод, боис шуд, ки дар дохили мамлакат тамоми халқ, махсусан равшанфикрон ва нерӯҳои ақлонӣ ба нақшаву барномаҳои ояндаи ӯ бо диди умед бингаранд ва бо боварӣ пайрави роҳаш бошанд.

Президенти мо ҳанӯз дар рӯзҳои душвор ва печидаи кишвар, дар ташаккули сиёсати хориҷии Тоҷикистон, роҳандозии тамосу равобити дӯстона бо кишварҳои гуногун, созмонҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои молиявии ҷаҳонӣ ва муаррифии кишвару миллат дар арсаи олам нақши созанда ва беназир дорад. Дар замони соҳибистиқлолӣ даҳҳо кишвари хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон намояндагиҳои худро боз намуда, ҳамзамон дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон – аз Осиё то Аврупо ва аз Африқо то Амрико намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Тоҷикистон баҳри таҳкиму густариши ҳамкориҳои ду ва чандҷониба муваффақона фаъолият доранд.

Инчунин, Тоҷикистонро созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ба узвият пазируфта, аз минбари онҳо ташаббусу ибтикорҳои созандаи Президенти кишвар ҷиҳати ҳалли мушкилоти ҷаҳону минтақа, аз ҷумла мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ, моводди мухаддир, ҷиноятҳои муташаккилонаи фаромиллӣ, масъалаҳои экологӣ ва амсоли он ба самъи ҷаҳониён расонида мешавад. Махсусан, силсилаи ташаббусҳои Пешвои миллат дар робита ба ҳалли мушкилоти об дар ҷаҳон, бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти мавзӯъ, боиси ҳамчун кишвари ташабускор муаррифӣ шудани Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ гардид. Ҳамчунин, ӯ пайваста аз паёмади номатлуби тағйирёбии иқлим бонги хатар зада, зимнан таъкид бар зарурати омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳо, рушди устувори кишварҳои кухсор ва таваҷҷуҳ ба рушди энергияи таҷдидшаванда ҷомеаи ҷаҳониро ба иқдому ҳамкории наздик даъват менамояд.

Бояд гуфт, сиёсати хориҷии Тоҷикистон сиёсати санҷидашуда, прагматикӣ ва воқеъбинона буда, ҳамзамон бо пазириши меъёрҳои эътирофшудаи байналмилалӣ ва эҳтиром ба манофеи шарикон, риояи қатъии манфиатҳои миллиро дар фаъолияти дипломатӣ дар мадди аввал мегузорад. Имрӯз Тоҷикистон бо аксарияти кишвари ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда, зиёда аз 160 давлат истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистонро расман эътироф кардааст. Тоҷикистон дар созмонҳои минтақавӣ ва аксар

созмонҳои байналмилалӣ узвият дошта, аз арзишҳо ва манофеи миллӣ дифоъ мекунад, дар масоили ҷаҳонӣ назари худро матраҳ месозад ва пешниҳодҳои мушаххасро дар бораи ҳалли ин масоил ба миён мегузорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлоли худ ҳамкории густурдаи минтақавиро воситаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ дониста, ҷонибдори ҳамзистии осоишта ва дӯстонаи мардумони минтақа мебошад.

Умумияти ҳадафу вазифаҳое, ки дар назди давлатҳои мо қарор доранд, зарурати рушду таҳкими муносибатҳои байниҳамдигарии онҳоро бар пояи дӯстӣ, эътимод ва ҳамкории судманд, аз ҷумла дар арсаи тиҷорату иқтисод, сармоягузорӣ ва иҷтимоиёт таъкид менамоянд. Бо такя ба ин усул мо метавонем ҳамкориро дар соҳаи амният низ густариш бахшида, ҳамроҳ бар зидди таҳдиду хатарҳои глобалии муосир дар минтақа муқовимат ва истодагарӣ намоем.

Ҳамгироии созандаи минтақавӣ ба манфиати ҳамаи давлату халқҳои Осиёи Марказӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди минбаъдаи ҳамкориро бо кишварҳои ҳамсоя муҳим арзёбӣ намуда, ҷонибдори ташаккули бештари фазои мусоиди муносибат бо онҳост.

Дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким ва густариши муносибатҳои дуҷонибаи босубот ва дарозмуддат бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавқеъ ва моҳҳияти хос дорад. Вобаста ба ин, кишвари мо пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки заминаи ҳарчи мусоидро барои густариши муносибатҳои гуногунҷанба ва судманд дар фазои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил фароҳам оварад.

Муносибатҳои Тоҷикистон бо давлатҳои калидӣ ва дигар кишварҳои Осиё хусусияти шарикӣ пайдо карда истодаанд, ки далели равшани ҳадафҳои созандаи мо мебошанд. Мо минбаъд низ ҳамкориро дар чунин руҳияи созанда ва робитаи беғаразу дӯстона бо кишварҳои Осиё идома хоҳем дод.

**Адабиёт**


1. Shivazi H.A. The Dynamics of political stability in post-soviet Tajikistan. – Sydney University, 1997.
2. Проект договора об ССГ - федерации (Союзе Суверенных Государств) [Электронный ресурс]. –URL: https://www.gorby.ru/userfiles/08_dogovor_o_soyuze_suverennyh_gosudarstv.pdf (дата обращения: 18.01.2021 г.)
3. Таксанов А. Интеграционный процесс среднеазиатских республик [Электронный ресурс]. –URL: https://proza.ru/2010/03/06/125 (дата обращения: 23.11.2019 г.)
4. Хроника Таджикско-Российских отношений (1992-1998 гг.). Сборник документов. – М., 1999.


# ИЗМЕНЕНИЯ ГЕОПОЛИТИЧЕСКОГО ПОЛОЖЕНИЯ ЦЕНТРАЛЬНО-АЗИАТСКОГО РЕГИОНА И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ВНЕШНЮЮ ПОЛИТИКУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


**ХИДИРОВ НОЗИМ,**
ассистент кафедры государственного управления и экономического права,
соискатель кафедры дипломатии и международных отношений
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саид Носира 33.
Тел.: (+992) 985-04-39-00. E-mail: khidirov.nozim@gmail.com



*В данной статье рассматривается процесс общественно-политических изменений в Центральной Азии и роль Республики Таджикистан в этом процессе. Процесс новаторства и*

*появления радикальных изменений в политической жизни общества положил начало политике «реконструкции». Фактически политика реконструкции коренным образом изменила состояние развития советского общества. Полностью изменились политические, экономические, культурные и культурные отношения. Были заложены основы формирования независимости советских республик.*

***Ключевые слова:*** *роль, внешняя политика, государственная независимость, национальные интересы, процесс, центральный, социальный, сотрудничество, отношение, общение, вклад, развитие.*

## CHANGES IN THE GEOPOLITICAL POSITION OF THE CENTRAL ASIAN REGION AND ITS IMPACT ON THE FOREIGN POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**KHIDIROV NOZIM,**
Assistant of the Department of Public Administration and Economic Law,
Candidate of Diplomacy and International Relations Departments of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 985-04-39-00. E-mail: khidirov.nozim@gmail.com

*This article discusses the process of socio-political changes in Central Asia and the role of the Republic of Tajikistan in this process. The policy of "reconstruction" began the process of innovation and the emergence of radical changes in the political life of society. In fact, the policy of reconstruction radically changed the state of development of Soviet society. Political, economic, cultural and cultural relations have completely changed. The basis for the formation of the independence of the Soviet republics was laid.*

***Keywords:*** *Role, foreign policy, state independence, national interests, process, central, social, cooperation, attitude, communication, contribution, development.*

УДК: 304.4

# МАЗМУНУ МУНДАРИҶА ВА ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИММИ СИЁСАТИ ИҶТИМОӢ

**КУРБОНЗОДА ДАЛЕР ҚУРБОН,**
унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16.
Тел.: (+992) 988-05-07-03. E-mail: juraev.daler.1995@mail.ru

*Дар шароити рушди босуръати илму техника ва дигаргунишавии ҷомеа масъалаи ташаккулёбии сиёсати иҷтимоии давлат низ мубрамияти хосса пайдо менамояд. Олимону муҳаққиқони соҳа низ ба хулосае омадаанд, ки бинобар сабаби тағйирёбанда будани сиёсати иҷтимоии давлат зарурати таҳқиқи доимии он ба миён омадааст. Таҳқиқу таҳлили мазмуну мундариҷаи сиёсати иҷтимоии давлат нишон дод, ки мақсади он бетағйир боқӣ хоҳад монд, аммо вазифаҳои сиёсати иҷтимоӣ зери таъсири омилҳои гуногун доимо дигаргун мешаванд. Сиёсати иҷтимоӣ зуҳуроти хеле мураккаб буда, вобаста ба шарту шароити мамлакатҳои алоҳида дар шаклҳои гуногун ташаккул меёбад. Сохтори ҷамъиятӣ, вазъияти сиёсию иқтисодии мамлакат ба сиёсати иҷтимоии давлат таъсири амиқ мерасонанд. Онро дар маҷмӯъ ҳам дар маънои васеъ ва ҳам дар маънои маҳдуд муаррифӣ менамоянд.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати иҷтимоӣ, субъектҳои сиёсати иҷтимоӣ, вазифаҳои сиёсати иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, кӯмакҳои иҷтимоӣ, қишрҳои ниёзманди ҷомеа.*

Рушду инкишофи сиёсати иҷтимоӣ тӯли чанд даҳсолаи охир мубрамияти хоссаро соҳиб гаштааст. Мушоҳидаҳо ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯза масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа диққати арбобони сиёсӣ, олимону муҳаққиқон ва ҳатто шаҳрвандони қаториро ба худ ҷалб менамоянд. Чунин таваҷҷуҳи махсус ба он хотир аст, ки дар олами муосир аз як ҷониб аҳолии мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ афзоиш меёбад, дигаргуниҳои техникию технологӣ бо суръати баланд ба амал меоянд, кӯҳнашавӣ ва корношоям гардидани донишҳои касбии мутахассисон дар ҳар даҳсола ба мушоҳида мерасад, рушди зеҳни сунъӣ талабот ба мутахассисони сатҳи навро ба вуҷуд меоварад ва дар натиҷа сатҳи бекорӣ, ба буҳрон дучор гардидани иқтисоди миллӣ ва умуман осебпазир шудани сатҳи зиндагии одамон ба амал меояд. Дар кишварҳои пасошӯравӣ, хусусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар натиҷаи пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ аз сохтори сотсиалистӣ ба сохтори сармоядорӣ ворид гардиданд, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мубрамияти зиёд дорад. Зеро дар ин кишварҳо ислоҳоти иқтисодӣ бо суръати баланд дар ҷараён аст ва муваффақияти чунин дигаргуниҳо аз сиёсати иҷтимоии давлат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вобастагии калон дорад. Ғайр аз ин, дар замони шӯравӣ модели сиёсати иҷтимоии давлат ва роҳу усулҳои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ хусусиятҳои хоси худро доштанд, ки дар сохтори нави сармоядорӣ ва ҷомеаи демократӣ истифодаи он қисман ва баъзан пурра ғайриимкон аст. Чун дар ин сохтори ҷамъиятӣ сиёсати иҷтимоӣ механизмҳои татбиқи хоссаи худро доро мебошад. Аз ин рӯ, ислоҳоти иҷтимоӣ ва ташаккули сиёсати иҷтимоии мувофиқ бо шароити навин масъалаи аввалиндараҷае мебошад, ки ҳалли масъалаҳои мубрами соҳаи иҷтимоӣ аз он вобастагии зиёд дорад.

Олимону муҳаққиқон эътироф менамоянд, ки ҳанӯз аз даврахои қадим сар карда давлатҳо ба сиёсати иҷтимоии худ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекарданд ва дар замони муосир бошад давлатҳое, ки мехоҳанд дар қатори кишварҳои тараққикарда қарор гиранд, маҷбур ҳастанд, ки сиёсати иҷтимоии муваффақро пайгирӣ намоянд [13, с.4-9]. Воқеан ҳам имрӯз давлатеро ёфтан мушкил аст, ки худро иҷтимоӣ муаррифӣ накунад ва сиёсати иҷтимоӣ надошта бошад. Ба андешаи олими рус В.И. Жуков, «рушди бомуваффақияти иқтисодиёт бе ҳалли масъалаҳои гуманитарӣ, бе дигаргунсозии вазъи

эҳтиёҷоту талаботи одамон ғайриимкон аст. Чунин ҳолат қонунияти объективии рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа мебошад, ки бе ҳаллу фасли он ҳеҷ як давлат наметавонад, ки дар замони имрӯза рушди навбатии тамаддунро соҳиб шавад» [13, с.9].

Ҳеҷ шубҳае нест, ки сиёсати иҷтимоии давлат унсури муҳимтарини сиёсати дохилии он ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар раванди гузаронидани ислоҳоти соҳаҳои дигар мадди назар намудани унсурҳои иҷтимоӣ боиси он мегардад, ки дар ҷомеа низоми сармоядории ғайригуманистӣ ва арзишҳои корношоями сотсиалистӣ ҳамчун механизми қонеъсозии талаботи иҷтимоии ҷомеа ба кор бурда шаванд. Як қатор олимон чунин ҳолатро мушоҳида намуда, иброз медоранд, ки сиёсати иҷтимоии як зумра давлатҳои пасошӯравӣ як навъ сиёсати омехташудае мебошад, ки ҳам меъёрҳои собиқ ҷомеаи сотсиалистӣ ва ҳам нусхабардории унсурҳои ҷомеаҳои ғарбиро дар худ нигоҳ медорад ва ба ин васила рафтори одамонро бо воқеиятҳои иҷтимоии замони имрӯза мутобиқ гардониданӣ мешавад [22, с.5]. Дар натиҷаи чунин омехтагӣ ихтилофоти иҷтимоию иқтисодӣ ва бархӯрди манфиатҳои табақаҳои гуногуни аҳолӣ ба амал меояд. Л.Т. Шинелева қайд менамояд, ки «воқеияти нави иҷтимоӣ дар доираи модели сотсиалистии сиёсати иҷтимоӣ созгор намебошад. Таҳқиқоте, ки дар ин соҳа гузаронида мешаванд, аз суръати дигаргуниҳои баамалоянда хеле зиёд қафо монда истодаанд» [22, с.6].

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, то ба имрӯз дар соҳаи сиёсати иҷтимоӣ таҳқиқоти зиёд анҷом пазируфтаанд, консепсия ва моделҳои гуногун ба вуҷуд оварда шудаанд. Ҳамаи ин гувоҳи аз он медиҳанд, ки айни замон назарияи сиёсати иҷтимоӣ ташаккул ёфтааст, ҳарчанд зери таъсири дигаргуниҳои ҷамъиятӣ масъалаҳои ҷудогонаи он баҳсу мунозираҳои зиёдро ба миён овардааст. Сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун таҷрибаи нави сиёсати давлатӣ оид ба ташкил намудани ҳаёти арзандаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва табақаҳои аҳолӣ дар асри XIX ҳамчун соҳаи фаъолияти расмӣ пайдо гардида, бо гузашти марҳилаҳои рушди ҳаёти ҷамъиятӣ ва мураккаб гардидани ҳалли масъалаҳои соҳавӣ коркарди ҷиддии назариявиро тақозо менамояд. Маҳз дар чунин шароит олимону муҳаққиқон бо фармоиши мақомоти давлатӣ роҳу усулҳои фаҳму дарки сиёсати иҷтимоӣ, ташаккул додани унсурҳои таркибии он ва аз ҳама муҳим механизмҳои татбиқи онро пешниҳод намудаанд. Дар баробари чунин дастовардҳо баъзе олимон муътақиданд, ки сиёсати иҷтимоӣ то сатҳи зарурӣ хусусияти плюралистӣ дорад, онро дар шакли ниҳоӣ тасаввур намудан номумкин аст ва аз ин рӯ, назарияи мазкур пайваста бо донишҳои нав пурраю мукаммал мегардад ва рушду инкишоф меёбад [10, с.9]. Дарвоқеъ сиёсати иҷтимоии давлат яке аз самтҳои фаъолияти давлатие мебошад, ки хеле серхарҷ аст. Аз ин рӯ, шакли зоҳиршавии он дар кишварҳои олам яксон ба назар намерасад. Ҳар як давлат вобаста ба марҳилаи рушду инкишоф ва имкониятҳои дарихтиёрдоштаи худ ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ машғул мегардад. Бинобар ин, дар баъзе давлатҳо модели муваффақ ва хеле ташаккулёфта, дар баъзе кишварҳои дигар моделҳои омехта ва дар давраи гузариш қарордоштаро мушоҳида намудан мумкин аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҳамаи муваффақиятҳо, дастовардҳо ва ташаббусҳои иҷтимоии давлату ҳукумат нигоҳ накарда, ҳанӯз ҳам масъалаҳои ҳалталаби сиёсати иҷтимоӣ ба назар мерасанд. Чун ҷомеаи Тоҷикистон ҳанӯз ҳам дар давраи гузариш қарор дорад. Маҳз ба ҳамин хотир омӯзиш ва таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни механизмҳои татбиқи сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи кунунии давлатдорӣ мубрамияти зиёд дорад.

Сиёсати иҷтимоӣ на танҳо консепсияи назариявист, балки соҳаи татбиқи амалии яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат мебошад. Ташкил намудани шароите, ки дар он ҳар узви ҷомеа тавонад талаботи худро қонеъ созад ва ташаккул додани низоми арзишҳое, ки ҳамаи ҷомеа онҳоро эътироф намоянд, кафили сиёсати иҷтимоии муваффақ ба шумор меравад. Дар маркази диққати сиёсати иҷтимоӣ инсон бояд қарор

дошта бошад ва мақсади сиёсати иҷтимоӣ аз мавқеи талаботи инсон бояд муайян карда шавад.

Масъалаҳои иҷтимоии шахсони алоҳида ва кулли ҷомеа гуногунҷабҳа ва гуногунпаҳлӯ мебошанд. Бинобар ин, сиёсати иҷтимоии давлат ҳамчун механизми ҳалли масъалаҳои мазкур дорои вазифаҳои зиёд ва фарогири самтҳои гуногуни кору фаъолият аст. Бо назардошти ин зимни коркард ва амалинамоии сиёсати иҷтимоӣ истифода намудани маҷмӯи имкониятҳои давлат зарур дониста мешавад, то ки тамоми мураккабии ҳаёти инсонӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва рушди ҳаёти ҷамъиятӣ мадди назар нашаванд.

Таҳлилу баррасии адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки таснифоти таърифҳои сиёсати иҷтимоӣ аз мазмуну мундариҷаи ин навъи фаъолият ва одатан аз масъалаи марказии он бармеоянд. Дар ин замина мушоҳида мегардад, ки дар аксар маврид сиёсати иҷтимоиро тавассути мафҳуми «фаъолият» шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Дар ин миён фаъолияти давлатӣ, фаъолияти сиёсӣ, идоранамоии рушди иҷтимоӣ, идоранамоии равандҳои иҷтимоӣ ва ғ. ҳамчун масъалаҳои муҳимтарин ва низомофари сиёсати иҷтимоӣ дониста мешаванд [1, с.115]. Як қатор олимон сиёсати иҷтимоиро қисми таркибии сиёсати дохилии давлат муаррифӣ намудаанд [20, с.75]. Инчунин дар баъзе сарчашмаҳои дигар сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун стратегияи рушди ҳадафноки сохтори ҷамъиятӣ, маҷмӯи мақсадҳои иҷтимоӣ ва роҳу усулҳои дар амал татбиқ намудани онҳо муаррифӣ мешавад [19, с.75-89].

Нуқтаи назаре, ки тибқи он сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун консепсия, маҷмӯи муносибатҳо, меъёрҳои рафтор ва принсипҳо дониста мешавад, ба мақсад мувофиқтар аст. Чунин тарзи баррасии масъала хоси андешаҳои олимони ғарбӣ мебошад. Барои мисол, Д.Черрӣ ба хулосае омадааст, ки сиёсати иҷтимоӣ соҳаи пажӯҳишҳое мебошад, ки экспертизаи иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва сотсиологиро дар худ фаро гирифта, тавассути он муайян карда мешавад, ки сиёсати ҳукумати марказӣ ва маҳаллӣ ба ҳаёти одамон ва ҷамоатҳо чи гуна таъсиргузорӣ менамоянд [2, с.235]. Олими дигар А.Шор сиёсати иҷтимоиро ҳамчун маҷмӯи меъёрҳо ва роҳу усулҳое медонад, ки барои роҳбарӣ намудан ва ба танзим даровардани муносибатҳои аъзои ҷомеа, инчунин барои танзими муносибати онҳо бо низоми иҷтимоӣ равона карда шудааст [24, с.266]. Ба андешаи олими рус Ф.И. Шарков, сиёсати иҷтимоӣ дар маънои васеъ маҷмӯи меъёрҳои назариявӣ ва чорабиниҳои амалӣ, дар маънои маҳдуд фаъолияти мақомоти давлатӣ мебошад [21, с.31].

Бояд тазаккур дод, ки шарҳу баёни сиёсати иҷтимоии давлат ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатӣ мазмуну мундариҷаи ин навъи сиёсатро хеле маҳдуд месозад. Зеро фаъолият танҳо раванди татбиқи сиёсати иҷтимоиро фаро мегирад, аммо барои инъикос намудани моҳияти аслии он асосҳои консептуалӣ, меъёрҳои мушаххаси назариявӣ ва қонуниятҳои рушди ҷамъиятӣ бояд ба назар гирифта шаванд. Танҳо дар чунин маврид имкони коркард намудани роҳу усулҳои мушаххаси татбиқи амалии он имконпазир мешавад. Ҳамзамон зимни баррасии сиёсати иҷтимоӣ мадди назар намудани категорияи «фаъолият» низ ғайриимкон аст, зеро фаҳму дарки сиёсати иҷтимоии замони муосирро бе корҳои мушаххаси амалӣ анҷом додан номумкин мебошад. Аз ин рӯ, зимни омӯзиши сиёсати иҷтимоӣ бо ҳам алоқаманд намудани фаъолияти амалӣ ва асосҳои консептуалӣ ба манфиати таҳқиқоти ин масъала мебошад.

Таҳлилу баррасии таснифоти таърифҳои гуногуни сиёсати иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки миқёси фарогирии масъалаҳои ҷудогонаи он то кадом андоза васеъ мебошад. Аз ҷумла, объект ва субъектҳои сиёсати иҷтимоӣ, моҳият ва хусусиятҳои ин навъи сиёсат, мақсадҳои иҷтимоӣ, роҳу усулҳои татбиқи амалии онҳо ва миқдори зиёди

унсурҳои таркибии дигари сиёсати иҷтимоӣ аз мураккабии он дарак медиҳад. Мутаассифона, на ҳамаи таърифҳои мавҷуда унсурҳои дар боло номбаргардидаро фаро мегиранд ва ҳатто дар баъзеи онҳо масъалаҳои ҷудогонаи сиёсати иҷтимоӣ ба таври мухталиф шарҳу тавзеҳ дода мешаванд. Масалан, дар баъзе мавридҳо сиёсати иҷтимоиро ҳамчун воситаи ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, дар мавридҳои дигар онро ҳамчун воситаи қонеъ намудани талаботи одамон ва ғ. тавсиф менамоянд. Олими рус Л.Г. Гуслякова таърифҳои дар тӯли ду даҳсола нисбат ба сиёсати иҷтимоӣ пешниҳодгардидаро таҳлилу баррасӣ намуда, ба хулосае меояд, ки моҳияти ин навъи сиёсат ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтааст ва бештар хусусияти иқтисодӣ пайдо кардааст [4, с.131].

Ҳамин тариқ, сиёсати иҷтимоӣ дар мазмуни васеъ барои танзими рафтори иҷтимоӣ ва муносибатҳои иҷтимоии аъзои ҷомеа равона гардида, меъёрҳои шаклгирии сохтори иҷтимоиро ташаккул дода, механизмҳои иҷтимоии татбиқи мақсадҳои рушди ҷамъиятиро таъмин мекунад [18, с.22]. Дар чунин шакл муаррифӣ намудани мазмуну мундариҷаи сиёсати иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки дигаргуниҳои амиқи ҳаёти ҷамъиятӣ ба инобат гирифта шаванд. Бахусус замоне ки сохтори нави иҷтимоӣ дар ҳоли шаклгирӣ ва механизмҳои амалишавии он дар раванди ташаккулёбӣ қарор доранд, дар самти рушди ҷамъиятӣ имкониятҳои нав ва маҳдудҳои мушаххас ба вуҷуд меоянд. Барои шарҳу тафсири чунин дигаргуниҳо дар мазмуни васеъ тавсиф намудани сиёсати иҷтимоӣ зарур дониста мешавад.

Дар мазмуни маҳдуд бошад, фаъолияти давлат дар самти қонеъ сохтани талаботи одамон ҳамчун сиёсати иҷтимоӣ муаррифӣ мегардад. Таърифи мазкур ҳарчанд маҳдуд ҳам бошад, аз рӯйи субъект, мақсад ва механизмҳои татбиқи худ дар дараҷаҳои гуногун зоҳир мешавад. Бо такя ба таърифи мазкур гуфтан мумкин аст, ки объект, субъект, мақсадҳо ва вазифаҳои сиёсати иҷтимоӣ унсурҳои муҳимтарини таркиби онро ташкил медиҳанд. Дар чунин маврид сиёсати иҷтимоиро ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои консептуалӣ, фаъолияти давлат ва дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоии ҷомеа ва таъмини рушду инкишофи онҳо муаррифӣ намудан мумкин аст. Инчунин дар таърифи мазкур унсурҳои дигарро низ ҳамроҳ намудан имконпазир аст, аммо ба назар чунин мерасад, ки ин падидаи хеле мураккаб аст ва дар таърифи он ҳамаи масъалаҳои марбутаро шомил намудан ҳалли масъаларо хеле мушкил мегардонад. Аз ҷумла, сохтори сиёсати иҷтимоӣ, самтҳои амалишавии он, меъёрҳо, ресурсҳо, шаклҳои зоҳиршавӣ, марҳилаҳои амалишавӣ, хусусият, нишондодҳо, заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ғ. низ масъалаҳое мебошанд, ки дар таркиби консепсияи сиёсати иҷтимоӣ шомиланд. Аммо онҳоро дар алоҳидагӣ таҳлилу баррасӣ кардан мувофиқи мақсад мебошад.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки таҳлили вазъияти имрӯзаи сиёсати иҷтимоӣ ва самтҳои ташаккулёбии он дар таҳқиқоти олимон мавқеи хеле муҳимро ишғол намудаанд. Баррасии андешаҳои олимони сершумор оид ба самтҳои гуногуни таҳқиқоти онҳо ғайриимкон мебошад, аммо таҳлили вазифаҳои сиёсати иҷтимоиро зарур дониста, ба воситаи он зарурияти ташаккули ин навъи сиёсатро нишон додан мумкин аст.

Дар шароити имрӯза сиёсати иҷтимоӣ, ки дар тамоми гушаю канори мамлакат ва бо истифода аз ниҳодҳои мавҷуда амалӣ карда мешавад, баъзан вақт аз доираи фаъолияти давлатӣ берун мебарояд. Аз ин рӯ, сиёсати иҷтимоӣ аз сиёсати давлатӣ васеътар мебошад, зеро фазои ҷомеа аз давлат васеътар аст. Бо ҳам мувофиқат накардани фазоҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ки дар онҳо фаъолнокии иҷтимоии субъектҳои гуногун ба амал меояд, зимни баррасии унсурҳои таркибии сиёсати иҷтимоӣ ва нишон додани

алоқамандии онҳо нофаҳмиҳои зиёдро ба вуҷуд меоварад. Чунин ҳолатро ба инобат гирифта, баъзе муаллифон иброз медоранд, ки давлат субъекти ягонаи сиёсати иҷтимоӣ нест. Дар яке аз луғатҳои соҳавӣ қайд мегардад, ки «сиёсати иҷтимоӣ – ин фаъолияти давлат ва дигар ниҳодҳои иҷтимоию сиёсие мебошад, ки ба рушди прогрессивии соҳаи иҷтимоӣ, хубтару беҳтар намудани шарту шароит ва сатҳи зиндагии одамон, қонеъ намудани талаботи қишрҳои ниёзманд, дастгирии шаҳрвандон, ҳифзи иҷтимоии онҳо нигаронида шудааст» [15, с.207]. Дар ҳамин мазмун олими рус Б.В. Ракитский андешаҳои худро пешниҳод намудааст. Ба ақидаи ӯ, «Шаҳрвандон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ғайр аз ин, ниҳодҳо, ташкилотҳо ва мақомоти ҳокимияти давлатие, ки онҳоро намояндагӣ мекунанд ва бо мақсади пайгирӣ намудани манфиатҳои шаҳрвандон дар соҳаи иҷтимоӣ фаъолона ширкат меварзанд, субъектҳои сиёсати иҷтимоӣ мебошанд» [16, с.394]. Ҳамин тариқ, таҳлилу баррасии масъалаи зикргардида нишон медиҳад, ки сиёсати иҷтимоӣ – ин сиёсати давлат, ҷомеа, ҳизбҳои сиёсӣ, ниҳодҳои иҷтимоӣ дар соҳаи фаъолияти ҳаётии одамон мебошад.

Инчунин қайд намудан зарур аст, ки сиёсати иҷтимоӣ на танҳо аз имкониятҳои давлат ва дар кадом ҳолат қарор доштани иқтисодиёти миллӣ, балки дар бисёре аз мавридҳо аз вазъияти сиёсӣ низ вобаста мебошад. Ба воситаи сиёсати иҷтимоӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ ба танзим дароварда мешавад. Дар ҳар як мамлакат ҳаёти ҷамъиятӣ майдони бархӯрди манфиатҳо ва рақобату мухолифати неруҳои гуногун ба шумор меравад. Давлат, ҷомеа ва шаҳрвандони алоҳида дар таркиби сиёсати иҷтимоӣ на танҳо объекти таъсирпазир дониста мешаванд, балки субъектҳои муҳимтарини ин навъи фаъолият низ маҳсуб меёбанд. Сиёсати иҷтимоии самарабахш тақозои онро менамояд, ки манфиатҳои субъектҳои он, аз ҷумла мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ, соҳибкорон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ғ. ба инобат гирифта шаванд. Аммо манфиати онҳо дар бисёре аз мавридҳо дар самтҳои мухталиф зоҳир мешаванд. С.Миронов қайд менамояд, ки «дар соҳаи соҳибкорӣ субъектҳои иқтисодӣ кӯшиш менамоянд, ки неъматҳои ҷамъиятиро дар дасти худ мутамарказ намоянд ва барои онҳо харҷҳо ва даромадҳое, ки бо гардиши бозорӣ алоқаманд нестанд, ҳеҷ аҳамият надорад» [9, с.7].

Чунин ҳолатро ҳамчун зуҳуроти эгоизми молиявӣ унвон намудан мумкин аст. Ба таври сунъӣ паст намудани музди меҳнат дар корхонаҳо ва дар аксари ин ташкилотҳо мавҷуд набудани имтиёзҳои иҷтимоӣ нишонаҳои асосии ин зуҳурот мебошанд. Бо назардошти чунин вазъ гуфтан мумкин аст, ки шаҳрвандони қаторӣ, бахусус коргарон кӯшиш менамоянд, ки манфиатҳои худро пайгирӣ кунанд. Дар ин бора андешаҳои М. Делягин хеле бамаврид мебошанд. Ба ақидаи ӯ, «аҳолӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки неъматҳои иҷтимоӣ ба таври баробар тақсим гарданд ва адолати иҷтимоӣ таъмин шавад» [5, с.38-39].

Дар баробари ин қайд намудан зарур аст, ки микдори субъектҳои сиёсати иҷтимоӣ, инчунин салоҳияту ваколатҳои онҳо аз режими сиёсии дар давлат мавҷудбуда вобастагӣ дорад. Б.В. Ракитский чунин масъаларо ба инобат гирифта, қайд менамояд, ки «дар шароити мавҷудияти инҳисори давлатӣ субъектҳои сиёсати иҷтимоӣ вазифаи намоишӣ дошта, дар асл вазифаҳои аслии худро иҷро намекунанд» [11, с.13]. Бояд гуфт, ки дар таъмини фаъолияти муназзами системаи иқтисодӣ давлат накши ҳалкунанда мебозад. Ҳатто интихоби модели рушди иқтисодӣ низ вазифаи муҳимтарини давлат аст. Аз ин рӯ, новобаста аз он, ки дар ҷомеа кадом доктринаи иқтисодӣ хукмрон аст, ҳукуматҳои миллӣ масъули беҳтар намудани вазъи иқтисодии мамлакат мебошанд [3, с.13].

Ҷанбаъҳои иқтисодию субъективии сиёсати иҷтимоиро ба инобат гирифта, қайд намудан зарур аст, ки дар шароити рушди ниҳодҳои демократӣ ва ташаккулёбии иқтисоди бозаргонӣ сиёсати иҷтимоии давлат бояд тавре амалӣ карда шавад, ки дар он манфиатҳои шаҳрвандони алоҳида бо манфиатҳои ҷамъиятӣ мувофиқат намоянд, то ки ташвишу изтироби ҷамъиятӣ ба ташвишу изтироби шахсони алоҳида мубаддал гардад. То он замоне, ки муносибати шаҳрвандон ва ҷомеа дар чунин шакл ташаккул наёбад, рушди давлати мутамаддин, кафолати ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ ва кафолатҳои иҷтимоӣ ғайриимкон мегарданд.

Ҳамин тариқ, дар шароити муосир сиёсати иҷтимоӣ дар ҳамаи мамлакатҳо субъектҳои гуногун дорад. Аммо дар байни онҳо мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз рӯйи вазифаҳои иҷтимоии худ мавқеи марказиро ишғол менамоянд.

Ҳокимияти қонунгузор тавассути коркард ва қабули қонунҳои ба муддати тӯлонӣ амалкунанда стратегияи умумии татбиқи сиёсати иҷтимоиро таъмин менамоянд, инчунин дараҷаи ҳадди аққали кафолатҳои иҷтимоиро муайян месозанд. Мақомоти қонунгузор бо назардошти тағйирёбии вазъи иқтисодӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқиро бознигарӣ карда, пардохтҳои иҷтимоӣ, хизматрасониҳои иҷтимоии ройгон ё имтиёзнокро муайян мекунанд. Аз ҳама муҳим ин аст, ки мақомоти қонунгузор зимни қабули буҷаи давлатӣ сарчашмаҳои маблағгузории сиёсати иҷтимоӣ ва танзими фаъолияти фондҳои ғайрибуҷавиро амалӣ мегардонад. Ҳокимияти иҷроия бо такя ба муқаррароти қонунҳои қабулгардида чорабиниҳои гуногунро ҷиҳати татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ба амал мебарорад. Мақомоти ҳокимияти иҷроия тартиби пардохтҳои иҷтимоиро мушаххас месозад, санадҳои меъёриеро, ки фаъолияти сохторҳои онро муайян месозанд, таҳия мекунад.

Корфармоён талаботу меъёрҳоеро, ки аз ҷониби ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия нисбат ба шароити бозори меҳнат, пардохти музди меҳнат, суғурта ва ғ. пешниҳод гардидаанд, иҷро мекунанд. Корфармоён дар асоси имкониятҳои молиявии худ ҷойҳои корӣ ташкил намуда, дар заминаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии мавҷуда метавонанд сиёсати иҷтимоии худро ташаккул диҳанд. Аз ҷумла, ташкил намудани хӯроки бепул барои коргарон, ҷудо намудани маблағ барои истироҳати кормандон, пешниҳод намудани қарзҳои бефоиз барои харидорӣ намудани хонаи истиқоматӣ ва ғ.

Ташкилотҳои ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, иттифоқҳои касаба ва ҳизбҳои сиёсӣ манфиатҳои табақаҳои гуногуни аҳолиро ифода карда, вазифаҳои идеологиро иҷро менамоянд ва ба созиши байниҳамдигарии мақомоти давлатӣ ва корфармоён мусоидат мекунанд.

Дар баробари ҳамаи ин давлат ҳамчун субъекти асосии сиёсати иҷтимоӣ эътироф гардида, худи сиёсати иҷтимоӣ бошад механизми бартараф намудани шиддати иҷтимоии ҷомеа дониста мешавад. Барои иҷроиши ин вазифа давлат имконияти васеъ дорад. Як қатор олимони соҳаи илмҳои иҷтимоӣ, бахусус сиёсатшиносон муътақиданд, ки шиддати иҷтимоӣ дар шакли зерин ба амал меояд:

– бештар гардидани мушкилиҳо ва ба амал омадани вазъияте, ки дар он қонеъ намудани талаботи ниёзмадон ғайриимкон мегардад;

– корношоям гардидани механизми мавҷудаи қабули қарорҳо;

– аз даст рафтани имконияти одамон ва ташкилотҳо, ғайриимкон гардидани амалишавии мақсадҳо ва вазифаҳои муайяншуда [8, с.28].

Маҳз ба хотири аз байн бурдани шиддати иҷтимоӣ як қатор давлатҳо марҳилаи мушаххаси рушди ҳаёти ҷамъиятиро ба инобат гирифта, дастгирии иҷтимоии қишрҳои муайяни аҳолиро ҳамчун самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии худ интихоб намудаанд. Дастгирии қишрҳои муайяни (ниёзманди) аҳолӣ ҳамчун меъёри сиёсати

иҷтимоӣ тақозои онро менамояд, ки дар муносибат бо табақаҳои гуногуни ҷомеа чорабиниҳои мухталифи иҷтимоӣ роҳандозӣ гардад.

Гурӯҳҳои иҷтимоии синфи миёна ҳамчун объект ва субъекти сиёсати иҷтимоӣ дар рушди ҳаёти ҷамъиятӣ нақши намоён доранд. Аз ин рӯ, дар аксар давлатҳои олам ба мавқеи иҷтимоии онҳо таваҷҷуҳи бештар медиҳанд. Зеро гурӯҳҳои иҷтимоии ниёзманд нисбат ба қишрҳои нисбатан сарватманд хароҷоти камтар доранд. Дар ин маврид қонунияте мавҷуд аст, ки тибқи он чи қадаре ки ҳаҷми даромадҳо ва мавқеи иҷтимоии гурӯҳ баланд бошад, сатҳи хароҷоти онҳо низ зиёд гардида, дар чунин шароит инчунин иқтидори сармоягузорӣ ва пасандознамоии онҳо баланд мегардад. Ба ибораи дигар, масъалаи харҷӯ дахли гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва танзими онҳо яке аз масъалаҳои муҳимтарини сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат ба шумор меравад.

Маҳз ба ҳамин хотир нақши иқтисодию сиёсии синфи миёна дар он ифода меёбад, ки рушди минбаъдаи ҷомеа аз онҳо вобастагӣ дорад. Тибқи нишондодҳои мавҷуда дар ҷое, ки синфи миёна аксарияти ҷомеаро ташкил медиҳад, дар он ҷо истеъмол ва харҷҳои онҳо омили муҳими рушди иқтисодӣ мегардад. Баръакс, дар кишварҳое, ки қишрҳои ниёзманд аксариятро ташкил медиҳанд, ҳалли масъалаи маблағгузории рушди ҷомеа бо мушкилиҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешавад. Бинобар ин, ба хулосае омадан мумкин аст, ки синфи миёна заминаи муҳимми дар амал татбиқ намудани сиёсати иҷтимоии давлат ва баланд бардоштани самаранокии он ба шумор меравад. Ба андешаи О.И. Шкаратан, барои оне, ки дар сохтори иҷтимоии ҷомеа синфи миёна бештар шавад, як қатор шарту шароитҳо заруранд:

– ба вуҷуд овардани стереотипҳои мушаххаси рафтор, дидгоҳҳои мушаххас, мавқеъгириҳо, низоми арзишҳо ва монанди инҳо;

– ташаккули ҳувияти гурӯҳии одамон, дар доираи анъанаҳои гурӯҳӣ амал намудан;

– дар сатҳи зарурӣ таъмин намудани сатҳу сифати ҳаёт (хизматрасонии тиббӣ, ҳифзи солимӣ, ғизои кофӣ, ба таҳсилоти босифат фаро гирифтани кӯдакон ва ғ.);

– баланд бардоштани иқтидори зеҳнии одамон то ба ҳадде, ки мавқеи иҷтимоии онҳоро кафолат дода тавонад ва мустақилияти иқтисодию шаҳрвандии онҳоро ба вуҷуд оварад [17, с.28].

Бе шакку шубҳа гуфтан мумкин аст, ки бештари шароитҳои дар боло номбаргардида аз ҷониби давлат бояд таъмин карда шаванд. Бо ҳамдигар мувофиқат намудани масъулияти иҷтимоии давлат ва масъулияти иҷтимоии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ шароити зарурии баланд бардоштани самаранокии чорабиниҳои иҷтимоӣ мебошад. Ин гуфтаҳо маънои онро доранд, ки чорабиниҳои сиёсати иҷтимоӣ на танҳо қишрҳои мушаххаси ҷомеаро бояд фарогир бошад, балки бо назардошти мубрамияти мушкилиҳои гурӯҳҳои муайяни хоҷагидор ташаккул ёбанд. Як гурӯҳ олимони соҳа дар таҳқиқоти худ ба хулосае омадаанд, ки дар кишварҳои пасошӯравӣ дар раванди гузаронидани ислоҳоти соҳа чунин меъёр ба инобат гирифта нашуда буд ва аз ин рӯ, самаранокии чорабиниҳои сиёсати иҷтимоӣ бамаротиб коҳиш ёфт [12, с.25].

Масъалаи дигаре, ки дар доираи таҳлили назариявии масъала бояд матраҳ гардад, эътироф намудани нақши ниҳодҳои ҷамъиятӣ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мебошад. Дар муқоиса аз давраи сотсиализм, яъне даврае, ки соҳаи иҷтимоиёт дар ихтиёри давлат қарор дошту ҷомеа аз иҷроиши вазифаҳои иҷтимоӣ дар канор нигоҳ дошта мешуд, дар шароити муосир, ки иқтисодиёти бозаргонӣ ва сармоядории сартосарӣ дар ҳои рушд аст, аз лиҳози иқтисодӣ омода набудани давлат ва ҳаҷми ками буҷаи давлатӣ на танҳо имкон намедиҳад, ки ҳамаи масъалаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби давлат ҳаллу фасл гарданд, балки чунин ҳолат сарчашмаи асосии ба амал омадани шиддати иҷтимоӣ мегардад [18, с.20].

Дар шароити имрӯза дар як қатор давлатҳои рӯ ба тараққӣ маҳдуд будани имкониятҳои сиёсати иҷтимоии давлат эҳсос мегардад. Ғайр аз ин, дар сатҳи зарурӣ ба даст наомадани самаранокии сиёсати иҷтимоӣ на танҳо аз имкониятҳои маҳдуди давлат, балки аз шаклҳои зоҳиршавии муносибати давлат бо ҷомеа ва механизмҳои танзими ҳаёти ҷамъиятӣ вобаста мебошад. Маҳз дар чунин шароит раванди ташаккулёбии ниҳодҳои ҷамъиятие, ки дар қонеъ намудани ниёзҳои иҷтимоии ҷомеа нақш мебозанд, ба амал меояд. Албатта, ниҳодҳои мазкур низ дар доираи санадҳои меъёрию ҳуқуқии давлат фаъолият мебаранд, аммо дар тобеияти давлат нестанд ва нисбатан худмухтор мебошанд. Чунин ниҳодҳои ҷамъиятӣ бо ташаббуси худи шаҳрвандон ташкил гардида, мустақилона қонеъ намудани талаботи иҷтимоии онҳоро фаро мегирад. Ниҳодҳои мазкур унсурҳои муҳимтарини ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил медиҳанд ва дар аксар маврид рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ тавассути фаъолияти самараноки онҳо муайян карда мешавад. Чунин ҳолатро ба инобат гирифта, гуфтан мумкин аст, ки дар шароити ташаккулёбии низоми сармоядорӣ ва иқтисоди бозаргонӣ, дар раванди демократикунонии ҷомеа ва ташаккулёбии давлати ҳуқуқӣ ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои фаъолияти ниҳодҳои мазкур кафили баланд гардидани самаранокии сиёсати иҷтимоии давлат мебошад. Гузашта аз ин, дастгирӣ намудани ниҳодҳои мазкур нишонаи асосии давлати иҷтимоӣ дар шароити навин дониста мешавад. Дар шароити муосир на танҳо дахолати давлатӣ, балки ташаббусҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандони алоҳида низ кафили устувории иҷтимоӣ ва паст гардидани шиддати иҷтимоӣ мегардад. Ҳалли як қатор масъалаҳо, аз қабили гирифтани пеши роҳи маргинализатсияи гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ба вуҷуд овардани ҷойҳои корӣ, қонеъ намудани ниёзҳои иҷтимоии аҳолӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ғ. аз ташаббуси ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ вобастагии зиёд дорад. Ташаббусҳои мазкур имкон медиҳанд, ки дар соҳаи иҷтимоиёт ресурсҳои иловагӣ ҷалб карда шаванд. Ҷомеаи шаҳрвандии ташаккулёфта имкон медҳад, ки на танҳо кӯшишҳои иҷтимоии давлат пурра дар амал татбиқ гарданд, балки онҳо мушаххасу нишонрас шаванд, дар шакли мутамаддин ва ғайризӯроварона аз рӯйи амалишавии онҳо назорати шаҳрвандӣ низ ба роҳ монда шавад.

Татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ низ хусусиятҳои навро соҳиб мешавад. Дар чунин шароит бо мақсади истифода намудани имкониятҳои нави технологияҳои иттилоотӣ сиёсати иҷтимоии давлат барои ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ мусоидат менамояд ва қонеъ намудани талаботи иттилоотии ҷомеа низ ҳамчун афзалияти сиёсати иҷтимоӣ тасаввур мегардад. Барои амалӣ гардидани чунин мақсад ҳалли як қатор масъалаҳо зарур дониста мешаванд. Масъалаҳои мазкурро як қатор олимон ба таври зайл муайян намудаанд:

– рушди босуръати иқтидори зеҳнии одамон ҳамчун омили бавуҷудоварандаи шароити мусоид барои беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии онҳо;

– ташаккули синфи миёнаи нав ҳамчун қувваи пешбарандаи ҷомеа ва унсури муҳимтарини иқтидори зеҳнии мамлакат;

– рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқӣ ҳамчун шароити васеъ намудани имкониятҳои шаҳрвандон ва баланд бардоштани иқтидори зеҳнии онҳо [23, с.29].

Ҳамаи масъалаҳои дар боло номбаргардидаро таҳлилу таҷзия намуда, инчунин мақсади сиёсати иҷтимоиро низ ҳамчун масъалаи муҳимтарини рушди иҷтимоии ҷомеа муаррифӣ намудан мумкин аст. Сиёсати иҷтимоӣ ба монанди навъҳои дигари сиёсат бояд мақсади мушаххас дошта бошад ва амалишавии онро дар ҳамаи зинаҳои татбиқи қарорҳои сиёсӣ пайгирӣ намояд. Ба андешаи олими рус Т.В. Игнатова, «афзоиши даромади аҳолӣ, баланд гардидани сатҳу сифати зиндагии онҳо ва тавсеаи ҳуқуқу

озодиҳои шаҳрвандон мақсадҳои сиёсати иҷтимоӣ мебошанд» [6, с.47]. Бояд субъектҳои сиёсати иҷтимоӣ мақсадҳои худро бо мақсади системавӣ мувофиқ гардонанд ва тобеи он бошанд. Маҳз дар чунин шароит амалишавии мақсади сиёсати иҷтимоӣ имконпазир мегардад.

Ҳамин тариқ, ба таври равшан мушоҳида мегардад, ки сиёсати иҷтимоии давлат фаъолнокии иҷтимоии ниҳодҳои сиёсию ҷамъиятиро фаро гирифта, дар муносибати гуногунсамтаи онҳо зоҳир мегардад. Ғайр аз ин, дар амалияи сиёсию ҷамъиятӣ дидан мумкин аст, ки натиҷаи ниҳоии сиёсати иҷтимоии давлат на танҳо тавассути фаъолияти давлат ва ниҳодҳои он, балки ба воситаи фаъолияти субъектҳои дигаре, ки сиёсати иҷтимоии худро доранд ва бо сиёсати иҷтимоии давлат мувофиқат менамоянд, ба даст меояд. Дар маҷмӯъ, зимни баррасии мазмуну моҳияти сиёсати иҷтимоӣ дар ду шакл зоҳир шудани онро ба инобат бояд гирифт. Якум, аз рӯйи натиҷаҳои ҳамгироии иҷтимоие, ки фаъолияти маҷмӯи субъектҳои ҷамъиятиро фаро мегирад ва дар ин маврид зери мафҳуми сиёсати иҷтимоии давлат маҷмӯи равандҳои иҷтимоие, ки дар ҳудудҳои давлат ба амал меоянд, фаҳмида мешавад. Дар маънои дуюм, сиёсати иҷтимоӣ бо фаъолияти иҷтимоии субъекти мушаххас алоқаманд гардонида шуда, мақсади онҳо ва роҳу усулҳои дар амал татбиқ намудани мақсадҳои мазкурро дар бар мегирад. Дар маънои дуюм сиёсати иҷтимоӣ сиёсати субъекти мушаххас буда, фаъолнокӣ ва масъулиятнокии онро ба вуҷуд меоварад.

Дар раванди ташаккулёбӣ ва татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат инчунин омилҳои таъсиррасон низ бояд ба инобат гирифта шаванд. Дар шароити муосир ба сиёсати иҷтимоии давлат аз ҳама бештар равандҳои ҷаҳонишавӣ таъсиргузорӣ менамояд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ тағйирёбӣ ва дигаргуншавии вазифаҳои давлат низ ба амал меоянд. Чунин дигаргуниҳо дар самтҳои гуногун ба амал меоянд. Аз ҷумла, иқтисоди ҷаҳонии замони муосир давлатҳоеро фаро мегирад, ки онҳо аз рӯйи сохтори иҷтимоӣ, тартиботи сиёсӣ, сатҳи рушди иқтидори истеҳсолӣ ва муносибати истеҳсолӣ аз давлатҳои дигар тафовут доранд. Ба ибораи дигар, дар ҳар як мамлакат дигаргуниҳои бамалоянда вобаста ба сатҳи рушди ҷомеаҳои онҳо ба амал меояд. Яъне, ҷомеа чи қадаре ки рушд намояд, ба амал омадани дигаргуниҳо ҳамон андоза ба мушоҳида мерасад [7, с.4]. Ба андешаи баъзе олимон, дар марҳилаи кунунии ҷаҳонишавӣ на танҳо ба амал омадани нобаробарӣ дар дохили мамлакатҳо, балки нобаробарӣ дар байни давлатҳо низ бештар мегардад [3, с.15]. Ҳамин тариқ, равандҳои ҷаҳонишавӣ ба вазифаҳои сиёсати иҷтимоии давлат низ таъсири худро мегузорад ва дар баъзе мавридҳо онҳоро дигаргун месозад.

Ҳамин тариқ, ба ҳамаи он нигоҳ накарда, ки олимону муҳаққиқон вазифаҳои сиёсати иҷтимоии давлатро ба таври мухталиф ва бо назардошти масъалаҳои гуногун муайян намудаанд, моҳиятан таъмини ҷомеа бо шароити зарурии иҷтимоӣ ва ба амал баровардани рушди онҳоро ҳамаи олимон эътироф кардаанд.

Омӯзиш ва таҳлилу баррасии ҷанбаҳои назариявию методологии сиёсати иҷтимоии давлат нишон дод, ки онро пеш аз ҳама дар ду маъно – дар маънои васеъ ва дар маънои маҳдуд фаҳмидан мумкин аст. Сиёсати иҷтимоӣ дар мазмуни васеъ ин сиёсати давлат, ҳизбҳои сиёсӣ, ниҳодҳои иҷтимоӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Дар чунин маврид зери мафҳуми сиёсати иҷтимоии давлат ҳамаи равандҳои иҷтимоии ҷомеа, ки дар қаламрави мамлакат ва ҳудудҳои давлат ба амал меоянд, фаҳмида мешавад. Сиёсати иҷитимоӣ ҳамчун зуҳуроти мураккаб дар зинаҳои гуногуни муносибатҳои иҷтимоӣ бо фарогирии субъектҳо, ниҳодҳо ва мақсадҳои мухталиф ташаккул меёбад. Дар чунин мазмун тасаввур гардидани сиёсати иҷтимоӣ онро сиёсати

субъекти мушаххас муаррифӣ менамояд, зеро фаъолнокии иҷтимоии субъект ва масъулияти он дар назди ҷомеа аз мақсадҳои иҷтимоии он бармеоянд.

Сиёсати иҷтимоӣ дар маънои маҳдуд ин фаъолияти давлат ва ниҳодҳои давлатӣ оид ба қонеъсозии талаботи иҷтимоии одамон мебошад. Сиёсати иҷтимоии давлат фаъолнокии иҷтимоии ҳизбҳои сиёсӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро ба инобат гирифта, созиши байниҳамдигарии онҳоро дар мавриди ҳалли масъалаҳои ҷамъиятӣ таъмин менамояд. Натиҷаҳои интизории сиёсати иҷтимоии давлат на танҳо тавассути фаъолияти мақомоти давлатӣ, балки ба воситаи субъектҳои дигаре, ки сиёсати иҷтимоии худро доранд ва бо сиёсати иҷтимоии давлат мувофиқ гардонида шудаанд, ба даст оварда мешаванд.

**Адабиёт**

1. Асланова С.Х. Социальная политика: сущность, современное состояние, проблемы и совершенствование отдельных сфер на уровне региона [Текст] / С.Х. Асланова // Фундаментальные исследования. – 2016. – № 3. – С. 113-117.
2. Большой толковый социологический словарь (Collins). В 2 томах. Т.2. / Пер. с англ. –М.: АСТ, 1999. –С.235.
3. Бондаренко, Л.Ю. Трансформация функций государства в процессе глобализации [Текст] / Л.Ю. Бондаренко // Факторы и приоритеты социальной политики трансформационного периода. –Ростов н/Д.: Изд-во СКАГС, 2005. –С.13.
4. Гуслякова Л.Г. Практика социальной работы в современном российском обществе как объект исследования [Текст] / Л.Г. Гуслякова // Образование и социальное развитие региона. – 1995. –№3-4. –С.131.
5. Делягин, М. Власть, бизнес и население – три составляющих современного общества [Текст] / М. Делягин // Проблемы теории и практики управления. – 2005. –№3. –С.38-39.
6. Игнатова, Т.В. Приоритеты социальной политики и устойчивое развитие [Текст] / Т.В. Игнатова // Факторы и приоритеты социальной политики трансформационного периода. –Ростов н/Д.: Изд-во СКАГС, 2005. –С.47.
7. Иноземцев, В. Несколько гипотез о мировом порядке XXI века [Текст] / В. Иноземцев // Свободная мысль. – 2003. –№11. –С.4-5.
8. Лаврененко, И.М. Государственная социальная политика Российской Федерации: опыт и проблемы трансформации (80-90-е годы XX столетия) [Текст] / И.М. Лаврененко. –М.: Социум, 1999. –217 с.
9. Миронов, С. Социальная политика: уточнение задач и отладка механизмов [Текст] / С. Миронов // Общество и экономика. – 2005. –№5. –С.7-8.
10. Морозова В.А. Социальная политика в Кузбассе: теоретические основы и региональная практика [Текст] / В.А. Морозова. –Кемерово: Кузбассвузиздат, 2005. –С.9.
11. Ракитский, Б.В. Социальная политика (социально-политические отношения) на уровне предприятия [Текст] / Б.В. Ракитский // Трудовая демократия. Выпуск 49. –М.: Школа трудовой демократии, 2005. –С.13.
12. Смирнов, С.Н. Социальная политика переходного периода: от ужаса к комедии [Текст] / С.Н. Смирнов. –М.: Компания Спутник, 2003. –С.25.
13. Социальная политика: парадигмы и приоритеты. Монография [Текст] / Под ред. В.И. Жукова. –М.: Изд-во «Союз», 2000. –С.4-9.
14. Социальная политика в постсоциалистическом обществе: задачи, противоречия, механизмы [Текст]. –М.: Наука, 2001. –С.22.

15. Социальное государство. Краткий словарь-справочник [Текст]. –М.: АТСО, 2000. –С.207.

16. Социальная политика. Толковый словарь [Текст]. –М.: РАГС, 2002. –С.394.

17. Социальное расслоение и его воспроизводство в современной России [Текст] / Под ред. Шкаратана О.В. –М.: ГУ ВШЭ, 2003. –С.28.

18. Социальная политика в постсоциалистическом обществе: задачи, противоречия, механизмы [Текст]. –М.: Наука, 2001. –С.20.

19. Тарзиев В. Социальная политика как инструмент общественного развития [Текст] / В. Тарзиев, П. Димитрова // Universum: экономика и юриспруденция. –2017. – №2 (35). –С.75-89.

20. Хагаева А.В. Социальная политика государства: сущность, целы и виды социальной политики [Текст] / А.В. Хагаева, А.А. Бачаев, Р.Т. Горгиев // Влияние новой геополитической реальности на государственное управление. –Грозный, 2020. –С.71-76.

21. Шарков Ф.И. Формирование и реализация социальной политики в регионе: вопросы теории и практики [Текст] / Ф.И. Шарков // Социальная политика и социология. – 2000. –№2. –С.31.

22. Шинелева Л.Т. Социальное партнерство: состояние и перспективы развития [Текст] / Л.Т. Шинелева. –М.: Изд-во «Союз», 2001. –С.5.

23. Шкаратан, О.И. Декларируемая и реальная социальная политика [Текст] / О.И. Шкаратан // Мир России. – 2010. –Т.10. –№2. –С.29.

24. Энциклопедия социальной работы. В 3 томах. Т.3. / Пер. с англ. –М.: Центр общечеловеческих ценностей, 1994. –С.266-267.

## СОДЕРЖАНИЕ И ОСОБЕННОСТИ СУТЬ СОЦИАЛЬНОЙ ПОЛИТИКИ

**КУРБОНЗОДА ДАЛЕР КУРБОН,**
соискатель кафедры политологии
Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.
735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С.Сафарова, 16.
Тел.:(+992) 988-05-07-03. E-mail: juraev.daler.1995@mail.ru.

*В условиях бурного развития науки и техники и трансформации общества особую актуальность приобретает и вопрос формирования социальной политики государства. Ученые и исследователи в данной области также пришли к выводу, что в связи с меняющимся характером социальной политики государства возникает необходимость ее постоянного исследования. Исследования и анализ содержания социальной политики государства показали, что ее цель останется неизменной, а вот задачи социальной политики постоянно меняются под влиянием различных факторов. Социальная политика представляет собой очень сложное явление и формируется в разных формах в зависимости от условий отдельных стран. Социальный строй, политическое и экономическое положение страны оказывают глубокое влияние на социальную политику государства. Обычно она представлена как в широком, так и в узком смысле.*

***Ключевые слова:*** *социальная политика, субъекты социальной политики, функции социальной политики, социальная защита населения, социальная помощь, малообеспеченные слои общества.*

## CONTENT AND FEATURES ESSENCE OF SOCIAL POLICY

**QURBONZODA DALER KURBON,**
applicant of the Department of Political Science
Kulob State University named after Abuabdullokhi Rudaki.
735360, Republic of Tajikistan, Kulob towen, 16, S.Safarov str.

Phone.:(+992) 988-05-07-03. E-mail: juraev.daler.1995@mail.ru.

*In the context of the rapid development of science and technology and the transformation of society, the issue of shaping the social policy of the state is of particular relevance. Scientists and researchers in this field have also come to the conclusion that due to the changing nature of the social policy of the state, there is a need for its constant research. Research and analysis of the content of the state's social policy have shown that its goal will remain unchanged, but the tasks of social policy are constantly changing under the influence of various factors. Social policy is a very complex phenomenon and is formed in different forms depending on the conditions of individual countries. The social system, political and economic situation of the country have a profound impact on the social policy of the state. It is usually presented in both a broad and a narrow sense.*

***Keywords:*** *social policy, subjects of social policy, functions of social policy, social protection of the population, social assistance, low-income strata of society.*

УДК:308(575.3:496)

# ҲАМКОРИҲОИ СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ТУРКИЯ БО КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**ТУРСУНОВ ҲУСЕН ЮЛДОШОВИЧ,**
докторант (PhD) – и шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Рӯдакӣ 33.
Тел.: (+992) 927-55-57-67. E-mail: tursunovhusen.tj@gmail.com

*Ҳамкориҳо миёни Ҷумҳурии Туркия ва минтақаи Осиёи Марказӣ, пас аз пошхӯрии ИҶШС дар чорчӯбаи Созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, институтҳои сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба роҳ монда шуд. Ҳамкориҳои сиёсӣ бо ин кишварҳо, асоситарин самти ҳамкориҳои Ҷумҳурии Туркия бо кишварҳои минтақа ба ҳисоб меравад. Аз натиҷаи таҳлили сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Туркия бо кишварҳои Осиёи Марказӣ бармеояд, ки Туркия дар самти амалӣ намудани ҳадафҳои геополитикию геостратегии худ ба як қатор дастовардҳо муяссар гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Туркия, кишварҳои Осиёи Марказӣ, Созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, манфиатҳои геополитикӣ, ҳадафҳои геостратегӣ, сиёсати фарогир.*

Ҳамкориҳои сиёсӣ миёни Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Туркия аз соли 1992 бо кушода шудани Сафорати Ҷумҳурии Туркия дар шаҳри Алмаато ба таври расмӣ оғоз гардид ва соли 1996 Сафорати Ҷумҳурии Қазоқистон дар шаҳри Анқараи Ҷумҳурии Туркия таъсис дода шуд. Бо мурури замон ба яке аз давлатҳои пешрафтаи Осиёи Марказӣ мубаддал гаштани Ҷумҳурии Қазоқистон Туркияро водор намуд, ки бо ин кишвар ба ҳайси яке аз кишварҳои аз лиҳози иқтисодӣ, амниятӣ ва сиёсӣ пешрафтаи минтақа инчунин истихроҷ ва содироткунандаи захираи табиӣ, алалхусус нафту газ сиёсати худро пеш барад. Дар асоси ин ва таъсири дигар омилҳоие, ки ҳамкориҳои ду кишварро густариш мебахшиданд соли 2009 зимни сафари Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Н. Назарбоев ба Ҷумҳурии Туркия "Созишномаи шарикии стратегӣ" миёни ду кишвар ба имзо расид. Бо ҳамин ҳамкориҳои тарафайн дар сиёсати хориҷии ҳарду кишвар ҷойгоҳи махсуси худро пайдо намуд ва ҷонибҳо ба дастовардҳо муяссар гаштанд. Дар ҳамин замина баҳри боз ҳам васеътар намудан ва ба дастовардҳои нав ба нав ноил гардидан соли 2012 миёни ҷонибҳо "Шӯрои сатҳи баланди ҳамкориҳои стратегӣ" таъсис дода шуд, ки мавқеи ин Шӯро дар шаклгирии ҳамкориҳои тарафайн дар ҳама соҳаҳо хеле муҳим арзёбӣ мегардад[1].

Робитаҳои сиёсӣ миёни Ҷумҳурии Туркия ва Ҷумҳурии Қазоқистон нишондиҳандаи дастовардҳои ҳамкориҳои бисёрҷонибаи Туркия бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Зеро маҳз бо пешсафӣ ва ташаббуси бевоситаи Президенти собиқи Қазоқистон Нурсултон Назарбоев, чандин Созмонҳо аз ҷониби Туркия баҳри густариши ҳамкорӣ ва муттаҳидсозии кишварҳои туркӣ ташкил карда шуда буд дастгирӣ ёфт ва дар айни замон бо талоши Назарбоев дигар давлатҳои туркии Осиёи Марказӣ ба он шомил карда шуд. Бо кӯшиши бевоситаи Назарбоев нишасти давлатҳои турзабон, ки бори аввал соли 1992 дар Туркия баргузор гардида буд ва дар он сарони давлатҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Туркия иштирок доштанд, ба ҳукми анъана даромад ва дар нишасте, ки 12 ноябри соли 2021 дар Туркия баргузор гардид ин ташкилот номи худро ба "Созмони давлатҳои туркӣ" иваз намуд. Бо дарназардошти хидматҳои бевоситаи Назарбоев дар ин самт, ба ӯ унвони Дабири фахрии Созмон тақдим карда шуд, инчунин ӯ Сардори якумраи "Шӯрои муйсафедон" – и ин Созмон интихоб карда шуд[2]. Шаҳри Остонаи Ҷумҳурии

Қазоқистон бошад, пойтахти Академияи туркҳо ба ҳисоб меравад[1]. Ин бошад гуфтаҳои болоро бори дигар тасдиқ менамояд.Бо ибораи дигар Ҷумҳурии Қазоқистон дар самти ташвиқу тарғиби сиёсати миллатсолории Туркия нисбат ба кишварҳои туркии Осиёи Марказӣ ва пиёда намудани он дар минтақа нақши калидиро мебозад. Барои тасдиқи ин гуфтаҳо метавон порчае аз суханронии Назарбоев дар паёми солонаи худ дар моҳи декабри соли 2012, ки дар он “Стратегияи миллии Қазоқистон барои соли 2050” тасдиқ гардида буд, мисол овард. Номбурда дар ин суханронии хеш алахусус қайд намуд: *“Дарояндаи наздик ва дур на танҳо давлатҳои туркӣ балки ҳамаи давлатҳои ҷаҳонро хатарҳои нобаҳангом таҳдид хоҳад кард ва ягона роҳи баромадан аз ин хатарҳои ҷаҳони муосир муттаҳидӣ ва ҳамкориҳои муштарак дар ҳамаи самтҳо мебошад. Аз ин рӯ моро зарур аст, ки аз қудрат ва тавоноии халқият ва давлатҳои туркӣ то ҳадди имкон истифода намоем. Зеро дар дунё зиёда аз 250 миллион миллати турк умр ба сар мебарад...”*[3, с. 14].

То имрӯз чандин боздидҳо аз ҷониби сарони давлатҳои ҳарду кишвар анҷом дода шудааст, ки дар натиҷаи ҳар яки он ҳамкориҳои тарафайн боз ҳам васеътар гардида, ба дастовардҳои бештар ноил гардиданд.

Аз ҷониби дигар метавон қайд намуд, ки ҳамкориҳои сиёсии Қазоқистон бо Туркия дар ҳолатҳои бухронҳои сиёсӣ миёни Туркия ва дигар давлатҳо ба худ хусусияти миёнаравиро касб менамояд, ки ин ҳолатро дар вақти сар задани қазияи ҳавопаймои ҷангӣ дар соли 2015 миёни Туркия ва Федератсияи Россия, хуб мушоҳида намудем. Дар ин вазъи бухронӣ Қазоқистон кӯшиш ба харҷ дод, ки ҷонибҳоро ба сари мизи гуфтушунид даъват намуда бухронро бо зарари ҳарҷӣ камтар ба манфиати ҳарду ҷониб бартараф намояд[4, с. 36].

Ҳамкориҳои сиёсӣ миёни Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Туркия 29 – уми январи соли 1992 оғоз гардид ва худи ҳамон соли ҷонибҳо Сафоратхонаҳои худро дар кишварҳои ҳамдигар таъсис доданд. 24 – уми октябри соли 1997 “Созишнома дар бораи ҳамкорӣ ва дӯстии абадӣ миёни Ҷумҳурии Туркия ва Ҷумҳурии Қирғизистон” ва 1 – уми июли соли 1999 бошад “Созишнома дар бораи Туркия ва Қирғизистон ҳамроҳ ба асри XXI” миёни ҷонибҳо ба имзо расид, ки инҳо дар якҷоягӣ таҳкурсии ҳамкориҳои сиёсии тарафайн ба ҳисоб мераванд[5, с. 89]. Дар ҳамин замина ҳамкориҳои ду ҷониб дар чорчӯбаи Созмонҳо ва ташкилотҳои байналмилалию минтақавии дар боло зикргардида, дар самтҳои гуногун ба роҳ монда шудааст. Боис ба ёдоварист, ки аввалин Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Аскар Акаев соли 1992 дар яке аз суханрониҳои худ зикр намуда, ки Ҷумҳурии Туркия барои бозсозии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамчун кишвари намунавӣ ба ҳисоб меравад ва Қирғизстон дар самти пешбурди сиёсати худ “Модели туркӣ” – ро интихоб менамояд[5, с. 91-92]. Гарчанде дар солҳои қаблӣ бобати то чи андоза амалӣ шудани модели мазкур самти пешбурди сиёсати Қирғизистон миёни таҳлилгарон ва коршиносони сиёсӣ баҳсҳои зиёдеро ба миён овардааст, танҳо ҳаминро метавон қайд намуд, ки ҳамкориҳои тарафайн дар ҳама самтҳо аз рӯзи аввал то имрӯз дар ҳоли густариш қарор дорад. Зеро соли соли 2011 “Созишнома дар бораи шарикии стратегии сатҳи баланд миёни ду кишвар” ба имзо расид. Дар асоси ҳамин Созишнома то имрӯз зиёда аз 200 Санадҳои ҳуқуқӣ ва протоколҳо миёни ҳамаи ниҳодҳои давлатӣ, ташкилоту корҳонаҳои хусусӣ ва инчунин ташкилоту Созмонҳои ғайридавлатии тарафайн ба имзо расидааст, ки дар шаклгирӣ ва азнавсозии сохтори фаъолияти корхонаю ташкилотҳо нақши муҳимро бозида истодаанд[6, с. 147]. Дар охир метавон қайд, намуд, ки ҳамкориҳои сиёсӣ миёни Ҷумҳурии Туркия ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар чорчӯбаи “шарикии стратегӣ” дар самтҳои мухталиф ба роҳ монда шудааст. Дар ин росто гуфтан ба маврид аст, ки

Ҷумҳурии Қирғизистон амсоли дигар давлатҳои туркӣ яке аз аъзоҳои фаъоли “Созмони байналмилалии фарҳангии туркҳо”, “Шӯрои тиҷоратии туркҳо”, “Асамблеяи байнипарлумонии туркҳо”, “Созмони давлатҳои туркӣ”, “Фонди мероси фарҳангии туркҳо” ва ғайра мебошад[7]. Ин аз як ҷониб ҳамкориҳои тарафайнро мустаҳкам менамояд, аз ҷониби дигар бошад раванди ба ҳадафҳои геополитикию геостратегии худ расидани Туркияро осонтар менамояд.

Ҳамкориҳои сиёсӣ миёни Ҷумҳурии Туркия ва Ҷумҳурии Туркманистон гарчанде дар як вақт бо дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ оғоз гардида бошад ҳам дар марҳилаҳои баъдӣ натавонист берун аз чорчӯбае, ки аз ҷониби Ҳукумати Туркманистон тарҳрезӣ карда буд барояд ва самтҳои мухталифи ҳамкориҳоро миёни тарафайн роҳандозӣ намояд. Ҷониби Туркия барои густариши ҳамкориҳои сиёсӣ бо ин кишвари дорои фарҳанги хоси худидоракунӣ бисёр талош варзида бо ин мақсад аввалин шуда Сафоратхонаи худро дар шаҳри Ашқобод ифтитоҳ намуда буд. Аммо аз як тараф дар соли 1995 аз ҷониби Ҳукумати Туркманистон эълон шудани “Бетарафии доимии Туркманистон дар СММ” ва қабул шудани он аз ҷониби СММ аз ҷониби дигар бошад стратегияи дур кашидани Туркманистон аз таъсири мавҷҳои сиёсии Туркия ва канорагирии Туркманистон аз ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Туркия, аз ҷониби Президенти онвақтаи Туркманистон Сафармурот Ниёзов ба ҳамкориҳои сиёсии ду кишвар таъсирии манфии худро гузошт. Гуфтан мумкин аст, ки аз ин амали Ниёзов муносибатҳои сиёсию дипломатии ду кишвар ҷароҳати вазнин бардошт ва баъд аз соли 2006 ҳамкориҳои тарафайн тавонист, ки бо шарофати ба сари қудрат омодани Бердимуҳамедов аз бистари беморӣ ба пой хезад[8, с. 58-59]. То имрӯз гарчанде, Ҷумҳурии Туркманистон аъзои Созмонҳои байналмилалию минтақавие, ки баҳри муттаҳидкунонии давлатҳои туркӣ (аз қабили Созмони давлатҳои туркӣ), ки аз ҷониби Туркия роҳандозӣ карда шудаасту илова бар ин, дар самти густариши ҳамкориҳои сиёсӣ миёни ҷонибҳо чандин Созишномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ ба имзо расида, чандин боздидҳои расмӣ аз кишварҳои ҳамдигар аз ҷониби сарони давлатҳо ба анҷом расонидашуда бошад ҳам ин назар ба иқтидоре, ки ҳарду кишвар доро мебошанд, барои ҳарду ҷониб қонеъкунанда ба ҳисоб намеравад[4, с. 40]. Дар такя ба ин натиҷаҳои ҳамкориҳои тарафайн метавон гуфт, ки дарояндаи наздик ба сатҳи “шарикони стратегӣ” расидани ҳамкориҳо миёни Ҷумҳурии Туркия ва Ҷумҳурии Туркманистон аз эҳтимол дур мебошад.

Ҳамкориҳои сиёсӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон яке аз самҳои асосии сиёсати хориҷии Туркия бо кишварҳои Осиёи Марказиро ташкил медиҳад. Чунки Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳам аз лиҳози мақеи ҷуғрофӣ ва ҳам аз лиҳози захираҳои табиӣ яке аз кишварҳои калидии минтақа ба ҳисоб меравад. Ҳамкориҳои сиёсӣ миёни ду кишвар бо мавҷҳои шиддатноки худ дар тӯли солҳо ба худ як хусусияти хосеро касб намудааст, ки ин аз малакаи сиёсӣ ва доштани таҷрибаи сиёсии бозингарони сиёсии асосии ду кишвар асос гирифтааст. Яъне манфиати миллӣ, ки дар меҳвари он сиёсати хориҷии кишварҳо тарҳрезӣ ва амалӣ карда мешаванд, дар тӯли солҳо вобаста ба вазъияти сиёсӣ ва амалу ҳарактҳое, ки аз ҷониби сиёсатмадорони тарафайн пешгирифташуда ба ҳамкориҳои сиёсии тарафайн таъсири бевоситаи худро гузоштааст.

Ҳамкориҳои сиёсӣ миёни ду кишвар 4 – уми марти соли 1992 оғоз гардид, ки то имрӯз дар заминаи ин ҳамкориҳо тақвият бахшидани он дарояндаи наздик ва дур ҷонибҳо ҳамчун натиҷаи боздидҳо дар сатҳи сарони давлатҳо аз кишварҳои ҳамдигар зиёда аз 100 санадҳои ҳуқуқиро ба имзо расониданд[9].

Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар рӯзҳои аввали соҳибистиқлолияш бо ташаббуси бевоситаи Президенти онвақтаи кишвар И. Каримов нисбати Ҷумҳурии Туркия ва густариши ҳамкориҳои гуногунҷанба бо ин кишвар диққати беандоза медод

ва ҳамин буд, ки аввалин сафари Каримов ба кишвари хориҷӣ ба ҳайси Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Туркия сурат гирифт. Каримов зимни ин сафари хеш бо чунин суханрониаш биниши худро ба ояндаи хамкориҳо сиёсӣ миёни ду кишвар иброз намуда буд: *“Агар Ҷумҳурии Туркия моро дастгирӣ намояд аз ин пас миллати Ӯзбек ҳеҷ гоҳ дар асорат умр ба сар нахоҳад бурд. Аз тарафи дигар принсипҳоеро, ки мо дар Ӯзбекистон амалӣ кардан мехоҳем, шабеҳи принсипҳои Отатурк мебошанд. Ман ба сиёсатмадории Отатурк сар фурӯ меорам ва боварӣ дорам, ки миллатҳои Осиёи Марказӣниз аз ӯҳдаи чунин корҳои бузург баромада метавонанд... ман ҷонибдори муттаҳидии миллатҳои турктабор мебошам ва ин иттиҳод муҳаққақ бояд амалӣ карда шавад... Гузашта аз ин ба ҷойи иттиҳоди сиёсӣ, баҳри ташаккули иттиҳоди иқтисодӣ талоши бештар бояд варзид, ки инро бо ибораи дигар “**бозори ягонаи туркҳо**” номгузорӣ кардан дурусттар мебошад...”*[10, с. 38]. Дар пайвастагӣ ба ин гуфтаҳои хеш ва исбот намудани он дар амалия Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба бисёре аз Созмонҳои байналмилалию минтақавие, ки бо мақсади муттаҳид сохтани давлатҳои турктабор аз ҷониби Туркия тарҳрезӣ шуда буд, аъзо гардида барои пуштибонӣ аз онҳо фаъолияти онҳоро дар Ӯзбекистон иҷозат дод, ки яке аз онҳо Шӯрои туркҳо ба ҳисоб мерафт.

Аммо эътимоди сиёсӣ миёни ду кишвар дер давом накард, зеро як чанд омилҳои сиёсие буданд, ки буҳрони сиёсии 20 соларо дар миёни ду кишвар ба миён оварданд. Яке аз омилҳое, ки омили асосии ин буҳрони сиёсӣ миёни Туркия ва Ӯзбекистон ба ҳисоб мерафт, ин ҷонибдорӣ намудани Ҳукумати Туркия аз сардори мухолифини Ӯзбекистон Муҳаммад Солеҳ ва ҳамчун паноҳҷуи сиёсӣ ба ӯ дар Туркия додани ҳаққи иқомат буд. Иддаои даст доштани шаҳрвандони Туркия дар сӯиқасде, ки соли 1999 бар зидди Каримов равона карда шуда буд, омили дигари сардшавии муносибатҳои сиёсӣ миёни ин ду кишвари ҳамтабор ба ҳисоб мерафт. Охирин омиле, ки нуктаи охиринро баҳри канораҷӯии Ӯзбекистон аз ҳамкорӣ бо Туркия гузошт, ин имзо гузоштани Туркия ба изҳороти СММ, ки дар он сиёсати Каримов нисбати Ҳодисаҳои Андиҷон дар сол 2005 зери танқид гирифта шуда ба ҳисоб меравад. Соли 2014 бошад, ҷонибҳо қарордоди мутақобилан тайин намудани Сафирони Фавқулода ва Мухторро дар кишварҳои ҳамдигар ба имзо расониданд[10, с. 39-40].

Чи тавре ки ба ҳамагон маълум аст, соли 2016 дар ҳаёти сиёсии ҳамсоякишвари мо Ӯзбекистон пас аз марги И. Каримов ва Президент интихоб шудани Шавкат Мирзиёев тайғироти куллӣ ба амал омад. Бузугртарин тайғироте, ки дар ин давра ба миён омад, ин аз ҷониби Мирзиёев пеш гирифтани сиёсати хориҷии дарҳои боз ба ҷалби сармояи хориҷӣ ба кишвар ба ҳисоб меравад. Мирзиёев дар баробари дигар давлатҳо ҳамкориҳои сиёсиро бо Ҷумхурии Туркия низ тақвият бахшид ва сиёсати муттаҳидкунонии кишварҳои туркиро, ки Туркия пешоҳангии онро ба дӯш дорад, пуштибонӣ намуда, ба “Созмони давлатҳои туркӣ” аъзо шуд. Қадамҳои устувори ҷониби Ӯзбекистон баҳри тақвияти ҳамкориҳои сиёсӣ бо Ҷумҳурии Туркия ва ҷавобан ба ин дастгирӣ ва тақвият дода шудани он аз ҷониби Ҳукумати Туркия дар якҷоягӣ тавонист, ки дар соли 2018 Туркия ва Ӯзбекистонро “шарики стратегии сатҳи баланд” оварда расонад. Дар ҳамин асос миёни ҷонибҳо 25 санадҳо ҳуқуққӣ дар самтҳои гуногун ба имзо расид, ҳамчунин “Шӯрои сатҳи баланди шарикии стратегӣ” таъсис дода шуд [9]. Ҳамин тавр шурӯъ аз соли 2018 то имрӯз ҳамкориҳои сиёсӣ миёни ду кишвар дар чорчӯбаи шарикии стратегӣ пешрафта истода, дар як муддати кӯтоҳ ҷонибҳо ба як қатор дастовардҳои назаррас ноил гардиданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯи ақидаи коршиносони соҳаи ҷуғрофия ва сиёсатшиносӣ дар маркази ҷуғрофии минтақаи Осиёи Марказӣ ҷойгир мебошад, ки ин унсури табиии кишвари мо бидуни ихтиёр мавқеи геополитикӣ ва геостратегии

ҷумҳурии моро дар арсаи байналмилалӣ баланд мебардорад. Дар пайвастагӣ ба ин гуфтаҳо метавон қайд намуд, ки ҳамкориҳои сиёсӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия аз рӯзҳои аввал то ба имрӯз дар чорчӯбаи манофеъи тарафайн ба роҳ монда шуда, имрӯзҳо ҳарду кишвар ба як қатор дастовардҳои назаррас низ ноил гардидаанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия 16 -уми декабри соли 1991 Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф намуд ва 29 -уми январи соли 1992 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия аввалин ҳуҷҷати байниҳукуматии ***“Протокол барои таъсис додани муносибатҳои дипломатӣ дар байни ду давлат”*** ба имзо расид [11, с. 6-14]. Ин ташаббуси саривақтии Туркия дар самти шинохти Ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон хеле муҳим арзёбӣ мегардид. Зеро Туркия низ кишвар аъзои “НАТО” ба ҳисоб мерафт, ки Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф намуд. Ин бошад дар шинохти соҳибистиқлолии Ҷумхурии Тоҷикистон аз ҷониби дигар кишварҳои аъзои ин Созмони бонуфузи ҳарбии ҷаҳони муосир такони ҷиддӣ бахшид.

22 марти соли 1992 Туркия бо мақсади барқарорсозӣ ва рушди ҳамкориҳои ба ҳарду ҷониб судманд Сафорати Ҷумҳурии Туркияро дар Тоҷикистон ифтитоҳ ва фаъолияти расмии намояндагии Ҳукумати Ҷумҳурии Туркияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз намуд [12, с. 110]. 8 – уми июли соли 1993 дар шаҳри Истанбул ду Созишномаи хусусияти сиёсиву дипломатидошта ба имзо расонида шуд, ки якумини он *“Созишнома дар бораи принсипҳои асосии ҳамкориҳои дӯстона миёни Тоҷикистону Туркия”* ва дуюмин бошад *“Протокол дар бораи мушовирони Вазорати корҳоии хориҷии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Туркия”* мебошад [13, с. 63].

Моҳи декабри соли 1995 вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Назаров аз Ҷумҳурии Туркия боздиди расмӣ ба амал овард ва дар ин боздид қарордоди таъсиси Сафоратхонаи Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Туркия ба имзо расид ва Сафоратхонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Туркия худи ҳамон сол фаъолияти намояндагии худро оғоз намуд[14]. Бояд қайд намуд, ки муколамаҳои сиёсии ҷонибҳо дар баробари комиссияҳои муштарак, инчунин дар чорчӯбаи Созмонҳои минтақавию байналмилалӣ сурат мегирад. Бо ҳамин мақсад ҳарду ҷониб ҳамдигарро дар арсаи байналмилалӣ ҷонибдорӣ намуда, аз ҳамфикр будани якдигар дар сиёсати хориҷии сатҳи ҷаҳонидошта пуштибонӣ намуда истодаанд ва маҳз бо дастгирии Ҷумҳурии Туркия, Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзояи як қатор созмонҳои ҷаҳонӣ аз чумла, Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ ва Иттиҳоди ҳамкориҳои Исломӣ гардид [8, с. 86-88].

То имрӯз дар заминаи ҳамкориҳои сиёсӣ-дипломатӣ Президенти Ҷумхури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Туркия 7 сафари расмӣ (1996, 1998, 1999, 2006, 2009, 2010 ва бори охир 2012) ва ҷавобан бар он Президентҳои Ҷумҳурии Туркия бошанд (4 маротиба) соли 1995 Сулеймон Демирал, соли 2001 Аҳмед Неҷдет Сезер, соли 2009 Абдулло Гул ва бори охир соли 2019 Раиси Ҷумҳури ҳозираи Туркия Реҷеп Тайип Эрдоған чиҳати таҳкими дӯстии кишварҳо ва тавсеаи ҳамкориҳо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дидан намуданд [15]. Санадҳои ҳуқуқӣ бошанд, асоси муносибатҳои тарафайнро ташкил медиҳад ва то имрӯз ҷиҳати густариши ҳамкориҳо дар самтҳои муҳталифи ҷомеа ва ташаккул додани чорчӯбаи ҳамкориҳои муттақобилан судманд миёни ҷонибҳо зиёда аз 75 Созишномаҳо, протоколҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ миёни Тоҷикистону Туркия ба имзо расидаанд. Ҷумҳурии Туркия имрӯзҳо яке аз шариконни боэътимоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад [14].

**Адабиёт**

1. Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Туркия: https://www.mfa.gov.tr/turkiye-ozbekistan-cumhuriyeti-siyasi-iliskileri.tr.mfa (санаи муроҷиат: 26.10.2022).
2. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз (Зери назорати Ҳамрохон Зарифӣ). Ҷилди 1. Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон.Душанбе: “ИРФОН”, 2009, 296 с. мусаввар. С – 110.
3. КУДАЯРОВ Каныбек Акматбекович. Турецкая политика в Киргизии и ее влияние на внешнеполитическую стратегию России в Киргизской Республике (Диссертация на соискание ученой степени кандидата исторических наук). Российский Государственный Гуманитарный Университет. Москва 2018. 282стр. С.89.
4. Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон: www.mfa.tj (санаи муроҷиат: 25.10..2022).
5. Akçalı, Pınar, “Bağımsızlıktan Günümüze Türkiye-Tacikistan İlişkileri”, Uluslararası İlişkiler, Cilt 2, Sayı 5 (Bahar 2005), s. 138-160.C-142.
6. Celaleddin SERİNKAN Fuat GÜNEY. Türkiye ve Orta Asya Ülkeleri ile İlgili Bazı Stratejik Değerlendirmeler. Yenifikir yıl:10. Sayı: 23 Aralık 2019 ss:7 – 26. C.14
7. Cengiz Buyar. “Kırgızistan Dış Politikasında Türk Konseyi/Keneşi'nin Yeri”. Kırgızistan-Türkiye Manas Üniversitesi Orta Asya Araştırmaları Merkezi (ORASAM) Kırgızistan Araştırmaları 2019, Bişkek: 2019, 380 s.(ss.137-166). C.147.
8. Fahri TÜRK. Tacikistan’da Dış Güçler: Rusya, Çin, Amerika Birleşik Devletleri, Avrupa Birliği, İran ve Türkiye. Electronic Journal of Political Science Studies June. Vol: 8 No: 2. 2017. Ss-83-100. C – 86-88.
9. https://www.mfa.gov.tr/turkiye-kazakistan-siyasi-iliskileri_.tr.mfa (санаи муроҷиат: 13.09.2022).
10. https://www.mfa.gov.tr/turkiye-kirgizistan-cumhuriyeti-siyasi-iliskileri.tr.mfa (санаи муроҷиат: 6.10.2022).
11. https://www.turkkon.org/tr (санаи муроҷиат:3.10.2022).
12. Mehmet HARMANCI. Tacikistan Ülke Araştırması. Ankara. Türkiye Kalkınma Bankası. 1996. Sayfa: 96. C.63.
13. Mehmet Yüce Orta Asya Türk Cumhuriyetleri ve Türkiye ile ilişkiler. SETA YAYINLARI 195. 1. Baskı, ss. 52, İstanbul 2022. C – 20.
14. Remzi: BULUT. Republican and economy of Tajikistan. Göller Bölgesi Aylık Hakemli Ekonomi ve Kültür Dergisi Ayrıntı Cilt. 5 Sayı. 6. Nisan 2018. Sayfa - 64. C. 6 – 14.
15. Süleyman Servet Bozbağ. Islam Karimov Period Uzbekistan Foreign Policy And Global Powers. T.C.BAHÇEŞEHİR ÜNİVERSİTESİ.Master’s Tesis November 2019, 61 Pages İstanbul, 2019. C.38.

## ПОЛИТИЧЕСКОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО ТРЮЦКОЙ РЕСПУБЛИКИ СО СТРАНАМИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

**ТУРСУНОВ ХУСЕН ЮЛДОШОВИЧ,**
докторант (PhD) отделения Среднего и Ближнего Востока
Института изучения проблем государств Азии и Европы
Национальной академии наук Таджикистана.
734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Рудаки 33.
Тел.: (+992) 927-55-57-67. E- mail: tursunovhusen.tj@gmail.com.

*Сотрудничество между Турецкой Республикой и регионом Центральной Азии после распада Советского Союза было налажено в рамках международных и региональных*

*организаций, политических, экономических и культурных институтов. Политическое сотрудничество с этими странами считается основным направлением сотрудничества Турецкой Республики со странами региона. Результат анализа внешней политики Турецкой Республики со странами Центральной Азии показывает, что Турция добилась ряда достижений в направлении реализации своих геополитических и геостратегических целей.*

***Ключевые слова:*** *Турецкая Республика, страны Центральной Азии, международные и региональные организации, геополитические интересы, геостратегические цели, комплексная политика.*

## POLITICAL COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TURKEY WITH CENTRAL ASIAN COUNTRIES

**TURSUNOV HUSEN YULDOSHOVICH,**
doctoral student (PhD) of the Middle and Near East
Department of the Institute for the Study of the Issues of Asian and European States of the National Academy of Sciences of Tajikistan.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe ciry, 33, Rudaki Str.
Phone: (+992)-927-55-57-67. E- mail: tursunovhusen.tj@gmail.com

*Cooperation between the Republic of Turkey and the Central Asian region, after the collapse of the Soviet Union, was established within the framework of international and regional organizations, political, economic and cultural institutions. Political cooperation with these countries is considered the main direction of cooperation of the Republic of Turkey with the countries of the region. The result of the analysis of the foreign policy of the Republic of Turkey with the countries of Central Asia shows that Turkey has achieved a number of achievements in the direction of realizing its geopolitical and geostrategic goals.*

***Keywords:*** *Republic of Turkey, Central Asian countries, International and regional organizations, geopolitical interests, geostrategic goals, comprehensive policy.*

УДК: 16+321.01 (091)

# НИЗОМИ ДАВЛАТӢ ВА ҶОМЕАИ МАДАНӢ АЗ НИГОҲИ АБУ-РАЙҲОНИ БЕРУНӢ ВА НАСИРУДДИНИ ТУСӢ

**САЪДУЛОЕВ АБДУЛВОСИТ ҲАБИБУЛЛОЕВИЧ,**
доктор (PhD)-и илмҳои сиёсӣ, ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. Саид Носир 33.
Тел.: (+992) 918-78-12-12. E-mail: prof.asrt@mail.ru

*Пайдоиши низоми идораи давлатӣ ва ҷомеаи маданию ҳуқуқӣ аз дербоз дар андешаи ҳакимон ва файласуфон мавриди баҳсу баррасии илмӣ будааст. Ин мақола низ ҳамин масъаларо аз нигоҳи ду ҳаким ва донишманди барҷастаи форсу тоҷик – Абу–Райҳони Берунӣ (362/973-440/1048) ва Хоҷа Насируддини Тусӣ (597/1201-672-1274) таҳқиқу пажуҳиш намудааст. Аз нигоҳи ҳар дуи онҳо пайдоиши давлат ва ҷомеаи маданию ҳуқуқӣ зарурати инконношудании ҳаёти инсон ба шумор меравад. Инчунин давлат ва ҷомеаи мавриди назари Берунӣ ва Тусӣ дорои вижагиҳо, хусусиятҳо ва аркону тақсимоте ҳастанд, ки мавриди баҳсу баррасии илмӣ қарор хоҳанд гирифт.*

***Калидвожаҳо:*** *Абу–Райҳони Берунӣ, Насируддини Тусӣ, давлат, ҷомеаи маданию ҳуқуқӣ, асосҳои давлату ҷомеа, ақлу хирад, тақсимоти давлату ҷомеа, хусусиятҳои давлату ҷомеа.*

Абу–Райҳон Муҳаммад Ибни Аҳмади Хоразмии Берунӣ аз мутафаккирон ва донишмандони асри X ва XI дар соли 362/973 дар “Берун” аз ноҳияҳои шаҳри “Хоразм” ба дунё омада, соли 440/1048 чашм аз ҷаҳон баст. Абу-Ҷаъфар Муҳаммад Ибни Муҳаммад Ибни Ҳасани Тусӣ низ аз донишмандону файласуфони асри XIII ва XIV дар соли 597/1201 дар Туси Эрон ба дунё омада, соли 672/1274 чашм аз ҷаҳон баст. Ҳар дуи ин донишмандони мазкур пас аз анҷоми таҳсилоташон ба сабаби донишу истеъдоди фаровон, ба дарбори ҳокимони замони худ ворид шуда, то мансаби вазорот роҳ ёфтанд. Таълифот ва осори илмии онҳо дар маҷмуъ беш аз 100 ададро ташкил медиҳанд, ки баъзе ба чоп расида, баъзе дигарашон имруза дар дастрас нестанд.[6, С. 10; 8, С. 48; 10, С. 26; 12, С. 344] Ба сабаби таълифоти амиқи илмию таҳқиқотии ин ду мутафаккир дар соҳаи фалсафаи сиёсӣ ва ҳикмати амалӣ, инчунин ба хотири ҳузури фаъол дар мансабҳои баланди ҳокимиятӣ, онҳо тавонистанд низоми идораи давлатӣ ва таъсиси ҷомеаи маданию ҳуқукии диххоҳи худро дар шаклу сохтори мунтазами илмӣ тадвин ва ба муҳаққиқон ироа намоянд.

**Зарурати пайдоиши давлат ва ҷомеаи маданӣ**

Берунӣ ва Тусӣ барои пайдоиши давлат ва ҷомеаи маданӣ чанд масъаларо муҳим ва зарурӣ мешуморанд, ки ҳар кадоми онҳо дар пайдоиши давлат ва ҷомеаи маданию ҳуқуқӣ накши бисёр муҳимро мебозанд. Зарурати пайдоиши давлат ва ҷомеаи маданию ҳуқуқӣ дар назди Берунӣ Тусӣ аз он ҷиҳат аст, ки инсонҳо зотан аз пайи иҷтимоъ ва ҷамъшавӣ бо якдигар ва таваҷҷуҳ ба ҳамнавъони худ мебошад. Инчунин вижагиҳо ва хусусиятҳои ҳамаи инсонҳо яксон набуда, дар миён онҳо гоҳан зиддиятҳо пайдо мегарданд, ки онҳоро аз байн бурдан имконпазир намебошад. Ба ҳамин сабаб тазодҳо дар ҷомеа бояд мавриди назорат қарор гирифта, бояд таҳти идораи ҳокимият бошанд. Аз тарафи дигар, инсон ниёзҳову эҳтиёҷмандиҳое дорад, ки ба ночор бояд тавассути онҳо аз якдигарашон баҳра баранд. Дар натиҷа он чизе, ки зиддиятҳо ва тазодҳо миёни инсонҳоро таҳти назорат худ гирифта, бароварда намудани ҳамаи ниёзҳои инсонро ба василаи вуҷуди истеъдодҳову касбҳои гуногун миён ҳамаи афроди ҷомеа кафолат медиҳад ва дар натиҷа унсу улфат ва ҳамоҳангиро густариш медиҳад ва назмро пойдор

менамояд, давлат ва қонун мебошад. Бино бар ин, давлат ва қонун барои барқарории назму адолат ва рушди ҷомеа зарурати ҳаётан муҳим пайдо менамояд.[4, С. 198; 5, С. 35]

**Асосҳои давлат ва ҷомеаи маданӣ дар назди Абу-Райҳони Берунӣ**

Аз нигоҳи Абу-Райҳони Берунӣ барои пайдоиши давлат ва ҷомеаи маданию ҳуқуқӣ чанд асли асосиро метавон дар назар гирифт.

1. **Асли Истиъноc – унсу улфат.** Ба андешаи Берунӣ зиндагии инсон комил намешавад магар ба воситаи унсу улфат ва ҳамёрӣ бо дигарон. Берунӣ дар муқаддимаи китоби “Ал-Ҷамоҳир фи ал-Ҷавоҳир” ин масъаларо яке аз омилҳо таъсис ва пайдоиши давлат ва ҷомеаи сиёсию мададнӣ меҳисобад. Ба назари вай бунёни ҷомеа бар асоси улфат ва унси инсонҳо бо якдигарашон гузошта мешавад. Ҳатто парандагон ҳам бо ҳамнавъони худ ба парвоз машғуланд. Инчунин гунгҳо то он дараҷа ба ҳам унсу улфат ва вобастагӣ доранд, ки вақте ба якдигар мерасанд бо он чизе сухан мегуянду унс мегиранд, ки дигарон аз фаҳми он нотавонанд. Аммо агар ҳамон гунг бо шахси дигари ғайри гунг ҳамроҳ шавад, наметавонад иртибот барқарор намуда, зеро бо он шахс унсу оромиш намеёбад. Берунӣ аз ин мисол истифода намуда, баён мекунад, ки давлат ва ҷомеа дар асоси ҳамдигарфаҳмӣ ва унсу улфати аъзои ҷомеа бо якдигар ташаккул меёбад. Пас аз ин, Берунӣ хонаводаро аввалин воҳиди ташкили давлат ва ҷомеа дониста, асоси пайдоиш ва истеҳкоми онро бар унсу улфат, ё ҳамон асли «Истиъноc» медонад. Дар ин бора аз Ояи 189-уми Сураи «Аъроф» ва 21-уми Сураи «Рум» истифода менамояд.[2, С. 78; 5, С. 30]

2. **Асли Тазод – Зиддият ва ихтилоф.** Ин асл ба маънои ихтилофу дигаргунии мақсадҳо ва хостаҳои инсон мебоашд, ки худ сабаби ба вуҷуд омадани низоъҳо ва даргириҳои иҷтимоӣ мешавад. Берунӣ барои шарҳи ин масъала, бадани инсонро мисол мезанад, ки бадани инсон дар натиҷаи эҷоди тазоди мизоҷҳо ва зиддиятҳои дарунӣ бемор мегардад, ки ҷиҳати ба даст овардани саломатӣ, он мизоҷҳо ва унсурҳои асосии даруни бадани инсон тазодҳо ва зиддиятҳоро бояд канор гузошта, ҳолати баданро ба эътидол ва саломатӣ бозгардонанд. Пайдоиши давлат ва ҷомеа ҳам бо назорат бар тазодҳову зиддиятҳо ва барқарор намудани назм ва эътидол миёни онҳо имконпазир мебошад. Шоистаи таваҷҷуҳ аст, ки зиддиятҳо ва ихтилофҳо дар ҷомеа як амри зотӣ буда, бояд миёни инсонҳо мавҷуд бошанд ва аз байн бурдани онҳо имкор надорад. Аммо агар зиддиятҳо ва ихтилофҳо дар байни инсонҳо мавриди назорат ва мудирият қарор нагиранд, давлат ва ҷомеа тавре, ки шоистааст, шакл нахоҳад гирифт. Зеро дар сурате, ки зиддиятҳоро ба ҳолати худ раҳо карда шаванд ва ё дар вазъияти идораношаванда ба худ вогузор шаванд, на танҳо вуҷудашон ҳеч фоидае ба ҷомеа ва давлат намерасонанд, балки онро гирифтори бемориӣ ва вайронӣ гардонда, дар натиҷа ба самти беназмӣ ва нобудӣ мекашонад. Чунки яке аз роҳҳои назму пешравии ҷомеа ва давлат, эҷоди ҳамкорӣ ва ҳамоҳангӣ миёни зиддиятҳову тазодҳо мебошад, ки дар натиҷа ҳамон ҳолати идорашавандаи назму эътидолро дар ҷомеа ва давлат барқарор менамояд. Ба монанди бадани инсон, ки бояд саломатии худро ба василаи эҷоди эътидолу назм ва таъодулу оромиш дар мизоҷҳо бозёбад. Мизоҷҳоро наметавон дар бадани инсон аз байн бурд. Аммо, бо эҷоди ҳамкорӣ ва ҳамоҳангӣ миён онҳо, метавон назму оромиш ва эътидолро дар бадани инсон барқарор намуд.[3, С. 508; 8, С. 207]

3. **Асли Ниёзҳо – Эҳтиёҷмандиҳо.** Асли дигаре, ки пайдоиши давлат ва ҷомеа аз онҳо вобастагӣ дорад, масъалаи «Ниёзҳо» ва эҳтиёмандиҳои инсонҳо ба якдигарашон мебошад. Аз нигоҳи Берунӣ инсон барои бартараф намудани ниёзҳо ва зарурриятҳои зиндагии худ, ба зиндагии ҷамъӣ дар канори якдигарашон майл пайдо мекунад. Зеро, ҳамин ниёзҳо сабаби ба вуҷуд омадани улуму ҳирфаҳо ва фаннҳову

саноатҳо дар давлат ва ҷомеа мебошанд. Агар як инсон ба инсони дигар ниёзманд набошад, дар канори якдигарашон будан бароящон зарурат надорад. Яке кишоварзиро хуб медонад ва дигарӣ оҳангарӣ ва яке дигар хонданро ва дигарӣ кори дигареро медонад. Ҳамин масъала боиси он мегардад, ки кишоварз ба оҳангар ва ҳамин тавр ҳама ба ҳамдигар муҳтоҷ мегарданд, ки дар натиҷа сабаби гирди ҳам ҷамъ шудани инсонҳо ва пайдоиши давлат ва ҷомеа мегардад.[5, С. 33]

**Асосҳои давлат ва ҷомеаи маданӣ дар назди Насируддини Тусӣ**

Аз нигоҳи Хоҷа Насируддини тусӣ, асосҳои пайдоиши давлат ва ҷомеаи маданию ҳуқуқӣ мавридҳои зеринро шомил мешавад:

1. **Номус – сохтори қонунгузорӣ ва ҳуқуқӣ.** Хоҷа Насируддини Тусӣ яке аз асосҳои пайдоиши давлат ва ҷомеаи маданиро низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории он медонад, ки дар андешаи ӯ ба он «Номус» гуфта мешавад. Ба ин маъно, ки номус ҳамон қонуну қоидаҳои идораи «Мадина», яъне давлат ва ҷомеаи маданӣ ба шумор меравад.[7, С. 252] Пас, пайдоиши давлат ва ҷомеаи маданию ҳуқуқӣ барои дастёбии инсон ба ҳадафҳои мушаххаси фардию иҷтимоие мебошад, ки вазъи қонун ҳамчун неруи нигоҳдорандаи «Мадина» аз ноамнию ихтилофҳо як асли зарурӣ ҳисобида мешавад. Зеро, дар сурати набудани сохтори қонунгузорӣ ва ҳуқуқӣ дар «Мадина», сохтори давлат ва ҷомеаи маданию ҳуқуқӣ аз щам пошида шуда, заминаҳои суистифодаи бадхоҳони он фароҳам мегардад.
2. **Ҳукм – сохтори судӣ ва қазоват.** Масъалаи дигаре, ки барои барпоии «Мадина» ҳамчун давлат ва ҷомеаи маданию ҳуқуқӣ зарурӣ мешуморад, мафҳуми «Ҳукм» ба маънои шохаи судӣ ва қазовати ҳокимият аст. Сохтори судӣ ва қазоват дар ҷомеаи мавриди назари Тусӣ барои дуруст иҷро намудани мафҳуми қонун дар «Мадина» ба кор гирифта мешавад.[7, С. 253] Пас, замоне, ки барои идораи давлат ва ҷомеаи маданию ҳуқуқӣ қонун вазъ шуд бояд ба иҷро гузошта шавад. Дар нигоҳи Насируддини Тусӣ иҷрои ин қонун ниёз ба қудрати қозӣ ва ҳукми он дорад. Зеро, дар сурати набуди ҳукм ва қазоват мафҳуми қонун бемаъно буда, коркарди он аз байн меравад. Ба ҳамин сабаб, барои пойдор мондани ҷомеа ва давлат ва иҷрои дурусти қонун, ҳукми қозӣ ва шохаи судӣ як амри ногузир дар мафҳуми «Мадина» ба ҳисоб меравад.
3. **Динор – сохтори молиявию иқтисодӣ.** Асли асосии дигаре, ки Насируддини Тусӣ барои бақо ва саломат нигоҳ доштани «Мадина» ҳамчун давлат ва ҷомеаи маданию ҳуқуқӣ ба он ишора дорад, мафҳуми «Динор» ба маънои сохтори молиявӣ ва иқтисодии он аст. Дар ин замина Тусӣ муътақид аст, ки дар «Мадина» ҷиҳати дуруст амал намудани сохтори қонунгузорӣ ва сохтори судии он, таъмини молиявӣ ва иқтисодӣ амри бисёр зарурӣ ба шумор меравад.[7, С. 254] Зеро, таъмини манофеи мардуми ҷомеа ва пойдор нигоҳ доштани давлат ба сарфи ҳазинаҳо ниёз дорад, ки ин сохтори молиявию иқтисодӣ аз нигоҳи Насируддини Тусӣ ҳамон «Динор» мебошад.

**Тақсимоти давлат ва ҷомеаи маданӣ аз нигоҳи Абу-Райҳони Берунӣ**

Бо баррасии назарияҳои Берунӣ дар осору андешаҳояш, чунин ба даст меояд, ки беҳтарин давлати идеал ва ормонӣ аз назари вай, «Давлати ақл» аст. Дар давлати ормонии Берунӣ идораи ҷомеаро нухбагони ҷомеа ва беҳтарин шахсони хирадманд бояд уҳдадор шаванд. Яъне, дар осори Берунӣ ҷомеаи хуб ва ормонӣ он ҷомеаест, ки мардумонаш бар асоси ақлу хирад зиндагӣ намуда, давлаташ «Давлати оқилон» ва ниҳоят ҳадафи сиёсии он, осоиши раъият ва некуаҳволии онҳо дар ҳамаи заминаҳо мебошад.[14, С. 26] Бар асоси гуфтаҳои боло чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки намудҳои давлат аз назари Беруни мавридҳои зеринро шомил мешаванд:

1. Давлати беҳтарин ва ормонӣ (Давлати оқила)
2. Давлати одӣ ва табиъӣ (Давлати табиъия)
3. Давлати бад (Давлати ҷоҳила)
4. Давлати фосид (Давлати фиръавнӣ)[2, С. 75; 4, С. 193; 5, С. 38]

Агар ба мафҳумҳои зикршуда миқдоре таваҷҷуҳ шавад, марҳилаҳои беҳтарин давлат ва бадтарин давлат дар назди Берунӣ маълум мегардад, ки ҳамаи он, бар асоси ақлу хирад дастабандӣ мегарданд. Ҳар давлате, ки сиёсатмадоронаш ва қонунаш ба ҳар миқдор ба ақлу хирад наздик бошад, ба ҳамон андоза ба давлати беҳтарини мавриди назари Берунӣ, ки «Давлати оқила» аст, наздиктар мебошад. Инчунин ҳар низом ва давлате, ки ба ҳар андоза аз ақлу хирад дар сиёсатҳо ва қонунаш аз ақлу хирад фосила гирад, ба ҳамон андоза ба «Давлати ҷоҳилон», ҳатто ба «Давлати фиръавнӣ» наздиктар мегардад. Пас, санҷиши асосии беҳтарин ва бадтарин давлат ва қонун дар назди Берунӣ, масъалаи «Ақл»-у «Хирад» ва «Ҷаҳл»-у «Нодонӣ» қарор гирифтааст, ки таъйини навъи давлатҳо ва қонунҳо дар низомҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба миқдори истифодаву баҳраи сиёсатмадорон ва қонунгузорони онҳо аз «Ақл»-у «Хирад» бастагӣ дорад.

**Тақсимоти давлат ва ҷомеаи маданӣ аз нигоҳи Насируддини Тусӣ**

Хоҷа Насируддини Тусӣ пас аз он, ки пайдоиши давлат ва ҷомеаи маданию ҳуқуқиро шарҳ дод, ба масъалаи тақсимоти он мегузарад. Тавре, ки гуфта шуд, сохтори идораи давлат ва ҷомеаи маданию ҳуқуқӣ аз нигоҳи Тусӣ ҳамон мафҳуми «Мадина» аст, ки тамоми рукнҳои давлатдорӣ ва сохтору шохаҳои ҷомеаи маданию ҳуқуқиро дар худ ҷой медиҳад. Тусӣ саъй менамояд барои таҳаққуқи давлату ҷомеаи мавриди назари худ онро ба «Фозила» ва «Ғайри Фозила» тақсим намояд. Ин мафҳум дар фалсафи сиёсӣ ва тадвини ҳикмати амалӣ бисёр саҳми арзандае дорад. «Шаҳри ормонӣ», «Утупия», «Мадинаи Фозила», «Шаҳри Худо», «Мадинаи Офтоб» иборатҳое ҳастанд, ки дар осори ҳакимон ва файласуфони дигар, монанди Форобӣ ва ғайра [1, С. 278; 11, С. 115; 13, С. 36] ҷиҳати таҳаққуқи давлат ва ҷомеаи мавриди назарашон ба кор гирифта шудааст. Насируддини Тусӣ ҳам давлату ҷомеаи мавриди назари худро ба ҳамин равиш тақсимбандӣ менамояд. Аз нигоҳи Тусӣ инсонҳо ба ду шакл канори якдигарашон ҷамъ мешаванд. Яке иҷтимоъ бар асоси хуйру некӣ, ки онро «Мадинаи фозила» меномад. Дигарӣ, иҷтимоъ бар асоси бадӣ, ки онро «Мадинаи ғайи фозила» номгузорӣ менамояд. «Мадинаи Фозила» ба ғайр аз як шакл нест ва тақсимношаванда мебошад. Аммо, «Мадинаи ғайри фозила» ба навъҳои гуногун қобили тақсим аст: «Мадинаи Ҷоҳила», «Мадинаи Фосиқа» ва «Мадинаи Золла».[7, С. 253-255; 13, С. 35-38]

**«Мадинаи Фозила»**

Хоҷа насируддини Тусӣ болотарин низом ва сохтори идораи давлатӣ ва ҷомеаи маданию ҳуқуқиро «Мадинаи Фозила» меномад. Аз назари Тусӣ сохтор, раис, хусусиятҳо ва аркони «Мадинаи Фозила» вижагиҳои махсус ба худро дорад, ки шарҳи ҳар кадоми онҳо хоҳад омад. Давлати мадди назари Тусӣ дар «Мадинаи Фозила» иҷтимои мардум дар канори якдигар бар сари масъалаҳои некӣ ва хайру салоҳи ҷомеа ва давлат ва аз байн бурдани фасоду бадӣ мебошад.[7, С. 256] Дар «Мадинаи Фозила» итоат аз раиси он, амри зарурӣ ва асосӣ барои мардуми он ба ҳисоб меравад. Тавре, ки агар аҳли «Мадинаи Фозила» аз итоати раиси он саркашӣ намоянд, қувваи ихтилоф, таассуб ва лаҷоҷат бар қувваи ақлу хирад ва тафаккуру тадбир ғалаба намуда, ҳар касе дар ин ҳолат иддаои раёсати «Мадина»-ро мекунанд.[7, С. 255] Дар натиҷаи ин ихтилоф, иқтидори «Мадина» коҳиш ёфта, сабаби заъфу сустӣ дар ҳамаи аркони сохтори давлатдорӣ ҷомеаи маданию ҳуқуқии он мегардад.

Пас аз он, чанд вижагӣ аз хусусиятҳои раиси «Мадина»-ро баён менамояд. Аз нигоҳи Насируддини Тусӣ дар сохтори давлатдорӣ ва ҷомеаи маданию ҳуқуқии

«Мадинаи Фозила», раис бояд дорои вижагиҳое ҳамчун ботадбир, мутафаккир, донишманд, хирадманд, ботақво, аҳли маънавият ва соҳиби дарки сиёсии хосса бошад.[7, С. 256; 13, С. 36]Дар назар гирифтани шароити хосси «Мадина» ва тасмим гирифтан дар шароити сахту душвори ҷомеа низ аз вижагиҳои хосси раиси он ба ҳисоб меравад.[7, С. 256]

**Аркони «Мадинаи Фозила»**

Насируддини Тусӣ барои «Мадинаи Фозила» 5 рукн ва гуруҳи махсус дар назар мегирад, ки ба сохтани давлату ҷомеаи маданӣ ва ҳуқуқӣ машғуланд.

Рукни якум касоне ҳастанд, ки тадбир ва идораи корҳои «Мадина» бар уҳдаи онон аст. Онҳо аҳли фазилат ва ҳикмат буда, бо ақлу хиради худ тасмимгирандаи асосии корҳои ҳокмимияти давлату ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Рукни дуюмро гуруҳе ташкил медиҳанд, ки аҳли фарҳанг ва зиёиён ном доранд. Вазифаи ин гуруҳ, даъват намудан ҷалби назари мардуми оддӣ ҷиҳати расидан ба камолу хирадмандӣ ва пайравӣ аз раис ва рукни аввали «Мадина» ба воситаи забону хитоба ва қаламу китоб мебошад.

Рукни сеюм, аҳли адолату девонсолорӣ ва иҷрои он миёни мардум ва давлат мебошанд. Ба таъбири дигар онҳоро метавон аҳли девон ва дабири корҳои ҳокимият номид. Зеро, шуғли асосии онҳо ҳимобу китоби умури «Мадина» чӣ аз ҷониби мардум ва чӣ аз ҷониби раис ва риояти адолату тасовӣ байни онҳо ба шумор меравад.

Рукни ҷорум гурухе ҳастанд, ки ба ҳифзу ҳимояи ҳарими аҳли «Мадина» мепардозанд. Вазифаи аслии онҳо муҳофизат аз тамоми аҳлу гуруҳҳои «Мадина» ва ҳудуду марзҳои он буда, дар ин роҳ ҳамаи шуҷоату далерии худро ба кор мебаранд.

Рукни панҷумро гуруҳи таъминкунандагони молиявию иқтисодии ҳамаи гуруҳҳои мавҷуд дар «Мадина»-ро ба уҳда доранд. Яъне, аз маҳалли тиҷорати «Мадина», молиёт, хироҷҳо, саноат ва ғайра ҷиҳати таъмини ҳама намуди масрафҳои «Мадина» дар арсаҳои гуногун масъулияти онҳо маҳсуб мешавад.

Нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки ҳар кас аз афроди «Мадина» бихоҳад дар ин гуруҳҳо фаъолият дошта бошад, бар асоси истеъдоду тавоноиҳои худ метавонад ба дараҷаиҳои болотар худро расонида, дар ҳар кадом аз рукнҳое, ки шоистагиашро дошта бошад, ба узвият дарояд.[6, С. 16-20; 7, С. 254-258]

Бинобар ин, аз рукнҳои панҷгонаи мазкур чунин бар меояд, ки «Мадинаи Фозила» бояд дорои беҳтарин мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлату ҷомеа бошад, ки бо тадбиру тафаккур ва фаҳми амиқ битавонад идораи сиёсии давлату ҷомеаро ба беҳтарин ҳолат ба пеш барад. Инчунин, аҳли фарҳангу ҳикмат ва олимону хирадмандони «Мадинаи Фозила» низ бояд дар беҳтарин ва болотарин дараҷа қарор дошта бошанд, то масъалаҳои илмию фарҳангии «Мадина» тавассути онҳо ҳалли худро биёбанд. Аҳли адолату девондорӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи «Мадинаи Фозила» ҳам дар ҳифзу нигоҳдорӣ ва риояти ҳуқуқу манфиатҳои давлату ҷомеа бояд болотарин ҳадди талоши худро ба кор баранд. Сармоя ва таъмини молиявию иқтисодӣ низ бояд ба худӣ анҷом гирад то ҳам ҳаққи касе дар «Мадинаи Фозила» аз байн наравад ва ҳам шахси дигаре ба камтарин дараҷае натавонад аз сармояву амволи мардум барои манфиатҳои махсуси худ истифода барад.

**«Мадинаи Ҷоҳила».** Мадинаи ҷоҳила он сохтори давлатию ҷомеаи маданиеро дар назар дорад, ки аҳли он аз хираду ҳикмат огоҳ набуда, дорои сифати инсонҳои ҷоҳил ҳастанд. Онҳо сирфан ба касби даромад, сарватандузӣ, ба даст овардани лаззатҳо, ғалаба ва бартариталабӣ ва бекорию саргардонӣ машғул мебошанд. Бар хилофи аҳли «Мадинаи Фозила» онҳо аз пайи талошу пешрафт ва риояти ҳуқуқу манфиатҳои миллат набуда, ба

ҳамин сабаб Насируддини Туси номи «Мадинаи ҷоҳила»-ро бар онҳо мегузорад.[7, С. 257; 9, С. 125]

**«Мадинаи Фосиқа».** Бар хилофи аҳли «Мадинаи ҷоҳила», ки аз руйи ҷаҳлу бесаводӣ роҳи пешрафту саодатмандии давлат ва ҷомеаро намепаймоянд, балки аҳли «Мадинаи фосиқа» зимни огоҳ будан аз тамоми фазилатҳо ва бартариҳои «Мадинаи Фозила», ба сабаби фисқу фасодашон, ҳеч майлу рағбате барои амал намудан ба равиши аҳли «Мадинаи Фозила» надоранд. Яъне, зимни огоҳӣ ба ҳамаи масоил, шавқу ҳавасе ба анҷоми онҳо надоранд ва пешрафту инкишофи давлат ва ҷомеаро намехоҳанд.[7, С. 258]

**«Мадинаи Золла».** Аҳли «Мадинаи золла» дар дараҷаи поёнтар аз аҳли «Мадинаи Фосиқа» қарор доранд. Яъне, зимни доро будани ҳамаи вижагиҳои аҳли «Мадинаи Фосиқа», ки ҳеч майлу рағбате ба саодатмандии давлат ва ҷомеа надоранд, дигар афроди аҳли давлату ҷомеаро низ аз ин кор боз медорад ва саъй мекунад, ки онҳоро низ аз ин роҳ боз дошта, гумроҳашон намояд. Ба ҳамин сабаб Тусӣ онҳоро аҳли «Мадинаи Золла» яъне, аҳли гумроҳону гумроҳкунандагон номгузорӣ намуд.[7, С. 258; 9, С. 127]

Дар сохтори давлату ҷомеаи маданӣ ва ҳуқуқӣ, бояд ҳамаи мардум талош намоянд, ки ба монанди аҳлми «Мадинаи Фозила» амал намуда, набояд монанди бадхоҳон ва гумроҳкунандагони миллату давлат роҳи аҳли «Мадинаи Фосиқа» ва «Мадинаи Золла»-ро дар пеш гиранд.

Пас аз баҳсу баррасиҳои илмӣ дар ин мақола, чанд масъала ҳамчун хулосаҳои илмию амалӣ ба даст меоянд. Бо таваҷҷуҳ дар андешаҳои ҳар ду мутафаккир ин натиҷа ба даст меояд, ки зербино ва сохтори асосии тафаккури ҳар дуи онҳо ақлу хирад ва донишу ҳикмат мебошад. Муносибати андешаҳои онҳо бо ҷаҳони сиёсӣ ва ҷомеаи мадании имрузи башарият дар он аст, ки решаи тамоми гирифториҳо ва мушкилоти инсони муосир пайравӣ накардан аз ақлу хиради ноб ва ҳикмату дониши имлӣ мебошад. Хусусиятҳои муштараки андешаи Абу-Райҳони Берунӣ ва Насируддини Тусӣ дар чанд маврид хулоса мегардад:

1. Ақлу хирад;
2. Ҳамфикрию ҳамандешӣ;
3. Ҳамёрию ҳамбастагӣ;
4. Қонунмадорию волоияти қонун;
5. Бартараф намудани ниёзмандиҳои фардию иҷтимоӣ.

Ин аслҳое, ки ҳамчун хулоса ва ҷамъбандӣ аз андешаи ҳар ду мутафаккир ба даст омадаанд, решаву асоси фалсафаи сиёсӣ ва ҳикмати амалии онҳоро дар давлатдорӣ ва таъсиси ҷомеаи маданӣ ташкил медиҳанд. Яъне, давлат ва ҷомеаи мавриди назари онҳо бояд бар асоси ақл, андеша ва хирад таъсис ёфта, бо ҳамфикрию ҳамбастагии ҳамаи гуруҳҳои иҷтимоӣ ва бо риояти қонун ва қарор додани он дар болотарин дараҷаи аҳамияти давлатдорӣ, ҷиҳати рафъи эҳтиёҷот ва ниёзмандиҳои ҳамаи афроди ҷомеа бояд саъю кушиши фаровон намуд, то «Давлати оқилон» ва ё «Мадинаи Фозила» муҳаққақ гардад.

## Адабиёт

1. Абу-Насри Форобӣ. Ороу Аҳл Ал-Мадина Ал-Фозила. Тасҳиҳи Сайид Ҷаъфари Саҷҷодӣ. Теҳрон.: «Таҳурӣ», 1361/1990.
2. Абу-Райҳони Берунӣ. Ал-Ҷамоҳир фӣ Маърифат ал-ҷавоҳир. Теҳрон.: «Илмӣ ва фарҳангӣ», 1374/1995.
3. Абу-Райҳони Берунӣ. Ат-Тафҳим лиавоили саноъат Ат-танҷим. Теҳрон.: «Анҷумани осори миллӣ», 1352/1973.
4. Абу-Райҳони Берунӣ. Осор ал-боқия. Теҳрон.: «Амир Кабир», 1386/2007.
5. Абу-Райҳони Берунӣ. Таҳқиқу мо лалҳинд. Теҳрон.: «Бедор», 1376/1997.

6. Мударрисӣ, М. Саргузашт ва ақоиди фалсафии Хоҷа Насируддини Тусӣ. Теҳрон.: «Амир Кабир», 1363/1984.
7. Насируддини Тусӣ. Ахлоқи Носирӣ. Тасҳиҳи Муҷтабо Минавӣ. Теҳрон.: «Хоразмӣ», 1391/2012.
8. Парвиз, А. Абу-Райҳони Берунӣ. . Теҳрон.: «Тарҳи нав», 1374/1995.
9. Разавӣ, М. Аҳвол ва осори Хоҷа Насируддини Тусӣ. Теҳрон.: «Асотир», 1370/1991.
10. Садриддин, С. Шарҳи ҳоли риҷол ва машоҳири Эрон. Теҳрон.: «Обнус», 1374/1995.
11. Таботабоӣ, С. Даромади фалсафӣ бар таърихи андешаи сиёсӣ дар Эрон. Теҳрон.: «Фарҳанги исломӣ», 1368/1997.
12. Ҳалабӣ, А. Таърихи андешаҳои сиёсӣ дар Эрон ва ҷаҳони Ислом. Теҳрон.: «Беҳбаҳонӣ», 1372/1993.
13. Ҳумоӣ, Ҷ. Ҳикмати амалӣ аз назари Хоҷа Насируддини Тусӣ. Теҳрон.: «Деҳхудо», 1348/1969.
14. Яҳё, К. Мабодӣ ва мабонии инсоншиносӣ, ҷомеашиносӣ ва фалсафаи сиёсӣ. Теҳрон.: «Маркази тарбияти мураббӣ», 1387/2008.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УСТРОЙСТВО И КУЛЬТУРНОЕ ОБЩЕСТВО С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АБУ-РАЙХОНА БЕРУНИ И НАСИРУДДИНА ТУСИ

**САЪДУЛОЕВ АБДУЛВОСИТ ХАБИБУЛЛОЕВИЧ,**
доктор (PhD) политических наук, ассистент
кафедры политология и связи с общественностью
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734004, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саид Носира 33.
Тел.: (+992)-918-78-12-12. E-mail: prof.asrt@mail.ru

*Возникновение системы государственного управления и культурно-правового общества долгое время было предметом научных споров и дискуссий по мнению мудрецов и философов. В данной статье также исследовался этот же вопрос с точки зрения двух выдающихся персидско-таджикских мудрецов и ученых - Абу-Райхона Беруни (362/973-440/1048) и Насируддина Туси (597/1201-672-1274). С точки зрения тех и других возникновение государства и культурно-правового общества считается необходимостью жизни человека. Также рассматриваемое государство и общество, Беруни и Туси, имеют черты, характеристики и подразделения, которые станут предметом научного обсуждения.*
***Ключевые слова:*** *Абу–Райхон Беруни, Насируддин Туси, государство, гражданское и правовое общество, формирование государства и общества, мораль и мудрость, разделение государства и общества, особенности государства и общества.*

## GOVERNMENT AND CULTURAL SOCIETY FROM THE POINT OF VIEW OF ABU-RAYHAN BERUNI AND NASIRUDDIN TUSI

**SA'DULOEV ABDULVOSIT HABIBULLOEVICH,**
Doctor (PhD) political science, assistant of the Department
Political Science and Public Relations of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734004, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 918-78-12-12. E-mail: prof.asrt@mail.ru.

*The emergence of a system of public administration and a cultural and legal society has long been the subject of scientific disputes and discussions according to sages and philosophers. This article also explored the same issue from the point of view of two prominent Persian-Tajik sages and scientists*

*- Abu-Rayhan Beruni (362/973-440/1048) and Nasiruddin Tusi (597/1201-672-1274). From the point of view of both, the emergence of the state and the cultural and legal society is considered a necessity of human life. In addition, the state and society under consideration, Beruni and Tusi, have features, characteristics and divisions that will become the subject of scientific discussion.*

***Key words:*** *Abu-Rayhan Beruni, Nasiruddin Tusi, state, civil and legal society, formation of state and society, morality and wisdom, decision of state and society, characteristics state and society.*

УДК: 327.8

# НАҚШ ВА МАВҚЕИ "НЕРУИ НАРМ" ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ДАВЛАТ: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ

**БАҲОДУРИ САДИРДИН,**
унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеа,
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. С.Носир, 33.
E-mail: bahodur5959@gmail.com

*Дар шароити имрӯза истифодаи «неруи нарм» дар сиёсати хориҷии давлатҳо ҳамчун воситаи расидан ба муваффақиятҳои стратегияи хориҷии мамлакат дониста мешавад. Бо дарки ин зарурат тӯли чанд даҳсолаи охир олимону муҳаққиқон консепсияи «неруи нарм»-ро ташаккул дода истодаанд. Омӯзиши ҷанбаҳои назариявии ин масъала нишон медиҳад, ки аллакай моделҳои миллии «неруи нарм» ташаккул ёфтаанд ва аз ин рӯ, андешаронию баррасиҳои олимон дар аксар маврид хилофи якдигаранд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар як қатор давлатҳо кӯшиш мекунанд, ки сарчашмаҳои ташаккулёбии «неруи нарм»-и давлат ва мамлакатро муайян намуда, самаранокии онро баланд бардоранд. Омӯзиши ҷанбаҳои назариявии ташаккулёбии неруи нарм нишон медиҳад, ки олмону муҳаққиқон дар атрофи паҳлуҳои гуногуни ин масъала ҳанӯз ба мувофиқа нарасидаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *неруи нарм, сиёсати хориҷӣ, имиҷи байналмилалии давлат, ҳамкориҳои байналмилалӣ, сарчашмаҳои неруи нарм.*

Дар шароити имрӯза ба мисли марҳилаҳои гузаштаи таърихӣ давлат субъекти асосии низоми муносибатҳои байналмилалӣ боқӣ мемонад. Дар арсаи байналмилалӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ барои ба даст овардани ресурсҳо ва мустаҳкам намудани мавқеи худ дар байни давлатҳо муносибатҳои оштинопазир сурат гирифта истодаанд. Аз ин рӯ, сиёсати хориҷии давлат дар шароити ҷаҳонишавӣ дар асоси манфиатҳои миллӣ ва афзалиятҳои таъмини амнияти кишвар ташаккул дода мешавад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки баъди анҷомёбии ҷанги сард дар сиёсати хориҷии як қатор давлатҳо истифодаи «неруи сахт» ба тадриҷ коҳиш ёфта, ба ҷойи он «неруи нарм»-ро бештар истифода кардан мехоҳанд. Чунин вазъият бо он алоқаманд аст, ки баъди тағйирёбии тартиботи ҷаҳонӣ на ҳамаи масъалаҳо метавонанд тавассути «неруи сахт» ҳалли худро пайдо кунанд. Аз ин рӯ, зарурати ташаккули «неруи нарм», муайян сохтану афзоиш додани ресурсҳои он ва умуман ғамхорӣ кардан нисбат ба ин навъи неру дар низоми афзалиятҳои миллии давлатҳои олам мавқеи махсусро ишғол намудааст. Истифодаи самараноки манбаъҳои «неруи нарм» имкон медиҳад, ки бе истифодаи қувваҳои маҷбурнамоӣ ё зӯроварӣ дар арсаи ҷаҳонӣ эҳтиром ва эътирофи байналмилалӣ ба даст оварда шавад [5].

Консепсияи «неруи нарм» бори аввал дар асарҳои илмию таҳқиқотии сиёсатшиноси амрикоӣ Ҷозеф Най ташаккул дода шудааст. Соли 1990 ӯ дар мақолаи илмии худ, ки дар маҷаллаи «Foreign Policy» чоп гардида буд, «неруи нарм»-ро ҳамчун қобилияти тағйир дода тавонистани рафтори дигарон ва тобеи майлу хоҳиши худ намудани онҳо муаррифӣ кардааст [25, с.167]. Ҷ. Най муътақид буд, ки агар ҳокимият ва рафтори як давлат аз ҷониби давлатҳои дигар қонунӣ ва қобили тақлид дониста шавад, пас ин давлат метавонад бо харҷи камтари иқтисодию ҳарбӣ ба мақсадҳои дарпешгузоштаи худ ноил шавад. Чи гунае ки мушоҳида мегардад, консепсияи «неруи нарм» ҳамчун ҷойгузини консепсияи «неруи сахт» мебошад ва бо ин мақсад ташаккул дода шудааст. Тибқи нишондодҳои Ҷ.Най, баъди анҷомёбии ҷанги сард тағйирёбии сиёсати ҷаҳонӣ ба амал омад, ки онро дар шакли ивазшавии ҳокимияти ҷаҳонӣ ва тағйирёбии табиати ин ҳокимият мушоҳида намудан мумкин аст. Ба ибораи дигар, дар замонҳои гузашта қудрати ҳарбии давлат заминаи асосии ҳокимияти онро ташкил

медод, аммо дар шароити имрӯза бошад на танҳо қудрати ҳарбӣ, балки пешрафти технологӣ, низоми маориф, рушди иқтисодӣ ва омилҳои дигари ба ин монанд дар сиёсати байналмилалӣ нақш ва мавқеи давлатро муайян менамоянд.

Бояд гуфт, ки дар солҳои 90-ум ба консепсияи «неруи нарм» он қадар таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир накардаанд. Аммо баъд аз оне, ки масъалаи мазкурро Ҷ.Най дар асарҳои минбаъдаи худ ба таври муфассал матраҳ намуд, баҳсу мунозираҳои илмӣ дар атрофи ин консепсия яку якбора афзоиш меёбад. Ҷ.Най консепсияи «неруи нарм»-ро марҳила ба марҳила ташаккул дода, ба таври мушаххас хусусиятҳои онро нишон медиҳад. Соли 2004 дар китоби навбатии худ зери унвони «Неруи нарм: воситаи расидан ба муваффақият дар сиёсати ҷаҳонӣ» ба масъалаи мазкур чунин баҳогузорӣ намудааст: «Неруи нарм – ин қобилияти расидан ба мақсадҳои худ бо роҳи иштироки ихтиёрии иттифоқчиён мебошад, на бо роҳи маҷбурнамоӣ» [12, с.193]. Соли 2006 Ҷ. Най дар мақолаи навбатии худ иброз медорад, ки «Неру қобилиятест, ки ба воситаи он ба даст овардани он чизе, ки шумо мехоҳед, имконпазир мегардад ва рафтори дигарон тағйир дода мешавад. Се роҳи расидан ба ин мақсад мавҷуд аст: маҷбурнамоӣ, ҳавасмандгардонӣ ва ҷалбнамоӣ» [26]. Чи гунае ки маълум аст, маҷбурнамоӣ унсури асосии неруи сахтро ташкил медиҳад. Масалан, фишор овардан, таҳдид намудан ва ғ. Ҳавасмандгардонӣ бошад тавассути маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ роҳандозӣ шуда, ба амалишавии мақсадҳо мусоидат менамояд. Ҷалбнамоӣ ва доштани симои мароқангези диққатҷалбкунанда сарчашмаи асосии «неруи нарм» мебошад. Ин нишонаи «неруи нарм» дар асарҳои баъдии Ҷ.Най низ ташаккул дода шудааст. Соли 2011 Ҷ.Най дар китоби навбатии худ «Ояндаи ҳокимият» қайд намуда буд, ки «консепсияи неру ҳарчанд ба таври васеъ истифода бурда шавад ҳам, он барои фаҳмидан ва андозагирӣ намудан хеле душвор аст. Аммо чунин мушкилот консепсияи мазкурро ҳеҷ гоҳ камарзиш намегардонад» [13, с.29]. Дар ин асари худ ӯ таърифи «неруи нарм»-ро ба таври зерин пешниҳод намудааст: «қобилияти таъсир расонидан ба давлатҳои дигар бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои худ тавассути ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногун, дар заминаи боваркунонӣ ва ташаккули симои мусбати худ» [13, с.50]. Соли 2012 Ҷ.Най дар яке аз мақолаҳои илмии худ ин масъаларо мушаххастар намуда, «неруи нарм»-ро чунин таъриф медиҳад: «қобилияти расидан ба натиҷаҳои интизорӣ тавассути боваркунонӣ ва симои мароқангез, на ба воситаи маҷбурнамоӣ ва ҳавасмандгардонӣ» [27].

Чи гунае ки мушоҳида намудан мумкин аст, консепсияи «неруи нарм» ҳамчун воситаи густариш додани ҳамкориҳо, хубтару беҳтар намудани робитаҳо ва аз ҳама муҳим воситаи мустаҳкам намудани мавқеи байналмилалии давлат мебошад. Дар доираи консепсияи мазкур ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар асоси манфиатҳои тарафайн ба амал бароварда шуда, фоидаи якҷониба, ё ин ки ба фоидаи як ҷониб анҷом ёфтани муносибатҳо инкор карда мешавад. «Неруи нарм»-и давлат, ки онро ҳамчун воситаи расидан ба мақсадҳо тавассути ҷалбнамоӣ ва боваркунонӣ муайян менамоянд, муносибатҳои байнидавлатиро дар сатҳи мутамаддин имконпазир мегардонад. Бинобар ин, замоне ки дар бораи мавҷудияти «неруи нарм» сухан меравад, бояд дар назар дошт, ки ташаккулдиҳандаи он дар сиёсати хориҷӣ давлат ба шумор меравад.

Дар заминаи таҳлилу баррасии сиёсати хориҷии давлатҳои муосир таъсири «неруи нарм» ва сарчашмаҳои ташаккулёбии онро нишон додан мумкин аст. Кишварҳои алоҳида замоне метавонанд диққати давлатҳои дигарро ба худ ҷалб намоянд, ки агар дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, дар соҳаи сиёсат ва иқтисод ба дастовардҳои назаррас ноил гардида бошанд. Аз ин рӯ, «неруи нарм»-и сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмию техникӣ, технологӣ ва ғайраҳоро низ ҳамчун сарчашмаи ташаккулёбии неруи нарми давлат муаррифӣ кардан мумкин аст. Аллакай дар адабиёти илмӣ мавҷуд

будану имконпазир гардидани моделҳои соҳавии «неруи нарм»-ро асоснок намудаанд. Сохтори неруи нарм ва ресурсҳои он низ аз мавҷудияти чунин унсурҳо гувоҳӣ медиҳад. Таҳлилу баррасии онҳо нишон медиҳад, ки рушди соҳаҳо, дастовардҳои мамлакат дар соҳаи мушаххас ва симои мароқангези ин ё он соҳа сарчашмаи ташаккулёбии навъҳои гуногуни «неруи нарм» мебошанд. Чунончӣ:

– «неруи нарм»-и иқтисодӣ – симои мароқангези сармоягузорӣ ва молиявии давлат, муваффақиятҳои давлат дар соҳаи иқтисодиёт;

– «неруи нарм»-и гуманитарӣ – симои мароқангези низоми маориф, рушди сармояи инсонӣ, самаранокии фаъолиятҳои илмию технологӣ;

– «неруи нарм»-и фарҳангӣ – эътирофи байналмилалии мероси фарҳангии давлат, тавсеаи робитаҳои байнифарҳангӣ, муаррифии забони миллӣ, ҷаззобияти соҳаи сайёҳӣ;

– «неруи нарм»-и сиёсӣ – рушди ниҳодҳои сиёсии демократӣ, ҳимояи ҳуқуқи инсон, самаранокии низоми идоракунии давлатӣ;

– «неруи нарм»-и дипломатӣ – самаранокии раванди гуфтушунидҳои байналмилалӣ, қобилияти пешгирӣ намудани зӯроварӣ, безарар гардонидани таҳдидҳо [22].

Аммо «неруи нарм»-и сиёсӣ сарчашмаи муҳимтарини рушди сиёсати хориҷии давлатҳо ба шумор меравад. Барои мисол, дар шароити имрӯза ИМА дар низоми сиёсати ҷаҳонӣ нақши ҳалкунанда мебозад, ҳукумати ИМА бошад мақсад дорад, ки сарварии ҷаҳониро соҳиб шавад ва аз ин рӯ, кӯшиш менамоянд, ки ин мавқеи худро дар оянда низ мустаҳкамтар намоянд. Дар баробари ин, аксари давлатҳои тараққикардаи олам низоми сиёсии ИМА-ро ҳамчун модели ҷолиб ва самаранок эътироф намуда, пайравии худро аз таҷрибаҳои амрикоиҳо пинҳон намедоранд ва ҳатто аз лиҳози сиёсӣ худро иттифоқчиёни ИМА муаррифӣ мекунанд. Воқеан ҳам сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат метавонад сарчашмаи «неруи нарм» бошад. Рейтинги «неруи нарм»-и давлатҳо гувоҳӣ аз он медиҳад, ки аксари давлатҳои дорои мавқеи баланд аз лиҳози сиёсӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ нуфузи бештар доранд.

Моҳи июли соли 2015 ширкати консалтингии (машваратдиҳандаи) байналмилалии Portland зери унвони «The Soft Power 30» рейтинги «неруи нарм»-и давлатҳои оламро таҳия намуд, ки дар он 30 давлати дорои «неруи нарм»-и пуриқтидор шомил мешаванд. Тибқи нишондодҳои ин шохиси байналмилалӣ Британияи Кабир аз рӯйи таъсири «неруи нарм»-и худ дар мавқеи аввали раддабандӣ қарор дорад. Баъд аз он Олмон ва ИМА қарор дорад. Дар ин шохис Ҷумҳурии мардумии Хитой ҷойи 30-ум ва мавқеи охирро ишғол намудааст [24]. Дар муқаддимаи ин ҳисобот Ҷ. Най бори дигар дар бораи нақши афзояндаи «неруи нарм» дар муносибатҳои байналмилалӣ ишора менамояд. Ба андешаи ӯ, барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ ҳукуматҳо бояд, пеш аз ҳама, захираҳои дар ихтиёрашон бударо арзёбӣ кунанд ва дарк намоянд, ки онҳоро дар куҷо истифода бурдан мумкин аст [20].

Муаллифони рейтинги «The Soft Power 30» дар баробари муваффақиятҳо инчунин душвориҳои давлатҳои пешсафи имрӯзаро низ сарфи назар намекунанд. Пайдоиши мушкилиҳои нав бо маҳдудиятҳои молиявӣ (масалан, кам гардидани маблағгузории давлатӣ барои барномаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуддат), рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва афзоиши нақши шабакаҳои иҷтимоӣ алоқаманд аст. Ҳамин тариқ, ин рейтинг на танҳо барои ислоҳи вазъи кунунии корҳо, балки ҳамчунин барои ҷалби таваҷҷуҳи иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалӣ ба зарурати фаъолгардонии фаъолиятҳо оид ба баланд бардоштани «неруи нарм» пешбинӣ шудааст. Бо нашри натиҷаҳои таҳқиқот, ширкати Portland худро ҳамчун коршиноси ин соҳа муаррифӣ мекунад ва дар иртиботи байналмилалӣ, равобити ҷамъиятӣ ва

хидматрасонии брендингӣ мусоидат кардан мехоҳад. Таваҷҷуҳи ширкатҳои тиҷоратӣ ба масъалаи «неруи нарм» ва дигар масоили марбут ба ин, инчунин афзоиши рақобат дар ин самт аз он шаҳодат медиҳад, ки консепсияи пешниҳодкардаи Ҷ.Най ҳанӯз ҳам аҳамияти назариявию амалӣ, аз ҳама муҳим аҳамияти стратегӣ дорад [20].

Муҳиммият ва зарурияти консепсияи «неруи нарм» дар равандҳои сиёсии замони муосир эътироф гардад ҳам, мазмуну мундариҷаи он дар байни олимону муҳаққиқон баҳсу мунозираҳои зиёдро ба вуҷуд овардааст. Яке аз сарчашмаҳои пайдоиши чунин баҳсҳо аз мураккабу душворфаҳм будани консепсияи мазкур вобаста аст. Сарчашмаи дуюмаш бошад бо он алоқаманд аст, ки на ҳамаи давлатҳо дорои «неруи нарм»-и натиҷабахш ҳастанд. Бинобар ин, мундариҷаи консепсияи «неруи нарм» барои як қатор олимон норавшан боқӣ мондааст ва аз ин рӯ, андозагирию баҳогузории он дар амалияи сиёсӣ мушкилиҳои зиёдро эҷод намудааст. Ин аст, ки моҳият ва хусусиятҳои консепсияи мазкур ба таври гуногун шарҳ дода мешавад, ки дар натиҷаи он нофаҳмиҳои ин масъала зиёдтар шуда, баҳсҳои мавҷударо шиддат мебахшад [7]. Барои бисёре аз муҳаққиқон ҳанӯз ҳам норавшан аст, ки симои мароқангези давлат чи гуна метавонад «неруи нарм»-ро ба вуҷуд оварад ва тавассути он ба давлатҳои дигар чи гуна таъсир расонидан имконпазир аст.

Агар давлат дар бораи мавҷудияти «неруи нарм»-и худ хабар диҳад, пас муайян намудан зарур аст, ки ин неру дар ихтиёри киҳо қарор дорад ё ба киҳо мутааллиқ аст. Ба ҳукумат, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ширкатҳои хусусӣ ё афроди алоҳида? Дар чунин маврид муайян намудани субъекти «неруи нарм» масъалаи аввалиндараҷа мебошад. Сиёсатшиноси ватанӣ Х.Қ. Сафарализода дар бораи субъектҳои «неруи нарм» андешаҳои хеле ҷолиб пешниҳод намудааст. Ба ақидаи ӯ, субъектҳоеро, ки «неруи нарм»-ро истифода мебаранд, ба таври зерин нишон додан мумкин аст: давлатҳои хориҷӣ, ширкатҳои фаромиллӣ, созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, ташкилотҳои террористию экстремистӣ. Ҳар як давлатро зарур аст, ки дар муқобили «неруи нарм»-и ин гуна субъектҳо истодагарӣ намояд, зеро ҳар кадоми онҳо мехоҳанд, ки дар назари шаҳрвандони мамлакат мароқангез ва ҷолиби диққат бошанд. Ба ибораи дигар, имрӯз дар миёни давлат ва субъектҳои дар боло номбаргардида барои ба тарафи худ ҷалб намудани шаҳрвандон, барои ба даст овардани муҳаббати онҳо ва барои тасхир намудани дили онҳо мубориза беамон сурат мегирад [17].

Баъд аз ин муайян бояд кард, ки «неруи нарм» аз кадом унсурҳо иборат аст ва мундариҷаи онро чиҳо ташкил медиҳанд. Дар ин ҳолат муайян намудани чарчашмаҳои пайдоиш ва ташаккулёбии «неруи нарм» хеле зарур аст. Сипас муайян бояд кард, ки «неруи нарм» ба киҳо метавонад таъсиргузор бошаду ба киҳо не [6]. Зеро одамон табиати гуногун ва бо ин сабаб талаботи мухталиф доранд, ки дар натиҷа онҳо аз низоми ғояҳои мақбули худ пайравӣ ва пуштибонӣ менамоянд. Як қатор дастовардҳо агар барои баъзеҳо писанд бошад, барои дигарон метавонад ҳеҷ аҳамияте надошта бошад. Дар низоми муносибатҳои байналилалӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ низ вазъият чунин аст. Аз сабаби оне, ки давлатҳо ва миллатҳо дар марҳилаҳои гуногуни рушду инкишоф қарор доранд, талабот ва манфиатҳои онҳо низ аз ҳам фарқ менамоянд. Дар чунин шароит мушоҳида намудан мумкин аст, ки «неруи нарм»-и як давлат агар ба доираи муайяни давлатҳо таъсиргузор бошад ҳам, ба давлатҳои боқимонда он қадар таъсири ҷиддӣ расонида наметавонад.

Чи гунае ки мушоҳида намудан мумкин аст, ҷалбнамоӣ ва мароқангез будан унсури асосии «неруи нарм» мебошад. Чунин навъи неру ба ғояҳои мароқангез ва ҷолиби диққат такя намуда, давлатҳои дигарро бовар мекунонад, ки таҷрибаи онҳоро қабул намуда, истифода баранд. Дар чунин маврид низ саволе пайдо мешавад, ки дар

кадом шароит таҷрибаҳо ва ғояҳои мушаххас метавонанд, ки барои дигарон ҷолиби диққат бошанд? Яъне, ба ҷониби худ ҷалб намудани диққати дигарон чи гуна раванд аст ва кадом механизми татбиқро соҳиб аст? Муайян намудани ин масъала на танҳо дар доираҳои илмӣ ба таври назариявӣ коркард шуда истодаанд, балки дар муносибат бо истифодаи амалии «неруи нарм» низ шакку шубҳаҳо ва нофаҳмиҳо зиёд ба назар мерасанд. Барои субъектҳое, ки мехоҳанд «неруи нарм»-и худро истифода баранд, зарур аст, ки роҳу усулҳои ҷолиби диққат гардонидани ғояҳои худро дарёфт намоянд ва дар назари дигарон мароқангез ва писандида шаванд [3].

Ғайр аз ҷанбаҳои назариявии масъала инчунин истифодаи амалии «неруи нарм» низ масъалаи баҳсбарангез аст. Дар таҳқиқоти як гурӯҳ олимон иброз мегардад, ки «неруи нарм» технологияи ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ дар давлатҳои дигар ва ба дасти одамони зарурӣ интиқол додани он мебошд [21]. Ин гурӯҳи олимон муътақиданд, ки назарияи «неруи нарм» дар ИМА дар шароити мушаххаси таърихӣ пайдо шудааст ва барои ҳимояи манфиатҳои миллию геополитикии онҳо хизмат менамояд. Ба андешаи онҳо, воқеаҳои «Баҳори араб» намунаи равшани он аст, ки неруи мароқангези ИМА барои режимҳои сиёсии баъзе давлатҳо метавонад омили бесуботкунанда бошад [18]. Дар воқеъ агар чунин бошад, пас олимону коршиносони сиёсати ҷаҳониро зарур аст, ки дарояндаи наздик консепсияҳоеро ташаккул диҳанд, ки дар заминаи онҳо ба роҳ мондани муносибатҳои мутақобилан судманд, созиши байнидавлатӣ ва устуворшавии муносибатҳои байналмилалӣ имконпазир гардад. Зеро муборизаҳои ҷаҳонию минтақавӣ омили бесуботкунанда ба шумор рафта, боиси ноустувор гардидани низоми муносибатҳои байналмилалӣ мешаванд [14, с.64].

Дар баробари ҳамаи ин, унсурҳои таркибии «неруи нарм», ки аз ҷониби худи Ҷ.Най пешниҳод шудааст, масъалаи дигари баҳсбарангез ба шумор меравад. Ҷ.Най дар таркиби консепсияи «неруи нарм» се унсури алоҳидаро муайян намудааст: фарҳанги сокинони мамлакат, ки барои дигарон ҷолиби диққат аст; арзишҳои сиёсии давлат, ки ҳам дар дохили мамлакат ва ҳам берун аз он пайгирӣ мешаванд; сиёсати хориҷии давлат, ки бояд қонунӣ бошад ва аз лиҳози маънавӣ дастигирӣ ёбад [12, с.16]. Ғайр аз ин, на ҳамаи ресурсҳое, ки ӯ дар таҳқиқоти худ номбар намудааст, метавонанд ба неруи воқеӣ табдил дода шаванд. Масалан, ба ватани худ баргаштани муҳоҷирони давлатҳои дигар, ки муддате муқими ин давлат буданд, аз хориҷи кишвар аз ҷониби баъзе доираҳо дастгирӣ ёфтани давлат, шумораи дорандагони Ҷоизаи нобелӣ ва ғ. низ манбаҳои «неруи нарм» муаррифӣ шудаанд. Бояд эътироф намуд, ки арзиши ин ва дигар дастовардҳо хеле зиёд аст ва онҳо иқтидори «неруи нарм»-ро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, барои оне, ки ин иқтидор ба «неруи нарм» табдил дода шавад, давлатро зарур аст, ки онҳоро дар сиёсати хориҷии худ истифода бурда тавонад [19]. Барои мисол айни замон Ҷумҳурии мардумии Хитой, Ҳиндустон ва чанде дигар давлатҳо низ фарҳанги бою ғанӣ доранд, аммо чунин ҳолат «неруи нарм»-и онҳоро худ ба худ ташаккул намедиҳад, зеро барои оне, ки фарҳанги ҷомеа ба «неруи нарм» табдил дода шавад, омилҳои дигар, аз ҷумла тақвият бахшидани сиёсати хориҷӣ ва дар ин самт мавриди истифода қарор додани онҳо бояд амалӣ карда шавад.

Ҷ.Най барои муайян намудани «неруи нарм»-и ИМА як қатор нишондодҳои баҳогузориро истифода менамояд. Аммо истифодаи нишондодҳои мазкур барои муайян намудани «неруи нарм»-и давлатҳои дигар, ки чун анъана аз рӯйи режими сиёсӣ ва низоми арзишҳо аз ИМА тафовут доранд, дар назди муҳаққиқону олимон мушкилиҳои зиёдро ба вуҷуд меоваранд. Бинобар сабаби ба таври нодуруст муайян гардидани моҳияти «неруи нарм» таърифҳои гуногун ва баъзан мухолифи ҳамдигари он ба вуҷуд омадаанд. Аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда «неруи нарм» ҳамчун консепсияи илмӣ ва

стратегияи сиёсӣ дар илмҳои сиёсӣ ҳамчун категорияи муҳим боқӣ мемонад. Афзоиши мавқеи «неруи нарм» дар тавозуни ҳокимияти давлатӣ дар он ифода меёбад, ки ҳатто давлатҳои тараққикардаи олам дар мавриди истифодаи неруҳои маҷбурнамоӣ барои ҳалли масъалаҳои дохилию байналмилалӣ бо маҳдудиятҳои мушаххас рӯ ба рӯ мешаванд [1, с.129]. Яъне, онҳо дар истифодаи «неруи сахт» озод нестанд ва истифодаи маҷбурнамоӣ сарҳади худро дорад.

Дар низоми муносибатҳои байналмилалии замони муосир қудрати давлат мавқеи байналмилалии онро муайян менамояд. Таҳлилу баррасии унсурҳои таркибии қудрати давлатӣ нишон медиҳад, ки он дар маҷмӯъ аз ресурсҳои моддию маънавӣ иборат аст. Ресурсҳои якумро сарчашмаи «неруи сахт» ва дуюмро сарчашмаи «неруи нарм» муаррифӣ намудан мумкин аст. Истифодаи зӯроварӣ ва маҷбурнамоӣ хоси «неруи сахт» аст. Зоҳиршавии фишорҳои иқтисодӣ ва ҳарбӣ усулҳои маъмулии истифодаи «неруи сахт» мебошанд. Баъди анҷомёбии ҷанги сард чӣ абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва чӣ минтақавӣ барои амалигардонии мақсадҳои сиёсии худ неруи сахтро наметавонанд мисли солҳои давраи ҷанги сард истифода намоянд. Воқеияти геополитикии замони муосир дар муносибат бо ин масъала чунин аст, ки фишорҳои ҳарбию иқтисодӣ дар ҳалли низоъҳои сиёсӣ мисли пештара нақши ҳалкунанда намебозанд.

Чи гунае, ки мушоҳида мегардад, мавқеъҳои истифодабарии «неруи сахт» ва «неруи нарм» аз ҳамдигар тафовут доранд, аммо чунин таносуб метавонад ҳолатҳои истисноии худро дошта бошад. Масалан, ресурсҳои иқтисодӣ ва ҳарбӣ низ дар шароити муайян метавонанд сарчашмаи «неруи нарм» бошанд. Модели иқтисодии муваффақ метавонад аз ҷониби давлатҳои дигар ҳамчун намуна истифода бурда шавад. Иштироки неруҳои ҳарбӣ дар ҳайати неруҳои байналмилалии сулҳофар ё ин ки сафарбар гардидани неруҳои ҳарбӣ барои кумак расонидан ба зарардидагони офатҳои табиӣ сарчашмаи «неруи нарм» мебошанд [13, с.97]. Соли 2020 дар шароити паҳншавии бемории сироятии КОВИД-19, дар пайи он эълон гардидани пандемия ва дар як қатор давлатҳо бинобар сабаби эълон шудани вазъи фавқуллода ҷорӣ шудани маҳдудиятҳо неруҳои ҳарбии як қатор давлатҳо барои кӯмак ба ин кишварҳо сафарбар гардида буданд. Дар чунин шароит неруҳои ҳарбӣ ва иқтидори иқтисодӣ сарчашмаи ташаккулёбии «неруи нарм» баромад менамоянд.

Дар атрофи масъалаи мавридҳои истифодабарии «неруи сахт» ва «неруи нарм», инчунин дар бораи зарурияти онҳо олимону муҳаққиқон мавқеи ягона надоранд. Ин масъала низ хеле баҳснок аст. Барои мисол, ба андешаи олими рус Ю.П. Давидов, «вижагиҳои санъати дипломатия дар замони муосир дар он ифода меёбад, ки масъалаҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама ба воситаи усулҳои ғайризӯроварона, яъне ба воситаи «неруи нарм» бояд ҳалли худро пайдо намоянд ва танҳо дар ҳолате, ки воситаҳои мазкур натиҷа надоданд, баъдан маҷбурнамоӣ ҳамчун воситаи ҳалли масъала истифода бурда шавад» [4, с.70]. Аммо сиёсатшиноси Донишгоҳи миллии Сингапур Ж.В. Маттерн иброз медорад, ки «неруи нарм» бояд дар муқобили «неруи сахт» қарор дода нашавад, балки он идомаи мантиқии неруи сахт бояд дониста шавад [23, с.588]. Сиёсатшиносони ватанӣ П.А. Муҳаммадзода ва Х.Қ. Сафарализода ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, иброз медоранд, ки «неруи нарм» барои истифодабарии «неруи сахт» шароити зарурӣ муҳайё менамояд, ки чунин тарзи муносибат ва чунин стратегияи амалро «неруи ҳушманд» номидан мумкин аст. «Неруи нарм» ҳарчанд барои ҳалли ҳамаи масъалаҳо мусоидат накунад ҳам, аз он даст кашидан ғайриимкон аст, зеро он яке аз унсурҳои муҳимтарини «неруи ҳушманд» мебошад. Ба ҳамин монанд аз «неруи сахт» ва «неруи фаъол» низ даст кашидан номумкин аст. Онҳо низ унсурҳои таркибии «неруи ҳушманд» мебошанд. Бо ҳам алоқаманд намудани онҳо ва дар мавридҳои зарурӣ самаранок истифода бурдани

онҳо моҳияти «неруи ҳушманд»-ро ташкил медиҳад [11]. Аз таҳлили чунин баррасиҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳам «неруи сахт» ва ҳам «неруи нарм» мавқеъҳои истифодабарии худро доранд. Ба ибораи дигар, вазифаҳоеро, ки неруи сахт иҷро менамояд, неруи нарм иҷро карда наметавонад, ва баръакс вазифаҳои неруи нармро неруи сахт наметавонад ба амал барорад. Масъалаи он, ки кадоме аз онҳо аввалу кадомаш дуюм аст, аз вазъияти баамаломада вобаста мебошад.

Баҳси навбатие, ки фаҳму дарки «неруи нарм»-ро мушкил мегардонад, бо таносуби номуайяни дипломатияи фарҳангӣ ва дипломатияи мардумӣ алоқаманд аст. Баъзан вақт дипломатияи фарҳангиро аз таркиби дипломатияи мардумӣ берун овардан мехоҳанд. Аммо вобаста ба вазъияти мавҷуда ин манзара ба таври гуногун зоҳир мегардад. Тибқи таълимоти реализми сиёсӣ зинабандии масоили ҳамкориҳои байналмилалӣ аз рӯйи мубрамияти онҳо, чун анъана, бо назардошти аҳамиятнокии омилҳо анҷом дода мешавад. Масалан, мақсади дипломатияи мардумӣ аз сатҳи болоии афзалиятҳои сиёсӣ чи қадаре ки дур бошад, ҳамон андоза дипломатияи мардумӣ бо дипломатияи фарҳангӣ наздик мешаванд. Ва баръакс, масъала чи қадаре ки бо сатҳи болоии афзалиятҳои сиёсӣ наздик бошад, эҳтимолияти он, ки ин гуна иттилоот ба хотири таъмини амният дар ихтиёри мақомоти давлатӣ қарор мегирад, бамаротиб зиёд мешавад. Аз ин рӯ, истифодаи «неруи нарм» дар зинаҳои поёнии афзалиятҳои давлатӣ ба хотири тасхири зеҳну ҳуши рақибони сиёсӣ аст. Зеро гуфтушунидҳои байналмилалие, ки баъзан пушти дарҳои баста мегузаранд, метавонанд, зери таъсири «неруи нарм»-и якдигар қарор дошта бошанд. Аммо сатҳи поёнии муносибатҳои сиёсӣ ба дипломатияи мардумӣ ва дипломатияи фарҳангӣ тааллуқ дорад [2].

Паҳлуҳои гуногуни ташаккулёбии «неруи нарм» аз ҷониби олимони рус аз мавқеъҳои гуногун фаъолона таҳлилу баррасӣ гардида истодаанд. Як гурӯҳ олимони рус «неруи нарм»-ро ҳамчун воситаи ба даст овардани нуфузи минтақавию байналмилалӣ, ба даст овардани ресурсҳои геополитикӣ ва муваффақ шудан дар рақобатҳои байнидавлатӣ муаррифӣ намудаанд [9; 15; 16]. Дар ин замина баъзан андешарониҳоеро вохӯрдан мумкин аст, ки тибқи нишондоди онҳо «неруи нарм» шакли махсуси муносибатҳои байни ду субъекти байналмилалӣ ба шумор рафта, тавассути таъсиррасонии фарҳангию иттилоотӣ ба ҳамдигар метавонад ташаккул ёбад. Онҳо муътақиданд, ки истифодаи имкониятҳои технологияҳои муосири иттилоотӣ, бахусус шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд ба низоми муносибатҳои байнидавлатию байналмилалӣ таъсири амиқ расонанд [8, с.144]. Аз таҳлилу баррасии чунин пажӯҳишҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки «неруи нарм» ҳамчун муносибати сиёсӣ ҳамвазни ҷангҳои иттилоотию идеологӣ дониста мешавад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, як қатор сиёсатшиносони рус консепсияи классикии Ҷ.Найро ҷонибдорӣ менамоянд. Аз ҷумла, ба андешаи А.В. Лукин ва чанде дигарон мавҷудияти арзишҳои барои дигарон ҷолиби диққат, сатҳи баланди некуаҳволии мардум ва рушди ниҳодҳои демократӣ барои мароқангез шудан заруранд, аммо баъди ин қобилияти дар сатҳи афкори ҷамъиятӣ муаррифӣ кардани онҳо низ лозим мебошад [10, с.76].

Ҳамин тариқ, таҳлилу баррасии нақш ва мавқеи «неруи нарм» дар сиёсати хориҷии давлат нишон медиҳад, ки консепсияи мазкур дар марҳилаи кунунии рушди низоми муносибатҳои байналмилалӣ аҳамияти зиёди стратегӣ дорад. Дар мактабҳои илмии ғарбӣ консепсияи «нераи нарм» аз ҳама бештар ба таври назариявӣ таҳқиқ мегардад, аммо дар кишварҳои дигар, бахусус олимони рус ва як қатор кишварҳои осиёӣ бештар ба ҷанбаҳои амалии он, роҳу усулҳои истифодабарии он диққати бештар медиҳанд. Инчунин дар бисёре аз мавридҳо сарчашмаҳои ташаккулёбии «неруи нарм» низ диққати олимонро ба худ ҷалб менамояд ва дар атрофи ин масъала низ баҳсу

мунозираҳои илмӣ сурат мегиранд. Омӯзиши ин масъала нишон медиҳад, ки дар илмҳои сиёсӣ «неруи нарм» яке аз категорияҳои хеле муҳим ва ҳамзамон баҳсбарангез боқӣ мемонад. Вобаста ба он, ки моҳияти консепсияи «неруи нарм» аз рӯйи моделҳои миллӣ баҳогузорӣ мегардад, дар байни олимон нисбат ба он андешаҳои мухталиф ва зидди ҳамдигар хеле зиёд дида мешаванд. Инчунин то ба имрӯз дар кишварҳои гуногуни олам шумораи зиёди рейтингҳои «неруи нарм» ташкил гардидаанд, ки аз ҳамдигар аз рӯйи як қатор нишондодҳо фарқ менамоянд.

**Адабиёт**

1. Бобыло, А.М. «Мягкая сила» в международной политике: особенности национальных стратегий [Текст] / А.М. Бобыло // Вестник Бурятского государственного университета. – 2013. – № 14. – С.129.

2. Бородин, Д.А. Культурная дипломатия в международных отношениях [Текст] / Д.А. Бородин // Вестник МГИМО Университета. – 2010. – № 1 (10). – С.273-275.

3. Бурматов, В.В. Уникальна ли "мягкая сила" для демократического общества? [Текст] / В.В. Бурматов // Власть. –2012. –№ 11. –С.9-13.

4. Давыдов, Ю.П. Понятие «жесткой» и «мягкой силы» в теории международных отношений [Текст] / Ю.П. Давыдов // Международные процессы. – 2004. – Т.2. – №1. – С.70.

5. Ефанова Е.В. Инструменты «мягкой силы» во внешней политики государства // Вестник РУДН. Серия: Политология. – 2018. – Т.20. – № 3. – С.417-426.

6. Звягина, Д.А. "Мягкая сила": структурный анализ [Текст] / Звягина // Инициативы XXI века. –2012. –№ 3. –С.135-137.

7. Казаринова, Д. Феномен "мягкой силы" [Текст] / Д. Казаринова // Свободная мысль. – 2011. – №3 (1622). – С.187-200.

8. Костырев, А.Г. Разумная сила, общественная дипломатия и социальные сети как факторы международной политики [Текст] / А.Г. Костырев // Полис. Политические исследования. – 2013. – № 2. – С.144.

9. Леонова, О.Г. Мягкая сила – ресурс внешней политики государства [Текст] / О.Г. Леонова // Обозреватель - Observer. – 2013. – №4. – С. 27-40.

10. Лукин, А.В. Публичная дипломатия: государственная пропаганда или гражданская инициатива [Текст] / А.В. Лукин // Дипломатический ежегодник. – М., 2013. – С.76.

11. Мухаммадзода П.А. Умная сила, умная стратегия и новые угрозы современности [Текст] / П.А. Мухаммадзода, Х.К. Сафарализода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 10-1. – С.266-274.

12. Най, С.Дж. Гибкая власть. Как добиться успеха в мировой политике / Пер. с англ. –М.: Тренды, 2006. –С.193.

13. Най, С.Дж. Будущее власти. Как стратегия умной силы меняет XXI век / Пер. с англ. – М.: Изд-во АСТ, 2014. – С.29.

14. Пименова, Е.В. Закат «мягкой силы»? Эволюция теории и практики soft power [Текст] / Е.В. Пименова // Вестник МГИМО-Университета. – 2017. –№ 52 (1). – С. 64.

15. Пономарева, Е.Г. Железная хватка «мягкой силы» [Текст] / Е.Г. Пономарева // Однако. – 2013. – № 6. – С. 18-26.

16. Радиков, И.В. «Мягкая сила» как современный атрибут великой державы [Текст] / И.В. Радиков, Я.В. Лексютина // Мировая экономика и междунар. отношения. – 2012. – № 2. – С. 19-26.

17. Сафарализода, Х.К. Мягкая сила как инструмент реализации интересов и способ нейтрализации угроз [Текст] / Х.К. Сафарализода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. –№ 7. –С. 288-300.

18. Тилов, Т.К. Национальная безопасность в информационную эру: мягкая сила новых акторов [Текст] / Т.К. Тилов // Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук. –2014. –№ 8-2. –С.152-154.

19. Тилов, Т.К. Внешняя политика XXI века: СМИ как инструмент мягкой силы [Текст] / Т.К. Тилов // Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук. – 2014. – № 9. – С.399-401.

20. Харитонова, Е.М. Рейтинг «мягкой силы» The Soft Power 30 [Электронный ресурс]. –URL: https://www.imemo.ru/news/events/text/reyting-myagkoy-sili-the-soft-power-30 (дата обращения: 15.11.2022 г.)

21. Хелемендик, С.В. Soft power – мягкая сила «made in USA» [Электронный ресурс]. – URL: http://expert.ru/2009/02/6/Soft_Power/ (дата обращения: 07.11.2022 г.)

22. Holik G.G. Paper Tiger? Chinese Soft power in East Asia // Political Science Quarterly. – 2011. – Vol. 126. – №2. – P. 223-254.

23. Mattern J.B. Why 'Soft Power' Isn't So Soft: Representational Force and the Sociolinguistic Construction of Attraction in World Politics // Journal of International Studies. – 2005. – Vol. 33. – № 3. – P.588.

24. McClory, J. The Soft Power 30. Portland, 2015. Available at: https://portland-communications.com/pdf/The-Soft-Power_30.pdf

25. Nye J.S. Soft Power // Foreign Policy. – 1990. – № 80. – P.167.

26. Nye J.S. Think Again: Soft Power // Foreign Policy. 2006. February 23. URL: http://foreignpolicy.com/2006/02/23/think-again-soft-power/ (accessed 24.12.2022)

27. Nye J.S. Why China is weak on soft power // New York Times. 2012. January 17. URL: https://www.nytimes.com/2012/01/18/opinion/why-china-is-weak-on-soft-power.html (accessed 04.04.2019)

## МЕСТО И РОЛЬ «МЯГКОЙ СИЛЫ» ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ ГОСУДАРСТВА: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ

**БАХОДУРИ САДИРДИН,**
соискатель политических наук и связей с общественностью,
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республики Таджикистан, г.Душанбе, улица С.Носир, 33.
E-mail: bahodur5959@gmail.com.

*В современных условиях использование «мягкой силы» во внешней политике государств рассматривается как средство достижения успеха внешнеполитической стратегии страны. Понимая эту необходимость, ученые и исследователи в течение последних нескольких десятилетий разрабатывают концепцию «мягкой силы». Изучение теоретических аспектов данного вопроса показывает, что уже сформированы национальные модели «мягкой силы», в связи с чем мнения и рассуждения ученых зачастую противоречивы. Несмотря на все это, в ряде стран пытаются выявить источники формирования «мягкой силы» государства и страны и повысить ее эффективность. Изучение теоретических аспектов формирования мягкой силы показывает, что ученые и исследователи еще не пришли к согласию по различным аспектам данного вопроса.*

***Ключевые слова:*** *мягкая сила, внешняя политика, международный имидж государства, международное сотрудничество, источники мягкой силы.*

# THE PLACE AND ROLE OF "SOFT POWER" IN THE FOREIGN POLICY OF THE STATE: THEORETICAL PROBLEMS

**BAHODURI SADIRDIN,**
applicant of the Department of Political Science and Public Relations,
Academy of Public Administration under President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir str.
E-mail: bahodur5959@gmail.com

*In modern conditions, the use of "soft power" in the foreign policy of states is seen as a means of achieving the success of the country's foreign policy strategy. Understanding this need, scientists and researchers have been developing the concept of "soft power" over the past few decades. The study of the theoretical aspects of this issue shows that national models of "soft power" have already been formed, and therefore the opinions and reasoning of scientists are often contradictory. Despite all this, in a number of countries they are trying to identify the sources of the formation of the "soft power" of the state and the country and increase its effectiveness. The study of the theoretical aspects of the formation of soft power shows that scientists and researchers have not yet come to an agreement on various aspects of this issue.*

***Key words:*** *soft power, foreign policy, international image of the state, international cooperation, sources of soft power.*

# ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

## Требования к научным статьям

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей: Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация оформляется в объеме не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний;

– информация об авторе на русском и английском языках. Здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает автор (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора.

При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25.

Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название.

## МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

### Талабот нисбат ба мақолаҳои илмӣ

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гунна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Шарипов Д.М.);

–номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

–матни асосии мақола;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад;

– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с.25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25.

Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

**ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ**
**Научно-политический журнал**
**Академии государственного управления при**
**Президенте Республики Таджикистан**

---

Над номером работали:
Ответственный редактор: Х. Мавлонов
Редактор текста на русском и английском языках: М. Назирова

**Издательский отдел**
**Академии государственного управления при**
**Президенте Республики Таджикистан**
734003, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86
Факс: +992 (37) 224-17-86
E-mail: journal.apa.tj@gmail.com
Сайт издания: https://journal.apa.tj

---

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 42,37, усл. п.л. 8.
Отпечатано в типографии АГУППРТ
734003, г.Душанбе, ул. Саид Носир, 33.